**ISSN 2413-5151**

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
2023. №11.

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук
2023. №11.

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
2023. No.11.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2023**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***08.00.00 –иқтисод***

| | |
|---|---|
| **Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Давлатзода** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Кудрат Қамбар** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Чая Владимир Тигранович** | *(Федератсияи Россия)* |
| **Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исайнов Ҳисайн Раҳимович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Калемуллоев Мунир** | *(Ҷумҳурии Қиргизистон)* |
| **Воҳидович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Кодирзода Диловар Баҳриддин** | |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Одинаев Ҳаёт Абдулхақович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Умаров Ҳоҷимуҳаммад** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |

***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Раҳмон Дилшод Сафарбек** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Шарипов Тақдиршо Шарифович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |

***23.00.00 –сиёсатшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Қурбонов Абдураҳмон Шерович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Потселуев Сергей Петрович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)* |
| **Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)* |


*Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*
*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*
***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:*** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*
***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ:*** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*
***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:*** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*
*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2023. – №11.
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2023

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт | *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета* |

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**:

***08.00.00 – Экономика***

| | |
|---|---|
| **Ганиев Таварали Бобоевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)* |
| **Калемуллоев Мунир Вохидович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Хаёт Абдулхакович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Умаров Ходжимухаммад** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктор экономических наук, профессор* |

***12.00.00 – Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазозода Джамшед Сайдали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ* |
| **Рахмон Дилшод Сафарбек** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |

***23.00.00 – Политология***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмахмад Нозимович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Махмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Муҳаммад Абдурахмон Навруз** | |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Поцелуев Сергей Петрович** | *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Кандидат политических наук (Российская Федерация)* |

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2023. – №11.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**

**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2023

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht | *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University* |
| DEPUTY CHIEF EDITOR: | |
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University* |
| ***DEPUTY CHIEF EDITOR:*** | |
| **Ismonov Karomatullo** | *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

***08.00.00 - Economy***

| | |
|---|---|
| **Ganiev Tavarali Boboevich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Davlatzoda Kudrat Kambar** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Chaya Vladimir Tigranovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Isainov Khisain Rakhimovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Israilov Mukash Israilovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)* |
| **Kalemulloev Munir Vohidovich** | *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor* |
| **Kodirzoda Dilovar Bahriddin** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomov Samariddin Fakhrievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Odinaev Hayot Abdukhakovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Shamsov Ilyos Safarovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Umarov Khojamuhammad** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |

***12.00.00 – Jurisprudence***

| | |
|---|---|
| **Azizzoda Ubaydullo Abdullo** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Dinorshoev Aziz Musoevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Murtazozoda Jamshed Saidali** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** | *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)* |
| **Rahmon Dilshod Safarbek** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sharipov Taqdirsho Sharifovich** | *Doctor of Law, Professor* |

***23.00.00 – Political sciences***

| | |
|---|---|
| **Zokirov Gulmahmad Nozimovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor,* |
| **Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Muhammad Abdurahmon Navruz** | *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST* |
| **Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor* |
| **Potceluev Sergey Petrovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Safaralizoda Khujamurod Quddusi** | *Candidate of Political Sciences* |
| **Safranchuk Ivan Alekseevich** | *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)* |

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:
**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.
**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.
**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).
The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.
Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2023. – №11.
ISSN 2413-5151
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
**The journal is being prepared for publication**
**in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2023

ТДУ: 338.431(575.3)

# РУШДИ УСТУВОРИ КОМПЛЕКСИ СӮЗИШВОРИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Хушвахтзода Қ.Х., Холназаров М.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои бузурги энергетикӣ буда, истиқлолияти энергетикӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ интихоб гардидааст. Захираҳои мавҷудаи табиӣ, аз қабили дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳо барои рушди гидроэнергетика, комплекси сӯзишворию энергетикӣ (КСЭ) ва ба ин васила таъмини рушди устувори иқтисоди миллии мамлакат заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Ба комплекси сӯзишворию энергетикӣ (КСЭ) маҷмуи бахшҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодиёт, аз ҷумла сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба истеҳсол ва коркарди ангишт, нафту газ, системаҳои гармӣ ва неруи барқ, ҳамчунин, системаҳои энергетикӣ ва зеризаминии ҳудудӣ машғуланд, дохил мешавад [7]. Тоҷикистон аз сабаби маҳдудияти шадиди захираҳои нафту газӣ наметавонад онҳоро барои истеҳсоли неруи барқ истифода барад. Барои ҳамин ҳам захираи асосӣ оид ба истеҳсоли неруи барқ танҳо захираҳои обӣ буда, қисман ангишт истифода мешавад ва дар истеҳсоли неруи барқ ҷои дуюмро мегирад. Иқтидори захиравии ангишт зиёда аз 4 миллиард тоннаро ташкил медиҳад, ки аз он 714,14 миллион тонааш мувозинатӣ мебошад [18,с.61]. Аз ҳаҷми умумии захираҳои энергетикии минтақа 4,5 млрд. тонна эквиваленти сӯзишворӣ танҳо 0,05 млрд. тонна сӯзишворӣ ба ҳиссаи Тоҷикистон рост меояд [10]. Инфрасохтори сусти энергетикии ҷумҳурӣ идоракунии таъмини амнияти энергетикии кишварро душвор менамояд. Тоҷикистон кишвари кӯҳистон аст ва ҳамаи захираҳои ангишт, нафту газ дар ҷойҳои дур аз маркази истеъмолот дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгиранд, ки мушкилоти дастрасии захираҳои энергетикиро ба яке аз мушкилотҳои асосӣ табдил медиҳад. Бартараф кардани мушкилоти маҷмуи сӯзишворию энергетикӣ на танҳо рушди бахши энергетикӣ дар Тоҷикистон, балки дар маҷмуъ, рушди иҷтимоиву иқтисодии кишварро таъмин месозад. Дар ин асос принсипҳои асосии таъмини амнияти энергетикии кишварро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

- татбиқи диверсификатсияи навъҳои энергетикӣ ва сузишворӣ;
- рушди лоиҳаҳои хурди гидроэнергетикӣ, ҷалби манбаъҳои алтернативии неруи барқ;
- афзалияти бозори дохилии истеъмоли энергия аз содироти он: баланд бардоштани талабот ва таъмини неруи барқ дар давраҳои гуногуни сол бо сабаби азнавташкилкунии муносибатҳои воридотию содиротӣ бо кишварҳои ҳамсоя; кафолати таъмини аҳолӣ бо энергияи пурра дар давоми фаъолияти муътадили маҷмуи сӯзишворию энергетикӣ ва дараҷаи ҳадди ақал дар сурати ҳолатҳои фавкулода;
- татбиқи дастгирии давлатии лоиҳаҳои энергетикӣ дар комплекси сӯзишворӣ ва энергетикӣ, фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоягузорон ба бахши сузишворӣ ва энергетикии ҷумҳурӣ;
- таъмини принсипи шаффофияти вазъ дар бозорҳои ватанӣ ва хориҷӣ, дастрасии иттилоот аз ҷониби истеъмолкунандагон дар бораи сатҳи нархҳои неруи барқ, таъмин ва интиқоли захираҳои энергетикӣ.

Тақсимоти иқтидорҳои захираҳои нафту газ дар буриши амудӣ нобаробар буда, ҳиссаи асосии онҳо дар чуқурии зиёда аз 5,5 км воқеъ аст. Таҳқиқу иктишофи захираҳои нафту газ ва конденсат дар ҷумҳурӣ то имрӯз камтар аз 1% захираҳои умумиро ташкил медиҳад. Захираи имконпазири онҳо дар навбати худ, то 1033 млн. тонна сӯзишвории шартӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Қисмати зиёди ин захираҳо 916 млн. тонна сӯзишвории шартӣ (т.с.ш.) ба ҳудуди Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон рост меояд. Дар шимоли Тоҷикистон ҳаҷми захираҳои нафту газ то 118 млн. т.с.ш. баҳогузорӣ мешавад. Ҳалли мушкилоти зиёд намудани истихроҷи нафту газ зарурати сарфи зиёди маблағҳои молиявиро аз лиҳози истифодабарии технологияи муосири замонавӣ, бо назардошти шароити мураккаби

кӯҳию геологӣ ва чуқуриҳои зиёд (аз 5 км то 7 км) тақозо менамояд. Ҳамин хел, Тоҷикистон ҳарчанде дорои захираҳои хеле зиёде бошад ҳам, ҳалли ин мушкилот ба зарурати воридоти 450-500 млн. тонна маҳсулоти нафтӣ ва 650-700 млн. метри мукааб гази табииро дар як сол зич алоқаманд аст. Дар асл воридоти гази табиӣ солҳои охир хеле коҳиш ёфтааст. Тоҷикистон ба воридоти маҳсулоти нафтӣ эҳтиёҷи зиёд дорад. Тамоюли болоравии арзиши нархи маҳсулоти нафтӣ ва рушди боркашонӣ бо тамоми намудҳои нақлиётро ба инобат гирифта, рушд додани соҳаи нафту газ мақоми хоса мегирад. Бояд қайд кард, ки зиёда аз 98% маҳсулоти нафту газӣ ба ҷумҳурӣ аз хориҷ ворид карда мешавад.

Дар ҷумҳурӣ захираҳои кофии ангишт мавҷуд буда, дар бозори дохила ҳамчун намуди алтернативӣ ба гази тибиӣ барои гармитаъминкунии инфиродӣ ва марказонидашуда пешниҳод мегардад. Дар кишвар зиёда аз 40 нуқтаи истихроҷи ангишт ба қайд гирифта шудааст. Зиёд намудани ҳаҷми истихроҷи ангишт барои қонеъ намудани талабот дар соҳаи электроэнергия ва энергияи гармӣ вобаста ба таъсири манфии он, чи дар вақти истихроҷ ва чи дар вақти истифодабарӣ, ба муҳити атроф асоснокии дақиқро талаб мекунад. Мавҷудияти захираҳои зиёди ангишт барои таъмини амнияти энергетикӣ мусоидат менамояд. Қисми корхонаҳо ба ҷои барқ метавонанд аз сӯзишвории ангишт истифода намоянд.

Кӯшишу талошҳои роҳбарияти Тоҷикистонро оид ба рушди зерсохторҳои нақлиётии дохили кишвар ба инобат гирифта, месазад тахмин намуд, ки дар ояндаи наздик барои кашфи конҳои навӣ ангишт имкониятҳои нав пайдо мегардад. Вобаста ба ҳамин, саноати ангишт ҳамчун қисми тиркибии комплекси энергетикии Тоҷикистон имкониятҳои воқеиро барои рушд дорост. Аҳаммияти саноати ангишт боз ҳам болотар меравад, агар табдилёбии ангишти сахтро бо сӯзишвории моеъ ва газмонандро дар дурнамо ба инобат гирем, ки барои кашонидан ва истифодабарӣ хеле самаранок мебошад, аз ҷумла барои НБҲ (неругоҳи барқи ҳароратӣ).

Нишондиҳандаҳои ҷадвали поёнӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соли 2022 дар муқоиса бо соли 2012 истихроҷи гази табиӣ 14 маротиба кам шуд, истихроҷи нафт бошад қариб, ки бетағйир монд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Истихроҷи сӯзишвориҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. Extraction of natural fuels in the Republic of Tajikistan**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
| Ангишт, ҳаз. тонн | 412,0 | 515,6 | 878,1 | 1041,9 | 1361,4 | 1759,7 | 1907,0 | 2027,8 | 2029,1 | 2088,7 | 2393,6 |
| Нафт, ҳаз. тонн | 29,8 | 27,3 | 24,5 | 24,6 | 25,0 | 23.4 | 23,6 | 23,3 | 24,5 | 24,6 | 24,9 |
| Гази тибиӣ, млн. метри мукааб | 11,1 | 3,8 | 3,2 | 4,1 | 3,2 | 1,5 | 0,9 | 0,7 | 0,7 | 0,8 | 0,8 |

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2019. -С.41-43. Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2022. -С.276.

Захираҳои гидроэнергетикӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, на танҳо аз сатҳи имрӯзаи азхудкунии он якчанд маротиба, ҳатто аз талаботи худӣ низ, бо инобат гирифтани дурнамо зиёд аст. Ҳамзамон, чи тавре, ки таҳлили муқоисавии овардашуда нишон медиҳад, ин захираҳои гидроэнергетикӣ аз рӯи ҳама нишондиҳандаҳо назар ба дигар захираҳои энергетикии дар ҷумҳурӣ буда, сифати хуб доранд (ҷадвали 2).

Маълумотҳои дар ҷадвал овардашударо ба инобат гирифта, метавон хулоса намуд, ки намуди асосии ҳомили энергия дар Тоҷикистон ин захираҳои гидроэнергетикӣ мебошад ва айни замон, дар нақшаи дурнамои наздик дигар намуди имконпазирӣ энергетика мавҷуд нест.

Тадқиқоти анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки алоқаи нишондиҳандаҳои байни энергетика ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, чи дар сатҳи умумидавлатӣ ва чи дар сатҳи минтақавӣ, баҳогузорӣ шавад ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, яъне зиёд

намудани самаранокии энергетикии иқтисодиёт муайян карда шавад. Мақсади танзими давлатӣ алоқамандии нишондиҳандаҳои энергетикӣ ва макроиқтисодӣ дар сатҳи системаи минтақавии иқтисодӣ дар истифодаи чунин чораҳои таъсиррасонӣ мебошад, ки тавозуни ин нишондиҳандаҳоро муносиб гардонида таркиши сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи кишварро созгор намояд.

**Ҷадвали 2. Баҳодиҳии муқоисавии захираҳои энергетикии Тоҷикистон**
**Table 2. Comparative assessment of Tajikistan's energy resources**

| Захира | Захираҳои кашфшуда | Арзиши захира | Маҷмуи иловагии натиҷа | Таъсири экологӣ ба иқлим | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Мусбат | манфӣ |
| **Энергияи Обӣ** | Зиёдатӣ | Мавҷуд нест | Баланд | Баланд | Паст |
| **Ангишт** | Кофӣ | Баланд | Мавҷуд нест | - | Баланд |
| **Нафт** | Нокифоя | Баланд | Мавҷуд нест | - | Баланд |
| **Газ** | Нокифоя | Баланд | Мавҷуд нест | - | Баланд |
| **Офтобӣ** | Нокифоя | Мавҷуд нест | Мавҷуд нест | Баланд | - |
| **Бодӣ** | Ғайрисаноатӣ | Мавҷуд нест | Мавҷуд нест | - | Омӯхта нашудааст |
| **Геотермалӣ** | Ғайрисаноатӣ | Паст | - | - | - |
| **Био** | Ғайрисаноатӣ | Паст | Миёна | - | Паст |
| **Чӯбу дарахтӣ** | Ғайрисаноатӣ | Паст | Мавҷуд нест | - | Баланд |
| **Атомӣ** | Нокифоя | Баланд | Мавҷуд нест | - | Баланд |

Сарчашма: Стратегияи рушди гидроэнергетикаи хурди Ҷумхурии Тоҷикистон. -Душанбе: Вазорати энергетика ва саноати Ҷумхурии Тоҷикистон, 2007. -С.32.

Ҳамин тавр аз натиҷаи таҳлилҳои дар таҳқиқоти мазкур гузаронидашуда бармеояд, ки дар кишвар ва манотиқи он иқтидори ғунҷоиши энергетикӣ ба таври комил ва назаррас коркард нашудаанд. Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мушкилоти норасогии энергияи электрикӣ бархӯрдор мебошад, талабот ба ин навъи неру рӯ ба афзоиш дорад. Чун амалан аз байн рафтани норасогии энергияи электрикӣ метавонад ба рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва истеҳсолоти маҳсулоти рақобатпазир мусоидат намояд. Барои ин, пеш аз ҳама, такмили барномаҳои мақсадноке, ки фарогири ҷанбаҳои меъёриву ҳуқуқӣ, илмӣ–техникӣ, таълимӣ–ахборотӣ, молиявӣ–иқтисодӣ ва ғ. мебошанд, зарур аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз сохтори маъмурӣ–сиёсӣ ва аз лиҳози ҷойгиршавии ҷуғрофӣ тавассути 5 минтақа гурӯҳбандӣ шудааст: Шимолӣ (вилояти Суғд бо 14 ноҳияву 8 шаҳри тобеи вилоят), Ҷанубӣ (вилояти Хатлон бо 24 ноҳия ва 4 шаҳри тобеи вилоят), Шарқӣ (ВМКБ бо 7 ноҳия ва 1 шаҳри тобеи вилоят), шаҳри Душанбе (бо 4 ноҳияи тобеи шаҳр); шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (бо 14 ноҳия ва 3 шаҳр).

Сатҳи рушди минтақаҳои Тоҷикистон гуногунанд, ки ба қадри кофӣ аз ҷиҳати таъмин будан, инчунин, бо дастрасӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои энергетикӣ муайян карда мешавад. Иқтидори захираҳои энергетикии Тоҷикистон дар ҷадвали 3 инъикос гардида аст.

**Ҷадвали 3. Иқтидори захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 3. Capacity of energy resources of the Republic of Tajikistan**

| Нафт, млн. тонн | Газ, млрд.$м^3$ | Ангишт, млрд. тонн | Уран, (т) | Захираҳои гидроэнергетикӣ, млрд. кВт.соат/сол |
|---|---|---|---|---|
| 470 | 1033 | 4 | 460 000 | 527 |

Сарчашма: Мухаббатов Х.М. Проблемы природопользования в горных регионах Таджикистана. – Душанбе: Дониш, 2015. - С.112.

Дар минтақаи Тоҷикистони Ҷанубу – Ғарбӣ ва нишебиҳои қатор-кӯҳҳои Ҳисор ҷойҳои нави истихроҷи ангишт, нафт, газ, сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ, маводҳои сохтмонӣ кашф шуда, якчанд сарчашмаи обҳои минералӣ мавҷуданд. Рушди босуботи иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он ба қадри кофӣ бо дастрасӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои энергетикӣ вобаста мебошад. Маҳз азхудкунӣ ва самаранок истифодабарии иқтидори энергетикӣ метавонад барои таъмини ҳаёти ҷамъият ва азхудкунии дигар намудҳои иқтидори захиравии минтақа мусоидат намояд. Талабот ба

захираҳои энергетикӣ вобаста ба зиёд гардидани аҳолӣ ва сатҳи рушди техникӣ зиёд мешавад. Чи тавре дар боло қайд гардид, асоси иқтидори энергетикии Тоҷикистонро захираҳои гидроэнергетикӣ ташкил медиҳанд, ки дар масоҳат нобаробар ҷой гирифтаанд.

Вобаста ба ин, барои таъмини дастрасии минтақаҳои алоҳидаи кишвар ба неруи барқ, ташкил намудани зерсохторҳои мувофиқ (хатҳои интиқоли барқ, зеристгоҳҳо) лозим меояд (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Тақсимоти захираҳои гидроэнергетикӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Diagram 1. Distribution of hydropower resources to the regions of the Republic of Tajikistan**




Чи тавре аз диаграммаи 1, аён аст қисмати афзалиятноки захираҳои гидроэнергетикӣ (71,1%) дар ҷануби кишвар ҷойгир буда, ба гардиши хоҷагӣ ҷалб шудааст. Қонеъ гардонидани талаботи қисмати Шимоли Тоҷикистон ба неруи барқ, ки дар он ҷо ҳамагӣ 6,8% захираҳои гидроэнергетикии кишвар ҷойгир шудаанд, баъди барҳам хӯрдани мубодилаи энергия дар чоҳорчӯбаи энергосистемаи муттаҳидаи Осиёи Марказӣ ба қадри кофӣ маҳдуд гардид. Мушкилоти паст кардани норасоии энергетикии вилояти Суғд дар натиҷаи иҷроиши лоиҳаи иншооти хатти интиқоли барқӣ (Ҷануб-Шимол), ки қисмати шимолии камчинии барқдоштаро бо қисмати ҷанубӣ муттаҳид намуд, хеле осон гардид.

Қайд намудан лозим аст, ки ҳолати энергетика дар Тоҷикистон, якум бо сабаби маҳдудият ва камчинии имкониятҳои молиявии аҳолӣ, дуюм бо самаранокии пасти неруи барқе, ки дар иқтисодиёт истифода бурда мешавад, имконоти аз камбизоатӣ баромаданро паст мекунад. Камбизоатӣ ва бесамар истифода бурдани неруи барқ ҳалқаи пойдореро барпо мекунад, ки онро танҳо бо роҳи гузаронидани ислоҳотҳои бозоргонӣ дар энергетика бартараф намудан мумкин мешавад. Чи тавре дар боло қайд гардид, самтҳои асосии рушди энергетикаи ватанӣ - азхудкунии захираҳои гидроэнергетикӣ мебошад. Бо ин ҳама Тоҷикистон аз намудҳои захираҳои дигари ҳомили энергия ғанӣ буда, метавон онро ба гардиши хоҷагӣ ҷалб намуд ва бо ин роҳ таҳдиди амнияти энергетикии кишварро хеле паст кард. Албатта, мумкин аст дар бораи мувофиқи мақсад будани стратегия, самаранокии иқтисодӣ ва амнияти экологии захираҳои энергетикии алтернативи (барқароршаванда ва барқарорнашаванда)-и зикр гардида баҳс кунем, вале мумкин нест бо он розӣ шудан, ки баҳогузории комилан мувофиқ барои иқтидори захираҳои энергетикӣ дар ҳолати зарурии ворид намудани он ба ТСЭ (тавозуни сӯзишворию энергетикӣ)-и кишвар зарур бошад. Айни замон лоиҳаҳои ҷудогонае коркард шудаанд, ки ба рушди сарчашмаҳои алтернативии энергия равона гардида, барои амалӣ шудани онҳо аз ҷониби мақомотҳои дахлдори кишвар ташаббусҳои зиёде амалӣ карда шуда истодаанд. Дар кишвар айни замон имконияти баҳодиҳии тамоми намудҳои захираҳои энергетикӣ мавҷуд мебошад.

Ҳамин тавр, дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди мавҷудияти потенсиали ғании захираҳои энергетикӣ ва зарурати таъмини босамари аҳолӣ бо ин намуди энергия, барои амалан татбиқ намудани лоиҳаҳои ба ин раванд тааллуқдошта

бояд хавфу хатарҳои ба татбиқшавӣ таъсиррасон ба инобат гирифта шаванд. Зеро мавҷудияти хатарҳое, ки аз доираи шароитҳои иқлимӣ ва мавқеъи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур мекунанд, ба таври пайваста ва имконпазир ба вуқуъ омада меистанд. Дар ин замина омода будан ва дорои захираҳои энергетикии алтернативӣ аз қабили нафту газ ва ангишт будан барои ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардидан мусоидат хоҳанд кард. Аз ин лиҳоз, омили мазкур дар навбати худ рушди ҳамкориҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои дуру наздикро тақозо мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Ахророва А.Д. Гидроэнергетический потенциал Таджикистана и эффективность его использования / А.Д. Ахророва, Ф.Дж. Бобоев, Ш.Н. Саидова // Вестник Таджикского технического университета. Серия инженерных исследований. -Душанбе, 2016. -№4(36). -С.13.
2. Бушуев В.В. Энергетический потенциал и устойчивое развитие / В.В. Бушуев. -М.: Издательство ИАЦ «Энергия», 2006. -183 с.
3. Гафуров А.Р. Классификация угроз энергетической безопасности в контексте современного развития топливно-энергетического комплекса / А.Р. Гафуров // Вестник ИНЖЭКОНа. Серия экономика. - 2010. -№7-42. -С.148-152.
4. Гаффорзода Н. Место энергетической безопасности в политике Республики Таджикистан в период Государственной независимости: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук / Гаффорзода Н. –Душанбе, 2019. -С.3.
5. Исайнов Х.Р. Обеспечение водноэнергетической безопасности Таджикистана: проблемы и пути решения / Х.Р. Исайнов, У.О. Кимсанов // Мелиорация и водные ресурсы: проблемы и пути их решения/Материалы научно-практ. конф. -Душанбе, 2010. -С.108-115.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №795 «Барномаи азхудкунии манбаҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони НБО-и хурд барои солҳои 2016-2020».
7. Концепция развития отраслей топливно-энергетического комплекса Республики Таджикистан на период 2003-2015 годов.
8. Ҳофизов Ҳ.А. Захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлҳои рушди он / Ҳ.А. Ҳофизов, Б.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№11. -С.53-69.
9. Ҳофизов Ҳ.А. Таъмини сармоягузорӣ барои амалисозии лоиҳаҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.А. Ҳофизов, Б.А. Набиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. –Душанбе: Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -№1(81). -С.247-262.
10. Официальный сайт Министерства энергетики и промышленности Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: http://www.minenergoprom. tj/ener-getika.php
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018 сол. -Душанбе. -47 с.
12. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2019. -93 с.
13. Собирова Ш.Р. Приоритетные направления развития энергетического комплекса Таджикистана / Ш.Р. Собирова // Вестник ТГУПБП научно-теоретический журнал серия гуманитарных наук. – 2014. -№5(61). -С.126-134.
14. Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030. - Душанбе, 2016. -86 с.
15. Холназаров М.Б. Гидроэнергетика Таджикистана и перспективы её регионального развития / М.Б. Холназаров, Ф.Ш. Бобохонов, Н.Х. Одинаев // Материалы Международной научно-практической конференции посвященный «Молодёжь в поисках дружбы», посвященный к 20-летию Национального примирения и году Молодёжи Республики Таджикистана. - Бохтар, 2017. -С.297-301.
16. Холназаров М.Б. Таҳлили самаранокии рушди электроэнергетика ва таҳдидҳои дохилии бехатарии энергетикӣ / М.Б. Холназаров, Хушвахтзода Қ.Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2020. -№2. -С.49-55.
17. Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: Современное состояние и перспективы развития / Н. Хоналиев. -Душанбе: Ирфон, 2007.
18. Хоналиев Н. Современные проблемы развития отраслей тяжелой промышленности Таджикистан / Н. Хоналиев. –Душанбе: ООО «Дилшод ББ», 2014. -182 с.
19. Хушвахтзода Қ.Х. Такмили механизми идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷокистон). Монография / Хушвахтзода Қ.Х., М.Б. Холназаров. -Душанбе, 2022. -182 с.
20. Шарипов, У.А. Основные направления обеспечения экономической безопасности и привлечения инвестиций в гидроэнергетику республики Таджикистан / У.А. Шарипов // Экономика Таджикистана. – 2023. -№2. -С.76-82.


## РУШДИ УСТУВОРИ КОМПЛЕКСИ СӮЗИШВОРИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола оид ба рушди устувори комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан меравад. Захираҳои пешгӯишудаи сӯзишвории органикӣ дар мавқеъҳои душворгузари ноҳияҳои кӯҳӣ

воқеъ буда, дар ташаккули сохтори захираҳои сӯзишворию энергетикӣ онҳо ҳамчун сӯзишвории воридшаванда ҳисобида мешавад, зеро ангишт ва нафту гази истихроҷшаванда талаботи худи ҷумҳуриро пурра таъмин карда наметавонанд. Вазифаи асосии соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок инкишоф додани соҳаи энергетика, таъмин намудани талаботи кишвар бо энергияи электрикӣ ва таъмини амнияти энергетикии кишвар мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо захираҳои бузурги обӣ ва обию энернетикӣ барои лоиҳаҳои энергияи барқароршаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи низоми энергетикӣ ҷойи махсусро мегирад. Тоҷикистон яке аз кишварҳои намоёни Осиёи Марказӣ мебошад, ки захираҳои бузурги обӣ дар ҳаҷми 64,4% манбаи обӣ дорад, ки дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон ҷорӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** энергетика, сӯзишворӣ, таъмини амнияти энергетикӣ, рушд, самаранокӣ, гидроэнергетика, воридот, неругоҳҳои барқӣ, электроэнергетика, истеҳсоли энергия, рушди устувор.

## УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ ТОПЛИВНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО КОМПЛЕКСА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается устойчивое развитие топливно-энергетического комплекса Республики Таджикистан. Прогнозные запасы органического топлива, расположенного в труднодоступных горных районах, при формировании структуры топливно-энергетических ресурсов рассматриваются как дорогостоюшие топливо, поскольку уголь и добываемые нефть и газ не могут полностью обеспечить потребности самой республики. Основной задачей энергетики Республики Таджикистан является эффективное развитие энергетической отрасли, обеспечение потребностей страны электрической энергией и обеспечение энергетической безопасности страны. Республика Таджикистан занимает особое место для проектов возобновляемой энергетики и экологически чистой энергетической системы, с ее большими водными и водно-энергетическими ресурсами. Таджикистан – одна из выдающихся стран Центральной Азии, обладающих большими водными ресурсами, в размере 64,4% водного источника, протекающего по всей территории Республики Таджикистана.

**Ключевые слова:** энергетика, топливо, обеспечение энергетической безопасности, развитие, эффективность, гидроэнергетика, импорт, электростанции, электроэнергия, производство энергии, устойчивое развитие.

## SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE FUEL AND ENERGY COMPLECS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses the sustainable development of the fuel and energy complecs of the Republic of Tajikistan. Predicted reserves of organic fuel located in hard-to-reach areas of mountainous regions are considered as imported fuel in the formation of the structure of fuel and energy resources, because coal and extracted oil and gas cannot fully meet the needs of the republic itself. Solving the complex fuel and energy problems ensures not only the development of the energy sector in Tajikistan, but also the social and economic development of the country as a whole. The main task of the energy industry of the Republic of Tajikistan is to effectively develop the energy industry, supply the country's needs with electric energy and ensure the country's energy security. The Republic of Tajikistan takes a special place for renewable energy projects and ecologically clean energy system with its large water and hydro-energy resources. Tajikistan is one of the prominent countries of Central Asia, which has large water resources in the amount of 64.4% of the water source, which flows throughout the territory of Tajikistan.

**Keywords:** energy, fuel, ensuring energy security, development, efficiency, hydropower, import, power plants, electric power, energy production, sustainable development.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Адрес:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **+992 919169864**

***Холназаров Музаффар Бойназарович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 777-07-65-61**. E-mail: **m17.07.1989@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Телефон: **+992 919169864**

***Холназаров Музаффар Бойназарович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 777-07-65-61.** E-mail: **m17.07.1989@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **kobil_barfiev@ mail.ru.** Phone: **+992 919169864**

***Kholnazarov Muzaffar Boynazarovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Assistant Professor at the Department of National Economy and Economic Security. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 777-07-65-61.** E-mail: **m17.07.1989@mail.ru**

ТДУ: 336.71+339(575.3)(1-87)

# НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ БОНКӢ: ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ

*Собирзода Н.М., Ғаюров Ғ.Ҳ., Одинаев С.П.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Давлат дар раванди идоракунии низоми бонкӣ нақши муассир дошта, мавқеи бонкҳоро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ устувор мегардонад. Масъалаи мазкур дар мадди назари олимони соҳа қарор дошта, пайваста мавриди пажуҳиш карор мегирад. Аммо чи дар назария ва чи дар амалия, ақидаи ягона оид ба танзими давлатии бахши бонкӣ ва механизмҳои он мавҷуд набуд, тартиби муайяне оид ба танзими давлатии низоми бонкӣ ба таври дақиқ ва возеҳ коркард ва пешниҳод нашудааст. Ҳанӯз аз миёнаҳои асри XIX баҳсҳои гуногун миёни намояндагони бахши пулию қарзӣ ва бонкдорон вобаста ба эмиссияи пул, моҳияти амонатҳои бонкӣ, инчунин механизмҳои пешниҳоди қарз, сар зада буданд. Ин, албатта заминаи муҳимро дар болоравии аҳаммияти давлат дар танзими бахши бонкӣ фароҳам овард. Аксари кишварҳои ҷаҳон кӯшиш ба харҷ доданд, ки бахши бонкиро дар итоати худ қарор диҳанд ва тариқи механизмҳои муайян ба танзим дароранд [8,с.72-73]. Яъне, аз кишварҳое, ки аввалин маротиба идоракунии давлатии бахши бонкиро коркард намуда, аҳаммияти давлатро дар ҷараёни фаъолияти бонкӣ муҳим арзёбӣ намуд, Британияи Кабир дониста мешавад [7,с.210]. Баъдан дигар кишварҳои аврупоӣ аз қабили Италия, Олмон ва Фаронса нақши давлатро дар таквияти бахши бонкӣ зарур донистанд [8,с.73-74].

Ҳамин тавр, дар бештари кишварҳои пешрафта органи асосии танзмикунандаи бахши бонкӣ бонкҳои марказӣ муқаррар гардиданд. Бонкҳои марказӣ мақоми махсусро дар иқтисодиёти ҳар як давлат касб намуда, ҳамчун институти давлатӣ дар танзим ва назорати бахши бонкӣ нақши муассир доранд.

Барои такмилёбии танзими давалатии бахши бонкӣ бояд аз механизмҳои гуногун ва таҷрибаи кишварҳое, ки бо мамлакати мо иқтисодиёти ҳамранг доранд, истифода карда шавад.

Метавонем зикр намуд, ки яке аз кишварҳое, ки аз таҷрибаи танзими давлатии бахши бонкии он истифода намудан мумкин аст, Федератсияи Русия ба ҳисоб меравад. Низоми бонкии Федератсияи Русия дар минтақа яке аз низомҳое дониста мешавад, ки вазъи молиявии устувор дошта, фаъолияти пайвастаи муътадил ва беист дорад. Нақши давлат дар танзими бахши бонкии ин кишвар назаррас буда, раванди фаъолияти бонкҳоро ба таври зарурӣ таъмин менамояд. Танзими давлатии бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия баҳри беҳдошти фаъолияти бонкҳо ва ташкилоти қарзӣ равона гардидааст. Махсусан, танзими давлатии бахши бонкӣ ҷиҳати ташкил ва таъмини заминаи ҳуқуқӣ ва устувории бонкҳо дар ин кишвар ба роҳ монда шудааст. Ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои муштариён дар мадди аввал ба таври назаррас зери танзими давлат қарор дорад. Самти асосии танзими давлатии бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия, пеш аз ҳама, назорати ҳатмии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва низоми бонкӣ аз нигоҳи институтсионалӣ дониста мешавад [1,с.46].

Истифодаи таҷрибаи бахши бонкии Федератсияи Русия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти рушди устуворонаи ташкилоти қарзиро медиҳад, зеро тартиби фаъолияти бонкҳо, пешниҳоди хизматрасониҳо ва ҳамкории бахшҳои бонки ин ду кишвар ба ҳам алоқамадии наздик доранд.

Сохторҳои давалатии танзимкунандаи бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия аз рӯи фаъолияти самараноки он уҳдадор буда, таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ дар зери назорати ҷиддӣ мебошад. Сабаби танзими қатъии низоми бонкӣ гувоҳи он аст, ки ин бахш дар таъмини иқтисодиёт бо захираҳои пулӣ ва сармоягузориҳои гуногун нақши бориз дорад. Институтҳои танзими давлатии бахши бонкӣ дар кулли кишварҳои олам на танҳо дар коркарди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили ҳуҷҷатгузорӣ, барасмиятдарорӣ ва баррасии вазъи молиявӣ, балки дар танзими фосилавӣ, санҷиши фаъолият, мониторинги сифати амалиётҳо, баҳодиҳии хавфҳо ва ғайра метавонанд иштирок варзанд. Гузашта аз ин, ҳангоми фаъолияти нодуруст ва ғайриқолабӣ органҳои мазкур метавонанд ба кори

ташкилотҳои қарзӣ таъсир расонанд ва дар ҳолати зарурӣ иҷозатномаи онро бозхонд намоянд. Тчи тавре ишора шуда, тнзими давлатии бахши бонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ба воситаи механизмҳои бонкҳои марказӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳадафи асосии бонкҳои марказӣ ва махсусан Бонки марказии Русия ин таъмини рақобати солим, бехатарии молиявӣ ва эътимоднокии бонкҳо ба ҳисоб меравад. Коршиносон [11,с.264-268] танзими давлатии низоми бонкиро муҳим арзёбӣ намуда, таъкид месозанд, ки бонкҳои марказӣ уҳдадоранд, то устувории молиявӣ ва вазъи пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратиро зери назорати қатъӣ гиранд.

Танзими давлатии бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия сиёсати махсуси молиявӣ буда, ба самтҳои ҳаётан муҳим равона гаштааст. Дар ин самт бештар давлат ба дастгирӣ ва ҳимояи муштариён таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бо истифода аз фишангҳои муассири молиявию қарзӣ давлат кӯшиш ба харҷ медиҳад, то суботи молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар сатҳи баланд нигоҳдорӣ шуда, мавқеи бонки дар рушди иқтисоди воқеӣ пайваста такмил дода шавад (расми 1).

**Расми 1. Самтҳои асосии сиёсати давлатии танзими бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия**
**Figure 1. The main directions of the state policy of regulation of the banking sector in the Russian Federation**




Сарчашма: таҳияи муаллифон

Аз расми 1 дидан мумкин аст, ки сиёсати молиявии танзими бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия ин дастгирӣ ва ҳимояи муштариён равона шудааст. Воқеан, шароити муосири иқтисодӣ нишон медиҳад, ки эътимоднокии низоми бонкӣ ва нигоҳдории он аз дараҷаи боварии аҳолӣ ба он вобастагии зиёд дорад. Аз ин рӯ, яке аз нишондиҳандаҳои асосие, ки дар маркази сиёсати молиявии Федератсияи Русия ҷойгир аст, ин ба даст овардани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ дониста мешавад [1]. Чунин таҷриба бояд дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таври васеъ истифода карда шавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки Бонки марказии Русия ҳамчун органи давлатии танзимкунандаи бахши бонкӣ нақши калидӣ дорад ва тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзиву молиявиро ба таври пурра танзим мекунад.

Тибқи Қонуни Федеролӣ “Дар бораи Бонки марказии Федератсияи Русия” №86-ҚФ аз 10.07.2002 [13,с.16], яке аз ҳадафҳои муҳимми фаъолияти ин ниҳод рушди босуботи низоми бонкӣ муайян мебошад. Вобаста ба қонуни мазкур Бонки Русия дар ҳудуди кишвар ягона институте мебошад, ки барномаҳо ва нақшаҳои танзими давлатии бахши бонкиро амалӣ карда, инкишофи босамари ин низомро таъмин месозад. Аз 18 вазифае, ки ба дӯши Бонки марказии Русия вогузор гардидааст, 11-тояш ба самти танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бо истифода аз механизмҳо ва роҳу усулҳои гуногун равона гардидааст [13,с.3]. 11 вазифа бевосита бо устувории молиявии бонкҳо ва умуман иқтисодиёти мамлакат алоқамандӣ доранд. Қисмати муҳимми танзими давлатии бахши бонкие, ки дар Федератсияи Русия гузаронида мешавад, ба устувории молиявии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ – молиявӣ нигаронида шудаанд. Яъне, аз ин бармеояд, ки асоси фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро натиҷаи фаъолияти молиявӣ ташкил карда, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, бозоргирӣ ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодии бонк аз он вобастагии зиёд дорад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти молиявии бонк бояд дар зери танзими ҷиддӣ қарор дода шавад, то самаранокии кори он таъмин гардад. Самтҳои муҳимми

танзими давлатии бахши бонкӣ, ки дар Федератсияи Русия роҳандозӣ мегардад ва аз ҷониби Бонки марказии Русия татбиқ мешавад, дар расми 2 нишон дода шудааст (расми 2).

**Расми 2. Гурӯҳбандии самтҳои асосии танзими давлатии фаъолияти молиявии бонкҳо**
**Figure 2. Grouping of the main areas of state regulation of financial activity of banks**

**ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИИ БОНКҲО ДАР РУСИЯ**

| Самтҳои асосии танзимшаванда | Чораҳо дар доираи самти муайяншуда |
|---|---|
| *Танзими раванди фаъолият ҳангоми ташкил, иҷозатномадиҳӣ ва барҳамдиҳии бонк* | -бақайдгирии давлатии бонк ва пешниҳоди иҷозатнома барои гузаронидани амалиётҳо; - муайянсозии уҳдадориҳои ҳатмӣ вобаста ба бузургии сармоя ҳангоми ташкили фаъолияти бонк ва назорати ин раванд; -тартибдиҳӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои бонк ҷиҳати литсензиякунонии нақшаи корӣ барои ду соли оянда, аз ҷумла нишодиҳандаҳои молиявӣ ва натиҷаҳои пешбинишудаи амалиёт, ки ба Бонки марказии Федератсияи Русия имкон медиҳад, то қобилияти бонкро вобаста ба таъмини суботи молиявӣ худ дар бозор арзёбӣ кунад; -муқаррар намудани меъёрҳои пардохтпазирии бонк ва иштирок дар солимгардонии молиявии он (солимгардонии молиявӣ, ҷорӣ намудани маъмурияти муваққатӣ); -дар сурати бастани бонк, гузаронидани расмиёти барҳамдиҳии он; -муқаррар намудани қоидаҳои гузаронидани амалиёти бонкӣ ва ҳисоббаробаркунӣ дар шакли нақд ва ғайринақдӣ дар ФР. |
| *Танзими молиявии фаъолияти бонк вобаста ба иҷрои вазифаҳояш дар бозор* | -бақайдгирии бароriши коғазҳои қиматноки бонкҳо ва танзими гардиши онҳо; -муайян кардани талабот ба сохтор ва ҳаҷми сармояи оиномавии бонк; -баҳодиҳӣ ба ҳаҷм ва кифоятии (сармояи) маблағҳои худии бонкҳо ва баҳодиҳии сифати дороиҳои онҳо; -идоракунии меъёри бозтамвил барои таъсиррасонии нархи бозорӣ нисбати маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ; -фаъолият дар бозори асъор ва гузаронидани интервенсияи асъор; -муайян кардани талаботҳои асосӣ барои коркунони роҳбарикунандаи бонк (Раиси Раёсат, сармуҳосиб ва муовинони асосии онҳо); -арзёбии самаранокии ташкили назорати дохилӣ дар бонк, низоми идоракунии хавфҳо;<br>-таъмини шаффофияти фаъолияти молиявии бонкҳо. |
| *Танзими раванди баланбардории бозоргирии бонкҳои тиҷоратӣ* | -муқаррар намудани меъёрҳои иқтисодии бозоргирӣ барои бонкҳо; -тавсияҳо оид ба ташкили воҳидҳо дар бонкҳо барои идоракунии бозоргирии он, методҳои баҳодиҳии самаранокии он ва чораҳои барқароркунии он дар бонк; -ба бонкҳо додани қарз ва қабули маблағҳои озоди пулии онҳо дар шакли пасандозҳо барои баландбардории бозоргирии тавозун; -тадбиқи амалиёти РЕПО-созишномаҳо бо бонк ва хариду фуши коғазҳои қиматноки давлатӣ; -барориши вомбаргҳои БМ ФР ва хариду фурӯши онҳо дар бозор. |
| *Танзими раванди идоракунии хавфҳои бонкӣ* | -муайян кардани талабот ба низоми идоракунии хавфҳои бонкӣ;<br>-муқаррар намудани меъёрҳои иқтисодӣ дар робита бо фаъолияти молиявии бонк ва ҳудуди амалиётҳои тахминии он (ҳудуди мавқеи кушоди асъор, ҳудуди мавқеи кушод дар металҳои қимматбаҳо ва ғ.), ки хавфҳои бонкро кам мекунад;<br>-муайянкунии талабот барои таъсиси захираҳо аз ҷониби бонкҳо барои талафоти эҳтимолӣ;<br>-таҳияи усулҳои баҳодии сатҳи хавфҳои бонкӣ; - гузаронидани тесҳои ҳассосӣ бо мақсади муайянсозии устувории бонкҳо ҳангоми бавуқуъоии ҳолатҳои бӯҳронӣ. |
| *Танзими раванди баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи муҳосибӣ ва молиявӣ ба БМ ФР* | -ташкили банақшагирии суратҳисобҳо барои бонкҳои тиҷоратӣ ватартиби баҳисобгирии онҳо; -муқаррар кардани талабот барои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи баҳисобгирӣ, молиявӣ ва ҷамбастии бонкҳо ба БМ ФР; - назорат аз болои бонкҳо ҷиҳати иҷрои меъёрҳои иқтисодӣ (мақбул); -назорат аз болои фаъолияти низоми назорати дохилӣ. |
| *Танзим ва назорат дар самти устувории молиявӣ* | -татбиқи танзими бонкӣ ва назорати фаъолияти ҷории молиявии бонк дар шакли назорати фосилавии ҳуҷҷатӣ ва гузаронидани санҷиш дар филиалҳову намояндагиҳо;<br>-назорат аз болои самаранокии фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳои шаҳрвандон дар бонкҳо, аз ҷумла назорати ҷории риояи талабот барои иштирок дар низоми суғуртаи амонатҳо; -назорати риояи қонунҳои бонкӣ ва санадҳои меъёрии БМ ФР;<br>-муқаррар намудани меъёрҳои арзёбии вазъи молиявии бонк ва такмили усулҳои муайян кардани меъёри устувории молиявии бонк дар муҷмӯъ барои сохтори бонкӣ;<br>-мониторинги устувории молиявии бонкҳо. |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар заминаи маводҳои меъёрии дарамалқарордоштаи ФР

Аз расми 2 бармеояд, ки танзими давлатии бахши бонкӣ дар Федератсияи Русия ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ равона гардидааст ва дар таҳкими бахши бонкӣ нақши калидиро ба анҷом мерасонад. Махсусан, назорат дар самти устувории молиявӣ ва баҳодиҳии хавфҳои бонкӣ дар маркази таваҷҷуҳи Бонки марказии Русия буда, он яке аз самтҳои муҳим дар пешбурди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дониста мешавад. Татбиқи назорати самтҳои дар боло овaрда шуда ба души Бонки марказии Русия вогузор шудааст ва роҳандозии онҳо метавонад ба самаранокии фаъолияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ заминаи муфид таҳия месозад.

Дар ин самт, бевосита механизмҳои батанзимдарорандаи Бонки марказии Русия, аҳаммияти бузург доранд. Махсусан, муайянсозии меъёрҳои пруденсиалӣ ва танзими риояи онҳо, ки ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ таъсири амиқ мерасонанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Усулҳои асосии танзими фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби Бонки марказии Русия**

**Table 1. The main methods of regulating the financial activity of commercial banks by the Central Bank of Russia**

| *НОМГӮИ УСУЛҲО* | *ШАРҲ* |
|---|---|
| **САНАДҲОИ МЕЪЁРӢ - ҲУҚУҚӢ, КИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИИ БОНКРО БА ТАНЗИМ МЕДАРОРАД** | Дар ин самт Бонки марказӣ санадҳои меъёриву ҳуқуқиро омода месозад ва фаъолияти такилотҳои қарзиро тибқи он ба роҳ мемонад. Пеш аз ҳама, фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ тибқи Қонуни Федеролии Русия “Дар бораи Бонки марказии Федератсияи Русия”, Қонуни Федеролии Русия “Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкҳо”, дастурамалҳо, низомномаҳо, тавсияҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ роҳандозӣ карда мешавад. |
| **ТАҲИЯИ УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ БОНК ВА ТАВСИЯҲО ОИД БА БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ОН** | Инҷо Бонки марказӣ бештар кӯшиш менамояд, ки ба нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва баҳодиҳии онҳо таваҷҷуҳ намояд. Барои баҳодиҳии самаранок Бонки марказӣ аз усулҳои муосир ба монанди: усули баҳодиҳии амудӣ, усули баҳодиҳии уфуқӣ, таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳо, таҳлили динамикӣ ва ғайраҳо истифода менамояд. Дар ин асос, ба вазъи молиявии бонкҳо баҳогузорӣ карда мешавад ва хулосаи дақиқ оиди фаъолияти молиявии он бароварда мешавад. |
| **ИСТИФОДАИ МЕХАНИЗМҲОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ БАРОИ ТАЪСИР РАСОНИДАН БА АМАЛИЁТҲОИ МОЛИЯВИИ БОНКҲО** | Механизмҳои асосии татбиқи сиёсати пулию қарзие, ки дар бахши бонкии Федератсияи Русия истифода мешаванд ва дар роҳандозии сиёсати молиявии давлат аҳамияти беандоза доранд, инҳо ба ҳисоб мераванд: захираҳои ҳатмӣ, меъёрҳои фоизӣ, меъёри бозтамвил ва ғайра. |
| **ГУЗАРОНИДАНИ МАШВАРАТҲО, СЕМИНАРҲО, МИЗҲОИ МУДАВВАР БАРОИ МЕНЕҶЕРОНИ МОЛИЯВИИ ТАМОМИ САТҲҲОИ ИДОРАКУНИИ БОНК** | Ҷиҳати таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва фаъолияти самараноки ташкилотҳио қарзӣ Бонки марказӣ вазифадор аст, ки роҳу усулҳои гуногунро истифода барад. Аз ин рӯ, барои баландбардории савияи дониш ва малакаи идоракунии менеҷерони бонк маҳфилҳои илмӣ, курсҳои гуногун, мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ ва конфронсҳоро дар сатҳҳои гуногун баргузор менамояд. Гузашта аз ин, ҳамасола ташкилотҳои қарзӣ аз аудити Бонки марказӣ гузаронида мешаванд, ки шаффофият ва самаранокии фаъолияти онҳоро метавонад таъмин созад. |
| **АМАЛӢ НАМУДАНИ НАЗОРАТИ БОНКӢ ВА НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИИ БОНКҲО** | Фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бонкӣ тибқи қонунгузории Федератсияи Русия ба роҳ монда шуда, тартиби танзимкунии он дар ин санадҳои ҳуқуқӣ инъикос меёбад ва риояи ҳатмии онҳо назорат бурда мешавад. Дар амал татбиқ намудани назорати бонкӣ метавонад ба даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, бозоргирӣ ва эътимоднокии бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ – қарзӣ таъсири амиқи худро гузорад. |

Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси омӯзиши маводҳои илмӣ

Тибқи ҷадвали 1 Бонки марказии Русия бо истифода аз механизмҳои мазкур фаъолият намуда, вобаста ба он фаъолияти низоми бонкии ин кишварро танзим менамояд. Албатта, фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ ба тартибу услуби назорати онҳо вобастагии зиёд дошта, метавонад дар густариши фаъолияти онҳо нақши хосса дошта бошад.

Самти муҳим ва калидие, ки Бонки марказии Русия ба он бештар аҳаммият медиҳад, ин меъёрҳои ҳатмии пруденсиалӣ дониста мешавад. Вобаста ба ин меъёрҳо сиёсати молиявии ҳар як бонки алоҳида ба нақша гирифта шуда, фаъолиятиояндаи он роҳандозӣ мегардад. Меъёрҳои ҳатмие, ки Бонки марказии Русия тибқи онҳо фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ-қарзиро дар ҳудуди Федератсияи Русия ба танзим медарорад,

вобаста ба сиёсати иқтисодии давлат ба роҳ монда мешаванд [5,с.47]. Яъне, дар асоси сиёсати иқтисодии давлат Бонки марказии Русия заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро таҳия месозад ва бонкҳо дар ин асос кор ва фаъолият менамоянд. Махсусан, дар самти суғуртаи шахсони воқеӣ Ҳукумати Русия бештар чораандешӣ намуда истодааст, зеро бо ин роҳ эътимоднокии бонкҳоро таъмин кардан имконпазир аст. Аз рӯи пурсишномае, ки Бонки марказии Русия соли 2020 гузаронида буд, аксари муштариён аз коргузории бонкҳо ва сифати хизматрасониҳои онҳо қаноатманданд ва ба бонкҳо боварӣ доранд. Тибқи ин пурсишнома, 97% пурсишшудагон ба эътимоднокии бонкҳо боварӣ доранд ва 94% онҳо қайд менамоянд, ки бонкҳо аз уҳдаи кори худ фаъолона мебароянд [17]. Ҳамчунин, нишондиҳандаҳои молиявии бахши бонкии Русия сол ба сол афзоиш ёфта, ҳаҷми умумии дороиҳои низоми бонкӣ нисбат ба ММД дар соли 2019, 90%-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар даврони буҳрони молиявӣ ва пандемии Ковид – 2019, мусбат арзёбӣ мегардад [12,с.73]. Аз ин бармеояд, ки бахши бонкӣ дар Федератсия Русия дар раванди инкишоф қарор дорад ва барномаву чораандешиҳои давлат дар ин самт самаровар ба чашм мерасанд. Аз ин рӯ, истифодаи самаранок аз танзими давлатии бахши бонкии Русия ба тарзи комил метавонад ба рушду инкишофи бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқи худро расонад. Алалхусус, татбиқи механизмҳои сиёсати пулию қарзӣ ва меъёрҳои пруденсиалии бахши бонкии Русия дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар инкишофи бонкдории мо таъсиргузор бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Адилов Р.М. Теоретико-методологические аспекты государственного регулирования банковской деятельности / Р.М. Адилов // Вестник «ГОУ ВПО Ростовский государственный экономический университет (РИНХ)». - 2011. -№4(148). -С.45-52.
2. Блохина Т.К. Интеграция в банковском секторе стран Евразийского экономического союза: проблемы и направления развития / Т.К. Блохина, А.Н. Гладкая, А.Н. Костина // Научный журнал «Вестник университета». – 2018. -№10. -С.131.
3. Гаюров Г.Х. Развитие инвестиционно-кредитной деятельности банков в условиях высокого риска / Г.Х. Гаюров // Вестник ТНУ. – 2015. -№2/4(169). -С.223-226.
4. Ғаюров Ғ.Ҳ. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ – амалии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти мамлакат / Ғ.Ҳ. Ғаюров, С.П. Одинаев // Вестник ТНУ. – 2020. -№10. -С.30-34.
5. Гейвандов А.Я. Банковская деятельность в России: проблемы государственного регулирования. Монография / А.Я. Гейвандов. -СПб, 1997. -С.215.
6. Государственное регулирование рыночной экономики. Издание второе, дополненное и переработанное / Под общей редакцией д.э.н., профессора В.И. Кушлина. –М.: Издательство РАГС, 2005. -С.349.
7. Комарова, К.А. Эволюция системы банковского регулирования в странах Европы - влияние финансового кризиса / К.А. Комарова // Экономические науки. - 2012. -№3. -С.209-212.
8. Қурбонов А.К. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба танзими давлатии бахши бонкӣ / А.К. Қурбонов, С.П. Одинаев, Ф.О. Худоиева // Вестник ТНУ. –Душанбе, 2022. -№7. -С.71-78.
9. Лаврушин О.И. Устойчивость банковской системы и развитие банковской политики: Монография / О.И. Лаврушин. КноРус, 2016. -280 с.
10. Низомов, С.Ф. Интеграция банковского сектора Таджикистана к мировой финансовой системе в условиях членства в ВТО / С.Ф. Низомов, Б.М. Джумьаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. -№2/7(123). -С.27-31. – EDN VNWCKV.
11. Синки Дж.Ф. Управление финансами в коммерческих банках / Дж.Ф. Синки. -М.: КНОРУС, 1994. -820 с.
12. Статистический бюллетень Банка России. - 2020. -№1(320).
13. Федеральный Закон «О Центральном Банке Российской Федерации (Банке России)» №86-ФЗ от 10.07.2002.
14. Худойназаров Д.А. Таъсири хавфҳои бонкӣ дар низоми пардохт / Д.А. Худойназаров // Ахбори АМИ ҶТ. -Душанбе, 2022. -№1. –С.84-96.
15. Центральный банк Российской Федерации. [Электронный ресурс]. URL: www.cbr.ru/
16. [Электронный ресурс]. URL: https://www.banki.ru/
17. World Bank Group (Всемирный банк). [Электронный ресурс]. URL: www.worldbank.org


**НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ БОНКӢ: ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ**


Дар мақола масъалаи таҷрибаи Федаратсияи Русия вобаста ба танзими давлатии бахши бонкӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Асоснок гардидааст, ки танзими бахши бонкӣ аз ҷониби давлат, яке аз омилҳои асосии устувории он ба ҳисоб рафта, фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ аз таъсири давлат вобастагии зиёд дорад. Муаллифон дар мақола дарҷ менамоянд, ки истифодаи механизмҳои гуногун ва таҷрибаи Федаратсияи Русия, ки иқтисодиёти ҳамранг бо ҷумҳурии мо дорад, барои такмилёбии танзими давлатии бахши бонкӣ мутобиқ

мебошад. Таҷрибаи бахши бонкии Федератсияи Русия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти рушди самаранокро таъмин намуда, идоракунии максадноки низоми бонкӣ ҳадафи асосии ҳар як давлат аст.

**Калидвожаҳо**: Бонки марказӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, бахши бонкӣ, низоми молиявӣ, танзими давлатӣ, ташкилотҳои қарзӣ, меъёрҳои пруденсиалӣ, устувории низоми бонкӣ, бонкҳои давлатӣ, иқтисоди миллӣ.

## РОЛЬ ГОСУДАРСТВА В УПРАВЛЕНИИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМОЙ: ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ

В статье исследуется опыт Российской Федерации по государственному регулированию банковской системы и возможности его применения в Республике Таджикистан. Обосновано, что регулирование банковского сектора государства является одним из основных факторов его устойчивости, а эффективная деятельность кредитных организаций зависит от государственного влияния. В статье авторы констатируют, что для совершенствования государственного регулирования банковской сферы подходит использование различных механизмов и опыта Российской Федерации, имеющей такую же экономику, как и наша республика. Опыт банковского сектора Российской Федерации дает Республике Таджикистан возможность эффективного развития, а целеустремленное управление банковской системой является главной целью каждого государства.

**Ключевые слова:** Центральный банк, коммерческие банки, банковский сектор, финансовая система, государственное регулирование, кредитные организации, пруденциальные нормативы, устойчивость банковской системы, государственные банки, национальная экономика.

## ROLE OF THE STATE IN MANAGEMENT OF THE BANKING SYSTEM: FOREIGN EXPERIENCE

The article examines the experience of the Russian Federation in state regulation of the banking system and the possibility of its application in the Republic of Tajikistan. it is justified that the regulation of the banking sector by the state is one of the main factors of its stability, and the effective operation of credit organizations is highly dependent on state influence. In the article, the authors state that the use of various mechanisms and experience of the Russian Federation, which has the same economy as our republic, is suitable for improving the state regulation of the banking sector. The experience of the banking sector of the Russian Federation gives the Republic of Tajikistan the opportunity for effective development, and the purposeful management of the banking system is the main goal of each state.

**Keywords:** Central bank, commercial banks, banking sector, financial system, government regulation, credit institutions, prudential standards, banking system stability, state banks, national economy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Собирзода Нуралӣ Миралӣ*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таҳлил. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 902448080**
***Ғаюров Ғайрат Ҳакимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 904-46-68-68**
***Одинаев Сафарали Пулодхонович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **s.odinaev90@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-76-76-61**

**Сведения об авторах:** ***Собирзода Нурали Мирали*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры бухгалтерского учета и анализа. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 902448080**
***Гаюров Гайрат Хакимович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры банковской деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 904-46-68-68**
***Одинаев Сафарали Пулодхонович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры банковского дела. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **s.odinaev90@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-76-76-61**

**Information about the authors**: ***Sobirzoda Nurali Mirali*** - Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting and Analysis. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 902448080**
***Gayurov Gairat Khakimovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Banking. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru.** Phone: **(+992) 904-46-68-68**
***Odinaev Safarali Pulodkhonovich*** - Tajik National University, assistant at the Department of Banking. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: s**.odinaev90@mail.ru**. Phone: **(+992) 918-76-76-61**

ТДУ: 331.482

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶАҲОН

*Саидмуродова М.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҷаҳони муосир яке аз масъалаҳое, ки ҳамаи давлатҳоро новобаста аз сатҳи рушдашон ба ташвиш овардааст, масъалаи таъмини озуқаворӣ ва амнияти он мебошад. Инчунин, таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ҳолате мебошад, ки дар он давлат қобилияти қонеъ намудани талабот ба озуқаро дар сатҳи муътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ кафолат медиҳад. Яъне, дар ин ҳолат таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар истеҳсол намудани озуқа ё таъмини истеҳсоли ватании он баҳри ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунанда инъикоси ҳақиқии худро наёфта, балки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар дигаргун сохтани таркиби истеъмолоти аҳолӣ бо беҳтар гардонидани сифати озуқа баҳри нигоҳ доштани саломатии инсон бештар бояд шарҳ дода шавад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам таъмини маҳсулоти озуқаворӣ асоси рушди инсонӣ ва неруи он ба ҳисоб меравад.

Озуқаворӣ ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ (аз ҷиҳати миқдор, сифат, бехавфӣ ва аз нуқтаи назари иҷтимоию фарҳангӣ маъқул) мавҷуд ва дастрас буда, ҳамаи мардум доимо барои таъмини ҳаёти солим, чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд. Таъмини маҳсулоти озуқаворӣ қисми таркибии бехатарии иқтисодӣ буда, мақсади асосии он истифодаи самараноки захираҳо дар роҳи комёбшавӣ ба тавозуни бозорӣ, яъне талабот ва таклифоти озуқаворӣ, таъмини ашёи хом барои соҳаҳои коркардабарорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ мебошад ва ин на танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва имконияти харидории онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, балки бо қобилияти таъминнокии аҳолии кишвар ба маҳсулоти зарурии озуқаворӣ мебошад. Бо ин мақсад меъёрҳои тиббии истеъмолӣ ва санитарӣ барои назорати озуқаворӣ бояд дар сатҳи давлатӣ баррасӣ карда шаванд. Дар ин маврид афзоиши истеҳсолоти аграрӣ метавонад ба чунин масъалаҳои вазнини иқтисодӣ дучор гардад, ки яке қобилияти пасти харидории аҳолӣ ва дигаре бошад, маҳдудияти инфрасохтори соҳаи аграрӣ дар масъалаи то истеъмолкунанда расонидани маҳсулот аст.

Ташкилоту муассисаҳои байналхалқӣ ба монанди, (ФАО- ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ, Бонки ҷаҳонӣ) ба сифати нишондиҳандаи аз ҳама асосии амнияти озуқаворӣ ҳаҷми захираи ғалларо дар таносуб бо ҳаҷми истеъмоли солонаи он пешниҳод мекунад, ки дар ҷаҳон аз 17% то 20%-ро ташкил медиҳад (дар баъзе солҳо вобаста ба шароитҳои фавқулоддаи мамлакатҳо то 16% паст ҳам мешавад). Аммо ҳаҷми захира бояд ҳолати умумии озуқаворӣ, истеъмол ва дастрасии қисми асосии истеъмолкунандагони мамлакатро дар назар дошта бошад.

Нишондиҳандаи умумии таъмини амнияти озуқаворӣ барои ҳамаи мамлакатҳо, ин муайян намудани динамикаи солонаи истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ мебошад.

Хусусияти махсуси таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон аз он иборат мебошад, ки дар гурӯҳи давлатҳои рушдкардаи иқтисодии ҷаҳон аз барзиёд истеъмолкунии маҳсулоти ғизоӣ одамон вазни зиёд гирифта, дучори касалиҳои вазнин мегарданд, амммо дар гурӯҳи давлатҳои рӯ ба инкишоф ва дар давраи гузариш қарордошта одамон танқисии маҳсулоти ғизоиро бевосита ҳис карда, аз норасоии он ба касалиҳои сирояткунанда, камхунӣ (махсусан занони қобилияти таваллуддошта) бештар гирифтор гардида, то ба ҳалокат расида истодаанд. Мувофиқи нишондодҳои ФАО (ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ) меъёри манфиати якшабонарӯзаи ҳар як одам аз истеъмоли моводи ғизоӣ бояд аз 2400 то 3500 ккал. кам набошад. Аммо дар гурӯҳи аввали давлатҳои номбаркардашуда (рушдкарда) ин рақамҳо то ду маротиба зиёд буда, дар гурӯҳи дуюми давлатҳо бошад (рӯ ба инкишоф ва дар давраи гузариш қарордошта) рақамҳои дар боло зикршуда, ҳамагӣ аз 1000 то 1800 ккал-ро ташкил медиҳад, ки ин аллакай нишондиҳандаи норасоии озуқа ва коста будани таркиби он (камбудии сафедаҳо, равғанҳо ва витаминҳои барои ҳаёти одамон зарурӣ) мебошад [6].

Масъалаи аввалиндараҷа зиёд гардидани фарқият байни дараҷаи некуаҳволии мамлакатҳои бойтарин ва қашшоқтарини ҷаҳон мебошад. Ҳоло ба сари 25 мамлакати

бойтарини ҷаҳон (ба онҳо мамлакатҳои рушдкардаи саноатӣ, инчунин, мамлакатҳои содиркунандагони нафт дохил мешаванд), аллакай 80%-и маҷмуи маҳсулоти ҷаҳонӣ рост меояд. Шумораи умумии аҳолии ин мамлакатҳо танҳо 17%-и аҳолии кураи Заминро ташкил медиҳанд (онҳоро баъзан «миллиарди тиллоӣ» низ меноманд, чунки шумораи онҳо тақрибан ба миллиард баробар аст). Дар баробари ин, миқёси фарқият байни некуаҳволӣ кам нашуда, баръакс, зиёд шуда истодааст, ки ин бевосита сабаби тағйирот дар таъмини маводи озуқаворӣ байни аҳолии ин кишварҳо мегардад. Мавқеи гурӯҳи давлатҳои сарватманд дар иқтисодиёти ҷаҳон чунин аст: ММД 86%, содироти ҷаҳонӣ 82%, аз ҷумла содироти маҳсулоти озуқаворӣ 64%, маблағгузориҳои мустақими хориҷӣ 68% ва дастрасӣ ба интернет 95% [6].

Дар аввали асри XX1 мамлакатҳои бойтарини ҷаҳон кӯшиш карданд, ки тавассути додани қарзи воситаҳои пулӣ ба лоиҳаҳои рушди мамлакатҳои қашшоқтарин ин ҳолатро аз байн баранд. Аммо натиҷаҳои чунин лоиҳаҳои кумаки молиявӣ назаррас набуданд. Аз ин сабаб то ҳол дар ҷаҳон ҳатто масъалаи пешгирӣ намудани гуруснагии оммавӣ ҳалли худро наёфтааст.

**Ҷадвали 1. Мавқеъ ва фарқият байни кишварҳои сарватманд ва камбизоат (соли 2022)**
**Table 1. Position and difference between rich and poor countries (year 2022)**

| Гурӯҳбандии давлатҳо | Мавқеъ ( бо %) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ММД-и ҷаҳонӣ | Содироти ҷаҳонӣ | Содироти озуқаворӣ | ИМХ | Истифодаи Интернет |
| Сарватманд (20%) | 86 | 82 | 64 | 68 | 95 |
| Миёна (60%) | 13 | 17 | 15 | 31 | 6,5 |
| Камбизоат (20%) | 1 | 1 | - | 1 | 0,2 |

Сарчашма:Сомонаи расмии ФАО, www.fao.org

Ин ба як қатор сабабҳо вобастагӣ дорад, ки асосии онҳо – зиёдшавии шумораи аҳолии мамлакатҳои қашшоқтарин бо суръати баландтар назар ба ҳаҷми истеҳсолоти маҷмуи маҳсулоти дохилии онҳо мебошад. Ҳатто ММД-и онҳо назар ба мамлакатҳои рушдкардаи ҷаҳон бо суръати нисбатан баландтар афзоиш мeёбад (3,2% – мамлакатҳои қафомонда ва 2,3% – мамлакатҳои рушдкарда дар як сол), аммо дараҷаи баланди таваллуд натиҷаҳои суръати афзоиши истеҳсолотро бесамар мегардонад. Дар натиҷа мувофиқи маълумоти СММ, агар дар соли 1960 даромади 20%-и аҳолии Замин, ки дар мамлакатҳои рушдкарда умр ба сар мебурданд, нисбат ба даромади 20%-и аҳолие, ки дар мамлакатҳои қашшоқтарин зиндагонӣ мекарданд, 30 маротиба зиёд бошад, он гоҳ ин зиёдшавӣ дар соли 2010 ба 60 маротиба баробар шуд [7].

Дар баробари ин, дар ҷаҳон 48 мамлакати қашшоқтарин мавҷуд буда, дар онҳо 12%-и шумораи аҳолии кураи Замин зиндагӣ менамоянд. Нишондиҳандаи миёнаи ММД-и ҳақиқӣ ба сари аҳолӣ дар ин мамлакатҳо аз 200 то 500 долл.-ро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, 2,7 млрд. нафар дар ҷаҳон (40%-и аҳолӣ) бо даромади камтар аз 2 долл. дар як рӯз, зиёда аз 1 млрд. нафар (15%-и аҳолии Замин) – камтар аз 1 долл. дар як рӯз (365 долл. дар як сол) умр ба сар мебаранд [6].

Ин маънои онро дорад, ки фарқияти даромад байни аҳолии мамлакатҳои «миллиарди тиллоӣ» ва аҳолии мамлакатҳои суструшдкарда бешумору рӯзафзун аст. Алҳол ин вазъият яке аз сарчашмаҳои асосии хатари ҳарбӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, дар ояндаи наздик ноил гардидан ба баробарии некуаҳволии аҳолии мамлакатҳои гуногун ғайриимкон аст. Барои ин мувофиқи ҳисоботи Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ истеҳсоли имрӯзаи захираҳоро бояд 40 маротиба афзуд. Албатта, метавон хароҷоти захираҳои табииро барои истеҳсоли неъматҳои ҳаётӣ (зарурӣ) кам намуд ва имкониятҳои зиёдеро ба даст овард. Аммо азхудкунии чунин технологияҳо инвеститсияҳо (маблағгузориҳо)-и калонро талаб менамояд ва амалинамоии онҳо дар мамлакатҳои қашшоқтарин аз сабаби дар боло зикргардида (суръати баланди афзоиши шумораи аҳолӣ нисбат ба ММД), ғайриимкон аст.

Ин бо назардошти он ки мувофиқи иттилооти СММ оид ба озуқаворӣ ва хоҷагии қишлоқ ФАО, агар дар соли 2004 хоҷагидорони ҷаҳон бори аввал зиёда аз 2 млрд. тонна

зироатҳои ғалладонагӣ ҷамъ намуданд, ки ин нисфи меъёри хӯроки инсонро таъмин менамояд. Ҳоло бошад, ба сари ҳар як нафар аҳолии кураи Замин қариб 322 кг ғаллаи ғуншуда рост меояд (бе назардошти минтақаҳои ҷангзадаи ҷаҳон) [6].

Дар баробари ин, мутахассисони СММ чунин мешуморанд, ки меъёри хӯроки минималии инсон бояд 2400 килокаллорияро дар як шабонарӯз ташкил диҳад. Ҳаҷми ҷаҳонии истеҳсолоти маҳсулоти хӯрока бошад, ҳоло имконият медиҳад, ки ба ҳисоби миёна ба сари аҳолии Замин 2605 килокаллория рост ояд, ки ин аз ҳадди ниҳоӣ (минимум) қариб 20% зиёдтар аст [9].

Вале айни ҳол шумораи гуруснагон дар ҷаҳон зиёд шуда истодааст. Ҳоло дар Замин аз гуруснагии дуру дароз ва нимгуруснагӣ наздик ба 900 млн. аҳолӣ азият мекашанд. Аз ин сабаб таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини глобалӣ (умумибашарӣ) мебошад. Минтақаҳое, ки дар он ҷо аксарияти аҳолӣ аз гуруснагӣ ва нимгуруснагӣ азият мекашанд, ҳудуди калонро дар бар мегирад: Африка, Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқӣ ва қисман Америкаи Лотинӣ [6].

**Ҷадвали 1. Шумораи гуруснагон дар ҷаҳон ва дурнамои он (мувофиқи пешгӯии ФАО), млн. Нафар**

**Table 1. The number of hungry people in the world and its prospects (according to the FAO forecast), million. person**

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2010 | 2020 | 2030 | 2040 | 2050 |
| Осиёи Ҷанубӣ | 180 | 240 | 300 | 270 | 265 | 240 |
| Осиёи Шарқӣ | 360 | 400 | 420 | 310 | 260 | 180 |
| Шарқи Наздик / Африкаи Шимолӣ | 70 | 40 | 40 | 30 | 25 | 10 |
| Америкаи Лотинӣ | 70 | 40 | 40 | 30 | 25 | 10 |
| Африка | 170 | 160 | 50 | 30 | 20 | 10 |
| Умумӣ дар ҷаҳон | 850 | 900 | 860 | 700 | 580 | 500 |

Сарчашма:Сомонаи расмии ФАО, www.fao.org

Моҳияти масъалаи озуқаворӣ аз он иборат аст, ки географияи истеҳсолоти озуқаворӣ бо географияи истеъмолоти он мувофиқ намеояд. Ҳам дар ИМА, ҳам дар Канада ва ҳам дар Аврупои Ғарбӣ барзиёдии озуқаворӣ назаррас аст, аммо мамлакатҳои рӯ ба инкишоф барои харид маблағи кофӣ надоранд. Бинобар ин, мутахассисони СММ ба хулосае омаданд, ки сабаби асосии гуруснагӣ норасоии озуқаворӣ не, балки сабабҳои дигар мебошанд: гуруснагон барои харид намудани хӯрока маблағ надоранд ё дорои воситаҳо барои коркарди замини дар ихтиёрашон буда нестанд.

Гуруснагии дуру дароз сабабгори суст гардидани рушди аксари мамлакатҳои ҷаҳон мебошад, чунки дар ин мамлакатҳо наслҳои носолим ва одатан камсавод ба воя мерасанд (соли 2021 ЮНИСЕФ (Фонди кӯдакони СММ) натиҷаҳои таҳқиқоти калонро нашр намуд, ки хулосаи он чунин буд: кӯдакони нимгурусна назар ба ҳамсолонашон, ки дуруст хӯрок мехӯранд хеле бад таҳсил менамоянд).

Ҳайратовар ин аст, ки қариб ҳамаи мамлакатҳо мувофиқи баҳодиҳии СММ дорои иқтидори истеҳсол намудани ҳамон қадар озуқаворӣ мебошанд, ки метавонанд аҳолии худро пурра таъмин намоянд. Масъала аз он иборат аст, ки одамон ниҳоят камбизоат буда, барои худ хӯрока харида наметавонанд. Гуруснагиро нобаробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба миён меоранд: афзоиши босуръати аҳолӣ танҳо ба мамлакатҳое таҳдид менамояд, ки дар он ҷо механизмҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ, ки қисмати зиёди аҳолии кишварро бо маориф, тандурустӣ, ҷойҳои корӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғ. таъмин менамоянд, вуҷуд надоранд.

Дар баробари ин, арзиши лоиҳаҳое, ки имконият медиҳанд масъалаи гуруснагиро дар ҷаҳон ҳал намоянд, начандон зиёд аст. Аз рӯи баҳодиҳии СММ барои ин на зиёда аз 15 млрд. долл. дар як сол лозим аст. Барои муқоиса: мувофиқи баҳодиҳии Институти таҳқиқоти ҷаҳон (дар Стокголм) дар соли 2022 хароҷотҳои ҳарбӣ дар ҷаҳон 2,24 трлн. долларро ташкил доданд. Аҳолии ИМА ва мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо бошанд, барои хариди хӯроки сагҳо, гурбаҳо ва моҳиҳои аквариуми худ тақрибан 14,6 млрд. долл. дар як

сол сарф менамоянд. Бинобар ин, бетарафӣ намудан дар ҳалли масъалаҳои номбаркардашуда, ба сулҳу суботи тамоми кураи Замин таҳдид меорад.

Исбот шудааст, ки омилҳои зерин ба фаъолияти инсон бевосита таъсир мерасонанд:

- истеъмоли калорияҳо;

-миқдори сафедаҳо, равғанҳо, карбогидратҳо, витаминҳо ва минералҳо;

-сатҳи маҳсулоти хатарноке, ки бо моддаҳои заҳролуд истеъмол карда мешаванд;

-руҳияи равонии аҳолӣ;

-фаъолияти оптималии ҳаётӣ дар сатҳи истеъмоли 3500-2500 ккал / рӯз;

-фишорҳои экологӣ ва табиӣ, ки ба саломатии аҳолӣ ва ҳосилнокии кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонанд;

-истеъмоли машрубот ва доруҳо.

Таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ин чунин ҳолате мебошад, ки дар он давлат қобилияти қонеъ намудани талабот ба озуқаро дар сатҳи муътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ кафолат медиҳад. Яъне дар ин ҳолат таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар захира намудани озуқа ё таъмини истеҳсоли ватании он бахри ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунанда инъикоси ҳақиқии худро наёфта, балки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар дигаргун сохтани таркиби истеъмолоти аҳолӣ бо беҳтар гардонидани сифати озуқа бахри нигоҳ доштани саломатии инсон бештар бояд шарҳ дода шавад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам таъмини маҳсулоти озуқаворӣ асоси рушди инсонӣ ва неруи он ба ҳисоб меравад. Чи тавре ки маълум аст, муаммои таъмини амнияти озуқаворирӣ на танҳо масъалаи миллӣ, балки ба он хотир яке аз масъалаҳои глобалӣ ба ҳисоб меравад, ки дар даҳсолаҳои охир инсоният ба мушкилоти харобшавии замин (дар натиҷаи шӯршавӣ, биёбоншавӣ ва ғ.) ва паст гардидани маҳсулнокии он, ифлосшавии захираҳои обӣ, паст гардидани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст. Аз тарафи дигар, шумораи аҳолӣ дар кураи Замин рӯз аз рӯз зиёд гардида, ҳамаи ин дар ниҳояти кор, боиси мураккаб гардидани муаммоҳои таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа мегардад. Мувофиқи нишондиҳандаҳои омории ҷаҳонӣ, имрӯзҳо аз 8,2 млрд. аҳолии дар кураи Замин умр ба сар баранда, зиёда аз 800 миллион одамон дар ҳолати гуруснагии доимӣ қарор доранд. Ин дар ҳолате мебошад, ки шумораи аҳолии рӯйи замин 8,2 млрд-ро ташкил дода, дар ҳолати афзоиши аҳолӣ ба 10 млрд. (то соли 2050), нишондиҳандаи одамоне, ки дар ҳолати гуруснагии доимӣ қарор доранд, метавонад ба 1,5 млрд. афзоиш ёбад. Агар бар замми ин муаммои зиёд гардидани шумораи гурезагон аз давлатҳои Араб (ба мисоли Ливия, Миср, Ироқ, Яман, Сурия)-ро ба давлатҳои Аврупо (Венгрия, Фаронса, Олмон, Британияи Кабир ва ғ.) дар натиҷаи ҷангҳои шаҳрвандӣ ва нооромиҳои сиёсии ин кишварҳо (дар даҳсолаи гузашта), таъсири ногувори пандемия (COVID-19) дар ду соли охир ва зиёд гардидани шумораи гурезагон аз давлати Украина ба кишварҳои аврупоӣ ва Федератсияи Россия (дар натиҷаи нооромиҳои сиёсии ин кишвар, дар соли 2022) ва боз ҳам мураккаб гардидани таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқаро таҳлил карда бароем, пас худ тасаввур намоед, ки масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар оянда то кадом дараҷа душвор боқӣ хоҳад монд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Гулов Ш.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Байрамов Р.В. О продовольственная безопасность – составляющая экономической безопасности / Р.В. Байрамов // Международный технико-экономический журнал. - 2009. -№2. -С.14-18.
2. Иноземцев Д.И. Сущность продовольственной безопасности и её роль в обеспечение национальной безопасности государства / Д.И. Иноземцев // Вестник Российской таможенной академии. - 2009. -№2. -С.119-123.
3. Лебедев О.Т. Глобальные инновации и устойчивость современной цивилизации / О.Т. Лебедев, А.К. Аламшоев, С.С. Моисеева // Российский экономический интернет-журнал. - 2020. -№2. -С.31.
4. Маликов И.А. Продовольственная безопасность Таджикистана: проблемы и пути решения / И.А. Маликов // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2012. -№10. -С.56-59.
5. Махмадиев, Ф.Б. Роль регионального мясного кластера как фактора самообеспечения продовольственной безопасности страны / Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2017. -№4(60). -С.132-137.
6. Официальный сайт Организации экономического сотрудничества и развития. [Электронный ресурс]. URL: www.oecd.org

7. Официальный сайт Продовольственной и сельскохозяйственной организации ООН. [Электронный ресурс]. URL: www.fao.org
8. Пиризода, Д.С. Роль и место рынка агропродукции в обеспечении продовольственной безопасности / Пиризода Д.С., Ф.Б. Махмадиев, Ш.Н. Джалилов // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. – 2020. - №2(64). -С.68-73.
9. Саидмуродова М.А. Использование мирового опыта обеспечения продовольственной безопасности / М.А. Саидмуродова // Международная конференция «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 гг.». –Душанбе: Ирфон, 2018. -С.243-247.
10. Султонби, Р. Упорядочение землепользования налоговых платежей в средней Азии в IX - XX вв / Р. Султонби, А.К. Курбонов // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. – 2016. - №5(17). -С.190-193.
11. Хушвахтзода, К.Х. Создание регионального агропродовольственного кластера в условиях ВТО / Хушвахтзода К.Х., Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№2. -С.5-12.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶАҲОН

Дар мақолаи мазкур хусусияти таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун имконияти давлатҳои ҷаҳон барои аз ҷиҳати миқдор ва сифат рушд ёфтани ҷисми инсон ва нигоҳдорандаи қобилияти меҳнатии ӯ нишон дода шудааст. Таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ин чунин ҳолате мебошад, ки дар он давлат қобилияти қонеъ намудани талабот ба озуқаро дар сатҳи муътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ кафолат медиҳад. Асоси таъмини маҳсулоти зарурии озуқаворӣ, инкишофи соҳаи аграрӣ ва ба ин восита таъмини бештари талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ мебошад. Озуқаворӣ ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ мавҷуд ва дастрас буда, ҳамаи аҳолии кишварҳои ҷаҳон доимо барои таъмини ҳаёти солим, чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд. Яъне дар ин ҳолат таъмини маҳсулоти озуқаворӣ дар захира намудани озуқа ё таъмини истеҳсоли ватании он баҳри ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунанда инъикоси ҳақиқии худро наёфта, балки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар дигаргун сохтани таркиби истеъмолоти аҳолӣ бо беҳтар гардонидани сифати озуқа баҳри нигоҳ доштани саломатии инсон бештар бояд шарҳ дода шавад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам таъмини маҳсулоти озуқаворӣ асоси рушди инсонӣ ва неруи он ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** амнияти озуқаворӣ, имконияти давлатҳои ҷаҳон, миқдору сифат, соҳаи аграрӣ, маҳсулоти ватанӣ, дастрасӣ, талабот, ҳаёти солим.

## ОСОБЕННОСТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВАЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОТИ В МИРЕ

В данной статье показана сущность обеспечения продовольственной безопасности как возможности стран мира количественно и качественно развивать организм человека и сохранять его работоспособность. Обеспечения продовольственными товарами – это ситуация, при которой государство гарантирует возможность удовлетворения спроса на продукты питания при разумном уровне жизни населения. Основой обеспечения необходимыми продуктами питания является развитие аграрного сектора и обеспечение тем самым большей части потребностей населения продукцией отечественного производства. Продовольствие считается обеспеченным, когда подходящая пища имеется и доступна, и все жители стран мира всегда могут удовлетворительно потреблять такую пищу для обеспечения здоровой жизни. То есть в данном случае обеспечение пищевой продукцией при хранении продуктов питания или обеспечение отечественного производства при защите интересов производителя не нашло своего истинного отражения, но с теоретической и практической точки зрения, должно быть, объясняется больше изменением состава потребления населения за счет улучшения качества продуктов питания, охраной здоровья человека. С этой точки зрения, снабжение продуктами питания считается основой развития человечества и его силой.

**Ключевые слова:** продовольственная безопасность, возможности государств мира, количество и качество, сельское хозяйство, внутреннее производство, наличие, спрос, здоровый образ жизни.

## FEATURES OF ENSURING FOOD SECURITY IN THE WORLD

This article shows the essence of ensuring food security as the ability of countries around the world to quantitatively and qualitatively develop the human body and maintain its performance. Providing food products is a situation in which the state guarantees the ability to meet the demand for food at a reasonable standard of living of the population. The basis for providing necessary food products is the development of the agricultural sector and thereby providing the majority of the population's needs with domestically produced products. Food security occurs when suitable food is available and accessible, and all people in the world can always satisfactorily consume such food to ensure a healthy life. That is, in this case, providing food products during food storage or ensuring domestic production while protecting the interests of the manufacturer was not truly reflected, but from a theoretical and practical point of view it should be explained more in the change in the composition of population consumption by improving the quality of food products, in protection of human health. From this perspective, food supply is considered the basis of human development and its strength.

**Keywords:** food security, capabilities of the world's statesl, quantity and quality, agriculture, domestic production, availability, demand, healthy lifestyle.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-62-68-95.** E-mail: **malika-63-63@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Саидмуродова Малика Абдувахобовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-62-68-95**. E-mail: **malika-63-63@mail.ru**

**Information about the author:** ***Saidmurodova Malika Abduvakhobovna*** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-62-68-95.** E-mail: **malika-63-63@mail.ru**

ТДУ: 338.49

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, РАВИШҲО ВА УНСУРҲОИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ МИНТАҚА

*Маҷидзода Д.М., Саидзода С.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Филиали муассисаи давлатии "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳ ва соҳибкории Тоҷикистон" дар вилояти Суғд**

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ инкишофёбии инфрасохтори иҷтимоии минтақа яке аз унсурҳои калидии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Чунки инфрасохтори иҷтимоии минтақа аз як ҷониб, заминаи рушди захираҳои зеҳнӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба ҳисоб рафта, омили таъсиррасон ба рушди иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии давлат мебошад. Дар зери таъсири инфрасохтори иҷтимоӣ урбанизатсия дар сатҳи иқтисодиёти кишвар ва минтақаю маҳаллҳои он ба вуҷуд омада, ба рушди соҳаҳои иқтисодиёт дар минтақаҳо таъсир мерасонад.

Иброз бояд намуд, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи инфрасохтори иҷтимоии минтақа яке аз мавзуоти фаъоли иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Чуноне, ки дар Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои кишвар самти муҳимми сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ муайян шудааст. Дар он муайян шудааст, ки иқтидори нокифояи идоракунии давлатӣ дар сатҳи минтақа ва маҳал бараъло дида мешавад. Аз ин лиҳоз, чун натиҷаи дурнамо муайян шудааст, ки саҳми сатҳҳои мазкур дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо назардошти урбанизатсия, таҷдиди инфрасохтор ва афзоиши талаботи ҷомеа ба хизматрасониҳои иҷтимоии баландсифат ва дастрас афзоиш хоҳад ёфт. Зеро дар Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, собит мегардад, ки дараҷаи иқтидор, салоҳият ва равандҳои босифати маъмурӣ дар сатҳи маҳал нисбат ба сатҳи миллӣ хеле ақиб мондааст. Ин гуфтаҳо мубрамияти таҳқиқи назариявӣ ва методии инфрасохтори иҷтимоиро дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад.

Нисбат ба мафҳум ва моҳияти иқтисодии инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар байни олимон ва муҳаққиқони иқтисоддон фаъолиятҳои илмӣ анҷом дода шудааст ва онҳо мувофиқ ба фаҳмишу дарки худ таърифҳо пешниҳод намудаанд. Мо мувофиқ ба маълумотҳои таҳқиқшуда, таърифҳои ин олимон ва муҳаққиқонро дар ҷадвали 1 ба тарзи зерин чунин гурӯҳбандӣ намудем.

**Ҷадвали 1. Таҳқиқи таърифи инфрасохтори иҷтимоии минтақа**
**Table 1. Study of the definition of the social infrastructure of the region**

| Муаллиф | Таъриф |
|---|---|
| Смирнова О.А. | Инфрасохтори иҷтимоии минтақа маҷмуи воҳидҳои иқтисоди минтақавӣ мебошад, ки фаъолияти онҳо бо таъмини фаъолияти муътадили аҳолӣ ва одамон алоқаманд аст. Ба инфрасохтори иҷтимоии минтақа одатан инҳо дохил мешаванд: нигаҳдории тандурустӣ, маориф, хоҷагии манзилию коммуналӣ, истироҳат, хӯроки умумӣ, хизмати маишӣ, биржаҳои меҳнат ва ғайра [10]. |
| Логачева Н.М. | Инфрасохтори иҷтимоӣ аз рӯи соҳаҳо, аз маҷмуи бахшҳо иборат аст: маориф, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, фарҳанг ва санъат ва ғайра. Таснифи инфрасохтори иҷтимоӣ аз рӯи сатҳи рушд бо ҳамкории бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ дар минтақа алоқаманд аст [7]. |
| Тощенко Ж.Т. | Инфрасохтори иҷтимоӣ низоми муассиса ва ташкилотҳое мебошад, ки нисбат ба таъиноти техникӣ, аҳаммияти бештари иҷтимоию иқтисодӣ дорад, зеро, пеш аз ҳама, барои оптималикунонии фаъолияти худи инсон шароит фароҳам меоварад [12]. |
| Рандалов Ю.Б., Будаева Ц.Б. | Инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи объектҳои фаъолият мебошад, ки ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ равона гардида, фаъолияти ҳаётӣ, рушди рӯҳию зеҳнии аҳолиро таъмин мекунад [9]. |
| Антонюк В.С., | Инфрасохтори иҷтимоии минтақа ин маҷмуи соҳаҳои иқтисодӣ (тандурустӣ, |

| | |
|---|---|
| Буликеева А.Ж. | маориф, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, фарҳанг ва санъат) мебошад, ки фаъолияти онҳо ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва оқилона ташкили фаъолияти аҳолӣ мусоидат мекунад [2]. |
| Потемкин В.К. | Инфрасохтори иҷтимоӣ зернизоми махсуси рушдёбандаи комплекси ягонаи хоҷагии халқ мебошад, ки ба раванди такрористеҳсоли иҷтимоӣ ворид гардида, ба воситаи тақсими маҷмуи талаботи ҷамъиятӣ, даромади миллӣ, фондҳои таъиноти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, ташаккулдиҳандаи рушди тарзи ҳаёт мебошад [8]. |
| Согачева О.В. | Инфрасохтори иҷтимоӣ дар худ маҷмуи унсурҳои устувори моддию ашёиро ифода менамояд, ки шароити умумии барои ташкили оқилонаи фаъолияти асосии инсон – меҳнатӣ, сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва дигар фаъолиятҳои рушдёбандаро ба манфиати кулли ҷамъият бунёд мекунад [11]. |
| Безуглая Е.В. | Инфрасохтори иҷтимоӣ чун маҷмуи шароити иҷтимоию иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳам рушди кулли раванди истеҳсолот ва ҳам як воҳиди муайяни ҳудудӣ-иқтисодиро таъмин мекунад [3]. |
| Федулов С. П. | Инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи унсурҳои моддию ашёиро дар бар мегирад, ки барои бунёд ва таъмини шароити маконӣ ва муваққатии ташкили фаъолияти ҳаёти аҳолӣ дар заминаи талаботи он, тавҷеҳи арзишӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва дигар хусусиятҳо зарур мебошад [13]. |
| Исматов Х.Ҳ., Охунова Д.Ӯ | инфрасохтори иҷтимоии минтақа маҷмуи объектҳои ба соҳаҳои иҷтимоии минтақаҳо тааллуқ доштаро дар бар мегирад, ки ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа тавассути ташаккули шароити мусоид барои гузаронидани ҳаёти солим ва таҷдиди тавлиди аҳолӣ, рушди арзишҳои зеҳнӣ, таъмини иқтисодиёти минтақа бо захираҳои меҳнатӣ ва ғайра мусоидат мекунад ва омили муҳимми таъсиррасон ба раванди урбанизатсия ва агломератсия маҳсуб меёбад [6]. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Тавре аз барасии ҷадвали 1 бармеояд, дар фаҳмиши иқтисодии инфрасохтори иҷтимоӣ ва инфрасохтори иҷтимоии минтақа ақидаи ягона ба чашм намерасад. Олимон ва муҳаққиқон оид ба ин мафҳуми иқтисодӣ фикру ақидаҳои илмии худро пешниҳод намудаанд. Дар таҳқиқи илмии Смирнова О.А. таърифи инфрасохтори иҷтимоии минтақа пешниҳод мегардад. Ӯ инфрасохтори иҷтимоии минтақаро ҳамчун маҷмуи воҳидҳои иқтисоди минтақавӣ дониста, фаъолияти онҳоро бо таъмини фаъолияти муътадили шуғли аҳолӣ ва одамон алоқаманд медонад. Смирнова О.А. ба инфрасохтори иҷтимоии минтақа одатан чунин соҳаҳоро пешниҳод намудааст: тандурустӣ, маориф, хоҷагии манзилию коммуналӣ, истироҳат, хӯроки умумӣ, хизмати маишӣ, биржаҳои меҳнат ва ғайра. Аз таърифи мазкур бармеояд, ки О.А. Смирнова ба хусусиятҳои минтақавии инфрасохтори иҷтимоӣ назари хосса намудааст.

Олими иқтисодон Логачева Н.М., инфрасохтори иҷтимоиро аз рӯи соҳаҳо ва маҷмуи бахшҳо чунин гурӯҳбандӣ намудааст: маориф, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, фарҳанг ва санъат ва дигар соҳаҳо. Логачева Н.М. дар таҳқиқоти илмии худ таснифи инфрасохтори иҷтимоиро аз рӯи сатҳи рушд бо ҳамкории бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ дар минтақа алоқаманд медонад.

Тощенко Ж.Т., чунин мешуморад, ки инфрасохтори иҷтимоӣ низоми муассиса ва ташкилоте мебошад, ки нисбат ба таъминамоии шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ алоқа дорад, зеро, пеш аз ҳама, барои фаъолияти пурсамар намудани корманд шароитҳои меҳнатии ӯ бояд таъмин карда шавад. Дар ин таъриф Ж.Т. Тощенко аҳаммияти бештари иҷтимоию иқтисодӣ доштани инфрасохтори иҷтимоиро таъкид кардааст. Инчунин инфрасохтори иҷтимоиро чун низоми ташкилоту муассисаҳо баррасӣ намуда, бештар таваҷҷуҳ ба шароитҳои кории кормандон ва поймол нагаштани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо намудааст. Пешниҳодҳои илмии ин олим як қисмати инфрасохтори иҷтимоиро дар бар гирифта, зерқисматҳои дигараш аз маддӣ назар дур мондааст.

Олимон Ю.Б. Рандалов ва Ц.Б. Будаева инфрасохтори иҷтимоиро ҳамчун маҷмуи объектҳои фаъолияти инсонҳо муайян намуда, асоси онро дар қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии инсонҳо дониста, заминагузорӣ барои фаъолияти инсон ва рушди

рӯҳию зеҳнии онҳо медонанд. Олимони мазкур фаҳмиши иқтисодии инфрасохтори иҷтимоиро дуруст муайян карда, ақидаҳои илмии худро пешниҳод намудаанд. Аз рӯи таърифи пешниҳоднамудаи онҳо, объектҳои хусусияти иҷтимоӣ дошта на танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи инсонӣ, балки баҳри қонеъ гардонидани маҷмуи талаботҳои ҷамъиятӣ низ нигаронида шудааст.

Олими иқтисодон Антонюк В.С. яке аз олимоне дониста мешавад, ки қисми зиёди фаъолиятҳои илмиаш ба мавзуи инфрасохтори иҷтимоӣ ба хусус дар минтақа бахшида шудааст. Таърифе, ки ин олим пешниҳод намудааст, нисбат ба дигар таърифҳо пуратар буда, мафҳуми пурраи инфрасохтори иҷтимоии минтақаро дар бар мегирад. Ӯ инфрасохтори иҷтимоии минтақаро ҳамчун маҷмуи соҳаҳо (тандурустӣ, маориф, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, фарҳанг ва санъат) баррасӣ менамояд, ки фаъолияти онҳо ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва ташкили оқилонаи фаъолияти ҷамъият мусоидат мекунад.

Потемкин В.К., дар таҳқиқи худ фаҳмиши иқтисодии инфрасохтори иҷтимоиро чун зернизоми инкишофёбандаи комплекси ягонаи иқтисодиёт муайян намудааст, ки ба раванди такрористеҳсоли иҷтимоии аҳолӣ ворид гардида, ба воситаи таъминамоии талаботи ҷамъиятӣ, аз нав тақсимнамоии даромади миллӣ ва фондҳои таъиноти ҷамъиятӣ зинда гардида, инкишофёбандаи рушди ҳайёти инсонӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ин таъриф муаллиф инфрасохтори иҷтимоиро ҳамчун зернизоми махсуси инкишофёбандаи комплекси ягонаи иқтисодиёт баррасӣ менамояд, ки асоси онро таъминоти талаботҳои иҷтимоии аҳолӣ ташкил медиҳад. Ҳамчунин, В.К. Потемкин ҷанбаи молиявии ташаккули инфрасохтори иҷтимоиро пешниҳод намуда, қайд намудааст, ки ҳадафи мавҷудияти ин инфрасохтори иҷтимоӣ ташаккулдиҳандаи рушди тарзи ҳаёти солим дониста мешавад.

Согачева О.В. мафҳуми иқтисодии инфрасохтори иҷтимоиро чун маҷмуи унсурҳои устувори моддию ашёӣ муайян намудааст, ки дарбаргирандаи шароитҳо барои ташкили оқилонаи фаъолияти меҳнатии инсон, хусусан ташкили шароитҳои меҳнатӣ, сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва дигар шароитҳоро дар бар мегирад. Олими иқтисодон О.В. Согачева ба аҳаммият ва нақши инфрасохтри иҷтимоӣ эътибори ҷиддӣ дода, қайд менамояд, ки таъмини корманд бо ҳама шароитҳои меҳнатиаш, ин аз мавҷуд будани шароитҳои инфрасохтори иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад.

Безуглая Е.В. дар таҳқиқоти худ инфрасохтори иҷтимоиро чун маҷмуи шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки инфрасохтори иҷтимоӣ инкишоф ва рушди раванди истеҳсолотро таъмин намуда, ба рушди воҳиди муайяни ҳудудӣ-иқтисодӣ мусоидат мекунад. Аз таърифи мазкур бар меояд, ки олим бештар ба мундариҷаи инфрасохтори иҷтимоӣ ва аҳаммиятнокии он дар рушди иқтисодиёти ҳудудӣ эътибори хосса додааст.

Федулов С.П. инфрасохтори иҷтимоиро ҳамчун маҷмуи унсурҳои моддию ашёӣ баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки барои бунёд ва таъмини шароити маконӣ ва муваққатии ташкили фаъолияти ҳаётии аҳолӣ дар заминаи талаботи он, тавҷеҳи арзишӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва дигар хусусиятҳо зарур мебошад. Дар таърифи пешниҳод кардаи Федулов С.П. хусусияти инфрасохтори иҷтимоӣ бештар ба инкишоф ва ташкили фаъолияти ҳаёт баррасӣ гардидааст.

Муҳаққиқони тоҷик Исматов Х.Ҳ., Охунова Д.Ӯ оид ба ин масъала фаъолияти илмӣ намуда, инфрасохтори иҷтимоии минтақаро маҷмуи объектҳои ба соҳаҳои иҷтимоии минтақаҳо тааллуқ дошта медонанд, ки ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа тавассути ташаккули шароити мусоид барои гузаронидани ҳаёти солим ва таҷдиди тавлиди аҳолӣ, рушди арзишҳои зеҳнӣ, таъмини иқтисодиёти минтақа бо захираҳои меҳнатӣ ва ғайра мусоидат мекунад ва омили муҳимми таъсиррасон ба раванди урбанизатсия ва агломератсия маҳсуб меёбад.

Аз таҳлили ин назарияҳо бар меояд, ки зери мафҳуми инфрасохтори муосири минтақавӣ як системаи бисёрсатҳии ташкилию иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, он дарбаргирандаи объектҳои муайян аз қабили инфрасохтори иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, институтсионалӣ, шабакавӣ ва таъмини ҳаёт мебошад. Ин гуфтаҳоро мо дар шакли расм чунин тасвир намудем.

Дар системаи инфрасохтори муосири минтақавӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад, ки дар баробари дараҷаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, микдор ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолии минтақа ва сохтори иҷтимоии минтақаро тавсиф мекунад.

**Расми 1. Инфрасохтори муосири минтақавӣ ва объектҳои он**
**Figure 1. Modern regional infrastructure and its objects**




Аз рӯи таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва расми пешниҳодгардида, инфраструктураи иҷтимоиро ҳамчун маҷмуи устувори унсурҳои моддие донистан мумкин аст, ки барои ташкили оқилонаи фаъолияти асосии субъектони иҷтимои шароит фароҳам меорад.

Омӯзиш ва таҳқиқи инфрасохтори иҷтимоии минтақа истифодаи равишҳои методологии зеринро дар бар мегирад:

- равиши системавӣ, ки омӯзиши объектро ҳамчун маҷмуи ҷудонашавандаи зерсистемаҳои таркибии он, муайян кардани робитаҳо дар дохили объект, инчунин, байни объект ва муҳити берунаро дар бар мегирад;

- равиши ҳолатӣ, ки дар рафти он таҳлили вазъияти ҳозира, пеш аз ҳама, дар асоси расмиёти стандартии таҳқиқот гузаронида мешавад;

- равиши диалективӣ, ки усулҳои махсуси таҳқиқотро дарбар мегирад (усулҳои тақсим кардан ва пайваст кардани тамоми мақсадҳо, ҳиссаҳои асосӣ ва дуюмдараҷа, зарурӣ ва тасодуфӣ, оморӣ ва динамикӣ, абстракт ва асосӣ);

- равиши рефлексивӣ, ки яке аз равишҳои таҳлилии систематиконидашуда дониста шуда, барои коркарди иттилооти объект ва дастраси дар бораи муҳити дохилӣ ва берунии объекти таҳқиқшаванда асос мегирад.

Унсурҳои асосии инфрасохтори иҷтимоии минтақа инҳоянд: захираҳои сармоявӣ (бино, таҷҳизот, иншоот), захираҳои ғайримолиявӣ (хизматрасониҳои кадрӣ, таъминоти иттилоотӣ) ва захираҳои ташкилию идоракунӣ (роҳбарӣ, банақшагирӣ, ташкил, амалиёт, назорат ва ғайра).

Дар ин ҷо ҳаминро бояд таъкид намуд, ки захираҳои ташкилию идоракунӣ ду унсури аввали инфраструктураи иҷтимоиро бо ҳам мепайвандад.

Хусусиятҳои асосии системаи инфрасохтори иҷтимоии минтақа инҳоянд:

- функсионалӣ;
- сохторӣ;
- динамикӣ.

Масъалаҳои таъиноти функсионалии инфрасохтори иҷтимоии минтақа яке аз ҳадафҳои асосии он дониста мешавад. Вазифаи асосии инфрасохтори иҷтимоӣ аз расонидани хизматҳои гуногуни иҷтимоии дорои хусусияти ғайриистеҳсолӣ барои қонеъ гардонидани талаботи ҳаётан муҳимми аҳолӣ мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

- ҳифз ва нигоҳдории саломатии аҳолӣ;

- таъмини шароит барои такрористеҳсоли қувваи кории аҳолӣ;

- фароҳам овардани шароитҳо барои ташаккули тамоюлҳои чараёни демографӣ;

- барҳам додани номутаносибии ҳудудии истеъмолии аҳолӣ ва таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар тамоми минтақа;

- ба вуҷуд овардани шароит барои инкишофи ҳаматарафаи шахсият дар асоси сохтори муайяни арзишҳои истеъмолӣ.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru**. Телефон: **207-56-56-44**
***Расулов Додулло Тоҷиддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-93-93-10**

**Сведения об авторах:** ***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru**. Телефон: **207-56-56-44**
***Расулов Додулло Тоджиддинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-93-93-10**

**Information about the authors:** ***Alimardonov Tokhirjon Ashuralievich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, senior lecturer at the Department of Cybernetics and Digital Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru.** Phone: **207-56-56-44**
***Rasulov Dodullo Tojiddinovich*** **–** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru.** Phone**: (+992) 988-93-93-10**

ТДУ: 336.648 (575.3)

# МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ БОНКӢ БА СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Давлатов Н.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Низоми самарабахши иқтисодии хоҷагидории хориҷӣ тули даҳсолаҳо ташаккул ёфтааст. Имрӯзҳо раванди пайвастаи васеъ гардидани хоҷагиҳо аз ҳисоби пора шудан ва харобшавии хоҷагиҳои хурду миёна идома дорад. Истеҳсоли маҳсулотҳои калонҳаҷми кишоварзӣ дар хоҷагиҳои хурд бешубҳа бартарӣ дорад - ин яке аз қонунҳои асосии иқтисодиёт мебошад. Хоҷагиҳои калон аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахшанд ва аз технологияҳои муосир самаранок истифода мебаранд. Талаботи воқеии хоҷагиҳои фермерии калон ба захираҳо дар як қитъаи замин нисбат ба хоҷагиҳои фермерии хурд ду маротиба камтар аст. «*Таҷриба нишон медиҳад, ки дар хоҷагиҳои калон ҳосилнокии меҳнат нисбат ба хоҷагиҳои хурди фермерӣ 1,5-2 маротиба зиёдтар ва арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда хеле кам аст. Дар ИМА, Олмон, Канада ва дигар кишварҳо он хоҷагиҳои калон ва ассотсиатсияҳо амал менамоянд, ки таъминкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд. Дар 6 соли охир, маблаги умумии дастгирии мустақим ба фермерони Иёлоти Муттаҳида беш аз 81 миллиард доллар ё дар як сол 13 миллиард долларро ташкил додааст. Мувофиқи қонуни нави кишоварзӣ, ки то соли 2011 мавриди амал қарор мегирад, танҳо пардохтҳои зиддибуҳронӣ дар як сол 35 миллиард доллар ва пардохтҳои мустақим 9,5 миллиард долларро ташкил медиҳанд, хароҷоти умумие, ки қонуни нав пешбинӣ кардааст 182,8 миллиард долларро ташкил медиҳад, ки ин 78% (80 миллиард доллар) нисбат ба солҳои пеш зиёд аст. Маблагҳое, ки барои дастгирии давлатӣ ҷудо карда мешаванд, беш аз 2 маротиба зиёд гардиданд. Дар 8 соли оянда даромади софи фермерон ба 4,5 миллиард доллари амрикоӣ афзоиш меёбад ва тақрибан 85%-и он тавассути дастгирии сатҳи оптималии нархҳо ба даст меояд ва боқимонда ба ҳифзи муҳити зист сармоягузорӣ карда мешаванд*» [6,с.13].

Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ доир ба масъалаҳои кишоварзӣ аз ҳисоби маблағҳои ҷудогонаи ҳукумат гузаронида мешавад. Аз ҳамин ҳисоб маблағгузории навовариҳои илмие, ки барои татбиқи амалӣ дар ҳар як хоҷагии фермерӣ тавсия дода мешаванд, пешбинӣ мегардад. Татбиқи машваратҳои илмӣ ба фермер ҳуқуқи гирифтани қарзи имтиёзнокро медиҳад.

Дар солҳои 90-ум, дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути сармоягузории буҷетӣ, ҷудо кардани маблағҳои буҷети давлатӣ барои маблағгузории хароҷот дар соҳаи зироаткорӣ, хоҷагии ҷангал, моҳипарварӣ, чорводорӣ ва обёрӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ ва техникӣ, инчунин, тавассути ташкили фондҳои гуногун барои мусоидат намудан барои инкишофи истеҳсолот амалӣ мегардид. Кӯшишҳои сармоягузорони ҳукумати маҳаллӣ ва хоҷагиҳои коллективии деҳот барои сармоягузорӣ ба пойгоҳҳои моддию техникии минтақавӣ равона карда шудаанд. Тибқи хисобҳои иқтисоддони чинӣ, «*бо мақсади таъмин намудани афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба андозаи 4% дар як сол зарур аст, ки ҳиссаи сармоягузорӣ ба сохтмони асосии (капиталии) деҳот на камтар аз 10% -и сармоягузориҳои буҷетӣ, 25% буҷетҳои вилоятӣ бошад*» [4,с.11].

Дар ин маврид ба тақсимоти даромади миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Тағйирот дар ҳиссаи сармоягузорӣ бошад, бештар дар соҳаи кишоварзӣ ва саноат ба вуҷуд омад ва кам кардани сохтмони баъзе иншооти саноатӣ ба нақша гирифта шуд. Вазифаи асосӣ ҳавасмандгардонии деҳқонон буд ва ҳукуматҳои маҳаллӣ сармоягузориро ба соҳаи кишоварзӣ афзоиш доданд. Давлат бошад, дар навбати худ, сармоягузории асосиро ба соҳаҳое пешниҳод мекунад, ки ба соҳаи кишоварзӣ хизмат мерасонанд. Ҳамин тавр, мо чунин мешуморем, ки давлат ба манфиати ҳамаи шаҳрвандони худ вазифадор аст, фишангҳои муҳимми идоракуниро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқавории кишвар роҳандозӣ намуда, ба пешрафти илмию техникӣ ва фаъолияти муътадили тамоми соҳаҳои иқтисодиёт мусоидат кунад. Ҳамзамон, нақши давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ

дар амри ба таври возеҳ муқаррар кардани ваколатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти дахлдори иҷроия ва иқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар Англия, хоҷагиҳои деҳқонии миёна дар ҳудуди масоҳати замини мавриди истифода қарордоштаи тақрибан 70 гектар тақсим карда мешаванд. Ҳамзамон, дар ихтиёри шумораи умумии хоҷагиҳо тақрибан 405 қитъаи замин, ки аз 100 га зиёд нест, қарор дорад. Аксар вақт фермаҳои бритониёӣ – ин як тиҷорати оилавӣ мебошад, ки шумораи кормандон ҳамагӣ 1-5 нафарро ташкил медиҳад [3,с.163-166].

Сарфи назар аз рушди истеҳсоли маҳсулоти асосии зироат ва чорводорӣ, фермерҳои бритониёӣ ҳамеша саъй мекунанд, ки пешбурди иқтисодиёти бисёрҷониба ё омӯзиши якчанд намуди фаъолиятро ба роҳ монанд. Ин ба зарурати ноил шудан ба суботи молиявӣ, гардиши ягонаи сармоя ва кам кардани хатари нокомии эҳтимолӣ ҳангоми сарукор доштан бо монополияҳо вобаста аст.

Кишоварзӣ дар Англия ва Шотландия дорои фарҳанги олии кишоварзӣ мебошад, ки дар онҳо технология дар аксари минтақаҳо бартарӣ дошта, имкон медиҳад механизми баланди равандҳо бо миқдори ками хароҷот ва истифодаи сарфакоронаи сӯзишворӣ ба роҳ монда шавад. Дар аксар ҳолатҳо деҳқонон соҳиби замини худ ҳастанд, вале онҳо мудири тиҷорати худ низ мебошанд. Зимнан, онҳо бидуни хизматрасониҳои шумораи зиёди ширкатҳо ва созмонҳои маркетингӣ ва консалтингӣ кор карда наметавонанд.

Аз тамоми маҷмуи ин гуна хизматрасониҳо ҷудо кардани идоракунии берунае, ки ширкати идоракунанда тавассути менеҷерони худ иҷро мекунад, зарур аст. Ин усули идоракунӣ рӯз аз рӯз васеътар шуда истодааст, зеро ширкати идоракунанда ба деҳқон имкон медиҳад, ки натиҷаҳои нисбатан баландтар ва устувортар ба даст орад, гарчанде ки хоҷагӣ бояд то 30% фоидаи худро барои ин хизматрасонӣ пардохт намояд.

Ба ғайр аз мудирияти соф, ширкати идоракунӣ метавонад сармояи кории худро истифода барад. Дар ин ҳолат, деҳқон аксар вақт даромади муқарраркардаи шартномаро мегирад, аммо ҳатто дар ин сурат, фермер нисбат ба идоракунии мустақил ва истифодаи танҳо захираҳои худ фоида ба даст меорад. Ягон ширкати хизматрасонӣ ё хизмартасонии машваратдиҳӣ наметавонад мушкилиҳои ворид шудан ба бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва таъминоти муассири хонаводаҳоро бо сӯзишворӣ, нуриҳо ва ғайра ҳал кунад.

Ин муамморо ташкилотҳои гуногуни фермерон, аксар вақт дар шакли кооперативҳо (тибқи қонуни Британиё) ҳал мекунанд. Онҳо на фонди калони оинномавӣ ва на сармояи корӣ доранд, фоидаи пурра бошад, байни муассисон - фермерҳо тақсим карда шудааст. Ҳар як деҳқон дар ин ҷо то чанд фунт ҳисса дорад ва кооперативро шурои директорон ва директори иҷроия, ки аз ҷониби Шуро таъин шудааст, идора мекунанд. Дар айни замон, кооперативҳо аз рӯйи принсипи махсусгардонидашуда таъсис дода мешаванд - маркетинг, маҳфилҳои таъминотӣ ва мошинсозӣ. Рақобати шадид барои ҷалби иштирокчиёни нав кооперативҳоро маҷбур месозад, ки доираи фаъолияташонро аз доираи тахассуси муқаррарӣ берун бароранд.

Дар Британияи Кабир тамоюли шиддат ёфтани рақобат байни бонкҳои калон барои бозори молиявӣ дар соҳаи кишоварзии кишвар ба назар мерасад. Бонкҳо сиёсати худ ва усулҳои корро ба таври назаррас тағйир доданд ва дар натиҷаи омӯзиши бозори молиявии хоҷагиҳои фермерӣ чунин муаммоҳо муқаррар карда шуданд [3,с.163-166]:

- дар кишвар миқдори ками бонкҳо мавҷуданд, ки вазъро дар соҳаи кишоварзӣ комилан назорат мекунанд ва дар тағйирёбии онҳо тамоюлҳо мавҷуданд;
- консепсияи идоракунии молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ вуҷуд надорад;
- хоҷагии фермерӣ як намуди боэътимоди тиҷоратест, ки барои маблағҳои сармоягузорӣ хатари кам дорад.

Бонкҳо дар сохтори худ шуъбаи нави идоракунии молиявӣ - кишоварзиро ҷорӣ намуданд. Дар ин ҷо, ҳар як менеҷер мустақиман бо муштарӣ - фермер кор мекунад, мустақилона таърихи қарз ва сатҳи идоракунии худро дар хоҷагии шахсии худ баҳо медиҳад. Илова бар ин, менеҷменти молиявии бонк имконият дорад тамоми нишондиҳандаҳои гардиш, захираҳои молиявӣ ва аудитро омӯзад, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, талаботи воқеии мизоҷро ба захираҳои молиявӣ арзёбӣ кунад.

Бонк ба фермерон як қатор хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод мекунад, аз ҷумла қарзҳои кӯтоҳмуддат (то 5 сол), қарзҳои дарозмуддати сармоягузорӣ барои сохтмони биноҳои таъиноти умумӣ (то 10 сол) ва таъиноти махсус (то 7 сол).

Барои ба даст овардани замин фермер метавонад ба муҳлати 25 сол қарзи дарозмуҳлати сармоягузорӣ ба даст орад. Бонк ба таълими менеҷерони нави молиявӣ бо истифода аз вазифаҳои амалӣ ва таҷриба дар таҳияи бизнес-нақша ва банақшагирии буҷаҳои хоҷагиҳои муайян диққати зиёд медиҳад.

Қарзи кишоварзӣ як омили таъсирбахши рушди соҳаи кишоварзӣ, тағйироти сохтории он ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Он қарздиҳии вазнин ва маблағгузории бебозгашт аст, ки дар кишварҳои саноатӣ ҳамчун роҳи асосии таъсири молиявӣ ба соҳаи кишоварзӣ эътироф карда мешавад. Бисёре аз барномаҳои дастгирии давлатии молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар шакли қарз мебошанд. Қарздиҳӣ ҳамчун як омили ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои хусусии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии ӯ ба шумор меравад.

Вақтҳои охир дар кишварҳои пешрафтаи саноат нисбати қарздиҳӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар марҳилаи ташаккулёбии он таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Қариб дар ҳама ҷо қоидаҳои махсуси қарздиҳӣ ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ вуҷуд доранд ва низомҳои қарздиҳӣ асосан ба муассисаҳои махсуси молиявию қарзии давлатӣ такя мекунанд.

Таҷрибаи дастгирии давлатии молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар кишварҳои рушдкарда нишон медиҳад, ки новобаста аз сатҳи рушди иқтисодӣ ба бахшҳои гуногуни кишоварзӣ кумаки молиявии калони давлатӣ ба аҳолӣ расонида мешавад, ки ҳадафи ниҳоии он таъмин кардани аҳолӣ бо маҳсулоти дорои нархҳои қобили қабул ва то ҳадди имкон фароҳамсозии шароит барои даромаднокии муътадили истеҳсолӣ мебошад. Деҳқонон, иҷорагирон, хоҷагиҳо, кооперативҳои кишоварзӣ дар бисёр риштаҳои иқтисодӣ бо муассисаҳои давлатӣ алоқаманданд ва ин муносибатҳо мунтазам такмил меёбанд. Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ чунин қарорҳо қабул намекунад, ки он деҳқонро фавран дар вазъияти номусоид гузорад. Албатта, ин ба он хоҷагиҳое, ки самаранокии паст доранд, дахл надорад.

Қонунҳои кишварҳои ғарбӣ барои таъмини пардохти қарзи кишоварзӣ шароити нисбатан сахтро пешбинӣ мекунанд. Гарав ё гузашт кардани ҳуқуқ ба як қисми муайяни амволи манқул ё ғайриманқул анъанавӣ аст (шартномаҳо оид ба хариду фурӯш ё супоридани қарз, ба гарав гузоштани зироат хеле маъмуланд). Илова бар ин, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, давлат тавассути қонунгузорӣ ҳуқуқи огоҳиномаи оммавӣ оид ба фурӯши гарав ва инчунин, тартиботи гуногуни ситонидани қарзро бидуни мурофиаи судӣ пешбинӣ кардааст.

Талабот ба қарзҳои кишоварзӣ дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ хеле баланд аст ва ин имкон медиҳад, ки фоизи қарз барои қарзи ипотека тақрибан 10% нигоҳ дошта шавад. Ҳамзамон, ба бозори сармоягузорӣ рақобати шадид хос мебошад, ки ба зиёд шудани муҳлати қарз оварда мерасонад, аммо дар навбати худ, ташкилотҳои қарзӣ барои истифодаи маблағҳои қарзӣ шароити сахттарро муқаррар мекунанд. Вақтҳои охир дар бисёр кишварҳо қарздиҳии кӯтоҳмуддати кафолатнок васеъ паҳн шудааст. Ҳамчун кафолати пардохти қарз, қарзгиранда ба ташкилоти қарзӣ вексел пешниҳод мекунад, ки пас аз он қарздиҳанда ҳуқуқ надорад бо усули фурӯши молу мулк қарз ва фоизашро ситонад, аммо ӯ ҳуқуқ дорад қарзро бо фоидааш бо тартиби судӣ ситонад.

Ҳоло бошад, мо таҷрибаи давлатҳои Осиёи Марказиро дар радифи дигар давлатҳои рушдкарда ҷаҳон низ дида мебароем. Дар Осиё Марказӣ аслан панҷ давлат: Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон воқеанд. Дар раванди таҳқиқот мо аз сомонаҳои расмии бонкҳои марказӣ ва дигар институтҳои давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ истифода намудем, лекин дар ҷараёни таҳқиқот дарёфти маълумотҳои омории Туркманистон ба мо муяссар нагашт (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2017-2021, млн. долл. ИМА**

**Table 1. Bank financing in the agricultural sector of Central Asian countries in 2017-2021, mln. dollar USA**

| Номи давлатҳо | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ӯзбекистон** | **I** | 6 100,99 | 12 918,35 | 14 805,31 | 12 141,69 | 15 339,19 | **+ 151,4** |
| | **II** | 1 655,59 | 2 208,09 | 1 477,95 | 1 791,77 | 1 949,98 | **+ 17,8** |
| **Қазоқистон** | **I** | 38 231 | 34 075 | 36 371 | 34 758 | 42 851 | **+ 12,1** |
| | **II** | 2 092 | 1 275 | 667 | 557 | 788 | **- 62,3** |
| **Қирғизистон** | **I** | 1565,6 | 1821,5 | 2091,0 | 1958,2 | 2138,2 | **+ 36,6** |
| | **II** | 324 | 355 | 371 | 390 | 417 | **+ 28,9** |
| **Тоҷикистон** | **I** | 783,9 | 710,6 | 791,2 | 787,9 | 77,1** | **- 90,2** |
| | **II** | 94,4 | 81,7 | 15,9 | 67,6 | 6,5** | **- 93,2** |
| **Ҳамаи қарзҳои бонкӣ** | **I** | **46681,64** | **49525,84** | **54058,41** | **49645,90** | **60405,89** | **+ 29,4** |
| | **II** | **4 165,71** | **3 919,21** | **2 531,34** | **2 806,44** | **3 161,54** | **- 24,1** |
| **Замима:** **I** – ҳамагӣ; **II** – аз ҷумла, кишоварзӣ. | | | | | | | |

Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки марказии Ӯзбекистон: https://cbu.uz/ru/statistics/; Сомонаи расмии Бонки миллии Қазоқистон: https://www.nationalbank.kz/ru/page/statistika; Сомонаи расмии Бонки миллии Ҷумҳурии Қиғизистон: https://www.nbkr.kg/index.jsp?lang= RUS; Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj/tj/statistics /statisticalbulletin.php.

Маълумоти оморӣ Тоҷикистон дар соли 2021 омори 9 моҳа мебошад.

Ҳаҷми умумии захираҳои ҷалбшудаи бонкӣ аз ҳисоби пасандозҳо дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2021 ба андозаи 369 916,64 млн. долл. ИМА баробар гардид. Аз ин нишондиҳанда 82,0% ба Ӯзбекистон, 17,0% ба Қазоқистон, 0,8% ба Қирғизистон ва 0,2% ба Тоҷикистон рост меояд. Таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ бозори хизматрасонии пасандозии бонкӣ дар Ӯзбекистон ва Қазоқистон рушд намудааст (ниг. ба расми 1).

**Расми 1. Ҳиссаи захираҳои бонкӣ аз ҳисоби пасандозҳо дар давлатҳои Осиёи Марказӣ барои соли 2021 (бо %)**

**Figure 1. The share of bank reserves from deposits in Central Asian countries for 2021 (in %)**




Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки марказии Ӯзбекистон: https://cbu.uz/ru/statistics/; Сомонаи расмии Бонки миллии Қазоқистон: https://www.nationalbank.kz/ru/page/statistika; Сомонаи расмии Бонки миллии Ҷумҳурии Қиғизистон: https://www.nbkr.kg/index.jsp?lang=RUS; Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бонкҳои тиҷоратӣ қисми зиёди захираҳои худро ба воситаи пешниҳоди қарз байни субъектони иқтисодӣ тақсим мекунанд. Ҳаҷми гардиши маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2021 ба 60 405,89 млн. долл. ИМА баробар гардид. Аз ин нишондиҳанда 15 339,19 млн. долл. ИМА ё 25,4% ба Ӯзбекистон, 42 851 млн. долл. ИМА ё 70,94% ба Қазоқистон, 2138,2 млн.

долл. ИМА ё 3,53% ба Қирғизистон ва 77,1 млн. долл. ИМА ё 0,13% ба Тоҷикистон рост меояд (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ барои солҳои 2017-2021 (бо млн. долл. ИМА)**
**Table 2. Bank financing for agriculture in Central Asian countries for 2017-2021 (in millions of US dollars)**

| Номи давлатҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017, (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ӯзбекистон** | 6 100,99 | 12 918,35 | 14 805,31 | 12 141,69 | 15 339,19 | **+151,4** |
| *- ба кишоварзӣ* | 1 655,59 | 2 208,09 | 1 477,95 | 1 791,77 | 1 949,98 | **+17,8** |
| **Қазоқистон** | 38 231 | 34 075 | 36 371 | 34 758 | 42 851 | **+12,1** |
| *- ба кишоварзӣ* | 2 092 | 1 275 | 667 | 557 | 788 | **-62,3** |
| **Қирғизистон** | 1565,6 | 1821,5 | 2091,0 | 1958,2 | 2138,2 | **+36,6** |
| *- ба кишоварзӣ* | 324 | 355 | 371 | 390 | 417 | **+28,9** |
| **Тоҷикистон** | 783,9 | 710,6 | 791,2 | 787,9 | 77,1** | **-90,2** |
| *- ба кишоварзӣ* | 94,4 | 81,7 | 15,9 | 67,6 | 6,5** | **-93,2** |
| **Ҳамаи қарзҳои бонкӣ** | **46 681,64** | **49 525,84** | **54 058,41** | **49 645,90** | **60 405,89** | **+29,4** |
| *- аз ҷумла, ба соҳаи кишоварзӣ* | **4 165,71** | **3 919,21** | **2 531,34** | **2 806,44** | **3 161,54** | **-24,1** |

Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки марказии Ӯзбекистон: https://cbu.uz/ru/statistics/; Сомонаи расмии Бонки миллии Қазоқистон: https://www.nationalbank.kz/ru/page/statistika; Сомонаи расмии Бонки миллии Ҷумҳурии Қиғизистон: https://www.nbkr.kg/index.jsp?lang=RUS; Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php.
Маълумоти омории Тоҷикистон дар соли 2021 омори 9 моҳа мебошад.

Аз ҷадвали 2 бармеояд, ки дар соли 2021 дар Осиёи Марказӣ аз 60405,89 млн. долл. ИМА қарзҳои пешниҳодшуда, 3 161,54 млн. долл. ИМА ё 5,2%-аш ба соҳаи кишоварзӣ тааллуқ дорад, яъне, аз ҳиссагузории мазкур Ӯзбекистон 3,2%, Қазоқистон 1,8%, Қирғизистон 19,5% ва Тоҷикистон 8,4%-и қарзҳои бонкиро ба соҳаи кишоварзӣ равона намудаанд. Тамоюли рушди маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар умум, рӯ ба таназзул аст. Масалан, суръати рушди қарзи бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар соли 2018 ба андозаи 5,9%, соли 2019 - 39,2%, соли 2020 - 32,6% ва соли 2021 - 24,1% нисбати соли 2017 кам шуда истодааст. Таъсири ҷиддиро дар нишондиҳандаҳои тамоюли пешниҳоди қарз ба соҳаи кишоварзӣ дар байни ин давлатҳо Қазоқистон ва Тоҷикистон гузошта истодааст. Бинобар ин, аз натиҷаи ин таҳлилҳо бармеояд, ки таваҷҷуҳи низоми бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар ин ду давлат кам ба назар мерасад. Натиҷаи рӯ ба таназзулёбии ҳаҷми қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзиро дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзии давлатҳои Осиёи Марказӣ дидан мумкин аст.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2021 ба 38 928,9 млн. долл. ИМА баробар гардид, ки аз инҳо 20502,4 млн. долл. ИМА ё 52,7% ба Ӯзбекистон, 12745,8 млн. долл. ИМА ё 32,7% ба Қазоқистон, 2910,5 млн. долл. ИМА ё 7,5% ба Қирғизистон ва 2770,3 млн. долл. ИМА ё 7,1% ба Тоҷикистон рост меояд (ниг. ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2017-2021 (бо млн. долл. ИМА)**
**Table 3. The volume of production of agricultural products of the Central Asian countries in 2017-2021 (in million US dollars)**

| Номи давлатҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021** | 2021/2017, (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ӯзбекистон** | 19010,8 | 23394,0 | 23588,2 | 24853,2 | 20502,4 | **+7,8** |
| **Қазоқистон** | 12487,5 | 12979,3 | 13458,3 | 15121,1 | 12745,8 | **+2,1** |
| **Қирғизистон** | 3026,2 | 2971,8 | 3155,8 | 3202,0 | 2910,5 | **-3,8** |
| **Тоҷикистон** | 3064,1 | 2823,1 | 2911,9 | 3257,9 | 2770,3 | **-9,6** |
| **Ҳамагӣ** | **37588,6** | **42168,2** | **43114,2** | **46434,2** | **38928,9** | **+3,6** |

Сарчашма: Сомонаи расмии Кумитаи омори байнидавлатии давлатҳои ИДМ: http://www.cisstat.com/
Маълумотҳои омории соли 2021 омори 9 моҳа мебошанд.

Тибқи нишондоди ҷадвали 3, аз ҳама суръати рушдёфтаи истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар Ӯзбекистон ва Қазоқистон ба назар мерасад, ки нишондиҳандаи ҳардуи ин давлатҳо дар соли 2021 таносуби 7,8% (Ӯзбекистон) ва 2,1% (Қазоқистон) нисбати соли 2017 мебошад. Аз рӯйи тамоюли рушди захираҳои молиявии бонкҳо ва истифодаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ ба кор бурдани таҷрибаи Ӯзбекистон ва Қазоқистон барои Тоҷикистон самараи бештар дода метавонад, чунки механизми дастгирии молиявии ин ду давлат ба соҳаи кишоварзӣ назар ба дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ натиҷаи мусбӣ ва назаррас доранд. Бинобар ин, таҷрибаи ин ду давлатро дар самти дастгирии давлатии молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ дида мебароем.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз механизми дастгирии молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ин додани имтиёзҳои андозӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Албатта, тибқи маълумотҳои сомонаи расмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Ӯзбекистон « *... дар Ӯзбекистон барои 22 соҳаи иқтисодиёт имтиёзҳои андоз пешбинӣ шудаанд, ки ин имтиёзҳо дар соҳаи кишоварзӣ низ татбиқ мегарданд. ... имтиёзҳои мазкур барои ҳамаи вилоятҳо татбиқ мегардад, ба ғайр аз шаҳри Тошкант ва вилояти Тошкант*» [8], чунки дар ин шаҳру вилоят инфрасохтори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бештар рушд намудааст. Бинобар ин, давлат ҳавасмандии молиявиро бештар ба шаҳру вилоятҳое, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзияш рӯ ба таназзул аст, таъмин менамояд.

Дар ин давлат, вобаста ба ҳаҷми ҷалби сармояи хориҷӣ ба корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ имтиёзҳои андозии мувофиқ дода шудааст. Масалан, агар ҳаҷми сармояи хориҷии ҷалбшуда ба корхона дар ҳудуди аз 0,3 млн. то 3 млн. доллари ИМА бошад, корхонаи мазкур аз супоридани андоз аз фоида, андоз аз амвол ва андози ягонаи соҳибкорӣ барои корхонаҳои хурд озод карда мешавад. Дигар имтиёзҳои андозӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. Имтиёзҳои андозӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Table 4. Tax benefits for agriculture in the Republic of Uzbekistan**

| Ҳаҷми сармоягузорӣ | Мухлати имтиёз | Озоднамои аз: |
|---|---|---|
| 0,3 млн – 3 млн | 3 сол | Андоз аз фоида<br>Андоз аз амвол<br>Андози ягонаи соҳибкорӣ барои корхонаҳои хурд |
| 3 млн – 10 млн | 5 сол | барои воридоти молу мулки худӣ ба корхонаҳои дорои сармояи хориҷӣ - на камтар аз 33% |
| Зиёда аз 10 млн | 7 сол | Андоз аз фоида |

Сарчашма: Сомонаи расмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Ӯзбекистон: https://www.agro.uz/ru/imtiyozlar/

Дар баробари ҳавасмандиҳои андозӣ аз ҷониби давлат боз дигар навъи ҳавасмандиҳо низ ба соҳаи кишоварзӣ дода шудаанд, аз ҷумла:

- таъмин намудани технологияи обёрии қатрагӣ ва пошидан дар заминҳои лалмӣ ва чарогоҳҳо (барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯроквори);
- қисман ҷубронкунии хароҷот аз ҳисоби буҷаи давлат барои ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф (обёрии қатрагӣ, обёрии обпошӣ, ҳамворкунии замин бо ёрии агрегатҳои ҳамворкунӣ);
- ба хоҷагиҳо ҷуброн кардани арзиши қувваи барқ, ки агрегатҳои насосӣ ва чоҳҳои обёрӣ сарф мекунанд;
- ҷуброни хароҷоти мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон, инчунин, таъмини бехатарии ҳосил дар ҳолатҳои фавқулода;
- ҷуброни хароҷоти фоизӣ барои хариди техникаи кишоварзӣ; қисман ҷуброни суғурта аз рӯйи шартномаҳои суғурта барои ҳосили оянда пахта ва ғалла;
- ҳавасмандгардонии гумрукӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва содироти маҳсулоти хӯроквори (субсидияҳо барои ҳамлу нақлиёт, фиристодани намунаҳо ба хориҷи кишвар, пӯшонидани хароҷоти маъракаҳои таблиғӣ дар хориҷи кишвар, ҷорӣ намудани стандартҳо ва гирифтани сертификатҳои мутобиқат).

Кишоварзӣ дар Қазоқистон як бахши хурди иқтисодӣ боқӣ мондааст. Саҳми кишоварзӣ дар ММД камтар аз 10% аст, «*яъне солҳои охир дар ҳудуди то 6,7% ба қайд*

*гирифта шуда, аз маҷмуи қувваи кории истифодашуда танҳо 20% қувваи кориро ташкил медиҳад. Дар баробари ин зиёда аз 70%-и замини мамлакат дар самти зироаткорӣ ва чорводорӣ банд гардидааст»* [8].

Бузургтарин ҳосили зироати кишоварзии Қазоқистон ин гандум аст, ки онро содирот мекунад. Қазоқистон дар истеҳсоли гандум дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол мекунад. Ба зироатҳои дорои аҳаммияти камтар ҷав, пахта, лаблабуи қанд, офтобпараст, зағир ва шолӣ дохил мешаванд.

Имрӯзҳо, ҳосилхезии заминҳои кишоварзии Қазоқистон назар ба замони шуравӣ кам шуданд. Ин раванд ба сикли истеҳсолии маҳсулот таъсири манфӣ мерасонад. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки тамоюли баъзе аз маҳсулотҳои кишоварзӣ низ рӯ ба таназзул аст. Масалан, «*дар соли 2011 Қазоқистон ҳосили рекордии 26,9 миллион тонна ғалла ба даст оварда, аз рекорди қаблии 21 миллион тонна дар соли 2009 гузашт. Дар соли 2012 Вазорати кишоварзии Қазоқистон бо сабаби хушк шудани ҳаво пешгӯии ҳосилро то 14 миллион тонна кам кард*» [16].

Моҳи феврали соли 2013 ҳукумати Қазоқистон дар ҷаласаи таҳти раёсати нахуствазир Серик Ахметов барномаи нави соҳавии рушди комплекси агросаноатӣ барои солҳои 2013-2020 «Агробизнес - 2020»-ро тасдиқ кард [1]. Барномаи «Агробизнес-2020» ба рушди чаҳор самт: солимгардонии молиявӣ, баланд бардоштани дастрасии маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ барои субъектҳои бахши агросаноатӣ, рушди низоми давлатии дастгирии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлатии комплекси агросаноатӣ нигаронида шудааст.

Дар доираи Барномаи агробизнес 2020 ҳукумати Қазоқистон бастаи ҳавасмандкунӣ - қоидаҳои субсидияи кӯшишҳо барои барқарорсозии ширкатҳои кишоварзиро дар моҳи апрели соли 2014 тасдиқ кард. Дар нимсолаи аввали соли 2014 барои ин мақсадҳо «*ба бонкҳои сатҳи дуюм 140 миллиард тенге (770 миллион доллар)*» [7] ҷудо гардид. Муҳаққиқони ватании ин кишвар бар он ақидаанд, ки «*танҳо субсидияҳои сармоя метавонад ба ҳалли мушкилоти рушди кишоварзии Қазоқистон мусоидат кунад. Ба ҷои ин, ислоҳоти густурдаи институтсионалӣ, аз қабили такмили системаи маорифи деҳот ва интиқоли қудрати сиёсӣ ба дасти тасмимгирандагони маҳаллӣ тавсия дода мешавад*» [7].

Дар соли 2016 Вазорати кишоварзии Қазоқистон барномаи таъмини маблағгузорӣ ба кооперативҳоро оғоз кард, ки ба хоҷагиҳо дар хариди таҷҳизот, нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулот, хизматрасонии байторӣ, ташкили маводи ғизоӣ ва агрохимиявӣ ва додани қарзҳои имтиёзнок кумак мерасонанд. Ин барнома «*ба 157 кооператив имконият дод, ки ба 15 ҳазор хоҷагӣ ёрӣ расонанд. Дар кооперативҳо зиёда аз 100 нуқтаи қабули шир ва 7000 базаи хӯроки чорво ташкил карда шуд*».

Дар соли 2013 Вазорати кишоварзии Қазоқистон нақшаи генералии «Ба эътидол овардани бозори ғалла»-ро нашр кард. Ин нақша барномаи агробизнес-2020-ро дастгирӣ мекард ва дар он вазорат ҳадафҳо ва дурнамои истеҳсол, истеъмол ва содироти ғалларо барои солҳои 2013-2020 муқаррар кард. Якчанд тамоюлҳои калидӣ, ки дар ин пешгӯйиҳо нишон дода шудаанд, аз инҳо иборатанд [17]:

• вазорат пешбинӣ мекунад, ки майдони кишти ҳамаи зироатҳои ғалладона дар ин давра нисбатан устувор буда, андаке кам мешавад;

• гузашти назаррас аз гандум пешбинӣ шудааст: майдони кишти гандум 2 миллион гектар (14%) аз 13,5 миллион гектари соли 2012 то ба 11,5 миллион гектар дар соли 2020 коҳиш меёбад;

• интизор меравад, ки қисми зиёди ин майдони камшуда ба истилоҳ «зироатҳои хӯроки чорво» асосан ба ғаллаҳои хӯроки чорво иваз карда шуда, дар соли 2020 майдони онҳо 1,5 миллион гектар (53%) аз 2,8 миллион гектар ба 4 ё 3 миллион гектар афзоиш меёбад.

Дар соли 2021 барои татбиқи барномаи субсидияҳои сармоягузорӣ 104,4 миллиард тенге (201,6 млн. долл. ИМА) пешбинӣ гардида буд, вале иҷроиши ин лоиҳаҳо дар сатҳи маҳаллӣ 104,3 миллиард тенге (201,45 млн. долл. ИМА)-ро ташкил дод, ки ин имкон дод, то ба 24 ҳазору 189 лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ субсидия дода шуда, 20 ҳазору 183 ҷойи корӣ таъсис гардад [5].

Аз ин таҳлили вазъи барномаи субсидияҳои сармоягузориҳо дида мешавад, ки Қазоқистон як қисми зиёди сармояи ҷалбгардидаро дар самти кишоварзӣ истифода менамояд. Албатта, механизми ҷалбкуниҳои захираҳои молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ бараъло айён аст. Аз ин лиҳоз, истифодаи чунин як таҷриба барои Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси боз ҳам рушд ёфтану беҳтар шудани вазъи соҳаи кишоварзӣ мегардад.

Рушди қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ дар ҷаҳон на танҳо ба пайдоиши ташкилотҳои маблағгузории соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуд, балки ба ташаккули низоми пурқуввате, ки суръат ва сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, банақшагирии сармоягузорӣ дар миқёси миллиро муайян менамояд, оварда расонд. Ҳамзамон, аз як тараф, нақши вазоратҳои кишоварзӣ дар кафолати пардохтҳои қарзӣ афзуда, аз ҷониби дигар кам шудани иштирок дар қарздиҳии кишоварзии фондҳои давлатӣ ба мушоҳида расид.

Ҳамин тавр, таҷрибаи хориҷии соҳаи кишоварзӣ аз ташвиши ҳамешагии мақомоти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити иқтисодӣ ва моддию техникӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ки барои аҳолии кишвар заруранд, шаҳодат медиҳад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Гулаков У.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Агрозоны рядом с селами создадут в двух районах Мангистауской области - ElDala.kz. *ElDalakz* (1 июня 2020). Дата обращения: 9 сентября 2020.
2. Акрамов, Ш. Привлечение зарубежных инвестиций для развития сельского хозяйства / Ш. Акрамов, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Чабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. -№2/8(149). -С.273-276.
3. Джоробаева М.А. Кредитование аграрного сектора в зарубежных странах] / М.А. Джоробаева // Журнал научных публикаций «Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук». - 2016. -№7(89). -Часть 1. -С.163-166.
4. Жигулева В.В. Реформа системы кредитования сельского хозяйства Китая / В.В. Жигулева // Банковское кредитование. –М., 2008. -№1-2. –С.11.
5. Итоги развития сферы сельского хозяйства за 2021 год и планы на предстоящий период. [Электронный ресурс]. URL: https: //www.primeminister.kz /ru/news/reviews/itogi-razvitiya-sfery-selskogo-hozya ystva-za-2021-god-i-plany-na-predstoyashchiy-period-22422
6. Палушкина Т.М. Современная система государственного регулирования аграрной сферы экономики в развитых странах запада / Т.М. Палушкина. -М., 2008. -С.13.
7. Перейти обратно:1 2 Tengrinews, Tengrinews.
8. Сельское хозяйство Казахстана. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki
9. Сомонаи расмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Ӯзбекистон: [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.agro.uz/ru/imtiyozlar/
10. Султонби, Р. Упорядочение землепользования налоговых платежей в средней Азии в IX-XX вв / Р. Султонби, А.К. Курбонов // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. – 2016. -№5(17). -С.190-193.
11. Умаров Х.У. Пути совершенствования процессов минимизации финансовых рисков в Республике Таджикистан / Х.У. Умаров, И.Р. Иброхимов, Д.Д. Боймуродов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№10. –часть 1. -С.136-143.
12. Хушвахтзода К.Х. Роль банковского кредитования в развитии малого сельскохозяйственного бизнеса / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№7. -С.35-41.
13. Хушвахтзода Қ.Х. Сиёсати давлатии дастгирии сармоягузории кишоварзӣ дар мамлакатҳои пешрафта / Хушвахтзода Қ.Х., И.Р. Иброҳимов, Ф.Б. Сайдаҳмадов // Паёми молия ва иқтисод. - 2020. -№2(22). -С.14-20.
14. Шарипов Б.М. Проблемы развития банковской системы Таджикистана в условиях углубления интеграции финансовых рынков / Б.М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2014. -№2/2(131). -С.31-39.
15. Шукуров Б.У. Анализ состояния валового сбора сельскохозяйственных культур дехканских (фермерских) хозяйств Республики Таджикистан, пути обеспечения их конкурентоспособности / Б.У. Шукуров, К.Х. Барфиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - 2012. -№2/2(83). -С.14-19.
16. Kazakhstan Maintains Grain Export Levels, Satrapia (21 июля 2012). Дата обращения 21 июля 2012.
17. USDA снизило прогноз мирового производства и экспорта пшеницы - ElDala.kz. *ElDalakz* (10 апреля 2020). Дата обращения: 9 сентября 2020

**МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ БОНКӢ БА СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ**

Дар мақолаи мазкур маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Низоми самарабахши иқтисодии хоҷагидории хориҷӣ тули даҳсолаҳо ташаккул ёфтааст. Имрӯзҳо раванди пайвастаи васеъ гардидани хоҷагиҳо аз ҳисоби пора шудан ва харобшавии хоҷагиҳои хурду миёна идома дорад. Истеҳсоли маҳсулотҳои калонҳаҷми кишоварзӣ дар хоҷагиҳои хурд бешубҳа бартарӣ дорад, ин яке аз қонунҳои асосии иқтисодиёт мебошад. Хоҷагиҳои калон аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахшанд ва аз технологияҳои муосир самаранок истифода мебаранд. Рушди қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ дар ҷаҳон на танҳо ба пайдоиши ташкилотҳои маблағгузории соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуд, балки ба ташаккули низоми пурқуввате, ки суръат ва сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, банақшагирии сармоягузорӣ дар миқёси миллиро муайян менамояд, оварда расонд.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, буҷети давлатӣ, сармоягузории мустақим, қарзи давлатӣ, дотатсия, субсидия, сармоягузории ғайримустақим, субвенсия.

**БАНКОВСКОЕ ФИНАНСИРОВАНИЕ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ**

В данной статье рассматривается банковское финансирование сельского хозяйства в странах Центральной Азии. Эффективная экономическая система зарубежной экономики формировалась десятилетиями. Сегодня процесс непрерывного расширения фермерских хозяйств продолжается за счет дробления и разрушения мелких и средних фермерских хозяйств. Производство крупной сельскохозяйственной продукции в мелких хозяйствах, безусловно, превосходит, - это один из основных законов экономики. Крупные фермы экономически эффективны и эффективно используют современные технологии. Развитие аграрного кредитования в мире не только способствовало появлению организаций финансирования сельского хозяйства, но и привело к формированию мощной системы, определяющей скорость и уровень развития сельскохозяйственного производства, инвестиционного планирования в национальном масштабе.

**Ключевые слова:** инвестиции, государственный бюджет, прямые инвестиции, государственный долг, грант, субсидия, косвенные инвестиции, субсидия.

**BANK FINANCING FOR AGRICULTURE IN CENTRAL ASIA COUNTRIES**

This article examines bank financing of agriculture in Central Asian countries. An effective economic system of a foreign economy has been formed over decades. Today, the process of continuous expansion of farms continues due to the fragmentation and destruction of small and medium-sized farms. The production of large agricultural products in small farms is certainly superior - this is one of the basic laws of economics. Large farms are cost effective and use modern technology effectively.The development of agricultural lending in the world not only contributed to the emergence of agricultural financing organizations, but also led to the formation of a powerful system that determines the speed and level of development of agricultural production and investment planning on a national scale.

**Keywords:** investments, state budget, direct investments, public debt, grant, subsidy, indirect investments, subsidy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатов Наврӯз Амиршоевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ кафедраи молия ва суғурта. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **navruz.davlatov.1995@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987-54-52-53**

**Сведения об авторе:** ***Давлатов Навруз Амиршоевич*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **navruz.davlatov.1995@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987-54-52-53**

**Information about the author:** ***Davlatov Navrz Amirshoevich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **navruz.davlatov.1995@mail.ru.** Phone**: (+992) 987-54-52-53**

ТДУ: 351.813.1

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ МЕҲНАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Иноятова М.З.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, инсоният ба проблемаҳои нав дучор гардидааст ва пайваста кӯшиш менамояд, ки роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ намояд. Махсусан дар самти бозори меҳнат ва таъмини шуғли аҳолӣ диққати асосӣ дода мешавад. Бо рушди муносибатҳои иҷтимоӣ ва инкишофи технологияи муосир, проблемаи таъмини аҳолӣ ба ҷои кор, кам кардани сатҳи бекорӣ, инчунин, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ мавзуи асосӣ дар омӯзиши олимону мутахассисон қарор дода шудааст.

Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёт мавқеи инсонро дар бозори меҳнат, пеш аз ҳама, сатҳи дониш, малака, маҳорат ва кордонии он муайян менамояд. Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии одамон дар шароити муосир, ин тарзи зиндагонӣ, муҳити зист, муҳити экосистемавӣ, коллективи меҳнатӣ ва умуман самараи иҷтимоӣ меҳнатии одамонро муайян мекунад. Аз ин рӯ нақши инсон дар рушди иқтисодиёт беандоза муҳим мебошад. Асосан инсоният тавассути меҳнати бо сифат ва ғояҳои инноватсионии худ иқтисодиётро рушд ва ташаккул медиҳад.

Дар робита бо ин, метавон қайд намуд, ки дар шароити дигаргуниҳои куллӣ, дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, дар соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ дигаргуниҳои муҳимтарин ба амал меоянд, ки дар аксар мавридҳо дар байни субъектҳои асосии ин муносибатҳо мухолифатҳо ҷой дорад. Баъзан ҳолатҳо муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт зери танқид қарор дода мешавад. Чунин ҳолат ба он хотир рух медиҳад, ки анъанаҳои идоракунии пешина қисман ҳоло ҳам ҳукмфармо мебошад. Бояд низоми содакардашудаи идоракунӣ ва натиҷагирии фаъолият ба роҳ монда шавад. Айни замон зарурати ташаккул ва рушди низоми нави муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро ба роҳ мондан лозим аст, ки дар фаҳмиши муосир ҳамчун объекти таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шавад.

Масъалаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ҳангоми рушди истеҳсолоти молӣ ба миён омадааст, ки дар натиҷа соҳибкорони истеҳсолӣ ва хизматчиён ҳамчун субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ муайян карда шуданд. Дар ин ҷо манфиати тарафҳо дар соҳаи иҷтимоиёт ва меҳнат бо ҳам дар як мувофиқа қарор дода намешуд. Яъне, дар аксар маврид ихтилофҳо ба вуҷуд меомад. Аз ин рӯ, лозим буд, ки механизми ҳамоҳангсозӣ ҷиҳати рафъи ихтилофи онҳо коркард ва ба роҳ монда шавад. Қаблан механизм дар шакли стихиявӣ ба вуҷуд омада буд, ки бо муборизаи коргарон барои кам кардани давомнокии рӯзи кор ва зиёд кардани музди кор маҳдуд мешуд.

Фаъолияти меҳнатии одамон асоси пешравии ҳар як ҷамъият ба шумор меравад. Яке аз унсурҳои муҳимтарини низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар дилхоҳ кишвар новобаста аз шакли идоравиаш ба муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманд мебошад. Муносибатҳои меҳнатие, ки аз ҷониби кормандон ва корфармоён дар дилхоҳ ташкилот ба роҳ монда мешаванд, таъсири худро ба рушд ва ё таназзули он расонида метавонанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки муносибатҳои меҳнатӣ на танҳо ба сатҳи иҷтимоии мамлакат, балки ба вазъияти иқтисодиёти он таъсири сахт мерасонад.

Шахс ҳамчун субъекти бисёрҷанба ва бисёрмақоми муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба ҳисоб рафта, фароҳам овардани шароити мусоид ва зарурӣ барои рушди он вазифаи мураккабтарин дар ҷамъият мебошад. Аз ин рӯ, таъкид бояд намуд, ки ташаккули муносибатҳои ҳақиқатан инсондустии меҳнатӣ метавонанд ба рушди фирмаҳо ё ширкатҳо мусоидат намоянд. Далели ин гуфтаҳо фаъолияти фирмаҳои пешқадами Ғарб шуда метавонанд, ки ба комёбиҳои ҷиддӣ ноил гардидаанд.

Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ чунин муносибатеро дар назар дошта мешавад, ки байни одамон ва гурӯҳҳои алоҳидаи онҳо дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд, ё ин ки одамон бо мақсади танзими фаъолияти меҳнатӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ онро ба роҳ мемонанд. Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо мақсади танзими

сифати меҳнат, шароити мусоид, таъмини шуғли сабз ба вуҷуд меоянд ва бо мурури замон инкишоф меёбанд.

Мутобиқи моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «…муносибатҳои меҳнатӣ - муносибати байни корманд ва корфармо, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ба вуҷуд меоянд, дар назар дошта мешавад» [4].

Истилоҳи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ки имрӯз дар адабиётҳои илмӣ хиле зиёд мавриди истифода қарор дорад, дар мавриди аз нуқтаи назари низоми муносибатҳои меҳнатӣ баҳогузорӣ намудани он ҳамзамон, муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошанд.

Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро ҳамчун низом аз рӯйи ду шакл ҷудо намудан мумкин аст:

1. Дар асл, муносибатҳои меҳнатӣ, ки дар сатҳҳои объективӣ ва субъективӣ амал мекунанд (яъне, ҳолате дар назар дошта шудааст, ки иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ бо ҳамдигар чӣ муносибат мекунанд).

2. Муносибатҳои ҳуқуқии иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, ки дурнамои муносибатҳои воқеии меҳнатиро дар сатҳи институтсионалӣ, қонунгузорӣ ва меъёрӣ инъикос мекунанд.

Бояд қайд намоям, ки дар равандҳои меҳнат ҷанбаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва психологии муносибат байни одамон ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоии онҳоро муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ тавсиф мекунад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкинаст, ки муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ хусусияти субъективӣ дошта, кулли манфиати субъектҳои ин муносибатҳоро инъикос мекунанд. Яъне, мафҳуми муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ васеътар буда, на танҳо ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, балки ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва равонии раванди меҳнатро низ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, дар назарияи олимони ватанӣ ва хориҷӣ рушди моҳияти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар ҷараёни ташакклёбӣ қарор дорад ва қисме аз субъектҳои он аллакай ташаккул ёфтаанд. Таҳлили вазъи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар самтҳои асосии зерин сурат мегирад: субъектҳо, предметҳо, намудҳо.

Ба субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дохил мешаванд:

1. шахси воқеӣ-корманд;
2. корфармо, корхона, фирма ё соҳибкор;
3. давлат.

Шахси воқеӣ ё корманд чунин шахсе дар назар дошта мешавад, ки вай мустақилона бо корфармо ё кордиҳанда барои иҷрои кори муайян, ки ба тахассуси он мувофиқат менамояд, шартномаи меҳнатӣ бастааст. Иттифоқҳои касаба дар навбати худ пас аз бастани шартномаи меҳнатии корманд бо корфармо, манфиатҳои кормандро ҳимоя менамояд.

Корфармо ё кордиҳанда шахсе мебошад, ки дорои ҳаҷми кори муайян буда, як ё якчанд коргаронро барои иҷрои кор ҷалб мекунад. Корфармо ҳамчун соҳиби воситаҳои истеҳсолот ё намояндаи онҳо метавонад баромад кунад.

Иттифоқи касаба барои ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кормандон ё озодии кормандони соҳаи муайяни фаъолият таъсис дода мешавад. Муҳимтарин самтҳои фаъолияти иттифоқҳои касаба, таъмин намудан бо кор, шароит ва музди меҳнат мебошад.

Давлат ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар вазифаҳои зерин баромад мекунад: қонунгузор, ҳимоятгари ҳуқуқи шаҳрвандон ва ташкилотҳо, корфармо, миёнарав ва ҳакамӣ оид ба баҳсҳои меҳнатӣ баромад мекунад. Аз тарафи дигар, давлат низ корфармо буда метавонад.

Инчунин бояд қайд намуд, ки дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ вобаста ба предмети он се сатҳ вуҷуд доранд:

- инфиродӣ, вақте ки корманд ва корфармо дар комбинатсияҳои гуногун ҳамкорӣ мекунанд;
- гурӯҳе, ки ассотсиатсияҳои кормандон ва иттиҳодияҳои корфармоён ҳамкорӣ мекунанд;

- омехта, вақте ки кормандон ва давлат, инчунин корфармоён ва давлат ҳамкории мутақобиларо ба роҳ мемонанд.

Асоси моҳияти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар навбати худ метавонад ҷанбаҳои гуногуни меҳнати шахсии инсонро ба монанди: худмуайянкунии меҳнат, самти касбӣ, ба кор қабул кардан ва аз кор озод кардан, такмили ихтисос, рушди иҷтимоӣ-психологӣ, таълими касбӣ ва тарбияи шахсӣ, баҳодиҳии меҳнат, пардохти музди он ва ғайраҳоро дар бар гирад.

Маҷмуи падидаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҳамчун **субъекти** муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ мавриди амал қарор доранд, ба се самт ё се блоки нисбатан мустақили зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

1) муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии шуғл;

2) муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ вобаста ба ташкил ва самаранокии меҳнат;

3) муносибатҳои иҷтимоию меҳнатие, ки вобаста ба пардохти музди меҳнат ба миён меоянд.

Дар воқеъ ин се самт ё гурӯҳи зикргардида ба фаъолияти меҳнатии инсоният зич алоқаманд буда, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии одамонро вобаста ба шуғл, ташкили ҷараёни меҳнати босифат, самаранокии фаъолияти меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии кормандон тавассути пешниҳод намудани музди меҳнат мавриди амал қарор медиҳад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар назарияи илми муосир объекти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ аз рӯи ҳадафҳое муайян карда мешавад, ки одамон дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти меҳнатии худ барои ба даст овардани онҳо кӯшиш мекунанд.

Таҳлили вазъи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ вобаста ба намудҳо шаклҳои психологӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии муносибатҳоро дар раванди фаъолияти меҳнатӣ тавсиф мекунанд.

Дар робита бо ин, мехоҳам оид ба намудҳо ё хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятию меҳнатӣ, ки вобаста ба усули танзими онҳо дар асоси принсипҳо гурӯҳбандӣ карда шудаанд, ибрози андеша намоям.

Патернализм - ин як шакли бартаридоштаи давлат дар танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатие мебошад, ки патернализми давлатӣ ном мебаранд. Ҳамзамон, патернализм дар сатҳи ташкилоту корхонаҳо низ ҷиҳати танзими қатъии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ташаккул меёбад. Дар ин самт бештар ширкатҳои ҷопонӣ фаъол мебошанд. Роҳбарияти ширкатро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани сифати кор ва ҳосилнокии меҳнат, пеш аз ҳама, барои кормандон шароити мусоиди кориро муҳайё созад ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дуруст ба роҳ монад. Масалан, аз байн бурдани фаъолияти пасивии кормандон дар фаъолияти меҳнатӣ, пешгирӣ ва паст намудани сатҳи даъво ё низоъ дар ширкат, аҳаммият додан ба сатҳу сифати зиндагии кормандон ва ғайраҳо. Яъне, бояд ғамхории давлат ва ё роҳбарияти ширкат нисбат ба эҳтиёҷоти аҳолӣ ба амал бароварда шавад.

Тибқи моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷчикистон «…Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [6]. Дар робита бо ин, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста амалҳои хайр ва ғамхорӣ нисбат ба табақаҳои ниёзманди аҳолӣ анҷом дода мешавад.

Дар кишварҳои рушдкардаи иқтисоди бозаргонӣ, ки сиёсати иҷтимоиро пеша намудаанд, шакли бартаридоштаи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар айни замон, шарикии иҷтимоӣ дар шакли дупартиявӣ ва сетарафа мебошад.

Ҷараёни ташаккули шарикии иҷтимоӣ дар мамлакатҳои рушдкарда аслан гузариши пайваста аз муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии навъи «рақобат оид ба низоъ» ба намуди «ҳамкорӣ оид ба низоъ» буд. Дар ин маврид, ҳарду намуди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ мавқеи аз ҳад зиёди субъектҳои ин муносибатҳоро дар ҳимоя ва амалӣ намудани манфиатҳои онҳо дар назар дошта шудааст. Инчунин, доираи васеъ намудани фаъолияти иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои соҳибкорони сатҳи байналмилалиро низ иникос менамояд.

Қисме аз таҳлилгарон дар шароити имрӯза моҳияти шарикиро бештар ба кишвари Олмон хос мешуморанд. Иқтисодиёти ин кишвар дар асоси принсипи «иқтисодиёти

бозории иҷтимоӣ» ташаккул ва рушд ёфтааст. Элементи асосии онро баҳамоии принсипи озодӣ дар бозор ва баробарии иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Дар ин кишвар чунин низоми идораи давлатӣ ба роҳ монда шудааст, ки кормандон, соҳибкорон ва давлат шарикони ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳисобида мешаванд. Инчунин иттифоқҳои касаба аз доираи фаъолияташон берун баромад мекунанд, яъне, на танҳо манфиати кадрҳое, ки бо тариқи кироя фаъолияти меҳнатӣ мекунанд, балки самараи истеҳсолотро дар корхонаҳо ва умуман хоҷагии халқро муҳофизат мекунанд.

Лозим ба ёдоварист, ки аз рӯи шакли ташкили муносибатҳои ҷамъиятию меҳнатӣ намудҳои зеринро ба монанди рақобат, ҳамбастагӣ, субсидиарӣ, табъиз ва низоъ ҷудо карда мешаванд. Дар иртибот ба намудҳои зикргардида мо дар корҳояи минбаъда маълумоти муффасал пешниҳод хоҳем намуд.

Дар ҳар як ҷамъият муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бояд идора ва ба танзим даровардa шаванд, ҳамзамон ҳисси шаъну шараф, боварӣ, эҳтиром ва масъулияти шахсии шаҳрвандон ба эътибор гирифта мешавад. Дар шароити муосир маҳаки асосии субъектҳои хоҷагидориро идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ташкил медиҳад. Низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ин ҳолати таъсир расонидан ба иқтидори меҳнатии кормандони корхона ё ташкилот бо мақсади тағйир додани параметрҳои он дар самти барои ташкилот зарурӣ пешбинӣ шудааст. Мақсад аз идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар дилхоҳ ташкилоту корхонаҳо новобаста аз шакли фаъолият ин таъмин намудани мувозинат ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ мебошад. Дар аксарияти ҳолатҳо идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо ҳамдигар муайян карда мешаванд.

Вазифаҳои асосии идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар корхона аз инҳо иборатанд:

1. Муайян намудани нақши идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ҳамчун омили беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ.

2. Муайян намудани усулҳои асосии идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ.

3. Муайян кардани усулҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунӣ дар корхона.

Дар заминаи вазифаҳои қайд гардида, ҳангоми раванди идоракунии муносибатҳои ҷамъиятию меҳнатӣ объект ва субъекти идоракуниро ҷудо кардан лозим аст.

Объекти идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро муносибати коргарони ширкату ташкилотҳо ба меҳнат вобаста ба шароити истеъмолии қувваи кории онҳо муайян кардан мумкин аст.

Тибқи моддаи 15-и боби 2-юми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон "...субъектони муносибатҳои меҳнатӣ корманд ва корфармо мебошанд. Роҳбари филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ метавонад дорои тамоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо аз номи шахси ҳуқуқии хориҷии мазкур бошад" [4].

Механизмҳои идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона дар назар дошта мешавад. Идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ аз мавқеи корфармо ҳангоми зарурати таъмини мувозинати байни мавҷудияти ҷойҳои корӣ ва дараҷаи тахассусии захираҳои меҳнатӣ зоҳир мегардад; таъмини иҷрои барномаҳои рушди кадрҳо ва банақшагирии рушди расмӣ ва касбии он барои ба ҳадди аксар расонидани натиҷаҳои фаъолияти меҳнатӣ, ки бо фарҳанги мавҷудаи ташкилӣ ва низоми муносибатҳо дар қувваи корӣ дастгирӣ карда мешавад [9].

Ҳангоми дар амал татбиқ намудани идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар корхона тавассути усулҳои муосири идоракунӣ мавқеи корхона метавонад дар бозор устувор гардад. Усулҳои асосии идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар корхона аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

1. Усули танзимнамоӣ.
2. Усули ҳавасмандгардонии моддӣ.
3. Усули идоракунии иҷтимоӣ.

Усулҳои идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро метавонем дар шакли чунин нақша тасвир намоем.

**Расми 1. Усулҳои идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳатӣ**
**Figure 1. Methods of managing social-local relations**




Ҳадафи асосии мудирият дар бахши иҷтимоӣ ин, пеш аз ҳама, рушди мусбати муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар корхона ва фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ барои самаранок истифода намуди иқтидори кории корманд, баланд бардоштани маҳорати касбии корманд, беҳтар намудани шароити зист ва сифати зиндагии корманд, баланд бардоштани тахассус ва дараҷаи таълим, пурзур намудани муҳофизати саломатӣ ва ғайра мебошад. Асосан идоракунии иҷтимоӣ дар корхона дар ду шакл сурат мегирад: таъминоти иҷтимоӣ ва кумаки иҷтимоӣ.

Зери мафҳуми "таъминоти иҷтимоӣ" маҷмуи хароҷоти иловагии корхона барои таъмини дастгирии иҷтимоии кормандони воқеӣ, ё ба нафақа бароmадани онҳо вобаста ба синну сол инчунин, маъюбӣ дар назар дошта мешавад, ки аз ҳисоби манбаъҳои алтернативии маблағгузорӣ анҷом дода мешавад. Вобаста ба таъминоти иҷтимоӣ дар моддаи 39-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дарҷ шудааст: "Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад" [8].

Кумаки иҷтимоӣ бошад, ҳамчун воситаи идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар корхона аз маҷмуи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва намудҳои гуногуни дастгирии иҷтимоии кормандон дар ҳолатҳои вазнини зиндагӣ, инчунин, пешниҳоди кафолатҳои иҷтимоии пулӣ ё дигар ҳолатҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд, иборат аст. Ин самтро Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ба танзим медарорад. "... қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилии расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоиро ба шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии онҳо равона шудааст" [8].

Дар шароити муосир, муҳимтарин ҷанбаи идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии корхона, ҷорӣ намудани технологияи замонавӣ мебошад. Имрӯз технологияҳои муосири иттилоотӣ таъсири худро ба ҷойи корӣ расонида тавонист. Ҷорӣ намудани технлогияҳои муосир ба рушди иқтисодиёт ва дастрасӣ ба иттилоотро беҳтар намудааст. Аллакай дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти кишварҳо, аз он ҷумла Тоҷикистонро низ марҳилаи рушди иқтисодиёти рақамӣ фаро гирифтааст. Марҳилаи асосӣ дар низоми идоракунии давлатдории кишвар иқтисоди рақамӣ мебошад, ки оид ба он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ чунин ибрози андеша намуда буд: "...Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд" [10].

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018 ва мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2019, таҳти №39 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» таҳия гардидааст. Ин Консепсия "...инъикоскунандаи дурнамои умумии истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар, ҳамзамон, ҳарчи зудтар ба сатҳи зиндагии кишварҳои дорои даромади миёна расидани он ва ба таври назаррас паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ноил гардидан ба ҳадафҳои асосӣ, яъне, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, баромадани кишвар аз

бунбасти коммуникатсионӣ ва табодули он ба кишвари транзитӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад” [5].

Илова бар ин, истифодаи технологияи иттилоотӣ дар идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ имкон медиҳад, ки ҳаракати кормандон, банақшагирии афзоиши касбии онҳо, баҳодиҳии садоқат ва дурнамо, моделсозии шароити ҳавасмандгардонии меҳнати моддӣ ва ғайримоддӣ ба назар гирифта шавад. Таҳия ва татбиқи ин гуна барномаҳо воситаест, ки кори мудирони шуъбаҳои идоракунии кадрҳоро осон мекунад. Автоматикунонии равандҳои идоракунии кадрҳо барои ҳама субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ муфид аст: ҳам роҳбарон ва ҳам барои кормандони одӣ.

Ба фаҳмиши мо, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, пеш аз ҳама, муносибатҳои байни шахсон дар ҷараёни фаъолияти меҳнатии онҳо мебошанд, ки унсурҳои муҳимтарини онҳо бозори меҳнат, шуғл, шарикии иҷтимоӣ, дараҷаи зиндагонии аҳолӣ, даромади коргарон, ташкили ҳифзи меҳнат ва фазои иҷтимоие, ки дар он муносибатҳо ба амал меоянд. Инсон неъмати пурарзиштарини муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ идоракунии иҷтимоию меҳнатии муносибатҳо бояд ба идоракунии захираҳои инсонӣ асос ёбанд.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар корхона барои нигоҳ доштани устувории иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона аҳаммияти басо муҳимро доро мебошад. Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро ҳамчун қисми ҳаракатдиҳанда ва пешбарандаи тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳисобидан мумкин буда, ядрои рушди иҷтимоию иқтисодиро ташкил медиҳанд.

Рушди иқтисодиёт дар замони муосир бо тағйир ёфтани муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ки қисми таркибии иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад ва мувофиқи сиёсати давлатӣ ташаккул меёбад, тавсиф карда мешавад. Рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ айни замон бо ҳалли вазифаҳои стратегӣ – ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти инноватсионӣ алоқаманд аст.

Яке аз иқтисоддонҳои барҷастаи шуравӣ Н.Е. Колесников дар корҳои эҷодии худ таъкид намудааст, ки, муносибатҳои меҳнатӣ ё муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро ба маънои васеъ ҳамчун муносибатҳои байни одамон дар соҳаи меҳнат баррасӣ кардан лозим аст.

Айни замон гуфтан мумкин аст, ки муносибатҳои меҳнатӣ мунтазам инкишоф ёфта истода, инчунин вобаста ба шароити иқтисоди бозоргонӣ муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар асоси самти бартаридоштаи тамоюли манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии корфармоён ё кормандон муайян карда мешавад.

Дар хулоса мехоҳам қайд намоям, ки ташаккули муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва рушди захираҳои меҳнатӣ дар таъмини самаранокии иқтисодиёт ва идоракунӣ мақеи муҳим дошта, он на танҳо ба хусусиятҳои меҳнат, балки ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт созгор мебошад. Омили асосии баланд бардоштани самаранокии равандҳои иқтисодӣ ва мудирият дар дилхоҳ соҳа, ин ба роҳ мондани муносибатҳои устувор, самаранокии иҷтимоӣ ва меҳнатӣ мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Маҷидзода Д.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Искандаров Х.Х. Методологические основы обеспечения конкурентоспособности работников на рынке Труда / Х.Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2-4(204). -С.16-21.
2. Искандаров Х.Х. Развитие системы социальной защиты населения в сельской местности Республики Таджикистан / Х.Х. Искандаров, Д.М. Набиева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2018. -№7. -С.17-22.
3. Искандаров Х.Х. Эффективность системы подготовки кадров и развития потенциала трудовых ресурсов / Х.Х. Искандаров, Р.Ф. Неъматов // Вестник Таджикского государственного национального университета. Серия экономики. -Душанбе: Сино, 2007. -№1(33). -С.219-225.
4. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон / 23 июли соли 2016 №1329.
5. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019, №642 тасдиқ шудааст.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

7. Маҷидзода Д.М. Танзими давлатии шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат дар бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ / Маҷидзода Д.М., Ҳ.Ҳ. Искандаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2020. -№9. -С.295-300.
8. Моддаи 39-и Боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ.
9. Некоторые аспекты управления социально-трудовыми отношениями на уровне предприятия (be5.biz)
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 22.12.2017 сол.
11. Ходиев Д.А. Анализ системы подготовки кадров аграрного профиля в Республике Таджикистан / Д.А. Ходиев, Х.Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/4. -Ч.2. -С.13-20.

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ МЕҲНАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола мазкур моҳияти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, шароити ташаккул ва рушди муносибатҳои самарабахши иҷтимоию меҳнатӣ таҳлил киарда шудааст. Ҳолати муносибатхои иҷтимоию меҳнатӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Масъалаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ҳангоми рушди истеҳсолоти молӣ ба инобат гирифта шудааст. Унсурҳои муҳимтарини низоми идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Равандҳои меҳнатӣ, ҷанбаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва психологии муносибат байни одамон ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоии онҳо тавсиф карда шудааст. Субъект ва объекти муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Дар мақола ҳамзамон маҷмуи падидаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ мебошанд, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамзамон, намудҳо ё хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятию меҳнатӣ, ки вобаста ба усули танзими онҳо дар асоси принсипҳо гурӯҳбандӣ карда шудаанд, пешниҳод гардидаанд. Оиди муҳимтарин вазифаҳои идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар корхона сухан карда шудааст. Механизмҳои идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар сатҳи корхона ба инобат гирифта шудааст. Оид ба идоракунии иҷтимоӣ дар корхона ва таъминоти иҷтимоию кумаки иҷтимоӣ маълумот оварда шудааст. Оид ба татбиқ ва ҷорӣ намудани технологияи замонавӣ дар корхона, ки муҳимтарин ҷанбаи идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба ҳисоб меравад, маълумот пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, шулғ, бозори меҳнат, сатҳи дониш, танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, унсурҳо, низоми идоракунӣ, кормандон ва корфармоён, муносибатҳои байнишахсӣ, субъектҳо ва объектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ, иттифоқи касаба, патернализм, шарикии иҷтимоӣ, «рақобат оид ба низоъ» ва «ҳамкорӣ оид ба низоъ», механизмҳои идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва усулҳои идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ.

## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ СОЦИАЛЬНО-ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье анализируются сущность социально-трудовых отношений, условия формирования и развития эффективных социально-трудовых отношений. Предметом исследования стало состояние социально-трудовых отношений в отдельных отраслях экономики. Учтен вопрос регулирования социально-трудовых отношений при развитии финансового производства. Описаны трудовые процессы, экономические, правовые и психологические аспекты взаимоотношений между людьми и их отдельными социальными группами. Предмет и объект социально-трудовых отношений являются предметом изучения и анализа. При этом в статье исследуется совокупность социально-экономических явлений, являющихся субъектами социально-трудовых отношений. При этом предложены виды или признаки социально-трудовых отношений, которые сгруппированы по способу их регулирования. Рассмотрены важнейшие задачи управления социально-трудовыми отношениями на предприятии. Учтены механизмы управления социально-трудовыми отношениями на уровне предприятия. Имеется информация о социальном управлении на предприятии и социальном обеспечении и социальной помощи. Представлена информация о внедрении на предприятии современных технологий, что считается важнейшим аспектом управления социально-трудовыми отношениями.

**Ключевые слова:** социально-трудовые отношения, занятость, рынок труда, уровень знаний, регулирование социально-трудовых отношений, элементы, система управления, работники и работодатели, межличностные отношения, субъекты и объекты общественных отношений, профсоюз, патернализм, социальное партнерство, «конфликтная конкуренция» и «конфликтная сотрудничество», механизмы управления социально-трудовыми отношениями и методы управления социально-трудовыми отношениями.

## THE CONCEPT AND ESSENCE OF SOCIAL AND LABOR RELATIONS IN MODERN CONDITIONS

This article analyzes the essence of social and labor relations, the conditions for the formation and development of effective social and labor relations. The subject of the study was the state of social and labor relations in certain sectors of the economy. The issue of regulating social and labor relations in the development of financial production is taken into account. Labor processes, economic, legal and psychological aspects of relationships between people and their individual social groups are described. The subject and object of social and labor relations are the subject of study and analysis. At the same time, the article examines the totality of socio-economic phenomena that are the subjects of social and labor relations. At the same time, types or characteristics of social and labor relations are proposed, which are grouped according to the method of their regulation. The most important tasks of managing social and labor relations in an enterprise are considered. Mechanisms for managing social and labor relations at the enterprise level are taken into account. There is information on

social management in the enterprise and social security and social assistance. Information is presented on the introduction of modern technologies at the enterprise, which is considered the most important aspect of managing social and labor relations.

**Keywords:** social and labor relations, employment, labor market, level of knowledge, regulation of social and labor relations, elements, management system, employees and employers, interpersonal relations, subjects and objects of public relations, trade union, paternalism, social partnership, "conflict competition" and "conflict cooperation", mechanisms management of social and labor relations and methods of managing social and labor relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Иноятова Моҳира Зарифовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907 42 17 57**. E-mail: **inoyatova_m1988@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Иноятова Мохира Зарифовна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры национальной экономики и экономической безопасности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907 42 17 57.** E-mail: **inoyatova_m1988@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mohira Zarifovna Inoyatova*** – Tajik National University, applicant for the Department of National Economics and Economic Security. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907 42 17 57**. E-mail: **inoyatova_m1988@mail.ru**

ТДУ: 330.322.1

# ТАҲҚИҚИ ОМИЛҲОИ ТАЪСИРБАХШ БА РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВИИ АҲОЛӢ

*Ибодов А.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар раванди ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ, омилҳои зиёде таъсири манфӣ ва мусбӣ мерасонанд. Дар ҷараёни рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёти миллӣ, аҳолии мамлакат нақши калидӣ дорад. Вобаста ба ин, Сушко Е.Ю. аҳолиро дар такмили муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ нақшгузор дониста, қайд менамояд, ки “аҳолӣ – ҳамчун иштирокчии муҳим ва истеъмолкунандаи асосии бозори хизматрасониҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, таҳқиқотҳои илмӣ исбот кардааст, ки саводнокии молиявии аҳолӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини устувории бахши молиявӣ мебошад” [10]. Аз ин рӯ, сатҳи саводнокии аҳолӣ омили муҳиме мебошад, ки рафтори аҳолиро дар бозори молиявӣ тасниф мекунад ва сатҳи иҷроиши баланд,сифати хизматрасониро нишон медиҳад. Дар таҳқиқотҳои илмӣ хавфҳои калидии устувории бахши молиявӣ, ки бевосита ба сатҳи пасти маърифати молиявии аҳолӣ алоқаманд аст, муайян карда шудаанд, ба монанди: зиёдшавии қарздории аҳолӣ, сатҳи пасти дониши қонунӣ ва майл надоштан ба баланд бардоштани савияи дониш, эътимоди аҳолӣ ба пирамидаҳои молиявӣ ва дигар амалҳои қаллобӣ, фаъолияти пасти соҳибкорӣ ва ғайраҳо [10]. Зиёд гардидани чунин омилҳои манфӣ, ба даромаднокии аҳолӣ таъсир расонида, оқибат некуаҳволии онҳоро паст гардониданд. Вобаста ба ин, дар аксари кишварҳои олам, таҳияи барномаҳои баландбардори маърифати молиявии аҳолӣ ва пешгирӣ аз ҳолатҳои баамаломада роҳандозӣ гардид. Ғайр аз ин, таъсири ин хавфҳо тамоюли манфии рушди иқтисодиёт – кам шудани базаи захиравии субъектони бахши молиявӣ, берун рафтани захираҳои молиявӣ аз миёни иштирокчиёни бовиҷдони бозори молиявӣ, набудани талабот ба хизматрасониҳои молиявӣ, сустшавии ҷорӣ намудани маҳсулот ва хизматрасонии нав ва дар натиҷа, сустшавии рушди бозори молиявӣ ва ғайраҳоро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ, боиси зиёд шудан оқибатҳои манфӣ барои ҳама иштирокчиёни бозори молиявӣ мегардад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти таълими молиявии аҳолиро давлат дар ҳамбастагӣ бо мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои миллӣ ва байналхалқӣ роҳандозӣ намудааст ва яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлатиро касб намудааст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маърифати молиявии аҳолӣ, яке аз қисматҳои муҳимми рушди иқтисодӣ миллӣ шарҳ дода шудааст [8]. Ғайр аз ин, дар Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ,маърифати молиявии аҳолӣ, меҳвари асосии рушди иқтисоди миллӣ дарҷ шудааст [8]. Тибқи муқаррароти Стратегияи мазкур, такмилёбии бозори молиявӣ ва зиёдгардии доираи маҳсулотҳову хизматрасониҳои бонкӣ зарурати баландбардории маърифати молиявиии аҳолиро ба миён меоварад. Таваҷҷуҳи бевоситаи Ҳукумати кишвар ба раванди баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ва ҷойгоҳи он дар ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар аз мубрамияти он шаҳодат медиҳад. Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ), ҳамчун органи ваколатдор дар ин самт ҳамкориҳои бисёрҷонибаро бо ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ ва кишварҳои хориҷӣ татбиқ намуда истодааст, ки заминаи муҳимро дар самти баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ фароҳам меоварад.

Дар баробари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон, зарур аст, ки ташкилотҳои қарзӣ низ дар ин самт фаъол бошанд. Зеро, онҳо ҳамчун иштирокчии асосии бозори молиявӣ маҳсулотҳои гуногуни молиявиро ба аҳолӣ пешниҳод менамоянд ва аз ҳамкорӣ бо аҳолӣ суд мебинанд. Дар ҳолати дараҷаи пасти маърифати молиявии аҳолӣ метавонад, ки даромаднокии бонкҳо низ коҳиш ёбад ва маҳсулотҳои бонкӣ муштарии худро дар бозор пайдо накунад. Масалан, агар мо таҷрибаи Ҷумҳурии Белорусро мавриди таҳқиқ қарор диҳем, мебинем, ки ташкилотҳои қарзӣ дар пешравии саводнокии молиявии аҳолӣ то чи андоза фаъол мебошанд. Солҳои 2016-2022 саҳми

бонкҳои тиҷоратии Белорус дар самти баланбардории саводнокии молиявии аҳолӣ назаррас арёбӣ гардид ва ҳатто дар сатҳи байналхалқӣ баҳои баландро сазовор шуд. Инчунин, ташкилотҳои қарзии ин кишвар соҳиби ҷоизаҳои махсуси The Global Inclusion 2018, Ташкилоти байналхалқии кӯдакон ва ҷавонон (Child&Youth Finance International) гардиданд, ки аз таваҷҷуҳи бевоситаи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ба ин самт дарак медиҳад [6]. Маълумотҳо дар бораи чорабиниҳои ҷорӣ оид ба маърифати молиявӣ дар портали ягонаи интернетии Бонки марказии Белорус ҷойгир гардидаанд. Ғайр аз ин, мавқеи Иттиҳодияи бонкҳои тиҷоратии Белорус ва дигар субъектони низоми бонкӣ назаррас арзёбӣ мегардад. Воқеан, масъалаи баландбардории сатҳи донишҳои молиявии аҳолӣ танҳо вазифаи БМТ набуда, балки аз дигар субъектони бозори молияи кишвар фаъолиятро тақозо менамояд, зеро аҳолии аз ҷиҳати молиявӣ саводнок ба кулли низоми молиявӣ таъсири мусбӣ дорад.

Тавре таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, бо вуҷуди баъзе пешравиҳо дар ин масъала, сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя аст. Аз ин рӯ, бо мақсади коҳиш додани хатарҳои устувории бахши молиявӣ, ки аз сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ ба вуҷуд омадааст, омӯзиши муфассали сабабҳое, ки ба баландбардории саводнокии молиявии аҳолӣ монеа эҷод мекунанд, ба роҳ мемонем. Бо ин мақсад, омилҳои асосиеро дида мебароем, ки ба қарорҳои шаҳрвандон дар бораи молияи шахсияшон таъсиргузор аст.

Дар амалияи байналхалқӣ, саводнокии молиявӣ ҳамчун қобилияти шахсони алоҳида барои дарки хавфҳои молиявӣ ва қабули қарорҳои самаранок бо мақсади беҳсозии вазъияти моливии шахсӣ ва ҳифзи манфиатҳои худ фаҳмида мешавад [11]. Барои рушди чунин қобилият дар шароити муосир, омилҳои зиёде таъсиррасон мебошанд.

Дар таҳқиқотҳои илмӣ, омилҳои фарҳанги молиявӣ ҳамчун муҳити мусоид барои рушди саводнокии молиявии аҳолӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки фаҳмиш ва доираи фарогирии маданияти молиявӣ нисбат ба саводнокии молиявӣ васеътар мебошад. Он на танҳо дониш, балки масъулиятро дар муносибатҳои молиявӣ фарогир буда, инчунин, ташаккул ва татбиқи малакаҳои идоракунии буҷети шахсиро низ дар назар дорад [7]. Боракунов А.В. оид ба масъалаи мазкур қайд менамояд, ки “фарқияти асосӣ байни мафҳуми саводнокии молиявӣ ва мафҳуми маданияти молиявӣ дар мазмуни аввалин ҷой надоштани ҷузъи ахлоқӣ, баёни салоҳияти сирф ва оғози нақшавӣ мебошад”[1]. Бинобар ин, рафторе, ки ба сатҳи қобили қабули моддӣ бе хилофи низоми принсипҳои ҳаёти инсонӣ, инчунин, низоми арзишҳое, ки ҷомеа ҷонибдорӣ мекунад, рафтори аз ҷиҳати молиявӣ оқилона дониста мешавад. Илова ба ин, ақидае вуҷуд дорад, ки ташаккули маданияти молиявӣ бояд, пеш аз ташаккули салоҳиятҳо вуҷуд дошта бошад. Яъне, пеш аз ба вуҷуд омадани дилхоҳ салоҳият фарҳанги молиявӣ бояд ташаккулёфта бошад [1].

Ҳарчанд оид ба истилоҳи “саводнокии молиявӣ” таърифҳо гуногун мебошад ва назари ягонае, ки аз ҷониби умум эътироф гардида бошад, вуҷуд надорад, вале қариб ҳама тафсирҳои ин мафҳум ҷузъҳои рафториро дар бар мегирад. Новобаста аз мавҷуд набудани истилоҳи ягона, самтҳои зерин бо маърифати молиявӣ аоқамандӣ доранд:

- муносибат ба молия;
- дониши молиявӣ ва ба он алоқаманд;
- таҷриба ва малакаҳои мавҷуда.

Ин ҷузъҳо метавонанд бо сифатҳои умумии шахс, ки бо қобилияти дарк кардани иттилоот ва татбиқи амалиёти оқилона бо маблағҳои шахсӣ, бо ҳавасмандкунӣ ва монеаҳои мавҷуда ҳангоми такмили сатҳи саводнокии молиявӣ худ алоқамананд, таъсиргузор бошанд. Аз бисёр ҷиҳат, онҳо аз рӯи хусусиятҳои иҷтимоию демографии шаҳрвандон (синну сол, ҷинс, таҳсилот, шуғл, доштани оила) муайян карда мешавад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ҳангоми ташаккули ҷузъҳои болозикр, омилҳои берунӣ (муносибат, дониш, таҷриба, малака) аҳаммияти зиёд доранд, инчунин, шароитҳое, ки ба он мусоидат мекунанд дар баъзе мавридҳо ҳатто шахсро маҷбур мекунанд, ки барои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ кӯшиш кунад. Тибқи ақидаи Моисеева Д.В. омилҳои беруние, ки ба ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ таъсир мерасонанд, инҳо дохил мешаванд [5]:

- инфрасохтор: мавҷудияти ташкилотҳои молиявии гуногун ва хизматрасонӣ, дастрасӣ ба маълумот дар бораи фаъолияти онҳо, имкониятҳои техникии истифодаи ин хизматрасониҳо;
- ҷуғрофӣ: дараҷа кӯчиши аҳолӣ аз минтақаҳо ба шаҳрҳо ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ;
- молиявӣ: ҳаҷми сарватҳои моддӣ, зарурати такмили шароити манзил;
- ташкилӣ: сатҳи фаъолияти маркетингӣ ва ҷалби муассисаҳои молиявӣ ба муоширати фаъол бо мардум, шароити дастрасӣ ба маҳсулоти молиявӣ (масалан, дар баъзе бонкҳои хориҷӣ рейтинги саводнокии молиявӣ имкон медиҳад, ки бештар ба шартҳои фоидаовари қарз ва дигар хизматрасониҳои молиявӣ такя кунанд).

Ба андешаи мо, ҷиҳати муайян намудани ҳолатҳое, ки ба сатҳи саводнокии молиявӣ таъсир мерасонанд, зарур аст, ки мундариҷаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба таври муфассал баррасӣ карда шаванд. Капелюш А.К., муносибатҳои рафтории муштариёнро дар бозори хизматрасонҳои молиявӣ таҳқиқ намуда, ба андешае омадааст, ки таъсири мутақобилаи иҷтимоӣ ба рафтори иқтисодии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла мутобиқшавии иҷтимоӣ ҳамчун «раванд ва натиҷаи мутобиқшавии фард ба шароити тағйирёбандаи муҳити зист, ба андозаҳои наве, ки вай ҷорӣ мекунад ва арзишҳои ахлоқӣ» дониста мешавад [4]. Капелюш А.К. дарҷ менамояд, ки рафтори одамон дар бозор муайянкунандаи рушди хизматрасонҳои бонкӣ ба ҳисоб рафта, сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ аз рафтори онҳо муайян мегардад. Метавон қайд намуд, ки мураккабӣ ва гуногунии вазифаи омӯзиши рафтори одам дар муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар он зоҳир мегардад, ки онро аз нуқтаи назари фанни махсуси илмӣ шарҳ додан ғайриимкон аст. Рафтори одамон ба ҳама ҷанбаҳо: биологӣ, равонӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ алоқаманд мебошад [4].

Қобили қайд аст, ки вобаста ба таъсири омилҳои бисёрҷанбаи иҷтимоӣ, маърифатӣ ва равонӣ, ки ба рафтори одамон дар соҳаи иқтисодӣ таъсир мерасонанд, як қатор олимон ба монанди (Гуннар Мюрдаль ва Фридрих фон Хайек (1974 г.), Гербер Саймон (1978 г.), Франко Модильяни (1985 г.), Гэри Беккер (1992 г.), Роберт Лукас (1995 г.), Ҷеймс Миррлис и Уилям Викри (1996 г.), Даниэл Канеман (2002 г.), Ричард Талер (2017 г.) Ҷоизаи Нобелӣ гирифтаанд. Дар воқеъ, таҳқиқотҳои олимони болозикр дар ташаккули рафтори одамон дар бозор нақши муҳим гузошта, ҷанбаҳои нуқсноки онро ба таври равшан ва возеҳ нишон додааст, ки дар асоси он ба хулосае омадан мумкин аст, ки баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ҳамчун омили муҳим дар рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Масалан, дар пояи ҶСК “Сбербонк”-и Федератсияи Русия соли 2019 лаборатория оид ба омӯзиш ва таҳқиқот дар самтҳои нейрофизиология ва психологияи иҷтимоӣ дар соҳаи бонкдорӣ ташкил гардид, ки бевосита рафтори одамонро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди пажуҳиш қарор медиҳад. Ташкили чунин марказҳо метавонад ба сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ нақши бузург дошта бошад ва аҳаммияти онро дар ҷамъият беҳтар гардонанд. Агар чунин марказҳо дар пояи Иттиҳодияи бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардида, рафтори одамон ва маданияти онҳоро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳанд, вазъи саводнокии молиявии аҳолӣ бамаротиб беҳ мегардад.

Зимни таҳқиқотҳо оид ба маърифати молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибати одамон дар бозори молиявӣ муйян карда шуд, ки хусусиятҳои фарҳангӣ ва таърихии миллӣ ба рафтори иқтисодии аҳолӣ таъсир мерасонанд, масалан: дуфикрӣ, қабули қарор, такя намудан ба гузаштаи шуравӣ ва мероспарастӣ (патернализм). Вобаста ба ин, таъсири амиқи ин муносибатҳо ба қабули қарорҳо дар соҳаи иқтисодӣ ва фаъолияти молиявии ҳар як нафари алоҳида таъсири манфӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки мавҷуд набудани фикри яктарафа дар тафаккур ва рафтор дар як вақт зуҳур меёбад ва боиси зуд тағйир додани хислатҳои муқобил мегардад. Масалан, худдорӣ, тарс, ҷасорат, худтанқидӣ, худбаҳодиҳии баланд, индивидуализм, консерватизм, либерализм, авторитаризм, демократия ва ғайраҳо. Ин хислатҳо зуд якдигарро иваз мекунанд ва дар тамоюли мувозинати доимӣ мебошанд. Масалан, дуализми эҳсосот ва худдорӣ дар он ифода меёбад, ки барои ба даст овардани натиҷаи пешбинишуда саъйю кӯшиш намудан ва баъд дар лаҳзаи ба анҷом расидани он комилан даст кашидан аз

натиҷаи пешбинншуда мебошад. Вуҷуд надоштани фикри ягона хислатҳои иҷтимоии коллективизм ва шахспарастӣ, инчунин, ҳисёт ва муҳдудиятро ҷудо ва мураккаб мегардонад [7]. Такя намудан ба гузаштаи Шуравӣ ба андешаи мо, дар ҷомеаи Тоҷикистон ҳукмрон аст ва умуман фазои оиладорӣ, муҳити зист ва умуман муҳити иттилоотиро фаро гирифтааст. Ин раванд муносибатҳои иқтисодиро то ҳадде аз рушд боз медорад ва ба ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ дар миқёси кишвар монеагузорӣ мекунад. Ҳангоми қабули қарорҳо тибқи мантиқи шуравӣ, интихоби одии баръакс сохта мешавад: «ҳамин корро бо ин тарз кардан даркор ё ин, ки накардан бо ягон тарз», «агар низоми иҷтимоӣ нахоҳад, маънои онро дорад, ки бекорӣ ва камбизоатӣ вуҷуд дорад» ва ғайраҳо. Дар асоси ин муносибати дугона, моликият ба вуҷуд омад. Аз як тараф, дарк намудани корхонаҳои бузурги давлатӣ, аҳолӣ онҳоро ҳамчун рамзҳои миллӣ эътироф мекунад ва онҳо набояд хусусӣ карда шаванд. Инчунин, аз сабаби он, ки дар замони шуравӣ ҳуқуқ ба моликиятдорӣ вуҷуд надошт, муносибат ба хонаҳои шахсӣ, воситаҳои нақлиёт арзиши аввалиндараҷаро соҳиб гардид. Бо кӯшиши якбора фаро гирифтани ҳама чиз, чун қоида, масъалаи дар ин ҷо ва чи тавр зинда мондан ба миён меояд, ки ин бо паст будани дараҷаи даромад ва суст рушд ёфтани бахши дахлдори бозор шарҳ дода мешавад. Ин равиш ба он оварда мерасонад, ки шахс масъулияти тамоми ҷанбаҳои ҳаётро ба дӯши худ мегирад, гарчанде, ки коршинос дар ҳама самт шудан хеле душвор аст ва оқибати хастагии равониро ба бор меорад. Гузашта аз ин, вақти беҳуда барои барқароршавии қобилият ва қабули қарорҳои дарозмуддат сарф мегардад. Дар асоси таъсири ин омил, ҳалли натиҷаи кӯтоҳмаддат дар лаҳзаи охирин, зери фишор, ба таври тахмин қабул карда мешавад. Ин аз як тараф, ҳисси устуворӣ ва тамоюли рушд мебахшад ва аз тарафи дигар, ноустуворӣ ва тафаккури буҳрониро ташаккул медиҳад. Ҳадафи кӯтоҳмуддати натиҷа боиси тамоюли кам кардани талафот (дар муқоиса бо ҳадафи дарозмуддат, ки ҳадди аксари фоидаро дар назар дорад), ки дар аҳолӣ майли зиёди истеъмолиро нибат пасандозкунӣ ва сармоягузориро пайдо мекунад. Умуман, таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои кӯтоҳмуддат иқтидори рушди иқтисодиро коҳиш медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки мероспарастӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ба таври даврӣ фаъолият мекунад ва барои таъин кардани масъулият диққатро ба натиҷаҳои кӯтоҳмуддат пурзур менамояд. Илова бар ин, он назорати инфиродӣ ва ҷамъиятиро коҳиш медиҳад, инчунин, барои ғайрифаъолӣ шароит фароҳам меоварад, на ин ки барои амалҳои фаъол [3]. Оид ба ин масъала Сергей Гуреев дар асари худ бо номи “Афсонаҳои иқтисодиёт” таваҷҷуҳи масхус зоҳир намуда, дарҷ менамояд, ки рафтори иқтисодии инсон вобаста ба муҳити фарогирифтаи он ташаккул меёбад ва имкониятҳои молиявии он аз сатҳи фаҳмишҳои иқтисодӣ вобаста аст [3]. Стенфорд Р. сатҳи рушду камолоти инсонро асоси тақвиятёбии рафтори иқтисодии ӯ ба қалам дода, такмилёбии минбаъдаи рафтори инсониро замина муҳимми рушди ҷамъиятӣ медонад [6].

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулосабарорӣ намуд, ки муҳити маданӣ барои ташаккули рафтори иқтисодӣ ва равонии инсон созгор буда, самаранокии тиҷорат ва рушди иқтисодиро замина мегузорад. Илова бар ин, исбот шудааст, ки бо паст шудани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ, бад гардидани рушди устуворонаи иқтисодиёт дар одамон андешаҳои гуногуни фарҳангӣ, нажодӣ, динӣ пайдо мешаванд, ки арзишҳо ва афзалиятҳои иқтисодиро бо беаҳаммияти баҳогузорӣ мекунанд. Инчунин, зимни рушди иқтисодӣ миёни намояндагони фарҳангҳои гуногун манфиатҳо, арзишҳо ва муносибатҳои умумӣ пайдо мегарданд, ки ҷараёни инкишофи хоҷагии мамлакатро боз ҳам густариш медиҳад.

Омили муҳим ва ҷузъи ҷудонопазири маърифати молиявии аҳолӣ дониши онҳо ба шумор меравад. Донишро ҳаамчун пойгоҳи иттилоотии саводнокии молиявӣ арзёбӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро фаҳмиш ва дарки истилоҳоти иқтисодӣ имкониятҳои молиявии аҳолиро боло мебарад ва самранокии шахсии онҳоро таъмин месозад. Бо таҳлили адабиётҳои соҳавӣ метавонем қайд намоем, ки дониши молиявӣ аз сатҳҳои зерин иборат мебошад: *донишҳои ибтидоӣ* (масалан, донистани пули нақд ва ғайринақдӣ, бонк чист ва хизматрасониҳои он бо кадом формулаҳои одитарини риёзӣ ҳисоб мешаванд); *асосӣ* (фаҳмиши мушаххаси воситаҳои молиявӣ: амонатҳо, қарзҳо, кортҳои пардохтӣ, коғазҳои қиматнок, суғурта, хавфҳо, таваррум ва асосҳои банақшагирии молиявӣ); *пешрафта* (фаҳмиши таҳлили молиявӣ ва сармоягузорӣ) ва

донишҳои касбӣ. Маҷмуан бояд донист, ки дар бозори молиявӣ ҳамон нафаре, ки аз донишҳои иқтисодӣ ба таври назаррас бархӯрдор аст, метавонад ба хавфҳои эҳтимолӣ камтар гирифтор гардад ва фаъолияти хубро роҳандозӣ намояд.

Дар баробари ин, яъне баландбардории сатҳи донишҳои иқтисодӣ, баландбардории маърифатнокии молиявии аҳолӣ самтҳои зиёдеро фарогир мебошад, ки аз ҷониби мо асоситарини онҳо гурӯҳбандӣ гардидааст:

- *луғати асосии молиявӣ,* аз ҷумла мафҳумҳои дороиҳо ва уҳдадориҳо, хавф ва даромад, таваррум, фарқи байни пули нақд ва ғайринақдии пардохтҳо, шартҳои иқтисоди рақамӣ ва асосҳои донишҳои молиявӣ дар бораи принсипҳои фаъолияти бозори молия, дар бораи моҳияти воситаҳои молиявӣ, дар бораи буҷети шахсӣ ва бонақшагирии молиявӣ;
- *саводнокии суғуртавӣ ва андозӣ*, гирифтани донишҳои зарурӣ дар соҳаи суғурта ва андоз;
- *саводнокии ҳуқуқӣ* фаҳмидани мазмуни шартномаҳо бо муассисаҳои молиявӣ, донистани масъулият ва ҷавобгарии молиявии муассисаҳо бо мизоҷон ва муштариён ба муассисаҳои молиявӣ;
- *амнияти молиявии рақамӣ,* маънои огоҳии чӣ гуна муҳофизат кардани маълумоти шахсиро д,ар назар дорад;
- *салоҳияти иттилоотӣ,* донистани маълумот, аломатҳои заруриро аз куҷо ёфтан ва чӣ тавр истифода бурдан, дарки маълумоти нодуруст ва намудҳои асосии қаллобӣ дар бахши молиявӣ.

Омилҳои баландбардории савияи донишҳои молиявии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд, бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ татбиқ гарданд. Ҷиҳати бардошти таҷриба ва татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои ҳалли мушкилоти саводнокии молиявии аҳолӣ метавонем бо вебсайти «Фарҳанги молиявӣ»-и Бонки Русия шинос шавем (манбаи иттилоотӣ оид ба саводнокии молиявӣ) [9]. Бояд гуфт, ки дар шароити пандемия чорабиниҳо танҳо дар формати онлайн гузаронида мешуданд. Формати онлайнӣ барои барпо намудани лексияҳо ва семинарҳо бисёр қулай аст, агар бо сифат ва слайдҳо дорои маълумотҳои дақиқ, инчунин, фарогири воситаҳои дигари визуалии иттилоот бошад. Пеш аз таблиғ, бақайдгирии осони онлайнӣ, ёдраскуниҳо, дастрасӣ ба сабт имкон медиҳад ҳарчи бештар тамошобинон ба мақсад расанд.

Ҷанбаи муҳимми тақвиятбахшандаи маърифати молиявии аҳолӣ, маҳорати фардии инсонҳо дониста мешавад [2]. Маҳорати шахс ҳангоми иҷрои амалҳо дар асоси таҷрибаи вуҷуддошта ва ҳалли вазифаҳои маъмулӣ матавонад, ки пешравии молиявии инсонро таъмин намояд. Ба ақидаи мо, маҳорати молиявӣ, таҷрибаи истифодаи маҳсулоти гуногуни молиявӣ ва хизматрасониҳо, ҷустуҷӯ ва муқоисаи маълумоти молиявӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявии худро фарогир мебошад. Маҳорати ҳар як шахс дар алоҳидагӣ шакл гирифта, заминаи тақвияти он аз сатҳи дониш ва фаъолияти ҳаррӯзаи он вобаста мебошад. Шахс дар доираи ҳаёти ҳамарӯзаи худ вазифадор мегардад, ки саводнокии молиявии худро такмил диҳад ва имкониятҳои молиявии худро барои дар оянда татбиқ намудани фаъолияти молиявӣ, заминагузорӣ кунад. Дар доираи саводнокии молиявӣ, маҳорати ҳар як шахс бояд рушд ёбад ва имкониятҳои он боло равад. Маҳорати молиявии шахс дар якчанд самт зоҳир мегардад, ки ба ақидаи мо муҳимтаринаш инҳоянд:

- *малакаи пешбурди баҳисобгирии буҷети шахсӣ* ва банақшагирии он мувофиқи давраи ҳаёт ва ҳадафҳои молиявӣ: муқаррарӣ, воқеӣ ва оқилона таҳия намудани буҷети оилавӣ ва ба низом даровардани хароҷотҳои ҳаррӯза;
- *малакаи ҳисобкунии молиявӣ,* қобилияти кор бо ҳисобҳо ҳангоми истифодаи воситаҳои молиявӣ, имконият медиҳад (ҳисоб кардани даромаднокии пасандозҳо ва дигар воситаҳо, сармоягузорӣ, ҳисоб кардани фоизи қарзҳо ва ғайра), ки бо ёрии формулаҳои риёзӣ (мураккаб ва сода) иҷро намоед;
- *малакаҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот* оиди маҳсулотҳои молиявӣ, хизматрасонӣ ва таъминкунандагони онҳо, баҳодии хавфҳои бозорӣ, молиявӣ, муқоисаи маҳсулоти алтернативии молиявӣ, хизматрасонӣ ва интихоби маҳсулоти мутадили молиявӣ ва хизматрасонӣ барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси молиявӣ;

➢ *малакаи худомӯзӣ*, ки дар худ ҳавасмандгардонӣ, гузоштани ҳадаф, банақшагирӣ, идоракунии чараёни иттилоот, худташкилкунӣ ва худидоракуниро инъикос менамояд;

➢ *малакаи худидоракунӣ*, ки қобилияти сари вақт назорат кардани эҳсосот ва танзими амалҳои ғайри қобили қабулро арзёбӣ мекунад.

Омилҳои ба раванди ташаккул ва инкишофи маърифати молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсирбахш дар шакли расм нишон дода шудаанд. Бояд қайд намуд, ки омилҳои дар расми 1 овардашуда, бо назардошти ҳолати рушди муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ гардидаанд.

**Расми 1. Омилҳои ба ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ таъсиррасон**
**Figure 1. Factors affecting the formation of financial knowledge of the population**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти аҳолии кишвар дар соҳаи молия салоҳияти кофӣ надоранд, нигоҳ доштани пулро муҳим намешуморанд, пулро дар шакли нақд нигоҳ доштанро афзал медонанд, истифодабарандаи фаъоли хизматрасониҳои пасандозӣ нестанд, буҷети оила ва шахсиро ба нақша намегиранд, бештар аз сеяки шаҳрвандони кишвар тағйироти молиявиро пайгирӣ намекунанд, ки ин барои ташаккули минбаъдаи маърифати молиявӣ монеа ба вуҷуд меорад.

Бо баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ метавонем самтҳои муҳимеро рушд ва тақвият бахшем. Аз ҷумла ба назари мо, рушди ҷанбаҳои зерин имконпазир мебошад:

- ➢ муошират дар масъалаҳои иқтисодӣ ва молия, хизматрасониҳои молиявӣ ва маҳсулот;
- ➢ тағйир додани стратегияҳои рафтор;
- ➢ рушди соҳибкорӣ.

Мо муоширатро ҳамчун мубодилаи иттилоот байни иштирокчиёни бозори молиявӣ медонем. Мубодилаи иттилоот дар сурате имконпазир аст, ки иштироккунандагони муошират якдигарро дуруст фаҳманд. Набудани муошırати самаранок тасаввуроти нодурустро дар бораи ҳодисаҳо ташаккул медиҳад, имкониятҳоро барои интихоби оқилонаи хихматрасониҳо ва маҳсулоти молиявӣ коҳиш медиҳад.

Таъсир ба стратегияи рафтори аҳолӣ метавонад майлу хоҳиш ва имкониятҳои шахсро тағйир диҳад (масалан, аз истеъмолкунандаи қарз ба пасандозгузор ва сармоягузор табдил ёфтани шахс). Аз ҷумла, вақте, ки дар ИМА бо мақсади баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ тадбирҳо андешида шуд, рафтори қарзгирӣ (истеъмолкунанда) ба стратегияи пасандозӣ табдил ёфт, дар андешаи ҷамъиятӣ фикри ташкили «болишти бехатарӣ»-и молиявӣ ва дар бораи зарурати гузоштани мақсадҳои одии пасандоз – хариди хона, мошин ё кушодани пасандози нафақа пайдо гардид. Ғайр аз ин, падару модарон ва муаллимон нисбати бачаҳо диққати махсус зоҳир менамуданд ва кӯшиш мекарданд, ки ба онҳо одати “ҳаррӯза”-и сарфаи пулро омӯзонанд ва барои кушодани суратҳисоби амонатӣ дар бонкҳо кумак кунанд [11].

Мувофиқи ин мақсад, ҳар ҳафтаи охири моҳи феврал аз ҷониби Федератсия истеъмолкунандагони Амрико (CFA – Consumer Федерациям Америка) ҳамчун хафтаи Иқтисоди Амрико (Амрико SAVE$) – “Амрико сарфа мекунад”, ки тавассути тамоми васоити ахбори омма, аз ҷумла паёмҳои SMS, почтаи электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ FB ва Twitter ва ғайра ба саҳми тамоми амрикоиҳо «на танҳо пулро сарфа мекунем, балки қарз ва қарзгирандагонро кам мекунем» гуфта эълон менамуданд.

Расидан ба рушди сохибкорию худмашғулиятӣ муҳим аст ва дар худ вазифаҳои душвореро ба монанди дараҷаи баланди вобастагӣ аз қарорҳои ҳукумат дар соҳаҳои ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳо, инчунин, аз фазои иттилоотӣ-фарҳангии муҳит, ки вай дар он ташаккул ёфтааст ва шахсе ҳаст, инъикос мекунад.

Дар баробари гуфтаҳои боло зикр намудан ба маврид аст, ки мустақилият, масъулият, сатҳи вобастагӣ аз дигарон кам гардонидани хароҷотҳо ва зиёд кардани фоида бояд, дар шуури ҷамъиятӣ инкишоф дода шавад. Танҳо дар асоси ташаккули ақидаи умумимиллӣ метавон сатҳи саводнокии молиявии аҳолиро дар саросари кишвар рушд диҳем.

Дар баробари ин, ҷиҳати ҳалли мушкилоти болозикр ва коҳишдиҳии дараҷаи таъсири омилҳои манфӣ ба масъалаҳои зерин диққати махсус додан лозим аст:

- ➢ рушди динамикии бозори хизматрасониҳои молиявӣ, диверсификатсияи воситаҳои молиявӣ, ба вуҷуд омадани маҳсулоти мураккаби молиявӣ боиси торафт мураккаб шудани саволҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мегардад. Бинобар ин, ҷорӣ кардани фанни таълимии маърифати молиявӣ барои мактаббачагон аз манфиат холӣ нест;
- ➢ маводҳои таълимӣ бояд ба маҷмуи маводҳои замонавӣ ва фаҳмо асос ёфта бошанд ва аз мисолҳои ҳаётии воқеӣ, ки бо иштироки мутахассисони соҳа омода шудаанд, иборат бошанд. Инчунин, таъмини алоқаи бевоситаи донишҳои гирифташуда ва татбиқи амалии онҳо;
- ➢ гузаронидани ҳафтаҳои саводнокии молиявӣ, аз ҷумла ҳафтаҳои пасандозҳо, ҳафтаҳои сармоягузорон, рӯзҳои саводнокии нафақа, ташкили озмунҳои саводнокии молиявӣ, такмили ихтисоси намояндагони ВАО (тавассути семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ғайра).

Ҳамин тариқ, саводнокии молиявӣ воситаи муҳимми устувории дарозмуддати бахши молиявӣ мебошад. Дар раванди таҳқиқот кам кардани хатарҳои устувории бахши молиявӣ, ки аз сатҳи нокифояи саводнокии молиявии аҳолӣ ба вуҷуд омадааст, хусусиятҳо ва маҳдудиятҳои зерин муайян карда шуданд, ки барои баландбардории саводнокии молиявӣ хос мебошад ва таъсири омилҳои манфиро коҳиш медиҳанд:

1) Тадқиқотҳои байналмилалӣ собит намудаанд, ки сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ дар таъсир ба хатарҳои асосии устувории бахши молиявӣ аҳаммияти зиёд дорад: афзоиши аз ҳад зиёд қарздории аҳолӣ, патернализм ва консерватизми шаҳрвандон, бесаводии ҳуқуқӣ ва ғ.;

2) Саводнокии молиявӣ омили муҳимтарин мебошад, ки ба рафтори аҳолӣ дар бозори молиявӣ таъсир мерасонад. Ин рафтор ба омӯзиши ҷузъҳои зерин вобаста аст: муносибатҳои молиявӣ (асоси психологӣ ва иҷтимоӣ-демографӣ), донишҳои молиявӣ ва ба он алоқаманд (асоси маълумотӣ), мавҷудияти таҷриба ва малакаҳо (асоси амалӣ);

3) рафтори молиявӣ маҷмуи омилҳои берунӣ ва дохилиро низ ташкил медиҳад, ки ба воситаи он дараҷаи талабот ва имконият татбиқи донишҳои мушаххас ва малакаҳо муайян мекунанд;

4) мундариҷа ва доираи ҷорӣ намудани донишҳои молиявӣ ва малакаҳо бояд бо ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои рушди иқтисодиёти давлат, бахшҳои молиявӣ, инчунин, аҳолӣ мувофиқ бошанд;

5) маҷмуи зарурии дониш ва малакаи молиявӣ, бояд бо назардошти тағйирот дар омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ танзим карда шавад;

6) шаклу усулҳои таълими саводнокии молиявӣ бояд гуногун бошанд ва асосҳоеро, ки ҳам ба дарк ва ба азхудкунии иттилоот таъсир мерасонанд ба инобат гирад (физиологияи майна, хусусиятҳои синну сол, сатҳи дониш ва таҷриба дар бахши молиявӣ ва ғайра).

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Иброҳимзода И.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Борануков, А.В. Экономическая культура и финансовая грамотность населения (на примере южно-российских регионов): автореф. дис....канд.социолог. наук: 22.00.06 / А.В. Борануков. -Майкоп, 2014. -31 с.
2. Гаюров Г.Х. Формирование и улучшение банковских услуг в условиях высокой конкуренции / Г.Х. Гаюров, О.С. Махмадов // Сборник статей аспирантов и молодых ученых, XXX Международные Плехановские чтения (14 марта 2017 г.). –М.: ФГБОУ ВО «РЭУ им. Г.В. Плеханова, 2017. -С.178-184.
3. Гуриев, С.М. Мифы экономики. Заблуждения и стереотипы, которые распространяют СМИ и политики / С.М. Гуриев. -М.: Манн, Иванов и Фербер (МИФ), 2012. -154 с.
4. Капелюш, А.К. Социальный состав российской банковской клиентуры и ее поведенческие установки на рынке финансовых услуг: автореф. дис. ... канд. социолог. наук: 22.00.03 / А.К. Капелюш. -М., 2007. -24 с.
5. Моисеева, Д.В. Финансовая грамотность населения российского региона: экономико-социологический анализ: автореф.дис...канд.социолог.наук: 22.00.03 / Д.В. Моисеева. -Волгоград, 2017. -29 с.
6. О повышении уровня финансовой грамотности и развитии финансового образования в государствах – участниках СНГ. [Электронный ресурс]. URL: http://base.spinform.ru.
7. Сапольски, Р. Биология добра и зла: как наука объясняет наши поступки / Р. Сапольски. -М.: Альпина нон-фикшн, 2020. -766 с.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -С.86.
9. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026. -С.59.
10. Сушко, Е.Ю. Влияние финансовой грамотности населения на развитие экономики региона: автореф. дис.... канд. экон. наук: 08.00.05, 08.00.10 / Е.Ю. Сушко. -Волгоград, 2018. -26 с.
11. Финансовая культура. [Электронный ресурс]. URL: https://fincult.info. (дата обращения: 18.08.2022).


**ТАҲҚИҚИ ОМИЛҲОИ ТАЪСИРБАХШ БА РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВИИ АҲОЛӢ**


Мақола фарогири масоили баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ва таъсири он ба таҳкими низоми бонкӣ мебошад. Муаллиф бо таҳлили паҳлуҳои назариявӣ-амалии масъалаи мазкур, раванди ташаккули маърифати молиявии аҳолиро таҳқиқ намуда, ба он ақидааст, ки маърифати молиявӣ барои ҳар як фард дар алоҳидагӣ нақши муҳим дорад. Ғайр аз ин, баррасии сарчашмаҳои адабии хориҷӣ ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ба муаллиф имкон додаанд, ки ҷанбаҳои муҳимми баландбардории маърифати молиявии аҳолиро мушаххасан омӯхта, назари шахсии худро тавсия намояд. Дар мақола дарҷ гардидааст, ки нуқтаи аз ҳама муҳим дар ҷараёни баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ, муайян намудани омилҳои таъсирбахш ба ҳисоб меравад. Муаллиф омилҳои ба ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ таъсирбахшро таҳия намуда, роҳҳо ва усулҳои коҳишдиҳии таъсири онҳоро пешниҳод намудааст. Мақола вобаста ба баландбардории маърифати молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи муҳимми илмиро фароҳам оварда, метавонад дар ташаккули савияи донишҳои молиявии ҷомеа нақши созгор гузорад.



**Калидвожаҳо:** маърифати молиявӣ, низоми бонкӣ, омилҳои таъсиррасон, донишҳои молиявӣ, сармоя, амонат, пасандоз, захираҳои бонкӣ, рафтори молиявӣ.

## ИССЛЕДОВАНИЕ ФАКТОРОВ, ВЛИЯЮЩИХ НА ФОРМИРОВАНИЕ ФИНАНСОВОЙ ГРАМОТНОСТИ НАСЕЛЕНИЯ

В статье рассматриваются вопросы повышения финансовой грамотности населения и ее влияния на укрепление банковской системы. Изучив теоретико-практическую сторону данного вопроса, автор исследовал процесс формирования финансовая грамотность населения, придерживаясь мнения, что финансовой грамотности играет важную роль в жизни каждого человека. Кроме того, рассмотрение зарубежных литературных источников и научных работ отечественных исследователей позволило автору конкретно изучить важные аспекты повышения финансовой грамотности населения, рекомендовать свои собственные взгляды. В статье отмечается, что наиболее важным моментом в процессе повышения финансовой грамотности населения является определение влияющих факторов. Автором разработаны факторы, влияющие на формирование финансовой грамотности населения, предложены способы и методы смягчения их воздействия. Статья, связанная с повышением финансовой грамотности населения Республики Таджикистан, обеспечивает важную научную базу и может сыграть гармоничную роль в формировании уровня финансовых знаний общества.

**Ключевые слова:** финансовая грамотность, банковская система, влияющие факторы, финансовые знания, капитал, сбережения, банковские ресурсы, финансовое поведение.

## THE STUDY OF FACTORS INFLUENCING THE FORMATION OF FINANCIAL LITERACY OF THE POPULATION

The article discusses the issues of improving the financial literacy of the population and its impact on strengthening the banking system. With the analysis of the theoretical and practical side of this issue, the author investigated the process of formation of financial literacy of the population, adhering to the opinion that financial literacy plays an important role for each individual. In addition, consideration of foreign literary sources and scientific works of domestic researchers allowed the author to specifically study important aspects of improving financial literacy of the population, recommend his own views. The article notes that the most important point in the process of improving the financial literacy of the population is the identification of influencing factors. The author has developed factors affecting the formation of financial literacy of the population, proposed methods and methods to mitigate their impact. The article related to the improvement of financial literacy of the population of the Republic of Tajikistan provides an important scientific base and can play a harmonious role in shaping the level of financial knowledge of society.

**Keywords:** financial literacy, banking system, influencing factors, financial knowledge, capital, savings, banking resources, financial behavior.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ибодов Аваз Ҳасанович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ibodovavaz@gmail**. Телефон: **(+992) 907-33-99-12**

**Сведения об авторе:** ***Ибодов Аваз Хасанович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ibodovavaz@gmail.** Телефон: **(+992) 907-33-99-12**

**Information about the author:** ***Ibodov Avaz Khasanovich*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of Information Systems in Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ibodovavaz@gmail.** Phone**: (+992) 907-33-99-12**

ТДУ: 338. 43 (575.3)

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ

*Худойбердиева Ф.С., Худойбердиева З.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Захираҳои об дар баробари дигар захираҳои табиӣ нақши калидӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ва умуман кишвар маҳсуб мешаванд. Ҳатто метавон гуфт, ки дар шароити имрӯза, захираҳои об муҳимтарин омил баҳри рушди иқтисодиёт ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Вақте сухан аз боби нақши об дар рушди иқтисодиёт меравад, пеш аз ҳама, масъалаи истифодаи самараноки захираҳои обӣ бо истифода аз усулҳои муосир ба миён меояд, ки паҳлуи масъаларо метавон ба қисмати идоракунӣ ва истифодаи захираҳои обӣ нисбат дод. Масъалаи истифодаи самараноки захираҳои обӣ, хосса дар илми иқтисодӣ марбут ба об ҳоло унвони ҷаҳониро соҳиб шудааст, ки на танҳо дар кишвари мо, ҳатто дар ҷаҳон мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Вале бо вуҷуди ин қадар пешрафтҳои илмӣ дар самти шинохт ва идоракунии захираҳои обӣ, дар шароити имрӯза идоракунӣ ва истифода захираҳои об на он қадар хуб ба роҳ монда шудааст. Ҳатто, метавон гуфт, ки чунин шеваи кори давлатҳои ҷаҳон ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ қариб, ки мувофиқат намесозад. Бархурде бад-ин шева боиси бесамар истифода бурдани захираҳои об, ифлосшавии объектҳои обӣ ва таназзулу паст шудани бехатарии ҳаёти аҳолӣ аз таъсири омили об, афзоиши хароҷоти ҷомеа барои барқарорсозӣ ва ҳифзи объектҳои об дар ҷаҳон гардидааст.

Ҳамин аст, ки мутахассисони соҳаи марбут ба ҷанбаҳои иқтисодии об, дар андешаи рушди муносибатҳои истифодаи оқилонаи об ва ташаккул додани механизми дахлдори иқтисодии идоракунии истифодаи об мебошанд. Барои расидан ба ин ҳадаф ибтидо лозим аст, ки зарурати омӯзиши мушкилоти мазкур ҳамаҷониба омӯхта шавад. Вале то ба ҳол асосҳои назариявӣ ва методологии ҳалли масъалаҳо ба қадри кофӣ коркард нашудаанд. Ҳоло бештар сари мафҳумҳое чун ислоҳоти идоракунии давлатии истифодаи об дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, ташкили арзёбии самараноки арзиши захираҳои об дар минтақа ва такмил додани механизми иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои об меандешанд.

Истифодаи самараноки захираҳои об муҳимтарин чораҳои ташкилӣ мебошад, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои воқеӣ ва ба вуҷуд овардани масъулият дар байни истифодабарандагони об ба таври сарфакорона ва самаранок аст. Дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани ҳали ин масъалаҳо имконият пайдо мегардад, ки манфиатҳои объектҳои об (давлат) ва истифодабарандагони об бо назардошти дараҷаи устувории экосистемаҳои табиии об мувозинат карда шаванд.

Мушкилоти истифодаи самараноки об дар ҳоле ба мушкилоти доғ мубаддал мегардад, ки дар шароити иқтисодиёти бозорогонӣ ва дигаргуниҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ талаботҳо рӯз ба рӯз дар ҳолати тағийрёбӣ қарор доранд.

Дар робита ба нуктаҳои боло метавон зикр намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди доштани сарватҳои бузурги обӣ, мушкилоти механизми истифодаи иқтисодии обро ба таври комил ҳаллу фасл накардааст. Ин дар ҳолест, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои оби тозаи нушокӣ қисми таркибии сарвати миллӣ ва бойгарии давлат ба ҳисоб рафта, он дар таъмини рушди иқтисодиёти кишвар нақши муассир дорад.

Бо вуҷуди он, ки дар ҷаҳон захираҳои обӣ зиёд аст, вале мушкилоти асосӣ таъмин набудани қисми бузурги аҳолии ҷаҳон бо оби тозаи нӯшокӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, масъалаи таъмини аҳолӣ бо захираҳои оби тоза дар ҷаҳон яке аз муҳимтарин проблемаи асри XXI ба ҳисоб меравад. Айни замон аз норасоии оби нӯшокӣ дар ҷаҳон як миллиард аҳолии кураи замин ранҷ мебаранд ва аз истеъмоли оби ифлос беш аз панҷ миллион одамон вафот мекунанд. Ҳамзамон, зиёда аз даҳ миллион ба бемориҳои гуногун дучор мегарданд. Аз ин сабаб захираҳои об дар ҳаёти инсоният нақши муҳимро доро мебошад.

«…Дар айни замон истифодаи об яке аз соҳаҳои асосии фаъолияти инсон мебошад. Рушди устувори системаҳои иҷтимоию иктисодӣ ноил шудан ба ҳамоҳангӣ дар муносибатҳои байни инсон, ҷамъият ва табиат, иқтисодиёт ва муҳити зист асос меёбад. Яке аз муҳимтарин омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сатҳи некуаҳволии минтақа, ин истифода ва ҳифзи захираҳои об мебошад» [9,с.44-48].

Аҳаммияти обро дар рушди минтақа дуруст дарк карда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: "…Об талаботи ҳамарӯзаи инсонро қонеъ мегардонад, вале ба ғайр аз ин, об ҳамчун манбаи асосии энергия ба рушди устувор мусоидат мекунад, инчунин, дар рушди соҳаи кишоварзӣ ва саноат низ нақши калидӣ мебозад. Зиёда аз он, дарёҳо аксар вақт қисми ҷудонашавандаи системаҳои марзгузар мебошанд ва экосистемаҳои ба об алоқаманд назорати обхезиҳо, ҳимоя аз тӯфонҳо ва тозакунии обро таъмин мекунанд" [2,с.10].

Ба ақидаи Одинаев Х.А. «… Самтҳои муҳимтарини таъмини рушди устувор ва тақвияти ҳамгироии минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ, зарурати беҳтар намудани нақшаҳои истифодаи захираҳои обии марзгузар бо назардошти қоидаҳои нигоҳдорӣ ва беҳсозии фаъолияти экосистемаҳо кӯҳистон ва водиҳо, паст кардани обталабии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва ноил шудан ба рақобатпазирии иқтисодиёти миллию минтақавӣ маҳсуб мешаванд. Дар айни замон, зарурати коркарди бартариҳои сиёсати экологию иқтисодии минтақавӣ дар доираи истифодабарии муштарак ва ҳифзи дарёҳои марзгузар дар асоси меъёрҳо ва қоидаҳои байналмилалии ҳуқуқӣ пурзӯр мешавад. Рушди муносибатҳои байнидавлатӣ оид ба об, бо истифода аз меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин, озодии сиёсӣ барои баррасии баҳсҳои байни давлатҳо дар бораи на танҳо тақсимоти миқдории об, балки масъалаҳои фарогири сифати он мушкили муҳимтарини стратегияи идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои обии марзгузар мебошад» [8,с.3].

Шарҳи овардаи А.И. Чеботарев низ ҷолиб аст, ки ӯ оби равонро ҳамчун «объекти обие тасвир кардааст, ки ба он ҳаракати доимӣ ё муваққатии об дар маҷро ба самти нишебии умумӣ хос мебошад». Ба ақидаи ин олим, обҳои равонро ба ду намуди асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: 1) обҳои равони доимӣ, ки ба онҳо ҷӯйҳо, дарёҳо ва обҳои равони муваққатӣ, ки ҳамчун дарёҳои хушкшаванда пешниҳод шудаанд, мансубанд; 2) обҳои равони табиӣ– дарёҳо ва обҳои равони сунъӣ – наҳрҳо [14].

Чунин таваҷҷуҳ хеле дуруст аст, зеро дар минтақа то ҳол механизми мувофиқашудаи истифодабарии муштараки захираҳои об, ки барои аҳолӣ ва бидуни истисно барои ҳама мамолики Осиёи Марказӣ аҳаммияти ҳаётӣ дорад, мавҷуд нест. Мавриди зикр аст, ки солҳои охир дар минтақа оид ба масъалаҳои истифодабарии об ва сохтмони неругоҳҳои барқи обии бузург вазъияти ғайриодӣ ба миён омадааст. "Таваҷҷуҳи рӯзафзуни байни давлатҳои болооб ва поёноби ҳавзаи дарёҳои Арал ба ҳаллу фасл бо истифода аз тадбирҳои ғайримуқаррарӣ, ки мутобиқи нишондоди таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ба натиҷаҳои мусбат меоранд, ниёз доранд.

Ба ақидаи баъзе олимон, ташаккули идоракунии устувори иқтисодиёт ва истифодаи оқилонаи об дар марҳилаи муосир, бояд аз рӯи самтҳои зерин арзёбӣ шавад:

- таҳлили мулоҳизаҳои назариявии мактаби илмию таърихии назарияи иқтисодӣ оид ба масъалаҳои самаранокии низоми менеҷмент дар хоҷагиҳои об ва истифодаи самараноки оби минтақаҳо;
- таҳлили вазъи муосири идоракунии об ва истифодаи самараноки оби обанборҳо, дарғотҳои НБО, ҳавзаи дарёҳо ва системаҳои обёрии минтақавӣ;
- таҳияи намунаи консептуалии системаи муосири хоҷагии об ва истифодабарии самараноки он;
- рушди системаи идоракунии иншооти обӣ ва алоқамандии онҳо бо мушкилоти минтақавиии идоракунии иқтисодиёт, экология ва сотсиология, демография ва инженерия;
- муайян кардани нишондиҳандаҳои самаранокии низоми менеҷментӣ дар хоҷагиҳои об, истифодаи самараноки об дар минтақаҳо ва ҳ.к.

Ба ақидаи Н.М. Обиюх "усули экосистемавӣ имкон медиҳад, ки объектҳои обӣ ҳамчун системаҳои комили табиие баррасӣ шаванд, ки дар онҳо организмҳои зинда бо муҳити зист робитаи мутақобила доранд. Ин қоида ҳамчунин барои арзёбии таъсири

антропогенӣ ба ҳолати экологии объектҳои обӣ муҳим аст. Теъдоди зиёди сарчашмаҳои заҳролудсозии объектҳои обӣ бо моддаҳои хатарнок аз муҳити беруна мавҷуд аст. Ҳамин тавр, ҳангоми истифодаи нуриҳои минералӣ ва пеститсидҳо (заҳрхимикатҳо) на танҳо ба хок, балки ба манбаъҳои обӣ ҳам зарар расонида мешавад.

Бо вуҷуди мушкилоти мазкур ҳоло ҳам мушоҳида мешавад, ки захираҳои об дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар аксарияти маворид самаранок ва оқилона истифода бурда намешаванд. Мутахассисон дар робита ба ин масъала мушкилоти марбут ба обро аз масъалаҳои мубрами сатҳи ҷаҳонӣ унвон месозанд. Ҳатто, дар робита ба муҳиммияти истифодаи самараноки захираҳои обӣ як бахши бузурги аҳдофи рушди устувор ба соҳаи об рабт мегирад. Дар рӯйхати ҳадафҳои рушди устувор қисми шашум пурра ба масъалаҳои об рабт дода шудааст. Аз ин рӯ, захираҳои обро ҳамчун омили муҳимтарини иҷтимоию иқтисодӣ рушди ҳаёти ҷомеаи имрӯза унвон кардан мумкин аст.

Мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба масъалаи дастрасӣ бо захираи об рӯз ба рӯз фарохтар гардида истодааст. Дар робита бо ин, нахустин шуда Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ якчанд ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли масоили об пешниҳод намуданд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ пайдо карданд.

Дар натиҷаи талошҳои зиёд аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тули даврони соҳибистиқлолӣ масъалаҳои вобаста ба об дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд мақоми хосса пайдо намуда, мавриди баррасии дақиқ қарор дода шуданд, ки аксари ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли масоили об пешниҳодгардида аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтаанд.

Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои об муҳим ва саривақтӣ маҳсуб мешаванд, зеро тибқи маълумоти созмонҳои минтақавию байналмилалӣ зиёда аз 750 миллион нафар ба оби нӯшокии безарар дастрасӣ надошта, интизор меравад, ки бо назардошти афзоиши тадриҷии аҳолӣ то соли 2030 қариб 40%-и аҳолии ҷаҳон ба мушкилоти норасоии об дучор гарданд.

Албатта, мо метавонем инъикоси ташаббусҳои созандаи Пешвои муаззами миллатро дар ҷодаи ҳифзи захираҳои обии ҷаҳонӣ дар марҳилаҳои зайл мушоҳида намоем:

- пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ (МУ СММ, 1 октябри 1999) - эълон намудани соли 2003 - Соли оби тоза. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун Соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд. 29 август - 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид;
- пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”. 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” эълон кард;
- ташаббуси эълон намудани соли 2013 ҳамчун соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об. Соли 2013 ҷомеаи байналмилалӣ, бинобар Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ 67/204, ки муаллифаш Тоҷикистон аст, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи обро қайд намуд. Маросими оғози Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Париж 11 феврали соли 2013 баргузор гардид.
- пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”. 21 декабри соли 2016 Маҷмаи Умумии СММ Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2018-2028-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” эълон намуд. Қобили зикр аст, ки ташаббуси мазкур бори аввал аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 12 апрели соли 2015 зимни баргузории Форуми ҷаҳонии об дар шаҳри Тегуи Ҷумҳурии Корея ироа гардида буд.

Бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2003 то соли 2010 дар шаҳри Душанбе як қатор чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои гуногуни об гузаронда шуд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд:

- Форуми байналмилалии оби тоза, 29 август – 1 сентябри соли 2003;
- Конфронси байналмилалӣ доир ба ҳамкориҳои минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои байнисарҳадӣ, 30 май – 1 июни соли 2005;
- Конфронси байналмилалӣ доир ба коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об, 27 - 29 июни соли 2008;
- Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба баррасии фарогири миёнамуҳлати рафти татбиқи Даҳсолаи байналмилалии “Об барои ҳаёт”, солҳои 2005 – 2015, 8 -10 июни соли 2010 [10].

Яке аз ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»-ро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни маъруза дар чорабинии мазкур «эҷоди майдони васеъ барои густариши таҷрибаи андӯхта ва ҳамкориҳо дар соҳаи об» баён намуданд.

Таҳлили ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат аз он дарак медиҳад, ки чунин ташаббусҳо на танҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии истифодаи захираҳои обӣ, балки ҷиҳати роҳандозӣ намудани ислоҳоти қонунгузории соҳаи об нақши муҳиму созанда ва бунёдӣ доранд, зеро дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ислоҳоти соҳаи об, гузариш ба шаклҳои нави идоракунӣ, таъсиси институтҳои нав ва такмили қонунгузории соҳа ба миён омаданд.

Айни замон, заминаи мукаммали қонунгузории соҳа бо назардошти ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардида, дар асоси роҳнамоии ин ташаббусҳо Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, таҳти №1688, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» аз 19 июли соли 2019, таҳти №1633, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» аз 2 январи соли 2020, таҳти №1668 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои муҳимми барномавӣ, ба монанди «Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, таҳти №791; «Барномаи беҳсозии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020» ва «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2022, таҳти №90 таҳия ва қабул карда шудаанд [12].

Дар асоси андешаҳои боло, бояд тазаккур дод, ки барои расидан ба ҳадафҳои меҳварии сиёсати давлативу умумибашарӣ оид ба ҳифзи захираҳои обӣ зарур аст, ки тамоми давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ новобаста аз эҳтиёҷмандиашон нисбат ба ин захираи табиӣ ташаббускорӣ ва ҳамбастагии иттифоқиро тақвият бахшанд. Истифодаи беҳтари захираи обҳои фаромарзӣ ба ҳамкории зичи миёни кишварҳои ҳамсоя бештар вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, ҳамкорӣ ва ҳамгироии байни кишварҳои ҳамсояи наздисоҳилӣ дар таъмини истифодаи босуботи об барои наслҳои оянда нақши муҳим мебозад.

Дар баробари ин, яке аз ҳадафҳои бунёдии расидан ба мақсадҳои пешгузоштаи давлат оид ба беҳдошти вазъи экологӣ, ҳамчунин, ҳифзи захираҳои обӣ мақоми ҳар як узви ҷомеа низ калидӣ арзёбӣ мешавад.

Аз ин лиҳоз, пеш аз ҳама, мо бояд чунин механизмҳоеро барои амалӣ намудани ҳадафу вазифаҳои мувофиқашуда таҳия кунем, ки дар он ҳамаи категорияҳои истифодабарандагони об барои қонеъ кардани ниёзҳои худ ба об дастрасӣ ва имкониятҳои баробар дошта бошанд.

“Муҳимтарин омили иқтисодии ба сатҳи истифодаи об таъсирркунанда, ин баҳогузории арзиши захираҳои обӣ мебошад, ки асоси механизми иқтисодии танзими истифодаи обиро ташкил медиҳад. Ҳадаф аз ҷорӣ намудани механизми иқтисодӣ, таъмин

намудани имтиёзҳои иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи барқароркунӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи сохторҳои обӣ мебошад” [9,с.44-48].

Мақсади асосии такмил додани механизми иқтисодии идоракунии захираҳои об, барои паст кардани фишори антропогенӣ ба объектҳои об (истеъмоли об ва партоби моддаҳои ифлоскунанда) мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф таъсиси системаи илмӣ асоснок арзёбии самаранокии ҳамаи намудҳои истифодаи об ва зарари ба объектҳои об расонидашуда, инчунин, таҳияи системаи дахлдори тарифҳо, ҷаримаҳо ва ҳавасмангардониро талаб мекунад. Азбаски ин қисмати кори мо дар робита ба механизми иқтисодии истифодабарии об мебошад, зарур аст, ки ба ин масъала аз назари иқтисодӣ баҳо бидиҳем, зеро имрӯз об чун манбаи асосии рӯзгор ба унвони маҳсулоти бозорӣ унвон гардидааст. Аз ин нуқтаи назар мамлакатҳои аз лиҳози захираҳои обӣ бой, амсоли мамолики дорои нафту газ дар чашми абарқудратон боарзиш маҳсуб меёбанд. Ин ба он рабт дорад, ки бидуни таъмини ҳамаҷонибаи мардум ба оби тозаи ошомиданӣ ҳеҷ мамлакате абарқудрату пешрафта будани худро дар ҷаҳон собит карда наметавонад. Вобаста ба ин, дар ҷаҳони бозоргонӣ механизмҳои тозае дар самти иқтисодии об пайдо шудааст, ки иқтисоддонони соҳаи об сари комил намудани он ҳамаҷониба кор карда истодаасанд. Агарчи то ба ҳол механизми мазкур ба таври бояд кор карда нашудааст, вале мушоҳида мешавад, ки давлатҳои аз лиҳози захираҳои обӣ бой дар андешаи мушаххас кардани қимати фурӯш ва механизми ба манбаъҳои иқтисодӣ табдил додани об мебошанд. Вобаста ба ҳолати бaамаломада дар ҷодаи механизмҳои гуногуни бозорӣ мафҳумҳое чун маркетинги фаъолияти хоҷагии об, суғуртаи хавфи истифодабарандагони об ва ғайраҳо пайдо шудаанд. Пайдо шудани мафҳумҳои зикргардида ба он далолат мекунад, ки рушди корхонаҳои саноатӣ ва ниёзи мардум ба оби ошомиданӣ талаботи кишварҳои ҷаҳонро ба ниёзмандӣ назди давлатҳои аз лиҳози захираҳои обӣ бой зиёд кардааст. Ҳамзамон, давлатҳое, ки дорои ин сарвати бебаҳо мебошанд, имкон доранд, ки дар муддати кутоҳ аз лиҳози иқтисодӣ рушд намоянд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани раванди тақвият бахшидани механизми истифодаи об дар Тоҷикистон, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст. Дар қисмати муқаррароти умумии кодекси мазкур оид ба истифодабарии захираҳои обӣ, идоракунии захираҳои об маҷмуи чорабиниҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои таъминкунандаи банақшагирии самаранок, идоракунии устувор, истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об, инчунин, ҳифзи маҳаллҳои аҳолинишин, заминҳои кишоварзӣ, ҳудудҳои саноатӣ ва ҳама намуди моликият аз таъсири манфии обҳо зикр гаштааст. Дар Кодекси об, механизми иқтисодии самаранокии захираҳои об муқаррар карда шудааст, ки аз инҳо иборат аст: пардохт барои истифодаи махсуси об, истифодаи умумии оби ройгон, пардохти истифодаи захираҳои об дар ҳудуди муқарраршуда (ба истисноии обёрии кишоварзӣ ва ҷангалпарварӣ), пардохти лимити зиёдатӣ ва ғайриоқилона ва ғайраҳо. Истифодаи захираҳои об пардохти хизматрасониҳое мебошад, ки бо ҷамъ кардан ба сарҳади истеъмолкунандагон кашонидан алоқаманд мебошад.

Таҳияи механизмҳои идоракунии захираҳои об, шарти муҳимтарини таъмини истифодаи захираҳои об танзим ва оптимизатсияи муносибатҳои байни субъектҳои комплекси хоҷагии об мебошад.

Механизми иқтисодии ҳавасмандгардонии истифодабарандагони об имкон медиҳад, ки марҳила ба марҳила кам кардани партовҳои моддаҳои ифлоскунанда амалӣ карда шавад. Самти муҳимми оқилона истифода бурдани захираҳои об, баланд бардоштани масъулияти иқтисодии корхонаҳо барои вайрон кардани қонунгузории захираҳои об мебошад [13].

Барои пурра амалӣ гардонидани механизми иқтисодии истифодабарии об, қонуни бевоситаи амалиро дар бораи пардохти об, монанди қонун дар бораи пардохти замин кор карда баромадан лозим аст. Ин ба баланд шудани сатҳи ситонидани захираҳои об ва хизматрасонии об ба истеъмолкунандагон, консолидатсияи мушаххаси дастгирии давлат бо аниқ намудани принсипҳои маблағгузории буҷет, сиёсати тарифию қарзӣ ва андоз таъсири мусбат мерасонад.

Истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об ҳамчун қисми таркибии ҳифзи муҳити зист маҷмуи чорабиниҳо (технологӣ, биотехникӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ, ҳуқуқӣ,

байналмилалӣ, тарбиявӣ ва ғайраҳо) мебошанд, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳо, муҳофизат аз онҳо, пешгирӣ намудани ифлосшавии онҳо нигаронида шудаанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Саидов С.С.**

## АДАБИЁТ


1. Акимов В.Н. Справочник. Стандартные термины в водном хозяйстве / В.Н. Акимов, Н.Н. Михеева. -М., 1999.
2. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкориҳои минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои марзгузар (ш. Душанбе, 30 май-1 июни соли 2015). –С.10.
3. Вазиров, А.К. Теоретические подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона / А.К. Вазиров, Ф.А. Вазиров, Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№2. -С.153-158.
4. Вода и жизнь. -М.: Мысль, 1986.
5. Водные ресурсы: рациональное использование / Е.П. Ушаков; А.А. Голуб; Ю.П. Беличенко. -М.: Экономика, 1987.
6. Мухаббатов Х.М. Водные ресурсы – основа сотрудничества в Центральной Азии / Х.М. Мухаббатов, А.К. Камолиддинов // Экономика Таджикистана: стратегия, развития. -Душанбе, 2008. -№1.
7. Назаров А.А Межведомственная координация при управлении и использовании водных ресурсов в Таджикистане. [Электронный ресурс]. URL: http: www.cawater-info.net
8. Одинаев Ҳ.А. Роҳҳои беҳтар намудани истифодаи захираҳои обии марзгузар дар шароити Осиёи Марказӣ / Ҳ.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ. -Душанбе: Сино, 2012. -№2/7(98). -С.3.
9. Саидов С.С. Бассейновый подход в управлении трансграничными водными ресурсами / С.С. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2015. -№2/3(165). -С.44-48.
10. Синельников С.Г. Экономический механизм интенсификации водопользования / С.Г. Синельников // Экономика и математические методы. - 1988.
11. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ 30.05.2005. –Душанбе, 2005.
12. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми байналмиллалии оби тозаи Душанбе. 30.08.2003.
13. Тезисҳои маърӯзаҳои конфронси байналмиллалӣ, ки Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил кардааст. Захираҳои обии Осиёи Миёна ва истифодаи оқилонаи онҳо. (9-11 октябри 2001). -Душанбе, 2001.
14. Чеботарев А.И. Гидрологический словарь / А.И. Чеботарев. -Л.: Гидрометеоиздат, 1978.


## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ


Мақола ба ташаккул ва истифодаи захираҳои об дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пиряххо, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо ва сарчашмаҳои зеризаминӣ ташаккул мeёбанд. Масъалаҳои идоракунии захираҳои об ҳамчун неъмати табиӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд. Механизмҳои иқтисодии захираҳои обӣ барои таъмини истифодаи устувори об дар шароити афзоиши фишор ба системаҳои об, усулҳои идоракунии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Асосҳои қонунгузорӣ ва ташаббусҳои муҳимми экологии байналмилалӣ ҷиҳати ҳалли масъалаи таъмини сифати муносиби зиндагии мардум тавассути таъмини онҳо бо оби тозаи ошомиданӣ ва маишӣ таҳлил карда мешаванд. Захираҳои об бо мураккабии зиёди шаклҳои территориявӣ фарқ мекунанд. Хусусиятҳои зиёди захираҳои об аз нотакрории усулҳои истифодаи онҳо бармеоянд. Ба истисноии истисноҳои нодир, об бевосита барои эҷоди ягон мавод бо табдили ба моддаи дигар ва бебозгашт аз гардиши табиӣ, мисли захираҳои маъданӣ ё захираҳои ҷангал истифода намешавад. Зарурати механизми иқтисодӣ ё маъмурии танзими истифодаи захираҳои маҳдуди об ва дар байни истеъмолкунандагон тақсим намудани онҳо ба миён омад.



**Калидвожаҳо:** истифодабарии об, тақсимоти об, захираҳои об, механизмҳои иқтисодии идоракунии об.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ЭКОНОМИЧЕСКОГО МЕХАНИЗМА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ


В статье рассмотрены вопросы формирования водных ресурсов Таджикистана. Водные ресурсы Республики Таджикистан формируются на ледниках, речном стоке, озёрах, водохранилищах и подземных источниках. Вопросы управления водными ресурсами рассматриваются как природное и общественное благо. Показаны экономические механизмы использования водных ресурсов для обеспечения рационального использования воды в условиях повышенной нагрузки на водные системы, методы управления водными ресурсами в Республике Таджикистан. Анализируются законодательная база и международные экологически значимые инициативы для решения проблемы обеспечения должного качества жизни людей путем снабжения их чистой водой для питья и бытовых целей. Водные ресурсы отличаются большой сложностью территориалных форм. Многие особенности водных ресурсов вытекают из своеобразия способов их использования. В связи со стремительным ростом водопотребления по мере возникновения дефицита водных ресурсов во все большем числе районов ситуация стала

меняться. Возникла необходимость в экономическом или административном механизме регулирования использования ограниченных водных ресурсов и распределения их между потребительями. Курс посвящен изучению основных видов использования, загрязнения и регламентирования потребления водных ресурсов.

**Ключевые слова:** использование воды, водораспределение, водные ресурсы, механизмы управления водными ресурсами.

## THEORETICAL ASPECTS OF THE ECONOMIC MECHANISM FOR THE USE OF WATER RESOURCES

The article deals with the formation of water resources in Tajikistan. In the Republic of Tajikistan, lakes, reservoirs, rivers, glaciers and subsurface sources all contribute to the formation of the countrys water resources. Management of the water supply is seen as a natural and common good. The Republic of Tajikistans water resource management techniques are illustrated, together with the economic processes that are used to employ water resources to ensure the sensible use of water under situations of rising strain on water systems. Their specific place in the system of economic relations is connected with the inexhaustibility of water resources and the peculiarities of their use. Until recently, the relative abundance of water and the possibility in most cases of satisfying all needs for it excluded water, like air, from the system of economic relations. Water resources are distinguished by the great complexity of territorial forms. Many features of water resources stem from the uniqueness of the ways in which they are used.

**Keywords:** water consumption, water distribution, aquatic ecosystems and water resources managtment methods.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Худойбердиева Фотима Сухробовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисод ва идораи КАС. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru**. Телефон: **887-77-79-92**
***Худойбердиева Зухро Сухробовна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисод ва идораи КАС. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904-24-88-40**

**Сведения об авторах:** ***Худойбердиева Фотима Сухробовна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru**. Телефон: **887-77-79-92**
***Худойбердиева Зухро Сухробовна*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономики и управления АПК. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904-24-88-40**

**Information about the authors:** Khudoyberdieva Fotima Sukhrobovna - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Economics and Management of the Agro-Industrial Complex. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **fotima_zukhro1993@mail.ru**. Phone: **887-77-79-92**
***Khudoyberdiyeva Zuhro Sukhrobovna*** - Tajik National University, doctoral Ph.D student of the Department of Economics and Management of the Agro-Industrial Complex. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **904-24-88-40**

ТДУ: 331.142.23

# МОДЕЛҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ РАВАНДИ БУҶЕТӢ ДАР КИШВАРҲОИ ХОРИҶА

*Ширинов Ҳ.М., Ғаффориён М.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити нави иқтисодӣ, ноустувории фаъолияти низоми ҷаҳонии молия, бозорҳои молиявӣ, пурзӯр шудани талабот барои беҳсозии хароҷоти давлатӣ ва ислоҳи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ дар тамоми кишварҳо, масъалаҳои таъмини устувории низоми буҷет, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва ба даст овардани амнияти молиявӣ аҳаммияти хосса дорад. Дар сатҳи байналмилалӣ эътироф намудани зарурати татбиқи принсипҳои идоракунии самаранок ва масъулиятноки маблағҳои давлатӣ боиси истифодаи равишҳои нав дар татбиқи раванди буҷет ҳам дар кишварҳои дорои иқтисоди бозоргонии пешрафта ва ҳам дар кишварҳои давраи гузариш ва иқтисодиёти рушдёбанда. Дар доираи ин равишҳо татбиқи раванди буҷет ва татбиқи ислоҳоти зарурии буҷетӣ ба ташаккули сиёсати масъулиятноки фискалӣ, истифодаи банақшагирии миёнамуҳлат ва дарозмуддати буҷет бо мақсади таъмини суботи молиявӣ ва самаранокии хароҷоти давлатӣ ва баланд бардоштани масъулият барои самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ нигаронида шудааст.

Дар даҳсолаҳои охир равишҳои нав ба татбиқи раванди буҷет дар бисёр кишварҳои дорои иқтисодиёти рушдкарда ва давраи гузариш бо ислоҳоти системаи идоракунии молияи давлатӣ ва унсурҳои он алоқаманд мебошанд:

- банақшагирӣ ва пешгӯии буҷет;
- идоракунии оперативии маблағҳои буҷетӣ;
- идоракунии молияи давлатӣ.

Асоси ҳуқуқии таҷдиди раванди буҷет дар хориҷи кишвар кодексҳо, тавсияҳо, қоидаҳо, расмиятҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои методологие буд, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ (ХБА, Бонки ҷаҳонӣ, OECD), Иттиҳоди Аврупо расман қабул шудаанд, ки ба идоракунии самараноки давлат нигаронида шудаанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Асосҳои ҳуқуқии мукаммалгардонии раванди буҷетӣ дар кишварҳои хориҷа**
**Table 1. Legal basis for improving the budgeting process in foreign countries**

| Санадҳои ҳуқуқӣ | Мақом | Мақсади танзими ҳуқуқӣ |
|---|---|---|
| Паймон оид ба субот ва рушди иқтисодӣ. Қоидаҳои назорати молиявии ИА барои кишварҳои узвият. | Меъёрҳои молиявии таҳияшуда эътибори ҳуқуқӣ доранд ва барои ҳамаи кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо ҳатмӣ мебошанд | Устувории молиявӣ, интизоми молиявӣ, ҳолати буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат. |
| Кодекси таҷрибаи хуб оид ба шаффофияти молиявӣ (ХБА).<br>Таҷрибаҳои беҳтарин барои шаффофияти буҷет (OECD).<br>Эъломияи Лима дар бораи Принсипҳои роҳнамо оид ба назорат (INTOSAI).<br>Принсипҳои роҳбарикунандаи татбиқи ислоҳоти идоракунии молияи давлатии Иттиҳоди миллатҳо. | Муайян намудани таҷрибаи пешқадами ташкили раванди буҷет дар ҳамаи марҳилаҳо бо мақсади таъмини шаффофият, устуворӣ ва самаранокии системаи буҷетӣ ва бомуваффақият татбиқи ислоҳоти буҷет. Онҳо барои итоат ҳатмӣ нестанд | Танзими рафти татбиқи ислоҳоти буҷетӣ оид ба ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам дар идоракунии молияи давлатӣ. Риояи ин меъёрҳои ҳуқуқӣ махсусан дар кишварҳое муҳим аст, ки ба дастгирии молиявии созмонҳои байналмилалии молиявӣ такя мекунанд |
| Дастури OECD оид ба гузариш ба идоракунии муосири молияи давлатӣ. Идоракунии хароҷоти давлатӣ (Бонки Рушди Осиё).<br>Кодексҳои миллии таҷрибаи пешқадам (масалан, Дастурамал оид ба таҷрибаи | Пеш аз ҳама, барои кишварҳои дорои иқтисоди дар давраи гузариш ва кишварҳои рӯ ба рушд, ки кумаки молиявӣ ва кумаки чунин созмонҳо аҳаммияти калон доранд, таҳия | Кумак ба кишварҳои дар ҳоли гузариш ва кишварҳои рӯ ба инкишоф дар гузаштан ба принсипҳои муосири идоракунии молияи давлатӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| хуби вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир). | шудааст. Онҳо табиати маслиҳатӣ доранд. | |

Сарчашма: Муаллифон дар асосии маълумотҳо дар бораи раванди буҷети давлатҳои дахлдор тартиб додаанд.

Сарфи назар аз шумораи зиёди санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ ва маводи методӣ оид ба татбиқи ислоҳоти буҷетӣ ва ҷанбаҳои идоракунии самараноки молияи давлатӣ, ки дар онҳо фаро гирифта шудаанд, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва тавсияҳои методии ташкилотҳои байналмилалӣ дар як қатор мавридҳо барои арзёбии устувории буҷет усулҳои гуногунро истифода мебаранд. Дар амалияи ҷаҳонӣ мавҷуд набудани принсипҳо ва усулҳои ягонаи ислоҳоти буҷет, сатҳи гуногуни рушди иқтисодии кишварҳо, омилҳои сиёсӣ ва дигар омилҳо боиси истифодаи равишҳои гуногуни ислоҳоти раванди буҷет гардид.

Ислоҳоти раванди буҷет дар кишварҳои хориҷӣ дар доираи татбиқи Консепсияи идоракунии самарабахши молияи давлатӣ анҷом дода мешавад. Консепсияи мазкур ба истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, сатҳи баланди шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар соҳаи молияи давлатӣ ва таъмини рушди дарозмуддати иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Бо тавсифи таҷрибаи хориҷии татбиқи ин консепсия дар доираи раванди буҷет, мо метавонем чор модели асосии татбиқи консепсияи идоракунии самараноки молияи давлатиро фарқ кунем, ки дар рафти татбиқи онҳо раванди буҷет такмил меёбад.

*Якум* ва бештар маъмултарин усул, ки дар адабиёти иқтисодии Русия ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ин идоракунии молиявии нави давлатии менеҷменти молиявӣ, (New Public Financial Management, NPFM) мебошад, ки дар натиҷаи аз нав дида баромадани назарияи идоракунии давлатӣ ва гузариш аз идоракунии давлатӣ ба ҷамъиятӣ ташаккул ёфтааст. Онро идоракунӣ аз рӯи принсипҳои бозорӣ, яъне, идоракунии ба натиҷа асосёфта низ меноманд. Ин модел аз соли 1980 дар як қатор мамлакатҳои ОЭСР (Британияи Кабир, ИМА, Зеландияи Нав, Канада, Фаронса, Германия, Япония ва ғайра) ва дар баъзе мамлакатҳои рушдёбанда дар амал истифода мешавад. Дар рафти татбиқи он усулҳои дигари идоракунии сектори давлатӣ истифода мешаванд ва усулу воситаҳои нави идоракунӣ ҷорӣ карда мешаванд.

Ҳамчун як қисми раванди буҷет дар ин модел:

- ҳуқуқи иштирокчиёни раванди буҷет барои идоракунии молияи давлатӣ амалӣ мегардад;

-масъулияти молиявии онҳо ва зарурати дар назди ҷамъият ҳисобот додан таъкид карда мешавад.

Модели нави идоракунии молияи давлатӣ татбиқи панҷ унсури асосии зеринро пешбинӣ мекунад:

1) Тағйирот дар системаи ҳисоботи молиявӣ (гузаштан аз усули баҳисобгирии кассавӣ дар асоси баҳисобгирии пули накд ба усули ҳисобкунӣ).

2) Ғайримарказизатсияи буҷетҳо.

3) Истифодаи системахои бозорӣ ва нархҳо.

4) Татбиқи муносибати баҳодиҳӣ ба фаъолияти ҳукумат, сохторҳои давлатӣ, барномаҳо, муассисаҳои буҷетӣ ва корпоратсияҳои давлатӣ.

5) Арзёбии фаъолият дар асоси аудити дохилӣ ва берунӣ, аз ҷумла ҳам самаранокии мустақими иқтисодӣ ва ҳам арзёбии иҷрои (самаранокӣ) аз нуқтаи назари на танҳо сифати хизматрасониҳои давлатӣ, балки натиҷаҳои самаранокӣ бадастомадаи иҷтимоӣ (таъсир ба сатҳи некуаҳволӣ, амният ё таъмин намудани неъматҳои ҷамъиятӣ).

Дар баробари ин, давра ва самаранокии татбиқи унсурҳои ин модел дар кишварҳои гуногун аз ҳам фарқ мекунанд, ки ин ба хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди онҳо вобаста аст. Зеландияи Нав, Австралия ва Британияи Кабир аз аввалин кишварҳое буданд, ки ин моделро қариб пурра татбиқ карданд. Дар баробари ин, дар Австралия дар рафти ислоҳоти идораи молияи давлатӣ ва такмил додани раванди буҷет ба фаъолияти вазоратҳо ва буҷет диққати калон дода шуд. Дар Британияи Кабир ва Канада асбобҳо барои арзёбии барномаҳои хароҷоти бахши калон сохта шудаанд. Дар Зеландияи Нав, баръакс, онҳо, пеш аз ҳама, аз баҳодиҳии фаъолияти ташкилотҳои буҷетӣ баромад карда,

баъдтар баҳодиҳии самаранокиро ба сатҳи мақомоти давлатӣ, барномаҳои калони соҳавӣ ва умуман буҷет паҳн карданд. Дар баъзе кишварҳо (Ирландия, Сингапур) дар рафти ислоҳоти давлатӣ танҳо унсурҳои муайяни ин модел истифода мешуданд.

Бисёре аз кишварҳои африқоӣ дар зери таъсири кишварҳои донор, ки ба онҳо кумаки молӣ медиҳанд, маҷбур шуданд, ки унсурҳои ин моделро дар раванди буҷет ҳамчун ҷузъи ислоҳоти идораи давлатӣ истифода баранд, вале дар аксари мавридҳо онҳо ба натиҷаҳои ночиз ноил гардиданд. Умуман, ислоҳоти раванди буҷет дар мамлакатҳои Африка ба се принсипи асосӣ бунёд ёфта буд:

–буҷети аз ҷиҳати техникӣ боваринок, ки қалбакӣ нестанд ва бо уҳдадориҳои хароҷот мувофиқанд, дорои хусусияти моддӣ ва оқилона мебошанд;

–робитаи самарабахши байни сиёсат ва буҷет, ки иҷрои буҷетро барои он хароҷоте, ки дар барномаҳои давлатӣ пешбинӣ шудаанд, дар назар дорад;

–робитаи самарабахши байни уҳдадориҳои нақшавӣ ва иҷрошуда, ки иҷрои вазифаҳои мушаххасро оид ба хизматрасонӣ дар доираи манбаъҳои ҷудошуда дар бар мегирад.

Дар байни норасоиҳои ин модел метавон мураккабии афзояндаи системаи идоракунии молиявиро дар сектори давлатӣ ва камшавии масъулияти хукумат ва назорати давлатиро чудо кард. Бархе аз иқтисоддонҳои хориҷӣ низ ин моделро дар бораи беҳтар кардани ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ ҳангоми татбиқи модели нави идоракунии молияи давлатӣ зери суол мебаранд.

*Модели дуюм,* ки аксар вақт дар татбиқи консепсияи идоракунии самараноки молияи давлатӣ, махсусан дар кишварҳои англосаксонӣ истифода мешавад, идоракунии хароҷоти давлатӣ мебошад (Public Expenditure Management Approach, PEM). Он барои баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти хароҷоти буҷет барои татбиқи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ истифода мешавад. Мо метавонем хусусиятҳои зерини ин модели идоракунии хароҷоти давлатиро бо буҷети анъанавӣ муқоиса кунем:

-модел ба натиҷаҳо дар шакли таъсири иҷтимоӣ тамаркуз мекунад ва ба хароҷот ҳамчун воситае, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ заруранд, муносибат мекунад. Ҳамин тариқ, ин модел як равишро ба буҷети бахши давлатӣ ифода мекунад, ки ба ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳи иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Умуман, модел ба ҷанбаи зерин бештар диққат медиҳад: тавассути буҷет бояд чӣ гуна натиҷаҳо ба даст оварда шаванд ва барои ба даст овардани ин натиҷаҳо мо бояд чӣ гуна тартиб, қоида ва равандҳоро ҷорӣ кунем?

-модел аҳаммият доштани равандҳо ва қоидаҳои мувофиқро (масалан, аз нуқтаи назари рафтори субъектҳо дар раванди буҷет, қоидаҳои ташаккул ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ), ки ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонанд, таъкид мекунад. Дар ин модел буҷети мувофиқ буҷетест, ки маҳсулотро дар шакли молҳо ва хизматрасониҳо истеҳсол мекунад, ки боиси беҳтар шудани натиҷаҳои дилхоҳи иҷтимоӣ мегардад (масалан, сатҳи таъмини аҳолӣ бо неъматҳои ҷамъиятӣ). Агар татбиқи қоидаҳо ва расмиёт дар доираи раванди буҷет боиси натиҷаҳои (таъсири) ночиз гардад, он гоҳ ин қоидаҳо ва расмиёт хато ҳисобида мешаванд ва бояд ислоҳот шаванд;

- дар доираи ин модел фаъолияти мақомоти давлатӣ ва раёсатҳои соҳавӣ дар шакли мақсад (вазифаҳо) ва натиҷаҳо мураттаб карда мешавад. Дар баробари ин, эълон карда мешавад, ки вазорату идораҳо бояд чандирии идоракунӣ ва мустақилияти муайяни молиявӣ дошта бошанд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми гузаштан аз буҷети анъанавӣ ба буҷетсозӣ дар доираи модели идоракунии хароҷоти давлатӣ, таваҷҷуҳ ба ниҳодҳои дар раванди буҷет иштирокдошта, шаффофият ва ҳисоботдиҳии фаъолияти онҳо ва робитаи хароҷоти буҷет бо натиҷаи бадастомада равона карда мешавад.

• Буҷетикунонии анъанавӣ:

–раванди буҷетӣ;

–қоидаҳо;

–воридот;

–мутобиқат;

–назорати марказонидашуда;

–ношаффофияти бюрократӣ.

• Идоракунии хорҷотҳои давлатӣ:

–сиёсати буҷетӣ ва фишангҳо;

–ҳавасмандгардонӣ;

–хароҷотҳо;

–фаъолият;

–уҳдадориҳои ғайримарказонидашуда;

–шаффофият ва баҳисобгирӣ.

Истифодаи ин модел дар амал тағйир додани фаъолияти молиявию иқтисодии муассисаҳои буҷетӣ, нақши қабулкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва мақомоти назоратиро талаб мекунад. Дар баробари ин, аҳаммияти қоидаҳое (асосҳои ҳуқуқие), ки ба онҳо итоат мекунанд, аз рӯи онҳо захирахоро ташкил ва истифода мебаранд, хеле меафзояд.

Дар ниҳояти кор, тавассути татбиқи модели идоракунии хароҷоти давлатӣ ҳукумат кӯшиш мекунад, ки ба се натиҷаи аҳаммиятноки иҷтимоӣ ноил гардад:

–интизоми умумии буҷетӣ, ки тавозуни даромад ва хароҷоти буҷетро бо сатҳи оптималии қарзҳои беруна дар назар дорад;

–самаранокуии тақсимшуда, ки арзёбии дараҷаи татбиқи афзалиятҳои стратегии сиёсати буҷетӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои татбиқи барномаҳои давлатӣ ва чорабиниҳоро дар бар мегирад;

–самаранокии амалиёт, ки пешниҳоди хизматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммияти дорои сифати муайянро бо арзиши оқилона дар назар дорад.

Ин модел механизмҳо ва унсурҳоеро тавсиф мекунад, ки дар ибтидо бояд дар раванди буҷет қарор дошта бошанд ва бидуни онҳо гузаштан ба "ҳуқуқҳои асосӣ"-и мураккабтари ислоҳоти идоракунии давлатӣ, раванди буҷет ва татбиқи консепсияи самараноки идоракунии молияи давлатӣ ғайриимкон аст.

Дар оғози ислоҳот зарур аст, ки раванди буҷет унсурҳо ва механизмҳои зерин дошта бошад:

–баҳисобгирии пули нақд (усули баҳисобгирии нақдӣ) ба Вазорати молия назорати беруна муқаррар намояд;

–ҳавасмандгардонии муҳите, ки дар доираи ислоҳоти ба нақшагирифташуда амалҳои (иҷрои кор) муайянро дастгирӣ ва талаб намояд;

–дар бораи даромад, таркиб, сохтор ва динамикаи онҳо дар давраи миёнамуҳлат тасаввуроти дақиқ дошта бошад;

–буҷетикунонии ба захираҳо равонкакрдашуда, ки барои иҷрои барномаҳои давлатӣ ба вазоратҳо ҷудо карда мешаванд;

–буҷетҳоро аз рӯйи параметрҳои пешбинишаванда тасдиқ ва иҷро намояд;

–риояи шартномаҳои расмиро дар бахши воқеии иқтисодиёт таъмин намояд;

–системаи боэътимоди баҳисобгирӣ дошта бошад.

Дар рафти ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва раванди буҷет бояд ҳуқуқҳои асосӣ»-и зерин ба даст оварда шаванд:

–гузаштан ба ҳисоби ҳисоббарорӣ;

–аз тарафи мақомоте, ки маблағҳои буҷетиро сарф мекунанд, назорати дохилиро ҷорӣ намояд;

–чунин фаъолият (кор) ё буҷети аз рӯйи натиҷаҳоро амалӣ намояд;

–барои таҳти назорат гирифтани хароҷоти давлат кӯшиш ба сар бурда шавад;

–буҷеткунонии ба натиҷа нигаронидашуда;

–талаб намудани истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ;

–дар сектори давлатӣ шартномадои истеҳсолӣ ҷорӣ карда шаванд;

–насб кардани системаи ҳамгирошудаи идоракунии молиявӣ (интегратсия, молиявӣ, идоракунӣ, маълумот, система - IFIMS).

Дар таҷриба ин модел аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ фаъолона дастгирӣ карда шуда, дар кишварҳои дорои иқтисодашон дар давраи гузариш ва дар кишварҳои рӯ ба рушд истифода мешуд. «Ҳуқуқҳои асосӣ» дар кишварҳое мисли Булғористон ва Гватемала пурра қабул шудаанд, аммо дар баъзе кишварҳои рӯ ба рушд, ки ба ин модел пайравӣ кардаанд, пурра амалӣ нашудаанд. Масалан, Ямайка ва Парагвай принсипҳои асосии буҷетиро дар асоси ҳуқуқҳо қабул карданд, вале баҳисобгириро дар асоси нақд идома доданд.

Дар доираи модели *сеюм,* татбиқи консепсияи системаи самараноки идоракунии молияи давлатӣ ва ислоҳоти раванди буҷет, ба даст овардани ҳуқуқҳои асосӣ (Getting the Basics Right) - ба фаҳмидани асосҳое, ки ислоҳот дар онҳо пайдарҳам сохта мешавад, на усулҳои конкретии татбиқи он. Дар муқоиса бо модели идоракунии хароҷоти давлатӣ, модели ба даст овардани ҳуқуқҳои асосӣ, ноил шудан ба самараи умумии буҷетро пешбинӣ мекунад, ки бидуни он тақсимоти самараноки захираҳо (самаранокии тақсимот) ва самаранокии амалиёт имконнопазир аст.

Истифодаи модели «Ба даст овардани ҳуқуқҳои асосӣ» нишон медиҳад, ки мушкили асосии татбиқи он мавҷуд набудани равишҳои умумӣ оид ба муайян кардани мазмуни ҳуқуқҳои асосӣ байни мақомоти давлатӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди дар ҳоли гузариш ва дар ҳоли рушд (кишварҳои қарзгир) ва Бонки ҷаҳонӣ мебошад, ки ба онҳо ин модел дахл дорад. Дар амал ин боиси дар раванди буҷетӣ чунин давлатҳо татбиқи роҳҳои мукаммал мегардад, ки аксаран дар шароити кунунии иқтисодӣ ва сиёсӣ бесамар ва номуносиб мегарданд.

*Модели чорум,* ислоҳоти системаи идоракунии молияи давлатӣ ва такмили раванди буҷет ба истифодаи усули барнома асос ёфтааст (Platform Approach). Ин усул нисбат ба усули ба даст овардани ҳуқуқҳои асосӣ бештар мукаммал ҳисобида мешавад, зеро он ба татбиқи маҷмуи чораҳо нигаронида шудааст, ки ба баланд бардоштани сатҳ барномаҳо)-и салоҳият нигаронида шудаанд. Ҳар як барнома ба натиҷаи интизорӣ аз татбиқи чорабиниҳои ба нақша гирифташуда нигаронида шудааст. Пас аз муайян кардани барномаҳо, як қатор қадамҳои такрорӣ барои таҳияи нақшаи амал барои ҳар як барномаи мушаххас, аз ҷумла фаъолиятҳои ибтидоӣ, ки барои барномаҳои минбаъда заруранд, пешниҳод карда мешаванд. Ҳамин тариқ, барномаҳо марҳилаҳои асосии ислоҳот ва самтҳои асосии фаъолиятро дар робита ба тағйир додани раванди буҷет мутобиқи ҳадафҳои асосии он инъикос менамоянд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Истифодаи усули барнома**
**Fig 1. Using the platform method**

| | | | |
|---|---|---|---|
| ***Барномаи 1:*** доштани буҷети воқеие, ки ба шахсони дар раванди буҷет иштирокдошта маълумоти боэътимод медиҳад | *Барномаи 2:* пурзӯр намудани назорати дохилӣ барои таъмини масъулияти сохторҳои идоракунии маблағҳои буҷетӣ | ***Барномаи 3:*** беҳтар намудани алоқаи байни афзалиятҳо ва мақсадҳо ҳангоми нақшакашӣ ва иҷрои буҷет | ***Барномаи 4:*** Ҳамгироии раванди ҳисоботдиҳӣ ва баррасии ҳам барои идоракунии молиявӣ ва ҳам идоракунии самаранокӣ |
| Муттаҳидсозии буҷет (буҷетҳои ҷорӣ ва сармоявӣ);<br>Тақвияти пешгӯии макро ва даромад;<br>Чандирии равандҳои хароҷот. | Ислоҳоти таснифи буҷетӣ;<br>Таъсиси системаи иттилоотии идоракунӣ;<br>Тақсим дар вазифаҳои аудити дохилӣ | Ислоҳоти давраи буҷетӣ: Барномаи озмоишӣ дар асоси буҷетсозӣ ва таҳлили буҷет;<br>Маркази андози ғайримарказонида-шуда | Ташаккули умумии системаи иттилоотии идоракунии молиявӣ;<br>Таҳияи стратегияи технологии идоракунӣ<br>Ташаккули ибтидоии бақайдгирии дороиҳо |

Муносибати барномавӣ оид ба ислоҳоти раванди буҷет дар як қатор кишварҳои рӯ ба рушд ва кишварҳои дар ҳоли гузариш, аз ҷумла дар Камбоҷа, Уганда, Кения, Қирғизистон, Ҳиндустон ва Федератсияи Русия татбиқи амалии худро пайдо кардааст. Дар амалияи Русия дар барномаи якум, дар баробари низоми асосӣ чунин мафҳумҳо ба

мисли «додани ваколатҳои молиявӣ ба гирандагони маблағҳои буҷетӣ» ва «буҷетсозии ба иҷро нигаронидашуда» ҷорӣ карда шуданд.

Муваффақияти истифодаи усули барнома дар амал аз чунин омилҳо, аз қабили муҳлатҳои воқеии анҷом додани қадамҳои такрорӣ (фаъолиятҳо) дар дохили ҳар як барнома, инчунин, ошкорбаёнӣ ва ростқавлии мақомоти давлатӣ дар арзёбии фаъолияти ҷорӣ ва омодагии онҳо барои сари вақт даст кашидан аз лоиҳаҳои бесамар вобаста аст.

Илова бар ин, азбаски ин усул дар кишварҳое истифода мешавад, ки барои ислоҳот аз кишварҳои донор, ки аъзои созмонҳои байналмилалии молиявӣ мебошанд, дастгирии молиявии мақсаднок мегиранд, омилҳои муваффақияти татбиқи ин усул мавҷуд набудани фишори ғайриқонунӣ аз ҷониби кишварҳои донор барои гузаронидани ислоҳот ва бо онҳо тавассути раванди машваратҳои тулонӣ ҳамкорӣ кардан мебошад.

Ҳангоми гузаронидани ислоҳот дар раванди буҷетӣ дар кишварҳои хориҷа ҳамзамон, (Strengthened Approach to PFM Reform) истифода бурда шуд, бо мақсади муносибгардонии ҳамкории давлатҳои донор, ки ба ислоҳоти ҷоришавандаи системаи идоракунии давлатӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди дар давраи гузариш ва дар ҳоли рушд ва давлатҳои қабулкунанда дастгирии молиявӣ мерасонанд. Ин равиш ислоҳоти раванди буҷетро аз он сабаб пешбинӣ мекунад, ки дар чаҳорчӯбаи сиёсати давлатӣ ҳамкории мутақобилаи чаҳор унсури асосӣ такмил дода мешавад:

-ҳукумат;

-ҳисоботдиҳӣ ва нишондиҳандаҳо;

-донорҳо (стратегияи кумак ба рушди кишвар);

-барномаи баланд бардоштани иқтидор.

Истифодаи ин равиш дар амал боиси тағйироти мусбат, ки дар асоси таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва мушкилоти мавҷуда, ҷанбаҳои мусбӣ ва заъфи фаъолиятҳои татбиқшаванда, инчунин, механизми ҳамкории донор ва кишварҳои қабулкунанда дар барномаи ислоҳоти ҷорӣ мегардад.

Сарфи назар аз мавҷудияти моделҳои гуногуни татбиқи консепсияи идоракунии самараноки молияи давлатӣ ва равишҳои гуногуни ислоҳоти раванди буҷет, ки дар доираи ин моделҳо таҳия шудаанд, ҳамаи онҳо дар ҳар як кишвар бо назардошти хусусиятҳои рушди иқтисодии он, сохти давлатӣ, омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, миллӣ ва ғайра амалӣ карда мешаванд ва ба ҳамаи иштироккунандагони раванди буҷет таъсир мерасонад. Инро дар мисоли Фаронса равшан нишон додан мумкин аст, ки системаи буҷети он дар ибтидо аз рӯи моддаи сатрӣ, нақшакашии буҷет ва ҳисоби хароҷот асос ёфтааст.

Бо ҷамъбасти таҷрибаи хориҷӣ дар такмили раванди буҷет, бояд ба як қатор нуқтаҳои асосӣ, ки хусусиятҳои фарқкунандаи ҷорӣ намудани унсурҳо ва технологияҳои нав дар раванди буҷет ва муваффақияти идоракунии молияи давлатиро инъикос мекунанд, бояд диққат диҳем.

1. Ислоҳоти раванди буҷет раванди дуру дарозест, ки зиёда аз як даҳ солро дарбар мегирад ва *ба амал баровардани маҷмуи* муайяни тадбирҳоро пешбинӣ мекунад. Агар ин пай дар пайӣ вайрон карда шавад, он гоҳ ислоҳоти раванди буҷет ё суст мешавад ва ё татбиқи он душвор мегардад.

2. Таҳияҳои ҷолибтарин ва аслии моделҳо ва равишҳои такмили раванди буҷет хосси кишварҳои пешрафтаи дорои низомҳои ҳуқуқии анъанаҳои ҳуқуқии англосаксонӣ мебошанд, ки дар он ҷо ислоҳоти раванди буҷет ҳамчун як қисми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ислоҳоти идоракунии соҳа ё дар доираи кисман навсозии он амалӣ мешавад ва идома дорад. Кишварҳои дигар кӯшиш мекунанд, ки таҷрибаи худро ба низоми буҷети миллӣ ва марҳилаҳои раванди буҷет мутобиқ созанд, аммо унсурҳои мураккаби буҷетӣ иҷрои вазифаҳо аз ҷониби онҳо на ҳамеша хуб азхуд карда мешаванд.

3. Дар ҳамаи мамлакатҳои хориҷӣ такмили раванди буҷет бо инкишофи минбаъдаи қонунгузории андоз ва буҷет бо мақсади пурра фаро гирифтани тамоми расмиёти андоз ва буҷет алоқаманд аст. Идоракунии муассир ва масъулиятноки молияи давлат татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии босифати танзимкунандаи раванди буҷетро таъмин менамояд, ки бояд дараҷаи баланди фарогирии тамоми расмиёти буҷетӣ, аз ҷумла ифодаи возеҳ ва якхелаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва асосноккунии илмии онҳоро бо дарназардошти сенарияҳои гуногуни рушди иқтисоди миллӣ дар давраи миёнамуҳлат ва

дарозмуддат дошта бошанд.

4. Дар тамоми марҳилаҳои раванди буҷет ба истифодаи расмиёти асоснок, усулҳо ва меъёрҳои мониторинги идоракунии молияи давлатӣ, аз ҷумла барои арзёбии дараҷаи иҷрои (қобилияти) қарорҳои дар давраи буҷет қабулшуда дар раванди буҷет ҷои муҳим дода мешавад.

5. Таваҷҷуҳи идораи молияи давлатӣ ба натиҷаҳои таъмини сариваќтии иттилооти боэътимодро дар бораи раванди буҷет, уҳдадориҳои ҷорӣ ва ҷории хароҷот, тағйирот дар заминаи даромади буҷетҳои ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ бо мақсади пешгирии афзоиши беасоси хароҷот, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ, кам кардани хавфи «қарорҳои сиёсӣ» дар раванди буҷетӣ пешбинӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, такмили раванди буҷет дар кишварҳои хориҷӣ дар марҳилаи ҳозира, ҷорӣ намудани минбаъдаи зеринро пешбинӣ мекунад:

-воситаҳои буҷетии ба натиҷа нигаронидашуда;

-банақшагирии молиявии барномавӣ ва миёнамуҳлат.

Он бо тағйир додани системаи идоракунии молияи давлат, тағйир додани механизми ҳамкории мақомоти қонунгузор ва иҷроия дар раванди буҷет алоқаманд аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Шарипов У.А.**

**АДАБИЁТ**


Олимони намоёни амрикоӣ Армстронг Х. ва Тейлор Ҷ. исбот мекунанд, ки барои идоракунии самараноки фаъолияти хоҷагидорӣ дар шароити рақобатҳои шадид, тамоми фишангҳоро бояд ба макро- ва микромуҳит ҷудо намуд. Аз ин нуқтаи назар тахти макровоситаҳо он фишангҳои сиёсати монетарӣ, фискалӣ ва тиҷоратӣ дар назар дошта шудаанд, ки онҳо ҳамчун фишангҳои таъсири бевосита ба қувваҳои тиҷоратӣ (меҳнат) ва сармояи соҳибкорӣ хизмат мекунанд [2,с.47].

Бо мақсади дастгирии ин самт дар иқтисодиёти кишвар пайваста ислоҳот гузаронида шуда, ба соҳибкорон имтиёзҳои зиёд дар шакли кам кардани шумораю меъёри андозу пардохтҳо ба буҷет, кам кардани шумораи сохторҳои санҷишкунанда, мораторияи санҷиши фаъолияти онҳо ва ғайра дода мешавад. Ин аст, ки саҳми ин бахш дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва шуғли аҳолӣ дар сатҳи кишварҳои пешрафта қарор дорад (расми 2).

**Расми 2. Ҳиссаи ҳамаи соҳаҳои бахши соҳибкорӣ дар ММД ва шуғли аҳолии кишварҳо (бо фоиз)** [15; 16; 19; 17]

**Figure 2. The share of all sectors of the business sector in the GDP and employment of the country's population (in percent)**




Ҳангоми таҳлилҳои муқоисавӣ зарур аст, ки шартҳои воридкунии субъектҳо ба ин гурӯҳ, муҳити соҳибкорӣ ва имкониятҳои табиии кишварҳо ба инобат гирифта шаванд, зеро онҳо фарққунандаанд.

Мисол: Дар Амрико зиёда аз 40% заминҳо ба иҷора дода мешавад. Дастовардҳои ҳамаи ин давлатҳо дар бахши аграрӣ-иқтисодӣ хеле рушд карда, бо бартарӣ фаъолият мекунанд.

Корхонаҳои хурд ва миёна дар кишварҳои рӯ ба рушди бахши муҳимтарини иқтисодиёти ин кишварҳо ба ҳисоб рафта, ҳиссаи корхонаҳои хурд ва миёна дар ММД-и ин кишварҳо беш аз 50-60%-ро ташкил медиҳад. Маълумот дар бораи сатҳи рушди соҳибкории хурд ва миёна дар баъзе кишварҳо дар ҷадвал 3 оварда шудааст.

Чи тавре ки маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда нишон медиҳад, дар аксари кишварҳои рушдёфта ҳиссаи корхонаҳои хурд ва миёна дар сохтори ММД 50-67%-ро ташкил медиҳад. Масалан, дар ИМА, 68,2% Ҷопон 55%, Олмон 54%, Италия 60%, Россия 21% ва Қирғизистон 40%-и ММД ба корхонаҳои хурд ва миёна рост меояд.

Барои мисол мо таҷрибаи 8 консерни Италия «Феруци»-ро меорем, ки дар заминҳои кишвари Қазоқистон ва Федератсияи Россия ба тариқи иҷора кор карданд. Соли 1989 аз заминҳои ҷуворимакка ҳатто 100 сентнерӣ ва аз лаблабуи қанд аз 700-800 сентнер, тухми офтобпараст аз 25-30 сентнерӣ ҳосил гирифтанд. Савол пайдо мешавад, ки аз кадом ҳисоб

ба ин натиҷа расиданд. Ин, аввалан, аз ҳисоби истифодаи технологияи нав ё ин ки тухмиҳои хушсифат ва таъмини саривақтии талаботи растанӣ бо маводҳои ғизоӣ ва таъмини ҳимояи ин растаниҳо дар тамоми давраи инкишофашон ба даст оварда буданд. Баъдан, меҳнати самаранок ва пардохти музди меҳнати хуб ба коргарон боис шуда буд.

**Ҷадвали 3. Мавқеи самаранокии рушди соҳибкории хурд ва миёна дар иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон**

**Table 3. The position of the efficiency of the development of small and medium enterprises in the economy of the countries of the world**

| Кишвар | Шумораи ширкатҳои хурд ва миёна | | Шумораи шаҳр. машғул, миллион нафар | Ҳиссаи корхонаҳои хурд ва миёна,% | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ҳазор адад. | ба ҳисоби 1000 нафар | | Ба сари ҳамаи шаҳр. машғул | дар ММД (тахмин) |
| Салтанати Бритониё | 2630 | 46,0 | 13,6 | 49,0 | 50-53 |
| Олмон | 2290 | 37,0 | 18,5 | 46,0 | 50-54 |
| Италия | 3920 | 68,0 | 16,8 | 73,0 | 57-60 |
| Фаронса | 1980 | 35,0 | 15,2 | 54,0 | 55-62 |
| Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо | 15770 | 45,0 | 68,0 | 72,0 | 63-67 |
| ИМА | 19 300 | 74,2 | 70,2 | 54,0 | 65-68 |
| Ҷопон | 6450 | 49,6 | 39,5 | 78,0 | 52-55 |
| Федератсияи Россия | 1347,7 | 9,49 | 17,8 | 25,0 | 20-21 |
| Қирғизистон | 553,7 | 103,5 | 0,315 | 14,2 | 38-40 |
| Тоҷикистон | 188,6 | 70,5 | 1,300 | 28 | 60-70 |

Сарчашма: дар асоси таҳқиқотҳои Зоидов К.Х. Моргунов Е.В. и др. Особенности эволюции малого и среднего инновационного предпринимательства кризисной экономики в постсоветском пространстве. -М.: ЦЭМИ РАН, 2009. -С.57; О состоянии малого и среднего предпринимательства в государствах - участниках СНГ // Информационно-аналитический обзор. -М., 2015. -170 с.; Кожомкулова Д. Н. Анализ развития предпринимательства в аграрном секторе // Вестник Нижегородский государственный инженерно-экономический институт. -Княгинино, 2015. -№3(46). -С.53-59.

Таҷрибаи давлатҳои рушдёфта собит сохтаанд, ки соҳибкории хурд ва миёна дар иқтисодиёти бозорӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарин ва сердаромад ба ҳисоб меравад. Чунки дар ин шакли соҳибкорӣ ташкил ва раванди ҷараёни онро дар вақти кӯтоҳ амалӣ кардан мумкин аст.

Дар ИМА, Аврупо ва Ҷопон мафҳуми «Соҳибкории хурд» ба корхонаҳои миёна дохил карда мешавад. Одатан ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва фермеронро фаро мегирад. Мувофиқи стандартҳои амрикоӣ барои тақсим кардани корхона ба ҳисоби миёна аз 100 то 500 нафар корманд доранд. Бо вуҷуди ин, тарзи русӣ ва аврупоӣ, коргузории корхонаҳоеро дар бар мегиранд, ки дар онҳо аз 100 то 250 корманд кор мекунад ва мувофиқан бештар аз нисфи тамоми ҷойҳои кории бахши хусусиро фаъолияти ин шакли соҳибкорӣ ташкил медиҳанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар кишварҳои рушдкарда, ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ асоси синфи миёна мебошад ва то 80%-и аҳолиро дар бар мегирад. Ҳаҷми сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории хурд ва миёна дар Иттиҳоди Аврупо бошад, бештар аз 60%-и ҳамаи сармоягузориҳои молиявии кишварҳоро ташкил медиҳад [17].

Дар як қатор кишварҳо аз ҷумла, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Федеролии Олмон ва монанди инҳо фаъолияти соҳибкорӣ инкишоф ёфтааст.

Аз рӯйи баъзе ҳисобҳо дар Амрико 52% маҷмуи маҳсулоти миллӣ аз тарафи соҳибкорони хурду миёна истеҳсол карда мешавад [6,с.46].

Соҳибкорӣ ин шакли таъминкунандаи фаъолияти иқтисодӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ буда, шакли махсуси фаъолияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки аз тарафи давлат дар ҳамаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон амалӣ карда мешавад.

Соҳибкорӣ падидаи муносибатҳои бозорӣ буда, ҷараёни он ба пуррагӣ аз тарафи давлат ба танзим даровард мешавад. Чунки давлат низ дар баробари худ ба ин шакли фаъолият ва рушди он манфиатдор аст.

Дар айни замон, маҳаки асосии сиёсати аграрии аксарияти давлатҳои дорои иқтисодиёти пешрафта, ба дастгирии давлатии шаклҳои хурду миёнаи соҳибкории аграрӣ тавассути ҳаргуна маблағгузориҳои молиявӣ ва имтиёзҳо мебошад, равона карда шудааст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ин кишварҳо маблағгузории давлатии молиявӣ дар соҳаи аграрӣ аз нархи бозории маҳсулоти истеҳсолшуда 1,5-2 маротиба баландтар аст [18,с.12].

Ҳамин тариқ, дар афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи аграрӣ ва содироти он дар давлатҳои калонтарини дунё нақши дастгирии давлатӣ хеле ҳам намоён ва назаррас мебошад.

Мутобиқи ақидаи олимони рус В.В. Генералова и М.В. Личагина, вазифаҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкории хурд ва миёна инҳоянд:

-таъмини асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ;

- барқарор ва ташкили меъёрҳои ахлоқии ҳуқуқии соҳибкорӣ;

- таъмини рушди инфраструктураи соҳибкорӣ, мусоидат ва ҳамкорӣ бо соҳибкорон дар фаъолияти хоҷагидории онҳо;

- татбиқи сиёсати ҳифзи муҳити зист [4,с.48].

Дар давлати Амрико бошад, шаклҳои ҷудо намудани субъектҳои соҳибкорӣ ба роҳ монда шудааст. Принсипи асосии субъектҳо, ин даромади баланди истеҳсолӣ буда, ба тариқи васеъ амалӣ карда мешавад. Азбаски миқдори зиёди пардохтҳо ба деҳқонон рост меояд, чун қоида аз рӯйи меъёри баланд, қисми зиёди субсидияҳо ба бахши кооперативии соҳаи аграрии ИМА равона мегардад. Пардохтҳои калонтарин ба хоҷагиҳои фермерӣ равона мешаванд, чунки дар он ҳаҷми фурӯши ҳар як маҳсулот ба ҳисоби миёна зиёда аз 200 ҳазор доллари америкоиро ташкил медиҳад ва фақат ба 7%-и корхонаҳои калони хоҷагии ИМА, 45% субсидияҳои ҳукуматӣ рост меояд, аммо 76% хоҷагиҳои фермерии хурд танҳо ба 14%-и имтиёзҳо дастрас мебошанд [7,с.50].

Нақши қуввадиҳандаи асосии ҷойҳои нави корӣ дар ИМА аз тарафи соҳибкорони хурду миёна таъмин карда мешавад. Бинобар ин, шумораи кормандони соҳаи агробизнес дар таркиби соҳаи иқтисодиёти аграрӣ зиёда аз 60% кормандонро ташкил медиҳад [9,с.91-94].

Дар Фаронса пас аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, аввалан ба барқарорсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ, баъдан, диққати асосӣ ба рушди соҳаи саноат ва таъсиси корхонаҳои гуногунсамт дода шуда буд. Дар нимаи солҳои 70-уми асри гузашта, бухрони иқтисодӣ, камбудиҳои корхонаҳои калонро ошкор намуд ва самаранокии корхонаҳои хурду миёнаро муайян сохт. Дар солҳои 80-ум дастгирии фаъоли соҳибкории хурду миёна ба роҳ монда шуд, ки устувории идораи давлатӣ ва мустаҳкам намудани онро пеш гирифтаанд.

Дар натиҷаи чораҳои татбиқшуда аллакай дар аввали соли 1995 беш аз 53,0% коргарони саноатии Фаронса ба соҳаи корхонаҳои хурду миёна ба кор ҷалб карда шудаанд. Ҳиссаи корхонаҳои хурду миёна дар арзиши иловашудаи маҳсулоти корхонаҳои калон ба 41,7% баробар буд, ки ин сиёсати салоҳиятноки роҳбарияти мамлакатро дар самти дастгирии саноатикунони соҳибкорони хурду миёна нишон медиҳад. Ҳокимияти маҳаллӣ дар табадулоти сохторӣ нақши муҳимро мебозад, онҳо дурнамои рушд ва ҷалби шарикони манфиатдорро коркард намуда, манбаъҳои молиявиро муттаҳид сохта, инфрасохтори маҳаллиро бунёд менамоянд.

Дар Корея бошад қариб 3 миллион субъекти соҳибкории хурду миёна мавҷуд аст, ки 99,5% ҳамаи корхонаҳо, аз ҷумла, ҳиссаи ширкатҳои хурд ба 97% баробар аст. Соҳибкории хурд дар Кореяи Ҷанубӣ манбаи муҳимтарини таъмини корӣ, ки дар онҳо 87%-и аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (беш аз 10 млн. одамон) дар онҳо ба кор машғуланд. Ба корхонаҳои хурд ва миёна нисфи ММД мамлакат ва 43% содиротии Кореяи Ҷанубӣ рост меояд.

Дар сатҳи ҷаҳон вазъи соҳибкорӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои пешбурди соҳибкорӣ (Doing business) муайян карда мешавад. Аз маълумоти ҷадвали 4 хулоса кардан мумкин

аст, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ аз рӯи баҳодиҳии пешбурди соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 4. Маълумот аз рӯйи рейтинги пешбурди соҳибкорӣ дар кишварҳои Аврупо ва минтақаи Осиёи Марказӣ**

**Table 4. Information on the ranking of business promotion in European countries and the Central Asian region**

| № | Давлатҳо | Солҳо | | | | | | | | Фарқият (+,-) | | Шумораи ислоҳоти ичрошуда | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | | Соли 2021 нисбати соли 2015 | Соли 2021 нисбати соли 2020 | | |
| | | Мавқеъ дар Рейтинг (1–190) | Нишондиҳандаи сабуки пешбурди соҳибкорӣ (0–100) | Мавқеъ дар рейтинг (1–190) | Нишондиҳандаи сабуки пешбурди соҳибкорӣ (0–100) | Мавқеъ дар рейтинг (1–190) | Нишондиҳандаи сабуки пешбурди соҳибкорӣ (0–100) | Мавқеъ дар рейтинг (1–190) | Нишондиҳандаи сабуки пешбурди соҳибкорӣ (0–100) | | | Соли 2020 | Соли 2021 |
| 1 | Сингапур | 1 | 88,27 | 2 | 84,57 | 2 | 85,24 | 2 | 86,2 | +1 | - | 0 | 2 |
| 2. | Олмон | 14 | 79,73 | 20 | 79,00 | 24 | 78,90 | 22 | 79,7 | +8 | -2 | 2 | 1 |
| 3 | Ҷопон | 29 | 74,80 | 34 | 75,68 | 39 | 75,65 | 29 | 78,0 | - | -10 | 3 | 2 |
| 4 | Фаронса | 31 | 73,88 | 31 | 76,13 | 32 | 77,29 | 32 | 76,8 | +1 | - | 1 | 3 |
| 5 | Испания | 33 | 73,17 | 28 | 77,02 | 30 | 77,68 | 30 | 77,9 | -3 | - | 3 | 1 |
| 6 | Хитой | 90 | 62,58 | 78 | 65,29 | 46 | 73,64 | 31 | 77,9 | -59 | -15 | 3 | 5 |
| 7 | Туркия | 55 | 68,66 | 60 | 69,14 | 43 | 74,33 | 33 | 76,8 | -22 | -10 | 3 | 7 |
| 8 | Италия | 56 | 68,48 | 46 | 72,70 | 51 | 72,56 | 58 | 72,9 | +2 | +7 | 3 | 1 |
| 9 | Белорусия | 57 | 68,26 | 38 | 75,06 | 37 | 75,77 | 49 | 74,3 | -8 | +12 | 1 | 2 |
| 10 | Россия | 62 | 66,6 | 35 | 75,50 | 31 | 77,37 | 28 | 78,2 | -34 | -3 | 3 | 4 |
| 11 | Қазоқистон | 77 | 64,59 | 36 | 75,44 | 28 | 77,89 | 25 | 79,6 | -52 | -3 | 4 | 3 |
| 12 | Озорбойҷон | 80 | 64,08 | 57 | 70,9 | 25 | 78,64 | 34 | 76,7 | -46 | +9 | 5 | 8 |
| 13 | Украина | 96 | 61,52 | 76 | 65,75 | 71 | 68,25 | 64 | 70,2 | -32 | -7 | 3 | 3 |
| 14 | Қирғизистон | 102 | 60, 74 | 77 | 65,70 | 70 | 68,33 | 80 | 67,8 | -22 | +10 | 1 | 4 |
| 15 | Ӯзбекистон | 141 | 54,6 | 74 | 66,33 | 76 | 67,40 | 69 | 69,9 | -72 | -7 | 5 | 3 |
| **16** | **Тоҷикистон** | **166** | **48,57** | **123** | **56,86** | **126** | **57,11** | **106** | **61,3** | **-60** | **-20** | **2** | **1** |
| 17 | Афғонистон | 183 | 41,16 | 183 | 36,19 | 167 | 47,77 | 173 | 44,1 | -10 | +6 | 1 | 2 |

Аз рӯйи маълумоти таҳлилии баҳодиҳии байналмилалӣ маълум мегардад, ки дар ҷаҳон аз рӯйи пешбурди сабуки тиҷорат Зеландияи нав ва Сингапур яке аз давлатҳои пешрафта ба ҳисоб меравcovered. Аз рӯйи рейтинги ҷаҳонии пешбурди соҳибкорӣ дар соли 2020 маълум аст, ки ҷумҳуриҳои Сингапур дар байни 190 давлати ҷаҳон ҷойи 2-ро ишғол намудааст, ки нисбати соли 2015 – 1 зина поён шудааст ва Зеландияи нав аз ҷойи 2-юми соли 2015 ба мақеи 1 дар соли 2020 баромадааст. Қайд кардан зарур аст, ки ҷумҳуриҳои номбурда дар рейтинги пешбурди тиҷорат муддати 5 соли охир мавқеи худро аз даст надодаанд. Дар рейтинги пешбурди соҳибкорӣ дар соли 2020 ҷумҳуриҳои Олмон ҷойҳои 22 – бо 79,7 хол (2015 - 14), Ҷопон - 29 бо 78,0 хол (2015 - 29), Россия - 28 бо 78,2 хол (2015 -

62), Қазоқистон - 25 бо 79,6 хол (2015 - 77), Ӯзбекистон – 69 бо 69,9 хол (2015 - 141) қарор доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар ин ҷадвал соли 2020 ҷойи 106-умро бо 61,3 хол ишғол намудааст, нисбати соли 2015 – 60 зина боло рафтааст.

**Ҷадвали 5. Мавқеи Тоҷикистон дар рейтинги пешбурди тиҷорат (солҳои 2017-2020)**
**Table 5. Position of Tajikistan in the ranking of trade promotion (years 2017-2020)**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | Фарқият нисбати соли 2018 / 2019 |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 / 2019 | 2019 / 2020 | 2020 / 2021 | |
| 1. | Бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ | 57 | 60 | 36 | -21 |
| 2. | Гирифтани иҷозат барои сохтмон | 136 | 135 | 137 | +1 |
| 3. | Пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти барқӣ | 171 | 173 | 163 | -8 |
| 4. | Бақайдгирии моликият | 90 | 91 | 77 | - 3 |
| 5. | Дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ (қарз) | 122 | 124 | 11 | -111 |
| 6. | Ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон | 33 | 38 | 128 | +95 |
| 7. | Андозбандӣ | 132 | 136 | 139 | +7 |
| 8. | Тиҷорати байналмилалӣ | 149 | 148 | 141 | -8 |
| 9. | Таъмини иҷрои созишномаҳо | 54 | 61 | 76 | +22 |
| 10. | Барҳамдиҳии корхонаҳо | 148 | 146 | 153 | +5 |

Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Doing business 2021

Муаллифон дар асоси усули муқоисавӣ ба хулосае омадаанд, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон вазъи соҳибкорӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои пешбурди соҳибкорӣ (Doing business) муайян карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин назарсанҷиву радабандӣ дар се соли охир (2019-2021) зимни нишондиҳандаҳои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷойи 57 соли 2019 ба 36 –м дар соли 2021 ва мутаносибан дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ (қарзӣ) аз ҷойи 122 ба 11; тиҷорати байналмилалӣ аз ҷойи 149 ба 141-м; бақайдгирии моликият аз ҷойи 90-м ба 77-м; пайвастан ба шабакаҳои барқӣ аз ҷойи 171 ба 163-м, яъне ба пешравиҳои муайян ноил гаштааст [27,с.8].

Дар таҷрибаи байналмилалӣ, аз ҷумла кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, роҳҳои гуногуни дастгирии бахши соҳибкории хурду миёна аз ҷониби давлат истифода мешавад. Масалан, ҳамасола аз ҳисоби буҷети Федератсияи Русия маблағҳои зиёд барои пӯшонидани қисме аз фоизҳои қарзҳои бонкӣ, ки ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна дода шуданд, ҷудо карда мешавад. Сохторҳои махсуси давлатӣ ба суғуртаи истеҳсоли маҳсулот ва ташкили содироти он машғуланд. Дар баъзе кишварҳои дигар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон фондҳои дастгирии соҳибкорӣ ва дар заминаи ин саноат, содиротбонк таъсис дода шудаанд (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Самтҳои дастгирии давлатии соҳибкории хурд барои ҳама соҳаҳои иқтисоди кишварҳои ИДМ**
**Table 6. Areas of state support for small businesses for all sectors of the economy of the CIS countries**

| Самтҳои дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна | Мамлакатҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Арманистон | Русия | Қазоқистон | Қирғизистон | Белорус | Ӯзбекистон | Тоҷикистон |
| Бақайдгирии интернетии ширкату соҳибкорон | + | + | + | | + | + | + |
| Хизматрасонии интернетии низоми кадастри моликияти ғайриманкул | + | + | | | | | |
| Низоми электронии гирифтани иҷозатномаҳо | + | + | + | | | + | |
| Созишномаи махсуси инвеститсионӣ | | + | | | | | + |
| Имтиёзҳо дар бахши пардохти андоз аз фоида | + | | | | | | + |
| Имтиёзҳои андозӣ вобаста ба сармоягузорӣ | | + | + | + | + | + | + |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Озод намудан ва ё батаъхирандозии пардохти ААИ ҳангоми воридоти гурӯҳи муайяни молҳо | + | + | | | | | |
| Пешниҳоди электронии ҳисоботҳои андозӣ | + | + | + | + | + | + | + |
| Бизнес-инкубатор ва технопаркҳо | + | + | + | + | + | + | |
| Фармоиши давлатӣ | + | + | + | + | + | + | + |
| Марказҳои рушди СХ | + | + | + | + | + | + | |
| Ёрии суғуртавии содироти молҳои субъектҳои СХ | + | + | + | + | + | | |
| Пӯшонидани қисми фоизи қарзҳои бонкӣ | | + | + | + | + | + | |
| Дастгирии СХ ҳангоми содироти мол | + | + | + | + | + | + | + |
| Марказҳои иттилоотӣ | | + | + | | + | | |
| Субсидия барои пӯшонидани қисми харҷи лизингӣ | | + | + | | + | | |
| Фонди дастгирии соҳибкорӣ | | + | + | + | + | + | + |
| Фонди замонатӣ | + | + | + | + | + | | |

Сарчашма: таҳияи муаллифон

Дар амалия, илова ба намудҳои дар ҷадвали 6 зикршуда, намудҳои зиёди дастгирии соҳибкории хурд, ба монанди пӯшонидани қисми фоизи қарзҳои ба соҳибкорон додашуда, пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ба субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ, паст намудани андозҳо барои соҳибкорон, содагардонии тартиботи содироти мол, суғуртаи хавфи талафи ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ, додани маблағ барои ҳар сар чорвои дар хоҷагӣ парваришёфтаистода, таъмини иштироки соҳибкорон дар тендерҳои давлатӣ, додани фармоишҳои давлатӣ ба онҳо, иҷораи биноҳои давлатӣ ба онҳо бо шартҳои имтиёзнок, мусоидат ба рушди инноватсионии фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии иттилоотии онҳо, дастгирии лоиҳаҳои пешниҳодкардаи соҳибкорон, ташаккул ва дастгирии соҳибкорони ҷавон, додани имтиёзҳо дар истифодаи инфрасохтори давлатӣ, субсидияи хароҷот барои иштирок дар намоишгоҳҳои молу маҳсулот ва ғайра истифода мешаванд.

Аз ҷадвали 6 зикршуда чунин хулоса кардан зарур аст, ки аз 18 намуди дастгирии давлатии соҳибкорӣ айни ҳол дар Тоҷикистон 7-тои он қисман ё пурра истифода мешаванд. Боқимонда вуҷуд надоранд, ё дар марҳилаи ибтидои татбиқ қарор доранд. Масалан, татбиқи лоиҳаи ҳукумати электронӣ имкон медиҳад, ки бақайдгирии интернетии субъектҳои соҳибкорӣ, хизматрасонии интернетии низоми кадастри моликияти ғайриманқул ва низоми электронии гирифтани иҷозатнома амалӣ шаванд.

Яке аз намудҳои дастгирии давлатӣ, ки метавонад дар рушди соҳибкорӣ саҳми арзанда дошта бошад, додани кафолати бозгашти қарзҳои ба соҳибкорон додашуда мебошад. Чи хеле, ки аз намудори боло бармеояд, ин намуди дастгирӣ дар ҳамаи кишварҳои номбаршуда, ба истиснои Тоҷикистон, вуҷуд дорад ва боиси рушди соҳибкорӣ гардидааст. Ташкилу таъмини фаъолияти самараноки фондҳои замонатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи онҳо барои додани кафолати бозгашти қарзҳои бонкӣ, қисми хароҷот барои лизинги техникаю таҷҳизот, ҷалби маблағҳо барои истеҳсоли молу маҳсулот метавонад боиси боз ҳам рушд ёфтани соҳибкорӣ, зиёд шудани шумораи субъектҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ғанигардонии буҷету некуаҳволии мардум гардад.

Бояд қайд намуд, ки пешниҳодҳои асоснокнамудаи мо ба ҳамаи соҳаҳо дахл доранд, вале дар Тоҷикистон зиёда аз 80%-и субъектҳои соҳибкорӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ ва хизматрасонӣ рост меояд. Бинобар ин, аксари пешниҳодҳо низ ба ҳамин самтҳо дахл доранд.

Ҳамин тариқ, таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии аҳаммияти дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ ва мавҷудияти сиёсати комплексии давлатӣ дар кишварҳои пешрафта, инчунин, таҳлили муқоисавии ҳолати феълии инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон зарурати дастгирии системавии соҳибкорӣ дар бисёр самтҳоро нишон медиҳад.

Хулоса, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои инкишоф ва пешрафти соҳаҳои иқтисодиёти аграрӣ зарур меояд, ки аз ҳама гуна шакли моликиятдорӣ ва хоҷагидорӣ истифода намоянд, яъне гуногуншаклии хоҷагидориро дар соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Имомназарова Т.А.**

## АДАБИЁТ


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -С.245.
2. Армстронг Х. Развивающиеся структуры и проблемно-ориентированные среды / Х. Армстронг, Дж. Тейлор; перевод с англ. В.В. Александрова. -СПб.: СПИИРАН, 2007. -С.47.
3. Вклад МСП в ВВП в разрезе по провинциям.
4. Генералов В.В. Анализ программ государственной поддержки предпринимательства / В.В. Генералов, М.В. Лычагин. –Новосибирск: ИЭОПП СО РАН, НГУ, 2004. -С.48.
5. Данные Национального статистического офиса Республики Корея (National Исаев А.О. и др. Современное состояние системы государственной поддержки малого и среднего предпринимательства в Великобритании // Аналитическая справка. –М., 2011. -С.6.
6. Качкулоев А.Ф. Региональные аспекты повышения эффективности малых и средних форм предпринимательства в АПК региона (на материалах Хатлонской области) / А.Ф. Качкулоев. - 2010. -С.46.
7. Качкулоев А.Ф. Региональные аспекты повышения эффективности малых и средних форм предпринимательства в АПК региона (на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан): автореферат дисс. на соискание ученой степена к.э.н. / А.Ф. Качкулоев. –Душанбе, 2017. -С.50.
8. Кунин В.А. Анализ зарубежного опыта поддержки малого предпринимательства / В.А. Кунин, Е.А. Александрова // Российское предпринимательство. -М., 2011. -№1(2). -С.38.
9. Кучуков Р. Государственная поддержка сельского хозяйства в странах с развитой рыночной экономикой / Р. Кучуков // Экономист. -М., 2002. -№11. -С.91-94.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз 02.01.2020. -№1684. -С.2.
11. Малый и средний бизнес как фактор экономического роста России / Ин-т экон. Политики им. Е.Т. Гайдара. - М.: Изд-во Ин-та Гайдара, 2019. -308 с.: ил. – (Научные труды / Ин-т экон. политики имени Е.Т. Гайдара; №178Р). -С.56.
12. Марцинкевич В. Современные тенденции в экономике и политике США / В. Марцинкевич // Проблемы теории и практики управления. - М., 2005. -С.292.
13. Морозов В.А. Зарубежный опыт поддержки малого предпринимательства / В.А. Морозов // Российское предпринимательство. -М., 2002. -№10(34). -С.99-104.
14. О состоянии малого и среднего предпринимательства в государствах - участниках СНГ // Информационно-аналитический обзор. –М., 2013г. –С.59.
15. Официальный сайт Администрации малого бизнеса США. [Электронный ресурс]. URL: https: // www.sba.gov / sites / default / files / advocacy / SB-FAQ-2017-WEB.pdf.
16. Республики Корея. [Электронный ресурс]. URL: http://www.mss.go.kr/site/eng/02/10202000000002016111504.jsp.
17. Сайт «Портал предпринимателей»: [Электронный ресурс]. URL: http://smallbusiness.ru/news/news/1171/.
18. Социально-экономические проблемы аграрной политики и развития агропродовольственных рынков / И.Н. Буздалов [и др.]. -М.: Энцикл. российских деревень, 2002. -С.12.
19. Справочная информация о развитии малого и среднего предпринимательства Торгпредства России и Японии по состоянию на начало 2019 г.
20. Федеральный закон от 24.07.2007 № 209-ФЗ (ред. от 06.12.2011) «О развитии малого и среднего предпринимательства в Российской Федерации» // Интернет-сайт Компании «Консультант Плюс». [Электронный ресурс]. URL: http: //base.consultant.ru/cons/cgi/online.cgi?req=doc;base=LAW;n=122779
21. KEY SMALL BUSINESS STATISTICS, June 2019 - Innovation, Science and Economic Development Canada Small Business Branch, Government of Canada https://www.ic.gc.ca/eic/site/061.nsf/eng/h_03018.html.
22. SBA, Frequently Asked Questions, Advocacy: the voice of small business in government. [Электронный ресурс]. URL: http://www.sba.gov/advo/ stats/ sbfaq .pdf.
23. Statistical Office) за 2014 г. Официальный сайт Министерства по делам МСП и стартапов. [Электронный ресурс]. URL: https://www.strategybusiness.ru/jour/article/viewFile/186/176
24. [Электронный ресурс]. URL: http://bibliofond.ru/detail.aspx?id=486986.
25. [Электронный ресурс]. URL: http://economic-definition.com/Business/Sredniy_biznes (дата обращения: 16.10. 2021)
26. [Электронный ресурс]. URL: http://www.belstat.gov.by/ofitsialnaya-statistika (дата обращения: 21.09.2021).
27. [Электронный ресурс]. URL: http://www.doingbusiness.org/rankings (дата обращения: 22.11.21). -С.8.
28. [Электронный ресурс]. URL: http://www.gks.ru/wps/wcm/connect/rosstat/ru/statistics (дата обращения: 16.10.2021).
29. [Электронный ресурс]. URL: http://www.stat.kg/media/statisticsmethodology/df11ac88-98e3-49ef-a9df-65706e4b05.
30. [Электронный ресурс]. URL: http://www.stat.kg/ru/statistics/ (дата обращения: 16.10.2021).
31. [Электронный ресурс]. URL: https://tokadoka.com/bux/subekty-predprinimatelstva-v-rk-kazaxstane.html -2021
32. [Электронный ресурс]. URL: https://www.26-2.ru/art/352239-kriterii-malogo-biznesa-2021.

**ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР БАХШИ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ**

Дар мақола истифодаи таҷрибаи ҷоҳонии рушди соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти аграрӣ таҳлил гардида, динамикаи нишондиҳандаҳои асосии муқоисавии соҳибкории хурду миёна дар бахши иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон дар чаҳорчӯбаи сиёсати иқтисодии хеш бо назардошти бартарӣ ва имкониятҳои зиёди субъектҳои соҳибкории хурду миёна маҳз ба ин шакли фаъолияти иқтисодӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамоянд. Таҷрибаи пешқадами фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар аксари кишварҳои ҷаҳон (ИМА, Ҷопон, Хитой, Гонконг, Малайзия, давлатҳои Иттиҳоди Аврупо: Олмон, Британияи Кабир, Фаронса ва ғ.) нишон медиҳад, ки омили назарраси ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) – (55-70%), ҷойҳои нави корӣ – (70-80%), сарчашмаи боэътимоди инноватсия ва рушди содироти маҳсулот ба хориҷи мамлакат, инчунин, омили ғанигардонии бозори истеъмолӣ ва таъмини мавқеи ҳақиқии рақобатпазирии рушди босуръати бахши хурду миёнаи иқтисодиёт ба шумор меравад. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки соҳибкории хурду мийна дар аксари кишварҳои дунё омили муассири рушди иқтисодиёт буда, ҳиссаи он дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), шуғли аҳолӣ ва буҷети давлатию маҳаллӣ назаррас мебошад. Бинобар ин, дар стратегияву барномаҳои рушди иқтисодии кишварҳои пешрафта ба ин самт диққати хосса дода шуда, барои таъмини рушди босуръати иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Хулоса, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои инкишоф ва пешрафти соҳаҳои иқтисодиёти аграрӣ зарур меояд, ки аз ҳама гуна шалкҳои моликиятдорӣ ва хоҷагидорӣ истифода намоянд, яъне гуногуншаклии хоҷагидориро дар соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монанд.

**Калидвожаҳо:** таҷрибаи ҷаҳонӣ, рушди соҳибкорӣ, дастгирии давлатӣ, таҳлил, соҳибкории хурду миёна, маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, роҳҳои баландбардорӣ, самаранокӣ, рақобатпазирӣ, таҷрибаи пешқадам, нишондиҳандаҳои асосӣ, корхонаҳои хурд, ифрасохтори истеҳсолӣ, таҳсили муқоисавӣ.

**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МИРОВОГО ОПЫТА РАЗВИТИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ ЭКОНОМИКИ**

В статье анализируется использование мирового опыта развития малого и среднего предпринимательства в аграрной экономике, показана динамика основных сравнительных показателей малого и среднего предпринимательства в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан. Автор отмечает, что развитые мировые страны в рамках своей экономической политики с учетом приоритетности и больших возможностей субъектов малого и среднего предпринимательства уделяют особое внимание этой форме экономической деятельности. Передовой опыт малой и средней предпринимательской деятельности в большинстве стран мира (США, Япония, Китай, Гонконг, Малайзия, страны Европейского союза: Германия, Великобритания, Франция и т.д.) показывает, что основным фактором развития валового внутреннего продукта (ВВП) – (55-70%), новых рабочих мест – (70-80%), достоверного источника инновации и развития экспорта продуктов за рубежом, также фактором обогащения потребительского рынка и реального обеспечения конкурентоспособности является интенсивное развитие малого и среднего сектора экономики. Анализ мирового опыта показывает, что малое и среднее предпринимательство в большинстве стран мира является действующим фактором развития экономики, его доля в формировании валового внутреннего продукта (ВВП), занятости населения и государственного и местного бюджета считается значительной. Поэтому в программах и стратегиях развития прогрессивных стран уделяется особое внимание этому направлению и для обеспечения интенсивного развития экономики предоставляются благоприятные условия. В целом, мировой опыт показывает, что для развития и прогресса отраслей аграрной экономики необходимо, прежде всего, использовать все виды и формы собственности и хозяйства, то есть применить различные формы хозяйства в аграрной отрасли.

**Ключевые слова:** мировой опыт, развитие предпринимательства, государственная поддержка, анализ, малое и среднее предпринимательство, продукты аграрной отрасли, пути повышения, эффективность, конкурентоспособность, передовой опыт, основные показатели, малые предприятия, инфраструктура производства, сравнительный анализ.

**USING GLOBAL EXPERIENCE IN THE DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM-SIZED BUSINESSES IN THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE ECONOMY**

The article analyzes to use the world of experience in the development of small and medium-sized businesses in the agricultural economy, and shows the dynamics of the main comparative indicators of small and medium-sized businesses of the agricultural sector of the economy of the Republic of Tajikistan. The author notes, that to developed world countries, within the framework of their economic policies, taking into account the priority and great opportunities of small and medium-sized businesses, to pay special priority attention to this form of economic activity. The best experience of small and medium-sized businesses in most countries of the world (USA, Japan, China, Hong Kong, Malaysia, European Union countries: Germany, Great Britain, France, etc.) shows that the main factor in the development of gross domestic product (GDP) is (55-70%), new jobs - (70-80%), a reliable source of innovation and development of export of products abroad, also a factor in enriching the consumer market and truly ensuring competitiveness is the intensive development of the small and medium-sized sector of the economy. An analysis of global experience shows that small and medium-sized businesses in most countries of the world are an active factor in economic development; their share in the formation of gross domestic product (GDP), employment and state and local budgets is considered significant. Therefore, in the development programs and strategies of progressive countries, special attention is paid to this area, and favorable conditions are provided to ensure

intensive economic development. In general, world experience shows that for the development and progress of sectors of the agricultural economy, it is necessary, first of all, to use all types and forms of ownership and farming, that is, to apply various forms of farming in the agricultural sector.

**Keywords:** world experience, entrepreneurship development, government support, analysis, small and medium-sized businesses, agricultural products, ways to improve, efficiency, competitiveness, best practices, main indicators, small enterprises, production infrastructure, comparative analysis.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидзода Қурбоналӣ Саид* -** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ**. Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон**: 918-99-32-99**

**Сведения об авторе:** ***Саидзода Курбонали Саид*** – Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, старший преподаватель кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **918-99-32-99**

**Information about the author:** ***Mirzoev Kurbonali Saidovich* –** Kulyab State University named after A. Rudaki, senior lecturer at the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova street, 16. Phone: **918-99-32-99**

ТДУ: 338

# МАВҚЕИ ИСТЕҲСОЛОТИ КОРХОНАҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР РАВАНДИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ

*Солиев Ҳ.А.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Имрӯзҳо дар соҳаи истеҳсолоти саноатии мамлакат пешравиҳо ба назар расида, маҳсулоти корхонаҳои саноатии ватанӣ, аз ҷумла корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, дар бозори дохила зиёд гардидааст. Чунин раванд боис мегардад, ки ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ сол аз сол зиёд гардида, ба маҳсулоти воридотӣ ҳарчи камтар монда, барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар бештар мусоидат мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд: “Минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди неруи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллӣ таъмин карда шавад. Инчунин, зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ расонида, содироти он ду баробар афзоиш дода шавад. Ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 26% расонида, дар ин раванд гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад. Ҳамзамон, бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегияи миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд” [8,с.11].

Вобаста ба ин, бо назардошти мавҷудияти иқтидорҳои истеҳсолии кишвар ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, дар заминаи эълон гардидани ҳадафи саноатикунонии босуръат, рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Дар амалӣ гардидани ҳадафҳои мазкур дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар вилояти Суғд то ҳол имкониятҳои мавҷуда пурра истифода нашудааст. Бинобар ин, дар ин самт, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, афзоиш додани корхонаҳои бузурги саноатӣ ва омода намудани мутахассисони соҳавӣ, таҳсилоти касбӣ, таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ барои минбаъда бо мақсади самаранок истифода бурдани иқтидорҳои мавҷудаи минтақа мувофиқи мақсад мебошад.

Аз аввали солҳои истиқлолияти давлатӣ (солҳои 1991-1994 то имрӯз) Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми иқтисодиёти миллиро тавассути аз низоми банақшагирии мутамаркази давлатӣ, ба иқтисоди бозоргонӣ гузаронидани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба роҳ монда, дар ин самт як қатор корҳои муҳимро анҷом додааст. Инчунин, барои гузаронидани ислоҳоти соҳаҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайянкунанда ва танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодӣ қабул карда шуданд. Ин ҳама баҳри афзун намудани истеҳсолоти маҳсулоти ватанӣ ва воридотивазкунанда тавассути ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, аз ҷумла корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми ватанӣ аз қабили меваю сабзавот, пахта ва ғайра), равона карда шудааст, ки барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии давлат, таъмини амнияти озуқаворӣ замина мегузорад [11,с.18].

Мораторий барои таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ, кам намудани санҷишҳо ва фароҳам овардани фазои шаффоф ва мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ дар фаъолияти корхонаҳои ҷумҳурӣ, инчунин, ҷалби сармояҳои ватанию хориҷӣ баҳри амалӣ намудани лоиҳаҳо мусоидат менамояд. Мораторий имкон медиҳад, ки маҳсулнокии зиёди истеҳсоли маҳсулот, ворид намудани таҷҳизоту технологияи нав, афзун намудани намудҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда ва васеъ намудани доираи фаъолияти соҳибкорӣ таъмин карда шавад. Инро дар мисоли корхонаи «Афзали зарзамин» дида метавонем, ки бо воридоти чорвои сершир дар як шабонарӯз то 40-50 литр аз як модагов ҷӯшида

мешавад. Инчунин, истеҳсоли маҳсулотҳои нав, аз қабили дар коргоҳҳои коркарди маҳсулоти ширӣ: истеҳсоли равғани зард, панир ва дигарҳо, ки истеҳсолашон дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ба роҳ монда шудааст, дар натиҷа номгӯи маҳсулот зиёд мегардад ва воридшавии маҳсулот аз хориҷа боздошта мешавад ва чунин маҳсулотро истеҳсол намуда, на танҳо бозори дохила, балки берунаро бо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намуда, бо содироти он рушди иқтисодиёти минтақа таъмин карда мешавад [14,с.5].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки қаблан маводи хӯрокворӣ, аз ҷумла маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ, мевагӣ, нӯшокиҳои ташнашикан, афшураҳои мевагӣ, маҳсулоти ордӣ ва қаннодӣ аз хориҷа ворид мешуданд. Ашёи хоме, ки дар кишвари мо истеҳсол карда мешавад, ба хориҷа бо нархи арзон пешниҳод карда мешуд ва баъди коркард ҳамчун маҳсулоти тайёр бо нархҳои 4-5 баробар гарон ба бозори истеъмолии мо ворид мегардид. Имрӯз ин намуд маҳсулотҳоро бо тамғаи ватанӣ, бо сифати баланд ва бо нархҳои дастрас аз бозорҳои дохила дарёфт ва истеъмол мекунем. Ё худ масолеҳи сохтмон, аз қабили семент, оҳак, шифер, дару тиреза, оҳанворӣ, инчунин, сару либос, таҷҳизоти рӯзгор, олоти меҳнат ва ғайраҳоро, ки истеҳсолашон дар кишварамон ба роҳ монда шудааст, истифода мебарем. Содироти семент ба хориҷа солҳои 2021-2022 назаррас буда, он пурра воридотивазкунанда мебошад. Солҳои пеш семент аз кишварҳои Қирғизистон, Қазоқистон, Чин, Ӯзбекистон, Эрон, Покистон ворид карда мешуд. Ҳоло содироти он ба роҳ монда шудааст. Яке аз корхонаҳои азими сементбарорӣ дар ноҳияи Б.Ғафуров ҶС «Хуаксин Гаюр Суғд семент» мебошад, ки иқтидори солонаи истеҳсоли семент то 3 млн. тонна буда, 16,6%-и ҳаҷми истеҳсолоти сементи ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Инчунин коркард ва истеҳсоли ашёи хоме, ки аз соҳаи кишоварзӣ бар меояд, дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ то ҳадди ниҳоӣ ба роҳ монда шудааст, ки истеҳсолоти ватанӣ бемайлон пеш рафта истодааст.

Инро дар нишондиҳандаҳои ҳаҷм ва индекси истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар давоми ду соли охир (2021-2022) мушоҳида мекунем [5,с.1] (ниг.ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд дар соли 2022 ва афзоиши он нисбат ба соли 2021**

**Table 1. The volume of production in industrial enterprises of the Sughd region in 2022 and its growth compared to 2021**

(ҳазор сомонӣ)

| № | Номгӯй | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2022 нисбати соли 2021, % |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Саноати истихроҷи маъдан | 4507077,5 | 6052011,1 | 161,7 |
| 2. | Саноати коркард | 6133225,2 | 7494057,2 | 133,0 |
| 3. | Истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об | 427178,4 | 538528,4 | 147,5 |
| | **Ҳамагӣ:** | **11067481,1** | **14084596,7** | **127,3** |

Сарчашма: Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти ҶТ. дар вилояти Суғд (солҳои 2021-2022)

Аз нишондиҳандаҳои таҳлилии ҷадвали мазкур маълум гардид, ки дар корхонаҳои саноати коркард ба маблағи 7494057,2 ҳазор сомонӣ ҳаҷми истеҳсолот таъмин карда шудааст, ки ин аз ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатии вилояти Суғд дар соли 2022, 53,2%-ро ташкил медиҳад, ки саҳми корхонаҳои саноати коркард дар истеҳсолоти саноатии минтақа назаррас мебошад [5,с.2] (ниг. ба диаграммаи мазкур).

Чи тавре дар боло қайд кардем, истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулот бо тамғаи ватанӣ бештар гардидааст. Чунин раванд баҳри бештар гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ва саривақт коркард намудани ашёи хоми ватанӣ саҳми худро мегузорад.

Бо вуҷуди он, ки нишондиҳандаҳо дар ҷодаи истеҳсолоти соҳаи саноат назаррас бошанд ҳам, дар ин ҷода низ муаммоҳои ҳалталаб ҷой доранд. Яке аз муаммоҳои асосӣ ва ҳалталаб дар самти рушди неруҳои истеҳсолкунанда дар қаламрави минтақа, вазъи кунунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва суръати афзоиши истеҳсоли корхонаҳо аз рӯи минтақаҳо мебошад. Маълумотҳое, ки дараҷаи мусбатро барои намудҳои фаъолияти

иқтисодии баррасишаванда тавсиф мекунанд, дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

**Диаграммаи 1. Ҳаҷми истеҳсолоти корхонаҳои саноатии вилояти Суғд ва саҳми корхонаҳои саноати коркард дар истеҳсолоти саноатии вилоят**

**Diagram 1. The volume of production of industrial enterprises of the Sughd region and the share of processing industry enterprises in the industrial production of the region**




Сарчашма: Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти ҶТ. дар вилояти Суғд (солҳои 2021-2022)

**Ҷадвали 2. Намудҳои асосии истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Суғд дар солҳои 2000-2021**

**Table 2. The main types of production of industrial products Sughd region in 2000-2021**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | Афзоиш дар соли 2021 нисбати соли 2000 (маротиба) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2018 | 2020 | 2021 | |
| Ангишт, ҳазор тонна | 22,9 | 40,0 | 81,2 | 804,4 | 1742,3 | 1761,2 | 1692,8 | +74 |
| Нафт, ҳазор тонна | 12 | 14,2 | 14,8 | 11,5 | 11,9 | 12,0 | 11,8 | -9,0 |
| Газ млн. м³ | 6 | 10,4 | 6,4 | 1,5 | 0,9 | 0,7 | 0,8 | -13 |
| Хишти сохтмонӣ, млн. дона | 15,9 | 17,1 | 22,7 | 38,0 | 43,2 | 52,9 | 50,5 | +3,2 |
| Конструксия ва маснуоти оҳану бетонӣ, ҳазор м³ | 1,0 | 5,2 | 5,2 | 22,7 | 4,4 | 15,3 | 32,9 | +32,9 |
| Нахи пахта, ҳазор тонна | 39,6 | 47,6 | 28,8 | 31,9 | 40,0 | 41,0 | 41,1 | +1,0 |
| Матоъҳои тайёри пахтагин, ҳазор м³ | 7036 | 2150,1 | 1590,3 | 660 | 4109,5 | 707,3 | 434 | -0,6 |
| Риштаи абрешимин, тонна | 75 | 113 | 13,4 | 21,6 | 3,0 | - | - | --- |
| Шоҳивории тайёр, ҳазор м² | 0,3 | 1,1 | 66,0 | 2,4 | 19,4 | 21,9 | 22,2 | +74 |
| Қолинҳо ва маснуоти қолинӣ, млн. м² | 0,3 | 0,5 | 0,6 | 1,2 | 2,1 | 1,3 | 2,2 | +7,3 |
| Маҳсулоти кашбофӣ, ҳазор дона | 5,0 | 54,0 | - | 28,8 | 122,4 | 75,0 | 40,4 | +8,1 |
| Пойафзол, ҳазор ҷуфт | 35 | 2,5 | 0,8 | 13,4 | 4,0 | 115,8 | 237,7 | +6,8 |

Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. -Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022. -С.257-261.

Чи тавре дар ҷадвали 2 оварда шудааст, дар вилояти Суғд истеҳсоли муҳимтарини маҳсулоти саноатӣ дар баъзе ҳолатҳо мусбӣ ва дар баъзе ҳолатҳо манфӣ мебошад. Масалан, аз соли 2000-2021 истеҳсоли ангишт 74 маротиба афзуда бошад, нахи пахта дар ин давра 1 маротиба зиёд шудааст. Дар ин давра истеҳсоли нафт 9 ва газ 13 маротиба кам шуда, истеҳсоли риштаи абрешим дар ду соли охир қатъ гардидааст. Сабаби ин пастравиҳои истеҳсоли бархе аз маҳсулот аз як тараф вобаста аз нарасидани маблағҳои буҷавӣ, аз тарафи дигар, фарсудашавии парки технологии истеҳсолоти саноатӣ ва мавҷуд набудани мутахассисони соҳавӣ мебошад [5,с.17].

Боиси қайд аст, ки дар рушди ояндаи иқтисодиёти минтақа сармоягузории инноватсионӣ, технологияҳои рақамӣ ва ғайра нақши марказӣ доранд, ки ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолотро зиёд мекунанд. Рушди саноатикунонии иқтисодиёти минтақа дар шароити ҷамъоварии донишҳои нав, эҷод ва истифодаи пурсамари технологияҳои нав амалӣ карда мешаванд. Дар солҳои 2010-2021 истифодаи иқтидорҳои истеҳсолии намудҳои алоҳидаи маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла истеҳсоли блокҳои деворбоб, қолинҳо ва маҳсулоти қолинӣ, пойафзол, риштаи абрешим ва саноати хӯрокворӣ ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардиданд. Таҳлил нишон дод, ки дар ин давра истеҳсоли қолинҳо ва маҳсулоти қолинӣ 2 маротиба зиёд шудааст.

Дар вилояти Суғд инфрасохтори соҳаи нақлиётӣ, аз ҷумла роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан омили мусоидаткунандаи расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар мебошанд. Омили таъсиркунанда ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар, ин рақобатпазир набудани маҳсулоти истеҳсолнамудаи бархе аз корхонаҳои саноатӣ мебошад ва боиси қатъ гаштани фаъолияти истеҳсолии корхона мегардад.

Ҳамзамон, суръати афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ба корхонаҳои саноатии вилоят кифоягӣ намекунад, ки ин аз бисёр омилҳо вобаста аст. Яке аз ин омилҳо солҳои охир баланд шудани арзиши воситаҳои истеҳсолӣ, аз қабили техникаю таҷҳизот, дастгоҳҳо ва ашёи хом, ки барои корхонаҳои саноатӣ аз хориҷи кишвар харидорӣ мегарданд. Дигар омил, пурзӯр шудани рақобат байни корхонаҳои саноатӣ, хусусан рақобат нисбати молҳои воридотӣ, ки ин ҳолат боиси ҷорӣ намудани инноватсия дар соҳа мегардад ва ба сармоягузориҳои иловагӣ ниёз пайдо мекунад. Бо ҷалби сармоягузориҳо механизми интихоби лоиҳаҳои инвеститсионӣ барои ҳадафҳои дар боло зикршуда, ки дар сиёсати иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд, метавонад самаранок амалӣ карда шаванд [5,с.11].

Дар робита бо самтҳои асосии дар боло зикршудаи сиёсати сохторӣ ва сармоягузорӣ, мафҳуми истифодаи сармоягузории хориҷӣ, бояд дар шароити Тоҷикистон ба афзалияти бечунучарои пешниҳодҳо оид ба лоиҳаҳое, ки ба баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ё иваз кардани воридот равона шудаанд, асос ёбад, инчунин:

- додани таъсири баланд ба андозҳои мустақим ва ғайримустақим;
- ташкили ҷойҳои нави корӣ дар корхонаҳои мавҷуда, алалхусус дар соҳаҳое, ки имкониятҳои корашон маҳдуд;
- доштани ҳиссиёти баланд ба тағйирёбии қурби пули миллии сомонӣ, нархҳо ва фоизҳо дар доираи васеъ;
- ифлосшавии муҳити атрофро коҳиш додан;
- дорои хавфи кофии тиҷоратӣ;
- таъмини амнияти иқтисоди миллӣ.

Дар асоси ин, бахшҳои афзалиятнок барои ҷалби сармояи хориҷӣ (дар шароити заминаи тавонои ашёи хом, иқтидори илмӣ-истеҳсолӣ ва демографии ҷумҳурӣ) маҷмуи сӯзишворию энергетикӣ, истихроҷ ва коркарди металлҳои ранга, саноати масолеҳи бинокорӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, рушди муассисаҳои тиббӣ, хизматрасонии маишӣ ва туризм баҳри пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқ мусоидат менамоянд. Дар ин ҷода, ба андешаи мо, ниёз ба сармоягузорӣ ба саноати сабук ва хӯроквории минтақа, дар тули 2 - 3 соли оянда тақрибан 120-125 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад [5,с.15].

Бинобар ин, ба андешаи мо, баҳри рушди соҳаи саноат ва амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар, пеш аз ҳама, омода намудани мутахассис ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории дохилӣ ва беруна, ки ҳамчун омили рушди соҳа мебошад, аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Раванди сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, имкон медиҳад, ки тағйиротро дар самтҳои афзалиятноки сармоягузорон

нишон диҳад, ки маълумотро дар бораи динамикаи ҳиссаи сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ барои онҳое, ки дар фаъолияти иқтисодии вилояти Суғд баррасӣ мешаванд, пешниҳод кунад ва онро дар расми 1 мебинем.

**Расми 1. Маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ, % аз ҳаҷми умумӣ дар солҳои 2000-2021**
**Figure 1. Funding of capital funds by type of economic activity, % of the total volume in 2000-2021**




Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. -Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022. -С.172-179.

Маълумоти пешниҳодшуда имкон медиҳанд, ки ҳиссаи зиёди сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар минтақа ҷудо карда шавад. Ҳамин тавр, дар давраи аз соли 2000 то 2021 он тақрибан ду баробар афзоиш ёфт, яъне аз 18,1 то 36,1% ба МУМ-ро ташкил дод. Арзиши ошкоршудаи гурӯҳи дахлдори корхонаҳо ва ташкилотҳо натиҷаи ин афзалият мебошад. Дар замони муосир бахри рушди соха сармоягузорӣ нақши муҳимро мебозад. Зеро барои амалишавии лоиҳаҳои азнавсозии корхонаҳои саноатӣ бо мақсади расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар, сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ мусоидати бештар мекунанд.

Таъмини рушди устувори иқтисодӣ тараққӣ додани соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти он то ҳадди ниҳоӣ, бо назардошти тағйирёбии вазъу талаботи бозори ҷаҳонӣ, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад. Инчунин, истеҳсоли маҳсулоти баландсифату аз ҷиҳати экологӣ тозаи ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ ва дар бозори хориҷа мавқеъ пайдо намудан, қадамҳои пай дар пай дар рушди соҳаи саноат ва фаъолияти босамари корхонаҳои комплекси агросаноатӣ мебошад. Инро мо дар мисоли корхонаҳои навбунёди «Файзи Расул», «Афзали Суғд», «Яхмоси 33», «Арча» ва дигарҳо дида метавонем.

Пешрафти ояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир, баланд бардоштани самаранокии саноати коркарди маҳсулот дар корхонаҳои комплекси агросаноатии мамлакат ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад.

Бинобар ин, дар асоси таҳлили иқтидору имконоти минтақаҳо ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки истеҳсолоти саноатӣ доир ба пайваста афзоиш додани коркарди ашёи хоми ватанӣ то дараҷаи маҳсулоти ниҳоӣ, бояд барномаҳои соҳавиро фаъолона татбиқ намоем.

Натиҷаи дастовардҳои рушди истеҳсолоти корхонаҳои мамлакатамон нишон дод, ки дар миқёси ҷумҳурӣ соли 2022-ум, зиёда 300 корхонаи саноатӣ бо таъсиси 3 ҳазор ҷойи кор бунёд ва ба истифода супорида шуданд. Истеҳсоли риштаи пахтагӣ 2,8 баробар, қолин ва маҳсулоти он 1,6 баробар ва газвор 42% афзуд, ки натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи нақшаҳои Ҳукумати кишварамон дар самти коркарди ниҳоии маҳсулоти ватанӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ мебошад [8,с.4].

Чунон, ки сарвари давлатамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ (аз 22.12.2017) қайд намуданд, рушди содирот асосан аз ҳисоби корхонаҳои саноатии солҳои охир бунёдгардида таъмин шуда истодааст. Танҳо дар зарфи солҳои 2021-2022 содироти маҳсулоти маъдан дуюним баробар афзуда, ҳиссаи он зиёда аз 55%-ро ташкил додааст. Яъне, гуногуншаклии содирот ҳоло ҳам дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидааст, ки ин вобастагии кишварро аз омилҳои беруна зиёд мегардонад.

Минбаъд баҳри пешрафти соҳаи истеҳсолоти маҳсулоти ватанӣ ва дар сатҳи баланд таъмин намудани раванди истеҳсолот, гузаронидани таҳлили имкониятҳои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ бо арзиши баланди иловашуда ва ба роҳ мондани истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридотӣ кӯшиш намоем. Соҳибкорони кишварро бештар ба коркарди истеҳсолоти ашёи хоми ватанӣ, ки хеле зиёданд, ҷалб намудан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро ашёи хоме, ки дар Тоҷикистон мавҷуд аст, барои истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти баландсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза ва воридотивазкунанда хуб мусоидат менамояд.

Бо амалӣ гардидани раванди мунтазами истеҳсолоти ватанӣ, Тоҷикистони соҳибистиқлол аз кишвари воридкунандаи молу маҳсулот пурра ба содироткунандаи маҳсулоти ватанӣ табдил хоҳад ёфт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Файзуллоев Т.Т.**

**АДАБИЁТ**


1. Исмаилова М.М. К вопросу преобразования отношений собственности и становления обьектов рыночного хозяйства / М.М. Исмаилова // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2007. -№2. -С.34-35.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ». -Душанбе, 16.01.2018 с.
3. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана / А.А. Мадаминов. -Душанбе, 2006. -300 с.
4. Махмадиев, Ф.Б. Формирование и развитие кластеров в АПК Республики Таджикистан / Ф.Б. Махмадиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. -№2/3(201). -С.56-60.
5. Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд солҳои 2021-2022.
6. Мирсаидов А.Б. Соҳибистиқлолӣ ва рушди иқтисоди миллӣ / А.Б. Мирсаидов. -Хуҷанд, 2008. -252 с.
7. Назаров А.А. Регионаьные особенности формирования и развития предпринимательства / А.А. Назаров // Вестник ТГУПБП. -Худжанд, 2012. -№1. -С.56-61.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23.12.2021 ш.Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: www.president.tj.
9. Ризакулов Т.Р. Проблемы инвестиционного климата в РТ / Т.Р. Ризакулов, Б. Пулатов // Известия ТГУПБП. -Худжанд, 2012. -№3. -С.64-68.
10. Родионова И.А. Мировая промышленность: структурные сдвиги и тенденции развития (вторая половина XX – начало XXI вв.): монография / И.А. Родионова. -М.: ГОУ ВПО МГУЛ, 2009. -231 с.
11. Руденко В.В. Семантическая сущность категории «промышленная политика» / В.В. Руденко, А.А. Шевердяева // Terra Economicus. - 2013. -Т. 11. -№3-2. -С.28-30.
12. Саидмурадов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана / Л.Х. Саидмуродов. -Душанбе: Ирфон, 2005. -186 с.
13. Саидмуродов Л.Х. Концептуальные подходы и теоретические основы государственно-частного партнерства в сфере рыночных услуг / Л.Х. Саидмуродов, Мукаддасзода Ф.М. // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики -Ходжент: Дабир, 2017. -№1(70). -С.16-25.
14. Саидмуродов Л.Х. Стратегия развития регионов страны на современном этапе / Л.Х. Саидмуродов // Материалы научно-практической конференции “Финансы социального сектора и его влияние на устойчивое развитие регионов Республики Таджикистан”. -Душанбе, 2018. -С.7-17.
15. Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, (шаҳри Бӯстон), 29.03.2018. [Манбаи электронӣ]. URL: www.president.tj.
16. Шарифзода М.М. К вопросу об исследовании методических подходов к оценке рессурсного потенциала регионов / Шарифзода М.М., А.С. Махмудов // Известия ТГУПБП. -Худжанд, 2019. -№2(79). -С.5-13.
17. Шарифзода М.М. Механизми экологӣ ҳумчун омили беҳтаргардонии муҳити сармоягузории минтақа / Шарифзода М.М., Маҳмадалӣ Б.Н. // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. -№2(31). -С.14-20.

## МАВҚЕИ ИСТЕҲСОЛОТИ КОРХОНАҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР РАВАНДИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ

Дар мақолаи мазкур ҷараёни истеҳсолии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноатии минтақа ва саҳми онҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат гирд оварда шудааст. Инчунин, нишондиҳандаҳои истеҳсолии маҳсулоти саноатии вилояти Суғд ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатӣ ва таҳлили онҳо нишон дода шудааст. Дастгириҳои давлатӣ нисбати пешрафти фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ қайд гардидааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, саҳми корхонаҳои саноатии коркард ба хусус маҳсулоти хӯрокворӣ дар истеҳсолоти саноатии вилоят ва истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти ватанӣ ва дар ин замина кам кардани маҳсулоти воридотӣ нишон дода шудааст. Инчунин, нишондиҳандаҳои истеҳсолоти корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Суғд ва саҳми онҳо дар таъмини амнияти озуқавории минтақаи шимоли кишвар нишон дода шудааст. Ҳамзамон, дастовардҳои рушди истеҳсолоти корхонаҳои мамлакатамон ва мавқеи онҳо дар рушди корхонаҳои агросаноатии минтақаи Суғд гирд оварда шудааст. Масъалаҳои раванди сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият дар мақола баррасӣ шудааст. Зеро, ин раванд имкон медиҳад, ки тағйиротро дар самтҳои афзалиятноки сармоягузорон нишон диҳад, ки маълумотро дар бораи динамикаи ҳиссаи сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ барои онҳое, ки дар фаъолияти иқтисодии вилояти Суғд баррасӣ мешаванд, инъикос гардидааст. Ҳамзамон, дар мақола муайян карда шудааст, ки барои амалишавии лоиҳаҳои азнавсозии корхонаҳои саноатӣ бо мақсади расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ мусоидати бештар мекунанд.



**Калидвожаҳо:** комплекси агросаноатӣ, сармоягузорӣ, мораторий,ислоҳот, иқтисодиёти минтақа, индекси истеҳсоли маҳсулот, маводи хӯрокворӣ, маркетинг-коркард, рушди корхонаҳои агросаноатӣ, индустриалӣ, инноватсионӣ.



## МЕСТО ПРОИЗВОДСТВА ПРЕДПРИЯТИЙ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА В ПРОЦЕССЕ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ

В данной статье рассмотрен производственный процесс предприятий агропромышленного комплекса, деятельность промышленно-производственных предприятий региона и их вклад в обеспечение продовольственной безопасности и ускоренной индустриализации. Представлены также показатели промышленной продукции в Согдийской области и производства продукции на промышленных предприятиях, и их анализ. Отмечается государственная поддержка развития предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан с объявлением моратория на все виды проверок хозяйствующих субъектов в производственной сфере. Анализируется производство различных видов отечественной продукции что влияет на снижение импорта. Объем производства на промышленных предприятиях Согдийской области по видам экономической деятельности, вклад промышленных предприятий в переработку продуктов питания в промышленном производстве региона. Представленны также показатели производства агропромышленного комплекса Согдийской области и их вклад в обеспечение продовольственной безопасности северного региона страны. В то же время, развитие агропромышленных предприятий Согдийской области включают в себя достижения развития предприятий нашей страны и их месторасположение. В статье рассматриваются вопросы инвестиционного процесса в различных сферах деятельности. Потому что этот процесс дает возможность показать изменения приоритетных направлений инвесторов, что отражает информацию о динамике доли вложений в основные средства для тех, кто учитывается в экономической деятельности Согдийской области. При этом в статье определено, что отечественные и иностранные инвестиции в большей степени способствуют реализации проектов реконструкции промышленных предприятий для достижения цели ускоренной индустриализации страны.



**Ключевые слова:** агропромышленный комплекс, индустриализация, инвестиция, мораторий, реформы, региональная экономика, индекс производительности, продукты питания, маркетинговая обработка, развитие агропромышленных предприятий, промышленные, инновационные.



## PLACE OF PRODUCTION OF AGRO-INDUSTRIAL ENTERPRISES IN THE PROCESS OF ACCELERATED INDUSTRIALIZATION

In this article, the production process of the enterprises of the agro-industrial complex, the activities of the industrial production enterprises of the region and their contribution to ensuring food security and rapid industrialization are collected.The indicators of industrial production in Sughd region and production at industrial enterprises are also presented, and their analysis. The state supports the development of entrepreneurial activities in the Republic of Tajikistan with the announcement of a moratorium on all types of inspections of economic entities in the production sector. The production of various types of domestic products and on this basis reduces imports. The volume of production at industrial enterprises of Sughd region by types of economic activity, the contribution of industrial enterprises to the processing of food products in the industrial production of the region. Indicators of production of the Agro-industrial complex of Sughd region and their contribution to ensuring food security of the northern region of the country are also shown. At the same time, in the development of agro-industrial enterprises of the Sughd region, the achievements of the development of the enterprises of our country and their location have been collected.Issues of the investment process in various fields of activity are discussed in the article. Because this process makes it possible to show changes in the priority areas of investors, which reflects information on the dynamics of the share of investment in capital funds for those who are considered in the

economic activity of the Sughd region. At the same time, the article determined that domestic and foreign investments contribute more to the implementation of industrial enterprise reconstruction projects in order to achieve the goal of rapid industrialization of the country.

**Keywords:** agroindustrial complex, industrialization, investment, мoratorium, reforms, regional economy, productivity index, food products, marketing processing, development of agro-industrial enterprises, industrial, innovative.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи маркетинг-агробизнес. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, мкрн.17, хонаи №1

**Сведения об авторе:** ***Солиев Хомиджон Абдуманнонович*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, старший преподаватель кафедры маркетинга и агробизнеса. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, мкр. 17, дом №1

**Information about the author:** ***Soliev Khomidzhon Abdumannonovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Senior teacher for the Department of Marketing and Agribusiness,. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, md. 17, house number 1

ТДУ: 336.14

# ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ ИННОВАТСИЯҲО ДАР РАВАНДИ БУҶЕТӢ

*Давлатов Х.М., Исупов С.И.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Раванди буҷетӣ – ин тартиби умумии кор бо буҷет мебошад. Вай қатъиян бо қонунгузорӣ танзим карда мешавад. Дар ин маврид қонунгузорӣ марҳилаҳо, мӯҳлатҳои иҷрои буҷет ва амалҳои иштирокчиёни раванди буҷетиро муқаррар мекунад. Ба қавли дигар, раванди буҷетӣ – фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар иштирокчиён оид ба таҳия ва баррасии лоиҳаи буҷетҳо, фондҳои мақсадноки давлатӣ, тасдиқ ва иҷрои онҳо, инчунин, оид ба назорати иҷрои буҷетҳо мебошад, ки тавассути санадҳои қонунгузорӣ ба танзим дароварда мешавад [8].

Ташкили рушди иқтисодию иҷтимоӣ вазифаи муҳимми давлат буда, иҷрои босамараи он, бешубҳа аз ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои ташаккул ва истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ, муносибгардонии хароҷоти буҷетӣ – чун воситаи асосии сиёсати буҷет, вобаста мебошад. Бинобар ин, имрӯз таҳқиқи равандҳои банизомдарории равишҳо ба арзёбии сифати интихоби самтҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ мувофиқи буҷет, муайян кардани афзалиятҳои давлатӣ, ташаккул, банақшагирии хароҷоти буҷетӣ барои давраҳо ва арзёбии минбаъдаи самаранокии иҷрои онҳо, - масъалаҳои мубрами идоракунӣ ва танзими соҳаи буҷет мебошанд. Бозор худ наметавонад, ки афзалиятҳо, махсусан афзалиятҳои дарозмуҳлатро муайян кунад ва барои амалисозии онҳо маблағҳои заруриро сари вақт ҷудо кунад.

Дар баробари маблағгузории иҷрои вазифаҳои асосии давлатӣ яке аз самтҳои сафарбар намудани маблағҳои буҷетӣ, ё ба қавли дигар, хароҷоти буҷетӣ – сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Тавассути маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ «давлат ва мақомоти маҳаллӣ яке аз масъалаҳои асосии макроиқтисодии иқтисодиёти миллӣ – тезонидани прогреси илмию техникиро ҳал мекунанд» [4,с.40 ].

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ интишороти ба таҳқиқи масъалаҳои дастгирии молиявии инноватсияҳо ва фаъолияти инноватсионӣ дар раванди буҷетӣ бахшидашуда ба назар намерасанд. Баъзе муаллифон, чун Д.А. Амонова [1], Қ.Х. Барфиев (Қ.Х. Хушвахтзода) [2], Ф.Ш. Беков [3], И.Р. Иброҳимзода [6], А.Р. Рустам [12], Л.Ҳ. Саидмуродов [13] ва дигарон дар асарҳои худ паҳлуҳои алоҳидаи масъалаҳои хароҷоти буҷет ва сафарбаркунии маблағҳои буҷети давлатиро барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба таҳқиқ фаро гирифтаанд.

Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи иқтисодиёт дар бунёд ва татбиқ намудани навовариҳои илмӣ дар истеҳсолоти моддӣ ифода меёбад. Вай «мавзеи байни соҳаҳои илм ва истеҳсолот мебошад, ки дар натиҷаи алоқамандии онҳо талаботи техникию иқтисодии ҷомеа амалӣ карда мешаванд» [11,с.374]. Соҳаи инноватсияҳо аз соҳаҳои илм ва истеҳсолот бо мавҷудияти вазифаҳои махсуси маркетингӣ, усулҳои хоссаи маблағгузорӣ, ҷалби маблағҳои қарзӣ, танзимкунии ҳуқуқӣ ва низоми махсуси ангезаи фаъолияти инноватсионӣ фарқ мекунад. Дар ниҳоят ин усулҳо аз хусусиятҳои фаъолияти инноватсионӣ ва гирдгардиши воситаҳо, гирифтани даромади иқтисодӣ ва маҳсулоти инноватсионӣ муайян мешаванд.

Дар шароити ислоҳоти иқтисодӣ, ки ба таъмини субот ва гузариш ба рушди иқтисодӣ равона гардидааст, таҳия намудани тадбирҳо барои ҳифзи иқтидори илмию техникӣ, рушд ва дастгирии давлатии он зарур аст. Бинобар ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои рушдёфтаи хориҷӣ оид ба амалисозии тадбирҳои дастгирии давлатии равандҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёт аҳаммияти муҳим пайдо кардааст, ки дар натиҷа барои ташаккул ёфтани низоми миллии ҳавасмандкунии фаъолияти инноватсионӣ имкон медиҳад. Имрӯз танҳо давлат қодир аст, ки иқтидори илмию техникии иқтисодиётро баланд бардорад, рушди инноватсионии онро бо ҳаҷми зарурии маблағгузориҳо тавассути барномаҳои давлатии дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуҳлат таъмин кунад. Механизми худтанзимкунии бозорӣ наметавонад, ки иҷрои таҳқиқот ва

коркардҳои илмии ояндадори бо сатҳи баланди хавф ва номуайянӣ, масрафҳои зиёд ва таъсири мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ алоқамандро таъмин кунад.

Дар мамлакатҳои рушдёфта чун манбаи асосии маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ, пеш аз ҳама, воситаҳои бахши соҳибкории хусусӣ бaромад мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде амалкунии лоиҳаҳои инноватсионӣ назаррас набошад ҳам, маблағгузории онҳо асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба ҷо оварда мешавад. Вале бояд қайд кард, ки дар қисми вазифавии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти инноватсионӣ чун моддаи алоҳидаи хароҷот нишон дода нашудааст.

Дар давоми солҳои 2011-2021 хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои илм ва инноватсияҳо аз 35851,8 ҳазор сомонӣ то ба 99690,7 ҳазор сомонӣ (2,78 маротиба) афзоиш ёфтаанд (расми 1). Дар ин маврид ҳамасола тамоюли зиёдшавии маблағгузории буҷетӣ ба рушди илм ва инноватсияҳо ба назар мерасад.

**Расми 1. Хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои илм ва инноватсияҳо**
**Figure 1. State budget expenditures of the Republic of Tajikistan for science and innovations**




Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумоти оморӣ таҳия кардаанд [10,с.67]

Шарти асосии иҷрои лоиҳаҳои инноватсионӣ, ташаккули низоми таъсирбахш ва босамараи маблағгузории онҳо мебошад. Дар баробари истифодаи маблағҳои буҷетӣ барои татбиқи инноватсияҳо, инчунин, маблағҳои ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағҳои худии ташкилоту корхонаҳои тиҷоратии бахши хусусии иқтисодиёт, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғул мебошанд, маблағҳои ташкилотҳои қарзӣ ва сармоягузорӣ сафарбар карда мешаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ, иҷрои фармоишҳои давлатӣ барои истеҳсоли маҳсулот ва таҳвили хизматрасониҳои инноватсионӣ маблағҳоро аз фондҳои молиявии ҳадафнок низ сафарбар менамояд.

Раванди инноватсионӣ як марҳилаи тулонӣ мебошад ва аз таҳқиқоти бунёдӣ оғоз карда, бо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ё хизматрасониҳои нав ба анҷом мерасад. Иҷрои тамоми ин марҳила наметавонад танҳо бо маблағгузории буҷетӣ таъмин гардад. Бинобар ин, ин ҷо корбурди имконияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ муҳим аст. Фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ асосан ба таъмини шаҳрвандон бо хизматрасониҳои кафолатнок ва барои онҳо фароҳам овардани бароҳатии иҷтимоӣ, инчунин, ташаккули ҷолибияти сармоягузорӣ тавассути рушди инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Асоси раванди инноватсионӣ рушди илм ва коркардҳои илмии марбут бо инноватсияҳо мебошад. Самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технологияҳо бо стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, соли 2011 Барномаи

рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 қабул гардид, ки дар натиҷаи иҷрои он якчанд санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шуданд, тадбирҳои муҳимми иқтисодию ташкилӣ ҷиҳати фаъолгардонӣ ва рушди фаъолияти инноватсионӣ роҳандозӣ карда шуданд; лоиҳаҳои зиёди инноватсионӣ таҳия ва татбиқ карда шуданд; дар мамлакат инфрасохтори инноватсионӣ ташаккул ёфт; низоми омодакунии мутахассисони соҳаи фаъолияти инноватсионӣ такмил дода шуд; дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ низоми иттилоотӣ ва ҳамкории байналмилалӣ ташаккул ёфт.

Ба хотири рушди фаъолияти инноватсионӣ, ки пайвандгари илм ва истеҳсолот мебошад, бояд дар мамлакат шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Ба ин васила унсури инноватсионӣ дар рушди иқтисодиёт мақоми муҳим пайдо карда, ба беҳгардии сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат меоварад.

Тавре дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" зикр гардидааст, омилҳои асосии сатҳи пасти рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ - пойгоҳи технологии заиф, татбиқ нашудани инноватсияҳо дар истеҳсолот ва сатҳи баланди хӯрдашавии воситаҳои асосӣ мебошанд; «дар ҷумҳурӣ механизми «маҷбуркунӣ» ба инноватсия ва раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ ва фаъолияти таҷрибавию лоиҳакашӣ мавҷуд нест» [14]. Барои бартараф кардани омилҳои мазкур ва рушд додани фаъолияти инноватсионӣ лозим аст, ки низоми сиёсати қарз ва андоз, механизми пешниҳод кардани имтиёзҳои андоз ба субъектҳои иқтисодии татбиққунандаи инноватсияҳо такмил дода шавад.

Вобаста ба ин, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 январи соли 2022 амалӣ шудааст, якчанд имтиёзҳои андоз барои фаъолияти инноватсионӣ муқаррар карда шудаанд. Аз ҷумла, тибқи муқаррароти боби 56 кодекси мазкур дар мамлакат низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ роҳандозӣ карда шудааст. Низоми мазкур пешбинӣ менамояд, ки субъектҳои фаъолияти инноватсионию технологӣ дар доираи фаъолияти худ аз пардохти ҳама гуна андозҳо, ба истиснои пардохти андози иҷтимоӣ ҳамчун андозсупоранда-суғуртакунанда, пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоии суғурташавандагон, инчунин, дар лаҳзаи пардохти даромадҳо дар манбаи пардохт, аз ҷумла суди саҳмияҳо ҳамчун агенти андоз, озод карда мешаванд. Ҳамчунин воридоти таҷҳизоти инноватсионию технологӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти инноватсионию технологӣ, ки бевосита барои эҳтиёҷоти худии чунин субъектҳо истифода мешавад, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод мебошад [7].

Ҳоло гузариш ба самти инноватсионии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҷо овардани чунин самтҳои афзалиятноки сафарбаркунии маблағҳои буҷети давлатиро дар назар дорад:

- маблағгузории соҳаи маориф;
- маблағгузории соҳаи илм;
- дастгирии молиявии фаъолияти инноватсионӣ.

Амалисозии самтҳои мазкури сафарбаркунии маблағҳои буҷети давлатӣ бо роҳандозӣ намудани маҷмуи муайяни тадбирҳо марбут аст. Пеш аз ҳама, давра ба давра зиёд кардани ҳаҷмҳои маблағгузориҳои буҷетии хароҷот барои таҳқиқоти илмӣ, ташкил ва дастгирӣ намудани равандҳои инноватсионӣ то дараҷаи мамлакатҳои рушдёфта, бо фоизҳо ба ММД (маҷмуи маҳсулоти дохилӣ) – чун шарти ноилгардии сатҳи зарурии рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ. Дуюм, ба куллӣ баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет барои гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ ва рушди таҳсилоти олии касбӣ. Бо ин мақсад афзоиши ҳиссаи хароҷот барои таҳқиқотҳои амалӣ ва бунёдӣ, ки дар асоси озмун ва аз рӯи шартҳои маблағгузории якҷоя аз ҷониби соҳибкории хусусӣ ба ҷо оварда мешаванд, бояд таъмин карда шавад. Дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ бояд баландбарории меъёрҳои ҳисобшаванда, ки татбиқи барномаҳои таҳсилотиро дар доираи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология таъмин мекунанд, ба ҷо оварда шавад. Сеюм, бояд афзоиши назарраси воситаҳои бо мақсади дастгирии фаъолияти инноватсионӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ташаккули механизмҳои идоракунии сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои инноватсионӣ сафарбаршуда, таъмин карда шавад.

Яке аз самтҳои асосии сафарбар намудани маблағҳои буҷети давлатӣ омода кардани кормандон барои фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодиёт вобаста аст. Он дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ, мавқеи аввалро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, рушди сармояи инсонӣ, аз ҷумла тайёр намудани мутахассисони соҳибмаълумот барои татбиқи инноватсияҳо дар соҳаҳои мухталифи истеҳсолот, самти афзалиятноки фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат мебошад.

Мусаллам аст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи нави рушди мамлакат ба ҳалли мушкилоти эҷоди иқтисодиёти инноватсионӣ ва мушкилоти марбут ба рушди неруи инсонӣ ва баланд бардоштани сифати он вобаста аст. Аксар мамлакатҳои ҷаҳон, ки шароити захиравии ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистонро доро мебошанд, гузариш ва пешравии бомуваффақияти таърихиро аз иқтисодиёти ба захираҳо асосёфта ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақобатпазири бо технологияҳои нав асосёфта нишон додаанд. Масалан, Финляндия вазифаи рушди босуръати сармояи инсонии миллиро тавассути ислоҳоти самарабахш (таҳияи ҳадафҳо ва вазифаҳои хуб андешидашуда ва дар муҳлати оқилона иҷрошаванда) дар низоми маориф, илм, тандурустӣ дар ҷойи аввал гузоштааст. Акнун иқтисодиёти Финляндия аз ҷиҳати дар бар гирифтани унсури инноватсионӣ ва рақобатпазирии худ дар сатҳи баланди ҷаҳонӣ қарор дорад ва «ин ҷо мавҷудияти далели махсус лозим нест, то тасдиқ кунад, ки барои рушди муассир ва ноил гардидан ба сифати баланди иқтисодиёт воситаи асосӣ идоракунии босамараи давлатӣ ва буҷет мебошад» [15,с.19]. Ба стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон илова кардан лозим аст, ки рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии тамоми соҳаҳои фаъолиятро тақозо мекунад ва бояд ба ҳифз ва таҳкими соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти озуқаворӣ ва иқтидори мудофиавӣ равона гардида бошад. Барои ноил шудан ба чунин ҳадафҳо, таҳлили самаранокии хароҷоти буҷет ва тартиби ташаккули самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии иқтисодиёт аҳаммияти муҳим дорад.

Дар раванди дастгирии молиявии инноватсияҳо ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ дар мамлакат барои ҷалби сармоягузорон ва ҷолибияти сармоягузорӣ аҳаммияти хосса дорад. Дар амалияи ҷаҳонӣ ба хотири бунёд ва рушди объектҳои сохтмони асосӣ дар инфрасохторҳои нақлиётӣ, энергетикӣ ва муҳандисӣ, инчунин, барои амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ фондҳои сармоягузории буҷетӣ таъсис дода мешаванд. Фонди сармоягузорӣ – маблағҳои буҷетӣ мебошанд, ки барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ асосёфта, истифода мешаванд [5,с.603]. Иштироки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ дар раванди иҷрои лоиҳаҳои сармоягузории инноватсионӣ дар намуди ташаккули минтақаҳои махсус – шаҳракҳои илмӣ тавассути таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ зоҳир мегардад. Масалан, ҳамин гуна шаҳракҳои илмӣ дар Федератсияи Россия – шаҳри Дубнаи вилояти Москва таъсис дода шудаанд. Дастгирии чунин ташкилотҳо тавассути сармоягузорӣ ба истеҳсолоти илмталаб ва баландтехнологӣ аз ҳисоби манбаъҳои буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, инчунин, иштироки ҳатмии сармояи хусусӣ амалӣ карда мешавад. Истифодаи фондҳои сармоягузорӣ барои дастгирии лоиҳаҳои сармоягузории инноватсионӣ ва таъсис додани минтақаҳои махсуси иқтисодӣ барои амалисозии инноватсияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тавсия дода мешавад, ки заминаҳо барои татбиқи тадбири мазкур мавҷуд мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ расман дар соли 2012 бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» эълом гардида буд [9]. Ҳамчунин бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013, таҳти №289 Муассисаи давлатии Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсис дода шуд.

Бояд қайд кард, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ чун ҳамкории шарикони давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ фаҳмида мешавад; шарики давлатӣ – мақомоти марказӣ ё маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ – соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқиест, ки муассиси он шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқии

ғайридавлатӣ мебошад. Соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқии бахши хусусӣ, ки лоиҳаи инфрасохтор ё лоиҳаи хизматрасониро дар соҳаи иҷтимоӣ мутобиқи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ менамояд, шарики хусусӣ номида мешавад.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нави молиявӣ буда, барои ҷалби сармоя ба инфрасохтор ва хизматрасониҳои иҷтимоии таҳти идораи давлат қарор дошта, аҳаммияти муҳим дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи хусусӣ дар амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории инноватсионӣ ҳавасманд аст.

Дурнамои гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти инноватсионии рушд, бештар аз муваффақияти роҳандозӣ намудани сиёсати илмию техникии давлат вобаста хоҳад буд. Ин амал афзоиши пайвастаи маблағгузориҳо ба таҳқиқоти бунёдӣ ва амалиро дар самтҳои афзалиятнок, афзоиши фаъолнокии илмию техникии бахши соҳибкории хусусӣ ва таҳкими ниҳодҳои барои рушди он зарурӣ – соҳаи бонкӣ, бозорҳои молиявӣ, низоми андоз, ташкилотҳои суғурта, ҳавасмандкунии содиротро таъмин менамояд. То он вақте, ки дар мамлакат низоми воқеан ҳавасмандкунандаи фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ бунёд карда нашавад, ба татбиқи бобарори стратегияи нави сиёсати илмию техникӣ ва гузариш ба амсилаи инноватсионии рушд, ки тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудааст, наметавон умед баст. Ҳамаи ин масъалаҳо таваҷҷуҳи зиёдро талаб мекунанд ва бояд ҳарчи зудтар ҳалли худро ёбанд. Рушди иқтисодиёти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз ҳалли мушкилоти маблағгузорӣ ва дастгирии молиявии фаъолияти инноватсионӣ вобаста мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**


**АДАБИЁТ**

1. Амонова Д.А. Таҳлили хароҷотҳои буҷети давлатӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат / Д.А. Амонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№5. -С.24-30.
2. Барфиев Қ.Х. Модели истифодабарии самараноки воситаҳои буҷетӣ то давраи солҳои 2030 / Қ.Х. Барфиев, Ф.Ш. Беков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. -№6. -С.125-129.
3. Беков Ф.Ш. Баҳогузории самаранокии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Ш. Беков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№9. -С.175-182.
4. Винникова Е.И. Бюджетное финансирование инновационных процессов в бизнесе / Е.И. Винникова, А.Д. Осипенко // Экономика и бизнес: теория и практика. – 2021. -№9-1(79). -С.40-45.
5. Горбачёва И.А. Система бюджетного финансирования инвестиционной поддержки инновационных процессов в муниципальных образованиях / И.А. Горбачёва // Фундаментальные исследования. – 2015. -№5. -С.603-608.
6. Иброҳимзода И.Р. Ҳолати муосири низоми андозу буҷа / Иброҳимзода И.Р., Б.С. Файзуллоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. -№1(30). -С.61-73.
7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__18-03-2022-RT_tj.pdf (санаи мурoҷиат: 12.01.2023)
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/ (санаи мурoҷиат: 12.01.2023)
9. Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ». [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/ (санаи мурoҷиат: 12.01.2023).
10. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистн. - 2022. -414 с.
11. Печенина О.В. Государственное регулирование инновационной деятельности / О.В. Печенина // Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. – 2008. -№10(66). -С.374-381.
12. Рустам А.Р. Механизм ва сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ / Рустам А.Р. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№8. -С.179-186.
13. Саидмуродов Л.Ҳ. Хусусиятҳои амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ: сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва гурӯҳбандии хавфҳо / Л.Ҳ. Саидмуродов, А.К. Сафоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. -№1(30). -С.12-21.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Точикистон барои давраи то соли 2030. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/file/ (санаи мурoҷиат: 15.01.2023).
15. Сухарев О.С. Бюджетные расходы, эффективность и приоритеты развития экономики / О.С. Сухарев // Научно-исследовательский финансовый институт. Финансовый журнал. – 2015. -№1(23). -С.17-28.
16. Файзов Н.Б. Муаммоҳои идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС / Н.Б. Файзов, Ш. Маҳмудова, Ф.Б. Маҳмадиев // Кишоварз. - 2014. -№4. -С.50-52.

## ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ ИННОВАТСИЯҲО ДАР РАВАНДИ БУҶЕТӢ

Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – нақшаи молиявии муҳимтарини давлат, воситаи асосии ғун кардани сарватҳои пулӣ ва сафарбар намудани онҳо барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ мебошад. Дар буҷет маблағи барои давлат зарурӣ ҳисоб карда шуда, маблағи захираҳои воқеии мавҷудбуда нишон дода мешавад. Самтҳои махсуси харҷ кардани маблағҳо, миқдори хароҷот ба соҳаҳо ва минтақаҳои мамлакатро муқаррар намуда, буҷет самтҳои воқеии пешбурди сиёсати иқтисодии давлатро нишон медиҳад. Буҷети давлатӣ ба афзоиши музди кор, ҳаҷми андозҳо, татбиқи лоиҳаҳои миллӣ ва дар ниҳоят ба афзоиши сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат таъсир мерасонад. Яке аз самтҳои асосии сафарбар намудани маблағҳои буҷетӣ, ё ба қавли дигар, хароҷоти буҷетӣ – сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Мақолаи мазкур ба таҳқиқи масъалаҳои дастгирии молиявии фаъолияти инноватсионӣ ва инноватсияҳо бо роҳи маблағгузорӣ аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ бахшида шудааст. Дар мақола, пеш аз ҳама, дараҷаи баррасӣ ва омӯзиши масъалаҳои мазкур дар адабиёти иқтисодии ватанӣ таҳқиқ карда шудааст. Хусусиятҳо ва намудҳои маблаггузории фаъолияти инноватсионӣ муайян карда шудаанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои рушдёфтаи хориҷӣ оид ба амалисозии тадбирҳои дастгирии давлатии равандҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёт пешниҳод карда шудааст. Зарурати дар мамлакат фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти инноватсионӣ тасдиқ карда шуда, зикр гардидааст, ки ба ин васила унсури инноватсионӣ дар рушди иқтисодиёт мақоми муҳим пайдо карда, ба беҳгардии сатҳи зиндагии аҳолӣ меоварад. Хулоса бароварда шудааст, ки дар раванди дастгирии молиявии инноватсияҳо ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ барои ҷалби сармоягузорон ва ҷолибияти сармоягузорӣ аҳаммияти хосса дорад ва рушди иқтисодиёти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз ҳалли мушкилоти маблағгузорӣ ва дастгирии молиявии фаъолияти инноватсионӣ вобаста мебошад.

**Калидвожаҳо:** раванди буҷетӣ, буҷети давлатӣ, хароҷоти буҷет, инноватсияҳо, фаъолияти инноватсионӣ, маблаггузории фаъолияти инноватсионӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ, раванди инноватсионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

## ФИНАНСОВАЯ ПОДДЕРЖКА ИННОВАЦИЙ В БЮДЖЕТНОМ ПРОЦЕССЕ

Государственный бюджет Республики Таджикистан является важнейшим финансовым планом государства, основным средством накопления денежных средств и мобилизации их для выполнения государственных обязанностей. В бюджете рассчитывается сумма, необходимая государству, и указывается объем фактически имеющихся ресурсов. Устанавливая специальные направления расходования средств, размеры расходов по отраслям и регионам страны, бюджет показывает реальные направления экономической политики государства. Государственный бюджет влияет на увеличение заработной платы, суммы налогов, реализацию национальных проектов и, наконец, на повышение уровня жизни населения страны. Одно из основных направлений мобилизации бюджетных средств, или другими словами, бюджетных расходов, - это инвестиции в инновационную деятельность. Данная статья посвящена исследованию вопросов финансовой поддержки инновационной деятельности и инноваций за счет финансирования из государственного бюджета. В первую очередь в статье исследуется степень изученности данных вопросов в отечественной экономической литературе. Определены характеристики и виды финансирования инновационной деятельности. Для Республики Таджикистан предлагается использовать опыт развитых зарубежных стран по реализации мер государственной поддержки инновационных процессов в экономике. Подтверждена необходимость создания благоприятных условий для развития инновационной деятельности в стране и отмечено, что таким образом инновационный элемент займет важное место в развитии экономики и повысит уровень жизни населения. Сделан вывод о том, что в процессе финансовой поддержки инноваций особое значение имеет создание благоприятной инвестиционной среды для привлечения инвесторов и инвестиционной привлекательности, а развитие национальной экономики в Республике Таджикистан напрямую зависит от решения проблемы финансирования и финансовой поддержки инновационной деятельности.

**Ключевые слова:** бюджетный процесс, государственный бюджет, бюджетные расходы, инновации, инновационная деятельность, финансирование инновационной деятельности, инновационные проекты, инновационный процесс, государственно-частное партнерство.

## FINANCIAL SUPPORT FOR INNOVATIONS IN THE BUDGET PROCESS

The state budget of the Republic of Tajikistan is the most important financial plan of the state, the main means of accumulating funds and mobilizing them to fulfill state duties. The budget calculates the amount required by the government and indicates the amount of resources actually available. By establishing special directions for spending funds, the amount of expenditure by industry and region of the country, the budget shows the actual directions of the state's economic policy. The state budget affects the increase in wages, the amount of taxes, the implementation of national projects and, finally, the improvement of the living standards of the country's population. One of the main areas of mobilization of budget funds, or in other words, budget expenditures, is investment in innovation. This article is devoted to the study of issues of financial support for innovation and innovation through funding from the state budget. First of all, the article examines the degree of knowledge of these issues in the domestic economic literature. Characteristics and types of financing of innovative activity are determined. For the Republic of Tajikistan, it is proposed to use the experience of developed foreign countries in implementing measures of state support for innovation processes in the economy. The need to create favorable conditions for the development of innovative activity in the country was confirmed and it was noted that in this way the innovative element will take an important place in the development of the economy and improve the standard of living of the population. It is concluded that in the process of financial support for innovation, the creation of a

favorable investment environment for attracting investors and investment attractiveness is of particular importance, and the development of the national economy in the Republic of Tajikistan directly depends on solving the problem of financing and financial support for innovation.

**Keywords:** budget process, state budget, budget expenditures, innovation, innovation activity, financing of innovation activity, innovation projects, innovation process, public-private partnership.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Давлатов Хуршед Маҳмадович* –** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **h.davlatov@tgfeu.tj.** Телефон: (**+992) 919-27-67-76**
***Исупов Суҳайлӣ Исмоилович* -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **isupov.0101@gmail.com**. Телефон: **(+992) 901-33-66-55**

**Сведения об авторах:** ***Давлатов Хуршед Махмадович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансов. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **h.davlatov@tgfeu.tj.** Телефон: (**+992) 919-27-67-76**
***Исупов Сухайли Исмоилович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D кафедры финансов. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **isupov.0101@gmail.com**. Телефон: **(+992) 901-33-66-55**

**Information about the authors: *Davlatov Khurshed Makhmadovich* –** Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Finance. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. E-mail: **h.davlatov@tgfeu.tj.** Phone**: (+992) 919-27-67-76**
***Isupov Sukhaili Ismoilovich* -** Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D doctoral student of the Department of Finance**. Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. E-mail: **isupov.0101@gmail.com.** Phone: **(+992) 901-33-66-55**

ТДУ: 336.2

# РУШДИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ АНДОЗӢ

*Насрулоев А.З.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Сатҳи имрӯзаи рушди муносибатҳо дар соҳаи андозбандӣ, инчунин, дигаргуниҳои муттасили қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати таҳлили илмии унсурҳои низоми муносибатҳои андозиро талаб мекунад. Яке аз унсурҳои муносибатҳои андозӣ, ки имрӯз таҳқиқ ва таҳлили бештарро талаб мекунад, маъмурикунонии андоз мебошад.

Гарчанде дар солҳои охир корбурди мафҳуми «маъмурикунонии андоз» дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба назар расад ҳам, ҳанӯз дар дарки моҳияти илмии он душвориҳо ба миён меояд, таърифи ягона ва комили он на дар қонунгузории андоз ва на дар адабиёти соҳаи молия ва андозбандӣ ташаккул наёфтааст.

Мушкилоти дарки илмии мафҳуми маъмурикунонии андоз, пеш аз ҳама, ба нав будани худи он вобаста мебошад. Вале ин далел раванди омӯзиши асосҳои бунёдӣ ва заминаҳои рушди онро маҳдуд намекунад, баръакс, маъмурикунонии андоз чун дигар зуҳуроти нав дар равандҳои молиявӣ муҳаққиқон ва мутахассисони аҳли амалро водор мекунад, ки ҳарчи бештар мушкилоти корбурди онро ифшо карда, роҳҳои ҳалли онҳоро дарёфт кунанд. Бо ҳамин сабаб дар адабиёт баҳсу муҳокимаҳои илмӣ оид ба моҳияти маъмурикунонии андоз ва нақши он дар низоми муносибатҳои андозӣ идома доранд.

Масъалаҳои маъмурикунонии андоз дар асарҳои олимон ва муҳаққиқони ватанӣ Ф.Б. Баҳромов [4], И.Р. Иброҳимзода [8], Б.Ҳ. Каримов [9], А.М. Маъмуров [12], А.М. Солеҳзода [17], М.Ф. Файзиддинзода [20], С.Т. Халифазода [21], И.С. Шамсов [23], Э.Н. Шералиев [24] ва дигарон баррасӣ шудаанд. Вале дар онҳо на ҳама паҳлуҳои зуҳуроти маъмурикунонии андоз, аз ҷумла масъалаҳои рушди амалии он дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

И.С. Шамсов маъмурикунонии андозро ҳамчун «фаъолияти ҳамаҷонибаи корҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва техникии мақомоти андоз оид ба таъмин намудани бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ, қатъ гардидани уҳдадориҳои андоз ва таъмини даромадҳои андозӣ ба низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маънидод кардааст [23,с.17]. Ба ақидаи ӯ, амалҳои дар доираи маъмурикунонии андоз роҳандозишаванда барои фароҳам овардани шароити хуб ба андозсупорандагон ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои андоз ва таъмини манфиатҳои қонунии иштирокдорони раванди андоз мусоидат мекунанд. Ба андешаи Э.Н. Шералиев, «маъмурикунонии андоз як низоми зудамал ва ташаккулёфтаи муносибатҳои андозӣ мебошад, ки фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагонро ҳамоҳанг месозад» [24,с.99]. Ф.Б. Баҳромов қайд мекунад, ки маъмурикунонии андоз «ин фаъолияти мақомоти ҳокимияти ваколатдор мебошад, ки бо татбиқи вазифаҳои назорати андоз ва ҷиҳати ҳуқуқвайронкунии андоз ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони айбдор вобаста аст» [4,с.165].

Ба ақидаи А.М. Маъмуров, маъмурикунонии андоз раванди идоракунии муассири давлатӣ бо иштирокдорони муносибатҳои андоз мебошад, ки аз ҷониби мақомоти андоз ва дигар мақомотҳои дахлдор, барои таъмини иҷрои ихтиёрии уҳдадории андозии андозсупорандагон амалӣ карда мешавад. Муаллиф меафзояд, ки «маъмурикунонии андоз дар сурате самаранок ҳисобида мешавад, ки агар тадбирҳои амалигардонии маъмурикунонии андоз натиҷабахш ва амалиёти он камхарҷ бошад, ... дар сурати маблағгузории нопурраи раванди ташкил ва гузаронидани маъмурикунонии андоз, амалишавии он натиҷаи дилхоҳ намедиҳад» [12,с.12].

А.М. Солеҳзода чунин меҳисобад, ки «маъмурикунонии андоз ҳамчун воситаи асосии танзимкунандаи татбиқи стратегияи андоз ва сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи васеи вазифаҳои марбут ба ташаккули захираҳои буҷетро иҷро мекунад ва аз ҷиҳати ниҳодӣ дар сохтори низоми андози мамлакат ҷойгир шудааст» [17,с.71]. Дар баробари ин ӯ қайд мекунад, ки самаранокии маъмурикунонии андоз ҳамчун

танзимкунанда асоси амсилаи умумии арзёбии самаранокии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Яъне, муваффақияти кори низоми андози мамлакат бештар аз дуруст роҳандозӣ намудани маъмурикононии андоз вобаста аст.

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми маъмурикунонии андоз ҳамчун маҷмуи чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз бо риояи талаботи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалишавандае, ки ба таъмини татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ, боҷи давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет равона гардидаанд, шарҳ дода шудааст [10]. Дар кодекси мазкур фасли алоҳидае ба расмиёти маъмурикунонии андоз бахшида шудааст, ки бобҳои дахлдорро оид ба назорати пардохти андозҳо, мониторинги андозӣ, баҳисобгирии андозсупорандагон ва махзани ягонаи автоматиконидашудаи баҳисобгирӣ, назорат ва мониторинги амалиёти мақомоти давлатӣ ва андозсупорандагон, идоракунии хавфҳо ва истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ дар бар мегирад.

Ақидаи олимони хориҷӣ дар бораи маъмурикунонии андоз гуногун мебошад (ҷадвали 1). Лекин, тавре аз ҷадвали 1 мушоҳида мешавад, аксари муаллифон маъмурикунонии андозро ҳамчун низоми идоракунии муносибатҳои андозӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ роҳандозӣ мешавад, шарҳ медиҳанд.

**Ҷадвали 1. Тафсири мафҳуми «маъмурикунонии андоз» дар адабиёти хориҷӣ**
**Table 1. Interpretation of the concept of "tax administration" in foreign literature**

| Муаллиф | Тафсири мафҳуми маъмурикунонии андоз |
|---|---|
| Абрамчик Л.Я. [2,с.28] | механизми ягонаи идоракунӣ дар соҳаи андоз, ки фаъолияти мақомоти андоз оид ба таъмини саривақтӣ ва пурраи пардохти андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба буҷет тавсиф мекунад |
| Гончаренко Л.И. [6,с.32] | фаъолияти мақомоти ваколатдори идоракунӣ, ки ба таъмини риояи қонунгузории андоз аз ҷониби тамоми иштирокдорони муносибатҳои андозӣ равона гардидааст |
| Дадашев А.З. [7,с.4] | низоми ташкилию идоракунии амалисозии муносибатҳои андозӣ, ки аз маҷмуи шаклу усулҳо иборат мебошад ва истифодаи онҳо барои таъмини даромадҳои андоз ба низоми буҷет пешбинӣ шудааст |
| Евсикова Е.В. [3,с.76] | низоми идоракунии муносибатҳои андозӣ барои таъмини воридшавии саривақтӣ ва пурраи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба низоми буҷет бо масрафҳои камтарин барои андозсупорандагон |
| Майбуров И.А. [11,с.88] | раванди идоракунии парвандаҳои андоз, ки аз ҷониби мақомоти андоз ва дигар мақомоти дорои ваколатҳои муайян (маъмурони андоз) нисбат ба андозсупорандагон ва супорандагони пардохтҳо амалӣ карда мешавад |
| Миронова О.А., Ханафеев Ф.Ф. [13,с.33] | низоми идоракунии мунтазам рушдёбандаи мақомоти таҷдидшавандаи андоз дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ё низоми идоракунии муносибатҳои андозӣ |
| Пансков В.Г. [15,с.241] | фаъолияти идоракунии давлат ва мақомоти маҳаллӣ оид ба банақшагирии андоз, ташаккул ва такмили низоми андозҳо, пардохтҳо, назорати риояи қонунгузории андоз ва риояи ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокдорони муносибатҳои андозӣ |
| Романова И.Б. [16,с.26] | низоми идоракунӣ, ки ба фаъолияти қонунгузории мақомоти андоз тавассути истифодаи усулҳои банақшагирии андоз, ояндабинӣ, баҳисобгирии андозсупорандагон ва андозҳои воридшаванда, таҳлил, танзим ва назорат асос ёфтааст |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт

Бояд қайд кард, ки дар бештари корҳои илмии олимони хориҷӣ, ки ба таҳқиқи масъалаҳои маъмурикунонии андоз бахшида шудаанд, пеш аз баррасии худи мафҳуми «маъмурикунонии андоз», шарҳи мухтасари мафҳумҳои появии соҳаи андоз ва андозбандӣ, ба мисли сиёсати андоз, танзими андоз, назорати андоз ва идоракунии андоз (идоракунии низоми андоз) оварда мешавад. Мо ҳам ин ҷо мехоҳем дар аввал робитаи мантиқии мафҳумҳои зикршударо бо мафҳуми маъмурикунонии андоз муайян кунем.

Сиёсати андоз маҷмуи амалҳои ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ мебошад, ки истифодаи мақсадноки қонунгузории андозро муайян мекунад. Қонунгузории андоз

пайваста такмил ёфта, ба таъмини манфиатҳои давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ вобаста аз дигаргуншавии муносибатҳои онҳо дар марҳилаи муайяни рушди иқтисодӣ равона карда мешавад.

Мафҳуми «сиёсати андоз» тамоми соҳаи муносибатҳои андозиро фаро гирифта, танзими андоз, назорати андоз, идоракунии андоз ва маъмурикунонии андоз унсурҳои таркибӣ – самтҳои алоҳидаи татбиқи сиёсати андоз мебошанд. Дар баробари ин, танзими андоз, назорати андоз ва маъмурикунонии андоз унсурҳои асосии низоми идоракунии андоз ба ҳисоб мераванд (расми 1).

**Расми 1. Таркиби муносибатҳои андозӣ**
**Figure 1. Composition of tax relations**




Сарчашма: таҳияи муаллиф

Танзими андоз ҳамчун унсури низоми идоракунии андоз ба таъмини татбиқи ғояҳои сиёсати андозии давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ равона гардидааст. Назорати андоз - фаъолияти мақомоти давлатии соҳаи андоз оид ба назорати риоя ва иҷрои қонунгузории андоз мебошад. Маъмурикунонии андоз ҳамчун низоми идоракунии муносибатҳои андозӣ дар давлат барои таъмини воридшавии саривақтӣ ва пурраи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлат бо масрафҳои камтарин барои андозсупорандагон равона мегардад.

Ҳамин тариқ, равишҳои гуногунро оид ба тафсири мафҳуми «маъмурикунонии андоз», мухтавои он ва мафҳумҳои бо он алоқамандро таҳлил намуда, хулоса мебарорем, ки маъмурикунонии андоз - ин низоми идоракунии давлатии муносибатҳои андозӣ дар рафти ташкил ва роҳандозӣ намудани ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба низоми буҷет мебошад. Яъне маъмурикунонии андоз ҳамчун фаъолияти идоракунии мақомоти давлатӣ ба татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ нигаронида шудааст.

Аз ин бармеояд, ки маъмурикунонии андоз фаъолияти мақомоти давлатии идоракунӣ мебошад, на фаъолияти мақомоти қонунгузор дар соҳаи андоз. Мақомоти қонунгузор мухтавои қонунгузории андозро муқаррар мекунанд ва ба фаъолияти маъмурикунонии андоз машғул намешаванд. Маъмурикунонии андоз дар доираи фаъолияти мақомоти ваколатдор дар соҳаи идоракунии муносибатҳои андозӣ (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) амалӣ карда мешавад.

Ҳадафи маъмурикунонии андоз, таъмини воридшавии даромадҳои андозии пешбинишуда ба низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон (буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ) дар шароити омезиши беҳтарини усулҳои танзим ва назорати андоз, амалкунии босамари механизм ва низоми танзими андоз ба хотири рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ мебошад. Камбудиҳо дар фаъолияти маъмурикунонии андоз боиси камшавии бошиддати воридшавии андозҳо ба буҷет, зиёд шудани эҳтимоли рух додани қонуншиканиҳои андозӣ ва коста шудани мувозинати муносибатҳои байнибуҷетӣ гардида, дар ниҳояти кор суботи иҷтимоиро дар мамлакат халалдор мекунанд. Бинобар

ин, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои маъмурикунонии андоз диққати муҳим бояд дод.

Мафҳум ва зуҳуроти маъмурикунонии андоз, ки мо баррасӣ намудем, садсолаҳо дар ҳаёти иқтисодӣ ва молиявии инсоният вуҷуд дорад. Зеро аз замони пайдо шудани падидаҳои аввалини ҷамъоварии андозҳо бо роҳи ситонидани онҳо аз даромади шахсони алоҳида ва хоҷагидорон, давлат барои танзим намудан, ба тартиб даровардан ва идоракунии раванди ситонидани андозҳо ҳавасманд буд.

Агар мо ба афкори илмии ҳамватанони замонҳои пешини худ назар афканем, мебинем, ки аҷдодони мо, тоҷикон яке аз аввалинҳо шуда масъалаҳои маъмурикунонии андозро мавриди таҳқиқ фаро гирифтаанд. Таълимоте, ки номи «Иқтисодиёти исломӣ» гирифтааст, маҳсули фарҳанг ва тамаддунҳои гуногун буда, ба рушди инсонпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат кардааст.

Яке аз мутаффакирони бузурги аҳли ислом Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит ибни Марзбон (солҳои 699-767) маъруф ба Имоми Аъзам бо мероси бузурги маънавии худ, аз ҷумла китобу навиштаҳои зиёд ба таълимоти иҷтимоию иқтисодӣ дар ислом, ки «таълимоти ҳанафия» ном дорад, замина гузоштааст. Яке аз ин асарҳо «Васиятнома» мебошад, ки дар он боби алоҳидае ба масъалаҳои хоҷагидорӣ, ситонидани андозҳо, муносибат ба савдою ҳунар, тақсимоти одилонаи сармоя ва дигар ҷиҳатҳои иқтисодӣ бахшида шудааст. Абуҳанифа дар ин китоби худ мафҳуми андоз (молиёт) ва раванди ҷамъоварӣ (ситонидан)-и андозҳоро, ки дар ислом чанд намуд (закот, ушр, каффорот, садақоти фитр, нафақат, варасот, хироҷ, ҷузъия) мебошанд, баён кардааст. Бо дастуру насиҳати Абуҳанифа ҳокимон ва ходимони давлатӣ ин андозҳоро барои аз байн бурдани фақру нодорӣ дар давлат, ба нафъи давлатдорӣ, барқарор кардани муносибатҳои хоҷагидорӣ ва рушди устувори ҷамъият равона мекарданд [1,с.82].

Шогирди Абуҳанифа – Абуюсуф (солҳои 731-798) дар китоби худ «Ал-Хироҷ», ки онро бо дастури халифа Ҳорунаррашид (763-809) навиштааст, қоидаҳои танзимкунандаи молиёти давлатро шарҳ дода, манбаъҳо ва тарзҳои ситонидани андозҳо ва пур кардани хазинаи давлатро мувофиқи қонунҳои исломӣ нишон додааст. Маҳз Абуюсуф хусусиятҳои андозбандиро таҳқиқ намуда, аввалин шуда якчанд принсипҳои андозбандиро, ки имрӯз ҳам аҳаммияти худро гум накардаанд, кор карда баромадааст, аз қабили: тавон доштани андозсупоранда барои пардохти андоз, ситонидани андоз дар вақти барои андозсупоранда мувофиқ, марказонидани маъмурикунонии андоз.

Намояндаи таълимоти иқтисодии исломии асримиёнагӣ Абузайд Абдураҳмон ибни Муҳаммад (солҳои 1332-1406) маъруф ба Ибни Ҳалдун дар асарҳои худ қонунҳои зиёди иқтисодиро кашф ва пешниҳод намудааст. Ӯ масъалаҳои беҳгардонии андозбандӣ ва хароҷоти давлатиро баррасӣ кардааст. Ибни Ҳалдун дар асари таърихии худ «Ал-Муқаддима» сабабҳои иқтисодии рушд ва рукуди мамлакатҳоро таҳлил кардааст, ба кам кардани хароҷоти давлат барои артиш мутаваҷҷеҳ шуда, зидди гаронии андоз ақида иброз кардааст, андозҳо ва пардохтҳои халалдоркунандаи тиҷорат ва истеҳсолотро маҳкум кардааст. Ба андешаи ӯ, дар он кишварҳое, ки давлат ба тиҷорат ва истеҳсолот дахолат мекунад, нисбатан кам шудани фоида ва рукуди иқтисодӣ ногузир аст [25].

Таҳқиқи осори илмии муҳаққиқони аҳли ислом нишон медиҳад, ки камбудии асосии асарҳое, ки дар онҳо масъалаҳои иқтисодиёт ва молиёти давлат (андоз) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, хусусияти умумӣ доштани онҳо мебошад. Онҳо тамоми паҳлуҳои ҳаёт ва тамаддуни исломӣ, фалсафа ва дигар илмҳои динию дунявиро дар бар мегирифтанд, вале асарҳои алоҳидаи ба омӯзиши иқтисодиёт ва молиёт бахшидашуда, набуданд, «ин гуна масъалаҳо дар якҷоягӣ бо дигар масъалаҳои ҷамъиятӣ ба таҳқиқ фаро гирифта мешуданд» [22,с.68].

Сарфи назар аз камолоти амалии идоракунии андоз ва таваҷҷуҳи зиёди илм ба масъалаҳои андоз, донишҳои назариявии ҷамъшуда оид ба он кам мебошанд. Таърихан рушди афкори молиявӣ дар ҳама замон дар атрофи масъалаи моҳиятии мафҳуми андозҳо, нақш ва мавқеи онҳо дар давлат ва умуман дар ҷомеа мутаваҷҷеҳ шудааст.

Комёбиҳои асосгузорони мактаби классикии иктисодӣ ва пешгузаштагони онро дар омӯзиши масъалаҳои андозбандӣ қайд намуда, баъзе нуктаҳои муҳимро ёдовар шудан лозим аст. Вазифаи асосии консептуалие, ки дар назди онҳо гузошта шуда буд, дар

мафкураи андозсупорандагон ҷой кардан ва рушд додани дарки зарурат ва манфиатҳои андозбандӣ дар назарияҳои андози асрҳои XVII-XIX (назарияи мубодила, назарияи атомистӣ, назарияи ҳаловат, назарияи андоз ҳамчун мукофоти суғурта, назарияи классикӣ, назарияи қурбонӣ, назарияи эҳтиёҷоти дастаҷамъӣ), ки барои дарки моҳияти андозҳо як қатор равишҳои ҷолиброн пешниҳод кардаанд, бо муваффақият ҳал шудааст.

Бо доштани заминаҳои муносиб барои коркардҳои назариявӣ, муҳаққиқони классик ба мушкилоти амалии андозбандӣ, аз ҷумла масъалаҳои бо ҷустуҷӯи тарзи беҳтарини ташкили ҷамъоварии андозҳо, шаклҳо ва усулҳои идоракунии онҳо алоқаманд, яъне ба масъалаҳои маъмурикунонунии андоз таваҷҷуҳ накардаанд. Истифодаи мафҳуми «маъмурикунонии андоз» дар илми иқтисодии классикӣ мушоҳида намешавад. Аммо дар яке аз маъхазҳо оид ба таърихи ҳуқуқи молия ба осори арбоби давлатии француз Ж. Неккер «De I'administration des finances» (соли 1785), ки дар тарҷумаи аслӣ маънои «маъмурикунонии молия»-ро дорад, ишорат шудааст [19,с.258].

Муҳимтарин хулоса дар мавриди аҳаммияти марҳилаи классикӣ, дар таҳаввули тафаккури молиявӣ барои омӯзиши моҳияти маъмурикунонии андоз ин аст, ки дар он замон масъалаи баланд бардоштани самаранокии ҷамъоварии андоз бори нахуст дар асарҳои иқтисоддонҳои варзида қайд гардидааст, ки имрӯз ҳам масъалаи мазкур чун дар шароити ҳамон замон барои илми муосир мубрам аст. Илова бар ин, барои таҳияи равишҳои илмӣ оид ба ташкил ва идоракунии раванди андозбандӣ, муайян кардани қоидаҳои умумии ҷамъоварии андозҳо кӯшиш ба харҷ дода шудааст (ҷустуҷӯи тарзи беҳтарини ситонидани андозҳо – В. Петти, принсипҳои андозбандии А. Смит, Ф. Кенэ).

Қайд намудан бамаврид аст, ки агар рушди афкори молиявии давраи классикӣ заминаи аввалини мураттабсозии илмии масъалаҳои маъмурикунонии андозро фароҳам оварда бошад, пас омӯзиши онҳо дар таълимоти пасоклассикӣ оид ба андозбандӣ идома ёфтааст. Аммо таълимоти асосии иқтисодии асри XX (назарияҳои Кейнс, монетарӣ ва назарияи таъминот) на танҳо роҳҳои имконпазири ҳалли ин масъалаҳоро пешниҳод накарданд, балки афзоиши намоёни донишҳои илмиро дар соҳаи фаҳмиши назариявии онҳо низ таъмин накардаанд. Бо такя ба тасаввуроти мавҷуда оид ба моҳияти андозҳо, намояндагони равияи Кейнс ва назарияҳои классикии нав ба омӯзиши таъсири андозбандӣ ба низомҳои иқтисодӣ шуруъ карданд. Ҳамин тариқ, дар илми молия гузариш аз масъалаҳои моҳиятӣ, ба масъалаҳои функсионалии назарияи андозҳо ба амал омад.

Таълимоти иқтисодии асри XX ба ташаккули самтҳои сиёсати молиявии давлат таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд. Мавзуи асосии таваҷҷуҳи илмии онҳо омӯзиши нақши андозҳо дар иқтисодиёти бозорӣ ва рушди ғояи иҷрои вазифаҳои фискалии онҳо буд. Намояндагони афкори молиявии ин давра мушкилоти маъмурикунонии андозро нодида гирифтаанд, онҳо ҳатто тасаввуроти умумии назариявии ин масъаларо пешниҳод накардаанд. Ҳамин тариқ, таҳлили дар боло зикргардидаи таҳаввули назарияҳои андозро дар бораи нақш ва мақоми андозбандӣ ҷамъбаст намуда, мо чунин мешуморем, ки шиддат гирифтани мушкилоти консептуалии маъмурикунонии андоз танҳо дар ибтидои асри XXI як тамоюли комилан табиист.

Аҳаммияти маъмурикунонии андоз барои гузаронидани таҳлил ва арзёбии низоми андоз ва таҳияи тавсияҳо оид ба ислоҳот ва мукаммалсозии он хеле калон аст. Ҳукуматҳо аз мақомоти андоз миқдори зиёди иттилоот мегиранд, ки таҳлили онҳо барои баровардани хулосаҳо дар бораи сатҳи самаранокии сиёсати андози пешгирифта, имкон медиҳад.

Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшиш менамояд, ки сиёсати муносиби андозро таҳия ва роҳандозӣ намояд, ки ҳадди ақал устувории иқтисодии давлатро таъмин карда тавонад. Дар робита бо ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди низоми андоз таваҷҷуҳи махсус доранд. Аз ҷумла, ҳангоми ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар санаи 23 декабри соли 2022 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «барои нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти

мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома доранд» [14]. Дар робита ба ин, Сарвари давлат ба Кумитаи андози назди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдор муроҷиат намуда, дастур доданд, ки барои мукаммалсозии маъмурикунонии андоз ва дар ин замина бартараф намудани таъсири омили инсонӣ ба муносибатҳои андозӣ тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ кунанд.

Имрӯз сиёсати андоз бояд дар асоси зарурати ҳавасмандгардонии тағйироти сохтории мусбӣ дар низоми андоз, пайваста кам кардани гаронии умумии андоз ва такмили сифати маъмурикунонии андоз ташаккул ёбад. Ба меъёрҳои муътадил расонидани гаронии андоз дар доираи тадбирҳои низоми идоракунӣ ва маъмурикунонии андоз яке аз нуктаҳои асосии сиёсати андозии дар солҳои охир пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин тадбирҳо тавассути кам кардани шумораи андозҳо, паст кардани меъёрҳои онҳо, бекор кардани баъзе андозҳо ва рафъи маҳдудиятҳои андозии беасос амалӣ карда мешаванд, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои андоз шароити мусоид фароҳам меоранд. Идоракунии босифати андоз ва маъмурикунонии он шартҳои фаъолияти босамари низоми андоз ва рушди иқтисодиёти миллӣ мебошанд.

Самаранокии низоми маъмурикунонии андоз нишондиҳандаи муҳимми таҳлил ва арзёбии низоми андоз мебошад, зеро он ба ташаккули низоми оқилонаи ҳамкории мутақобилаи байни андозсупорандагон ва давлат мусоидат намуда, муҳити мусоиди андозбандиро барои субъектҳои соҳибкорӣ ва рушди иқтисодии давлат таъмин мекунад. Ба ин хотир, маъмурикунонии андоз бояд ба принсипҳои фароҳам овардани шароити мусоиди андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ ва паст кардани гаронии андоз асос ёфта, сиёсати андозии давлат ба рушди соҳибкорӣ, баланд бардоштани фарҳанги андоз ва таъмини мутаносибии манфиатҳои ҳамаи иштирокдорони муносибатҳои андозӣ нигаронида шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Гулов Ш.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдукадыров Х. Социально-экономические взгляды ханафитского мазхаба / Х. Абдукадыров // Вестник ТГУПБП. – 2009. -№3. -С.81-84.
2. Абрамчик Л.Я. Налоговое администрирование в системе финансового контроля / Л.Я. Абрамчик // Финансовое право. – 2005. -№6. -С.28-30.
3. Актуальные вопросы налогового администрирования / Е.В. Евсикова, С.А. Коловайло, Н.А.Кравченко, И.Ю. Семухин // Юридический вестник ДГУ. - 2022. -Т. 42. -№2. -С.74–83.
4. Баҳромов Ф.Б. Хусусиятҳои маъмурикунонии андоз ва нақши он дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ / Ф.Б. Баҳромов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. -№4-1(38). -С.163-171.
5. Барфиев, К.Х. Состояние и особенности налоговой системы Республике Таджикистан / К.Х. Барфиев, С. Рахматзода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. -№1-4-2(57). -С.93-97.
6. Гончаренко Л.И. Методология налогообложения и налогового администрирования коммерческих банков России: авт. дисс. док. экон. наук: 08.00.10 / Гончаренко Любовь Ивановна. –М., 2009. -480 с.
7. Дадашев А.З. Налоговое администрирование в Российской Федерации: учебное пособие / А.З. Дадашев, А.В. Лобанов. -М.: Книжний мир, 2002. -369 с.
8. Иброхимзода И.Р. Современное состояние цифровизации налогового администрирования в Республике Таджикистан / Иброхимзода И.Р., Ф.Д. Касирова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. -№2. -С.20-27.
9. Каримов Б.Ҳ. Хусусиятҳои баҳисобгирӣ ва аудити дохилии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№8. -С.121-130.
10. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844. [Манбаи электронӣ]. URL: https://andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__18-03-2022-RT_tj.pdf
11. Майбуров И.А. Налоги и налогообложение: учебник / И.А. Майбурова. -5-е изд. перераб. и доп. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012. -559 с.
12. Маъмуров А.М. Такмили маъмурикунонии андоз дар низоми чораҳои танзими рушди иқтисодиёти минтақа: авт. дисс. номз. илм. иқт.: 08.00.05 / Маъмуров Анварҷон Маҳмудҷонович. -Хуҷанд, 2021. -28 с.
13. Миронова О.А. Налоговое администрирование / О.А. Миронова, Ф.Ф. Ханафеев. -М.: Омега, 2005. -408 с.
14. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/29823

15. Пансков В.Г. Налоги и налогообложение: теория и практика: учебник для академического бакалавриата / В.Г. Пансков. -4-е изд., перераб. и доп. -М.: Издательство Юрайт, 2015. -772 с.
16. Романова И.Б. Налоговое администрирование: учеб. пособие / И.Б. Романова. -Ульяновск: УлГУ, 2018. -54 с.
17. Солехзода А.М. Развитие концептуальных подходов к оценке эффективности налогового администрирования в Республике Таджикистан / Солехзода А.М. // Экономика Таджикистана. - 2019. -№1. -С.71-78.
18. Султонбии, Р. Регулирование бюджетно-налоговой системы в Республики Таджикистан / Р. Султонбии // Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации в Таджикистане: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 17 февраля 2023 года. -Душанбе, 2023. -С.239-243.
19. У истоков финансового права / Под ред. А.Н. Козырина. -М.: Статут, 1998. -432 с.
20. Файзиддинзода М.Ф. Аҳаммияти маъмурикунонии андоз ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати идоракунии низоми андоз / М.Ф. Файзиддинзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№1(45). -С.291-296.
21. Халифазода С.Т. Ҷанбаҳои методологии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити бухрони молиявӣ-иқтисодӣ / С.Т. Халифазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№3. -С.194-200.
22. Хушвахтзода Қ.Х. Пайдоиш ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар олами ислом / Хушвахтзода Қ.Х., Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№10/2. -С.66-71.
23. Шамсов И.С. Усулҳои ташаккули маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ / И.С. Шамсов, А.Ф. Исматов / Идоракунии давлатӣ. – 2023. -№2(61). -С.17-24.
24. Шералиев Э.Н. Ҷанбаҳои назариявии низоми маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна / Э.Н. Шералиев, Бахтиёр С. // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. -№3(32). -С.96-102.
25. Karatas S.C. The Economic Theory of Ibn Khaldun and Rise and Fall of Nations. [Electronic resource]. URL: https://muslimheritage.com/the-economic-theory-of-ibn-khaldun-and-the-rise-and-fall-of-nations/

## РУШДИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ АНДОЗӢ

Дар рушди муосири низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аломатҳои ташаккули равишҳои нав ба механизми идоракунии муносибатҳои андоз аз ҷониби давлат мушоҳида мешавад. Аз зумраи чунин аломатҳо яке аз унсурҳои нави муносибатҳои андозӣ маъмурикунонии андоз мебошад, ки имрӯз таҳқиқ ва таҳлили илмии бештарро талаб мекунад. Маъмурикунонии андоз, низоми идоракунии давлатии муносибатҳои андозӣ дар рафти ташкили ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба низоми буҷет мебошад. Камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти андоз оид ба маъмурикунонии андоз боиси камшавии бошиддати воридшавии андозҳо ба буҷет, зиёд шудани эҳтимоли рух додани қонуншиканиҳои андозӣ ва коста шудани мувозинати муносибатҳои байнибуҷетӣ гардида, дар ниҳояти кор суботи иҷтимоиро дар мамлакат халалдор мекунанд. Бинобар ин, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои маъмурикунонии андоз, таҳқиқи илмии мафҳум, таҳаввул ва рушди он диққати муҳим бояд дод. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таҳаввул ва рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Дар асоси таҳқиқи мӯҳтавои асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, мафҳуми маъмурикунонии андоз аниқ карда шудааст. Дар баробари зикри комёбиҳои асосгузорони таълимоти классикии иқтисодӣ дар таҳқиқи масъалаҳои андоз ва андозбандӣ инчунин, аз саҳми шоистаи мероси илмию маънавии мутафаккирони бузурги замонҳои пеш аз рушди иқтисодиёти классикӣ – аҷдодони мо, тоҷикон ва аҳли тафаккури Шарқ дар таҳаввул ва рушди молиёти давлат ёдоварӣ шудааст. Қайд гардидааст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати андоз бояд, дар асоси зарурати ҳавасмандгардонии тағйироти сохтори мусбӣ дар низоми андоз, пайваста кам кардани гаронии умумии андоз ва такмили сифатии маъмурикунонии андоз ташаккул ёбад. Идоракунии босифати андоз ва маъмурикунонии он шарти фаъолияти босамари низоми андоз ва рушди иқтисодиёти миллӣ мебошанд.

**Калидвожаҳо:** андозбандӣ, низоми андоз, муносибатҳои андозӣ, низоми идоракунии андоз, маъмурикунонии андоз, сиёсати надоз, танзими андоз, назорати андоз, молиёти давлат.

## РАЗВИТИЕ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ В СИСТЕМЕ НАЛОГОВЫХ ОТНОШЕНИЙ

В современном развитии финансовой системы Республики Таджикистан наблюдаются признаки формирования новых подходов к механизму управления налоговыми отношениями со стороны государства. Среди таких признаков и одним из новых элементов налоговых отношений является налоговое администрирование, которое сегодня требует большего научного исследования и анализа. Налоговое администрирование – это система государственного управления налоговыми отношениями в ходе организации сбора налогов и других обязательных платежей в бюджетную систему. Недостатки по налоговому администрированию в деятельности налоговых органов приводят к резкому снижению налоговых поступлений в бюджет, увеличению вероятности налоговых нарушений, снижению сбалансированности межбюджетных отношений, что в конечном итоге нарушает социальную стабильность в стране. Поэтому в современных условиях Республики Таджикистан особое внимание следует уделять вопросам налогового администрирования, научного исследования понятия, его эволюции и развития. В данной статье рассматриваются вопросы эволюции и развития налогового администрирования в Республике Таджикистан. На основе исследования содержания научных трудов отечественных и зарубежных ученых уточнено понятие налогового администрирования. Наряду с изложением достижений основоположников классической экономики в исследовании вопросов налогов и налогообложения, следует упомянуть вклад в развитие доклассической экономики великих мыслителей наших предков-таджиков и народов Востока – в том

числе в эволюцию и развитие государственных финансов. Отмечается, что в современных условиях Республики Таджикистан налоговая политика должна формироваться, исходя из необходимости стимулирования положительных структурных изменений в налоговой системе, постоянного снижения общей налоговой нагрузки и повышения качества налогового администрирования. Качественный налоговый менеджмент и его администрирование являются условиями эффективного функционирования налоговой системы и развития национальной экономики.

**Ключевые слова:** налогообложение, налоговая система, налоговые отношения, система налогового управления, налоговое администрирование, налоговая политика, налоговое регулирование, налоговый контроль, государственные налоги.

**DEVELOPMENT OF TAX ADMINISTRATION IN THE SYSTEM OF TAX RELATIONS**

In the modern development of the financial system of the Republic of Tajikistan, there are signs of the formation of new approaches to the mechanism for managing tax relations on the part of the state. Among these features, one of the new elements of tax relations is tax administration, which today requires more scientific research and analysis. Tax administration is a system of government management of tax relations in the course of organizing the collection of taxes and other obligatory payments to the budget system. Deficiencies in tax administration in the activities of tax authorities lead to a sharp decrease in tax revenues to the budget, an increase in the likelihood of tax violations, and a decrease in the balance of interbudgetary relations, which ultimately violates social stability in the country. Therefore, in the modern conditions of the Republic of Tajikistan, special attention should be paid to issues of tax administration, scientific research of the concept, its evolution and development. This article discusses the evolution and development of tax administration in the Republic of Tajikistan. Based on a study of the content of scientific works of domestic and foreign scientists, the concept of tax administration was clarified. Along with the presentation of the achievements of the founders of classical economics in the study of taxation and taxation issues, mention should be made of the contribution to the development of pre-classical economics of the great thinkers of our Tajik ancestors and the peoples of the East - including in the evolution and development of public finance. It is noted that in the modern conditions of the Republic of Tajikistan, tax policy should be formed based on the need to stimulate positive structural changes in the tax system, constantly reduce the overall tax burden and improve the quality of tax administration. High-quality tax management and its administration are conditions for the effective functioning of the tax system and the development of the national economy.

**Keywords:** taxation, tax system, tax relations, tax management system, tax administration, tax policy, tax regulation, tax control, state taxes.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Насрулоев Азимҷон Зайдуллоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия. **Суроға:** 734067,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **nasruloev01@gmail.com.** Телефон: **(+992) 900-01-09-09**

**Сведения об авторе:** ***Насрулоев Азимджон Зайдуллоевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D кафедры финансов. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **nasruloev01@gmail.com.** Телефон: **(+992) 900-01-09-09**

**Information about the author:** ***Nasruloev Azimjon Zaydulloevich*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D student of the Department of Finance. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. E-mail: **nasruloev01@gmail.com.** Phone: **(+992) 900-01-09-09**

ТДУ: 331.545(575.3)

# ШАРИКИИ БАХШИ ДАВЛАТИЮ ХУСУСӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Тагойназаров А.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Точикистон**

Дар системаи бахши давлатии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун дар системаҳои дигар, норасоиҳо ва дисфунксияҳои маҳз барои он хос мавҷуданд. Масалан, дар бораи системаи институтҳои ҷумҳурии давраи гузариш сухан гуфта, аксарияти муаллифон ба нокифоятии институтсионалие ишора менамоянд, ки махсусияти давраи шикасти яке аз сохтори институтсионалӣ ва комилан рушднаёфта, вазъи ҷанинии ташаккулёбии дигариро инъикос менамояд. Барои ҳамоҳангии фаъолияти иҷтимоию иқтисодии субъектҳо сохторҳои ба таври кофӣ пурқудрат ва таъсирнок заруранд. Аз нуқтаи назари мо, сохтан ва тағйир додани институтҳои формалӣ ва ғайриформалӣ дар чунин шароит ба таври назаррас мураккаб мебошад. Сухан на танҳо дар бораи қабули санадҳои дахлдори қонунгузорӣ ё дигари меъёрӣ, балки дар бораи сохтани меъёрҳои якдигарро нигоҳдоранда меравад. Чунин система озодии ба таври кофӣ интихоби рафторро боқӣ мегузорад, ки идоракунии он натиҷаҳои ғайричашмдошт медиҳад [24,с.25].

Бо таваҷҷуҳ ба заминаҳои таърихии ташаккул ва инкишофи сохтори ҷамъиятӣ анъанаи пешбурди тарзи ҳаёти гурӯҳӣ ба назар мерасад, ки давра ба давра хусусияти расмӣ гирифта, ба унвонии давлат ва иттиҳодияҳои гуногун, ҳифзу нигоҳдории манфиатҳои мардумро ба зиммаи худ гирифтаанд. Дар амалияи сохтори ҷамъиятӣ, инчунин, субъектҳои бозорие вуҷуд доштанд, ки ташкилу амалигардонии истеҳсолу пешниҳоди молу хизматрасониҳои қонеъкунандаи талаботи мардумро ба зиммаи худ гирифта, бо ин васила даромад ба даст меоранд (бахши соҳибкорӣ). Ин ду субъекти ҳаётан муҳим, давлат ва бахши соҳибкорӣ дар сохтори иқтисодию иҷтимоии ҷамъият накш ва мавқеи гуногун доранд. Умуман хулоса кардан мумкин аст, ки ин ё он шакли ҳамкорӣ миёни давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати беҳдошти ҳаёти мардум ва манфиатгирӣ ҳамеша вуҷуд доштанд. Аммо бо рушди имкониятҳои сармоявии бахши хусусӣ ва зиёдшавии вазифаҳои иқтисодию иҷтимоии давлат, зарурати ташкили ҳамкории байни ин ду субъект ба вуҷуд омад. Бо шабеҳияти қисман андешаҳои П. Бруссерро [2,с.29] ёдоварӣ кардан мувофиқи мақсад аст, ки мегӯяд: «...шаклҳои мушкили ташкили хоҷагӣ дар шароити муосир ба зарурати иштироки давлат амр менамоянд. Дар баробари ин, муҳити институтсионалӣ (базаи меъёрию хуқуқӣ, низоми идоракунӣ, механизми танзимнамоӣ ва ғ.), ки дар шароити он ташкили ҳамкории якҷоя ба вуҷуд меояд, ба ташкили сатҳи баланди хамкорӣ байни давлат ва бахши соҳибкорӣ шарт мегузорад». Бо дарки вуҷуддошти ин гуна шарти ҳалталаб дар таҷрибаи сохтори хоҷагидории ҷаҳон тайи 30 соли охир стратегияи шарики давлат ва бахши хусусӣ мавриди истифодаи ҳадафмандона ҷалб шудааст. Ҳамин тавр, дар ин муддати корӣ шаклҳои гуногуни ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз рӯйи баҳогузориҳои илмию назарӣ ва илмию амалӣ натиҷаҳои самарабахшро таъмин намудааст.

Бо мақсади ошкорсозии моҳият ва аҳаммияти стратегияи (консепсияи) шарикии давлат ва бахши хусусӣ бештари таҳқиқгарон шарҳу тавзеҳоти гуногунеро пешниҳод намуданд, ки дар натиҷа сабаби рушди ҷанбаҳои назариявӣ ва ошкоргардии хусусиятҳои бо бартарии ин консепсия гардид. Истилоҳӣ «шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (Public-Private Partnership, PPP) якумин маротиба дар Англия дар оғози солҳои 80-ум ҷиҳати муайян сохтани муносибат миёни давлат ва бахши хусусӣ ба миён омад [5,с.50]. Чун қоида, ин муносибатҳо нахуст дар соҳаи инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфта, минбаъд рушд ёфтанд. Ин ба роҳҳои автомобилӣ ва оҳан, фурудгоҳҳо, соҳилҳои баҳрӣ, шабакаҳои барқӣ, хоҷагии коммуналӣ, телекоммуникатсия, объектҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг тааллуқ дошт. Табиист, ки пайдошавии чунин навъи муносибатҳо натиҷаи курси умумӣ ба либерализатсия ва коҳишёбии иштироки давлат дар иқтисодиёт гардид.

Айни замон фикрҳо дар атрофи мубрамгардонии ташкили стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва асосноксозии ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилу идоракунӣ ва ҳуқуқии стратегияи зикршуда ниҳоят зиёд вуҷуд дорад, ки мавриди санҷиш ва баҳогузории илмию методологӣ қарор додани онҳо ҷиҳати муайянсозии хусусиятҳои таркибӣ ва аҳаммияти иқтисодию иҷимоии ин шакли ҳамкорӣ, мусоидат мекунад.

Стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ чун объекти муҳимми таҳқиқот аз ҷониби олимон ва мутахассисони гуногун бо пайгирӣ ба дарки хусусиятҳои гуногун (ШДБХ чун, ҳамкории стратегӣ, тақсими хавфи фаъолият, мубодилаи дониш ва таҷриба, воситаи кам кардани хароҷот аз буҷети давлатӣ, истифодаи баробари иқтидору сармоя, алтернативаи муҳимми таъмини рушди соҳаҳо ва ғ.) шарҳ дода шудааст.

Бруссер П. ва Роҷкова С. шарикии давлат ва бахши хусусиро чун муҳимтарин имконияти рушди механизми анъанавии ҳамоҳанги муносибатҳои хоҷагидорӣ миёни ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ бо мақсади коркард, банақшагирӣ, маблағгузорӣ, сохтмон ва бакорандозии объектҳои инфрасохторӣ маънидод намуда», ҳамзамон, қайд меменамоянд, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ усули сифатан нав ва самараноки ҷалби сармоягузорӣ мебошад [2,с.30] .

Асосҳои консептуалии ШДБХ дар рисолаҳои Кейнс Ҷ.М. [12,с.50] ба чашм мерасанд, ки тавассути сиёсати қарзӣ-пулӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои хусусӣ метавон нисбатан зуд даромадҳои аҳолиро ба даст овард. Баъдан назарияи «давлати некуаҳволии умум» пайдо гардид, ки яке аз асосгузорони он Гэлбрейт Ҷ.К. ба ҳисоб мерафт [7,с.40].

Варнавский В.Г. мафҳуми нисбатан васеъро медиҳад: «Шарикии давлат ва бахши хусусӣ иттиҳоди институтсионалӣ ва ташкилӣ миёни давлат ва тиҷорат бо мақсади амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳои миллӣ ва байналхалқӣ, азим ва хурд, вале ҳамеша муҳимми ҷамъиятӣ дар қисми (спектор) васеи фаъолият мебошад: аз рушди соҳаҳои муҳимми стратегии саноат ва корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашӣ (КИТТЛ) то таъмини хизматрасониҳои ҷамъиятӣ» [4,с.50].

Дар навбати худ, Варнавский В.Г. бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои интиқолдиҳии моликияти давлатӣ ба уҳдаи бахши хусусӣ чунин нуктаи назарро пешниҳод мекунад, ки «шарикии давлат ва бахши хусусӣ хусусигардонии ғайримустақим, ё алтернативаи пурраи хусусигардонии объектҳои ҳаётан муҳимро, ки дорои аҳаммияти стратегӣ дар моликияти давлатӣ мебошанд, муайян месозад». Ҳамин тавр, дар рисолаи худ Варнавский В.Г. шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун «барномаи махсус, вале ивази пурраи ҳамаҷонибаи барномаи хусусигардонӣ медонад, ки аз як ҷиҳат, имконияти амалисозии иқтидори ташаббуси хусусии соҳибкориро дода, аз тарафи дигар, функсияҳои назоратии давлатро дар соҳаҳои муҳимми иҷтимоии иқтисодиёт нигоҳ медорад» [3,с.30].

Дар робита ба хусусиятҳои ҳамкорӣ дар вақт, мубодилаи таҷриба ва истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда зери стратегияи ШДБХ, Коровин Е. [14,с.20] хулосабарориҳои зиёд намуда, ҳамзамон, қайд мекунад, ки зери мафҳуми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамкории миёна ё дарозмуддат миёни бахшҳои оммавӣ ва хусусӣ, ки дар доираи онҳо вазифаҳои сиёсӣ тавассути таъмини таҷриба ва ташхиси ҷонибҳо ва инчунин, тақсимнамоии хавфҳо ва фоидаҳои молиявӣ ҳал мегарданд, фаҳмидан мумкин аст. Воқеан шарикии давлат ва бахши хусусӣ, метавонад ба сифати муҳимтарин воситаи иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии давлат хизмат намуда, ҳамчунин, дараҷаи таъсири хавфҳои фаъолиятро барои субъектҳои хоҷагидории бахши хусусӣ паст намояд. Беҳуда нест, ки Хабриев Т.Я [27,с.20] шарикии давлат ва бахши хусусиро яке аз механизмҳои пешрафтаи амалисозии нақшаҳое асоснок намудааст, ки дар консепсияи дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодии Федератсияи Россия оварда шудаанд ва ҳалли онҳо ба қатори вазифаҳои муҳимми стратегии иқтисодию сиёсии ин давлат дохил мешаванд.

Маълум аст, ки бартариятҳои стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ниҳоят зиёд мебошанд, аммо бо таваҷҷуҳ ба масъалаи тақсими баробари эҳтимолияти дараҷаи таваккал ва ҳифзи мавқеи ҷонибҳо дар ҳолати таҳаммул аз таъсири хавф, фикрҳои гуногун пешниҳод шудаанд. Хусусан, дар робита ба ин гуна хусусият доштани шарикии давлат ва бахши хусусӣ олими амрикоӣ Розенау П. [38,с.50, 6] (ибрози ақида намуда, шарикии давлат ва бахши хусусиро чун шакли ҳуқуқии кооператсияи бамиёномада муаррифӣ

кардааст, ки метавонад талафотро хам дар бозор, ва ҳам дар давлат рӯйпуш намуда, сифатҳои бо бартарии ҷонибҳоро ба хам оварда, самараи мусбии умумиро барои рушди низоми иқтисодиёт дар маҷмуь ба миён орад.

Ба монанди ин бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои ташкили ҳамкории якҷоя, тақсими одилонаи захираҳо ва қонеъгардонии баробари манфиатҳо дар низоми ҳамкориҳо мутахассисони ҳолландӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ Хаам В. ва Копенхам Ҷ. [31,с.45] ШДБХ-ро чун кооператсияи идомаёбанда миёни иштирокчиёни бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ муайян тавсия додаанд, ки ба ҷонибҳо (давлат ва бахши хусусӣ) имкон фароҳам меорад, то ба таври муштарак молҳо ва хизматрасониҳоро коркард намуда, инчунин, дар раванди истеҳсол хавфҳо, хароҷотҳо ва захираҳоро одилона тақсим намоянд. Дар мавриди санҷишҳо аз хулосаҳои овардашуда бармеояд, ки ШДБХ чун воситаи муҳимми ҳамкорӣ миёни давлат ва бахши хусусӣ метавонад тамоми умр ҳамкориҳои судманди иқтисодию иҷтимоиро ҳамроҳ намояд.

Ба андешаи Норменту Р. [37,с.10], директори иҷроияи Шурои миллӣ оид ба шарикии давлат ва бахши хусусии ИМА, ШДБХ созишномаи шартномавӣ миёни сохтори давлатӣ сатҳи дилхоҳ ва ташкилоти бахши хусусӣ мебошад. Тавассути созишномаи мазкур маҳоратҳо ва дороиҳои ҳар як бахш бо мақсади барпосозии хизматрасонӣ ё объектҳои истифодабарии ҷамъиятӣ якдигарро пурра месозанд. Илова бар ин, дар истифодабарии муштараки захираҳо ҳар як ҷониб хавфҳо ва фоидаҳо, миёни якдигар тақсим менамояд.

Уилямсон О. [24,с.79] шароити имрӯзаро чун низоми муносибатҳои мураккаби бозорӣ маънидод карда, ҳамзамон, қайд мекунад, ки дар чунин шароит таъмини сатҳи баланди самаранокии иқтисоию иҷтимоӣ аз ҷониби давлат мушкил мегардад. Зери ливои ин Вильямсон О. ҷиҳати таъмини иҷрои ҳамаи уҳдадориҳои иқтисодию иҷтимоии давлат, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро тавсия медиҳад. Дар ин робита Уильямсон О., зери механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамаи ҳамкориҳои махсусгардонидашударо дар назар доштааст, ки оид ба иҷронамоии шартномаҳо миёни давлат ва тиҷорат метавонанд дар намудҳои нисбатан васеъ истифодашаванда байни иштирокчиёни бозор хизмат намояд, аз ҳамин сабаб, давлат маҷбур аст, то ба шакли нави ҳамкории дуҷониба рӯ оварда, бахши соҳибкориро муҳимтарин такягоҳи ҳалли мушкилиҳои иқтисодию иҷтимоӣ интихоб намояд [24,с.80].

Айнан, қисман ба ин фикрҳо монандро Фиоктистов К.С. пешниҳод кардааст: шарикии давлат ва бахши хусусӣ иштирокчиёни васеи ҳамоҳангии ҳокимият ва тиҷоратро, ки ба ҳалли вазифаҳои глобалӣ ва маҳаллии рушди иқгисодию - иҷтимоӣ равона гардидаанд, дар бар мегирад [26,с.18]. Аз рӯйи ақидаҳои У механизми ҳамкории шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба сифати воситаи бартарафнамоии мушкилоти сатҳи давлатӣ мусоидат карда, доираи фарогирии сатҳи глобалиро низ дошта метавонад.

Мутахассисони Бонки аврупоии сармоягузорӣ бо таваҷҷуҳ ба бартариятҳои сатратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ онро муҳимтарин воситаиислоҳи камбудиҳои аз натиҷаи фаъолияти давлат ва бахши хусусӣ бавуҷудомада медонанд. Ба андешаи онҳо, беэътибор донистани ташкили ҳамкорӣ таҳти старатегияи шарикии давлат бо бахши хусусӣ сатҳи мушкилотро, ки бар асари иштибоҳҳои ҷонибҳо дар алоҳидагӣ ба вуҷуд меоянд, афзун месозад. Бо дарназардошти ин ва дигар хусусиятҳо ШДБХ-ро чун истилоҳи умумӣ ва воситаи муҳимми ҳамкорӣ миёни бахшҳои соҳибкорӣ ва сохторҳои бахши давлатӣ бо мақсади ҷалби захираҳо ва иқтидори кадрии бахши хусусӣ барои расонидани кумак дар истеҳсоли неъматҳо ва хизматрасониҳои ҷамъиятӣ шарҳ додаанд [40,с.50].

Дар баробари фикрҳои қайдшуда, мо, ба хулоса омадем, ки мафҳуми нисбатан васеъро Трачук С.С. пешниҳод кардааст. Чунончи Трачук С.С. қайд мекунад [26,с.20]: «ШДБХ, ин иттиҳоди институтсионалӣ ва ташкилии давлат ва тиҷоратро ифода менамояд, ки дар ҳамоҳангии омилҳои молиявӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки ба муттаҳидсозии самараноки захираҳои давлатӣ ва хусусӣ ва сарчашмаҳои гуногуни онҳо ба комплекси ягона бо мақсади ҳалли вазифаҳои стратегии рушди иқтисодию - иҷтимоии мамлакат равона гардида, инчунин, имконияти таъсисдиҳии шароитҳои заруриро барои ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, ба монанди: арзёбии ангезиш ба ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар бахши хусусӣ тавассути

баландбардории меъёрҳои экологӣ, сарфакории барқ, ки тиҷорати хусусиро ба азнавсозии маҳсулоти истеҳсолшаванда водор месозад; рушди таъминоти методӣ ва меъёрии шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо таҳқиқи механизми амалисозии шарикии давлат ва бахши хусусӣ; мустаҳкамгардонии қонунии шарикони он, шакл ва моделҳо дар таҷрибаи ватанӣ, зери назар аст» .

Бо баэътиборгирии қоидаҳои барасмиятдарорӣ ва ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии тарафҳо дар сатҳи идораи маҳаллӣ ва минтақавӣ Филченков В.А. [25,.4] афзалиятҳои стратегияи ташкили ҳамкориҳои иқтисодию иҷтамоиро зери ливои шарикии давлат ва бахши хусусӣ муаррифӣ намуда, ба ташкили ин шакли ҳамкорӣ баҳои баланд додааст. Дар робита ба шарҳи мухтасари ин шакли ҳамкорӣ, чунин қоидаро пешниҳод намудааст: «ШДБХ институти махсус дар маҷмуи қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, ки ба ташкили фаъолияти муштараки давлат, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва сохторҳои соҳибкорӣ бо мақсади қонеъгардонии манфиатҳои ҷамъият равона гардида, дар доираи он бо ҳуқуқҳои баробар манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷонибҳо қонеъ мегарданд, бунёд ёфтааст».

Дар радифи ин гуфтаҳо, Игнатюк Н.А. [9,с.50] шарикии давлатӣ ва бахши хусусиро чун шакли такмилёфта ва боэътимоди ҳамкории дарозмуддат ҷиҳати ҳалли вазифаҳои муҳимми иқтисодию иҷтимоии давлат ва бахши хусусӣ муаррифӣ намуда, қоидаҳои ташкил ва амалигардонии сатҳи баланди ин ҳамкориро кафолати рушди ҳамаҷонибаи тамоми бахшҳои соҳаҳои хоҷагии халқ меҳисобад. Игнатюк Н.А. қисман хулосаҳои илмии худро дар робита ба стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ зери чунин андешаи ба чаҳорчӯба даровардашуда, пешниҳод кардааст, ки чунин омадааст: «шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин намуди махсуси ҳамкории байни мақомоти ҳокимияти оммавӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, шаҳрвандон ё иттиҳодияҳои онҳо мебошад, ки дар заминаи муттаҳидсозии захираҳо, воситаҳо, моликият, кӯшишҳо ё иқтидоре, ки ба амалисозии сиёсати давлат, қонеъгардонии талаботҳои ҷамъиятӣ, барпосозии объектҳои муҳим, ҳимояи иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои меҳнатӣ ё дигар «ҳуқуқҳои шаҳрвандон ё ҳалли дигар вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ равона гардидаанд, ба вуҷуд омадааст» [9,с.51].

Спиридонов А.А. ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ пардохта, чунин хулоса мекунад, ки «...ин тарзи ҳамкорӣ новобаста аз мавҷудияти фикрҳо ва таъиноти амалкунандаи қонунгузорӣ, дорои мафҳум ва моҳияти васее мебошад, ки дар ҷамъбасти ягон фикр ба тамом ғунҷида наметавонанд». Вобаста ба ин ва дигар ҳолатҳои муттаҳидсозии ин шакли ҳамкории судманд, шарикии давлатӣ ва бахши хусусиро Спиридонов А.А. аз ду нуқтаи назар шарҳ додааст [21,с.20]: а) ба маънои васеъ, зери мафҳуми ШДБХ дилхоҳ ҳамоҳангии расмии конструктивии ҳокимият ва тиҷорат на танҳо дар иқтисодиёт, балки дар сиёсат, фарҳанг, илм ва дигар соҳаҳо, ки беҳдошти ҳаёти инсон аз онҳо вобастааст, фаҳмида мешавад; б) ба маънои маҳдуд, таҳти шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамоҳангии тиҷорат ва ҳокимият дар ҷараёни амалисозии лоиҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки аҳаммияти умумидавлатӣ доранд, зери назар аст [11,с.50].

Дар баробари ин, Спиридонов А.А. чунин қайд намудааст, ки самараи иқтисодию иҷтимоии лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шароите эҳсос мешавад, ки соҳаҳои муҳимми пешбарандаи иқтисодиёт муайян карда шуда, сипас вобаста ба ин консепсияи ташкили ҳамкориҳои судманди дуҷониба ташкил ва ба пеш бурда шавад. Ин гуна шароит моҳияти боз ҳам васеътари лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусиро ифода карда метавонад [14,с.20]. Дар ниҳоят, бо муаллиф ҷиҳати он, ки ШДБХ ҳангоми тафриқабандии соҳаҳои фаъолият моҳияти ба худ хосро пайдо мекунад, розӣ шудан мумкин аст. Зеро на дар ҳамаи бахшҳои фаъолият ташкили ҳамоҳангии давлат бо бахши хусусӣ иҷозат дода шудааст. Дар баробари он ки ташкили стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар доираи соҳаҳои нигоҳдорандаи сирри давлатӣ маҳдуд карда мешаванд, инчунин, маҳдудияти дигар дар ин самт бо он алоқаманд дониста мешавад, ки ШДБХ на ҳама вақт аҳаммияти умумидавлатиро доро буда метавонад, аниқтараш баъзан дар миқёси минтақавӣ ё маҳаллӣ маҳдуд мегардад.

Дар мавриди зери назар қарор додани он шакли хулосабарорӣ, ки на дар хама ҳолат ва бахшҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷой дошта метавонад, Коровин Н. [14,с.50] андешаҳои худро пешниҳод кардааст чунин мешуморад, ки ҳамкории миёнамуҳлат ва

дарозмуддат миёни бахши ҷамъиятӣ ва хусусӣ, дар доираи он ҳалли вазифаҳои сиёсӣ дар заминаи муттаҳидсозии таҷриба ва ташхиси якчанд бахшҳо яъне, бахшҳои фаъолияте, ки ташкили фаъолият дар асоси лоиҳаи ШДБХ имконпазир аст ва тақсимкунии хавфҳо ва фоидаҳои молиявӣ ба амал омада метавонад.

Вобаста ба хусусияти маҳдудшавии стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар доираи бахшҳои фаъолият ва сатҳу доираи ҳуқуқӣ андешаи Белитскаяро А. [1,с.21] ба эътибор гирифтан муҳим аст, ки чунин қайд мекунад: «шарикии давлат ва бахши хусусӣ барасмиятдарории ҳуқуқии ҳамкории муфиди мақомот, ташкилот, ҳокимияти оммавӣ ва субъектҳои соҳибкории хусусӣ дар вақти муайян нисбат ба объектҳое, ки дар бахши манфиат ва назорати давлатӣ қарор дошта, тақсимнамоии хавфҳоро миёни шарикон, амалисозии нисбатан самараноки лоиҳаҳое, ки аҳаммияти муҳимми давлатӣ ва ҷамъиятиро доро мебошанд, фаҳмида мешавад». Муаллиф механизми ҳуқуқиро муҳимтарин воситаи танзим ва назорати ташкили ҳамкориҳо интихоб намуда, ҳамзамон, ташкили ҳамкории шариконаро танҳо дар соҳаҳое тавсия намудааст, ки барои ҳар ду ҷониб манфиатовар буда, ҷиҳати вайронсозии низоми амният ва бехатарии давлатӣ халал ворид карда наметавонанд.

Роҷеъ ба зарурат ва моҳияти ташкили ин намуди ҳамкорӣ Губанов И.А. [6,с.27] қайд мекунад, ки мавҷудияти мушкилотҳои ташкил ва пешбурди фаъолияти аз нигоҳи иқтисодию иҷтимоӣ самаранок пайваста монеаҳои рушдро дар бахши хусусӣ ва давлат ба вуҷуд меорад. Дар бисёри мавридҳо ҳарду ҷониб наметавонанд ба як қарор омада фаъолиятро идома бахшанд, ҳол он ки пешравӣ талаботи ҳар ду ҷониб буда, натиҷаҳои интизорӣ хуб мебошанд. Дар мавриди мавҷудияти ботакрори ин гуна вазъият муҳимтарин механизми танзим, идоракунӣ, ҳифзи манфиатҳо ва кафолати ҳуқукӣ, стратегияи ШДБХ тавсия карда мешавад. Яъне Губанов И.А. ёдовар мешавад, ки ШДБХ дар маънои васеъ чун низоми меъёрҳои хуқукӣ, хусусӣ ва оммавӣ таъин шудааст, ки ниҳоди мустақили байнисоҳавиро таъсис дода, муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намуда, бо ҳамоҳангии давлат дар шахсияти мақомоти ваколатдор бо шахсони ҳуқуқӣ (аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ), ки бо тартиби дар қонун муқарраргардида ба рӯйхат гирифта шудаанд, бо шахсони воқеӣ бо мақсади ноилгардии мақсадҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва дастгирии амалисозии функсияҳои давлат алоқаманд мебошанд [6,с.28]. Ин ҷо, ШДБХ чунин ниҳоди босалоҳият ва таҷрибадори байнисоҳавӣ шинохта шудааст, ки дар асоси мавҷудияти низоми қонунгузорӣ муносибатҳо ва манфиатҳо дар як чаҳорчӯба танзим карда мешавад.

Агар ба натиҷаҳои таҳқиқоти Холодная Н.Д. [31,с.46] назар кунем, ӯ қайд мекунад, ки андешаи нисбатан паҳнгардида оид ба моҳияти ШДБХ, ҳамчун созишномаи шартномавӣ миёни агенти давлатӣ ва бахши хусусӣ шарҳ дода шудааст, ки дар ниҳоят имкон фароҳам меоранд то дар истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ иштирок намуда, мукофоти иштироки босалоҳияти худро соҳиб шаванд.

Ҳамин тавр, ШДБХ шакли ҳамоҳангии давлат ва тиҷорат мебошад, ки имкони истифодабарии мақсадноки захираҳои техникӣ, молиявӣ ва идоракунии бахши хусусиро ҷиҳати ноилгардии вазифаҳое, ки аз ҷониби давлат гузошта шудаанд, имкон медиҳад.

Дар мавриди омӯзиш ва муқоисанамоии натиҷаи таҳқиқоти Демидов Л.С. [8,с.40] роҷеъ ба моҳияти иқтисодию иҷтимоии лоиҳаи ШДБХ андешаҳои судманд бисёр вохӯрдан мумкин аст, аммо дар хулосае, ки оид ба мафҳуми ин тарзи ҳамкорӣ пешниҳод кардааст, номафҳумӣ дида мешавад ва ба қисме аз андешаҳои ӯ рози шуда наметавонем. Демидов Л.С. қайд мекунад, ки ШДБХ, низоми кооператсияи расмии як қатор сохторҳоеро, ки барои ноилгардии ин ё он мақсад созмон дода шуда, ба базаи қонунгузорӣ ё ба шартномаҳои ғайрирасмӣ оид ба ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак такя менамоянд, фаҳмида мешавад [8,с.41]. Бояд қайд намуд, ки ШДБХ маҷмуи муносибатҳои барасмият даровардашудаи тарафҳои манфиатдор мебошад ва ягон намуди шартнома ё аҳдномаҳои хусусияти ғайрирасмидоштаро намепазирад. Танҳо дар сурати мавҷудияти қоидаҳои расмӣ ҳуқуқ, мақсад, вазифа ва уҳдадориҳои тарафҳо дар ҷараёни фаъолият танзим карда мешавад.

Дар ин радиф нуқтаи назари дигар, ки дар атрофаш баҳсҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст, ин хулосаҳои муҳаққиқони хориҷӣ, ба монанди С. Линдер ва Б. Савас. [36,с.35, 39], ба ҳисоб мераванд. Онҳо дар якҷоягӣ ба ҷанбаҳои манфӣ ва мусбати лоиҳаи шарикии

давлат ва бахши хусусӣ таваҷҷуҳ карда, ин шакли ҳамкориро ниқоби захиравии дар ҳолатҳои зарурӣ истифодашаванда маънидод кардаанд. Албатта, омезиши ғояҳо ба одамон имконияти хулосабарориҳои гуногунро медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо ҳақ ва дар ҳолатҳои дигар ноҳақ мавқеъ мегиранд. Аммо айни замон ақидаи онҳо аз ҷониби мо ғайри қобили қабул дониста мешавад. Ба андешаи С. Линдер ва Е. Савас [36,с.36, 39] ШДБХ найранги забоние мебошад, ки ҳадафи асосии он пинҳон кардани мақсадҳои асосӣ, чун хусусигардон, кор дар асоси шартнома, инчунин, кӯшиши ҷалб намудани корхонаҳои хусусӣ дар ҷараёни истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби воситаҳои давлатӣ иборат аст.

Андешаи зикршуда ба таври ошкоро нишон медиҳад, ки дар майдони мулоҳизаҳои илмӣ мавқеъ пайдо карда наметавонад, яъне ташаббускор ба ҳисоб меравад: мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё бахши соҳибкорӣ. Хулоса он ки имтиёзро аз чунин ҳамоҳангӣ ҳар ду ҷониб соҳиб мебошанд, мақсадҳо ошкоранд, бахши хусусӣ даромад ва дастгирии давлатиро мехоҳаду бахши давлатӣ бошад уҳдадориҳои иҷтимоию иқтисодии дар назди ҷамъият ба дӯшаш бударо иҷро кардан мехоҳад.

Дар робита ба ин гуна хулоса, фикри О.И. Лисихинро [16,с.4] ёдовар шудан ба маврид аст, ки мегӯяд: «шакли ҳуқуқии амалисозии шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд ба ду талаботи асосӣ ҷавобгӯ бошад: таъмини амнияти гузоштани воситаҳо барои сармоягузор (бахши хусусиро дар назар дорад) ва қобилияти ноилгардии мақсади асосии лоиҳа, махсусан такмилдиҳии он соҳаи иқтисодиёт, ки барои давлат аз ҷиҳати стратегӣ муҳим дониста мешаванд».

Дар мавриди идомадиҳии пайгирии омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷиҳати хулосабарориҳои мантиқан дурусти илмию методологӣ якчанд хулосаҳои эътимодбахшро низ ёдовар шудан мумкин аст, ки бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои замонавии ШДБХ пешниҳод карда шудаанд.

Бруссер П. ва Рожкова С. [2,с.31] роҷеъ ба стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ андешаҳои ҷолиберо пешниҳод намудаанд, ки бо таваҷҷуҳ ба меҳнати онҳо фаҳмида мешавад, ки ин тарзи ҳамкорӣ новобаста аз заминаҳои таърихии қадима дар шароити имрӯза мубрам гардидааст. Яъне, онҳо стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусиро дар мазмуни муосир, шакли пешрафтаи ҳамоҳангии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади амалисозии лоиҳаҳои аҳаммияти ҷамъиятидошта ифода кардаанд. Ҳамзамон, онҳо қайд намудаанд, ки зарурат оид ба стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, пеш аз хама, дар он соҳаҳое ба миён меояд, ки аз рӯйи онҳо давлат масъулиятро бар дӯши худ дорад, яъне: а) объектҳои истифодабарии умумӣ (нақлиётӣ, иҷтимоӣ, бахши коммуналӣ, инфрасохтор, объектҳои фарҳангӣ ва ғ.); б) «кумитаҳои оммавӣ» - таъмир, таҷдид ва нигоҳдории объектҳои истифодабарии умумӣ; тоза намудани гирду атроф; хоҷагии манзилию-коммуналӣ; дастгирии рушди маориф; тандурустӣ ва ғ.

Дар заминаи ин Бруссер П., ва Рожкова С. [2,с.32] чунин меҳисобанд, ки соҳаҳои номбурда аз гузашта дида имрӯз ба рушд ниёз доранд, зеро талаботи мардум ҳар рӯз нисбати молу хизматрасониҳои соҳаҳои номбурда зиёд гардида, онҳо дар чунин вазъият ба мушкилии сармоягузорӣ ба хотири рушд доимо рӯ ба рӯ мегарданд. Акнун дар чунин шароит ба сифати муҳимтарин механизми ҷалби сармоя, стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ баромад мекунад. Воқеан, имрӯзҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва дар баробари ин, таъмини сарчашмаҳои боэътимоди сармоягузории соҳаҳои муҳим, ба монанди соҳаҳои стратегии саноатӣ, рушди корҳои илмию таҳқиқӣ (инноватсионӣ), озодии пурра аз асорати мушкилотҳои инфрасохторӣ (хусусан дар деҳот) ба қатори масъалаҳои мубрам ва ҳалталаб дохил мешаванд.

Ҷерард М.В. [35,с.32] қайд мекунад, ки институти шарикии давлат ва бахши хусусӣ, бояд чун субъекти алоҳида дар ошкорнамоӣ, баҳогузорӣ ва ҳалли мушкилоти ҳаётан муҳимми бахши давлатӣ ва хусусӣ доимо фаъол бошад. Гузашта аз ин, дар ҳолатҳои зарурӣ доираи фарогирии фаъолиятро набояд сарҳад гузорад. Яъне, дар фаҳмиши муосир ШДБХ иттиҳоди институтсионалӣ ва ташкилӣ миёни давлат ва тиҷорат бо мақсади амалисозии лоиҳаҳои миллӣ ва байналхалқии азим ва хурд, вале ҳамеша муҳим дар спектри васеи бахши фаъолият аз рушди соҳаҳои муҳимми стратегии саноат ва корҳои

илмӣ-тадқиқотии конструкторӣ (КИТК) то таъмини хизматрасониҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад.

Ба қавли Дуглас Норт [17,с.74], институтҳо «қоидаҳои бозӣ» дар ҷомеа, чаҳорчӯбаи маҳдудкунандаи сохтаи одамон мебошанд, ки ҳамкории байни инсонҳо, қоидаҳои мутобиқат, рафтори ахлоқӣ ва одобро ба вуҷуд меоранд. Институтҳо пойгоҳи сохториеро месозанд, ки бо ёрии онҳо тартиботи зарурӣ дар иқтисод таъмин карда мешавад. Тағйироти қоидавӣ (институтсионалӣ) муайянкунандаи фаҳмиши тағйироти таърихӣ буда, рушди ҷомеаро дар вақт муайян мекунад.

Дар асоси консепсияи О.И. Уилямсон [24,с.82] бошад, институтҳо «сохтори идора» мебошанд. Бояд гуфт, ки чунин фаҳмиши институт ба сатҳи муҳити қоидавӣ (институгсионалӣ) нисбатан мувофиқат мекунад.

Айнан ба хулосаҳои аз фикрҳои қаблан баромада, тасаввуроти мухтасарро оид ба стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ Бонки Умумиҷаҳонӣ пешниҳод кардааст: «ШДБХ созишнома миёни ҷониби оммавӣ ва хусусӣ оид ба истеҳсол ва расонидани хизматрасониҳои инфрасохторӣ мебошад, ки бо мақсади ҷалби сармоягузориҳои иловагӣ баста шуда, ва муҳимтараш ин ки ҳамчун воситаи баландбардории самаранокии маблағгузории буҷетӣ хизмат мерасонад» [34,с.7].

Албатта чун дигар фикрҳо дар тасаввуроти мухтасари Бонки Умумиҷаҳонӣ нисбати масъалаи мазкур баъзан маҳдуҳои қобили қабул ва баъзан паҳлуҳои ба фаҳмиши умумии ШДБХ мухолиф дида мешавад. Мухолифатро мо дар он мебинем, ки фаҳмиш ва доираи фарогирии амалии стратегияи ШДБХ танҳо дар доираи хизматрасониҳои инфрасохторӣ маҳдуд намешавад. Ҷиҳати қобили қабули ин фикр дар он аст, ки воқеан ҳам хароҷотҳо аз буҷети давлат сарфа карда мешавад. Ба ин қонеъ нашуда, эҳтимоли қавии зиёдшавии буҷети давлатӣ дар назар гирифта шудааст.

Дар таҷрибаи амалии истифодаи лоиҳаҳои ШДБХ аз ҷониби давлатҳои ташаббускори аввал, ба монанди Амрико ва Иттиҳоди Аврупо, муваффақиятҳои зиёд дида мешавад. Ҳангоми омӯзиш, муқоисанамоӣ ва таҳқиқи шароити истифодаи амалии ин лоиҳа дар низоми муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, баъзан паҳлуҳои норавшанӣ ин тарзи ҳамкориро муайян намудан мумкин аст. Дар Иттиҳоди Аврупо солҳои охир ҳуҷҷатҳои хеле зиёди хусусияти расмигирифта ба миён омаданд, ки масъалаҳои ШДБХ-ро ҳаллу фасл намуда, ҳамзамон, дар такя ба он мушкилиҳои рӯзмарраи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мардуми худро ба нуқтаи ҳал расонидаанд.

Дар китоби «Сабз», "Шарикии давлатӣ-хусусӣ ва қонунгузории Иттиҳод оид ба шартномаҳо ва консессияҳои давлатӣ" чунин гуфта мешавад: истилоҳи «шарикии давлат ва бахши хусусӣ" дар сатҳи Иттиҳод муайян нагардидааст. Дар намуди умумӣ таҳти мафҳуми зерин шаклҳои кооператсия миёни ҳокимияти ҷамъиятӣ ва тиҷорат фаҳмида мешавад, ки ба мақсади таъминсозии маблағгузорӣ, сохтмон, таҷдид, идоракунӣ, бакорандозии инфрасохтор ё расонидани хизматрасонӣ дар назар дошта мешавад» [40,с.32]. Ҳангоми санҷиш ва муқоисаи ҷамъи андешаҳои зикршуда, чунин ба назар мерасад, ки муҳимтарин бартарияти ташкили ҳамкорӣ зери ин механизм, мавҷудияти имконияти хуби ташкил ва идоракунии фаъолият аст. Аз ин рӯ, ҳам муаллифон ва ҳам ташкилотҳои алоқаманд бо масъалаи мазкур кӯшиш намудаанд, то бештар ба такмил ва истифодаи имкониятҳои идоракунӣ, ташкилӣ ва назорати он қувва сарф намоянд.

Таҳқиқот роҷеъ ба тамоми паҳлуҳои стратегияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Федератсияи Русия низ чун дигар давлатҳо бо шиддат ҷараён дорад. Дар баробари хулосаҳои илмию назариявии олимон, инчунин, сохторҳои махсуси пажуҳишӣ таъсис дода туда, бартарият ва беҳтарин тарзу усулҳои истифодаи ин тарзи ҳамкориро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда дар шароити муосир имкони ошкор намудани бисёре аз мушкилиҳоро чи дар бахши давлатӣ (нокифоягии буҷети давлатӣ дар баъзе соҳаҳои хоҷагии халқ, мувозинати нобаробари рушди минтақаҳо, инкишофи суст дар самти илм ва инноватсия ва ғ) ва чи дар бахши хусусӣ (нобоварӣ ба дастгирии давлатӣ, тартиби мураккаби истифода ва хусусигардонии объектҳои зарурӣ ва ғ.) имкон додааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ва дигар мушкилот айни замон Маркази рушди ШДБХ-и Федератсияи Русия дар ҳамкории мушатарак бо Институти рушди муосир «Рушди ШДБХ дар минтақаҳои ОФМ (ЦФО): сармоягузорӣ ва инфрасохтор»-ро таҳқиқ намуданд,

ҳамаҷониба гузарониданд, ки 18 минтақаро фаро гирифт. Пурсиш нишон дод, ки барпосозии шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ бе боварӣ ва муоширати тарафайн ғайримумкин мебошад. ШДБХ бештар аз ҷониби мансабдорон дар минтақаҳо чун усули бор намудани объект зараровар бар дӯши шарики хусусӣ, падидаи муқаррарӣ гардидааст, ки аксарият намояндагони бахши хусусӣ, ин нуқтаро тасдиқ мекунанд [10; 15; 18; 32; 33].

Бояд қайд намуд, ки воқеан барои бахши давлат ҳадаф аз ҳамкорӣ ҳалли муаммо аз ҳисоби шарикони бахши хусусӣ мебошад, аммо на ба чунин роҳ. Аз чониби дигар, таъқиби асосии бахши хусусӣ бо мақсади тиҷорати бобарор, гирифтани объекти ҷолиб аз давлат, идоракунии боманфиати он ё бунёд намудани объек аз нигоҳи иқтисодӣ даромаднок мебошад. Маълум аст, ки ҳадафи асосии бахши хусусӣ чун дигар шаклҳои фаъолият дар ин ҷо, низ гирифтани фоидаи ҳадди ниҳоӣ мебошад. Дар чунин вазъият, ҳангоми аз ҷониби бахши хусусӣ ошкор шудани ҳадафҳои ғаразноки намояндагон ё ваколатдорони бахши давлатӣ, табиист, ки ҳамкории судманд ба миён омада наметавонад.

Ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни назариявӣ ва методологии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ду қисмати асосии онро бояд аз ҳамдигар ҷудо намуд: қисмати назариявӣ ва амалӣ. Қисмати якум, асосҳои ташаккули мафҳуми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, масъалаҳои консептуалии он, интихоби усули таҳқиқот, мафҳумҳои бо он монандро дар бар гирифта, қисмати дуюм бошад, инъикоскунандаи марҳилаҳо, омӯзиши вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақа ва хусусиятҳои рушди онро вобаста аз истифодаи самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ дар назар дорад.

Андешаҳои гуногунро аз назар гузаронида, ба сифати замина мо равиши нисбатан «васеъ»-ро нисбат ба шарҳи шарикии давлат ва бахши хусусӣ қабул менамоем, ки он ҳамчун шакли махсуси ҳамоҳангии бахши оммавӣ ва хусусӣ на дар иқтисодиёт, инчунин, дар дигар бахшҳои ҳаёти ҷамъятӣ, аз ҷумла тандурустӣ, илм, фарҳанг низ мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар баробари ин, мо шарҳи ШДБХ, ки дар хориҷа қабул гардидааст, ҳамчун шакли дилхоҳи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷонибдорӣ менамоем [22].

Дар корҳои олимони ватанӣ [20,с.32, 28], махсусан, ба ғайр аз таъинии шарикии давлат ва бахши хусусӣ моҳият, маҷмуи нақшаи асосҳои ташаккул, рушди ин ҳамкорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои бозоргониро тартиб дода, бар он хулосаанд, ки тавсеа ва рушди минбаъдаи он ба гузариши нисбатан сабук ба иқтисодиёти бозоргонӣ мусоидат намуда, самаранокии иттиҳоди давлат ва бахши хусусиро намоиш медиҳад. Дар корҳои олимони тоҷик диққати асосӣ ба ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба соҳаҳои хизматрасонӣ дода шудааст ва онро ҳамчун василаи асосии рушди ҳамкориҳои субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ маънидод намудаанд.

Дар баъзе пажуҳишҳои олимони ватанӣ дигар асосҳои методологии муайян намудани мафҳум ва вижагиҳои хосси ташаккули таъминоти инфрасохторӣ ва рушди шарикии давлат дар бахши хусусӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ баррасӣ шудааст. Қайд шудааст, ки ташаккулёбии таъминоти инфрасохторӣ ва рушди шарикии давлат дар бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонӣ заминаӣ рушди босуботи иқтисодиётро фароҳам оварда, бо ҳамин ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд оварда, ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, нақш ва аҳаммияти таъмин намудани инфрасохторҳо ва рушди ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар масъалаи фароҳам овардани рушди минбаъдаи иқтисод дар низоми иқтисоди бозоргонӣ мушаххас шудааст [29,с.32].

Дар адабиёти илмии ватанӣ оиди самаранок истифода намудани фишангҳои иқтисодии истифодаи ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз роҳҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ маҳсуб ёфта, он барои дарёфти захираҳои нави иқтисодӣ бо мақсади рушди устувори иқтисодӣ чи барои бахши давлатӣ ва чи барои бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ имкониятҳои навро фароҳам меорад [30,с.165].

Ба андешаи мо, барои беҳтар намудани вазъи лоиҳаҳои гуногуни сармоягузорӣ, муътадил нигоҳ доштани вазъи истифодаи воситаҳои буҷетӣ, истифодаи дурусти ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ зарур аст. Дар ин самт як гурӯҳ олимони ватанӣ қайд менамоянд, ки хароҷоти калони молиявӣ ва оперативӣ, маҳдудияти захираҳои давлатӣ, дар самтҳои мухталифи бахшҳо ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ки таъминкунандаи

амалишавии ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар оянда ба ҳисоб мераванд, таъсири бевосита мерасонад [19,с.117].

Манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ барои давлат аз ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ниҳоят зиёд буда, қатъиян иштибоҳҳо аз ҷониби давлат бояд ба вучуд наояд. Чуночи, дар таҷрибаи байналхалқӣ шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ маълум гаштааст, ин тарзи ҳамкорӣ худро чун механизми самараноки муносибгардонии хароҷоти буҷетӣ муаррифӣ намуда, имкон фароҳам меорад, то вазифаҳои муҳимми хусусияти ҷамъиятидошта аз ҳисоби ҷалби сармояи хусусӣ, молиявӣ ва зеҳнӣ бомуваффақ ҳал карда шавад. Дар шаҳрҳои ИМА аз 23 то 65 кумитаи маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо тиҷорати хусусӣ фаъолият менамоянд ва ба ҳукуматҳои маҳаллӣ имкон фароҳам меоранд то аз 20 то 50%-и воситаҳои буҷетиро сарфа намуда, инчунин, сифати амалнамоии соҳаи буҷетиро ба таври назаррас беҳтар гардонанд. Мамлакатҳои рушдкардаи дигар низ шарикии давлат ва бахши хусусиро бомуваффақ истифода мебаранд [32,с.14].

Дар адабиёти илмии ватанӣ оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ бештар ба хусусиятҳои соҳавии он диққат зоҳир карда мешавад ва онҳо бештар хусусияти амалиро дар худ инъикос менамоянд. Масалан, дар баъзе корҳои илмӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасони мавриди омӯзиш қарор гирифтааст [30,с.166].

Бояд қайд кард, ки омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни назарӣ ва методологии ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ имконият медиҳад:

- дар баробари дигар олимони ватанию хориҷӣ нуқтаи назари муаллиф доир ба мафҳуми шарикии давлат ва бахши хусусӣ гуфта шуд ва он имкон медиҳад механизми амалигардии он аз лиҳози назарӣ пурра карда шавад;
- аз лиҳози назариявӣ ошкор сохтани ҳудуд ва доираи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, махсусан, давлат ва бахши хусусӣ дар доираи ҳамкориҳои иқтисодии мутақобила ошкор гардад;
- манфиатҳои иқтисодии иштирокчиёни шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои бештар ба бахши хусусӣ муайян гардад;
- фишангҳои иқтисодии амалигардонии ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар натиҷаи додани имтиёзҳои махсус ба субъектҳои иқтисодӣ, самаранок истифода гардад.

Ҳамин тарик, метавон гуфт, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҳамаи иштирокчиёни он, махсусан, барои ниҳодҳои давлатӣ ва хусусӣ манфиатҳои иқтисодиро меорад. Яке аз қисматҳои муҳим ва бартариятнок барои бахши хусусӣ «мавҷудияти кафолати давлатӣ барои бахши хусусӣ ҳангоми амалӣ сохтани фаъолияти иқтисодӣ маҳсуб ёфта, аз даромади минималӣ шуруъ намуда, то баргардонидани воситаи пулӣ ҳангоми гузориши воситаҳо медиҳад. Бояд қайд намуд, барои самаранок истифода намудани ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ зарур аст, ки мусоидати маъмурию сиёсии давлат дар раванди татбиқи лоиҳаи ҳамкорӣ миёни ду иштирокчӣ, тақсимоти баробари хавфҳои хусусияти минтақавӣ дошта ва ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ба роҳ монда шавад.

**Муқарриз: д.и.и., и.в. профессори ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Белицкая, А.В. Правовые формы государственно-частного партнерства в России и зарубежных странах / А.В. Белицкая // Предпринимательское право. - 2009. -№2. -С.21-27.
2. Бруссер П. Государственно-частное партнерство и новый механизм привлечения инвестиций / П. Бруссер, С. Рожкова // Рынок ценных бумаг. - 2007. -№2. –С.29-33.
3. Варнавский В. Приватизационные процессы в инфраструктуре: успехи и ошибки реформ / В. Варнавский // Мировая экономика и международные отношения - 2005. -№8. -С.109-113. - Рец. на кн.: Reforming Infrastracture: Privatization, Regulation, and Competition. -Washington D. C., 2004.
4. Варнавский В.Г. Партнерство государства и частного сектора: формы, проекты, риски / В.Г. Варнавский. -М.: Наука, 2005.
5. Варнавский, В.Г. Государственно-частное партнерство: некоторые вопросы теории и практики / В.Г. Варнавский // Мировая экономика и международные отношения. - 2011. -№9. -С.41-50.
6. Губанов, И.А. Государственно-частное партнерство в России: предмет, методы, принципы правового регулирования / И.А. Губанов // Юридическая мысль. - 2009. -№2. -С.27-28.

7. Гэлбрейт, Дж.К. Общество изобилия (The Affluent Society, 1958) / Дж.К. Гэлбрейт. -М.: Олимп-Бизнес, 2018. - 404 с.
8. Демидова, Л.С. Система партнерских отношений: новые тенденции и эффективность / Л.С. Демидова // Государство и бизнес: институциональные аспекты. - 2006. -С.40-48.
9. Игнатюк Н.А. Государственно-частное партнерство. Учебник / Н.А. Игнатюк. –М.: Изд-во «Юстицинформ», 2011.
10. Интеграция производства, науки и образования и реиндустриализация российской экономики // Сборник материалов Международного конгресса «Возрождение производства, науки и образования России: вызовы и решения» / Под общ. ред. С.Д. Бодрунова. -М.: ЛЕНАНД, 2015. -464 с.
11. Информация об исполнении консолидированного бюджета РФ (отчет на I января 2013 г.) И Федеральное казначейство. [Электронный ресурс]. URL: http://www.roskazna.ru/ konsolidirovannogo-byudzheta-rf/ (дата обращения: 14.009.2020).
12. Кейнс Дж. Общая теория занятости, процента и денег. Антология экономической классики. Т. 2. / Дж. Кейнс; пер. англ. -М.: Экономика, 1992.
13. Климов Павел Евгеньевич. Новый взгляд на сущность государственно-частного партнерства // УЭкС. - 2011. - №34. [Электронный ресурс]. URL: https: //cybcrleninka.rU/article/n/novyy-vzglyad-na-suschnost-gosudarstvenno-chastnogo -partnerstva (дата боращения: 04.09.2020).
14. Коровин Е. Кредитный риск проектов частно-государственного партнерства и механизмы поддержки. [Электронный ресурс]. URL: http://regionaiistika.ucoz.ru/ (дата обращения: 10.04.2020).
15. Лукинов В.А. Концептуальные основы сближения условий развития регионов в национальной экономике / В.А. Лукинов, А.Б. Моттаева // Интернет-журнал Науковедение. - 2014. -№2(21). -С.54.
16. Лысихина О.И. Концессионное соглашение как форма государственно-часгного партнерства в транспортной сфере / О.И. Лысихина // Транспортное право. - 2007. -№4. -С.4.
17. Норт Д. Институты и экономический рост: историческое введение / Д Норт. -М.: Тезисы, 1993. -Т.1. –Вып.2. - С.73.
18. Плотников В.А. Военная экономика в системе обеспечения национальной безопасности / В.А. Плотников, А.В. Харламов. -СПб.: Издательство СПбГУЭФ, 2004. -167 с.
19. Рахимов Р.К. Совершенствование взаимодействия реального и денежного секторов экономики Республики Таджикистан / Р.К. Рахимов, Я.П. Довгялло, Б.М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе: Сино, 2015. -№2/3(165). -С.117.
20. Саидмуродов Л.Х. Концептуальные подходы и теоретические основы государственно-частного партнерства в сфере рыночных услуг / Л.Х. Саидмуродов, Мукаддасзода Ф.М. // Вестник '11 УиьП. - 2017.
21. Сергеев П.Н. Национальный доклад «Риски бизнеса в частно-государственном партнерстве» / П.Н. Сергеев. - М.: Ассоциация менеджеров, 2007.
22. Сомонаи расмии "Центр проблемного анализа и государственно управленческого проектирования". [Электронный ресурс]. URL: httpyZwww.rusrand.ru/vlast/publikac/partn/.
23. Тамбовцев В.Л. Институциональный рынок как механизм институциональных изменений / В.Л. Тамбовцев // Общественные науки и современность. -2001. -№5. -С.25-38.
24. Уильямсон О. Исследования стратегий фирм: возможности концепции механизмов управления и концепции компетенций / О. Уильямсон // Российский журнал менеджмента. - 2003. -Т.1. -№2. -С.79-114.
25. Фильченков В.А. Формирование государственно-частного партнерства в социальной сфере: автореф. дисс. к.э.н. / В.А. Фильченков. -М., 2005. -10 с.
26. Фиоктистов К.С. Тенденции взаимодействия власти и бизнеса в отечественной экономике / К.С. Фиоктистов // Материалы 4 международной научно-практической конференции "Экономика и бизнес". -Новосибирск, 2011. - С.18.
27. Хабрисва Т.Я. Учебное пособие по подготовке законопроектов и иных нормативных правовых актов органами исполнительной власти (Текст] / Т.Я. Хабриева, Н. А.Власенко. -М.: Эксмо Пресс, 2010.
28. Ходжаев П.Д. Оценка развития институциональных отношений между общественным и другими секторами сферы услуг / П.Д. Ходжаев // Финансово-экономический Вестник. - 2021. -№4(28). -С.136-141.
29. Ходжаев П.Д. Усиление роли государства в достижении социально-экономического оптимума в общественном секторе сферы услуг / П.Д. Ходжаев // «Бенефициар»- журнал экономических наук. –Кемерово, 2018. -№9. - С.31-36.
30. Ходжаев П.Д. Оценка использования потенциала государственно-частного партнерства в сфере услуг Республики Таджикистан / П.Д. Ходжаев, Л.Д. Сафарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2015. -№2/9(190). -С.163-167.
31. Холодная, Н.Д. Государственно-частное партнерство - новый тип отношений в российской экономике / Н.Д. Холодная // Вопросы государственного и муниципального управления. - 2009. -№2. -С.45-51.
32. Частно-государственное партнерство: состояние и перспективы развития в России: Аналитический доклад // Институт экономики РАН, Национальный инвестиционный совет. - 2006. -С.14.
33. Шлафман А.И. Межотраслевые и межрегиональные инновации в экономике России / А.И. Шлафман, А.Б. Моттаева // Интернет-журнал Науковедение. - 2013. -№6(19). -С.114.
34. Delmon, J. Private Sector Investment in Infrastructure : Project Finance, PPP Projects and Risk / J. Delmon // The World Bank and Kluwer Law International. - 2009. -P.7.

35. Gerrard M.B. What are public-private partnerships, and how do they differ fromprivatizations? [Text] / M.B. Gerrard // Finance & Development. - 2001. -Vol.38. -№3. The meeting of the State Council. http://www.kremlin.ru/news/46636.
36. Linder, S- Coming to Terms with the public-private partnership: a grammar of multiple meanings [Text] *I*S. Linder // American behavioral scientist. - 1999. -N43(1). -P.35-51.
37. Norment, R. Fundamentals of Public-Private Partner-ships (PPPs) / R. Norment // The National Council forPublic-Private Partnerships: www.ncppp.org. -Датадоступа: 07.08.2012.
38. Rosenau P. Public-Private policy partnerships [Text] / P. Rosenau // Cambridge. - МАМГГ press.
39. Savas E.S. Privatization and public-private partnerships [Text] / E.S. Savas. - New York: Chartman House, 2000.
40. The EIB's Role in Public-Private Partnerships (PPPs) [Text]. -Luxembourg: European Investment Bank, 2004.

## ШАРИКИИ БАХШИ ДАВЛАТИЮ ХУСУСӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола шарикии бахши давлатию хусусӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст. Бояд қайд намуд, барои самаранок истифода намудани ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ зарур аст, ки мусоидати маъмурию сиёсии давлат дар раванди татбиқи лоиҳаи хамкорӣ миёни ду иштирокчӣ, тақсимоти баробари хавфҳои хусусияти минтақавӣ дошта ва ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ба роҳ монда шавад. Муаллиф исбот кардааст, ки омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни назариявӣ ва методологии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба мо имкон медиҳад: дар якҷоягӣ бо дигар олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки механизми татбиқи онро муайян кунем; аз нуқтаи назари назариявӣ дар доираи ҳамкории иқтисодии мутақобила сарҳад ва доираи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, дар навбати аввал, давлат ва сектори хусусиро муайян намояд; муайян намудани манфиатҳои иқтисодии иштирокчиёни шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои иловагӣ барои бахши хусусӣ; фишангҳои иқтисодии татбиқи ҳамкории шарикии давлат ва бахши хусусӣ, бояд дар натиҷаи додани имтиёзҳои махсус ба субъектҳои соҳибкорӣ самаранок истифода шаванд.

**Калидвожаҳо:** шарикии бахши давлатию хусусӣ, самаранокӣ, хусусияти минтақавӣ, фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, имтиёзҳои махсус, ҳамкориҳои иқтисодии мутақобила, механизм.

## ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОЕ ПАРТНЕРСТВО – ВАЖНЫЙ ФАКТОР ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье государственно - частное партнерство рассматривается как важный фактор экономического развития Республики Таджикистан. Следует отметить, что для эффективного использования партнерства между государством и частным сектором необходимо обеспечить административную и политическую поддержку государства в процессе реализации проекта сотрудничества между двумя участниками, иметь равное распределение рисков регионального характера при стимулировании экономической деятельности. Автор доказал, что изучение различных теоретико-методологических аспектов государственно-частного партнерства позволяет: совместно с другими отечественными и зарубежными учеными позволяет определить механизм его реализации; с теоретической точки зрения выявить границы и сферу деятельности хозяйствующих субъектов, прежде всего, государства и частного сектора в рамках взаимного экономического сотрудничества; определить экономические интересы участников партнерства государства и частного сектора и создать дополнительные возможности для частного сектора; должны эффективно использоваться экономические рычаги реализации партнерского сотрудничества государства и частного сектора в результате предоставления особых льгот хозяйствующим субъектам.

**Ключевые слова:** государственно-частное партнерство, эффективность, региональный характер, деятельность хозяйствующих субъектов, специальные льготы, взаимное экономическое сотрудничество, механизм.

## PUBLIC-PRIVATE PARTNERSHIP IS AN IMPORTANT FACTOR OF THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the article, public-private partnership is considered as an important factor in the economic development of the Republic of Tajikistan. It should be noted that in order to effectively use the partnership between the state and the private sector, it is necessary to provide administrative and political support from the state in the process of implementing a cooperation project between the two participants, to have an equal distribution of regional risks while stimulating economic activity. The author has proven that the study of various theoretical and methodological aspects of public-private partnership allows: together with other domestic and foreign scientists, it allows us to determine the mechanism for its implementation; from a theoretical point of view, identify the boundaries and scope of activity of economic entities, primarily the state and the private sector, within the framework of mutual economic cooperation; identify the economic interests of participants in public-private partnerships and create additional opportunities for the private sector; Economic levers for implementing partnership cooperation between the state and the private sector should be effectively used as a result of providing special benefits to business entities.

**Keywords:** public-private partnership, efficiency, regional character, activities of economic entities, special benefits, mutual economic cooperation, mechanism.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тагойназаров Амриддин Қутбидинович* -** Донишгоҳи миллии Точикистон, унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисод. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони . Телефон: **(+992) 918-66-66-86.** E-mail: **istiklol9999@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Тагойназаров Амриддин Кутбидинович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес**: 734005, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-66-66-86.** E-mail: **istiklol9999@mail.ru**

**Information about the author:** ***Tagoynazarov Amriddin Kutbidinovich*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of Economic Theory. **Address:** 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-66-66-86.** E-mail: **istiklol9999@mail.ru**

ТДУ: 336.02(575.3)

# СИЁСАТИ МУОСИРИ МОЛИЯВӢ ВА ҲОЛАТИ РУШДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Қурбонзода Қобилҷон Давлаталӣ*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Сиёсати молиявии давраи муосир қисми таркибии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҳадаф ва вазифаҳои асосии онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таҳия ва татбиқ месозанд ва аз ҷониби мақомоти қонунгузории ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди баррасӣ ва тасдиқи буҷаҳои сохтори буҷавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ тасдиқ карда мешавад. Самтҳои асосии сиёсати молиявии ҷумҳурӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030 инъикос ёфтаанд. Ба ҳайси самтҳои асосии фаъолият дар доираи Стратегияи миллии рушд-2030, дар соҳаи инкишофи идоракунии молияи давлатӣ, «рушди буҷети барномавӣ ва дар амал ҷорӣ намудани «иқтидори буҷавӣ» барои мақомоти ҳокимияти иҷроия, пайвастани раванди буҷавӣ бо стратегияи банақшагирӣ, рушди ғайримарказикунонии молиявӣ, ҳамчунин, баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ ба воситаи дастрасии умум ба иттилоот, аз ҷумла тавассути ворид намудани амалиётҳои квалификатсионӣ ба ҳисоботи молиявӣ, беҳтар намудани назорати парлумонӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди назорати буҷа муайян карда мешаванд» [7,с.43].

Мақомоти ҳокимияти давлатии вилоятию ноҳияҳои кишвар ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бо назардошти ҳадаф ва вазифаҳои сиёсати молиявии ҷумҳурӣ дар қаламрави дахлдор сиёсати молиявӣ бунёд менамоянд. Азбаски маҳз сиёсати молиявӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ нисбат ба сиёсати пешбарандаи сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ ҳалкунанда дониста мешавад, ин далел зарурати баррасии хусусиятҳои онро дар марҳилаи кунунӣ ба миён меорад [8,с.54].

Асоси ҳуқуқии сиёсати буҷавӣ-молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои сохтори буҷетӣ ва раванди буҷетӣ» (№423 аз 15 майи соли 1997), «Дар бораи Буҷаи давлатӣ» ташкил медиҳанд, ки ҳамасола аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Кодексҳои андоз ва гумруки ҶТ қабул карда мешаванд. Амалҳои буҷавӣ-молиявии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ одатан бо назардошти талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Боби 6. «Ҳукумати маҳаллӣ»), Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидоракунии ҳокимияти маҳаллӣ» (№1092 аз 1 декабри соли 1994), «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (№1093 аз 1 декабри соли 1994), «Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» (№108 аз 4 ноябри соли 1995) ба танзим даровarда мешаванд.

Тибқи ҳуҷҷатҳои номбаршуда, сиёсати имрӯзаи молиявии ҷумҳурӣ ба ташаккули заминаи молиявии гузариш аз намуди аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ-аграрии рушд бо шаклҳои рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардани заминаҳои зарурӣ барои нигоҳ доштани сатҳи баланди иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин суръати рушди иқтисодӣ, суботи макроиқтисодӣ дар давраи дарозмуддат ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ равона карда шудааст. Дар ин росто, мақоми асосӣ ба сиёсати буҷавӣ дода мешавад, ки дар ташаккули заминаи молиявии рушди давлат ва таъмини шароити муносиби зиндагии шаҳрвандон нақши ҳалкунанда дорад [5,с.6]. Маблағҳое, ки ба зиёда аз сеяки ММД баробаранд, аз сохтори буҷетии ҷумҳурӣ мегузаранд ва ин раванд имкон фароҳам меоварад, то пешниҳоди хизматгузориҳои муҳимтарини давлатӣ ва вазифаҳое, ки ба зиммаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ гузошта шудаанд, маблағгузорӣ карда шаванд. Дар навбати худ, сиёсати буҷетӣ ба сиёсати сафарбар кардани даромадҳо ба буҷа, сиёсат дар соҳаи хароҷоти буҷа ва сиёсат дар соҳаи муносибатҳои байнибуҷавӣ тақсим карда мешавад.

Вазифаи асосии стратегии сиёсати буҷетии ҷумҳурӣ дар марҳилаи ҳозира таъмини шароити устувории макроиқтисодӣ ва тавозуни дарозмуддати сохтори буҷавии кишвар бо

дастгирии бечунучарои ислоҳоти сохторӣ дониста мешавад, ки дар шароити гузариш раванд ёфта, барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва дарк намудани бартариҳои рақобатпазирии кулли соҳаҳои кишвар дар самтҳои саноат, нақлиёт, бахши кишоварзӣ, коркарди захираҳои табиӣ дар доираи иқтисоди ҷаҳонӣ равона карда шудааст. Аз ин лиҳоз, вазифаҳои асосии сиёсати буҷавии ҷумҳурӣ барои давраи миёнамуҳлат аз омилҳои зерин иборатанд:

- истифодаи фаъоли банақшагирии бучувӣ дар давраҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлат, бо мақсади ба амал овардани афзалиятҳои стратегии сиёсати буҷавии давлат, дар асоси таҳия намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати иқтисодӣ ва муайян намудани миқдори захираҳои молиявии зарурӣ, ҳамчунин, дақиқ кардани манбаъҳои имконпазири корбуршавандаи ин захираҳо. Барои татбиқи ин вазифа дар ҳамбастагии амалӣ, банақшагирии давраҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддат пешбинӣ шудааст, ки дар раванди онҳо ҳамаи ҷузъҳои сиёсати ҷории буҷа, вобаста ба дастурҳои дар ҷараёни банақшагирии дарозмуддат таҳияшуда, асос ёфтаанд. Дар навбати худ, пешбиниҳои дарозмуддати молиявӣ бояд бо назардошти шароити воқеии рушди иқтисодӣ, тағйирёбии вазифаҳои афзалиятнок ва омилҳои беруна (суръати афзоиши иқтисоди ҷаҳонӣ, вазъият дар бозорҳои ҷаҳонии ашёи хом, озуқаворӣ ва сармоя) мунтазам ислоҳу саҳеҳ карда шаванд [3,с.72];

- ҷорӣ намудани усули барномавии ҳадафманд дар раванди буҷавӣ самти хароҷоти буҷетро барои ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоии иҷтимоию иқтисодӣ ба назар мегирад. Барои татбиқи ин раванд механизми гузариш аз сохтори буҷавии идоракунии захираҳо ба идоракунии натиҷаҳоро таҳия намудан лозим аст. Дар марҳилаи кунунӣ бояд муносибати байни маърӯзаҳои ҳисоботӣ оиди натиҷаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти субъектҳои банақшагирии буҷавӣ, барномаҳои дарозмуддат, барномаҳои мақсадноки идоравӣ ва маблағҳои ҷудошудаи асоснок таъмин карда шавад. Ҳамзамон, ҳар як барнома бояд ҳадафҳои мушаххаси татбиқ ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии дастовардҳои онҳоро дар тамоми марҳилаҳои барнома пешбинӣ намояд, то тағйироти саривақтӣ ё даст кашидан аз иҷрои он дар ҳолати ғайриимкон будани ҳадафҳои муқарраршуда ба амал бароварда шавад. Ғайр аз ин, механизми ташаккул ва татбиқи барномаҳои мақсадноки идоравиро таҷдиди назар кардан лозим аст, ки он бояд асосан барои таҷдиди сохтор ва баланд бардоштани самаранокии иҷрои уҳдадориҳои хароҷот истифода шавад [6,с.112];

- баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷа асосан бо ёрии банақшагирии дарозмуддати буҷа ба даст оварда шуда, имкон медиҳад, то афзоиши беасоси хароҷоти буҷавӣ пешгирӣ карда шавад. Ҳамзамон, ин раванд бо роҳи ҷорӣ намудани сохтори мониторинги самаранокии хароҷоти буҷавӣ ва баҳодиҳии самаранокии истифодаи маблағҳои буҷавие, ки ба иттиҳодияҳои давлатӣ, корхонаҳои воҳид ва муассисаҳои буҷавӣ интиқол дода, амалӣ гардонида мешавад;

- ба итмом расонидани гузариш аз маблағгузории сметавии муассисаҳои буҷетӣ ва пешниҳоди мустақими қисми зиёди хизматрасониҳои буҷавӣ ба қонунҳои пардохти онҳо тибқи натиҷаҳои бадастовардаи ҷомеа равона меёбад. Барои татбиқи ин вазифа, барӯйхатгирии шабакаи мавҷудаи гирандагони маблағҳои буҷавӣ дар робита бо мутобиқати амалҳо ва вазифаҳои онҳо нисбат ба эҳтиёҷмандии давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Пеш аз ҳама, ба тариқи ихтиёрӣ интиқол додани як қисми муассисаҳои буҷавӣ, аз ҷумла он муассисаҳои дар соҳаи тандурустӣ ва маориф фаъолияткунанда, ба шаклҳои дигари ташкилию ҳуқуқӣ (аз ҷумла, ба муассисаҳои худмухтор) ба назар гирифта мешавад, чунки ин муассисаҳо дар истифодаи захираҳои молиявӣ бояд мустақилияти бештар дошта бошанд ва барои ҷамбасти натиҷаҳои дилхоҳ бояд бо маблағҳои буҷавӣ таъмин карда шаванд. Фаъолияти молиявии ин қабил муассисаҳо, бештар ба раванди тадриҷан кам кардани ҷузъи буҷавии маблағгузорӣ, супоришҳои ҳукуматӣ, шартномаҳои бисёрсолаи ҳукуматӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои таъминоти молиявӣ барои пешниҳоди хизматгузориҳои давлатӣ, аз қабили маблағгузории меъёрӣ-сарикасӣ ва фармоиши давлатии иҷтимоӣ равона карда мешавад;

- баланд бардоштани самаранокии сиёсати иҷтимоии давлатӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднок дар тамоми доираҳои низоми буҷавӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашудаи аҳолӣ равона

гардидаанд, тавассути дастрасӣ ва сифати баланди таҳсилоти давлатӣ, нигоҳдории тандурустӣ, таҳкими кумаки иҷтимоӣ, коҳиш додани тафриқаи аҳолӣ аз рӯи даромад ва фарқияти амвол ба амал бароварда мешавад;

- такмили механизми музди меҳнат дар соҳаи буҷавӣ, таъмини мувофиқати сатҳи музди меҳнати кормандони ин соҳа ба сатҳи миёнаи музди меҳнат дар бахши тиҷорати соҳаи дахлдор, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоии ройгон, аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷае мебошанд, ки дар амалисозии онҳо равандҳои буҷавӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар ҷараёни иҷрои ин вазифа, амалан татбиқ намудани шартҳои музди меҳнати дар хориҷи кишвар фаъолона истифодашаванда, ки дар навбати худ таҳияи меъёрҳои муназзамро дар бар гирифта, мувофиқати мутақобилаи музди меҳнати коргарон ва натиҷаҳои фаъолияти онҳоро таъмин менамояд, ба назар гирифта шуда, чунин шароит имкон фароҳам меоварад, то дараҷаи самаранокии натиҷаҳои бадастомада ва ҳамчунин, истифодаи воситаҳои гуногун барои назорати самаранокии кормандони бахши давлатӣ ба таври шаффоф баҳогузорӣ гардад;

- ташаккули механизмҳои ҷалби сармояи хусусӣ, аз ҷумла сармояи хориҷӣ барои татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ дар миқёси миллӣ аз қабили дигар вазифаҳои асосии сиёсати буҷавии ҷумҳурӣ барои давраи миёнамуҳлат дониста мшавад. Дар ин робита пешниҳод карда мешавад, ки дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат яке аз институтҳои самарабахши ҳамкории давлат ва тиҷорати хусусӣ ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади ҳаммаблағгузории лоиҳаҳои марбут ба рушди инфрасохтор барои соҳаҳои гуногуни саноат ва баланд бардоштани рақобатпазирии самтҳои тиҷоратии кишвар мебошанд [12,с.8].

Бо назардошти ҷузъҳои алоҳидаи сиёсати буҷавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ин васила самтҳои асосии сиёсати сафарбаркунии маблағҳо ба сохтори буҷавии кишвар, ки асоси онро сиёсати андоз ташкил медиҳад, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд. Ислоҳоти андоз дар кишвари мо аллакай натиҷаҳои муайяни мусбӣ ба бор овардааст. Натиҷаҳои мусбати ин раванди иқтисодӣ, афзоиши ҷамъоварии андозҳо ва кам намудани сарбориҳои андоз барои субъектҳои соҳибкориро дар бар мегиранд, ки дар натиҷаи ислоҳоти низоми андоз ва қабули кодекси нави андоз таҳия гардидаанд. Тағйироти нуқтаи назар ба андозбандии ташкилоте, ки дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисод фаъолият мекунанд, фарқияти ҷолибияти сармоягузории соҳаҳоро то андозае сабук намуда, барои ҳавасмандгардонии инноватсия ва диверсификатсияи иқтисодиёт шароит фароҳам овард.

Ҳадафи асосии сиёсати андозбандии муосир такмили минбаъдаи низоми андоз мебошад, ки он ҳам аз ҷиҳати сатҳи гирифтани даромад дар шакли пардохтҳои андоз ва ҳам аз лиҳози тартиби ҳисоб ва пардохт барои субъектҳои соҳибкорӣ мушкил набуда, барои сода намудани андозсупорӣ, ҳисоботи андоз ва санҷишҳои андоз, ҳамзамон, пардохти одилонаи андозҳо ва барои ҳама агентҳои иқтисодӣ якхела, инкишофи фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ мусоид мебошад [10,с.220].

Дар давраи миёнамуҳлат, сиёсати андоз, ки ба таъмини ҳаҷми даромади буҷа барои иҷрои ӯҳдадориҳои хароҷот нигаронида шудааст, бояд барои навсозии иқтисодиёт, сармоягузорӣ ба таъсиси соҳаҳои нав, ҳамчунин баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, ҳавасмандии шаҳрвандон ва ташкилоту муассисаҳо, ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи маориф, тандурустӣ, беҳтар намудани шароити манзил, суғуртаи ихтиёрии нафақа ва ин амсол нақши бориз дошта бошад.

Барои амалӣ намудани вазифаҳои муқарраршуда дар доираи сиёсати андоз, ояндаи наздик ислоҳоти тадриҷии андози ягонаи иҷтимоӣ аз нав дида баромада мешавад, ки ба пешгирии коҳиши минбаъдаи меъёри самараноки андоз, такмил додани сохтори андоз дар робита бо тағйир додани меъёрҳои андозбандӣ ва татбиқи коэффитсиенти ҳудудӣ ба меъёри андоз барои истихроҷи канданиҳои фоиданок, баланд бардоштани самаранокии андоз аз фоида ва ғ. нигаронида шудааст.

Сиёсати амалкунанда дар доираи хароҷоти буҷа айни замон бо раванди соҳавӣ муайян карда шуда, дар марҳилаи кунунӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ба ин раванд асосан соҳаҳои маориф, тандурустӣ, нақлиёт, мудофиа дохил мешаванд. Ин соҳаҳо метавонанд танҳо дар шароити суръати баланди рушди иқтисодӣ, сиёсати самарабахши

сармоягузорӣ ва қарзи давлат, ки бевосита ба феҳрасти ҳадафҳои сиёсат дар соҳаи хароҷоти буҷа таъсир мерасонад, бомуваффақият рушд кунанд. Айни замон, вазифаҳои ин ҷузъи сиёсати буҷетӣ тавсеаи амалияи банақшагирии барномавии мақсадноки маблағҳои буҷетӣ мебошанд, ки барои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ ҷудо карда мешаванд [11,с.902].

Умуман, сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон ба беҳтар намудани иқтисоди дохилӣ тавассути ҷалби сармояи қарзӣ аз ҷониби давлатҳои пешрафтаи иқтисодӣ, муқаррар кардани қурби устувори асъор, тақсимсозии буҷа барои рушди иқтисодиёти миллӣ ва ин амсол нигаронида шудааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки буҷаи давлатиро аз ду мавқеъ дида баромадан мумкин аст:

- ҳамчун категорияи иқтисодӣ;
- ҳамчун нақшаи молиявӣ.

Буҷаи давлатӣ аз ҷиҳати моҳияти иқтисодӣ муносибатҳои пулиеро, ки байни давлат ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ дар робита ба тақсимоти даромади миллӣ, вобаста ба ташаккул ва истифодаи фонди буҷавӣ ба миён меоянд, пешниҳод менамояд. Ҳамчун нақшаи молиявӣ, буҷаи давлатӣ асосан аз даромад ва хароҷот иборат буда, ҳамчун нақшаи асосии молиявӣ, ба мақомоти давлатӣ барои амалисозии салоҳиятҳои ҳукуматӣ имконияти воқеии иқтисодӣ медиҳад. Буҷа андозаи манбаъҳои молиявии барои давлат зарурира инъикос мекунад ва бо ин сиёсати андозро дар кишвар муайян менамояд. Самтҳои асосии буҷа равандҳои мушаххаси хароҷот, тақсимоти даромади миллӣ ва маҷмуи маҳсулоти дохилиро муқаррар намуда, ба ин васила имкон фароҳам меоваранд, то он ба ҳайси низоми самарабахши иқтисодӣ амал намояд.

Дар раванди рушд чор шарти зерин таҳия карда мешаванд, ки буҷа бояд ба онҳо мувофиқат дошта бошад [4,с.71]:

- пуррагии буҷа;
- ягонагии буҷавӣ;
- воқеият (дурустӣ) -и буҷавӣ;
- ошкорбаёнии буҷа.

**Расми 1. Гурӯҳбандии даромадҳо ва хароҷоти буҷа аз рӯи хусусиятҳо**
**Figure 1. Classification of budget revenues and expenses by characteristics**




Таҳияи муаллиф

Пурра будани буҷет ба буҷет дохил намудани тамоми даромад ва хароҷоти мақомоти давлатиро ифода менамояд. Дар робита ба раванд, буҷаи умумӣ ва буҷаи холис фарқ мекунад. Буҷаи умумӣ тамоми даромади умумии давлатӣ ва хароҷоти умумиро дар бар мегирад, вале буҷаи холис танҳо хароҷот ва даромадҳои софро фарогир мебошад. Масалан, хароҷоти корхонаҳои давлатӣ ба буҷети умумӣ дохил карда мешаванд, аммо буҷаи холис танҳо фарқи байни даромадҳо ва хароҷотро инъикос менамояд.

Ягонагии буҷа ҳам дар тартиби ягонаи буҷетсозӣ ва ҳам тавассути ҳуҷҷатҳои ягонаи буҷетӣ дида мешавад. Бояд як буҷа вуҷуд дошта бошад ва он тамоми даромадҳо ва хароҷоти давлатро инъикос намояд. Ғайр аз ин, мафҳуми ягонагӣ муқоисаи қисмҳои

байниҳамдигарии буҷаро низ дар назар дорад. Барои ин, таснифи ягонаи буҷа истифода мешавад, яъне гурӯҳбандии даромадҳо ва хароҷоти буҷа аз рӯи хусусиятҳои якхела амалӣ мегардад [1,с.475].

Таснифоти идоравӣ даромаду хароҷотҳоро аз ҷониби вазорату идораҳо гурӯҳбандӣ мекунад.

Таснифоти субъектӣ бошад, хароҷоти соҳаҳои ҳарбӣ, тандурустӣ, маориф ва амсолро аз рӯи соҳаҳои идоракунии давлатӣ дар бар мегирад.

Таснифоти иқтисодӣ доираи хароҷотро вобаста ба хусусиятҳои иқтисодӣ - сармоягузорӣ, маош, нафақа, қарз ва ин амсол гурӯҳбандӣ менамояд.

Таснифоти омехта - гурӯҳбандии хароҷот бо тартиби шоҳмотӣ буда, аз рӯи ду намуди таснифи буҷетӣ дар самтҳои амудӣ ва уфуқӣ (масалан, уфуқӣ - мувофиқи хусусиятҳои иқтисодӣ ва амудӣ - мувофиқи корхонаҳо) ба амал бароварда мешавад.

Воқеияти буҷа пешниҳод менамояд, ки ҳама ҳаҷми даромадҳо ва хароҷоти буҷа бояд асоснок ва дуруст бошанд.
Ошкорбаёнии буҷа маънои муҳокимаи кушоди буҷа ва тасдиқи он аз ҷониби мақомоти қонунгузории кишварро дорад [2,с.108].

**Расми 2. Вазифаҳои буҷети давлатӣ**
**Figure 2. Duties of the state budget**




Таҳияи муаллиф

Вазифаи тақсимоти буҷа тавассути ташаккул ва истифодаи фондҳои мутамаркази воситаҳои пулӣ дар сатҳи ҳокимияти давлатию ҳудудӣ ва идоракунӣ зоҳир мешавад. Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон то 50% ММД аз ҳисоби буҷавии сатҳҳои гуногун аз нав тақсим карда мешавад. Тавассути кумаки буҷавӣ, давлат раванди ҳаёти иқтисодии кишвар ва муносибатҳои иқтисодиро ба танзим оварда, маблағҳои буҷавиро барои дастгирӣ ё рушди соҳаҳои гуногун ва минтақаҳо равона месозад. Бо роҳи танзими муносибатҳои иқтисодӣ, давлат қодир аст, ки суръати афзоиши истеҳсолотро ба таври мақсаднок таҳким ё маҳдуд намуда, ҳамзамон, афзоиши сармоя ва пасандозҳои хусусиро тезонад ва ё баръакс суст кунад, ба ин васила сохтори талабот ва истеъмолро тағйир диҳад. Ин раванд вазифаи ҳавасмандгардонии буҷаро ошкор месозад.

Вазифаи иҷтимоии буҷа аз он иборат аст, ки маблағҳоро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро барои татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, ки ба рушди соҳаи тандурустӣ, фарҳанг, маориф ва дастгирии оилаҳои камбизоат равона шудаанд, хароҷот намояд. Вазифаи назорати буҷа имконият ва назорати ҳатмии давлатиро оид ба қабул ва истифодаи маблағҳои буҷавӣ ба зимма мегирад.

Даромадҳои буҷа метавонанд хусусияти андозбандӣ ва ғайриандозӣ дошта бошанд. Манбаи асосии даромадҳои андоз арзишҳои нав ва даромадҳое мебошанд, ки дар натиҷаи тақсимоти ибтидоии он ба даст оварда шудаанд (фоида, музди меҳнат, арзиши иловашуда, фоизи қарзҳо, иҷора, дивидендҳо, пасандозҳо ва ғ.). Дар даромади буҷаи марказии давлатҳои мухталиф андозҳо то 80-90% -ро ташкил медиҳанд.

Ба даромадҳои ғайриандозӣ инҳо дохил мешаванд: даромад аз фурӯши амволи давлатӣ; даромадҳо аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ; даромад аз фурӯши саҳмияҳои давлатӣ. Хароҷоти буҷаи давлатии кишварҳои дорои иқтисоди бозории рушдёфта гурӯҳҳои асосии зеринро дар бар мегиранд: барои мудофиаи миллӣ, барои рушди иқтисодӣ, эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, нигоҳдории маъмурияти давлатӣ, барои хизмати қарзи давлатӣ.

Харочоти буҷа асосан ҷуброннопазир мебошад. Танҳо қарзҳои буҷавӣ метавонанд дар асоси пардохт маблағгузорӣ шаванд. Сохтори харочоти буҷа ҳар сол дар нақшаи буҷавӣ муқаррар карда мешавад ва мисли даромади буҷа аз вазъи иқтисодӣ ва афзалиятҳои иҷтимоӣ вобаста аст.

Дар шароити ба марҳилаи нави рушд гузаштани ҷумҳурӣ, як навъи дигари сохтори буҷавӣ ташаккул меёбад, ки он нисбат ба иқтисодиёти мутамарказӣ нақшавӣ фарқ мекунад. Асоси назариявии буҷаи давлатӣ ва механизми ҳамкории он бо корхонаҳо дар маҷмуъ, тафсири буҷаи тамоми хоҷагии халқ дониста мешавад. Ин мафҳум милликунонии раванди такрористеҳсол, рушди бемаҳдуди механизми давлатии марказонидани истеҳсолот, тақсимот, азнавтақсимкунӣ ва истифодаи даромади миллӣ, аз ҷумла захираҳои ҷамъоварӣ ва ҷубронро дар назар дорад. Мувофиқи ин нуқтаи назар, сохтори ташаккули даромади буҷаи давлатӣ сохта шуда, дар он ҷамъ овардани ҳиссаи афзалиятноки пасандозҳои пулии хоҷагии халқ гузаронида мешавад. Маҳз хусусияти фискалии сиёсати андоз, нақши ночизи андозҳо аз аҳолӣ дар ташаккули буҷа дар ин раванд зоҳир мешавад. Ҳамин минвол, дар давраи гузариш буҷаи давлатӣ манбаи молиявии такрори тавсеаи аксарияти корхонаҳо ва соҳаҳои расман аз ҳисоби худмаблағгузоранда ва "хазинаи" умумии даромад ва харочоти тамоми ҷомеа, тамоми қисматҳои он ва сохторҳои миллию давлатӣ маҳсуб меёфт.

Дар асоси ғайрихусусият намудани даромад, дар раванди қисми харочоти буҷавӣ қонуниятҳои мутаносиб ташаккул ёфтанд. Тамоюли афзоиши номаҳдуди дархостҳо ба захираҳои молиявӣ, новобаста аз саҳми онҳо, ба назар мерасид. Захираҳои маҳдуду талаботи номаҳдуди давлат ва сохторҳои он дар тақсим ва истеъмоли захираҳои умумии молиявӣ афзоиши номутаносиби фонди мутамаркази молиявиро ба миён овард. Ин хусусиятҳои буҷа ва эҳтиёҷоти буҷетӣ ҳанӯз ҳам дар шакли пинҳонӣ, тағйирёфта зоҳир мешаванд ва харочоти таъминнашуда, ҷудокунии буҷетро аз заминаи даромади воқеӣ ба вуҷуд меоранд.

Шакли нави буҷа ба муносибати буҷа ҳамчун як ниҳоди низоми бозор асос ёфтааст. Дар сурате, ки давлат истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятиро барои қонеъ кардани ниёзҳои муштарак пешбинӣ менамояд, (маҳсулоти мудофиа, инфрасохтор, манфиатҳои илм, фарҳанг, маориф, идоракунӣ) шаклҳои нави муносибатҳои буҷавӣ ба вуҷуд меоянд. Айни замон, бахши давлатии иқтисодиёт ва шакли нави молияи давлатӣ ба ҳайси яке аз субъектҳои иқтисодӣ дар самти иқтисоди бозорӣ ташаккул меёбанд. Чунин муносибат нисбат ба мафҳуми бозор ба буҷа ва вазифаҳои он дар давраи муосир хос буда метавонад. Ҳаҷми андозҳо, ки асоси заминаи даромади буҷавӣ мебошанд, бояд дар шароити муосир қонеъгардонии эҳтиёҷотро ба молҳо ва хизматгузориҳои ҷамъиятӣ дар баробари молҳо ва хизматгузориҳое, ки аз ҷониби бахши хусусӣ ба вуҷуд оварда шуда, дар иқтисодиёт ҷойгоҳи асосиро ишғол мекунанд, таъмин намоянд. Харочоте, ки барои иҷрои вазифаҳои давлат заруранд, бояд ниёзҳои иҷтимоии давлатро таъмин намоянд (тақсимоти захираҳо ба манфиати табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳофизатнашудаи аҳолӣ ва ғ.). Ба ин васила, нақши танзимкунандаи буҷа дар тамоми сохтори воситаҳои идоракунии давлатии иқтисодиёт меафзояд.

Дар баробари тағйир ёфтани заминаи даромад, сохт ва самти мақсадноки харочот вобаста ба раддияи буҷа аз нақши худ, ҳамчун буҷети тамоми хоҷагии халқ аз нав сохта шуда, он ба фонди молиявии давлат табдил меёбад. Дар ин маврид, нуқтаи муҳим ташаккули шакли нави муносибатҳои дохилии буҷетӣ буда, сохтори ҳамкории буҷаҳои нисбатан мустақили ду сатҳ: буҷаи ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ташаккул меёбад.

Хулоса мавқеъ, мундариҷа ва нақши нави буҷаи ҷумҳуриявӣ дар сиёсати иқтисодӣ, низоми буҷа, инчунин, хусусияти муносибатҳои он бо буҷаҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ муайян карда мешавад. Тамоили ғайримарказикунонии сохтори буҷавӣ, андозҳо, амвол, молия ва захираҳо равандҳои марбут ба рушди бозорро бекор карда наметавонанд, ки ин мутамарказонидани як қатор вазифаҳои давлатӣ, аз ҷумла танзим ва иҷтимоиро дар назар дорад. Чунин омил дар навбати худ сиёсати ташаккул додани сохтори буҷети ҷумҳуриявии шакли бозориро бо буҷаи қавӣ талаб мекунад. Дар баробари таҳким ва рушди заминаи даромади буҷетҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва

ҳалли масъалаҳои худмаблағгузории буҷавӣ, зарурати мутамарказ кардани ҳиссаи назарраси ММД дар буҷаи ҷумҳурӣ ба миён меояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Сайфуров К.Ф.**

## АДАБИЁТ


1. Кажаева М.В. Государственный долг России: современное состояние и проблемы развития / М.В. Кажаева // Синергия Наук. - 2018. -№19. -С.475-482.
2. Мамадризоева Н.М. Теория и практика межбюджетных отношений в Таджикистане / Н.М. Мамадризоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2014. -№2/6(144). -С.108-102.
3. Начмидинов А.А. Мониторинг использования бюджетных средств / А.А. Начмидинов // Известия ВУЗов Кыргызстана. - 2015. -№10. -С.72-77.
4. Овсянников Л.Н. Государственный финансовый контроль: подходы к стандартизации. / Л.Н. Овсянников // Финансы. – 2007. -№2. –С.71.
5. Практикум бюджетного анализа / М.Т. Каримова, С.З. Вазиров, Б.Б. Махкамов, Х.Ш. Нарзиев. –Душанбе: Ирфон, 2015. -С.6.
6. Рустамов Д.Ю. Некоторые вопросы совершенствования деятельности органов государственного финансового контроля Республики Таджикистан / Д.Ю. Рустамов // Финансовое право; Налоговое право; Бюджетное право. – 2017. -№1. -С.112.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -С.43.
8. Султанов З.С. Стратегия управления государственным долгом / З.С. Султанов, Н.М. Менлашева // Вестник Таджикского национального университета. - 2014. -№2/3(135). -С.54-59.
9. Султонби, Р. Трактовка налога и налогообложения в системе рыночной экономики / Султонби Р. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. - №2/4. –часть 2. -С.144-146.
10. Тетерина Л.М. Государственный бюджет: учебно-методический комплекс для студентов спец. «Финансы и кредит» / Л.М. Тетерина, Т.И. Бохан. –Минск: Изд-во МИУ, 2008. -220 с.
11. Турсунова М.М. Сущность и значение государственного долга в экономике / М.М. Турсунова // Молодой ученый. - 2018. -№10. -С.902-904.
12. Улугходжаева Х.Р. Государственное регулирование межбюджетных отношений / Х.Р. Улугходжаева, О.Х. Давлятшоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2014. -№2/9(190). -С.6-10.


## СИЁСАТИ МУОСИРИ МОЛИЯВӢ ВА ҲОЛАТИ РУШДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Муаллиф дар мақолаи худ масъалаи сиёсати муосири молиявӣ ва ҳолати рушди буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Қайд намудааст, ки сиёсати имрӯзаи молиявии ҷумҳурӣ ба ташаккули заминаи молиявии гузариш аз намуди аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ-аграрии рушд бо шаклҳои рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардани заминаҳои зарурӣ барои нигоҳ доштани сатҳи баланди иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин суръати рушди иқтисодӣ, суботи макроиқтисодӣ дар давраи дарозмуддат ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ равона карда шудааст. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки мундариҷа ва нақши нави буҷаи ҷумҳуриявӣ дар сиёсати иқтисодӣ, низоми буҷа, инчунин, хусусияти муносибатҳои он бо буҷаҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ муайян карда мешавад. Тамоили ғайримарказикунонии сохтори буҷавӣ, андозҳо, амвол, молия ва захираҳо равандҳои марбут ба рушди бозорро бекор карда наметавонанд, ки ин мутамарказонидани як қатор вазифаҳои давлатӣ, аз ҷумла танзим ва иҷтимоиро дар назар дорад. Чунин омил, дар навбати худ сиёсати ташаккул додани сохтори буҷети ҷумҳуриявии шакли бозориро бо буҷаи қавӣ талаб мекунад. Дар баробари таҳким ва рушди заминаи даромади буҷетҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои худмаблағгузории буҷавӣ, зарурати мутамарказ кардани ҳиссаи назарраси Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар буҷаи ҷумҳурӣ ба миён меояд.



**Калидвожаҳо:** молия, буҷет, касри буҷет, андоз, вазифаҳои молия, буҷети давлатӣ, банақшагирии буҷет, раванди буҷет, даромади буҷет, хароҷоти буҷет.


## СОВРЕМЕННАЯ ФИНАНСОВАЯ ПОЛИТИКА И СОСТОЯНИЕ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


Автор в своей статье анализирует и изучает вопрос современной финансовой политики и состояния освоения государственного бюджета Республики Таджикистан. Он отметил, что нынешняя финансовая политика республики направлена на формирование финансовой основы перехода от аграрно-промышленного к индустриально-аграрному развитию с формами экономического развития и создание необходимых основ для поддержания высокого уровня национальной экономики, поскольку темпы экономического развития, макроэкономическая стабильность в долгосрочной перспективе направлены на повышение благосостояния населения. Автор приходит к выводу, что новое содержание и роль республиканского бюджета определяются экономической политикой, бюджетной системой, а также характером его взаимоотношений с бюджетами местных органов власти. Тенденция к децентрализации структуры бюджета, налогов, собственности, финансов и ресурсов

не может отменить процессы, связанные с развитием рынка, что предполагает централизацию ряда государственных функций, в том числе регулирующих и социальных. Такой фактор, в свою очередь, требует проведения политики формирования структуры республиканского бюджета рыночной формы с устойчивым бюджетом. Наряду с укреплением и развитием доходной базы бюджетов местных исполнительных органов государственной власти и решением вопросов бюджетного самофинансирования, существует необходимость концентрации значительной доли валового внутреннего продукта (ВВП) в республиканском бюджете.

**Ключевые слова:** финансы, бюджет, дефицит бюджета, налог, функции финансов, государственный бюджет, бюджетное планирование, бюджетный процесс, доходы бюджета, расходы бюджета.

**MODERN FINANCIAL POLICY AND STATE OF DEVELOPMENT OF THE STATE BUDGET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The author in his article, analyzes and studies the issue of modern financial policy and the state of development of the state budget of the Republic of Tajikistan. He noted that the current financial policy of the republic is aimed at forming the financial basis of the transition from agrarian-industrial to industrial-agrarian development with forms of economic development and creating the necessary foundations for maintaining a high level of the national economy, as well as the speed of economic development, macroeconomic stability in the long term. and aimed at increasing the well-being of the population. The author comes to the conclusion that the new content and role of the republican budget are determined by economic policy, the budget system, as well as the nature of its relationship with the budgets of local authorities. The trend towards decentralization of the structure of the budget, taxes, property, finance and resources cannot cancel the processes associated with market development, which implies the centralization of a number of government functions, including regulatory and social ones. This factor, in turn, requires the implementation of a policy of forming the structure of the republican budget in a market form with a sustainable budget. Along with strengthening and developing the revenue base of the budgets of local executive bodies of state power and resolving issues of budgetary self-financing, there is a need to concentrate a significant share of the gross domestic product (GDP) in the republican budget.

**Keywords:** finance, budget, budget deficit, tax, functions of finance, state budget, budget planning, budget process, budget revenue, budget expenditure.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонзода Қобилҷон Давлаталӣ*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктуранти Ph.D-и кафедраи молия. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 903-70-11-11**

**Сведения об авторе:** ***Курбонзода Кобилджон Давлатали*** - Бохтарский государственный университет имени Насира Хусрава, докторанти Ph.D кафедры финансов. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **(+992) 903-70-11-11**

**Information about the author:** ***Kurbonzoda Kobiljon Davlatali*** - Bokhtar State University named after Nasir Khusrav, Ph.D doctoral student of the Department of Finance. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. Phone: **(+992) 903-70-11-11**

ТДУ: 338.486

# АСОСҲОИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ РУШДИ САЙЁҲӢ

*Каримов Б.Ҳ., Аҳтамов Ҳ.С.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Имрӯз сайёҳӣ яке аз соҳаҳои ботадриҷ рушдёбандаи иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки дарояндаи наздик метавонад як воситаи баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва фишанги асосии рушди устувори мамлакат гардад. Дар солҳои охир. дар сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои муҳиме ба амал омадаанд, ки барои эътироф шудани сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат имкон медиҳанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти бузурги табиию иқлимии барои рушди сайёҳӣ дар мамлакат мавҷудбударо ба инобат гирифта, тадбирҳоро барои истифодаи онҳо тавсеа медиҳад. Яке аз иқдомҳои асосии такондиҳандаи рушди сайёҳӣ дар мамлакат аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 эълон намудани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» мебошад. Дар ин маврид, Сарвари давлат қайд намуданд, ки «сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад» [18].

Ҳамчунин бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои рушди сайёҳӣ ва бо назардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26 декабри соли 2018 ироа гардид, солҳои 2019-2021-ро ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд.

Ташаббусҳои бузурги Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири рушди соҳаи сайёҳӣ аллакай дар соли 2018 паёмадҳои умедбахши худро ба бор оварданд. Таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ ва бахши хусусии соҳибкорӣ ба фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ шиддат гирифт. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, таҳти № 372 Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардид, ки дар он ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳии мамлакат муайян карда шудаанд. Ҳамчунин дар санади мазкур қайд гардидааст, ки захираҳои имконпазири сайёҳии мамлакат ба таври зарурӣ истифода намешаванд, хизматрасониҳои ба сайёҳон пешкашшаванда ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нестанд, барои будубоши сайёҳон дар қаламрави мамлакат шароити мусоид муҳайё нест. Вобаста ба ин, тадбирҳои минбаъдаи мақомоти давлатӣ бояд ба баланд бардоштани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат равона гардонида шаванд.

Дар мамлакат ба хотири фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ, тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Пойдор шудани суботи сиёсӣ дар мамлакат ва сиёсати оқилонаи макроиқтисодии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ заминаҳои боэътимод фароҳам овардаанд.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2018 шумораи ширкатҳои сайёҳии дар мамлакат фаъолияткунанда 146 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба соли пешин 55 адад зиёд аст (расми 1). Ҳамин тариқ, ҳамасола дар мамлакат тамоюли зиёдшавии шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ба назар мерасад. Дар ин маврид аз соли 2017 (соли аввали иқдомҳо барои рушди соҳаи сайёҳӣ), то соли 2021 суръати афзоиши шумораи ширкатҳои сайёҳӣ 258%-ро ташкил додааст.

Дар баробари зиёд шудани ширкатҳои сайёҳӣ (туроператорҳо ва турагентҳо), ҳамчунин, шумораи корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ низ дар мамлакат зиёд шудааст. Мувофиқи маълумоти аз сомонаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон дастрасшуда, ҳоло дар мамлакат (ба ҳолати нимаи дуюми соли 2023) 295 адад корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла 187 меҳмонхона, 52 осоишгоҳ, 29 ҳостел ва мотел, 8 хонаи истироҳатӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳ, 6 осоишгоҳ ва лагери кӯдакона, 5 пойгоҳи сайёҳӣ ва 1 пансионат фаъолият мекунанд [16].

**Расми 1. Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ**
**Figure 1. Number of travel companies**




**Сарчашма:** таҳияи муаллифон дар асоси [17]

Вале, бояд тазаккур дод, ки рушди ҳар як соҳаи соҳибкорӣ ва саҳми он дар пешравии иқтисодиёти миллӣ на бо теъдоди субъектҳои иқтисодии дар соҳаи мазкур фаъолияткунанда, балки бо сатҳи даромаднокии онҳо арзёбӣ карда мешавад. Вобаста ба ин, қайд мекунем, ки нишондиҳандаҳои воқеии даромаднокии ширкатҳои сайёҳӣ, барои ҳамчун қаноатбахш арзёбӣ кардани рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат басанда нестанд. Барои афзун кардани даромаднокии фаъолияти сайёҳӣ ҷолибияти хизматрасониҳои сайёҳиро барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ тавассути бо сифати беҳтар пешниҳод кардани онҳо ва таъсис додани иншооти инфрасохтори сайёҳии аз ҷиҳати хизматрасонӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ, баланд бардоштан лозим аст. Албатта, барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҷалби бештари сайёҳон барои ташриф овардан ба иншооти сайёҳӣ ва аз ин ҳисоб зиёд кардани натиҷаҳои молиявии субъектҳои соҳибкории сайёҳӣ, роҳандозӣ намудани усулҳои пешрафтаи менеҷменти муосир, аз ҷумла идоракунии стратегӣ дар соҳаи сайёҳӣ муҳим аст.

Идоракунии стратегии рушди сайёҳӣ ҳамчун соҳаи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ шохаи донишҳои илмие мебошад, ки дар марҳилаҳои аввалии рушди худ қарор дорад. Ташаккули асосҳои назариявию методологии идоракунии стратегӣ ҳамчун илм ва соҳаи фаъолият аз нимаи дуюми асри XX оғоз ёфтааст. Дар ташаккул ва рушди ин шохаи илми идоракунӣ И.Н. Ансофф [1], Г.Я. Голдштейн [4], А.Т. Зуб [7], П. Друкер [5], В.С. Ефремов [6], Б. Карлоф [9], Д. Кемпбел [11], М. Портер [19], А.Ҷ. Стрикленд, А.А. Томпсон [21] ва дигар олимон саҳми назаррас гузоштаанд. Дар асарҳои олимони ватанӣ Ф.Ш. Бобоева [2], З.С. Исломова [8], Ф.Ш. Муминов [13], Н.А. Наҷмуддинов [14], Т.Д. Низомова [15], Қ.Х. Хушвахтзода [22], Н.Ҷ. Ҳасанова [23], Б.Д. Юнусов [25] ва дигарон баъзе паҳлуҳои татбиқи идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт баррасӣ шудаанд. Вале корҳои илмии бевосита ба масъалаҳои идоракунии стратегӣ дар соҳаи сайёҳӣ алоқаманд, дар интишороти ватанӣ ба назар намерасад.

Омӯзиши адабиёти илмӣ тасдиқ мекунад, ки сабаби асосии арзи ҳастӣ намудани мафҳуми идоракунии стратегӣ «...нишон додани тафовути идоракунии дар сатҳи олӣ ба ҷо овардашаванда аз идоракунии ҷории дар сатҳи истеҳсолот амалишаванда мебошад. Ин аз таваҷҷуҳи роҳбарият ба муҳити берунии фаъолият барои вокуниши дуруст ва саривақтӣ ба тағйироти дар он рухдода ва мутобиқ шудан ба мушкилоте, ки муҳити берунӣ ба миён меорад, вобаста аст» [3,с.5].

Идоракунии стратегӣ дар сатҳи мамлакат (макроиқтисодӣ), минтақа ё намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (мезоиқтисодӣ) ва субъектҳои хоҷагидорӣ (микроиқтисодӣ) ба ҷо оварда мешавад. Рушди идоракунии стратегӣ ҳамчун намуди махсуси идоракунии рушди устувор дар шароити муҳити иқтисодии ноустувор, сатҳи баланди номуайянӣ ва хавф ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ ба амал меояд. Аммо дар интишороти илмӣ мафҳуми идоракунии стратегӣ бештар дар қаринаи «идоракунии стратегии корхона» («идоракунии стратегии рушди корхона») баррасӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи адабиёти хориҷӣ нишон медиҳад, ки идоракунии стратегии рушди корхона мафҳуми бисёрҷанба мебошад ва муаллифони алоҳида нигоҳи худро ба моҳият ва тафсири он баён кардаанд. Аз ҷумла, А.А. Тихонов идоракунии стратегии рушди корхонаро ҳамчун фаъолияте тафсир менамояд, ки «ба тамаркузи стратегӣ ҳамчун унсури фалсафаи соҳибкорӣ асос меёбад ва ба ноилгардии ҳадафҳои оянда, таъмини рақобатпазирӣ, устувории мавқеъҳои рақобатнок ва муваффақияти дарозмуҳлати корхона нигаронида шудааст» [20,с.101].

А.А. Томпсон ва А.Ҷ. Стрикленд стратегияро ҳамчун нақшаи идоракунии корхона, ки ба таҳкими мавқеъҳои он, қонеъ гардонидани истеъмолкунандагон ва ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда нигаронида шудааст, шарҳ медиҳанд. Ба ақидаи онҳо, раванди ташаккул ва амалисозии стратегияи идоракунӣ иҷрои чунин панҷ вазифаи бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад [21,с.13]:

1) муайян кардани намуди фаъолияти тиҷоратӣ ва ташаккули самтҳои стратегии рушди он (муқаррар кардани ҳадафҳо ва дурнамои рушди корхона);

2) табдили ҳадафҳои умумӣ ба самтҳои мушаххаси кор;

3) амалисозии моҳиронаи нақшаи интихобшуда барои ноилгардӣ ба нишондиҳандаҳои матлуб;

4) татбиқи босамари стратегияи интихобшуда;

5) арзёбии кори анҷомдодашуда, таҳлили вазъи бозор, тасҳеҳи самтҳои асосии фаъолияти дарозмуҳлат, ҳадафҳо, стратегия ё раванди татбиқи он дар асоси таҷрибаи андӯхташуда, шароити тағйирёфта, ғояҳои нав ё имкониятҳои нав.

Ба ақидаи Л.С. Шеховтсева, идоракунии стратегӣ «фаъолият оид ба таҳияи ҳадафҳои корхона ва роҳҳои ноил шудан ба онҳо, таъмини бартарии рақобатноки он дар муҳити ноустувори берунӣ тавассути тағйир додани ҳам худи корхона ва ҳам муҳити берунии он мебошад» [24,с.23]. Яъне, идоракунии стратегии рушди корхона раванди таҳия ва татбиқи стратегияи рушди он дар шароити рақобат мебошад.

С.М. Каюгина стратегияи идоракунии рушди корхонаро ҳамчун идоракуние баррасӣ мекунад, ки «ба тағйирот дар муҳити берунӣ вокуниши чандир ва саривақтӣ нишон дода, ҳамзамон, имкониятҳои худи корхонаро ба инобат мегирад, ки дар маҷмуъ, ба корхона имкон медиҳад, ки ба ҳадафҳои худ ноил гардад, дар муддати тулонӣ самаранок ва бомуваффақият фаъолият кунад» [10,с.61].

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, идоракунии стратегии рушди корхона ҳамеша бо шароити рақобат дар бозор алоқаманд буда, нақшаи умумии амалҳои менеҷментро, ки дар он афзалиятҳои стратегӣ ва захираҳои рушди дарозмуҳлат, пайдарпайии амалҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии корхона муайян карда мешаванд, ифода менамояд. Бинобар ин, вазифаи асосии идоракунии стратегии рушди корхона, гузариши он аз ҳолати ҳозира ба ҳолате мебошад, ки роҳбарият онро мехоҳад.

Ташаккули стратегияҳои ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ нигаронидашуда, равандҳои рушди стратегии корхонаҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба муҳити иқтисодии умумӣ дар мамлакат таъсир расонида, вазъи онро дигаргун мекунанд ва рақобатпазирии умумии иқтисодиёти миллиро баланд мебардоранд. Бинобар ин, идоракунии стратегӣ дар сатҳи мамлакат, минтақа ё соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ ҳамчун стратегияи пешгирикунанда барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуҳлати рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат, минтақаҳо ва соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ роҳандозӣ шуда, сатҳи басандаи рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунандаро таъмин менамояд.

Дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қайд гардидааст, ки давлат ҷиҳати ҳавасманд кардани бахши хусусӣ барои сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ, пеш аз ҳама, самтҳои афзалиятноки онро муайян карда, ба онҳо имтиёзҳо муқаррар мекунад. Ҳамчунин барои обод намудани мавзеъҳои сайёҳӣ бояд заминаҳои зарурии иқтисодию ҳуқуқӣ таъмин карда шаванд. Бо амалӣ намудани тадбирҳои мазкур, соҳаи сайёҳӣ метавонад дар муддати 3-5 сол ба манбаи муҳимми воридошавии асъори хориҷӣ табдил ёбад.

Бояд қайд кард, ки дар раванди рушди стратегии ширкатҳои сайёҳӣ дигаргуниҳои дар доираи неруи инсонӣ рухдиҳанда аҳаммияти муҳим пайдо мекунанд. Зеро имрӯз омили асосии ташаккулдиҳандаи рушди рақобат дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ табдили сатҳи имрӯзаи тафаккури идоракунӣ бо тамаркуз ба стратегияҳои навтарин ва методологияҳои ояндадори таҳқиқоти рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад. Бо таъсири фишангҳои идоракунӣ ва танзими равандҳои иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин, таъсири омилҳои гуногуни дар муҳити иқтисодӣ ҷойдошта, шароите фароҳам оварда мешавад, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои сайёҳӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон ин ба дигаршавии равишҳои идоракунӣ ва танзим, гузариш аз усулҳои маъмурии идоракунӣ ба усулҳои бозорӣ дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ меоварад.

Дар муҳити иқтисодии ноустувори имрӯза ширкатҳои сайёҳӣ бо душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ мешаванд, ки бо номуайянии вазъ дар бозор, ноустувории мавсимии талабот ба хизматрасониҳои сайёҳӣ, рақобати шадид ва норасоии захираҳои молиявӣ алоқаманд мебошанд. Дар ин маврид, барои бартараф кардани душвориҳои мазкур дар низоми идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ ба роҳ мондани идоракунии стратегӣ воситаи муҳим ва муассир мебошад.

Натиҷаи ниҳоии идоракунии стратегӣ дар соҳаи сайёҳӣ ташаккули иқтидори ҳамаҷониба барои ноил шудан ба ҳадафҳои фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва бунёди сохтори дохилии мутобиқшавандаи онҳо мебошад, ки сатҳи зарурии ҳассосиро ба тағйирёбии муҳити иқтисодӣ таъмин мекунад. Аз сабаби он, ки тамоми ҷузъҳои низоми хоҷагидории дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда (равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ), зери таъсири муҳити иқтисодии атроф қарор доранд, тағйироти он таҷдиди муҳимми сохтори дохилии худи низоми хоҷагидориро низ тақозо мекунад. Суръатҳои дигаргуниҳо дар муҳити иқтисодӣ, афзоиши рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои сайёҳӣ, пайдо шудани таҳдидҳо ва имкониятҳои нав дар доираи технологияҳои навин, ки ба марҳилаи имрӯзаи рушди иқтисодӣ хос мебошанд, боиси ба таври назаррас пурзӯр шудани нақши идоракунии стратегӣ ҳамчун кафили фаъолияти босамари ширкатҳои сайёҳӣ мегарданд.

Ҳамин тариқ, идоракунии стратегиро дар соҳаи сайёҳӣ метавон ҳамчун фаъолият барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуҳлати рушди ширкатҳои сайёҳӣ дар асоси нигоҳ доштан ва тавсеа додани бартариҳои рақобатнокӣ ва вокуниши муносиб ба тағйирот дар муҳити иқтисодии (берунии) ноустувор, таъмини рақобатпазирӣ ва пешрафти корхона баррасӣ кард. Идоракунии стратегӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ тавассути таҳия ва татбиқи стратегия бо вогузор кардани масъулият барои ин кор ба роҳбарият ва менеҷменти корхона роҳандозӣ карда мешавад. Дар ин маврид, стратегия ҳамчун ғояи умумӣ, амсилаи ҳамгирои рафтори ширкати сайёҳӣ фаҳмида мешавад, ки роҳҳо ва самтҳои асосии рушди онро муайян мекунад ва ноил шудан ба ҳадафҳои асосӣ, таъмини бартариҳои рақобатӣ ва мутобиқсозӣ ба шароити тағйирёбандаи бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ дар давраи тулонӣ нигаронида шудааст.

Дар низоми идоракунии стратегии рушди ширкатҳои сайёҳӣ, дар ҳар як лаҳзаи вақт муайян карда мешавад, ки корхона дар айни замон бояд чӣ кор кунад, то ки ҳадафҳои барои оянда муқаррарнамудаи худро амалӣ созад. Дар ин маврид, бояд ба инобат гирифта шавад, ки муҳити иқтисодӣ ва шароити фаъолияти корхона тағйир хоҳанд ёфт, яъне, идоракунии стратегӣ ҳамчун назар аз оянда ба имрӯз ба ҷо оварда мешавад.

Корхона бояд ба муҳити иқтисодии фаъолити худ ҳадафмандона таъсир расонад, онро тағйир дода, барои татбиқи стратегияи рушд мутобиқ созад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии худ, шароит фароҳам оварад. Таъсир ба муҳити берунӣ маънои тағйир додани вазъи макроиқтисодиро дар мамлакат надорад ва онро пешбинӣ ҳам намекунад. Он, пеш аз ҳама, ба ташаккули муҳити иқтисодии бевосита бо фаъолияти

асосии корхона алоқаманд ва унсурҳои он - сайёҳон, таъминкунандагон, рақибон, мақомоти ҳокимияти давлатии минтақавӣ ва маҳаллӣ нигаронида мешавад. Шаклҳо ва усулҳои ин гуна таъсиррасонӣ метавонанд гуногун бошанд, чун таблиғ, интихоби шарикони тиҷоратӣ ва шароити ҳамкорӣ бо онҳо, сиёсати нарх, усулҳои муборизаи рақибона ва тарзҳои ҳифзи манфиатҳои худ, таъсир ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷалби воситаҳои ахбори омма, таъсис додан ва фаъол гардонидани сомонаи интернетии корхона ва дигарҳо.

Таҳкими мавқеъҳои рақобатноки ширкати сайёҳӣ аз ҳисоби бунёд ва татбиқи бартариҳои рақобатнокӣ ба даст меояд, ки натиҷаи он афзоиши ҳиссаи бозории ишғолнамудаи корхона мебошад. Агар ба сифати ҳадафи стратегии корхона афзоиши ҳиссаи бозор, ки тавассути мавқеъгирии нархи маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ноил мегардад, муқаррар карда шавад, пас равиши мазкур метавонад корхонаро ба паёмадҳои номатлуб дучор намояд, зеро нархҳои пасти фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, хароҷоти афзояндаи ширкати сайёҳиро пӯшонида наметавонанд.

Паст кардани арзиши аслӣ ва афзоиши ҳаҷмҳои пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ ба бозор ва бо ин роҳ паст кардани нархи онҳо албатта имкон медиҳад, ки ҳиссаи умумии дар бозор ишғолнамудаи ширкати сайёҳӣ васеъ карда шавад, вале ин ҳоло асоси муваффақият нест. Зеро зиёд кардани ҳиссаи ишғолшудаи бозор на ҳамеша афзоиши мувофиқи даромади ширкати сайёҳиро кафолат медиҳад. Паст кардани нархи хизматрасониҳои сайёҳӣ, истифодаи усулҳои фишороварӣ ба бозор тавассути нарх «барои тамоми номгӯйи хизматрасониҳое, ки корхона пешниҳод мекунад, паёмадҳои номатлуб хоҳад дошт. Ҳангоми паст шудани нархҳо «кӯчиш» аз дараҷаи баландтари нархҳо ба дараҷаи пасттар бо коҳиши бебозгашти ҳиссаи фоида дар арзиши хизматрасониҳо имкон дорад» [1,с.79].

Бояд қайд кард, ки нархи маҳсулоти сайёҳӣ бо роҳи ҷамъ кардани масрафҳо барои хизматрасониҳои гуногун муқаррар карда мешавад. Бо назардошти гуногунхелии сохтори маҳсулоти сайёҳӣ, метавон тасдиқ кард, ки бояд робитаи байни сиёсати наргхузорӣ ва стратегияи корхонаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои сайёҳӣ таъмин карда шавад. Агар корхонаи сайёҳӣ стратегияи нархҳои баландро роҳандозӣ кунад, роҳбарияти он бояд ба инобат гирад, ки стратегияи нархҳои баланд метавонад танҳо дар сурати мавҷуд будани пешниҳоди истисноӣ ё беназир, ки мақом ва эътибори харидорро инъикос мекунад, ё дар сурати пешниҳоди маҳдуд дар муҳити рақобат (масалан, баъзе маҳсулоти марбут ба сайёҳии табобатию солимгардонӣ, маҳсулоти сайёҳии марбут ба мавзеи сайёҳии мушаххас) амалӣ карда шавад.

Яке аз хусусиятҳои хосси маҳсулоти сайёҳӣ, ташрифи бевоситаи мизоҷ (сайёҳ) ба мавзеи сайёҳӣ ва иштироки он дар раванди хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Бинобар ин, стратегияи маркетинг ва нархгузории ширкатҳои сайёҳӣ бояд, бештар ба ҷалби диққати сайёҳон, ба иттилоот дар бораи хосият ва тавсифи хизматрасониҳои ташаккулдиҳандаи маҳсулоти сайёҳӣ, мусоидат ба харидории он нигаронида шавад. Ҳамин тариқ, дар соҳаи сайёҳӣ байни сиёсати тақсимот ва пешбурди маҳсулот дар бозор робитаи зич вуҷуд дорад, ки ба инобат гирифтани он ҳангоми таҳияи стратегияи идоракунии рушди ширкати сайёҳӣ зарур аст.

Азбаски ширкатҳои сайёҳӣ фармоишҳои пешакии хӯрок, будубоши сайёҳон дар меҳмонхонаҳо ва чиптаҳои ҳавопаймоӣро таъмин мекунанд ва аз корхонаҳои таъминкунандаи хизматрасониҳои сайёҳӣ пешниҳодҳои муносиб қабул мекунанд, ин ба онҳо имкон медиҳад, ки нархҳои нисбатан дастраси маҳсулоти сайёҳиро пешниҳод кунанд, нисбат ба ҳолате, ки ҳар як сайёҳ тамоми хароҷоти хизматрасониҳоро худ пардохт мекунад.

Ҳоло дар аксари мамлакатҳое, ки соҳаи сайёҳӣ дар онҳо рушд кардааст, «даст кашидан аз стратегияи вусъати хароҷот ва пешниҳоди оммавии хизматрасониҳои анъанавии сайёҳӣ, гузариш ба самтҳои нисбатан ояндадори рушди стратегӣ, аз қабили стратегияҳои тафриқа, тамаркуз ба бозори нав ва барвақт ворид шудан ба он мушоҳида мешавад» [26,с.440]. Равишҳои стратегии пешқадам ба тамоюли афзалият додан ба махсусгардонии чандири ширкатҳои сайёҳӣ ва бартарии таваҷҷуҳ ба сифати хизматрасониҳо асос ёфтаанд. Дигаршавии муқарраротии стратегӣ «бештар аз гузариш ба

«сайёҳии нав», табдили афзалиятҳои истеъмолии сайёҳон ба хусусиятҳои инфиродӣ ва афзоиши талабот ба сифати маҳсулоти сайёҳӣ вобаста аст» [27,с.91].

Дар мамлакатҳои хориҷӣ дар доираи идоракунии мавзеъҳо ва ширкатҳои сайёҳӣ, мафҳуми сайёҳии устувор васеъ паҳн шудааст, ки асоси он принсипҳои рушди устувор мебошанд, ки Комиссияи умумиҷаҳонии муҳити атроф ва рушд онҳоро ҳамчун «рушди қонеъкунандаи ниёзҳои насли ҳозира бидуни таҳдид ба қобилияти наслҳои оянда барои қонеъ кардани ниёзҳои худ» муайян кардааст [28]. Афзалияти сайёҳии устувор таъмини рушд ва мувозинати байни манфиатҳои иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист, манфиатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, амалисозии муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии зикргардида, ба баланд бардоштани самаранокии рушди стратегии соҳаи сайёҳӣ ва корхонаҳои сайёҳӣ, ноил шудан ба муваффақиятҳои стратегӣ ва нигоҳ доштани онҳо дарояндаи тулонӣ мусоидат карда метавонад. Азбаски идоракунии стратегӣ муҳаррики рушди соҳаи сайёҳӣ аст, тамоми субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор дар мамлакат бояд, саҳм гузоранд. Аммо, дар ин маврид, сатҳи омодагии касбӣ ва салоҳияти захираҳои инсониро ба инобат гирифтан лозим аст. Омили инсонӣ дар соҳаи сайёҳӣ аввалиндараҷа буда, сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳиро таъмин мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои рушди устувори намудҳои гуногуни сайёҳӣ иқтидори бузург дорад, маҳз омили инсонӣ асоси муваффақият дар соҳаи сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори он мебошад. Қобили зикр аст, ки фарҳанги хизматрасонӣ дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳии босифат афзалияти асосӣ ба ҳисоб меравад. Фарҳанги баланди хизматрасонӣ, ки аз дониш, малака ва рафтори касбии ҳайати кормандони субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ вобаста аст, ба рисолати идоракунии стратегӣ – баланд бардоштани рақобатпазирии фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ёров Ҷ.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Ансофф И.Н. Стратегическое управление / И.Н. Ансофф. -М.: Экономика, 1989. -520 с.
2. Бобоева Ф.Ш. Приоритетные направления стратегического управления промышленности Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики / Ф.Ш. Бобоева // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2021. -Т. 56. -№1. -С.65-68.
3. Бунаков О.А. Стратегический менеджмент в туризме: учебное пособие / О.А. Бунаков, Н.К. Габдрахманов, М.В. Рожко. -Казань: Изд-во Академии наук РТ, 2018. -79 с.
4. Гольдштейн Г.Я. Стратегический менеджмент: учеб. пособие / Г.Я. Гольдштейн. – 2-е изд., доп. -Таганрог: Изд-во ТРТУ, 2003. -94 с.
5. Друкер П. Эффективное управление. Экономические задачи и оптимальные решения: учеб. Пособие / П. Друкер; пер. с англ. -М.: Фаир-Пресс, 2002. -288 с.
6. Ефремов В.С. Стратегическое управление в контексте организационного развития / В.С. Ефремов // Менеджмент в России и за рубежом. – 1999. -№1. -С.3-13.
7. Зуб А.Т. Системный стратегический менеджмент: методология и практика / А.Т. Зуб, М.В. Локтионов. -М.: Генезис, 2001. -752 с.
8. Исломова З.С. Стратегияи идоракунии инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ / З.С. Исломова, З.И. Юсупова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. -№4-2(44). -С.122-129.
9. Карлоф Б. Деловая стратегия: концепция, содержание, символы / Б. Карлоф; пер. с англ. -М.: Экономика, 1991. -240 с.
10. Каюгина С.М. Стратегическое управление развитием сельскохозяйственных предприятий / С.М. Каюгина // Экономика и управление в XXI веке: тенденции развития. – 2014. -№15. -С.59-63.
11. Кемпбел Д. Стратегический менеджмент / Д. Кемпбел, Дж. Стоунхаус, Б. Хьюстон; пер. с англ. -М.: Проспект, 2003. -334 с.
12. Лайко М.Ю. Экономическая стратегия туристского предприятия / М.Ю. Лайко, С.С. Скобкин // Современные проблемы сервиса и туризма. – 2013. -№1. -С.76-81.
13. Муминов Ф.Ш. Самаранокии идоракунии стратегии субъектҳои агробизнес ва рушди он дар иқтисодиёти Тоҷикистон / Ф.Ш. Муминов, Б.Д. Юнусов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. -№2(41). -С.163-168.
14. Наҷмуддинов Н.А. Ҷорӣ кардани методҳои стратегии идораи рушди инфрасохтори нақлиётӣ / Н.А. Наҷмуддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№6. -С.155-160.
15. Низомова Т.Д. Таҳияи стратегияи рушди корхона / Т.Д. Низомова, Х.Ю. Ҷумаева // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. -№3. -С.60-66.

16. Омори сайёҳӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ctd.tj/site/omori-sayyohi
17. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Нашрияи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷуқмҳурии Тоҷикистон, 2022. -414 с.
18. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 22 декабри соли 2017. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/16771
19. Портер М. Конкурентная стратегия: методика анализа отраслей и конкурентов / М. Портер; 3-е изд., пер. с англ. -М.: Альпина Бизнес Букс, 2008. -453 с.
20. Тихонов А.А. Стратегическое управление развитием предприятия в контексте эволюции теории стратегического управления / А.А. Тихонов // Перспективы науки. – 2013. -№7(46). -С.98-103.
21. Томпсон А.А. Стратегический менеджмент: искусство разработки и реализации / А.А. Томпсон, А.Дж. Стрикленд; пер. с англ. -М.: Банки и биржи, 2001. -576 с.
22. Хушвахтзода Қ.Х. Ҷанбаҳои иқтисодии ташкил ва идоракунии рушди соҳаи хизматрасониҳои иқтисодӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Н.Н. Сайфуллоев, З.М. Орзиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№2. -С.154-161.
23. Ҳасанова Н.Ҷ. Самтҳои мукаммалсозии идоракунии стратегии бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ / Н.Ҷ. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2019. -№1-4-2(68). -С.156-160.
24. Шеховцева Л.С. Стратегический менеджмент: учебное пособие / Л.С. Шеховцева. -Калининград: Изд-во РГУ им. И. Канта, 2006. -153 с.
25. Юнусов Б.Д. Самаранокии идоракунии стратегии субъектҳои агробизнес ва рушди он дар Тоҷикистон / Б.Д. Юнусов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. -№9. -С.128-132.
26. Buhalis D. Tourism in Greece: Strategic Analysis and Challenges / D. Buhalis // Current Issues in Tourism. - 2001. - Vol. 4. -№5. -P.440–480.
27. Poon A. Competitive strategies for new tourism / A. Poon // Progress in Tourism Recreation and Hospitality Management. - 1989. -Vol. 1. -P.91-102.
28. Report of the World Commission on Environment and Development: Our Common Future. -Oxford: Oxford University Press, 1987. -P. 399.

## АСОСҲОИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ РУШДИ САЙЁҲӢ

Дар шароити иқтисодии муосир асоси самаранокии ташкили фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, идоракунии стратегӣ мебошад. Идоракунии стратегӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои рушди дарозмуддати корхона бо назардошти вазъи имрӯзаи он ва шароити муҳити иқтисодӣ таҳия карда шаванд. Натиҷаи ниҳоии идоракунии стратегӣ, ташаккули иқтидори ҳамаҷонибаи корхона барои ноил шудан ба ҳадафҳои фаъолияти худ ва бунёди сохтори дохилии мутобиқшаванда мебошад, ки ҳассосиро ба тағйирёбии муҳити иқтисодии берунӣ таъмин мекунад. Идоракунии стратегӣ, ки баояндаи тулонӣ нигаронида шудааст, барои субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ имкон фароҳам меоварад, ки бо воқеияти бозор мутобиқ шуда, саривақт ба тағйирёбии шароити дохилии фаъолият ва муҳити иқтисодии берунии худ вокуниш нишон диҳанд. Дар мақола асосҳои назариявӣ, методологӣ ва ҷанбаҳои амалии идоракунии стратегӣ таҳқиқ шудаанд. Мафҳум, моҳияти иқтисодӣ ва аҳаммияти идоракунии стратегӣ ҳамчун асоси рушди босамари корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ифшо шудааст. Зарурати татбиқи идоракунии стратегӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ асоснок карда шуда, заминаҳои рушди он муайян карда шудааст. Тасдиқ карда шудааст, ки барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҷалби бештари сайёҳон ба мавзеъҳои сайёҳӣ ва аз ин ҳисоб зиёд кардани натиҷаҳои молиявии субъектҳои соҳибкории дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда дар низоми идоракунии онҳо роҳандозӣ намудани идоракунии стратегӣ муҳим аст. Таъсири хусусиятҳои хосси фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ, маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ба раванди идоракунии стратегӣ таҳқиқ карда шудааст. Тасдиқ карда шудааст, ки идоракунии стратегӣ муҳаррики рушди соҳаи сайёҳӣ аст, бинобар ин, тамоми субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор дар мамлакат бояд саҳм гузоранд.

**Калидвожаҳо:** рушди устувор, рушди сайёҳӣ, идоракунии стратегӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, муҳити иқтисодӣ, идоракунии стратегии рушди корхона, маҳсулоти сайёҳӣ, рақобатпазирӣ.

## ОСНОВЫ СТРАТЕГИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЕМ ТУРИЗМА

В современных экономических условиях стратегическое управление является основой эффективности организации деятельности хозяйствующих субъектов. Стратегическое управление дает возможность разрабатывать долгосрочные задачи развития предприятия с учетом его текущего положения и условий экономической среды. Конечным результатом стратегического управления является развитие комплексного потенциала предприятия, достижение целей своей деятельности и создание адаптируемой внутренней структуры, обеспечивающей чувствительность к изменениям внешней экономической среды. Стратегическое управление, ориентированное на долгосрочную перспективу, дает возможность субъектам хозяйствования, в том числе предприятиям туристической отрасли, адаптироваться к рыночным реалиям и оперативно реагировать на изменения внутренних условий функционирования и внешней экономической среды. В статье рассматриваются теоретические, методологические основы и практические аспекты стратегического управления. Раскрыты понятие, экономическая сущность и значение стратегического управления как основы эффективного развития предприятий туристической

отрасли. Обоснована необходимость внедрения стратегического управления в туристических компаниях и определены предпосылки его развития. Подтверждено, что для повышения качества туристических услуг, привлечения большего количества туристов на туристические объекты и увеличения финансовых результатов субъектов хозяйствования, работающих в сфере туризма, важно внедрять стратегический менеджмент в их систему управления. Исследовано влияние особенностей деятельности хозяйствующих субъектов в сфере туризма, туристических продуктов и услуг на процесс стратегического управления. Подтверждено, что стратегическое управление является двигателем развития туристической сферы, поэтому все субъекты туристической деятельности должны способствовать достижению целей устойчивого развития в стране.

**Ключевые слова:** устойчивое развитие, развитие туризма, стратегическое управление, туристические компании, туристическая инфраструктура, экономическая среда, стратегическое управление развитием предприятия, туристический продукт, конкурентоспособность.

**FUNDAMENTALS OF STRATEGIC MANAGEMENT OF TOURISM DEVELOPMENT**

In modern economic conditions, strategic management is the basis for the efficiency of organizing the activities of business entities. Strategic management makes it possible to develop long-term development goals for an enterprise, taking into account its current situation and the conditions of the economic environment. The end result of strategic management is the development of the complex potential of the enterprise to achieve the goals of its activities and the creation of an adaptable internal structure that ensures sensitivity to changes in the external economic environment. Strategic management, focused on the long term, allows business entities, including enterprises in the tourism industry, to adapt to market realities and quickly respond to changes in internal operating conditions and the external economic environment. The article discusses the theoretical, methodological foundations and practical aspects of strategic management. The concept, economic essence and significance of strategic management as the basis for the effective development of enterprises in the tourism industry are revealed. The necessity of introducing strategic management in tourism companies is substantiated and the prerequisites for its development are determined. It has been confirmed that in order to improve the quality of tourism services, attract more tourists to tourist sites and increase the financial results of business entities working in the tourism sector, it is important to introduce strategic management into their management system. The influence of the characteristics of the activities of economic entities in the field of tourism, tourism products and services on the process of strategic management has been studied. It has been confirmed that strategic management is the engine of development of the tourism sector, therefore all subjects of tourism activities should contribute to the achievement of sustainable development goals in the country.

**Keywords:** sustainable development, tourism development, strategic management, travel companies, tourism infrastructure, economic environment, strategic management of enterprise development, tourism product, competitiveness.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Каримов Баҳодур Ҳасанович*** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru.** Телефон: **+992 907-90-82-10**

***Аҳтамов Ҳабибулло Саидаҳмадович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. E-mail: **habibullo19930326@mai.ru**. Телефон: **+992 555-09-14-14**

**Сведения об авторах:** ***Каримов Баходур Хасанович*** – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru**. Телефон: (**+992) 907-90-82-10**

***Ахтамов Хабибулло Саидахмадович*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, соискатель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. E-mail: **habibullo19930326@mai.ru.** Телефон: **+992 555-09-14-14**

**Information about the authors:** ***Karimov Bahodur Hasanovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing. **Address:** Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru**. Phone: **+992 907-90-82-10**

***Ahtamov Habibullo Saidahmadovich*** – Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant for the Department of Management and Marketing. **Address:** Republic of Tajikistan, 735360, Khatlon region, Kulyab city, S. Safarov street 16. E-mail: **habibullo19930326@mai.ru**. Phone: **+992 555-09-14-14**

ТДУ: 657.1

# НАҚШАИ ҲИСОБҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА САМТҲОИ ТАКМИЛИ ОН

*Ҳалимов П.А., Бобишоев М.Н.*
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Дар шароити душвори муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти баҳисобгирии муҳосибӣ то рафт возеҳу равшан шуда истодааст. Он ба фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ, сифати идоракунии онҳо, фазои сармоягузорӣ, сиёсати андоз ва самаранокии тамоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсири назаррас мерасонад. Бо ин мақсад, баҳисобгирӣ усулҳои гуногуни илмӣ ва махсусро истифода мебарад, ки яке аз онҳо ҳисобҳо мебошад.

Ҳисобҳои баҳисобгирӣ нишонаҳои таснифот ва интиқолдиҳандаи иттилооти баҳисобгирӣ, инчунин, роҳи ба даст овардани иттилоот мебошанд. Онҳо барои ҳар як объекти баҳисобгирӣ, ки бо ҳам робитаи наздик доранд ва сарчашмаи муҳимтарини иттилооти мукаммал ва боэътимод барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, инчунин, таҳия ва қабули қарорҳои оптималии огоҳонаи идоракунӣ дар иқтисоди бозорӣ мебошанд, кушода шудаанд.

Тавре ки олими рус, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Я.В. Соколов қайд кард, ҳар як ҳисоб бар асоси як ё якчанд объекти баҳисобгирӣ таҳия карда мешавад [6]. Дар назария, ҳисоби алоҳида (ибтидоӣ) бояд ба ҳар як объекти ба назар гирифташуда мувофиқат кунад. Аммо, агар як ҳисоб тағйиротро дар якчанд объекти ҷойгиршуда инъикос кунад, пас, ин ҳисоб якчанд ҳисобро муттаҳид мекунад.

Ҳар як ҳисоб қисми органикии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Як ҳисоб худ аз худ вуҷуд дошта наметавонад.

Ҳисоб ҳамчун як қисми тавозун амал карда, дар ҳолати таҳлили муфассали фаъолияти иқтисодӣ, ба марказе табдил меёбад, ки тавассути он ҳама чиз аз ҷумла, тавозун шинохта мешавад. Ҳамин тариқ, ҳар як ҳисоб, гӯё равзанаест, ки тавассути он маъмурият тавозунро мушоҳида мекунад ва ҳар як ҳисоб ба он имкон медиҳад, ки ин тавозунро бо тамоми паҳлуяш омӯзад.

Доктори илмҳои иқтисодии украинӣ, профессор Н.М. Малюга ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Е.П. Боримская «набудани муносибати ягонаро барои фаҳмидани моҳият ва ҳадафи баҳисобгирии муҳосибӣ» [1,с.42] таҳлил намуда, ба хулосаи муҳиме омаданд, ки «мафҳуми ҳисоб бояд аз нуқтаи назари назариявӣ ҳамчун яке аз унсурҳои усули баҳисобгирӣ, аз нуқтаи назари истифодаи амалӣ - усули инъикос, гурӯҳбандӣ ва бехатарии маълумот дар бораи объектҳои баҳисобгирии иқтисодии якхела, ки имкон медиҳад онҳоро аз манфиати менеҷмент муайян кунанд, аз ҷониби дидактикӣ - ҳамчун модели рамзӣ, мантиқӣ ва математикии инъикоси ҳолат ва тағйирот дар таркиби қисми якхелаи молу мулк, сармоя, уҳдадориҳо, даромад, хароҷот, натиҷаҳои молиявӣ, ки фаъолияти иқтисодии корхонаро ба таври кофӣ инъикос мекунанд» [1,с.48-49].

Ҳисобҳои баҳисобгирӣ бо ҳамаи унсурҳои усулии он алоқамандии зич доранд:

- ҳисобҳо дар асоси маълумоти тавозун кушода мешаванд ва бақияи ҳисобҳо дар он ҷамъбаст карда мешаванд;
- навишти дутарафа сабти маълумоти иқтисодиро дар ҳисобҳо танзим мекунад;
- ҳуҷҷатгузорӣ барои сабти амалиёт дар ҳисобҳо асос мебошад;
- барӯйхатгирӣ эътимоднокии маълумоти дар ҳисобҳо инъикосшударо таъмин менамояд;
- баҳодиҳӣ истифодаи ягонаи воситаи пулиро дар ҳисобҳо таъмин менамояд;
- ҳисобҳо барои ҳисоб кардани арзиши молҳо, корҳо ва хизматҳо асос мебошанд;
- маълумоти дар ҳисобҳо инъикосшуда барои таҳия ва тасдиқи ҳисоботи молиявӣ истифода мешаванд.

Ҳисобҳои баҳисобгирӣ дар робита бо зарурати ташаккули дурусти системаи нишондиҳандаҳои таъминоти иттилоотии идоракунии рушди устувори субъектҳои

хоҷагидорӣ, ки ҷанбаҳои мухталифи онҳоро доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор М.В.Мельник муфассал муҳокима мекунанд, хеле муҳиманд [2,с.37-43]. Онҳо асоси назария ва амалияи баҳисобгириро ташкил дода, тағйирот (ҳаракат)-и объектҳои дақиқ муайяншударо инъикос мекунанд ва доимо дар ҳама корхонаҳо татбиқ карда мешаванд. Муҳосиби фаронсавӣ П. Пурра (1676) дар бораи баҳисобгирӣ ҳамчун илм навиштааст, ки "ба руҳ осоиштагӣ мебахшад, сарватро ҳифз мекунад ва хушбахтиро тарғиб мекунад" ва боварӣ дошт, ки дар ҳисоби муҳосибӣ дебет ва кредит ба ҳамдигар менигаранд, то бубинанд, ки чӣ дохил мешавад дар ҳисоб ва он чӣ дар он боқӣ мемонад [5,с.113]. Ва академики рус А.Н. Оленин соли 1810 навишта буд: «... қобилияти пешбурди ҳисобҳои дуруст ва нишон додани фоида ё зарари ҳақиқӣ аз гардиши ба амал омада ва ниҳоят, ҳамаи инҳоро дар шакли возеҳ пешниҳод кардан лозим аст, то ҳар касе, ки аз ҳисобҳои арифметикӣ огоҳ аст, тавонад онро такрор кунад: ин санъати мустақими муҳосиби бекор аст» [4,с.5].

Ҳисобҳои баҳисобгирӣ вазифаҳои илмӣ, маърифатӣ, назоратӣ ва иттилоотии худро амалӣ мекунанд, ва фаъолияти самарабахши низоми идоракунии иқтисодиро таъмин менамояд. Дар шароити тағйироти муосири иқтисодӣ, ҳисобҳо дар дониш ва омӯзиши вазифаҳои нави ҳисобдорӣ, пеш аз ҳама, вазифаҳои иҷтимоӣ ва пешгӯишаванда мавқеи муҳимро ишғол мекунанд ва бо ин роҳ ташкили оқилонаву пешбурди баҳисобгириро ба манфиати соҳибон ва бо мақсади ҳифзи иҷтимоии кормандон таъмин мекунанд.

Ҳисобҳои баҳисобгирӣ бо объектҳои он зич алоқамананданд, байни онҳо робитаи санҷидашаванда вуҷуд дорад. Объектҳои баҳисобгирӣ ибтидоӣ ва ҳисобҳои он дуюмдараҷа мебошанд, яъне пайдо шудани объектҳои нави баҳисобгирӣ зарурати ҷорӣ намудани ҳисобҳои нави баҳисобгирӣ ва таҳияи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгириро ба вуҷуд меорад (расми 1).

**Расми 1. Робитаи санҷидашавандаи объектҳо ва ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ**
**Figure 1. Verifiable relationship of objects and accounting accounts**




Ҳисобҳо яке аз ихтирооти моҳиронаи инсоният ба шумор мераванд. Бо истифода аз онҳо ва навишти дутарафа, имкони беназири тавсифи тамоми далелҳои ҳаёти молиявию иқтисодӣ аз рӯи низоми мувофиқ мавҷуд аст, ки имкон медиҳад, баҳисобгирии бухгалтерӣ тавре сурат гирад, то натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳо новобаста аз намуди он ва шакли ташкилию ҳуқуқии ё мансубияти соҳавӣ ташаккул ёбанд.

Аммо, сарфи назар аз аҳаммияти ҳисобҳои баҳисобгирӣ, масъалаҳои назариявӣ, методологӣ, ташкилӣ, методӣ ва амалии татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи зарурӣ дода намешавад ва онҳо дар адабиёти махсус фарогирии муназзам ва мунтазамро ба даст наовардаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар мавзуи баҳисобгирӣ ва нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар Федератсияи Россия, Украина, Ҷумҳурии Беларус ва дигар кишварҳо даҳҳо рисолаҳо таҳия ва ҳимоя карда шуданд. Олимон дараҷаҳои илмии доктори илм ва номзади илми иқтисодро дарёфт кардаанд, аммо дар ин раванд мо ба пешравие ноил нагардидаем. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои ташаккул ва истифодаи низоми миллии ҳисобҳои баҳисобгирӣ ва нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирӣ хеле муҳим буда, таҳқиқоти минбаъдаи амиқ ва ҳамаҷонибаро тақозо мекунанд [3,с.165].

Дар тули муддати тулонӣ эътироф карда шудааст, ки ҳар як ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ рақам (рамз), ном, дебет, кредит, гардиш ва тавозун дорад, ки онҳо дар адабиёти махсус муфассал шарҳ дода шудаанд [7]. Аммо, ба ин мафҳумҳо, ба назари мо, бояд майдони амалиётиро низ илова карда шавад. Он қисми ҳисоби муҳосибиеро, ки дар байни бақияи ибтидоӣ ва гардиши он ҷойгир аст, аз ҷониби дебет ва кредитии ҳисоб ифода мекунад ва барои инъикос (сабт)-и афзоиш ва коҳиши объекти баррасишаванда дар натиҷаи молиявӣ-хоҷагӣ истифода мешавад, майдони амалиётӣ номидан ба мақсад мувофиқ аст.

Рӯйхати муназзами ҳисобҳои баҳисобгирӣ бо ҳуҷҷати муҳимтарин - нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирӣ ба танзим даровярда мешавад [1].

Он дар асоси стандартҳои миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии баҳисобгирӣ, инчунин, таснифоти ҳисобҳо аз рӯи мундариҷаи иқтисодӣ таҳия шуда, бо фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон саравал аз 5 марти соли 2004, таҳти №2 тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дода шудааст. Бо фармони №41 аз 27 майи соли 2011 ба нақшаи ҳисобҳо тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст. Нақшаи мазкур барои ҳама субъектҳое, ки баҳисобгирии муҳосибиро бо усули навишти дутарафа мегузаронанд, ягона ва ҳатмӣ мебошад (ба истиснои онҳое, ки стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявии бахши давлатиро истифода мебаранд).

Нақшаи умумии ҳисобҳои баҳисобгирӣ модели иттилоотии рушд ва заминаи ташаккули системаҳои иттилоотии субъектҳои иқтисодии иқтисоди бозорӣ мебошад. Он сохтори мураккаби иерархӣ буда, унсурҳои зеринро дарбар мегирад: бахш, синф ва гурӯҳи ҳисобҳои баҳисобгирӣ, ҳисоб ва зерҳисоб, ки сатҳҳои гуногун доранд ва ба ҳам наздиканд (расми 2).

**Расми 2. Нақшаи умумии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ**
**Figure 2. The general scheme of accounting accounts**




Муқоисаи нақшаи ҳисоб ва санадҳои меъёрии кишварҳо [8] нишон медиҳад, ки он ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмун яке аз мураккабтарин аст. Синфҳои баҳисобгирӣ чунин гурӯҳбандӣ шудаанд: синфҳои 1-3 синфҳо вобаста ба моддаҳои

---

[1] Бояд қайд кард, ки чунин қоидаҳо дар дигар кишварҳо номҳои гуногун доранд: -Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилотҳо - Федератсияи Россия; - Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ - Ҷумҳурии Беларус ва Қазоқистон; - Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии дороиҳо, сармоя, уҳдадориҳо ва амалиёти тиҷоратии корхонаҳо ва ташкилотҳо - Украина;- Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектҳои хоҷагидор - Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон; - Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (ба истиснои муассисаҳои буҷетӣ) - Ҷумҳурии Қирғизистон; - Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ - Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Эстония; - Нақшаи ягонаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳо, ширкатҳо ва ташкилотҳо - Ҷумҳурии Латвия; - Нақшаи умумии ҳисобгирии муҳосибӣ - Ҷумҳурии Фаронса ва ғ.

ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ ва синфҳои 4-6 вобаста ба моддаҳои ҳисобот оид ба фоида ва зарар. Чи тавре таҳқиқоти мо нишон дод, дар нақшаи амалкунанда ҳисобҳо вобаста ба даромади умумии дигар, ҳисобҳои баҳисобгириии истеҳсолӣ ва ҳисобҳои ғайритавозунӣ мавҷуд нестанд. Мо ҳисоби фосилавии 77000 "Маҷмуаи даромад ва хароҷот"-ро ҳамчун синф, ҳисоб ё зерҳисоб ба назар намегирем, зеро ин ҳисоби муваққатиест, ки ҳаргиз бақия надорад. Ба ғайр аз ин, ҳисоби 33400 "Ҳиссаи ақкалият" низ ба сифати синф, ҳисоб ё зерҳисоб баромад намекунад, чунки дар он объектҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки бақияашон дар тавозуни алоҳида инъикос намегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи ҳисобҳои (ягонаи) нав кайҳо боз истифода шуда, шумораи онҳо вобаста ба дастурҳои методологӣ гуногун буданд. Дар муддати тулонии истифодабарӣ он доимо коҳиш меёфт, аммо ҳангоми гузариши баҳисобгирии дохилӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ якбора афзоиш ёфт. Ҳамин тавр, дар нақшаи ҳисобҳои соли 1940-ум 124 ҳисоб ва 80-зерҳисоб (шумораи умумии онҳо 204-то), дар нақшаи ҳисобҳои 1954 -79 ҳисобҳо ва 142-зерҳисобҳо (дар маҷмуъ 221) буданд. Дар нақшаи ҳисобҳои соли 1959 шумораи ҳисобҳо ба 62 кам ва зерҳисобҳо ба 87 (дар маҷмуъ 149) кам шуданд. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии амалкунанда, ки соли 2004 ва соли 2011 қабул гардидааст, мутаносибан 176 ҳисоб, 26 зерҳисоб ва 181 ҳисобу 20 зерҳисобро дар бар мегирад (шумораи умумии онҳо 202 ва 201), ки тамоюли умумии ихтисори шумораи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобҳои иловагиро инъикос мекунад.

Таваҷҷуҳи муайяни илмӣ-иттилоотӣ муқоисаи хусусиятҳои миқдории (нишондиҳандаҳои) нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирӣ ва диаграммаҳои стандартии ҳисобҳои баҳисобгирии кишварҳои дигарро дарбар мегирад (ба ҷадвал нигаред).

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаи нақшаи ҳисбҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар кишварҳои гуногун**

**Table 1. Indicators of the plan of accounting calculations in different countries**

| Кишвар | Миқдор | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Синф (қисм)-и ҳисобҳо | Гурӯҳи ҳисоб | Миқдори ҳисоб | Миқдори зерҳисоб | Миқдори умумии ҳисоб ва зерҳисоб |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7 | 42 | 181 | 20 | 201 |
| Федератсияи Россия | 9 | 0 | 73 | 62 | 135 |
| Ҷумҳурии Белорус | 8 | 0 | 79 | 78 | 157 |
| Украина | 0 | 0 | 87 | 258 | 345 |
| Ҷумҳурии Қазоқистон | 8 | 53 | 178 | 0 | 178 |
| Ҷумҳурии Молдова | 9 | 32 | 148 | 309 | 457 |

Дар натиҷа, мо ба хулосаи асосноке омадем, ки дар байни онҳо фарқиятҳои назаррас мавҷуданд. Ҳамин тавр, масалан, шумораи ҳисобҳо дар нақшаи ҳисобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 181 адад ва дар Русия бошад 73 адад, яъне дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якуним маротиба зиёдтар аст; шумораи зерҳисобҳо бошад, мутаносибан 20 ва 62 ё тақрибан се маротиба кам мебошад, сарфи назар аз он, ки миқёс, шумораи соҳаҳо, сатҳи рушд, ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нишондиҳандаҳои шабеҳи иқтисодиёти Федератсияи Русия, Украина, ҷумҳуриҳои Белоруссия, Қазоқистон ва Молдова хело камтар аст.

Тавре таҳлили назария ва амалияи муосири баҳисобгирии Тоҷикистон нишон медиҳад, нақшаи ҳисобҳои он дар маҷмуъ, бисёр корбаронро қаноатманд мекунад, аммо дар айни замон, ба такмили минбаъда ниёз дорад. Ҳамин тавр, ба фарқ аз дигар кишварҳо, он тафсири васеъ дорад, аз ҷумла ҳар як гурӯҳи ҳисобҳо бо ҳисобҳои асосӣ ва зерҳисобҳо пешниҳод гардида, аз рӯи сохтор ба моддаҳои ҳисоботи молиявӣ – ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ ва ҳисобот оид ба даромади умумӣ мувофиқат менамояд. Вобаста ба истифодаи нақшаи ҳисобҳо, дастурамали муфассал тартиб дода шуда, навиштаҳои

асосии намунавӣ оварда шудаанд. Ҳамзамон, ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба қисмҳо ҷудо мегарданд. Қисми II ин санади меъёрии батанзимдаровардашуда, на ба таври худсарона тахия гардида ба монанди нақшаи нави ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ва бинобар ин, унвони дурусти ин бахш чунин аст. Новобаста аз маълумоти дар боло овардашуда, якҷоя кардани қисмҳои I ва III ба як санади дигари (алоҳидаи) меъёрӣ бо номи "Дастурамалҳои методӣ оид ба истифодаи нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ" ба мақсад мувофиқ аст.

Нақшаи умумии баҳисобгирии муҳосибӣ нишон медиҳад, ки он аз се қисм иборат аст:

- I. Муқарраароти умумӣ; II. Рӯйхати ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; III. Хусусиятҳо ва тартиби истифодаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ.
- 6 синфро дар бар мегирад: 1. дороиҳо; 2. уҳдадориҳо; 3. сармояи худӣ; 4. даромади амалиётӣ; 5. хароҷоти амалиётӣ; 6. даромад ва хароҷоти ғайриамалиётӣ ва 7. ҳисоби муваққатии маҳкамкунии даромад ва хароҷот.

Ба ақидаи мо, ин ду изҳорот якдигарро инкоркунанда ва бо ҳам зид мебошанд. Метавон хулоса намуд, ки ҳамаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии дар боби II зикршудаи нақшаи умумӣ, ба 7 синф тақсим карда шудааст ва онҳо дар изҳороти дуюм оварда шудаанд. Аз ин ду изҳорот бар меояд, ки нақшаи ҳисобҳоро ҳамчун санади меъёрӣ чунин тавсиф намудан мумкин аст:

- Руйхати муназзами ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва меъёрҳои методологии онҳо;
- рӯйхати муназзами ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ.

Таҳлили объективии тафсири якум (васеъ)-и нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ нишон медиҳад, ки он бо нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирӣ зид мебошад. Сабаби зиддият дар он зоҳир мегардад, ки ин ду тафсири нақшаи ҳисобҳо аз рӯи шумораи унсурҳои сохторӣ ба таври ҷиддӣ фарқ мекунанд: тавсифи якум, асосан се унсур (I. муқарраароти умумӣ; II. рӯйхати ҳисобҳои баҳисобгирӣ; III. хусусиятҳо ва тартиби татбиқи ин ҳисобҳо) ва тавсифи дуюм бошад, танҳо як унсур (I. рӯйхати ҳисобҳои баҳисобгирӣ), ки маҷмуи оптималии ҳисобҳои куллӣ ва ҷузъии барои самаранокии баҳисобгирии муҳосибӣ ва қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии истифодабарандагон зарурбударо дарбар мегирад

Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҷамъбасти маълумот дар бораи фарсудашавӣ ва истеҳлоки дороиҳои гуногун 10 зерҳисобро дарбар мегирад (11100 "Фарсудашавии воситаҳои асосӣ"(Ҷамъ 8 зерҳисоб), 11290 "Сарфшавии ҷамъшудаи захираҳои табиӣ", 11390 "Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ". Аммо, бо татбиқи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СБҲМ (IAS) 36, ҷорӣ шудани муқарраароти СБҲМ (IFRS) 9 зарурияти ба ҳисоб гирифтани камнархшавии дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии дарозмуддат, тағйирёбии арзиши одилонаи воситаҳои молиявӣ ба миён омад. Дар робита ба ин, мо пешниҳод менамоем, ки зерҳисобҳои алоҳидаи "Камнархшавии арзиш" ва "Тасҳеҳи арзиши одилона" кушода шавад, зеро онҳо ҳамчун фарқиятҳои куллии байни мафҳуми муосири баҳисобгирии дороиҳои дарозмуддат ва тафсири пеш аз ислоҳот баромад мекунанд. Камнархшавии воситаҳои асосӣ – ин гум кардани арзиши тавозунӣ бо таъсири омилҳои бозорӣ мебошад ва онро набояд ҳамчун фарсудашавӣ шинохт. Ба ибораи дигар, фарсудашавӣ раванди ҷисмонӣ аст, ки ба иқтисодиёти корхона танҳо пас аз гум шудани баъзе хусусиятҳои ибтидоии объект таъсир мерасонад ва он бояд аз ҳисоб бароварда шуда, ба ҷои он объекти нав харидорӣ карда шавад. Баръакс, коҳиши арзиши воситаҳои асосӣ равандест, ки бо сабабҳои ҷисмонӣ не, балки иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст: аз як тараф, тағйирёбии арзиши одилонаи бозорӣ ва аз тарафи дигар, аз даст рафтани арзиши тавозунӣ бо таъсири омилҳои дигар мебошад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки баҳисобгирии алоҳидаи камнархшавии арзиши дороиҳои дарозмуддат, мувофиқи мақсад аст.

Барои такмили минбаъда ва фаъолияти оптималии низоми баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳо ва пешниҳодҳои зерини мо метавонанд манфиати илмӣ ва амалӣ дошта бошанд:

- номи нуҳ синфҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ дар асоси истифодаи ду аломатҳои мухталиф: навъи объектҳо ва намуди ҳисобҳои баҳисобгирӣ таҳия карда шаванд. Аломати аввал, дар синфҳои зерини ҳисоб истифода мешавад: 1. “дороиҳо”; 2. “уҳдадориҳо”; 3. “сармояи худӣ”; 4. “даромади амалиётӣ”; 5. “хароҷоти амалиётӣ”; 6. “даромад ва хароҷоти ғайриамалиётӣ”; 7. ”маҷмуаи даромад ва хароҷот”, дуюм, дар синфи ҳисобҳо 8. “баҳисобгирии истеҳсолӣ” ва 9. “даромади умумии дигар”. Яъне, номҳои синфҳои ҳисоби 1-7 намудҳои объектҳои баҳисобгириро нишон медиҳанд (дар ҳисобҳо чӣ бояд дарҷ гардад), синфҳои 8 ва 9 бошад, намудҳои ҳисобҳои баҳисобгирии барои истифода тавсияшаванда.
- нақшаи умумии ҳисобҳои баҳисобгирӣ, яксонии ҳамаи ҳисобҳои куллии онро ба вуҷуд меорад. Дарвоқеъ, он ду маҷмуи ҳисобҳои баҳисобгирии сифатан гуногунро дар бар мегирад: аввал, ҳисобҳои синфҳои 1-7 ва дуюм, ҳисобҳои синфи 9 дохил мешаванд. Аз ин рӯ, омезиши онҳо ба як маҷмуи сатҳи баландтар, тавре, ки дар ин санади меъёрӣ иҷро шудааст, ғайри қобили қабул аст. Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо назардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар ин соҳа, ҳисобҳои ҷории ғайритавозунӣ бояд дар нақшаи ҳисобҳо замимаи алоҳида дода, ба онҳо рамзҳои се рақама (001, 002 ва ғ.) дода шавад.
- синфи 8 "Ҳисобҳои баҳисобгирии истеҳсолӣ"-и нақшаи ҳисобҳо 6 гурӯҳи ҳисоби дорои мазмуни гуногуни иқтисодиро бояд дарбар бигиранд. Онҳо ду гурӯҳи гуногунбунёдро ташкил медиҳанд: аввал, ҳисобҳои 81100 "Истеҳсолоти асосӣ" , 81200 "Нимфабрикатҳои истеҳсоли худӣ", 81300 "Истеҳсолоти ёрирасон", 81400 "Хароҷоти бар иловаи истеҳсолӣ", 81500 "Маҳсулоти ноқис" ва дуюм, 81600" Ҳисоби интиқолӣ". Ҳисобҳои гурӯҳи якум бо идоракунии истеҳсолот муносибати хеле наздик доранд. Аз ин рӯ, номи ин синфи ҳисобҳоро ҳисобҳои баҳисобгирии истеҳсолӣ номидан комилан дуруст аст. Ба мақсад мувофиқ будани чунин тағйиротро ба мафҳуми «ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ» ва тафсири он, ки дар адабиёти махсус комилан вуҷуд надорад, нисбат додан мумкин аст.

Истифодаи амалии пешниҳодҳои дар боло овардашуда оид ба такмили минбаъдаи нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ ба баланд бардоштани сифат ва самаранокии он, беҳтар намудани таъминоти иттилоотии идоракунӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ ва рушди бомуваффақияти иқтисоди бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Малюга Н.М. Генезис научной мысли о сущности счетов бухгалтерского учета: библиометрический анализ / Н.М. Малюга, Е.П. Боримская // Международный бухгалтерский учет. - 2011. -№23. -С.40-54.
2. Мельник М.В. Формирование системы показателей для информационного обеспечения управления устойчивым развитием экономического субъекта / М.В. Мельник // Учет. Анализ. Аудит. - 2015. -№1. -С.34-44.
3. Мирзоалиев А.А. Информация о чистой прибыли и прочего совокупного дохода: важность для принятия решений / А.А. Мирзоалиев, А.Дж. Шаропов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2018. -№3(24). -С.160-165.
4. Оленин А.Н. Краткое рассуждение о бухгалтерии и в особенности о бухгалтерии казенных мест / А.Н. Оленин. -СПб., 1810. -65 с.
5. Соколов Я.В. Основы теории бухгалтерского учета / Я.В. Соколов. -М.: Финансы и статистика, 2003. -496 с.
6. Соколов Я.В. Бухгалтер - профессия молодых / Я.В. Соколов, С.А. Стуков. -М.: Финансы и статистика, 1987. -126 с.
7. Цыганков К.Ю. Начала теории бухгалтерского учета, или баланс, счета и двойная запись: монография / К.Ю. Цыганков. -М.: Магистр: Инфра-М, 2011. -381 с.
8. Щербатюк В.В. Бухгалтерские счета и их Планы в зарубежных странах / В.В. Щербатюк. -Кишинев: Европейский университет Молдовы, 2016. -232 с.


## НАҚШАИ ҲИСОБҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА САМТҲОИ ТАКМИЛИ ОН

Дар низоми муосири баҳисобгирии ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ҳисобҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Онҳо сарчашмаи муҳимтарини маълумоти мукаммалтарин ва боэътимод барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, инчунин, таҳия ва қабули қарорҳои оптималии дурусти идоракунӣ мебошанд. Нақшаи нави ҳисобҳо дар Тоҷикистон барои расидан ба ин ҳадаф бори аввал соли 2004 таҳия ва минбаъд дар соли 2011 таҳрир гардидааст, аммо он камбудиҳои назаррас дорад, ки ба сифат ва самаранокии равандҳои баҳисобгирӣ ва назорат таъсири манфӣ мерасонанд, ки он муҳиммияти мақолаи мазкурро инъикос

менамояд. Таҳқиқоте, ки муаллифон анҷом додаанд, солҳои 2017–2020 гузаронида шудааст. Дар айни замон, усулҳои умумии илмӣ (муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия, абстраксия, гурӯҳбандӣ, моделсозӣ, равишҳои мантиқӣ ва систематикӣ), усулҳои илмҳои махсуси иқтисодӣ (ҳуҷҷатгузорӣ, навишти дутарафа, ҳисобҳои баҳисобгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ғ.) ва сарчашмаҳои гуногуни иттилоот (қоидаҳо, адабиёти махсуси ватанӣ ва хориҷӣ) истифода гардиданд. Дар мақола тавсифи мухтасар оиди ҳисобҳои баҳисобгирӣ дода шуда, робитаи байни онҳо ва объектҳои баҳисобгирӣ ифода ёфтааст, инчунин, бори аввал мафҳуми нави «майдони амалиётӣ» пешниҳод ва мазмуни он шарҳ дода мешавад. Хусусиятҳои фарққунандаи нақшаи ҳисобҳои ба наздикӣ муаррифишуда ва истифодашаванда муфассал оварда шуда, таҳлили муқоисавии он бо назардошти чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Федератсияи Россия, Украина, Ҷумҳурии Беларус, Қазоқистон ва Молдова гузаронида мешавад. Муқаррароти асосии методологии нақшаи ҳисобҳо аз нигоҳи интиқодӣ арзёбӣ карда шуда, як қатор пешниҳодҳои муҳим барои рушди минбаъдаи он дар шароити гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ муаррифӣ ва асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти бадастомада пешниҳодоти дигар олимонро мукаммал ва инкишоф медиҳад. Дар оянда таҳия ва татбиқи нақшаи ягонаи ҳисобҳои ҷаҳонӣ (байналмилалӣ) барои ҳама кишварҳо мувофиқи мақсад аст, аммо омилҳои мухталифи хусусияти сиёсӣ, молиявӣ, ташкилӣ-методӣ ва методӣ барои татбиқи ин ҳадаф монеъ мешаванд.

**Калидвожаҳо:** ҳисобҳои баҳисобгирӣ, нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирӣ, майдони амалиётӣ, модели иттилоотӣ, сохтори зинавӣ, низоми баҳисобгирии миллӣ.

## ПЛАН БУХГАЛТЕРСКИХ СЧЕТОВ И НАПРАВЛЕНИЯ ПО ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЮ

Счета играют важную роль в современной системе бухгалтерского учета всех стран мира. Они являются важнейшим источником наиболее полной и достоверной информации для подготовки финансовой отчетности, а также разработки и принятия оптимальных управленческих решений. Новый план счетов в Таджикистане был впервые разработан в 2004 году и впоследствии пересмотрен в 2011 году для достижения этой цели, но он имеет существенные недостатки, которые отрицательно сказываются на качестве и эффективности процессов бухгалтерского учета и контроля, что отражает актуальность данной статьи. Исследование автора проводилось в 2017–2020 гг. При этом использовались общенаучные методы (сравнение, анализ, синтез, индукция, дедукция, абстракция, классификация, моделирование, логический и систематический подходы), методы специализированных экономических наук (документация, двойная запись, бухгалтерский учет, отчетность и др.), и различные источники информации(правила, специальная отечественная и зарубежная литература). В статье дается краткое описание счетов, взаимосвязи между ними и объектами учета, а также впервые вводится новое понятие «операционное поле» и разъясняется ее содержание. Подробно описаны отличительные особенности недавно внедренного и применяемого плана счетов, проведен его сравнительный анализ с учетом таких правовых актов Российской Федерации, Украины, Республики Беларусь, Казахстана и Молдовы. Критически оценены основные методологические положения плана счетов, представлен и обоснован ряд важных предложений по его дальнейшему развитию в контексте перехода на Международные стандарты финансовой отчетности. Результаты исследования дополняют и развивают рекомендации других ученых. В будущем желательна разработка и внедрение единого плана глобальных (международных) счетов для всех стран, но реализации этой цели препятствуют различные факторы политического, финансового, организационного, методологического и методологического характера.

**Ключевые слова:** бухгалтерская отчетность, план счетов, операционное поле, информационная модель, иерархическая структура, национальная система бухгалтерского учета.

## ACCOUNTING PLAN AND DIRECTIONS FOR ITS IMPROVEMENT

Accounts play an important role in the modern accounting system of all countries of the world. They are the most important source of the most complete and reliable information for the preparation of financial statements, as well as the development and adoption of optimal management decisions. The new chart of accounts in Tajikistan was first developed in 2004 and subsequently revised in 2011 to achieve this goal, but it has significant shortcomings that negatively affect the quality and efficiency of accounting and control processes, which reflects the relevance of this article. The author's research was conducted in 2017–2020. In this case, general scientific methods were used (comparison, analysis, synthesis, induction, deduction, abstraction, classification, modeling, logical and systematic approaches), methods of specialized economic sciences (documentation, double entry, accounting, reporting, etc.), and various sources information (rules, special domestic and foreign literature). The article gives a brief description of accounts, the relationship between them and accounting objects, as well as for the first time introduces a new concept "operational field" and explains its content. The distinctive features of the recently introduced and applied chart of accounts are described in detail, its comparative analysis is carried out taking into account such legal acts of the Russian Federation, Ukraine, the Republic of Belarus, Kazakhstan and Moldova. The main methodological provisions of the Chart of Accounts were critically assessed, a number of important proposals for its further development in the context of the transition to International Financial Reporting Standards were presented and substantiated. The research results complement and develop the recommendations of other scientists. In the future, it is desirable to develop and implement a single plan of global (international) accounts for all countries, but the implementation of this goal is hindered by various factors of a political, financial, organizational, methodological and methodological nature.

**Keywords:** accounting statements; Chart of accounts; operating field; information model; hierarchical structure; national accounting system.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳалимов Парвиз Абдувакилович*** **-** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит. **Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ, 1/2. Телефон: **935-35-00-37**
***Бобишоев Муҳиддин Нарзуллоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит. **Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ, 1/2. Телефон: **934-44-47-08**

**Сведения об авторах:** ***Халимов Парвиз Абдувакилович*** **-** Таджикский государственный университет коммерции, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти, 1/2. Телефон: **935-35-00-37**
***Бобишоев Мухиддин Нарзуллоевич*** - Таджикский государственный университет коммерции, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти, 1/2. Телефон: **934-44-47-08**

**Information about the authors:** ***Khalimov Parviz Abduvakilovich*** - Tajik State University of Commerce, Senior Lecturer, Department of Accounting and Audit. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dehoti street, 1/2. Phone: **935-35-00-37**
***Bobishoev Mujiddin Narzulloevich*** - Tajik State University of Commerce, Senior Lecturer, Department of Accounting and Audit. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dehoti street, 1/2. Phone: **934-44-47-08**

ТДУ: 331.482

# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ


***Файзалиев Д.Р.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав**


Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон таъкид намуданд: «Ҳар як ваҷаб замини корам бояд омили муҳимми таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар дониста шавад» [7,с.18-20].

Таъмини ҳифзи амнияти озуқаворӣ вазифаи муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ буда, ҳалли он дар ҷумҳурӣ аҳаммияти муҳим дорад. Самти муҳимми таъмини ҳифзи амнияти озуқаворӣ, ин рушди комплекси агросаноатӣ буда, дар асоси амалӣ намудани натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ ва технологияи муосир ва баланд бардоштани маҳсулнокии замин ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба даст оварда мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати таъмини бехатарии миллии давлат, муҳайё намудани шароит барои расидан ба ҳадафҳои стратегии он, инчунин, паст намудани сатҳи камбизоатӣ равона мегардад. Дар шароити рушди истеҳсолоти кишоварзӣ зарурати такмили таҷҳизоти техникии соҳа - ҳамчун заминаи моддии афзоиши истеҳсоли маҳсулот, истифодаи технологияҳои интенсивӣ, истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ба миён меояд. Ин мушкилот махсусан барои зерсоҳаи ғаллапарварӣ, ки манбаи асосии таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ мебошад ва дар бахши кишоварзии иқтисоди ватанӣ ҷойгоҳи намоёнро ишғол мекунад, шадид аст. Барои зермаҷмааи ғалладонагӣ, ки соҳаи асосӣ барои таъмин намудани яке аз ҳадафҳои асосии кишвар – ҳифзи аманияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат нақши калон дорад, баландшавии арзиши воситаҳои асосӣ, паст гардидани ҳосилнокии ғалладонагиҳо, аз кор рафтани кадрҳои соҳибхтисос ва дар натиҷа - талафот ва зараровар будани баъзе хоҷагиҳои деҳқонӣ хос аст [6,с.74-76].

Таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи бехатарии иқтисодии мамлакат дар қатори расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат, ки ҳамчун ҳадафҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ муаррифӣ гардидаанд, нақши беандоза муҳимми худро дар пешрафти иқтисоди миллии мамлакат мебозанд. Новобаста аз оне, ки дар шароити ҳозира масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо яке аз масъалаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад, муҳиммияти ин масъала дар сатҳи локалӣ (минтақа) коҳиш наёфта, баръакс рӯз аз рӯз яке аз масъалаҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ боқӣ мемонад. Зеро, маҳз таъмини талаботи ҳаррӯзаи аҳолӣ бо маводи озуқаи худӣ аз рушди иқтисодӣ – иҷтимоии мамлакат вобастагӣ дорад. Маҳз рӯзмарра ва ҳалталаб будани масъалаи мазкурро ба назари эътибор гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ (аз он ҷумла аз 26.01.2021с.) қайд намуданд, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷаҳонии имрӯза, мо минбаъд низ бояд тарзе кору фаъолият намоем, ки ба ҳар гуна мушкилоти эҳтимолӣ омода бошем ва нагузорем, ки мардумамон аз норасоии маводи ғизоӣ танқисӣ кашанд. Як нуктаро қайд намудам лозим аст, ки дар марҳилаи кунунӣ, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ аҳаммияти миллию байналмилалиро касб менамояд ва дар бисёр давлатҳо на танҳо ҳамчун масъалаи иқтисодию иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, балки ба яке аз мавзуи муҳимми сиёсии кишварҳои алоҳида табдил ёфта истодааст [3,с.4].

Бинобар ин, интихоби дурусти зироат ва истифода аз технологияи нави муосир ҷиҳати истифодаи сарфакоронаи коркарду парвариши онҳо ба манфиати кор аст. Таҳқиқотҳои илмӣ исбот намудааст, ки инсоният 40%-и талаботи организми худро аз ҳисоби сафедаҳо ва 50%-и онро аз карбогидратҳо ба воситаи маҳсулоти ғаллагӣ таъмин карда метавонад. Баҳри таъмини аҳолӣ бо озуқаи хушсифату аз ҷиҳати экологӣ тоза тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, бо ин мақсад «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

амнияти озуқаворӣ» ва «Барномаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2024» қабул гардидаанд. Ин иқдом барои амалӣ ва муайян кардани самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ, ки вобаста ба таъмини амнияти иқтисодӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад, бо меъёрҳои байналмилалӣ ва дохилӣ равона гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ҳарсолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зимни сафарҳои корӣ ба шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ба масъулини соҳаҳои кишоварзӣ доир ба зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот, васеъ намудани майдони киштзор ва боғу токзор супориш ва дастурҳои мушаххас медиҳанд [8,с.3]. Дар ин росто барои таъмин намудани амнияти озуқаворӣ дар мамлакат, ба ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандон ва барои беҳтару хубтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ аз ҳар як оила, кишоварзон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ вобастагии зиёд дошта, барои истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ ва бо ҳамин роҳ гирифтани то се – чор ҳосил аз мақсад дур нест. Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ давраи ислоҳоти иқтисодӣ оғоз гардида, аз соли 1992 инҷониб марҳилаи ба деҳқонон қисман ҷудо намудани заминҳои минтақаи кӯҳистон ва назди кӯҳӣ оғоз гардид. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995, таҳти №342 ва аз 1 декабри соли 1997, таҳти №874 75 ҳазор гектар замин барои истифода ба хоҷагидорон ҷудо карда шуд, ки ин амал ба таъминоти аҳолӣ бо озуқа мусоидати калон намуд. Бо мақсади истифодаи пурсамар ва оқилонаи захираҳои замин ва об, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1996, таҳти №522 «Дар бораи таҷдиди корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ» қабул гардид ва дар раванди татбиқи он супориши давлатӣ ва нархи маҳсулоти кишоварзӣ озод эълон гардид, ки ин ба соҳибихтиёрии хоҷагидорон барои парвариши маҳсулот мусоидат намуд. Қабул гардидани аснодҳои мазкур боиси он гардид, ки як қисми бекори аҳолӣ ба кор ҷалб гардида, барои ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар такони ҷидди бахшад. Ҳамчунин, пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ низоми муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворӣи ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Тавре, ки маълум аст, таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар танҳо дар сурате амалӣ карда мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ҳарчи бештар афзоиш дода, аз моводи ғизоии воридотӣ вобастагӣ камтар карда шавад [2,с.8-10]. Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои афзалиятноки стратегӣ ба ҳисоб рафта, дар ин бобат бахри расидан ба мақсадҳое, ки ба беҳтаршавии зиндагии сокинони кишвар мусоидат мекунанд, тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Дар ин давра барои расидан ба ин мақсад санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла даҳҳо барномаҳои давлатӣ қабулу амалӣ гардида истодаанд, ки ба беҳтаршавии сатҳи зиндагии мардум дар кишвар мусоидати калон менамояд. Таъмини амнияти озуқаворӣ дар баробари таъмини амнияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноъатикунонии босуръати мамлакат яке аз афзалиятҳое мебошад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳои сатҳи олӣ аз ҳамаи имконияту сарчашмаҳо самаранок истифода менамояд. Таъмини амнияти озуқаворӣ аз як қатор омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва экологӣ вобастагии калон дорад, зеро барои расидан ба яке аз сатҳои муҳимми стратегӣ дар кишвар, амнияти озуқаворӣ рушди устувори кишоварзӣ, истифодаи самараноки захираҳои замину об ва роҳандозӣ намудани системаи технологӣ дар кишвар имкон пазир аст. Дараҷаи амнияти озуқаворӣи кишвар аз иқтидори базавии истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагӣ калон дорад ва сиёсати аграрӣ дар доираи таъминоти амнияти озуқаворӣ бояд ба дастгирии ҳамаҷонибаи молистеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ бо истифодабарии стратегияи протексионизми аграрӣ равона карда шавад. Бо дарназардошти ин омилҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад, ки амнияти озуқаворӣи кишварро дар доираи ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушд ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъмин намояд. Тибқи маълумотҳои оморӣ, дар тамоми сайёраи замин зиёда аз 854 млн нафар одамон аз гуруснагӣ ва камбудии ғизо ранҷ мебаранд, ки бартараф намудани ин мушкили кӯшиш ва заҳматҳои зиёдеро аз ҷониби ташкилотҳои ёрирасони байналмилалӣ талаб мекунад. Ба

андешаи мутахассисон, амнияти озуқаворӣ дар ҳолате таъмин мегардад, ки миқдори истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар дохили давлат ба талаботи мардум ҷавобгӯ буда, 20%-и он барои захира басанда бошад. Дар ҳолати нарасидани маҳсулоти дохилӣ давлат ё аҳолӣ қудрати харидории ин намуди маҳсулоти хӯрокворииро бояд аз дигар кишвар дошта бошанд. Имрӯз проблемаи амнияти озуқаворӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд хеле шадид ва ҳатто фалокатбор шудааст. Омилҳои рӯ ба рӯ гардидани инсоният ба мушкилоти норасоии ғизои солимро таҳлилгарон дар афзоиши аҳолии сайёра, тақсимоти аҳолӣ ва шароити ҷуғрофӣ, инкишофи савдо ва нақлиёт, қафомонии мамлакатҳои рушдёбанда, вазъияти сиёсии ҷаҳон ва ғайра медонанд. Роҳҳои ҳалли ин мушкилиро олимон дар пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ медонанд. Бояд тазаккур дод, ки соҳаи кишоварзӣ бахши пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир новобаста аз таъсироти офатҳои табиӣ ва омилҳои буҳронӣ дар сатҳи зарурии устувор қарор дошта, ба ҳисоби миёна 23-25% маҷмуи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, то ҳол масъалаҳои муҳимми сиёсати аграрӣ, аз ҷумла номуайянии шаклҳои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ, ки дар бахши иқтисодӣ асосӣ ҳисобида мешаванд, баррасӣ нашудаанд. Бинобар ин, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва амалигардонии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2009, таҳти №663 «Дар бораи чораҳои иловагии дастгирии бахши кишоварзӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як қарори дигарро аз 2 июли соли 2009, таҳти №406 «Дар бораи таҳияи Барномаи ислоҳоти бахши кишоварзӣ» қабул намуд [10,с.104].

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло, бамаврид аст аз тадбирандешиҳои мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат баҳри расидан ба ҳадафи мавриди назар низ ёдовар шавем, ки дар шароити кунунӣ таваҷҷуҳ ба масоили мусоидаткунанда барои таъмини амнияти озуқаворӣ тамоюли афзоишро касб кардааст. Масалан, дар соҳаи кишоварзӣ лоиҳаи қонунҳо дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, дар бораи тухмипарварӣ, заминсозӣ, ҳосилхезгардонии замин, эмин доштани чарогоҳҳо ва ғайра таҳия гардиданд, ки заминагузори расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар мамлакат аст.

Доир ба ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти соҳа низ корҳои зиёд амалӣ шуданд. Аз ҷумла, фазои мукаммали ҳуқуқии соҳа кодексҳои гражданӣ, андоз, об, замин, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ», «Дар бораи байторӣ», «Дар бораи кооперативҳо», «Дар бораи зотпарварӣ», «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ», «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он», «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо», «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ», «Дар бораи чарогоҳ», «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об», «Дар бораи парандапарварӣ», «Дар бораи амнияти озуқаворӣ», «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» мавриди амал қарор доранд. Дар баробари ин, дар аксар кишварҳои ҷаҳон қисми зиёди аҳолӣ, аз ҷумла, дар кишвари мо зиёда аз 60%, дар соҳаи кишоварзӣ ва бахшҳои ба он алоқаманд шуғл меварзанд. Бинобар ин, нақши захираҳои замин ва об дар таъмини амнияти озуқаворӣ, ташкили ҷойҳои кор ва ба ин васила, беҳтар кардани шароити зиндагии мардум ниҳоят муҳим арзёбӣ карда мешавад [9,с.261]. Тибқи маълумотҳои оморӣ масоҳати умумии заминҳои обии ҷумҳурӣ 762,2 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки тибқи Консепсияи ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои оби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият мавҷуд аст, ки масоҳати заминҳои обиро то ба 1,6 млн. гектар расонем. Инчунин, таъкид намудан зарур аст, ки дар солҳои охир ба диверсификатсияи истеҳсолот тавассути ташкили шаклҳои устувори хоҷагидорӣ, кишти такрорӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва сердаромади содиротӣ, маҳсулоти воридотивазкунанда, васеъгардонии майдони кишти сабзавот ва бунёди боғу токзорҳои серҳосил таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.

Бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ барномаҳои маҷмуавии амнияти озуқаворӣ, ислоҳоти кишоварзӣ, рушди соҳаи чорводорӣ, барномаҳои махсуси соҳавии ташкил ва барқарорсозии яхдону сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, рушди соҳаи боғу токпарварӣ, қолинбофӣ, саноати сабук ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи пешрафта дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тибқи «Стандарти байналмилалии «Global G.A.P» қабул шудаанд. Ҳарчанд дастрасӣ ба

маҳсулоти ниёзи аввал дар кишвар беҳтар шуда бошад ҳам, рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити зуд тағйирёбандаи вазъи умумиҷаҳонии иқтисодиёт то дараҷае ноустувор боқӣ мемонад, ки ҳалли он ногузир аст [5,с.57]. Ба анҷом нарасидани ислоҳоти аграрӣ - обӣ ва номукаммалии механизмҳои батанзимдарории муносибатҳо вобаста ба замин ва об дар бахши аграрӣ, самаранок истифода набурдани заминҳои обёришаванда ва чарогоҳ заминаи қафомондаи моддӣ - техникии комплекси агросаноатӣ бо дастрасии маҳдуди корхонаҳо ба иттилоот оид ба бозор, инчунин, хатари зиёд барои рушди комплекси агросаноатӣ дар алоқамандӣ бо тағйироти бардавоми глобалии иқлим аз ҳамон ҷумлаанд. Тибқи маълумоти оморӣ, 73%-и аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот истиқомат дошта, аз ин ҳисоб 63%-и он дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд [4,с.62]. Маълумоти мавҷуда аз он шаҳодат медиҳад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 176 975 хоҷагии калон, миёна ва хурд машғул буда, дар робита ба ин месазад аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 5 марти соли 2007 ва дар таҳрири нав 31 декабри соли 2008 қабул гардида, ёдовар шавем. Дар он се роҳи дастгирии давлатии комплекси агросаноатӣ, ҷудо намудани субсидия (кумаки молиявӣ) аз ҳисоби буҷети давлатӣ, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва грантҳо барои рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ муқаррар гардидааст, ки ба рушди ин соҳа дар мамлакат мусоидати калон намуда, дар таъмини амнияти озуқаворechii кишвар нақши муассир мегузорад [1,с.143].

Хулоса баҳри расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ - таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар тамоми имконият, аз ҷумла, замин, об, заминаи мукаммали қонунгузорӣ ва муҳимтар аз ҳама, мардуми заҳматдӯст ва кишоварзони асилу соҳибтаҷриба дорем. Зарур аст, ки аз ин имконияту захираҳо ва усулҳои аҷдодии ба кишоварзӣ рабтдошта самараноку оқилона истифода барем. Ҳамон тавре ки Пешвои миллат таъкид карданд: «Мо бояд аз ҳарвақта бештар кор кунем, рӯзии худ ва аҳли хонадонамонро бо меҳнати ҳалол муҳайё намоем ва дар ҳифзи амнияти озуқаворechii кишвар саҳми муносиб гузорем».

**Муқарриз: н.и.и., достенти ДМТ – Тағоев Б.Д.**

**АДАБИЁТ**


1. Асроров З.У. Механизмҳои ташкилӣ – иқитсодии таъмини амнияти озуқаворӣ / З.У. Асроров. - Душанбе, 2015. -219 с.
2. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020. –С.8-10.
3. Исайнова М.Ҳ. Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) / М.Ҳ. Исайнова. -Душанбе, 2022. –С.4.
4. Наимов Б.Қ. Нақши соҳаи саноат дар амалишавии ҳадафҳои олии мамлакат / Б.Қ. Наимов // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» (13-14-уми июни соли 2023). –Хоруғ, 2023. –С.180-186.
5. Наимов Б.Қ. Рушди соҳаи боғпарварӣ - омили муҳим дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар / Б.Қ. Наимов // Маҷаллаи “Кишоварз”-и ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. – 2021. -№2. –С.74-78.
6. Наимов Б.Қ. Рушди соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи кишоварзӣ / Б.Қ. Наимов // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Иқтисодиёт, идоракунӣ ва молия дар КАС: ҳолат ва дурнамои рушди илм дар асри 21”. -Душанбе, 2021. –С.53-57.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои сиёсии дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 23. 12. 2019.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои сиёсии дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 21. 12. 2021.
9. Садриддинов Н.Т. Рушди самтҳои асосии афзалаиятноки соҳаи кишоварзӣ / Н.Т. Садриддинов, Б.Қ. Наимов. -Душанбе: Эр-граф, 2017. -261 с.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016. -104 с.


**ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ**


Дар мақолаи мазкур муаллиф роҳҳо ва имкониятҳои расидан ба таъмини амнияти озуқавориро дар мамлакат мавриди таҳлил қарор дода, чунин такид намудааст, ки потенсиали мавҷуда дар соҳаи кишварзӣ дар мамлакат ба мо имконият медиҳад, ки барои расидан ба ин ҳадафи олӣ аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намуда, ҳосилнокии маҳсулотҳоро баланд бардошта, талаботи истеъмолкунандагони дохилӣ таъмин карда шуда, заминаи содироти маҳсулотҳои ин соҳа ба хориҷ муҳайё карда шавад. Таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои афзалиятноки стратегии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки баҳри расидан ба аҳдофе, ки ба беҳтаршавии сатҳи зиндагии сокинони кишвар мусоидат

мекунанд, тадбирҳои зиёде андешида мешавад. Муаллиф дар мақолаи худ такид намудааст, ки пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқавории кишвар муайян шудааст. Ба ин мақсад масъалаҳои истифодаи оқилонаи замин, баланд бардоштани ҳолати мелиоративӣ ва ҳосилнокии он, содироти меваю сабзавот, аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа ҳисоб шудаанд. Дар мақолаи муаллиф чунин такид шудааст, ки амнияти озуқавории кишварро танҳо дар сурате таъмин карда метавонем, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худиро ҳарчи бештар афзоиш дода, аз маводи ғизоии воридотӣ камтар вобаста бошем. Воқеан дар бисёр ҳолатҳо таъмини бехатарии озуқавории ҷумҳурӣ аз самаранокӣ ва уствории рушди хоҷагии қишлоқ вобастагии калон дорад. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра барномаҳоро дар соҳаи кишоварзӣ барои расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар қабул намудааст.

**Калидвожаҳо:** амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, ҳадафҳои стратегӣ, дастгириҳои давлатӣ, комплекси агросаноатӣ, диверсификатсияи истеҳсолот.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ - ВАЖНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В данной статье автор проанализировал пути и возможности достижения продовольственной безопасности страны и подчеркнул, что существующий потенциал в сфере сельского хозяйства страны позволяет эффективно использовать все имеющиеся возможности для достижения этой цели: будут обеспечены потребности отечественных потребителей и создана база для экспорта продукции этой отрасли. Обеспечение продовольственной безопасности считается одной из приоритетных стратегических целей государства и Правительства Республики Таджикистан. Для достижения данных целей принимается множество мер, способствующих повышению уровня жизни жителей страны. В своей статье автор подчеркнул, что развитие сельскохозяйственного производства является важнейшим фактором обеспечения продовольственной безопасности страны. Для этого в число первоочередных задач входят вопросы рационального использования земель, улучшения их мелиоративности и продуктивности, экспорта плодоовощной продукции. В статье подчеркивается, что мы сможем обеспечить продовольственную безопасность страны только в том случае, если максимально увеличим производство собственной сельскохозяйственной продукции и будем меньше зависеть от импортных продуктов питания. Ведь во многих случаях обеспечение продовольственной безопасности республики во многом зависит от эффективности и устойчивости развития сельского хозяйства. В связи с этим Правительством Республики Таджикистан принят ряд программ в сфере сельского хозяйства для достижения продовольственной безопасности в стране.

**Ключевые слова:** продовольственная безопасность, развитие сельского хозяйства, стратегические цели, государственная поддержка, агропромышленный комплекс, диверсификация производства.

## ENSURING FOOD SECURITY - AN IMPORTANT FACTOR OF THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

In this article, the author analyzed the ways and possibilities for achieving food security in the country and emphasized that the existing potential in the country’s agricultural sector makes it possible to effectively use all available opportunities to achieve this goal. will be increased, the needs of domestic consumers will be met and a base will be created for the export of products from this industry. Ensuring food security is considered one of the priority strategic goals of the state and the Government of the Republic of Tajikistan, and to achieve the goals, many measures are taken to improve the standard of living of the country's residents. In his article, the author emphasized that the development of agricultural production is the most important factor in ensuring the country's food security. To this end, priority tasks include issues of rational use of land, improving their reclamation and productivity, and export of fruits and vegetables. The author’s article emphasizes that we can ensure the country’s food security only if we maximize the production of our own agricultural products and become less dependent on imported food products. Indeed, in many cases, ensuring the food security of the republic largely depends on the efficiency and sustainability of agricultural development. In this regard, the Government of the Republic of Tajikistan has adopted a number of programs in the field of agriculture to achieve food security in the country.

**Keywords:** ensuring food security, development of the agricultural sector, strategic goals, state support, agro-industrial complex, diversification of production.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Файзалиев Дилдорбек Раҳмоналиевич*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи менеҷмент ва идоракунии сайёҳӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **937-75-59-49**

**Сведения об авторе:** ***Файзалиев Дилдорбек Рахмоналиевич*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры менеджмента и управления туризма. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **937-75-59-49**

**Information about the author:** ***Faizaliev Dildorbek Rakhmonalievich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, teacher of the Department of Management and Tourism Administration. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. Phone: **937-75-59-49**

**УДК 338.242:332.1**

# РУШДИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ - АСОСИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

*Ятимзода Хуршед Мардон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Комплекси агросаноатӣ маҷмуаи мураккаби иҷтимоиву иқтисодӣ буда, аз сохторҳои гуногуни унсурҳое иборат аст, ки зерсистемаҳои онро ташкил медиҳанд. Дар ин система соҳаи кишоварзӣ ҳамчун ҷузъи маркази комплекси агросаноатӣ ҷойгоҳи муҳим дошта, асоси таъмини амнияти озуқавориро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи татбиқи «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №383 тасдиқ карда буд, ҳадафи таъмини «рушди истеҳсолоти кишоварзии сермаҳсул ва даромаднок дар асоси истифода ва идоракунии босуботи захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ»-ро дошт, субъектҳои хоҷагидори иқтисодиёти кишоварзӣ ҳам бо дастгирии давлат ва бештар дар асоси мутобиқ гардонидани фаъолияти худ ба муносибатҳову механизмҳои бозорӣ нисбатан ба рушди устувор ноил гаштанд» [3,с.3].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 25 июни соли 2020, таҳти рақами №386) «Барномаи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» тасдиқ шудааст, ки он барои ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ – таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар дар асоси омӯзиш, арзёбӣ ва ҳалли мушкилоти таъмини меъёрҳои амнияти озуқаворӣ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, дар пояи таъмини рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва комплеси агросаноатӣ равона шудааст” [2].

Бинобар ин, дар марҳалаи нави рушди мамлакат, барои таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ва минтақаҳои он зарурати гузариш ба сатҳи баланди индустриализатсияи соҳаи аграрӣ дар асоси баланд бардоштани муҳити сармоягузорӣ, ки ба таҷдиди техникиву технологии истеҳсолоти аграрӣ мусоидат менамояд, инчунин, такмили механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии комплекси агросаноатии мамлакат ва минтақаҳои он ба миён меояд” [9].

Воқеан ҳам таъмини рушди пурсамари комплекси агросаноатии ватанӣ вазифаи дорои аҳаммияти стратегӣ мебошад. Зеро аз рушди устувори ин комплекс дурнамои таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва минтақаҳои он вобастагӣ дорад. Ин дар замони муосир хеле муҳим мебошад, зеро суботи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар шароити ноустувори рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, бухронҳои пай дар пайи он ва болоравии нархи маҳсулоти озуқа, ки иқтисоди кишварамон аз таҳдидҳои он берун намебошад, аз баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии КАС ва амнияти озуқавории мамлакат вобастагӣ дорад.

Чи тавре аз ҳисоби маълумотҳои оморӣ айён аст, дар солҳои 2015-2021 ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ аз 27,4 то 39,8 млрд. сомонӣ ва ё 45,2% афзудааст. Маҳсулоти растанипарварӣ бошад, дар ин давра 44,2% ва маҳсулоти чорводорӣ 48,6% афзудааст. Соли 2021 ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 72,1%-ро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар давраи таҳлилӣ қариб, ки бетағйир мондааст [10].

Аммо, тамоюли рушде, ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ мушоҳида мешавад, сифати устувор надорад. Ин навъи рушдро метавон ҳамчун рушди инертсионӣ тавсиф намуд. Чи тавре аз расми 2 индекси истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (дар тамоми категорияҳои хоҷагӣ, ба ҳисоби фоиз нисбати соли гузашта) аён аст, ноустувории рушди он мушоҳида мешавад. Масалан, пастравии сатҳи рушд дар солҳои 2015, 2018 ва 2021 мушоҳида мешавад. Ин ҳолат аз сифати рушди инертсионии корхонаҳои кишоварзӣ, тарзи анаънавии истеҳсолоти кишоварзӣ ва вобастагии зичи он аз шароити иқлим, обу ҳаво шаҳодат медиҳад. Сифати инертсионии равандҳои иқтисодиёти кишоварзӣ аз хосияти низоми мураккаби иқтисодии ин соҳа ва сатҳи баланди институсионалии истеҳсолгарони

маҳсулоти кишоварзӣ бар меояд. Дар натиҷа, равандҳои тағйирот тадриҷан суръат гирифта, иштирокчиёни муносибатҳои истеҳсоливу иқтисодии соҳаҳои кишоварзӣ бештар дар асоси вазъи кунунӣ амал мекунанд. Аксаран дар доираи стратегияи зиндамондан қарор доранд, стратегия ва ҳадафҳои дарозмуддат хеле маҳдуд аст. Бинобар ин, зарурати гузариши онҳо ба зинаи рушди инноватсиониву индустриалӣ вобаста ба афзудани таҳдидҳо ба амнияти озуқаворecho мамлакат талаботи замони муосир мебошад, ки дар поён истода мегузарем.

Дар сохтори комплекси агросаноатӣ ҷойгоҳи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус корхонаҳои саноати хӯроквории он дар таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат хеле муҳим мебошад. Масалан, пайваста бо рушди маҳсулоти чорводории иқтисодиёти кишоварзӣ истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ низ меафзояд. Чи тавре маълумоти ҷадвали 1, нишон медиҳад, дар давраи солҳои 2015-2021 истеҳсоли гӯшт (бо вазни чорвои кушта) аз 108,9 то 163,8 ҳазор тонна ва ё 50,55 зиёд шудааст. Истеҳсоли шир бошад, дар ҳамин давраи таҳлилӣ аз 888,9 то 1042,6 ҳазор тонна ва ё 17,35 афзудааст. Пайваста бо афзоиши истеҳсоли гӯшт дар корхонаҳои кишоварзӣ истеҳсоли маҳсулоти гӯшти якҷоя бо каллапочаи навъи якуми саноатӣ низ дар давраи солҳои 2015-2021 аз 40,7 то 67,6 ҳазор тонна ва ё 66,1% зиёд шудааст. Истеҳсоли ҳасибҳо аз 4,1 то 5,9 ҳазор тонн, яъне 43,9% афзудааст. Истеҳсоли равғани чорво бо сабаби сатҳи талаботи пасти бозорӣ ба он таназзул ёфтааст – 25,3% поён рафтааст.

Аз истеҳсоли шир дар корхонаҳои кишоварзӣ маҳсулоти гуногуни корхонаҳои саноати хӯрокворӣ истеҳсол шуда, тамоюли болоравӣ гирифтаанд. Масалан, маҳсулоти шири холиси саноатӣ ба ҳисоби шир дар ин давраи таҳлилӣ аз 14,5 то 16,4, яъне 13,1% афзудааст. Истеҳсолу фурӯши яхмос дар ин давра 63,4% ва паниви равғанин (якҷоя бо бринза) бошад, беш аз 25,4% афзудааст.

**Ҷадвали 1. Динамикаи истеҳсолоти маҳсулоти чорводорӣ ва хӯрокворӣ, ки аз коркарди маҳсулоти чорводорӣ тавлид мешавад**

**Table 1. Dynamics of production of livestock products and food produced from the processing of livestock products**

| **Нишондиҳандаҳо** | ***2015*** | ***2016*** | ***2017*** | ***2018*** | ***2019*** | ***2020*** | ***2021*** | ***С.2021 нисбат ба с.2015*** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Истеҳсоли маҳсулоти асосии чорводорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ** | | | | | | | | |
| Гӯшт (бо вазни чорвои кушта), ҳаз. т | 108,8 | 116,7 | 124,4 | 131,0 | 136,3 | 150,1 | 163,8 | 150,5 |
| Шир, ҳаз. тонна | 888,9 | 918,0 | 950,0 | 983,0 | 1000,6 | 1020,9 | 1042,6 | 117,3 |
| **Истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, ки аз коркарди маҳсулоти чорводорӣ тавлид мешавад** | | | | | | | | |
| Гӯшт, якҷоя бо каллапочаи навъи 1, ҳазор, тонна | 40,7 | 45,5 | 47,2 | 58,9 | 65,0 | 69,5 | 67,6 | 166,1 |
| Ҳасиб, ҳазор тонна | 4,1 | 4,9 | 4,9 | 4,6 | 5,0 | 7,1 | 5,9 | 143,9 |
| Равғани чорво, ҳазор тонна | 0,138 | 0,205 | 0,212 | 0,154 | 0,175 | 0,106 | 0,103 | -25,3 |
| Маҳсулоти шири холис ба ҳисоби шир, ҳазор тонна | 14,5 | 14,1 | 14,4 | 14,6 | 15,2 | 15,4 | 16,4 | 113,1 |
| Яхмос, ҳазор тонна | 1,45 | 1,51 | 1,58 | 1,55 | 1,74 | 1,64 | 2,37 | 163,4 |
| Паниви равғанин (якҷоя бо бринза), ҳазор тонна | 0,181 | 0,191 | 0,224 | 0,256 | 0,224 | 0,226 | 0,227 | 125,4 |

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. -С 293; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. –С.48.

Пайваста бо афзудани истеҳсоли сабзавот, меваҷоту ангур ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулоти саноати хӯрокворӣ низ афзудааст: масалан консерваҳо аз сабзавот

(12 маротиба), консерва аз помидор (41,9%), консерваи мевагин (3 маротиба), шароби ангур (93,6%) ва ғ. [12].

Ҳамин тариқ, рушди истеҳсолоти кишоварзӣ заминаи асосии рушди саноати хӯрокворӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат мебошад.

Новобаста аз он, ки рушди маҳсулоти агросаноатӣ дар мамлакат таъмин гашта истодааст, дар истеҳсоли бархе маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба сатҳи худтаъминкунӣ нарасидааст. Аз маълумоти ҷадвали 2. аён аст, ки соли 2020 истеҳсоли гандум ҳамагӣ 62%-и талаботи дохилиро қонеъ гардонидасту халос. Истеҳсоли равғани растанӣ дар мамлакат кифоя намебошад, аз ин лиҳоз, соли 2020 сатҳи худтаъминкунии он 15,9%-ро ташкил додааст. Аммо тамоюлоти сатҳи худтаъминкунӣ бо ин навъи маҳсулоти озуқа афзуда истодааст, соли 2020 нисбат ба соли 2015 8,6 банди фоиз афзудааст, ки доир ба андешидани тадбирҳо дар ин ҷода эҳсос мешавад. Дар мамлакат айни замон бо истеҳсоли худии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 90%-и талаботи дохилӣ қонеъ мегардад. Дар истеҳсоли ин навъи маҳсулоти озуқа тамоюли мусбат мушоҳида мешавад, зеро соли 2020 бузургии худтаъминкунӣ нисбат ба соли 2015 28,7 банди фоиз афзудааст.

**Ҷадвали 2. Сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти асосии озуқа**
**Table 2. Level of self-sufficiency with basic food products**

| **Маҳсулот** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гандум | 58,6 | 60,3 | 58,9 | 61,3 | 53,1 | 62,0 |
| Картошка | 85,7 | 100,5 | 96,4 | 80,6 | 91,7 | 101,8 |
| Полезӣ | 96,2 | 98,6 | 102,1 | 94,4 | 100,8 | 102,6 |
| Мева | 64,1 | 67,9 | 95,2 | 113,8 | 118,4 | 103,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 61,3 | 64,8 | 67,2 | 73,8 | 75,2 | 90 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 77,9 | 79,5 | 82,4 | 80,8 | 83,8 | 95,3 |
| Равғани растанӣ | 7,3 | 8,0 | 7,4 | 8,4 | 10,5 | 15,9 |

Манбаъ: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. -С.17-20.

Тамоюлот дар истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ низ мушоҳида мешавад. Дар истеҳсоли картошка, маҳсулоти полезӣ ва меваҷот қимати худтаъминкунӣ аз 100% баланд аст, яъне дар ин самт кишоварзҳои мамлакат ба сатҳи худтаъминкунӣ ноил гаштанд. Аммо масъалаи сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти озуқавории кишвар ва содироти он ба бозори беруна то андозае қаноатбахш намебошад. Аз ин лиҳоз, дар ҷумҳурӣ барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣ тамоюли воридот ҳанӯз зиёд аст.

Дар умум, вазъияти кунунии комплекси агросаноатии мамлакат ва минтақаҳои онро метавон, пеш аз ҳама, бо сатҳи заифии самаранокии механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунӣ, ки он дар сатҳи кофӣ ба танзими такрористеҳсоли васеъ ва мутобиқ намудани бахши аграрии иқтисодиёт ба муносибатҳои бозории рушдёбанда мусоидат наменамояд, тавсиф намуд. Хусусиятҳои фаъолияти комплекси агросаноатии ватаниро сифати нисбатан пасти ҷолибияти сармоягузорӣ муайян менамояд, ки онро хавфҳои баланди истеҳсоливу молиявӣ ва сатҳи нокифояи таъминоти молиявии истеҳсолкунандагони ватанӣ боис гаштааст.

Академик Пиризода Ҷ.С., Ҷалилов Ш.Н., Махмадиев Ф.Б. “... Нақш ва мавқеи бозори маҳсулоти аграрӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ муҳимтарин ҷузъи системаи амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва истиқлолияти миллӣ ҳисобида мешавад. Моҳияти ин мафҳум, инчунин ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҳалли масъала ошкор карда мешаванд. Тадбирҳои пешниҳодкардаи муаллифон барои рушди бозори мутамаддини агроозуқаворӣ шароити зарурӣ фароҳам меоранд ва асоси боэътимоди таъминоти озуқавории тамоми аҳолии кишварро таъмин месозанд» [11].

Е.И. Артемова “...ба қадри кофӣ самаранок набудани механизми таъмини дастгирии буҷавӣ ба корхонаҳои аграрӣ, баланд будани фоизи қарз, истифодаи техникаҳои кӯҳнашуда имконият намедиҳад, ки корхонаҳои кишоварзӣ маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол намоянд ва аз худ паҳн намудани инноватсияро мусоидат намояд. Дар замони

муосир талабот ба сатҳи касбии идоракунанда, менеҷер, ки қобилияти фавран омода будан ба шароити номуайяни бозорро дорад, афзуда истодааст” [1].

Ба ин муносибат зарурати фаъол гардонидани коркарди таъминоти илмиву методии чорабиниҳо вобаста ба такмили механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити ҷаҳишҳои молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба миён меояд. Зарурати дар муддати кӯтоҳ таъмин намудани ҷаҳиши навро дар истеҳсолу коркарди ашёи хоми ватанӣ ва озуқаворӣ, ки тамоюлҳои манфиро бартараф намуда, шароити мусоидро барои татбиқи фаъолонаи сиёсати воридотивазкунанда фароҳам меорад, аҳаммияти махсусро дар рушди устувори КАС муайян менамояд” [13].

Механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқаворӣ системаи мураккабест, ки аз зернизомҳои хеле бисёру дорои тартиботи гуногун иборат аст ва бинобар ин, аз ташкили идоракунии самараноки он ҳолати бозори озуқаворӣ ва амнияти он вобаста мебошад. Озуқа шарти асосии ҳаёти инсон аст ва барои ҳар як сокини мамлакат ниёзи рӯзмарра аст, сатҳу сифат ва бехатарии экологии ғизо саломатии миллат ва давомнокии умри инсонро муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун системаи бисёрсатҳа бо ҳадафҳову вазифаҳои гуногун бояд баррасӣ шавад.

Масъалаи таъмини озуқаворӣ ва амнияти он сифати умумиҷаҳонӣ, умумимиллӣ ва минтақавӣ дорад. Барои таъмини амнияти озуқавории миллӣ бояд дар мавриди такмили низоми идоракуни КАС алоқамандии ин сатҳҳо ба назар гирифта шавад. Вазифаҳои асосии рушди комплекси агросаноатӣ дар миқёси чаҳон ва миллӣ дар шароити ҷаҳишҳои иқтисоди берунӣ инҳоянд: афзоиши истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ; таъмини дастрасии физикӣ ва иқтисодии озуқа дар сифат ва ассортименти зарурӣ; навсозии техникӣ ва технологии истеҳсолот; баҳисобгирии урфу одат ва анъанаҳои миллӣ-этникӣ; ноил шудан ба меъёрҳои муайянкардаи доктринаи миллии амнияти озуқаворӣ; ташкили мониторинг ва мунтазам танзим намудани вазъияти таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ. Дар айни замон, маҳсулоти озуқа бояд ба меъёрҳои (стандартҳои) мавҷудаи экологӣ ва санитарӣ ба талаботи инсон бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ҷавобгӯ бошад.

Илова ба меъёри муайяни ноилгардии амнияти озуқаворӣ, ки онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» (29 декабри соли 2010, №671) муайян кардааст, бояд афзалиятҳои рушди комплекси агросаноатӣ дар самти таъмини рақобатпазирӣ ва рушди устувори иқтисодии он муайян карда шавад. Масалан, тибқи ин қонун «истеҳсоли солонаи озуқаи асосии давлат на камтар аз 80%-и талаботи солонаи аҳолиро ба намудҳои озуқа ташкил диҳад» [4].

Бинобар ин, дар мониторинги доимӣ бояд ҷузъҳои зерини комплекси агросаноатӣ шомил гардад:

- иқтидори захиравӣ (аз ҷумла, замин, кадрҳо, моддию техникӣ, захираҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ, иқтидори истеҳсолӣ);
- вазъи молиявию иқтисодии соҳаҳо ва корхонаҳои КАС;
- сатҳи рушд ва устувории истеҳсолоти кишоварзӣ;
- таҳдидҳо ва хавфу хатарҳои амнияти озуқаворӣ;
- ҳаҷми воридот, аз он ҷумла қиёси он бо истеҳсолоту талаботи худӣ ба озуқа ва ғ.

Ҳоло муаммоҳои кам кардани вобастагии мамлакат ба озуқавории воридотӣ, талабот ба мувофиқасозии амнияти озуқаворӣ ба санадҳои қонунии милливу байналмилалӣ, инчунин, СУС мубрамият пайдо намудааст.

Дурнамои асосии рушди устувори комплекси агросаноатии ватанӣ бо кам кардани хавфҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ зич алоқаманданд. Пешгӯӣ кардан ва пешгирӣ кардани оқибатҳои манфии онҳо дар асоси ташаккул додани системаи самарабахши идоракунӣ суръат мегирад. Натиҷаҳои рушди комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ дар ояндаи наздик қодир аст, ки тамоюлҳои манфии рушди бозори озуқавории агросаноатиро боз дорад ва ҷараёнҳои рушди иқтисодии зерсоҳаҳои асосӣ, азнавсозии технологии истеҳсолот ва оптимизатсияи сохтори соҳавӣ фаъол гардад. Самтҳои номбаршуда бо ҳам алоқаманд ва мутақобила мебошанд, ки аз сифати мураккаби муаммоҳои комплекси агросаноатӣ шаҳодат медиҳад.

Дар доираи татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва чорабиниҳое, ки дар доираи барномаҳои ҳукуматӣ сурат гирифтанд, имкон доданд, ки зернизои озуқавории комплеси агросаноатӣ қисман муътадил гардида, бозори озуқавории босифат тадриҷан ташаккул ёбад. Аммо, чи тавре дар боло қайд намудем, талаботи самарабахши аҳолӣ ба маҳсулоти ватанӣ ҳалношуда ҳоло ҳам боқӣ мондааст.

Таҳқиқи масъалаи мафҳум ва моҳияти механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон (кӯдак) нишон медиҳад, ки дар адабиётҳои ватанию хориҷӣ мафҳумҳои гуногун вуҷуд доранд. Ба андешаи А.М. Диноршоҳ ва И.И. Саидзода, дар адабиёти ҳуқуқӣ муносибати ягона оид ба фаҳмиши мафҳуми «механизмҳои амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон» вуҷуд надорад. Бархе муаллифон ин механизмро ҳамчун фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ намуда, дуюмӣ онро низоми кафолатҳои муқаррарнамудаи давлат ва сеюмӣ ҳамчун низоми муносибатҳои байни шахс ва давлат муайян мекунанд [15,с.180]. У.А. Азиззода қайд мекунад, ки мафҳуми механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон (кӯдак) дар илми ҳуқуқшиносӣ аз лиҳози истилоҳ мафҳум ва тафсирҳои гуногун дорад. Муаллифон, истилоҳоти мухталиф, аз қабили механизми амалисозии ҳуқуқҳои субъективӣ, механизми иҷтимоию ҳуқуқии таъмини ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, механизми ҳимояи ҳуқуқии шахс ва ғайраро истифода мебаранд [14,с.23-24].

Андешаҳои мазкур бори дигар гувоҳӣ медиҳанд, ки дар адабиётҳо оид ба мафҳуми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ муносибатҳои мухталиф вуҷуд доранд. Новобаста аз ин, андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ дар ин хусус таҳлили илмиро тақозо менамояд. Ҳамин тавр, ба андешаи И.Е. Бабочкина, механизми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон (кӯдак) ин низоми муқаррар ва кафолати қонунии таъмини вазъи ҳуқуқии шахс буда, фарогири фаъолияти муташаккили мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатии ҳуқуқи инсон ва амалисозии мустақилонаи ҳуқуқу озодиҳои субъективӣ мебошанд, ки ба пешгирӣ, фурӯ нишондан ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои поймолшуда ҳангоми нигоҳ доштани таносуби дахлдори манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ нигаронида шудааст [6,с.139]. А.В. Стремоухов дар бораи механизми ҳифзи ҳуқуқ андешаронӣ карда, онро ҳамчун «низоми динамикии меъёрҳои ҳуқуқӣ, воситаҳо ва тадбирҳо, инчунин маҷмуи онҳо, ки амал ва таъсири мутақобилаи онҳо ба пешгирии вайронкунии ҳуқуқи инсон ё барқарорсозии онҳо дар ҳолатҳои поймолкунӣ нигаронида шудааст», муайян мекунад [35,с.161].

А.А. Безуглов ва С.А. Солдатов қайд мекунанд, ки барои татбиқи босамари ҳуқуқи инсон бояд механизми иҷтимоию ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ҳамчун низоми восита ва омилҳое муқаррар карда шавад, ки барои риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон шароити зарурири фароҳам меорад. Сохтори ин механизм дар чунин шакл ошкор карда мешавад: меъёрҳои иҷтимоӣ; фаъолияти қонунии субъектҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд; оммавӣ; афкори умум; кафолатҳо; расмиётӣ; ҷавобгарӣ; назорат [7,с.330-331]. И.В. Ростовшиков механизми ҳифзи ҳуқуқҳои субъективиро ба маънои васеъ чунин шарҳ додааст: «маҷмуи амалҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ шартшуда, аз ҷиҳати психологӣ танзимшаванда, аз ҷиҳати қонунгузори амалҳои мувофиқатшуда, пеш аз ҳама, аз ҷониби шахс ҳамчун соҳибҳуқуқ, инчунин уҳдадор ва дигар субъектҳо бо мақсади ба даст овардани неъматҳои иҷтимоӣ барои шахси манфиатдор, ки ба таври ғайримустақим ҳуқуқ (озодӣ)-ро ифода мекунад» [31]. М.М. Утяшев ва Л.М. Утяшева, дар зери мафҳуми механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон заминаи қонунгузорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, инчунин низоми мақомот ва муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатиеро дар назар доранд, ки амалан ба ҳолат ва риояи ҳуқуқи инсон, ҳифз ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои қонунии вайроншудаи инсон ва шаҳрванд таъсир мерасонанд [37,с.27].

Андешаҳои олимони ватанӣ низ оид ба масъалаи баррасишаванда ҷолиби диққат мебошанд. Масалан, ба андешаи З.Х. Искандаров, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон

(кӯдак) дар худ воситаҳои ҳуқуқиеро ифода мекунанд, ки тавассути онҳо ҳуқуқи инсон аз ҳама гуна суиқасд ҳифз карда мешаванд [18,с.78]. У.А. Азиззода қайд мекунад, ки механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон (кӯдак) маҷмуи усулҳо, воситаҳо, тартиб ва шаклҳо ба ҳисоб рафта, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқие муқаррар шудаанд, ки дар низоми ягонаи ҳифзи ҳуқуқи инсон амал мекунанд ва иҷрои онҳоро таъмин менамоянд [14,с.29]. А.М. Диноршоҳ механизми ҳифзи ҳуқуқи инсонро (кӯдак) ҳамчун низоми унсурҳои меъёрӣ, мурофиавӣ, ташкилӣ ва назоратӣ мефаҳмад, ки ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва самаранокии ҳифзи ҳуқуқи инсонро муқаррар мекунанд [14,с.39]. И.И. Саидзода дар мавриди мафҳуми механизми татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нуқтаҳои мухталифро таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса омадааст,, ки он як низоми воситаҳо, усулҳо ва шартҳои зертобеъро ифода мекунад, ки ба таҷассуми ҳуқуқи инсон дар Конститутсия ва санадҳои байналхалқӣ нигаронида шудааст. Ба сифати ҷузъҳои асосии амалисозии ҳуқуқи инсон масъалаҳои мазмуни дохилии ин ҳуқуқҳо, кафолати қонунгузории онҳо, муайян кардани доираи онҳо, яъне, муқаррар намудани маҳдудиятҳо ба ин ҳуқуқҳо, инчунин масъалаҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ин ҳуқуқҳо дохил мешаванд. Ин ҷузъҳо ба ҳадафи асосие, ки масъалаи татбиқи ҳуқуқи инсон – ҳимоя, ҳифз ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшудаи инсонро дар назар дорад, мусоидат хоҳанд кард [15,с.182].

Як қатор олимон оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ андешаронӣ кардаанд, ки ҳимояи ҳуқуқи кӯдак низ дар андешаи онҳо истисно буда наметавонад. Масалан, ба андешаи О.А. Зайтсев, бо мафҳуми «ҳимоя» мо «ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии шахс (кӯдак) ва кафолатҳоеро дар назар дорем, ки амнияти воқеии дорандаи ин ҳуқуқҳоро тавсиф мекунанд» [16,с.65]. Р.В. Морозов қайд мекунад, ки унсурҳои умумиҳуқуқии механизми танзими ҳуқуқӣ, ҳамзамон, хусусиятҳои механизми ҳифзи ҳуқуқии шахсони ноболиғро ташкил медиҳанд. Механизми ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон аз унсурҳои таркибии зерин иборат мебошад: меъёрҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои фардӣ, огоҳӣ ва маърифати ҳуқуқӣ» [33,с.133]. Н.В. Гончарова мафҳуми «механизми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (кӯдак)»-ро чунин пешниҳод кардааст: ин низоми муқаррарот ва кафолати қонунгузорӣ барои таъмини вазъи ҳуқуқии шахс мебошад, ки фаъолияти муташаккилонаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатии ҳифзи ҳуқуқ ва мустақилона татбиқи ҳуқуқу озодиҳои субъективиро фаро гирифта, бахри пешгирӣ, фурӯ нишондан ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои поймолшуда дар ҳолати нигоҳ доштани таносуби дахлдори манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ нигаронида шудааст [11,с.15]. Тавре аз андешаҳои мазкур бармеояд, муҳаққиқон мафҳуми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқро иборат аз унсурҳои мухталиф шарҳ додаанд.

Дар дигар сарчашмаҳо қайд мегардад, ки механизми ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мафҳуми мустақили илмӣ буда, ғояҳои гуногуни ҳуқуқиро муттаҳид месозад. Он бо низоми мустақил, сохтор, ҳадафҳо, уҳдадориҳо, вазифаҳо тавсиф карда мешавад. Он аз чунин ҷузъҳо, аз қабили фаъолияти қонунии субъектҳои ҳуқуқ, расмиёти танзим ва мурофиавӣ-ташкилӣ, инчунин назорат аз болои вазъи ҳуқуқи инсон ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳо иборат аст. Мақсад ва вазифаҳои механизми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳимоя, ҳифз ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи инсон, инчунин ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад. Механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамчун низоми унсурҳои меъёрӣ, мурофиавӣ, ташкилӣ ва назоратӣ фаҳмида мешавад, ки ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва самаранокии ҳифзи ҳуқуқи инсонро муқаррар мекунанд [29,с.521-522].

Дар дигар адабиётҳо мафҳуми механизми ҳимояи ҳуқуқи кӯдак дар шакл ва мазмуни нав ба назар мерасад. Масалан, ба андешаи В.И. Абрамов, механизми ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон бояд аз ҷониби давлат ва ҷомеа дар панҷ сатҳ ҳаллу фасл шавад: қонунгузорӣ, барномавӣ, идоракунӣ, иҷроия ва таълимӣ. Бозгашт ба ибораҳои "механизми ҳимояи ҳуқуқи кӯдак", "механизми таъмини ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд", "механизми ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқи инсон", "механизми ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунӣ», «механизми ҳуқуқии давлатии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии шаҳрванд». Бояд қайд кард, ки муаллифон ҳангоми ошкор намудани мазмуни онҳо ва пурра кардани онҳо бо унсурҳои сохторӣ аз категорияҳои гуногуни

ҳуқуқӣ истифода мебаранд: сохтори ҳуқуқ ба ҳимоя, сохтори механизми таъмини ҳуқуқӣ, низоми воситаҳои таъмини ҳуқуқӣ, усулҳои таъмини ҳуқуқӣ, тартиби ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандон, намудҳо ва шаклҳои ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандон, сатҳи ҳимояи ҳуқуқ, марҳилаи ҳимояи ҳуқуқи ноболиғон, субъектҳои ҳимояи иҷтимоию ҳуқуқии ҳуқуқи ноболиғон [12,с.247]. Аз андешаҳои муҳаққиқон бармеояд, ки механизми ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ҷузъи механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон буда, баҳри ҳимоя, ҳифз ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон равона карда шудааст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ мафҳуми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдакро дар шакли зерин метавон пешниҳод кард: механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак маҷмуи усулҳо, воситаҳо, тартиб ва шаклҳо ба ҳисоб рафта, аз низоми унсурҳои меъёрӣ, мурофиавӣ, ташкилӣ ва назоратӣ иборат буда, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқие муқаррар шудаанд, ки дар низоми ягонаи ҳимояи ҳуқуқи инсон амал мекунанд ва иҷрои онҳоро таъмин менамоянд. Дар фаҳмиши содаву муқаррарӣ механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак низоми воситаҳои меъёрӣ ва сохторие мебошанд, ки баҳри ҳимояи ҳуқуқи кӯдак нигаронида шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки таснифоти механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак низ ба таснифи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд вобастагӣ дошта, дар ин хусус дар адабиётҳо таснифоти мухталиф ҷой дорад. Масалан, ба андешаи олимони ватанӣ У.А. Азиззода ва А.М. Диноршоҳ, дар илм барои таснифи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон (кӯдак) асосҳои гуногун мавҷуданд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ду механизми асосии ҳифзи ҳуқуқи инсон (кӯдак) вуҷуд дорад: миллӣ (дохилӣ) ва байналмилалӣ [14,с.29]. Мавриди зикр аст, ки чунин таснифот дар бисёре аз таҳқиқотҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла, И.Е. Бабочкина қайд менамояд, ки дар айни замон ду механизми асосии ҳифз ва ё таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон (кӯдак) вуҷуд дорад: миллӣ ва байналмилалӣ [6,с.137-138]. Л.А. Терехова зимни таснифоти худ дар ивази истилоҳи “байналмилалӣ” истилоҳи “фаромиллӣ”-ро истифода бурда, қайд мекунад, ки механизми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон (кӯдак) аз ду сатҳ иборат аст: миллӣ ва фаромиллӣ. Миллӣ воситаҳои судӣ ва ғайрисудии ҳимояро дар бар мегирад. Фаромиллӣ воситаҳои универсалӣ (ҷаҳонӣ) ва минтақавиро дар бар мегирад [36,с.209]. Дар дигар сарчашмаҳо бошад, дар ивази истилоҳи “миллӣ” истилоҳи “дохилидавлатӣ” истифода гардидааст. Аз ҷумла, дар адабиёт қайд мегардад, ки аз рӯйи сатҳи танзими ҳуқуқӣ ду намуди асосии механизмҳои татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро ҷудо кардан мумкин аст: байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ [20,с.14]. П.А. Серебряков механизми ҳифзи ҳуқуқро ба се намуд тасниф намуда, механизмҳои байналмилалиро бо механизмҳои миллӣ дар омехтагӣ қайд кардааст. Аз ҷумла, ба андешаи вай механизмҳои ҳифз ба се намуд тасниф мешаванд: механизмҳои давлатии ҳифзи ҳуқуқ; механизмҳои ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқ; механизмҳои иловагии ҳифзи ҳуқуқ (худдифоъ, ҳифзи ҳуқуқи байналмилалӣ) [34,с.280].

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар умум механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ба ду гурӯҳи калон ҷудо карда мешаванд: механизмҳои дохилидавлатии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон. Ҳамзамон, вобаста ба сатҳи муқарраргардӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқӣ метавон механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдакро ба гурӯҳҳои зерин тасниф кард: механизмҳои универсалии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак (ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва ташкилотҳое, ки фаъолияти онҳо дар тамоми ҷаҳон паҳн мегардад); механизмҳои минтақавии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак (ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва ташкилотҳое, ки фаъолияти онҳо танҳо дар ҳудуди минтақаи муайян паҳн мегардад); механизмҳои фаромиллии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак (ташкилотҳои ғайриҳукуматие, ки ҳифзи ҳуқуқи инсон (кӯдак)-ро новобаста аз кишвари муайян ва субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ ҳимоя мекунанд); механизмҳои дохилидавлатии ҳимояи ҳуқуқи инсон (қонунгузорӣ ва мақомоту ташкилотҳои кишвари муайян оид ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдак).

Бояд гуфт, ки новобаста аз таснифоти пешниҳодгардида, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бештар таснифоти механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба миллӣ ва байналмилалӣ паҳн гардидааст. Бинобар ин, тавсифи онҳо шарҳи ҷудогонаро тақозо менамояд, зеро ҳар яке аз ин механизмҳо дар навбати худ боз, ба намудҳои алоҳида тасниф мешаванд. Ба андешаи олимони ватанӣ, дар зери мафҳуми механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон институтҳо,

усулҳо ва расмиёти бо Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда кафолатдодашуда фаҳмида мешавад, ки дар низоми ягонаи ҳифзи ҳуқуқи инсон амал мекунанд ва татбиқи онҳоро таъмин менамоянд. Дар зери мафҳуми институтҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон низоми мақомоти давлатие, ки барои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз амалҳои ғайриқонунӣ ваколатдор шудаанд, фаҳмида мешаванд, яъне механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон ба воситаи мақомоту муассисаҳои давлатӣ ба амал бароварда мешавад [14,с.30]. Дар адабиётҳо таснифоти мухталифи механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқ вуҷуд дорад. Масалан, ба андешаи И.О. Нестеровский, дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба мақомоти судӣ, институтҳои давлатии ҳифзи ғайрисудӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматии ҳуқуқи инсон ва шахсони алоҳида тасниф шудаанд [24,с.33]. П.А. Серебряков механизми давлатии ҳифзи ҳуқуқро ба се зергурӯҳ тақсим намудааст, ки аз дигар таснифот ба куллӣ фарқ мекунад: механизми парламентӣ; механизми маъмурӣ; механизми судӣ [34,с.281]. Маълум аст, ки номбурда таснифи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқро вобаста ба принсипи шохаҳои ҳокимият ба роҳ мондааст.

Дар адабиётҳо, ҳамзамон, таснифоти дигар низ ба назар мерасанд. Масалан, ба андешаи К.И. Викторовна, дар сатҳи миллӣ, чун дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи инсон вуҷуд доранд. Онҳоро метавон ба навъҳои зерин тақсим кард: ҳифзи судӣ; шаклҳои маъмурию ҳуқуқӣ (амали мақомоти иҷроия ва шахсони мансабдори онҳо), фаъолияти мақомоти шаҳрӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон дар доираи салоҳияти худ, фаъолияти мақомоти махсус (прокуратура); ташкилотҳои ғайриҳукуматии ҳуқуқи башар ва шахсони алоҳида, ки фаъолияти ихтиёрии ҳуқуқи инсонро амалӣ мегардонанд, инчунин худмуҳофизати ҳуқуқҳои онҳо [9,с.113]. Е.А. Лукашева механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсонро (кӯдак) чунин тақсим мекунад: назорати конститутсионӣ (фаъолияти Суди конститутсионӣ), ҳимояи судӣ ва шаклҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ҳифз [28]. Дар таснифоти мазкур ҳарчанд механизми судӣ мавҷуд аст, вале номбурда назорати конститутсиониро аз дигар судҳо ҷудо карда, ҳамчун механизми алоҳида пешниҳод кардааст.

Механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқҳои инсон (кӯдак)-ро Т.А. Сошникова вобаста ба асосҳои гуногун тасниф кардааст. Ба андешаи вай, механизмҳои муҳофизатиро вобаста ба унсури ташкилӣ, яъне аз рӯйи намуд ва хусусияти мақомотҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ тасниф мекунанд. Вобаста ба сатҳи зуҳури ташкилӣ-ҳокимиятӣ, вай механизмҳоро ба федералӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ тақсим мекунад [32,с.277]. Дар ин хусус А.М. Диноршоҳ қайд намудааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати ягона аст, мо метавонем ин таснифотро ба механизмҳои марказӣ ва маҳаллии ҳифзи ҳуқуқи инсон тасниф намоем [14,с.31]. Ба андешаи мо, агар таснифоти механизмҳои дохилиро дар Тоҷикистон дар заминаи таснифоти Т.А. Сошников ба роҳ монем, он гоҳ механизмҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳалӣ бояд дар назар дошта шаванд. Масалан, ҳангоми ҳимояи ҳуқуқи худ шахс агар аз ҳукми суди ноҳиявӣ (механизми маҳаллӣ) розӣ нашавад, он гоҳ вай метавонад ба суди зинаи вилоятӣ (механизми минтақавӣ) муроҷиат намояд. Агар дар ин зина ҳам қонеъ нашуд, он гоҳ вай метавонад ба зинаи Суди Олӣ (механизми ҷумҳуриявӣ) муроҷиат намояд.

Олимони ватанӣ низ дар таснифи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ саҳми арзанда гузоштаанд. Аз ҷумла, У.А. Азиззода, А.М. Диноршоҳ дар умум чунин таснифоти механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсонро пешниҳод кардаанд: механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсон; механизмҳои маъмурию ҳуқуқии (ғайрисудӣ) ҳифзи ҳуқуқи инсон; механизмҳои квазисудӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон [14,с.34]. Ба андешаи олимони номбурда, ба гурӯҳи якуми механизмҳо фаъолияти тамоми низоми судии Тоҷикистон дохил мешавад, ки ба он Суди конститутсионӣ, судҳои тобеияти умумӣ, судҳои иқтисодӣ (арбитражӣ) дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюми механизмҳо фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ (Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти прокуратура ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракунӣ) дохил мешаванд. Гурӯҳи сеюм аз фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва механизмҳои ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқи инсон иборат мебошад. Моҳияти ин механизмҳо дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти онҳо ба мониторинги вазъи ҳуқуқи инсон, муайян кардани қишрҳои осебпазири аҳолӣ, мониторинги риояи ҳуқуқҳои инсон:

давлатӣ (ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон) ва ҷамъиятӣ (ба воситаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма) вобаста мебошад [14,с.34].

Ҳамин тавр, зимни таҳқиқи таснифи механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак чунин таснифотро пешниҳод кардан мумкин аст: механизмҳои судии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак; механизмҳои ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак. Таснифоти мазкур дар шакли васеъ буда, дигар зергӯрҳҳоро низ дар бар мегирад. Аз ҷумла, ҳимояи ҷамъиятӣ, маъмурӣ ва ғайра. Дар баробари ин, таснифоти дигар низ, ба андешаи мо, қобили қабул мебошад: ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои кӯдак; ҳимояи маъмурии ҳуқуқу озодиҳои кӯдак; ҳимояи ҳуқуқи кӯдак аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак; ҳимояи ҷамъиятӣ (ғайридавлатӣ)-и ҳуқуқи кӯдак.

Гурӯҳи дигари механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак – механизмҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар зери мафҳуми механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон (кӯдак) фаъолияти мақомот ва ташкилотҳои универсалӣ ва минтақавӣ, ки муносибатҳои байни давлатҳоро ба танзим медароранд, ҷиҳати мусоидат ба эҳтироми ҳамагон ва риояи ҳуқуқи инсон ва ҳифзи онҳо фаҳмида мешавад [14,с.35]. Бояд гуфт, ки механизмҳои байналмилалӣ низ аз рӯйи асосҳои гуногун тасниф мешаванд. Масалан, дар адабиёт қайд гардидааст, ки механизмҳои байналмилалии татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон (кӯдак) ба универсалӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ; судӣ, квазисудӣ ва ғайрисудӣ; умумӣ ва махсус ҷудо карда мешаванд [20,с.14]. Дар таснифоти мазкур вобаста ба се асос, се гурӯҳи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ тасниф шудааст.

Таснифи васеи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон (кӯдак) дар таҳқиқоти А.Х. Абашидзе ба назар мерасад. Номбурда, барои таснифи механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон (кӯдак) асосҳои зеринро муайян мекунад: аз рӯйи хусусияти фаъолият, хусусияти ҳуқуқӣ, таркиб, аз рӯйи объекти фаъолият, давомнокии фаъолият ва доираи ваколатҳо. Аз рӯйи хусусияти фаъолияташ вай механизмҳоро ба се гурӯҳ тақсим мекунад: судӣ (Суди байналмилалии адлия ва Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон), квазисудӣ (мақомотҳои конвенсионӣ (шартномавӣ) оид ба ҳуқуқи инсон) ва ғайрисудӣ (расмиёти махсуси Шурои СММ оид ба ҳуқуқи инсон, фаъолияти ҳуқуқи инсони Шурои Амният, Дабири кулли СММ, Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, як қатор дигар мақомоти СММ ва муассисаҳои махсусгардонидашуда) [1,с.10-17]. Аз рӯйи табиати ҳуқуқӣ вай механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро ба анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҷудо мекунад. Аз рӯйи меъёри таркибӣ механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аксаран ба инфиродӣ ва коллективӣ тақсим мешаванд. Вобаста ба объекти фаъолият механизмҳои универсалии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба механизмҳои баррасии шикоятҳо ва механизмҳои низоми ҳифзи ҳуқуқи инсон тақсим мешаванд. Аз рӯйи меъёри давраи фаъолият дар байни механизмҳои универсалии ҳифзи ҳуқуқи инсон механизмҳои муваққатӣ ва номуайяниро ҷудо кардааст [1,с.10-17]. Дар бораи таснифоти механизмҳои байналмилалие, ки А.Х. Абашидзе пешниҳод кардааст, олимони ватанӣ У.А. Азиззода, А.М. Диноршоҳ барои тасниф боз ду асоси дигар илова мекунанд: аз рӯйи принсипи ҷуғрофӣ ва аз рӯйи дараҷаи муқарраргардӣ дар ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ. Аз рӯйи асоси аввал механизмҳои универсалӣ ва минтақавӣ ҷудо карда мешаванд. Аз рӯйи дараҷаи муқарраргардӣ дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ба оинномавӣ ва шартномавӣ тақсим мешаванд [14,с.38].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқот механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар шакли зерин метавон тасниф намуд: механизмҳои байналмилалии универсиалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдак; механизмҳои байналмилалии минтақавӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдак; механизмҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдак. Дар таснифоти мазкур ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ҳам дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва ҳам тавассути ташкилотҳои байналмилалӣ дар назар дошта шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Абашидзе А.Х. Универсальные механизмы защиты прав человека / А.Х. Абашидзе, А.О. Гольтяев. – М., 2013. – 135 с.
2. Абрамов В.И. Права ребенка в России: (теоретический аспект) / В.И. Абрамов. Под ред. Н.И. Матузова. – Саратов, 2005. – 119 с.

3. Абрамов В.И. Права ребенка и их защита в России: общетеоретический анализ: автореф. … д-ра юрид. наук / В.И. Абрамов. – Саратов, 2007. – 56 с.
4. Автономов А.С. Ювенальная юстиция: учебное пособие / А.С. Автономов. – М., 2009. – 186 с.
5. Азиззода У.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 222-229.
6. Бабочкина И.Е. Система механизмов защиты прав и свобод человека в Российской Федерации / И.Е. Бабочкина // Наука и научный потенциал - основа устойчивого развития общества: сборник статей Международной научно-практической конференции (11 октября 2018 г, г. Магнитогорск). / в 2 ч. Ч. 1. – Уфа, 2018. – 271 с. – С. 136-142.
7. Безуглов А.А. Конституционное право России / А.А. Безуглов, С.А. Солдатов. – М., 2003. – 672 с.
8. Бутько О.В. Правовой статус ребенка: теоретико-правовой анализ: дис. ... канд. юрид. наук. – К., 2004. – 241 с.
9. Викторовна К.И. Юридические механизмы защиты прав человека / К.И. Викторовна // Научный журнал «Эпомен». – 2022. – № 29. – С. 111-117.
10. Ғаффорзода И.Ғ. Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: тадқиқоти сивилистӣ: дис. ... док. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 369 с.
11. Гончарова Н.В. Понятие и сущность механизма защиты прав и свобод человека и гражданина / Н.В. Гончарова // Современное общество и право. – 2013. – № 1(10). – С. 8-17.
12. Двуреченская О.Н. Механизмы защиты прав несовершеннолетних в субъектах РФ / О.Н. Двуреченская // Теория и практика общественного развития. – 2011. – № 8. – С. 246-250.
13. Диноршоев А.М. Права человека: Учебник / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2010. – 190 с.
14. Диноршоев А.М. Механизмы защиты прав человека. Учебное пособие / А.М.Диноршоев, У.А.Азиззода, Е.М.Павленко, Ш.Ф. Искандаров. Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе, 2018. – 324 с.
15. Диноршоев А.М. Личные и политические права в системе прав человека в Республике Таджикистан / А.М. Диноршоев, И.И. Саидов. – Душанбе, 2015. – 320 с.
16. Зайцев О.А. Теоретические и правовые основы государственной защиты участников уголовного процесса: монография / О.А. Зайцев. – М., 1997. – 135 с.
17. Имомова Н.М. Семейно-правовые способы защиты прав ребенка в Республике Таджикистан: теоретико-практические аспекты: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 436 с.
18. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он / З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2006. – 136 с.
19. Курноскин Е.А. Государственно-правовое обеспечение прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2000. – 23 с.
20. Механизмы реализации и защиты прав человека и гражданина: учеб. пособие / Т. М. Резер, Е. В. Кузнецова, М. А. Лихачев / [под общ. ред. Т. М. Резер]; М-во науки и высш. образования Рос. Федерации, Урал. федер. ун-т. – Екатеринбург, 2019. – 110 с.
21. Мордовец А.С. Социально-юридический механизм обеспечения прав человека и гражданина. Под ред. Н.И. Матузова. – Саратов, 1996. – 288 с.
22. Морозова Р.В. Правовые и организационные основы защиты прав несовершеннолетних в деятельности милиции общественной безопасности: дис. ... канд. юрид. наук / Р.В. Морозова. – М., 2001. – 193 с.
23. Немытина М.В. Защита прав несовершеннолетних в России: системный подход / М.В. Немытина // Правовая политика и правовая жизнь. – 2004. – № 2. – С. 58-67.
24. Нестеровский И.О. Судебная защита прав и свобод граждан / И.О. Нестеровский // Закон и право. – 2015. -№4. С. 32-35.
25. Обеспечение и защита прав ребёнка: международный опыт и российская практика // Сборник научных статей по итогам круглого стола «Защита прав ребёнка». Под общ. ред. Е.М. Павленко. -М., 2016. -С. 91.
26. Павленко Е.М. Современные проблемы реформирования универсальных механизмов защиты прав человека / Е.М. Павленко // Права человека: теория, история, практика. Сборник научных трудов, посвященный 65-летию Всеобщей декларации прав человека. – Волгоград, 2014. – С. 223-228.
27. Павленко Е.М. Исполнение международных обязательств РФ по созданию специализированного правосудия по делам несовершеннолетних (на примере Егорлыкского районного суда Ростовской области) / Е.М. Павленко, Е.В. Питько, Н.С. Шутикова // Вестник Московского городского педагогического университета / Серия: Юридические науки. – 2013. – № 2(12). – С. 16-26.
28. Права человека. Под ред. Е.А. Лукашевой. – М., 2009. – 560 с.
29. Права человека: История, теория практика. Под ред., д.ю.н. Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе, 2016. – 584 с.
30. Раджабов М.Н. Всеобщая декларация прав человека-документ всемирного значения / М.Н. Раджабов // Права человека: теория, история, практика: сборник научных трудов, посвященный 65-летию Всеобщей декларации прав человека. – Волгоград, 2014. – С. 33-40.
31. Ростовщиков И.В. Права личности в России: их обеспечение и защита органами внутренних дел / И.В. Ростовщиков. – Волгоград, 1997. – 192 с.
32. Рудинский Ф.М. Экономические и социальные права человека и гражданина: современные проблемы теории и практики / Ф.М.Рудинский, Ю.В.Гаврилова, А.А.Крикунова, Т.А. Сошникова. Под общ. ред. Ф.М. Рудинского. – М., 2009. – 495 с.

33. Садовникова М.Н. Механизм защиты прав несовершеннолетних / М.Н. Садовникова // Правовое образование: организация внеурочной работы. Региональный опыт. – М., 2002. – С. 129-144.
34. Серебряков П.А. Механизм юридической защиты прав граждан РФ: понятие и виды / П.А. Серебряков // Организационно-правовое регулирование безопасности жизнедеятельности в современном мире: сборник материалов второй международной научно-практической конференции. Под ред. Э.Н. Чижикова. – 2018. – С.278-284.
35. Стремоухов А.В. Правовая защита человека / А.В. Стремоухов. – М., 2006. – 352 с.
36. Терехова Л.А. Национальный и наднациональный механизмы защиты прав и свобод человека в современных условиях / Л.А. Терехова // Law Enforcement Review. – 2022. – № 4. – С. 208-219.
37. Утяшев М.М. Утяшева Л.М. Права человека в современной России. Учебник для ВУЗов и средних учебных заведений / М.М. Утяшев, Л.М. Утяшева. – Уфа, 2003. – 616 с.
38. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). -Ҷилди 1. (А – Н). Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – 950 с.
39. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). -Ҷилди 2. (О – Я) / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. – 945 с.
40. Шосаидзода Ш.Ш. Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 235 с.

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ КӮДАК

Дар мақолаи мазкур баъзе ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии мафҳум ва намудҳои механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллифон бо назардошти андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ мафҳум ва намудҳои механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдакро мавриди таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ қарор дода, дар натиҷа мафҳум ва намудҳои онро пешниҳод кардаанд. Зимни таҳқиқоти худ муаллифон ба хулосае омадаанд, ки механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак маҷмуи усулҳо, воситаҳо, тартиб ва шаклҳо ба ҳисоб рафта, аз низоми унсурҳои меъёрӣ, мурофиавӣ, ташкилӣ ва назоратӣ иборат буда, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқие муқаррар шудаанд, ки дар низоми ягонаи ҳимояи ҳуқуқи инсон амал мекунанд ва иҷрои онҳоро таъмин менамоянд. Дар фаҳмиши содаву муқаррарӣ механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак низоми воситаҳои меъёрӣ ва сохторие мебошанд, ки баҳри ҳимояи ҳуқуқи кӯдак равона карда шудаанд. Таҳқиқоти муаллифон нишон додааст, ки механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ба ду гурӯҳи калон тасниф карда мешаванд: механизмҳои дохилидавлатии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон. Ҳамзамон, вобаста ба сатҳи муқарраргардӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқӣ метавон механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдакро ба гурӯҳҳои зерин тасниф кард: механизмҳои универсалии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак; механизмҳои минтақавии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак; механизмҳои фаромиллии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак; механизмҳои дохилидавлатии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак.

**Калидвожаҳо:** баъзе ҷанбаҳо, назариявӣ-ҳуқуқӣ, мафҳум, моҳият, намудҳо, механизмҳо, ҳимоя ва ҳифз, ҳуқуқи кӯдак, механизмҳои дохилидавлатӣ, механизмҳои байналмилалӣ.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ПОНЯТИЯ И ВИДЫ МЕХАНИЗМОВ ЗАЩИТЫ ПРАВ ДЕТЕЙ

В данной статье рассматриваются некоторые теоретико-правовые аспекты понятия и виды механизмов защиты прав детей. С учетом мнений отечественных и зарубежных ученых авторы подвергли теоретико-правовому анализу понятие и виды механизмов защиты прав ребенка и в результате предложили его понятие и виды. В ходе своего исследования авторы пришли к выводу, что механизмы защиты прав ребенка представляют собой совокупность методов, средств, процедур и форм и состоят из системы нормативно-правовых, процессуальных, организационных и контрольных элементов, устанавливаются в нормативных правовых документах, входящих в единую систему практики защиты прав человека и обеспечивающих их реализацию. В простом и нормальном понимании механизмы защиты прав детей представляют собой систему нормативных и структурных инструментов, направленных на защиту прав детей.Исследование авторов показало, что механизмы защиты прав детей классифицируются на две большие группы: внутригосударственные механизмы защиты прав человека и международные механизмы защиты прав человека. При этом в зависимости от уровня регулирования в правовых актах и правовой ситуации механизмы защиты прав детей можно разделить на следующие группы: универсальные механизмы защиты прав детей; региональные механизмы защиты прав детей; транснациональные механизмы защиты прав детей; внутренние механизмы защиты прав детей.

**Ключевые слова:** некоторые аспекты, теоретико-правовые, понятие, сущность, виды, механизмы, охрана и защита, права ребенка, внутригосударственные механизмы, международные механизмы.

## SOME THEORETICAL AND LEGAL ASPECTS OF THE CONCEPT AND TYPES OF MECHANISMS FOR THE PROTECTION OF CHILDREN'S RIGHTS

This article discusses some theoretical and legal aspects of the concept and types of mechanisms for protecting the rights of children. Taking into account the opinions of domestic and foreign scientists, the authors subjected the concept and types of mechanisms for protecting the rights of the child to a theoretical and legal analysis and, as a result, proposed its concept and types. In the course of their study, the authors came to the conclusion that the mechanisms for protecting the rights of the child are a set of methods, means, procedures and forms and consist of a system of regulatory, procedural, organizational and control elements, established in regulatory legal documents that are part of a single system of practice

protecting human rights and ensuring their implementation. In a simple and normal sense, mechanisms for the protection of children's rights are a system of normative and structural instruments aimed at protecting the rights of children.The authors' study showed that the mechanisms for the protection of children's rights are classified into two large groups: domestic mechanisms for the protection of human rights and international mechanisms for the protection of human rights. At the same time, depending on the level of regulation in legal acts and the legal situation, the mechanisms for protecting the rights of children can be divided into the following groups: universal mechanisms for protecting the rights of children; regional mechanisms for the protection of children's rights; transnational mechanisms for the protection of children's rights; internal mechanisms for the protection of children's rights.

**Keywords:** some aspects, theoretical and legal, concept, essence, types, mechanisms, protection and protection, the rights of the child, domestic mechanisms, international mechanisms.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Азиззода Убайдулло Абдулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907-81-12-85**. E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**
***Қурбонова Шукрона*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторах:** ***Азиззода Убайдулло Абдулла*** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикситан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-81-12-85.** E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**
***Курбонова Шукрона*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикситан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the authors:** ***Azizzoda Ubaydullo Abdulla*** – Tajik National University, Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Theory and History of State and Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 907-81-12-85**. E-mail: **ubaydullo_azizov@mail.ru**
***Kurbonova Shukrona*** – Tajik National University, applicant for the Department of Theory and History of State and Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 343.2/.7(575.3)

# ПРОБЛЕМАҲОИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ

*Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Проблемаҳои такмили қонунгузории ҷумҳурӣ ба самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста мебошад. Мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ ин боз ҳам беҳтар танзим намудани масъалаҳои ҷазо ва ҷавобгарӣ буда, он яке аз вазифаҳои муҳимми ҳар як давлати соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад. Тавре Т.Ш. Шарипов қайд менамояд, барои он ки фаъолияти мақомоти давлатӣ дар муқобили болоравии сатҳи ҷинояткорӣ дар кишвар самараи дилхоҳ диҳад, бояд он устувору бардавом буда, сари вақт такмил дода шавад. Такмили саривақтӣ ва илман асосёфтаи қонунгузории ҷиноятӣ дар марҳилаи ҳозира яке аз қисмҳои таркибии сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии давлат мебошад [16,с.113].

Такмили қонунгузории ҷиноятӣ аслан тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳои ҷиноятиро фаро мегирад. Аз ин рӯ, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Конститутсияи ҶТ (1994) ва қонунҳои нави соҳавӣ алоқаманд мебошад. Доир ба мавзуи такмили масъалаҳои асосҳои конститутсионии қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар замони муосир олимони ватанӣ У.А. Азиззода [2], Т.Ш. Шарипов [17], И.Х. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов [9], С.Э. Баҳриддинзода [5], Ф.А. Бобохонов [8] ва дигарон изҳори назар намудаанд.

Боиси тазаккур аст, ки соли 1998 дар ҶТ Кодекси ҷиноятии нав қабул гардид, ки он собиқ Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистонро, ки аз соли 1961 амал менамуд, иваз намуд [12,с.41]. Як гурӯҳ олимону муаллифони ватанӣ дар хусуси қабули санади мазкур қайд мекунанд, ки бо ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар ҶТ масъалаи омода ва қабул гардидани қонуни нави ҷиноятии кодификатсияшудаи мутобиқ ба воқеиятҳои замон ба миён омад. Вазъияти криминогение, ки дар солҳои 1991-1997 дар кишвар ба вуҷуд омада буд, на танҳо ба амнияти миллӣ, балки ба амнияти минтақавӣ низ таҳдид мекард. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол 21 майи соли 1998 аввалин маротиба Кодекси ҷиноятӣ (минбаъд - КҶ ҶТ) қабул карда шуд ва соли 2023 аз қабули ин санад 25 сол сипарӣ гардид [9,с.254-262]. Кодекси мазкур аз 1 сентябри соли 1998 мавриди амал қарор гирифта, ду қисм: умумӣ ва махсусро дар бар мегирад ва он аз 15 фасл, 34 боб, 405 модда ва як замима иборат мебошад, ки дар заминаи анъанаи қонунгузории ватанӣ бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи демократии ҷаҳон дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ омода шудааст [15,с.22]. Мавриди зикр аст, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қабули санади мазкур дар такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар қадами бузург ба ҳисоб мерафт.

Бояд тазаккур дод, ки самаранокӣ ва танзими муносибатҳои ҷиноятӣ танҳо бо қабули Кодекси ҷиноятӣ таъмин намегардад. Барои таъмини ин ҳадаф бояд санади қабулгардида пайваста мавриди такмилдиҳӣ қарор дода шавад, то он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мутобиқ ва ҳамқадам бошад. Бо ин мақсад, ҶТ санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва қабул намуд, ки дар миёни онҳо Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Маълум аст, ки санадҳои мазкур дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ нақши муассир гузоштаанд. Бояд гуфт, ки яке аз масъалаҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ криминализатсия ва декриминализатсия ба ҳисоб меравад. Тавре С.Э. Баҳриддинзода қайд менамояд, такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ-ро аз криминализатсия ва декриминализатсияи кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок [5,с.14-16] иборат мебошад. Такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар натиҷаи амалӣ кардани криминализатсия ва декриминализатсия ва умуман ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он сурат мегирад.

Дар асоси андешаҳои мазкур метавон қайд намуд, ки ба Кодекси ҷиноятии ҶТ тағйиру иловаҳои зиёд ворид карда шуда, марҳила ба марҳила мавриди такмил қарор гирифтааст. Дар ин хусус низ дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун зиёданд. Аз ҷумла, И.Х. Бобоҷонзода ва Н.А. Қудратов қайд мекунанд, ки дар давоми 25 соли амал намудани Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррароти бунёдии он бо ворид намудани тағйиру иловаҳои

гуногун, дар аксари маврид ғайрисистемавӣ ва беасос ноустувор гардидаанд. Аз 10 августи соли 1999 то 19 августи соли 2022 ба КҶ ҶТ бо 54 Қонуни ҶТ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ 2076 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, ки аз он 373 тағйиру иловаҳо ба Қисми умумӣ ва 1703-тоаш ба Қисми махсуси КҶ ҶТ рост меоянд. Бештари муқаррароти Кодекс на як бору ду бор, дар баъзе моддаҳо ҳатто 17-19 маротиба (масалан, ба м. 179 КҶ ҶТ - терроризм 17 маротиба ва м. 244 КҶ ҶТ - дуздӣ 19 маротиба) тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд [9,с.254].

Бояд тазаккур дод, ки олимон натиҷаи чунин тағйиру иловаҳоро ба таври мухталиф шарҳ додаанд. Аслан, як гурӯҳи олимон чунин тағйиру иловаҳои зиёдро мусбӣ ва гурӯҳи дигар бошад, манфӣ баҳо додаанд. Ба андешаи мо, тағйиру иловаҳои Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷанбаҳои мусбӣ дошта, тағйироту иловаҳои ба КҶ ҶТ воридкардашуда дар даврони соҳибистиқлолии ҶТ шаҳодат он аз медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ раванди гуманизатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ амалӣ гардидааст [10,с.165]. Дар ин робита Э.С. Баҳриддинзода низ қайд намудааст, ки мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ, дар маҷмуъ, гуманизатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад [5,с.14-6]. Ба андешаи Н.А. Қудратов ва И.Х. Бобоҷонзода, пас аз қабули КҶ ҶТ соли 1998 ба ҷиноятҳое, ки шомили боби 29 КҶ ҶТ буданд, 53 маротиба тағйиру иловаҳои ҷиддӣ ворид карда шудааст. Дар ин давра, яъне аз соли 1998 то соли 2023 дар самти ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ 2 рисолаи докторӣ ва 4 рисолаи номзадӣ вобаста ба паҳлуҳои гуногуни ин гурӯҳи ҷиноятҳо омода ва дифоъ гардиданд, ки барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти бунёдӣ доранд [13].

Гурӯҳи дигари олимон ба тағйиру иловаҳои қонунгузории ҷиноятӣ баҳои манфӣ додаанд. Аз ҷумла, ба андешаи Л. Бараташвили, таҷрибаи судӣ инро нишон медиҳад, ки татбиқи меъёрҳои нав қабулшудаи санадҳои ҳуқуқӣ баъзан таъсири манфӣ мерасонанд. Дар баъзе парвандаҳо, номувофиқатӣ ба меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд, табиати низоммандии қонунгузории ҷиноятӣ халалдор мешавад, татбиқи қонун мураккабтар мегардад, сатҳи оптималии таъсир ба ҷиноят паст мешавад, ки дар натиҷа ба таъмини волоияти қонун ва тартибот дар ҷомеа мусоидат намекунад [4,с.163]. Дар ин хусус В.А. Авдеев ва О.А. Авдеева қайд мекунанд, ки таҳлили тағйиру иловаҳо ба матни Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия дар нашри соли 1996 нишон медиҳад, ки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ на ҳама вақт мувофиқи мақсад буда, дар бисёре аз мавридҳо боиси қабули қарорҳои номутавозин ва асоснокношуда мегардад. Набудани экспертизаи дахлдори қонунгузорӣ барои ворид намудани тағйиру иловаҳои дорои хусусияти таҳрирӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шароит фароҳам меорад, ки ба самаранокии иҷрои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсири манфӣ мерасонад [1,с.14]. Аз андешаҳои олимон метавон хулоса кард, ки ворид сохтани тағйиру иловаҳои зиёд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат намекунад, баръакс, эътибори меъёрҳои онро коста гардонида, мазмуну моҳияти онҳоро мураккабу мушкил мегардонад.

Олимони ватанӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аз ҷумла, У.А. Азиззода ҳанӯз дар соли 2015 қайд намуда буд, ки баъди қабули Кодекси ҷиноятӣ дар соли 1998, зиёда аз 30 қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ қабул карда шудааст. Аммо ворид кардани тағйиру иловаҳои зиёд на танҳо ҳолати қонунгузориро беҳтар намесозад, баръакс, номутобиқатӣ ва мухолифатро ба вуҷуд меоварад [2,с.308]. Дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳои қонунгузории ҷиноятӣ бо роҳи криминализатсия ва декриминализатсия андешаҳои Ф.А. Бобохонов қобили таваҷҷуҳ аст. Ф.А. Бобохонов қайд мекунад, ки ин тағйиру иловаҳо падидаҳое ба ҳисоб меравbooд, ки мақсади онҳо такмили қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Аммо набояд чунин тағйирот боиси паст гардидани арзиши ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гардад. Арзишмандӣ ва дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятӣ бояд ба инобат гирифта шавад [11,с.121]. Вобаста ба ин, мо ба андешаҳои ироакардашуда розӣ ҳастем, ки мувофиқи он тамоми усулу равишҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ бояд танҳо ба самти амалисозии вазифаҳои он нигаронида шаванд.

Ба Кодекси ҷиноятии ҶТ то имрӯз бо мақсади такмили меъёрҳо ва институтҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҳам бо мақсади криминализатсия ва декриминализатсия намудани кирдорҳо, тағйиру иловаҳои зиёд ворид карда шуданд. Яке аз ҳолатҳои татбиқи принсипи

гуманизми қонунгузории ҷиноятӣ метавонад ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ дар соли 2004 бошад, ки дар асоси он Қонуни ҶТ аз 15 июли соли 2004, №45 «Дар бораи боздоштани татбиқи ҳукми қатл» қабул шудааст. Мутобиқи Қонуни мазкур татбиқи ҷазои қатл дар ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳои м. 104 қисми 2, 138 қисми 3, 179 қисми 3, 398 ва 399 Кодекси ҷиноятии ҶТ, инчунин иҷрои ҷазои қатл ва дигар қоидаҳои марбут ба он ки дар м. 19, 21, 23, 25, 78, 100, 127, 129, 131, 133, 214-222-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ аз 30 апрели соли 2004 боздошта шудааст. Дар соли 2012, м. 135 таҳқир ва 136 туҳмат аз Кодекси ҷиноятии ҶТ хориҷ карда шуданд. Криминализатсия кардани кирдор метавонад ҳамчун илова ба Кодекси ҷиноятии ҶТ м. 143 (1) шиканҷа, инчунин м. 153 (1) напардохтани музди кор, нафақа, стипендия, кумакпулӣ ё дигар пардохтҳо ва ғайра баромад намояд [8,с.7]. Бинобар ин, дар ҷараёни криминализатсия ва декриминализатсияи баъзе кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок бояд аз рӯйи эҳтиёт бо риояи техникаи қонунгузорӣ муносибат кард.

Ҳамин тавр, аз андешаҳои дар боло матраҳшуда хулоса баровардан мумкин аст, ки новобаста аз тағйиру иловаҳои зиёд ворид кардан ба Кодекси ҷиноятӣ мазмуну сохтор ва меъёрҳои Кодекси мазкур ба муносибатҳо ва талаботи ҷомеаи муосир мувофиқат намекунад. Зеро, аз як тараф, аз қабули он солҳои зиёд гузашта, меъёрҳои он куҳна гардидаанд ва аз тарафи дигар, дар натиҷаи тағйиру иловаҳои зиёд меъёрҳои он мубрамияти худро гум кардаанд. Бо назардошти ин, зарурати қабули Кодекси нави ҷиноятӣ пеш омадааст.

Бояд тазаккур дод, ки қабули Кодекси нави ҷиноятӣ масъалаи нав набуда, солҳо мавриди муҳокимаи олимони ватанӣ қарор дошт. Ба андешаи У.А. Азиззода, барои он ки қонунгузорӣ устувор бошад ва натиҷаи дилхоҳ бахшад, он бояд пайваста такмил дода шавад [3,с.6]. Чунин андешаро баъдан дигар олимон низ изҳор доштаанд. Масалан, соли 2019 Т.Ш. Шарипов қайд намуда буд, ки Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки аллакай 20 сол амал мекунад, маъмулан ба тағйиру иловаҳои бешумор рӯ ба рӯ шудааст, зеро ҳама гуна қонун бо мурури замон аз суръати тағйирёбии ҷомеа қафо мемонад ва боиси ба онҳо ворид кардани навгониҳои муайян мегардад. Барои ҷараёни қонунэҷодкунӣ муҳим он аст, ки дурустии мутаносибии динамизм ва устувории қонунгузорӣ, дарки мувофиқии он ки манбаи инкишофи ҳуқуқ аст, тасдиқи худро ёбад [16,с.113]. Андешаи монандро соли 2018 А.Р. Неъматов низ таъкид кардааст, ки тақрибан 20 соли амали ин санади меъёрии ҳуқуқӣ (Кодекси ҷиноятии соли 1998) гувоҳӣ медиҳад, ки он асосан ба талаботи замон ҷавобгӯ буда, фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва таъини ҷазоро фароҳам овардааст. Аммо дар марҳалаи ҳозира бо дарназардошти вазъи дохилию берунии сиёсӣ, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими рушди устувори кишвар зарурати такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар ва ба талаботи меъёрҳои нав мутобиқ гардонидани он ба миён омадааст [14,с.70-71]. Тавре маълум мегардад, олимони ватанӣ аз дарозмуҳлат шудани амали Кодекси ҷиноятӣ изҳори нигаронӣ намуда, қабули таҳрири нави онро як амри воқеӣ ва зарурӣ мешуморанд.

Бояд тазаккур дод, ки таҳияи лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятӣ се марҳилаи муайянро аз сар гузаронидааст: 1) таҳияи лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар соли 2013-2016; 2) таҳияи лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар соли 2016-2019; 3) таҳияи лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар соли 2019-2023. Дар таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ олимони намоёни соҳаи ҳуқуқшиносӣ заҳмат кашидаанд. Айни замон, лоиҳаи омодагардида мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дошта, эҳтимол аст, ки дар муҳлати кӯтоҳтарин қабул карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ паҳлуҳои мусбӣ ва манфӣ дорад. Зеро, аз як тараф бисёре аз меъёрҳо, мазмун ва сохтори он мувофиқ ба талаботи замони муосир нав карда шудаанд. Аммо аз тарафи дигар, баъзе меъёрҳои он ҳанӯз ба такмилдиҳӣ ниёз доранд. Агар лоиҳаи мазкур қабул карда шаванд, он гоҳ зарурат пеш меояд, ки ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки пеш аз қабул гардидани санад, он хуб мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар натиҷа қонуни ҷиноятии мукаммал ва босифат қабул карда шавад.

Дар хусуси ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ бисёре аз муҳаққиқон ибрози андеша ва ҳатто пешниҳодҳо манзур намудаанд, ки қобили таҳлилу омӯзиш мебошанд. Аз ҷумла, И.Х. Бобоҷонзода ва Н.А. Қудратов қайд мекунанд, ки дар

лоиҳаи кодекси нав бори аввал равишҳои нав ба танзими қонунгузорӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ пайдо шуданд, яъне, «Афзалияти шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ нисбат ба Кодекси ҷиноятии ҶТ» (қ. 3 м. 1 лоиҳаи КҶ ҶТ), техникаи нави қонунгузорӣ «Тавзеҳи баъзе мафҳумҳои дар Кодекси ҷиноятӣ мавҷудбуда» (м. 3 лоиҳаи КҶ ҶТ), мафҳуми нав «ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ» (фасли II – Ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ. Боби 3. Мафҳуми ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ва намудҳои он). Қисми махсуси лоиҳа бошад, бо фасли нави «Ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ба муқобили саломатии аҳолӣ» ва фасли «Ҳуқуқвайронкунии ҷиноятии тиббӣ» ва ғайра пурра карда шудааст [6,с.8]. Аз ин бармеояд, ки воқеан ҳам лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ дорои меъёрҳо ва падидаҳои нав мебошад. Дар ин миён, ба андешаи мо, муқаррар кардани моддаи алоҳида барои мафҳумҳои асосӣ бисёр бамаврид мебошад. Зеро дар Кодекси ҷиноятии амалкунанда чунин модда мавҷуд набуда, бисёре аз мафҳумҳои асосӣ низ муқаррар нашуда буданд. Ба андешаи Искандари Сулаймон, бо қабул гардидани лоиҳаи мазкур низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ ворид гардида, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа дар кишвар таъмин хоҳад гашт. Сохтори лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ ба қисмҳои умумӣ ва махсус тақсим карда шуда, он аз 14 фасл, 36 боб ва 467 модда иборат мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки баъзе моддаҳои Кодекси ҷиноятии амалкунанда бо дарназардошти мавҷудияти онҳо дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ё мавҷудияти таркиби ин ҷиноятҳо дар таркиби ҷиноятҳои объекташон якхелаи дар моддаҳои алоҳидаи лоиҳа ҷой дода нашуда, моддаҳои 112, 134, 149, 158, 169, $184^4$, $194^2$, $194^3$, $195^1$, $195^2$, $199^1$, 276, 325, 326, 327, Кодекси ҷиноятии амалкунанда бошад, дар лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав декриминализатсия карда шуда, хориҷ гардидаанд [12,с.44]. Дигар олимони ватанӣ дар ин хусус чунин изҳори назар намудаанд, ки таҳия ва пешниҳоди КҶ ҶТ дар шакли таҳрири нав ба нафъи ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳамаи шаҳрвандон, ҷамъият, давлат ва ҳатто ҷинояткорон мебошад. Зеро бо қабули КҶ ҶТ дар таҳрири нав ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳама зинаҳо бо назардошти инкишоф ва пешрафти муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, техникаву технология ба таври дахлдор ба роҳ монда шуда, ҳифзи амнияти давлатӣ аз таҷовузҳои ҷинояткорона таъмин мегардад ва ҳатто вазъи баъзе категорияи ҷинояткоронро бо татбиқи принсипи қувваи бозгашт доштани қонуни ҷиноятӣ беҳтар менамояд [9,с.255]. Андешаҳои мазкур ифодагари онанд, ки такмили қонунгузории ҷиноятӣ ба манфиати ҳамаи субъектҳо нигаронида шуда, дар таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ ба принсипҳои инсондӯстӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст.

Ҳамин тавр, аз таҳлили андешаҳои боло бармеояд, ки лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ аз Кодекси ҷиноятии амалкунанда куллан фарқ намуда, дорои мазмуну сохтор ва меъёрҳои нав мебошад. Таҳлили андешаҳои олимон ва лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки он дорои чунин навгониҳо мебошад:

1) Навгониҳои Қисми умумии лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ: мафҳумҳои асосие, ки дар Кодекс истифода мешаванд; мафҳуми нави ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ (бо дарназардошти тақсими он ба ҷиноят ва рафтори ҷиноятӣ), ҷорӣ намудани якчандкарата содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ; нигоҳи нав ба ретсидиви ҷиноят ва ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо; низоми нави ҷазо бо дарназардошти ҷазо барои содир кардани рафтори ҷиноятӣ ва ҷазо барои содир кардани ҷиноят; дигаргунсозии низоми ҷазоҳои сабуктар назар ба маҳрум сохтан аз озодӣ; ҳадди ақал ва ниҳоии ҷарима таҷдиди назар карда шуд; ҳабс ба сифати ҷазо пешбинӣ мешавад; мухлати ниҳоии маҳрум сохтан аз озодӣ ба тариқи умум то понздаҳ сол, барои маҷмуи ҷиноятҳо то бист сол ва барои маҷмуи ҳукмҳо то бисту панҷ сол пешбинӣ карда шуда, якумра аз озодӣ маҳрум сохтан барои содир кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин; мусодираи молу мулк бо дарназардошти талаботи санадҳои байналмилалӣ таҷдиди назар карда шудааст; ҷорӣ кардани институти нав дар ҳуқуқи ҷиноятии кишвар дар намуди аҳдномаи мурофиавӣ.

2) Навгониҳои Қисми махсуси лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ: бобҳои алоҳидаи нав, ба мисли ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятии нақлиётӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятии тиббӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятии коррупсионӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба муқобили манфиатҳои хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатиро фаро мегирад.

Бояд қайд намуд, ки на ҳамаи ин навгониҳо аз ҷониби олимон дастгирии умумӣ пайдо кардаанд. Як қатор олимон баъзе аз ин навгониҳоро мавриди муҳокима қарор дода, таҷдиди назар кардани онҳоро муҳим меҳисобанд. Аз ҷумла, И.Х. Бобоҷонзода қайд мекунад, ки таҳлили лоиҳаи нави КҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки он аз камбудиҳо холӣ нест, дар он баъзе муқаррарот дуруст арзёбӣ нагардидаанд ва таҷрибаи илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ (фикру мулоҳиза ва хулосаю пешниҳодҳои олимону муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ), таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ берун аз мадди назар мондааст [6,с.18; 7,с.21-39]. Н.А. Қудратов низ бар он назар аст, ки бо вуҷуди ҳамаи комёбиҳои лоиҳа дар он баъзе нуктаҳои баҳсталаби ҳалношуда ва нофаҳмо боқӣ мондаанд [8,с.8]. У.А. Азиззода қайд мекунад, ки ҳанӯз маълум нест, ки Кодекси ҷиноятии амалкунанда то кай амал мекунад ва кодекси нав кай қабул карда мешавад. Бинобар ин, барои боз ҳам такмил додани қонуни ҷиноятии амалкунанда ва лоиҳаи кодекси нав баъзе нуктаҳоро ба назар гирифтан лозим аст, то ки самараи амали минбаъдаи он зиёд карда шавад. Аввалан, Кодекси ҷиноятии ҶТ тағйироти системавиро тақозо мекунад; дуюм, омӯзиши холигиҳои қонунгузорӣ, ки дар амалия пайдо шудаанд; сеюм, ҷорӣ намудани меъёрҳои муайяни институтҳое, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дигар давлатҳо исбот шудаанд; чорум, бо дарназардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро тасдиқ кардааст [3,с.7]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки ҳанӯз кай мавриди амал қарор гирифтани лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ маълум нест, вале айни замон муносибатҳои ҷиноятӣ бо Кодекси ҷиноятии амалкунанда мавриди танзим қарор гирифта истодаанд. Бинобар ин, ба такмили ин санади ҳуқуқӣ то қабули санади нав набояд фосила гузошта шавад.

Мавриди зикр аст, ки нуқсонҳои лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ бештар аз ҷониби И.Х. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов ва Т.М. Ғайратов мавриди муҳокима қарор дода шудаанд. Ба баъзе нуқсонҳои лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ, ки аз ҷониби олимони номбурда ошкор гардидаанд, ишора менамоем:

1. Олимони номбурда, дар эрод ба қисми 1, м. 1 Лоиҳаи КҶ ҶТ қайд кардаанд, ки мантиқан мо наметавонем як қонунро пурра ба КҶ ворид намоем, танҳо он меъёри қонунро метавонем ба КҶ ворид созем, ки дар он ба ҷиноят будани кирдори ба ҷамъият хавфнок ишора шуда бошад. Дар ин хусус чунин шакли меъёрро пешниҳод кардаанд: «Муқаррароти дигар қонунҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, танҳо баъди ба Кодекси мазкур ворид намудани онҳо татбиқ карда мешаванд». Албатта, пешниҳоди мазкур қобили қабул мебошад. Зеро мавҷудияти ҷавобгарии ҷиноятӣ на дар қонунҳои алоҳида, балки танҳо дар сурати дар худи Кодекси ҷиноятӣ муқаррар шудан татбиқ мегардад.

2. Дар лоиҳаи КҶ ҶТ ҳангоми истифодаи мафҳумҳои "кӯдак", "ноболиғ" ва "хурдсол" мавқеи ягона дида намешавад. Аз ҷумла, дар моддаи 3-и лоиҳа, ки "Мафҳумҳои асосӣ" номгузорӣ шудааст, дар банди 37 мафҳуми хурдсол, яъне шахси ба синни чордаҳ нарасида ва дар банди 29 ноболиғ (кӯдак), яъне шахси ба синни ҳаждаҳ нарасида муайян шудааст. Қонунгузор дар ин маврид бояд истилоҳи ягонаро барои ҳар се категория истифода кунад. Дар ин хусус олимони номбурда бештар ба мафҳуми "кӯдак" мувофиқ мебошанд. Ба андешаи мо, мафҳуми "кӯдак" мафҳуми васеъ ва умумиэътирофшуда буда, ба қонунгузории миллӣ (Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак") ва санадҳои байналмилалӣ (Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак) мувофиқ мебошад. Аммо вақте сухан дар хусуси қонунгузорӣ ва меъёри ҳуқуқу ҷавобгарӣ меравад, масъала тамоман ранги дигар мегирад. Масалан, мо гуфта наметавонем, ки ноболиғ (кӯдак) субъекти ҷиноят намебошад, вале гуфта метавонем, ки шахси хурдсол субъекти ҷиноят намебошад. Андешаи мазкур ифодагари он мебошад, ки вобаста ба синну сол ва ҳолати муайян мо наметавонем мафҳуми "кӯдак" ва ё "ноболиғ"-ро истифода барем.

Бинобар ин, ба андешаи мо, мафҳуми ноболиғ (кӯдак) дар нисбати моддаҳои дахлдори лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ истифода бурда шавад ва мафҳуми тифли навзод низ барои дуруст дарк кардани моддаи 105 КҶ ҶТ боаҳаммият мебошад. Вобаста ба ин, зарурати мавҷуд будани мафҳуми тифли навзод дар лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ ба миён омадааст.

Т.Ш. Шарипов қайд менамояд, ки дар давоми муҳлати амали қонуни ҷиноятӣ камбудиҳои КҶ ҶТ-и амалкунанда ошкор карда шуд ва ин табиист, чунки ҳар гуна қонун ҳатто қонуни мукаммалтарин, агарчи дар лаҳзаи қабул шуданаш ба ноқисиҳо мувоҷеҳ нашуда бошад ҳам, вале минбаъд метавонад ба он рӯ ба рӯ шавад [16,с.113]. Ба андешаи У.А. Азиззода, ҷараёни такмили қонунгузории ҷиноятӣ табиӣ буда, минбаъд низ он идома меёбад, зеро амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нуқсу норасоиҳои онро ошкор месозад [2,с.299-300]. Бинобар ин, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ин як раванди маъмулӣ ва табиӣ буда, ба пешрафти ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки тағйиру иловаҳои зиёд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат намекунад, баръакс, эътибори меъёрҳои онро коста гардонида, мазмуну моҳияти онҳоро мураккаб менамоянд. Новобаста ба тағйиру иловаҳои зиёд ворид кардан ба Кодекси ҷиноятӣ мазмуну сохтор ва меъёрҳои он ба муносибатҳо ва талаботҳои ҷомеаи муосир мувофиқ намебошад. Зеро, аз як тараф, аз қабули он солҳои зиёд гузашта, меъёрҳои он куҳна гардидаанд ва аз тарафи дигар, дар натиҷаи тағйиру иловаҳои зиёд меъёрҳои он ҷозибаи худро гум кардаанд. Бо ин назардошт, зарурати қабули Кодекси нави ҷиноятӣ пеш омадааст.

2. Таҳияи лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятӣ се марҳилаи муайянро аз сар гузаронидааст: 1) таҳияи лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар соли 2013-2016; 2) таҳияи лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар соли 2016-2019; 3) таҳияи лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар соли 2019-2023. Дар таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ олимони намоёни соҳаи ҳуқуқшиносӣ заҳмат кашидаанд. Айни замон, лоиҳаи омодагардида, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дошта, эҳтимол аст, ки дар муҳлати кӯтоҳ қабул гардад.

3. Лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ паҳлуҳои мусбӣ ва манфӣ дорад. Зеро, аз як тараф, бисёре аз меъёрҳо, мазмун ва сохтори он мувофиқ ба талаботи замони муосир нав карда шудаанд. Аммо, аз тарафи дигар, баъзе меъёрҳои он ҳанӯз ниёз ба такмили бештар доранд. Агар лоиҳаи мазкур қабул гардад, дар ин сурат зарурати пеш меояд, ки ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд. Бинобар ин, салоҳи кор аст, ки қабл аз он ки ин санад қабул мегардад, он бояд ба таври ҳаматарафа мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, сониян ҳамчун як санади мукаммал ва босифат қабул карда шавад.

4. То кунун Стратегияи давлатӣ оид ба рушди фаъолияти қонунгузории ҷиноятӣ дар ҶТ вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоям, ки Стратегияи давлатӣ оид ба рушди фаъолияти қонунгузории ҷиноятӣ дар ҶТ барои солҳои 2023-2030 таҳия ва қабул карда шавад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ - Шарипов Р.И.**

**АДАБИЁТ**


1. Авдеев, В.А. Концепция уголовно-правовой политики Российской Федерации: основные направления совершенствования уголовного закона и оптимизации мер противодействия преступности / В.А. Авдеев, О.А. Авдеева // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2014. – №1. – С. 12-24.
2. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование. Монография / У.А. Азизов. Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.
3. Азизов, У.А. Некоторые аспекты совершенствования системы уголовного кодекса Республики Таджикистан / У.А. Азизов // Актуальные проблемы современного уголовного права и криминологии: Материалы международной научно-практической конференции, Ставрополь, 06 февраля 2015 года / ФГАОУ ВПО «Северо-Кавказский федеральный университет»; ФГКУ «Всероссийский научно-исследовательский институт МВД России» (филиал по Северо-Кавказскому федеральному округу); НОУ ВПО «Северо-Кавказский гуманитарно-технический институт». – Ставрополь, 2015. – С. 6-8.
4. Бараташвили, Л.Н. Некоторые вопросы обратной силы уголовного закона при признании норм общей части УК РФ / Л.Н. Барташвили // Проблемы в российском законодательстве. – 2016. –№7.– С.163-165.
5. Бахриддинзода, С.Э. Некоторые вопросы усовершенствования уголовного законодательства Республики Таджикистан / С.Э. Бахриддинзода, Д.С. Бахриддинзода // Законодательство. – 2016. – №4(24). – С. 14-16.
6. Бободжонзода, И.Х. О некоторых спорных институтах проекта Уголовного кодекса Республики Таджикистан: теория, законодательство и практика / И.Х. Бободжонзода, (Бабаджанов И.Х.), Н.А. Кудратов // Правовая жизнь. – 2020. – №4 (32). – С. 6-18.

7. Бободжонзода, И.Х. И. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости / И.Х. Бободжонзода, (Бабаджанов И.Х. ), И. Анушервон // Правовая жизнь. – 2019. – №3 (27). – С. 21-39.
8. Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ: дис. ... ном. илм. Ҳуқуқ / Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2023. – 202 с.
9. Бобоҷонзода, И.Ҳ. Баъзе масъалаҳои такмили қисми умумии лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов, Т.М. Ғайратов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №2/2 (47). – С. 254-262.
10. Зокирзода, З.Х. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. Нашри аввал. Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Шарипов Т.Ш. – Душанбе: Нашри мубориз, 2021. – 196 с.
11. Зокирзода, З.Х. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. Нашри аввал / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с.
12. Искандари, С. К вопросу о разработке Уголовного кодекса Республики Таджикистан в новой редакции / С. Искандар // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2021. – №3 (51). – С. 40-45.
13. Қудратов, Н.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Навгониҳо ва проблемаҳои ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат дар лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ] / Реҷаи дастрасӣ: https://www.facebook.com/groups/129700827223795/ ?multi_permalinks =2141239522736572&ref=share (санаи мурочиат: 17.08.2023).
14. Нематов, А.Р. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере уголовно-правовой ответственности и наказания / А.Р. Нематов // Государственно-правовые исследования. – 2018. – №1. – С. 68-73.
15. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ: нашри аввал. Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Душанбе: Ашуриён, 2023. – 320 с.
16. Шарипов, Т.Ш. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ / Т.Ш. Шарипов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – № 3. – С.110-122.
17. Шарипов, Т.Ш. Конституционные основы уголовного права Республики Таджикистан / Т.Ш. Шарипов, С.Э. Бахриддинзода // Конституционные основы уголовного права. Материалы 1 Всероссийского конгресса по уголовному праву, посвященного 10-летию Уголовного кодекса Российской Федерации. -М.: ТК Велби, 2006. - С.594-598.

## ПРОБЛЕМАҲОИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ

Дар мақола проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллифон, зимни таҳлили қонунгузорӣ ва андешаҳои олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ бо далелҳои асоснок нишон додаанд, ки қонунгузории ҷиноятӣ ба такмилу таҳрири бештар ниёз дорад ва таҳияи лоиҳаи он дар шакли таҳрири нав амри зарурӣ мебошад. Таҳқиқоти муаллифон нишон медиҳад, ки ворид кардани тағйиру иловаҳои зиёд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат намекунад, баръакс, чунин амал эътибори меъёрҳои онро коста гардонида, дарки мазмуну моҳияти онҳоро мушкилу мураккаб мегардонад. Новобаста ба тағйиру иловаҳои зиёди воридкардашуда ба Кодекси ҷиноятӣ мазмуну сохтор ва меъёрҳои он ба муносибатҳо ва талаботҳои ҷомеаи муосир мувофиқ намебошад. Бо назардошти ин нукта зарурати таҳия ва қабули Кодекси нави ҷиноятӣ пеш омадааст. Муаллифон зимни таҳқиқоти худ иброз доштаанд, ки лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ паҳлуҳои мусбӣ ва манфӣ дорад. Зеро, аз як тараф, бисёре аз меъёрҳо, мазмун ва сохтори он мувофиқ ба талаботи замони муосир нав карда шудаанд. Аммо аз тарафи дигар, баъзе меъёрҳои он ҳанӯз ҳам ба такмилу таҳрири бештар ниёз доранд. Агар лоиҳаи мазкур қабул гардад, зарурате пеш меояд, ки ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд. Бинобар ин, беҳтар аст пеш аз ба марҳалаи қабул расидан, он бояд ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳамчун як санади мукаммал қабул карда шавад.

**Калидвожаҳо:** проблема, такмили қонунгузорӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, тағйиру иловаҳо, криминализатсия, декриминализатсия, лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## ПРОБЛЕМЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СФЕРЕ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

В статье проанализированы и обсуждены проблемы совершенствования законодательства Республики Таджикистан в сфере уголовной ответственности. Авторы в ходе анализа законодательства и мнений ученых-юристов обосновали, что уголовное законодательство нуждается в совершенствовании, а разработка его проекта в новой редакции является необходимым порядком. Исследования авторов показывают, что многие изменения и дополнения не способствуют совершенствованию уголовного законодательства, а наоборот, снижают действие его норм и усложняют их сущность. Несмотря на многочисленные изменения и дополнения, внесенные в Уголовный кодекс, его содержание, структура и стандарты не соответствуют взглядам и требованиям современного общества. Учитывая это, необходимо принять новый Уголовный кодекс. В ходе исследования авторы констатировали, что проект нового Уголовного кодекса имеет положительные и отрицательные стороны. Потому что многие его нормы, содержание и структура обновлены в соответствии с требованиями современности. Однако, с другой стороны, некоторые ее критерии все еще нуждаются в совершенствовании. Если этот проект будет принят, то в такой существующий кодекс необходимо будет внести изменения и дополнения. Поэтому лучше изучить и усовершенствовать его до принятия, а затем принять как полноценный документ.

**Ключевые слова:** проблема, совершенствование законодательства, уголовная ответственность, изменения и дополнения, криминализация, декриминализация, проект Уголовного кодекса Республики Таджикистан.

**PROBLEMS OF IMPROVING THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF CRIMINAL RESPONSIBILITY**

The article analyzes and discusses the problems of improving the legislation of the Republic of Tajikistan in the field of criminal responsibility. The authors, in the course of analyzing the legislation and the opinions of legal scholars, substantiated that the criminal legislation needs to be improved, and the development of its draft in a new edition is a necessary order. The authors' studies show that many changes and additions do not contribute to the improvement of criminal legislation, but, on the contrary, reduce the effect of its norms and complicate their essence. Despite numerous changes and additions made to the Criminal Code, its content, structure and standards do not meet the views and requirements of modern society. Given this, it is necessary to adopt a new Criminal Code. In the course of the study, the authors stated that the draft of the new Criminal Code has positive and negative sides. Because many of its norms, content and structure have been updated in accordance with the requirements of modern times. However, on the other hand, some of its criteria still need to be improved. If this draft is adopted, then such an existing code will need to be amended and supplemented. Therefore, it is better to study and improve it before adoption, and then accept it as a full document.

**Keywords:** problems, improvement of legislation, criminal liability, amendments and additions, criminalization, decriminalization, draft Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Зокирзода Зафар Хайрулло*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин, 63. Телефон: **(+992) 988-55-45-75.** E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**
***Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин, 63. Телефон: **(+992) 555-45-93-93**. E-mail: **najibullo.shodizoda@inbox.ru**

**Сведения об авторах:** ***Зокирзода Зафар Хайрулло*** - Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры право и государственное управление**. Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддина, 63. Телефон: **(+992) 988-55-45-75**. E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**
***Шодизода Наджибулло Махмадризо*** - Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, страший преподаватель кафедры право и государственное управление**. Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддина, 63. Телефон: **(+992) 555-45-93-93.** E-mail: **najibullo.shodizoda@inbox.ru**

**Information about the authors:** ***Zokirzoda Zafar Khairullo*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and public administration. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin, 63. Phone: **(+992) 988-55-45-75.** E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**
***Shodizoda Najibullo Mahmadrizo*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, Senior Lecturer of the Department of Law and Public Administration. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin, 63. Phone: **(+992) 555-45-93-93**. E-mail: **najibullo.shodizoda@inbox.ru**

ТДУ: 342.15(575.3)

# ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ҲАМЧУН РАВАНДИ РУШДИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Шарифзода Л.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба ҳамагон маълум аст, ки баъд аз парокандашавии давлати пуриқтидории Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибихтиёр гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабул кардани Конститутсияи давлати мустақилу демократӣ ва ҳуқуқбунёду соҳибихтиёр ба миён омад. Ҳамин буд, ки мардуми Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуд, ки дар таҳкими давлату давлатдорӣ муосир нақши калидӣ гузошт.

Ба андешаи Достиев А.: «Бояд қайд намуд, ки то соли 1994 дар Тоҷикистон Конститутсияе амал мекард, ки соли 1978 дар замони Шуравӣ қабул шуда буд. Комиссияи таҳияи Конститутсияи Тоҷикистон баробари касби истиқлолияти кишвар ташкил шуд ва дар тобистони соли 1992 пешнависи ин қонун аз тариқи расонаҳо муаррифӣ гардид. Вале бо шиддат пайдо кардани ихтилофҳо миёни гурӯҳҳои даргир ва саросарӣ шудани ҷанги шаҳрвандӣ, имкони идомаи кори комиссияи мазкур ва баргузории раъйпурсӣ ба хотири қабули Конститутсия номумкин гардид» [1].

Ба андешаи Достиев А.: «Бояд зикр кард, ки соли 1994 ин Конститутсия дар шароите ба тасвиб расид, ки дар Тоҷикистон ҷанг миёни давлат ва мухолифин идома дошт. Қисме аз аҳолии кишвар дар Афғонистон ва кишварҳои дигари паноҳ бурданд. Баъд аз имзои мувофиқатномаи сулҳи тоҷикон дар июни соли 1997 ва бозгашти гурезагон ба Ватан зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ин қонун пеш омад. Аз ҳисоби намояндагони давлату мухолифин дар он давра комиссияи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистонро ташкил карданд» [1].

Вобаста ба қабул шудани ин санади муҳим Абдумаҷид Достиев чунин ибрози андеша кардааст: «Росташро гӯям, ман Конститутсияи соли 1994 қабулшударо мукаммалтар медонам. Вақте яксолагии амалишавии онро дар ҳамин ҷо САҲА қайд кард, онро яке аз панҷ конститутсияҳои беҳтарини кишварҳои узви ин созмон дониста буд. Лекин тағйироту иловаҳо 26–уми сентябри соли 1999 бо пешниҳоди Комиссияи оштии миллӣ шуд. Мо имконият надоштем, ки «не гӯем». Саид Абдуллоҳи Нурӣ, ки омӯхтани матни тағйироту иловаҳоро ба ҳуқуқдонҳои мухолифин вогузор карда буд, баъдан аз ин кор пушаймон шуд ва эътироф кард, ки матни Конститутсияи соли 1994 чанд маротиб беҳтар аз тағйироти ахирин буд. Достиев А. таъкид кард, ки Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар бештари маврид бепарда сухан мегуфт ва хатоҳои худро низ ошкоро баён мекард. Ба гуфтаи Достиев, танҳо баъди гузашти муддате аз қабулшавии тағйироту иловаҳо ба Қонуни интихобот, Саид Абдуллоҳи Нурӣ гуфтааст, ки матни қонунро муфассал хонда ва гуфтааст, ки «мо онро вайрон кардем» [1].

Ба андешаи Сафоев А.: «Пӯшида нест, ки пешрафти ҳама соҳаву бахшҳои ҷомеа ба заминаи қонунӣ ва асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ устувор мебошад. Аз ин нигоҳ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим омад, ки барои бунёди ҷомеаи навини шаҳрвандӣ ва давлати қудратманди демократӣ дар қадами аввал заминаҳои қонунӣ ва фазои мусоиди ҳуқуқиро ба вуҷуд оварад. Аммо дар ин раванд оғоз шудани ҷанги шаҳрвандӣ маҷрои иқдомҳои ҷиддиро дар роҳи фароҳам овардани заминаҳои қонунӣ ва ҳуқуқии давлатдории навини мустақилу комилҳуқуқ халалдор намуд. Даҳшати ҷанг боис шуд, ки ҳокимияти амалкунандаи давлатӣ натавонист вазифаҳои идоракунӣ ва назорати худро дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният ба иҷро расонад» [2].

Қайд кардан зарур аст, ки барои баратараф кардани мушкилиҳое, ки кишварро дар он давра фаро гирифта буд, ягона омили муҳим ин қабул ва муҳокимаи Конститутсия ба ҳисоб мерафт. Дар натиҷа пас аз қабул шудани Конститутсия дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки дар ташаккули низоми сиёсии ҷомеа, қабул шудани аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: қонунҳо, қонунҳои соҳавӣ, кодексҳо нақши асосӣ гузошта шуд.

Ба андешаи Иброҳим Усмонов: «Агар аз нигоҳи соли 1993 ва ибтидои соли 1994 ба воқеаҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон баҳогузорӣ кунем, на танҳо Ҳукумат, балки тарафи мухолифин ҳам омодаи музокирот набуданд, намехостанд ин чизро. Душворӣ дар ҳукумат он буд, ки мамлакат мутамарказ набуд. Ноҳияҳо ва вилоятҳо на ҳама ба марказ тобеъ буданд дар соли 1993 ва 1994. Дар Тоҷикистон пул набуд. Теъдоди зиёди мардум гашта рафта буданд. Ин душвории ниҳоят сахте буд, ки давлатро маҷбур мекард, то ин ки роҳи аз он баромаданро пайдо кунад. Барои мухолифин бошад, саргардонии мардум дар хориҷи кишвар бисёр душвор буд. Тарси он буд, ки онҳо бозгашта ба ватан меоянд ва танҳо роҳбарони сиёсӣ берун аз ватан мемонанд» [3].

Ба андешаи ӯ: «Дар фикри Ҳукумати Тоҷикистон дар он давра, пеш аз ҳама, музокирот, бозгардонидани гурезаҳо ба Тоҷикистон буд, на масъалаи дигар. Агар ин масъала ҳал мешуд, албатта, масъалаҳои иқтисодии Тоҷикистон низ роҳи ҳалли худро меёфтанд. Дар пешниҳоди мухолифин қабл аз ҳама ташкил кардани Шурои давлатӣ ва боздоштани фаъолияти Шурои Олии Тоҷикистон, ки он вақт мақоми ягонаи давлатӣ буд. Яъне раиси Шурои Олӣ роҳбари Тоҷикистон буд» [3].

Бояд зикр кард, ки аз ҳама масъалаи муҳимтарин дар он давра барои бартараф кардани ихтилофҳо миёни гурӯҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, қабули Конститутсия ба сифати санади ягонае баромад мекард, ки тамоми масъалаҳои мавҷударо дар раванди ҷомеа аз нуқтаи назари қонунӣ ба танзим медаровард. Дар он давра яке аз масъалаҳои муҳим муайян кардани сохтори давлатдорӣ ва асосҳои сохтори конститутсионӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар таҳкими давлатдории муосири Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Ба назари Иброҳим Усмонов, дар он давра робитаи минтақаҳои кишвар канда ва аз як минтақа ба минтақаи дигар имкони сафар кардан мавҷуд набуд: «Дар ҳар қадам постҳои гуногун буданд, ҳам аз ҷониби ҳукумат ва ҳам аз ҷониби мухолифин. Гурӯҳҳое буданд, ки ба ҳаёти осуда халал мерасонданд. Албатта, ин зарурати сулҳро ба вуҷуд меовард. Аз ҷониби дигар, ҳеҷ давлат наметавонад дар ҳолате қарор дошта бошад, ки теъдоди зиёди аҳолиаш дар муқобили вай бо силоҳ дар дохилу ё хориҷи кишвар қарор дошта бошад» [3].

Неруҳои он замон навзуҳур мехостанд, ки ҳама чиз якбора ва зуд иваз карда шавад, ҳол он ки ҷомеа тадриҷан ва қадам ба қадам ислоҳ мешавад. Ҳаракатҳои сиёсии ҷадид, баръакс, хеле фаъол буданд ва табиист, ки ҳар касе бештар фаъол бошад, иштибоҳи зиёд ҳам мекунад. Аз ин рӯ, ин неруҳо низ мубтакири иштибоҳҳои пайдарпай ва зиёде шуданд [3].

Дар ин раванд бояд хотирнишон сохт, ки ҳамаи ин ҳодисаҳои сиёсиии бавуқуъомода, дар он давра гувоҳӣ аз он медод, ки набудани механизми самараноки идоракунӣ дар раванди сиёсии ҷомеа, тартиботи ҳуқуқӣ, волоияти қонун, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфта буданд. Дар натиҷаи устувор гардидани раванди конститутсионӣ ҳамчун механизми самараноки ба танзим даровардани масъалаҳои муҳим боис гардид, ки дар раванди сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён оянд.

Ба андешаи Акбаршоҳ Искандаров: «Замоне буд, ки ба ҳайси раиси Шурои Олӣ кор мекардам, вақте ки ба гуфтаи Шумо рӯзноманигорон, ба сари қудрат омадам. Он қудрат набуд. Тоҷикистон се тақсим шуда буд. Дар он давра ягон коре ба анҷом расонида намешуд. Вақте ки яроқ дар дасти мардум расид, вақте хуни мардум рехта буд, ягона роҳ ин буд, ки ба як гурӯҳ ҳамроҳ шавем ва гурӯҳи дигарро саркӯб кунем. Роҳе, ки пеш гирифтем, бисёр кӯшиш кардем, ҳамин ҳукумати марказиро мустаҳкам кунем. Агар ҳукумати марказӣ мустаҳкам мешуд, дигар гурӯҳҳо ҳам фикр мекарданд, ки чӣ кор кунанд, яъне аз қувва метарсиданд. Лекин медонистанд, ки ҳукумати марказӣ чизе надорад, касе надорад» [4].

Зикр кардан бамаврид аст, ки вобаста ба пешравиҳои баамаломада дар раванди ҷомеа зарурат ба амал омад, ки ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки ин яке аз талаботҳои принсипҳои ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи ин тағйиротҳои муҳим ба Конститутсия аз ҷониби субъектҳои муайян тағйиротҳои муҳим ворид карда шуданд, ки дар ташаккул ва рушди институтҳои демократӣ ва демократикунонии раванди ҷомеа нақши муҳим гузошта шуд.

Ба андешаи муҳаққиқ ва яке аз таҳиякунандагони лоиҳаи Конститутсия Зариф Ализода: «Конститутсия истиқлолияти давлатиро ба расмият дароварда, роҳи минбаъдаи инкишофи ҷомеаи навини Тоҷикистонро муайян кард. Бояд зикр намуд, ки соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон ва аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ ҷомеаро ба як номуайянӣ гирифтор карда буд. Маълум намуд, ки мо кадом роҳи инкишофи ҷомеа ва кадом шакли идораи давлатро интихоб менамоем. Тибқи Конститутсия эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мақсади Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки шакли давлатдории эътирофшуда ва мутамаддини имрӯзаи ҷаҳонӣ мебошад. Чунин интихоб ба ҳамроҳшавии мамлакат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намуда, эътирофи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ таъмин намуд» [5].

Бояд хотирнишон сохт, ки Конститутсия истиқлолияти давлатиро ба расмият дароварда, асосҳои қонуну қонуниятро дар раванди сиёсии ҷомеа ба танзим дароварда, дар таҳкими низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим гузошт. Дар натиҷа, пас аз қабули Қонуни асосӣ дар раванди ҷомеа дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд. Дар ин замина дар асоси Конститутсия муайян гардидани сохтори давлатдорӣ, ба фаъолияти сиёсӣ оғоз кардани институтҳои демократӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳким ёфтани муносибатҳои демократӣ дар раванди сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеа нақши муҳим гузошта шуд.

Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Дастоварди бузурги мо дар тули солҳои истиқлолият барқарор намудани сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдори миллӣ, таъмини рушду устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки маҳз ба шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардид. Зеро дар ин давра дастёбӣ ба шинохти асолати таърихии миллат, мақому мартаба ва ҷойгоҳи он дар таърихи тамаддуни башарӣ аз ҷумлаи муҳимтарин самтҳои сиёсати давлати Тоҷикистон буд, ки ин сиёсати ваҳдатсоз аз бузургдошти таъриху фарҳанг оғоз гардида, барои пешрафти корҳои мо дар роҳи давлатсозӣ ва давлатдории навин фазои мусоид фароҳам овард» [6].

Зикр кардан бамаврид аст, ки яке аз хусусиятҳои асосии ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, сулҳу ваҳдати пойдор дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон аз устувор гардидани раванди конститутсионӣ дар раванди сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеа, аз масъалаҳои муҳимтарин дар он давра ба ҳисоб мерафт. Маҳз ҳамин омил боис гардид, ки таҳаввули раванди конситутсионӣ дар кишвар баҳри ба талаботи ҷомеаи демократӣ дигаргун намудани ҷомеа, устуворшавии қонуну қонуният, заруратро ба миён овард, ки ба Конститутсия як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Ба андешаи Сайфулло Сафаров: «Раъйпурсӣ дар фазои озод баргузор шуд ва бо вуҷуди мухолифати бархе ҳизбҳо мардум ба ҷонибдории ислоҳот овоз дод. Дохил намудани тағйироту иловаҳо барои рушди ҳизбҳои сиёсӣ ва мустаҳкам намудани мавқеи онҳо сабаб гашт, ки ин барои мо хеле муҳим аст. Ҳар ҳизби сиёсӣ тавонист, ки ҳам мавқеи худашро нишон диҳад ва ҳам норозигии худашро аз баъзе мавқеъҳо ё баъзе нуктаҳои ин тағйирот кушоду равшан ба воситаи ахбори омма ба ҷомеа пешниҳод намояд. Тағйироту иловаҳо барои Тоҷикистон ва тоҷикистониён имконоти зиёдтарро фароҳам хоҳанд овард» [7].Қабули саривақтии қонун ва мутобиқ сохтани он ба тағйиротҳои бавуҷудомада кафолати зарурии инкишофи таърихӣ, нишонаи рушди ҳуқуқ аст. Маҳз дар чунин ҳолатҳо ҳуқуқ нақши муҳим ва арзиши бештар касб намуда, заминаи пешрафти ҷомеа мегардад, ба беҳбудии ҳаёти одамон хубтар мусоидат менамояд. Баръакс, қабул нашудани қонун ва ё мутобиқ насохтани он ба талаботҳои нави ҳаёт боиси он мегардад, ки ҳуқуқ, аҳаммият ва имкониятҳои худро гум карда, садди роҳи пешрафти ҷомеа мегардад [8].

Ба назари Сотиволдиев Р.Ш.: «Ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамеша пеш меравад ва таърихи инсоният шоҳиди ҷараёни болоравии ҷомеа аст. Ҳуқуқ низ аз пешрафти ҷомеа набояд қафо монад, вагарна инкишофи ҳаёти инсонӣ на тавассути истифодаи қонун ва қонуният, балки баръакс, беқонунӣ, бесарусомонӣ, бетартибӣ сурат мегирад, ки бе ҳеҷ гуфтугӯ мутобиқи талаботи бунёди инкишофи ҷомеаи демократӣ буда наметавонанд» [8].

Бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба идомаи ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ дар мамлакат ва танзими муносибатҳои сифатан наве, ки

ба рушди давлатдории миллӣ алоқамандии бевосита доштанд, заминаи ҳуқуқӣ гузошта шуд [9]. Баъдан, идомаи ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ, инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, зарурати танзими ҳуқуқии дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ тақозо намуданд, ки меъёрҳои Конститутсия бори дигар такмил дода шаванд.

Бо ҳамин мақсад соли 2003 маротибаи сеюм ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Тавассути ин тағйиру иловаҳо низоми интихоботии кишвар низ такмил ёфта, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар карда шуд: «Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст».

Дар ҳақиқат, раъйпурсӣ ва интихобот шаклҳои бевоситаи зоҳиршавии ҳокимияти халқ мебошанд. Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ халқ дар замони муосир маҳз тавассути ҳамин ду тарз – интихобот ва райъпурсӣ мақсаду маром ва нақши худро дар идоракунии давлат амалӣ мекунад [9]. Бояд зикр кард, ки пас аз қабули Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешравиҳои назаррас дар тамоми бахшҳои муҳимтарини ҷомеа ба мушоҳида расид. Дар ин раванд дигаруниҳои муҳимми сиёсӣ- ҳуқуқӣ дар сатҳи Конститутсия ба миён омаданд, ки ба мустаҳкам шудани раванди демократӣ, рушди сиёсӣ-ҳуқуқии мамлакат мусоидат кард.

Ба андешаи Зокиров Г.Н., «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони нави рушди таърихӣ қарор дорад. Он давраи модернизатсияи сиёсиро аз сар мегузаронад. Моҳияти онро аз низоми идоракунии авторитарию тоталитарӣ ба низоми демократӣ овардани муносибатҳо ташкил менамояд. Марҳилаи кунунии инкишоф аз замони пошхӯрии империяи Шуравӣ шуруъ, гардида то ба ҳол идома дорад. Он хусусиятҳои гуногунро ба худ гирифтааст, ки таҷассуми махсусияти инкишофи сиёсии кишвар аст. Дар ин раванд гузариши сиёсӣ, махсусан давраи аввали он ба замони мураккабу пурмуқовимати рушди Тоҷикистон рост омад. Ҷанги шаҳрвандӣ, ки оқибати сиёсати нодуруст ва ҳангоматалабонаи доираҳои мухталифи элитаи сиёсӣ ва раванди номуътадили идоракунӣ буд, марҳалаи модернизатсияи сиёсиро мураккаб гардонида, сатҳи субот ва муътадилии инкишофи онро халалдор намуд [10].

Ба андешаи муҳаққиқ Зокиров Г.Н.: «Вобаста ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарки амиқи манфиатҳои кишвар ва воқеияти нави геополитикии олами муосир; раҳоӣ аз ҳолати инкишофи номутаносуби иқтисодӣ ва таъмини инкишофи мавзуни ҳаёти иҷтимоию ҳифзи манфиатҳои одамон; мусоидат намудан ба ташаккули инкишофи мутаносиби таркиби иҷтимоии ҷомеа, махсусан ёрӣ расонидан дар ташаккули синфи миёна; муҳайё намудани шароити кафолатнок барои ҳаёти озоду беҳтари шаҳрванд, фард ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ; дар ҳолати мавзун нигоҳ доштан ва инкишофи муносибатҳои мутақобилаи аксарият ва ақаллияти миллӣ; фаҳми саривақтии пайдоиш ва ҳадафҳои оппозитсияи сиёсӣ, ба назар гирифтани манфиатҳо ва самаранок гардонидани фаъолияти он; ғамхорӣ дар ҳаққи ҳамватанони бурунмарзӣ ва ғайраҳо масъалаҳои асосию рӯзмарраи инкишофи кишварро ташкил менамоянд» [11].

Бояд хотирнишон сохт, ки ягона воситаи муҳим барои ба эътидол овардани вазъияти баамаломада, дар он давра, дар раванди сиёсии ҷомеа доир гардидани раъйпурсӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар натиҷа барои бо роҳи конститутсионӣ ба танзим даровардани масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, мушаххас ва муайян гардидани сохтори давлатдорӣ ва дар доираи Конститутсия қабул шудани аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки танзимкунандаи тамоми бахшҳои ҷомеа ба ҳисоб мерафтанд, заминаи муҳимми ҳуқуқиро ба миён гузошт.Ба андешаи муҳаққиқ Асоев А,. «Ба даст овардани истиқлолият дар назди Тоҷикистон низ масъалаи интихоби роҳи ояндаи инкишофи онро гузоштааст, ки он самтҳои асосии рушди кишварро дар марҳилаи стратегӣ муайян менамояд. Дар пешрафти ҷомеа роҳи инкишофи демократӣ бартариятҳои зиёдро соҳиб аст. Аз ин хотир, Тоҷикистон низ барои пешрафту инкишофи минбаъдаи худ онро интихоб намуд. Бунёди ҷомеаи демократӣ бо назардошти хусусиятҳои асосиаш мақсади муҳимтарини Тоҷикистон гардид» [12].

Ҳоло Тоҷикистон дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ қадамҳои аввалин ва асосиро мегузорад. Раванди таҳкими арзишҳо ва унсурҳои демократӣ масъалаҳои муҳимтарини инкишоф ба шумор меравад. Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи унсурҳо ва арзишҳои

демократиро дар Тоҷикистон аз рӯйи принсипу арзишҳои демократӣ, риояи ҳуқуқи инсон, ба амал баровардани ислоҳоти низоми сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин дигар унсурҳо ташкил медиҳанд. Чигунагии ҳолати онҳо ҷанбаи муҳимест дар муайяннамоии хусусиятҳои инкишофи ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон [12].

Метавон гуфт, ки қабул шудани Конститутсия ва тағйиру иловаҳо ба он дар таҳкими давлатдории навини Тоҷикистон ҳодисаи муимми таърихӣ ба ҳисоб меравад, чунки асоси давлатдориро дар ҳама давру замон Конститутсия ба танзим дароварда, ба сифати қонуни асосии кишвар баромад мекунад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ - Азиззода У.А.**


**АДАБИЁТ**

1. Достиев А. Конститутсияи соли 1994 мукаммал буд. [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 4.04.2023.).
2. Сафоев А. Кишвари тозаистиқлол чӣ гуна бунёд ёфт / А.Сафоев // Тоҷикистон 5 сент. -2005.
3. Иброим Усмонов. Агар Тӯраҷонзода раис мешуд... [Манбаи электронӣ]. www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 4.04.2023.).
4. Акбаршоҳ Искандаров. Даргириҳо дар Тоҷикистон даврони мушкилтарини зиндагиам буд. [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 4.04.2023).
5. Зариф Ализода. Санади муқаддаси давлату давлатдорӣ // Садои мардум. 5 ноябри 2013.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ муқаддасоти ҷовидонӣ мебошанд // Ҷумҳурият. - №108 (21) 11 сентябри 2008.
7. Муҳимтарин воқеаҳои сиёсии Тоҷикистон дар соли 2003. [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 4.04.2023.).
8. Сотиволдиев Р.Ш. Зарурат ва аҳаммияти тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Ш. Сотиволдиев // Садои мардум 2003.
9. Нақши Конститутсия дар низоми интихоботии Тоҷикистон // Садои мардум. - №144-145 (3445-3446) 29.10.2015.
10. Зокиров Г.Н. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадом ҷониб ҳаракат менамояд? // Тоҷикистон, масъалаҳои сиёсӣ ва пешомади рушди онҳо / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2007. – С. 123.
11. Зокиров Г.Н. Тоҷикистон: масъалаҳои асосии рушди сиёсӣ // Тоҷикистон: масъалаҳои сиёсӣ ва пешомади рушди онҳо / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2007. – С. 8.
12. Асоев А. Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон // Тоҷикистон масъалаҳои сиёсӣ ва пешомади рушди онҳо / А. Асоев. – Душанбе, 2007. – С. 92.
13. Мирзонабии Холиқзод. Гардишҳои сиёсии истиқлолияти Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 24.04.2023.).
14. Қабули Сарқонун интихоби дуруст буд. 2003. [Манбаи электронӣ]. www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 4.04.2023.).
15. Хуршеди Ҳамдам. Тоҷикистон рӯзи Қонуни Асосиро таҷлил мекунад. [Манбаи электронӣ]. www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 4.04.2023.).


## ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ҲАМЧУН РАВАНДИ РУШДИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои муҳимми раванди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, раванди мустаҳкамшавии ҳокимияти конститутсионӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар ин раванд маҳз қабул шудани Конститутсия ва тағйиру иловаҳо ба он дар таҳкими давлатдории навини Тоҷикистон ҳамчун ҳодисаи муҳимми таърихӣ ба ҳисоб рафта, асоси давлатдориро дар ҳама давру замон Конститутсия ба танзим дароварда, ба сифати қонуни асосии кишвар баромад мекунад. Маҳз Конститутсияи дар таҳкими давлату давлатдорӣ, муайян ва мушаххас кардани салоҳиятҳои конститутсионии ниҳодҳои давлатӣ, институтҳои сиёсии ҷомеа, ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ нақши муассир дорад. Дар он давра яке аз масъалаҳои муҳимтарин муайян кардани сохтори давлатдорӣ ва асосҳои сохтори конститутсионӣ ба ҳисоб мерафт. Зикр кардан бамаврид аст, ки вобаста ба пешравиҳои ба амал омада дар раванди ҷомеа зарурат баамаломад, ки ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки ин яке аз талаботҳои принсипҳои ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи ин ба Конститутсия тағйироту иловаҳо муҳим ворид карда шуданд, ки дар ташаккул ва рушди институтҳои демократӣ ва демократикунонии раванди ҷомеа нақши муҳим гузоштанд.



**Калидвожаҳо:** Иттиҳоди Шуравӣ, Конститутсия, истиқлолият, воқеаҳои сиёсӣ, раванди конститутсионӣ, таҳаввулоти конститутсионӣ демократия, раванди сиёсӣ, раъйпурсии умумихалқӣ.


## КОНСТИТУЦИОННАЯ РЕФОРМА КАК ПРОЦЕСС ПОЛИТИКО-ПРАВОВОГО РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА


В данной статье проанализированы и обсуждены важные особенности процесса обретения независимости Республики Таджикистан, процесса укрепления конституционной власти. В этом процессе принятие Конституции и поправок к ней рассматривается как историческое событие в деле укрепления новой государственности Таджикистана, Конституция регулирует основы государственности и выступает в качестве основного закона

страны. Конституция страны является важной основой укрепления государства и государственности, определения и уточнения конституционных полномочий государственных институтов, политических институтов общества. Одним из первых шагов считается конституционный статус законодательной, исполнительной и судебной власти, укрепление политической системы общества. Следует отметить, что важнейшим вопросом в тот период для устранения разногласий между политическими группами было, прежде всего, принятие Конституции как единого документа, включавшего в себя все вопросы с правовой точки зрения. В тот период одним из важнейших вопросов было определение устройства государства и основ конституционного строя.Стоит отметить, что в связи с прогрессом, достигнутым в общественном процессе, возникла необходимость внесения изменений в Конституцию, что является одним из требований принципов демократического общества. В результате этих важных изменений отдельными субъектами были внесены важные изменения в Конституцию, сыгравшие важную роль в становлении и развитии демократических институтов и демократизации общественного процесса.

**Ключевые слова:** Советский Союз, Конституция, независимость, политические события, конституционный процесс, конституционная эволюция, демократия, политический процесс, всенародный референдум.

**CONSTITUTIONAL REFORM AS A PROCESS OF POLITICAL AND LEGAL DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN**

This article analyzes and discusses the important features of the process of gaining independence of the Republic of Tajikistan, the process of strengthening constitutional power. In this process, the adoption of the Constitution and amendments to it is regarded as a historic event in strengthening the new statehood of Tajikistan, which regulates the foundations of statehood in all eras and acts as the country's fundamental law. The country's constitution is an important basis for strengthening the state and statehood, defining and clarifying the constitutional powers of state institutions, political institutions of society, one of the first steps is the constitutional status of the legislative, executive and judicial authorities. strengthening the political system of society.It should be noted that the most important issue in that period for eliminating disagreements between political groups was, first of all, the adoption of the Constitution as a single document that included all issues from a legal point of view. At that time, one of the most important issues was the definition of the structure of the state and the foundations of the constitutional order.It is worth noting that in connection with the progress achieved in the social process, it became necessary to amend the Constitution, which is one of the requirements of the principles of a democratic society. As a result of these important changes, individual subjects introduced important changes to the Constitution, which played an important role in the formation and development of democratic institutions and the democratization of the social process.It should be noted that after the adoption of the Constitution in the Republic of Tajikistan, significant progress has been made in all the most important spheres of society.

**Keywords:** Soviet Union, Constitution, independence, political events, constitutional process, constitutional evolution, democracy, political process, national referendum.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Шарифзода Лоҳутӣ Шариф*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **(+992) 919896569**

**Сведения об авторе:** ***Шарифзода Лохути Шариф*** - Таджикский национальный университет, доктор политических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919896569**

**Information about the author*: Sharifzoda Lohuti Sharif*** - Tajik National University, Doctor of Political Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919896569**

ТДУ: 341.362.1

# УСУЛҲОИ СОДИР НАМУДАНИ РОҲЗАНӢ

*Миралиев Н.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мутобиқи қ.1 м.249 КҶ ҶТ, роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ ба ҳисоб меравад. Ба аломатҳои роҳзанӣ вобаста ба муқаррароти мазкур аломаҳои зерин дохил мешаванд:

- ҳуҷум;
- мақсади ҳуҷум- тасарруфи молу мулки ғайр;
- содир намудани ҳуҷум бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок;
- таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ.

Ба сифати яке аз аломатҳои тавсифдиҳандаи роҳзанӣ қонунгузор ҳуҷумро номбар намудааст.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳо марбут ба бандитизм" аз 23 ноябри соли 2012, №15 мафҳуми ҳуҷум чунин тавзеҳ дода шудааст: "зери мафҳуми ҳуҷум чунин ҳаракатҳое фаҳмида мешавад, ки он барои ноил шудан ба натиҷаҳои ҷиноятӣ бо роҳи истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида ва ё бо роҳи ба миён овардани таҳдиди воқеӣ оид ба истифодаи зӯроварӣ равона карда шудааст" (б.9) [9,с.204].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ чунин таърифи ҳуҷум аз ҷониби баъзе олимон мавриди танқид қарор дода шудааст. Масалан, С.Кочои чунин меҳисобад, ки дар чунин таърифи ҳуҷум яке аз аломатҳои муҳим – ногаҳонӣ будани ҳаракатҳои гунаҳгор нишон дода нашудааст. Ғайр аз ин, истифода шудани зӯроварӣ ба усули ҳуҷум табдил ёфтааст [5,с.28].

Ба андешаи П.Агапова бошад, чунин таъриф аз ҳад зиёд умумӣ буда, ба пуррагӣ моҳияти ҳуҷумро ошкор намекунад [1,с.4].

Мафҳуми ҳуҷум дар таркиби роҳзанӣ на дар қонунгузорӣ ва на дар тавзеҳоти Суди Олии ҶТ муайян нашудааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аломати мазкур ба таври гуногун муайян шудааст. Баъзан ҳуҷум тавассути мафҳуми зӯроварӣ маънидод карда мешавад. Масалан, Б.В.Яселенко чунин таърифи ҳуҷумро медиҳад: ҳуҷум ҳаракатҳоеро ифода месозад, ки барои ба даст овардани молу мулк бо роҳи истифодаи зӯроварӣ нисбати ҷабрдида равона шудааст ё ба вуҷуд овардани таҳдиди воқеии фавран татбиқ намудани он мебошад [15]. С.М. Кочои чунин меҳисобад, ки зери мафҳуми ҳуҷум бояд ҳаракатҳое, ки барои ноил шудан ба натиҷаи ҷиноятӣ (тасарруф) бо роҳи ногаҳон истифода намудани зӯроварӣ нисбати ҷабрдида равона шудааст, ё ба вуҷуд овардани таҳдиди воқеии фавран татбиқ намудани он фаҳмида шавад [6,с.312]. З.А. Незнамова ҳуҷумро ҳамчун таъсиррасонии ногаҳонаи беруна ба ҷабрдида муайян мекунад [16]. Чи тавре аз таърифҳои зикршуда бармеояд, ҳуҷум бо зӯроварӣ омехта шуда, дар онҳо аломатҳои танҳо ба ҳуҷум, на ин ки ба зӯроварӣ хос бударо амалан ҷудо намудан ғайриимкон аст.

Дар таърифи аз ҷониби А.И. Рарог пешниҳодшуда чунин вобастагӣ камтар ба назар мерасад: ҳуҷум таъсиррасонии ошкоро ё пӯшидаи ногаҳониро ба молик, соҳиби дигари молу мулк ё шахси дигар, масалан, посбон ифода мекунад [17]. И.Г. Соломоненко ҳуҷумро чунин муайян мекунад: зери мафҳуми ҳуҷум бояд таъсиррасонии таҷовузкоронаи фаъол ва ногаҳонӣ нисбати ҷабрдида фаҳмида шавад, ки хавфи воқеии фавран ва бевосита истифода шудани зӯроварӣ ба шахсияти зери ҳуҷум қароргирандаро бо мақсади тасарруф намудани молу мулки ғайр ба миён меоварад [18].

Ба андешаи мо, таърифи додаи А.И. Рарог бештар қобили қабул мебошад, ки дар он муаллиф ҳангоми додани мафҳуми ҳуҷум қариб пурра аз мафҳуми зӯроварӣ дур шуда, бо ҳамин мустақил будани мафҳуми "ҳуҷум"-ро нишон додааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳқиқоти махсус низ ҷой доранд, ки ба моҳияту мазмуни ҳуҷум вобаста ба ҳама таркиби ҷиноятҳои дахлдор маънидод шудааст. Масалан,

Т.И. Нагаева чунин таърифи умумӣ, барои ҳама таркиби ҷиноятҳо тааллуқдоштаи мафҳуми ҳуҷумро медиҳад: ҳуҷум ин ҷараёни беиғвои ошкоро ё ниҳонии таъсиррасонии зиддиҳуқуқии зӯроварона нисбати ҷабрдида мебошад, ки бархилофи иродаи ӯ ё ба объектҳои дар қонун муқаррар шуда барои ноил шудан ба мақсади ҷиноят равона шудааст [11].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ, инчунин, аломатҳои гуногуни ҳуҷум номбар мешаванд. Масалан, А.Э. Жалниский чунин аломатҳоро ҷудо менамояд: ногаҳонӣ, таҷовузкорона, [20].

Ҳуҷум ҳамчун аломати ҳатмии тарафи объективии роҳзанӣ – кирдор бо чунин хусусиятҳо тавсиф мегардад:

1) он таъсиррасонии таҷовузкоронаи берунаро ба ҷабрдида ифода мекунад [8];

2) он барои ҷабрдида ногаҳонӣ мебошад;

3) он ҳама вақт хусусияти зӯроварона дошта, зӯроварӣ мумкин аст ҳам ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳӣ бошад;

4) зӯроварӣ дар роҳзанӣ барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок ба ҳисоб меравад. Аломати охирин ҳуҷумро ҳангоми роҳзанӣ аз ҳуҷум ҳангоми ғоратгарӣ бо истифодаи зӯроварӣ фарқ мекунонад.

Чунин аломати ҳуҷум, ба монанди хусусияти иғвогарона надошта, ки онро Т.И. Нагаева ҷудо месозад, ба андешаи мо. ба қатори аломатҳои ҳатмии ҳуҷум ҳангоми роҳзанӣ дохил намудан дуруст нест, новобаста ба он ки дар баъзе ҳолатҳо рафтори ҷабрдидагони алоҳида хусусияти виктимологии баланд доранд.

Шаклҳои ҳуҷум мумкин аст гуногун бошанд: ошкоро, масалан, ҳангоми рӯ ба рӯ паррондан, пинҳонӣ аз ҷабрдида, масалан, ҳангоми бо корд задани шахси хобида.

Ба ҳуҷум Пленуми Суди Олии ҶТ инчунин усули бо роҳи фиреб таъсир расонидан ба ҷабрдидаро низ дохил менамояд. Сухан дар бораи истифода шудани моддаҳои сахттаъсир, заҳролуд ё мадҳушкунанда меравад. Дар б.25 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ” аз 25 июни соли 2004, №3 чунин омадааст: “Дар ҳолате, ки агар бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, бо нияти ҷабрдидаро ба ҳолати оҷизӣ овардан, ба бадани ҷабрдида бархилофи хоҳиши ӯ воситаҳои сахттаъсир ё мадҳушкунанда гузаронида мешавад, ҳаракатҳои содиргардида бояд, чун роҳзанӣ бандубаст карда шавад” [9,с.42].

Чунин тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба таври гуногун баррасӣ шудааст. Масалан, С.В. Дубченко чунин мавъқеро тарафдорӣ намуда, баён медорад, ки ба ҷисми ҷабрдида дохил кардани моддаҳои заҳролуди гуногун, ки боиси ҳолати оҷизии ӯ мегардад, бояд ҳамчун зӯроварӣ эътироф шавад, зеро моддаҳои мазкур ба ҷисми инсон бархилофи иродаи ӯ таъсири зараровар мерасонанд [4,с.17].

Ф.Б. Гребенкин чунин меҳисобад, ки истифодаи воситаҳои нашъадор, сахттаъсир ва дигар моддаҳо барои тасарруф намудани молу мулки ғайр зӯроварии ҷисмонӣ ҳисоб мешавад, чунки дар чунин маврид робитаи ҷисмонӣ бо ҷисми ҷабрдида ҷой дорад. Вале, дар чунин ҳолат ҳуҷум нест, бинобар ин таркиби роҳзанӣ низ ҷой надорад [3,с.9].

Агар пеш аз ба бадани ҷабрдида гузаронидани моддаҳои барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ҳуҷум ҷой надошта бошад ва агар чунин гузаронидан унсури зӯроварии ба ҷабрдида истифода шаванда ҳисоб нашавад, дар гумон аст, ки дар чунин ҳолат дар бораи мавҷуд будани роҳзанӣ сухан ронем. Бинобар ин, моҳиятан ҳангоми бо роҳи фиреб истифода намудани моддаҳои сахттаъсир ва дигар моддаҳои ба ин монанд бо мақсади тасарруф намудани молу мулк ҳам аломати ҳуҷум ва ҳам аломати зӯроварӣ мавҷуд нест [6,с.223].

Дар чунин ҳолатҳо дурусттар мебуд, агар кирдор ҳамчун дуздӣ ва қасдан расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида ё ҳаёти ӯ бандубаст карда мешуд [19]. Ба андешаи А.В.Наумов, дуруст аст агар ба ҷабрдида зӯран ба бадани ӯ моддаҳои мазкур барои ба ҳолати оҷизӣ расонидан ва осон намудани содир шудани тасарруф гузаронида шавад. Дар ин ҳолат чунин усул, масалан аз зарба задан ба сари ҷабрдида барои бартараф намудани муқобилияти ӯ фарқ намекунад. Ин ҷо ҳуҷум ҳамчун элементи ҳатмии роҳзанӣ ҷой дорад. Аз тарафи дигар, вақте ки, масалан, моддаҳои мадҳушкунанда ба бадани ӯ бо роҳи фиреб ворид карда мешаванд (масалан, пинҳонӣ ба нӯшокии спиртӣ ҳамроҳ кардан), ҳуҷум

баръало ҷой надорад. Кирдор бояд ҳамчун ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ё саломатӣ (вобаста ба оқибат) ва дуздӣ бандубаст карда шаванд [12,с.367-368].

А.И. Бойсов қатъиян муқобили чунин андешаҳо баромад намуда, баён медорад, ки фиреби дар чунин ҳолат истифодашаванда танҳо воситаи таъсиррасонии химиявиро осонкунанда буда, он ҷинояти зӯроварона ба ҳисоб меравад [2,с.444-450].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин андешаҳои дигар низ пешниҳод мешаванд. Масалан, И.Ю. Малкова пешниҳод менамояд, ки дар м.162 КҶ ФР (м.249 КҶ ҶТ) ба сифати аломати асосии роҳзанӣ истифода аз вазъи оҷизонаи ҷабрдида, ки дар натиҷаи ба бадани ҷабрдида бархилофи хоҳиши ӯ бо роҳи фиреб гузаронидани воситаҳое, ки барои ҳаёт ва саломатии ӯ хавфнок нестанд, ба вуҷуд омада ва ба сифати аломати вазнинкунандаи таркиби ҷинояти мазкур, мутаносибан гузаронидани моддаҳои сахттаъсир, заҳролуд ё мадҳушкунанда, ки барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок мебошанд, дохил карда шаванд [10,с.20].

Ҳамин тавр, дар айни замон мафҳуми ҳуҷум дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мақомоти судӣ ба тарзи васеъ тавзеҳ дода шуда, воқеан ба он аҳаммият намедиҳанд. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар мафҳуми “ҳуҷум” аз мафҳуми роҳзанӣ хориҷ карда шуда, дар диспозитсияи м.249 КҶ ҶТ танҳо нишондод ба истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нигоҳ дошта мешуд. Олимони дигар низ хориҷ намудани мафҳуми ҳуҷумро аз мафҳуми роҳзанӣ пешниҳод менамоянд [14].

Аломати дигари тавсифдиҳандаи усули содир намудани роҳзанӣ зӯроварӣ ба ҳисоб меравад. Метавон чунин аломатҳои зӯровариро ҳангоми роҳзанӣ ҷудо намуд:

1) зӯроварӣ танҳо зӯроварии ҷисмониро дар бар мегирад, чунки зӯроварии руҳӣ (таҳдид) дар Конун (м.249 КҶ ҶТ) ба сифати аломати мустақил муқаррар шудааст;

2) аз рӯйи хусусияти худ он на танҳо барои ҳаёт, балки барои саломатӣ низ хавфнок мебошад;

3) он бо гуноҳи қасдона тавсиф мегардад;

4) он ба монанди таҳдид мақсади ситонидани молу мулки ғайрро дорад.

Зӯроварӣ дар роҳзанӣ вобаста аз мавҷуд будани яке аз ду ҳолатҳои имконпазир барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок мебошад: вобаста аз оқибати истифода шудани таъсиррасонии ҷисмонӣ ё вобаста ба усули чунин таъсиррасонӣ.

Мутобиқи б.23 Қарори Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ” аз 25 июни соли 2004, №3 [9,с.41], таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок мебошад, бояд чунин зӯроварие, ки ба расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатии ҷабрдида оварда расонида бошад, ҳамчунин расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси вайроншавии кӯтоҳмуддати саломатӣ ё гум кардани устувории на он қадар зиёди қобилияти умумии меҳнатӣ гардидааст, фаҳмида шавад.

А.Н.Игнатев мафҳуми зӯроварии хавфнокро ҷамъбаст намуда дуруст баён менамояд, ки “зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок чунин таъсиррасонӣ ба бадани ҷабрдида ҳисоб мешавад, ки он боиси ба марг расонидани ҷабрдида мегардад ё гашта метавонист ё расонидани дилхоҳ зарар ба саломатӣ эътироф мешавад” [8].

Ҳамин тавр, зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ҳангоми роҳзанӣ расонидани зарари сабук, миёна ё вазин ба саломатиро дар бар мегирдад. Вале, агар дар рафти ҳуҷуми роҳзанона ба саломатии ҷабрдида зарари вазнин, ки аз беҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардида бошад, расонида шуда бошад, ҳаракатҳои содиргардида бояд барои маҷмуи ҷиноятҳо бо б. “г” қ.3 м.249 ва б.”в” қ.3 м.110 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд (б.23 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ”) [9,с.41].

Хусусияти зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок, инчунин дар он ифода мегардад, ки он мумкин аст боиси ба вуҷуд омадани ягон оқибат барои ҳаёт ё саломатӣ нагардад, хавфнокии он тавассути усули ҳаракатҳои гунаҳгор муайян мегардад. Дар б.23 Қарори Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ” тавзеҳ дода шудааст, ки бо қ.1 м.249 КҶ ҶТ бояд ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулк, бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок, ки гарчанде ба саломатии ҷабрдида зарар нарасонида бошад,

лекин дар мавриди истифода шуданаш ба ҳаёту саломатӣ хавфнокии воқеиро ба амал меовард, бандубаст карда шавад [9,с.41].

Таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок дар худ тарсонидани ҷабрдида бо мақсади ситонидани молу мулки ғайрро, ки бо таҳдиди истифодаи зӯроварихои ҷисмонии дар боло зикршуда содир шуда бошад, дар бар мегирад. Он бандубасти иловагиро аз рӯйи м.120 КҶ ҶТ (Таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) талаб намекунад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷабрдида ҳангоми зӯроварӣ ба таври васеъ маънидод карда мешавад. Масалан, И.Я.Козаченко чунин меҳисобад, ки зӯроварӣ мумкин аст нисбати шахсе, ки молу мулк дар ихтиёрӣ ӯ қарор дорад, нисбати наздикони чунин шахс (фарзандон, падару модар, ҳамсар, бародар, хоҳар ва ғайра, ки ҳангоми роҳзанӣ ҳузур доранд), нисбати шахсони бегона, ки ба гунаҳгор монеа мешаванд ё ба андешаи гунаҳгор монеа шуда метавонанд, истифода шавад [13]. Бо чунин андеша метавон розӣ шуд, чунки дар Конун (м.249 КҶ ҶТ) ягон маҳдудият дар ин бора ҷой надорад.

Ҳамин тавр, усулҳои содир намудани роҳзаниро таҳлил намуда, ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1) Дар айни замон мафҳуми ҳуҷум дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мақомоти судӣ ба таври васеъ тавзеҳ дода шуда, воқеан ба он аҳаммияти мустақил намедиҳанд. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар мафҳуми “ҳуҷум” аз мафҳуми роҳзанӣ хориҷ карда шуда, дар диспозитсияи м.249 КҶ ҶТ танҳо нишондод ба истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нигоҳ дошта шавад.

2) Зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ҳангоми роҳзанӣ расонидани зарари сабук, миёна ё вазин ба саломатиро дар бар мегирдад.

3) Таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок дар худ тарсонидани ҷабрдида бо мақсади ситонидани молу мулки ғайр, таҳдиди куштор, расонидани зарари сабук, миёна ё вазнин ба саломатиро дар бар мегирад. Он бандубасти иловагиро аз рӯйи м.120 КҶ ҶТ (Таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) талаб намекунад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ – Шарипов Т.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Агапов П. Уголовно-правовая характеристика нападения при бандитизме / П. Агапов // Уголовное право. -2005. -№ 6. -С. 4.
2. Бойцов А.И. Преступления против собственности / А.И. Бойцов. - СПб., 2002. -С.444-450.
3. Гребенкин Ф.Б. Уголовно-правовое значение психического насилия в преступлениях против собственности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / Ф.Б. Гребенкин. - М., 2004. -С. 9.
4. Дубченко С.В. Уголовно-правовая характеристика корыстно-насильственных преступлений: автореф. дис. … канд. юрид. наук / С.В. Дубченко. - Тюмень, 2009. -С. 17.
5. Кочои С. Разбой (некоторые вопросы квалификации) / С.Кочои // Уголовное право. -2000. -№ 2. -С. 28.
6. Кочои С.М. Уголовное право. Общая и Особенная части / С.М. Кочои. - М.: Контракт; Волтерс Клувер, 2010. -С. 312
7. Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности / С.М. Кочои. - М., 2000. -С. 223.
8. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. -М., 2004. -С. 379 (автор комментария к главе 21 УК – А.Н. Игнатов).
9. Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). - Душанбе, 2019.
10. Малькова И.Ю. Грабеж: вопросы квалификации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания: автореф. дис. … канд. юрид. наук / И.Ю. Малькова. - Саратов, 2009. -С. 20.
11. Нагаева Т.И. Нападение как категория уголовного права / Т.И. Нагаева. - М.: Компания Спутник+, 2007
12. Наумов А.В. Практика применения Уголовного кодекса Российской Федерации: Комментарий судебной практики и доктринальное толкование / А.В. Наумов. - Под ред. Г.М. Резника. - М., 2005. -С. 367-368.
13. Постатейный комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Под ред. А.И. Чучаева. -М., 2004. -С. 379 (автор главы – И.Я. Козаченко).
14. Степанов М.В. Уголовно-правовая политика противодействия преступлениям против собственности (теоретико-прикладной анализ): автореф. дис. … канд. юрид. наук / М.В. Степанов. - Н.Новгород, 2005. С. 26; Дубченко С.В. Указ. соч. С. 17; Токарчук Р.Е. Насилие как составообразующий признак хищений: вопросы уголовной ответственности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. -Омск, 2008. -С. 8–9.
15. Уголовное право России. Части Общая и Особенная. Под ред. А.И. Рарога. 6-е изд. -М.: ТК «Велби»; Проспект, 2008. -С. 391 (автор главы – Б.В. Яцеленко).

16. Уголовное право. Особенная часть. Отв. ред. И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселов. М.: Норма, 2008. С. 262 (автор главы – З.А. Незнамова).
17. Уголовное право России. Особенная часть. Под ред. А.И. Рарога. М.: Эксмо, 2009. -С. 166 (автор главы – А.И. Рарог).
18. Уголовное право России. Практический курс / под общ. и науч. ред. А.В. Наумова. -М.: Волтерс Клувер, 2010. -С. 429 (автор главы – И.Г. Соломоненко).
19. Уголовное право. Особенная часть. Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. -М., 1998. -С. 261 (автор главы – Ю.И. Ляпунов)); Буркина О.А. Уголовная ответственность за посягательства на собственность с применением насилия: автореф. дис. … канд. юрид. наук. -Омск, 2008.- С.7-8.
20. Учебно-практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Под общ. ред. А.Э. Жалинского. –М., 2006. -С. 481 (автор комментария к главе – А.Э. Жалинский).
21. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. -М., 2004. -С. 379 (автор комментария к главе 21 УК – А.Н. Игнатов).



## УСУЛҲОИ СОДИР НАМУДАНИ РОҲЗАНӢ

Дар мақола усулҳои содир намудани роҳзанӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф чунин усулҳои содир шудани роҳзанӣ, ба монанди ҳуҷум, истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ва таҳдиди истифодаи чунин зӯрорвариро баррасӣ намудааст. Таҳлил ва ҷамъбасти тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ ва андешаҳои олимони гуногун вобаста ба ин масъала, муаллифро ба хулосаҳои дахлдор овардааст. Дар мақола вобаста ба он, ки дар айни замон мафҳуми ҳуҷум дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мақомоти судӣ ба таври васеъ тавзеҳ дода шуда, ба он аҳаммияти мустақил дода намешавад, пешниҳод мешавад, ки мафҳуми "ҳуҷум" аз мафҳуми роҳзанӣ хориҷ карда шуда, дар диспозитсияи м.249 КҶ ҶТ танҳо нишондод ба истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нигоҳ дошта шавад.



**Калидвожаҳо:** ҳуҷум, зӯроварӣ, Кодекси ҷиноятӣ, роҳзанӣ, зарар ба саломатӣ, тасарруфи молу мулк, таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, усули содир намудани ҷиноят, мақсади тасарруф, ғоратгарӣ.



## СПОСОБЫ СОВРЕШЕНИЯ РАЗБОЯ

В статье анализируются способы совершения разбоя. Автором рассматривается такие способы совершения разбоя, как нападение, применение насилия, опасного для жизни или здоровья, и угроза применения такого насилия. Анализ и обобщение разъяснений Пленума Верховного Суда РТ и мнений различных ученых по этому вопросу привели автора к соответствующим выводам. В статье в связи с тем, что в настоящее время понятие нападение широко трактуется в теории уголовного права и судебной практикой, не придавая ему самостоятельного значения, предполагается, понятие "нападения" исключить из понятия разбоя и сохранить только указание на применение насилия или угрозы его применения.



**Ключевые слова:** нападение, насилие, уголовный кодекс, разбой, вред здоровью, хищение имущества, угроза применение насилия, способы совершения преступления, цель хищения, грабеж.



## METHODS OF COMMITTING ROBBERY

The article analyzes methods of committing robbery. The author considers such methods of committing robbery as assault, the use of violence dangerous to life or health, and the threat of using such violence. Analysis and generalization of the explanations of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan and the opinions of various scientists on this issue led the author to the corresponding conclusions. In the article, due to the fact that currently the concept of attack is widely interpreted in the theory of criminal law and judicial practice, without giving it independent meaning, it is assumed that the concept of "attack" should be excluded from the concept of robbery and only an indication of the use of violence or the threat of its use will be retained.



**Keywords:** attack, violence, criminal code, robbery, harm to health, theft of property, threat of violence, methods of committing a crime, purpose of theft, robbery, public danger.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Миралиев Некрӯз Абдусаломович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи ҳуқуқи ҷиноӣ ва муқовимат бо коррупсия, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **984-97-77-77**

**Сведения об авторе**: ***Миралиев Некруз Абдусаломович*** - Таджикский национальный университет, соискатель, кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **984-97-77-77**

**Information about the author: *Miraliev Nekruz Abdusalomovich*** - Tajik National University, applicant, department of criminal law and anti-corruption. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 984-97-77-77**

ТДУ: 343.236

# ТАВСИФИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ АЛОМАТҲОИ ВАЗНИНКУНАНДАИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ ИФЛОС КАРДАНИ ОБ

*Абдуллозода Баҳодур Валӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани об дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ муқаррар шудаанд, яъне агар ифлос кардани об боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё набот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ гардида бошад; бо сабаби беэҳтиётӣ ба саломатии одамон зарар расонида бошад; боиси муромурии саросари ҳайвонот гардида бошад; дар минтақаҳои мамнуъгоҳи давлатӣ ё парваришгоҳ ё дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулодаи экологӣ содир шуда бошад.

Қонунгузор дар б “а” қ.2 м.226 КҶ ҶТ расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзиро ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об муқаррар намудааст. Аломати мазкур мафҳуми баҳододашаванда буда, аз ҷониби мақомоти тафтишотиву судӣ муайян карда мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо чунин тарз муқаррар намудани аломати мазкурро бештари олимон мавриди танқид қарор медиҳанд. Масалан, ба андешаи Романов, дар чунин ҳолат сухан дар бораи расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ, яъне объектҳои алоҳидаи табиӣ меравад. Аз сабаби он ки дар табиат ҳама чӣ дар робита қарор дорад ва расонидани зарар ба як объект ногузир боиси халалдор шудани унсурҳои дигари табиат мегардад, бинобар ин дар чунин маврид бояд дар бораи расонидани зарари ҷиддӣ ба муҳити зист, на ин ки унсурҳои алоҳидаи он сухан ронд [10,с.99].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ баён мешавад, ки ба ҷиддӣ будани зарари ба табиат расонидашаванда факти баланд гаштани меъёрҳои роҳдодашавандаи консентрасияи моддаҳои ифлоскунанда дар объекти обӣ нишон медиҳанд, чунки чунин меъёрҳо ҳадди моддаҳои ифлоскунандаро дар об муқаррар месозанд, ки ҳангоми он ифлос кардан хавфнок шуморида намешавад [1,с.29-36]. Дар ҳақиқат, зиёд гардидани ҳадди имконпазири консенратсия дар объектҳои обӣ аз мавҷудияти хавфи чунин ифлоссозӣ барои муҳити зист шаҳодат медиҳад. Аммо татбиқ намудани нишондодҳои ҳадди роҳдодашавандаи консентрасияи объектҳои обӣ танҳо бевосита дар давраи ифлос кардан ё давраи кӯтоҳ пас аз он имконпазир аст, ки ба ин дар амалия дар ҳолатҳои кам ноил шудан мумкин аст.

Олимони дигар ба номушаххасии критерияҳои муайян намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба маънидод намудани мафҳуми зарари ҷиддӣ ишора намуда, пешниҳод менамоянд, ки бояд дар қонунгузорӣ критерияҳои пулии муайян намудани зарари ҷиддӣ мустаҳакам карда шавад [8,с.7; 12,с.8].

Зарари ҷиддӣ вобаста ба хусусиятҳои объектҳои нишондодашуда бояд муайян карда шавад. Чунин зарар мумкин аст бо пайдо шудани бемориҳо тавсиф гардад: нобудшавии моҳиҳо, ҳайвоноти обӣ ва растаниҳо; несту нобудшавии захираҳои моҳӣ, ҷойи тухмгузории онҳо; маҳви саросарӣ парандаҳо ва ҳайвонот дар ҳудуди муайян; арзиши экологии ҳудуди зарардида ё аз объекти табиӣ аз даст рафта; тағйир ёфтани вазъи радиатсионӣ то бузургии барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок; дараҷаи хароб гардидани замин; корношоям гаштани ҳолати чарогоҳҳо; хушк шудани ҷангалзорҳо ва ғайра. Масъали ҷой доштани зарари ҷиддӣ бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас вобаста ба ҳолатҳои кор муайян карда шавад. Аз ҷумла, бояд шумораи моҳиҳо ё дигар ҳайвоноти обӣ, растаниҳо маҳсулоти хоҷагии қишлоқи маҳвшуда; аҳаммияти экологии обанборҳо (сарчашмаҳои оби нӯшокӣ, истироҳатгоҳҳо, ҷойҳои тухммонӣ, объектҳои табиии махсус ҳифзшаванда ва ғайра); майдони ҳудудҳои ифлосшуда; хусусиятҳои моддаҳои ифлоскунанда ( моддаҳои радиоактивӣ, химиявӣ, партовҳо ва ғайра) бояд ба назар гирифта шаванд [3,с.1359].

Дар б “б” қ.2 м.226 КҶ ҶТ ба сифати аломати дигари вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об оқибат дар намуди бо сабаби беэҳтиётӣ ба саломатии одамон зарар расонидан пешбинӣ шудааст.

Ба андешаи мо, барои фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ, мутобиқи б “б” қ.2 м.226 КҶ ҶТ, муқаррар гардидани факти аз оби ифлос расидани зарари сабук ба саломатӣ кофӣ мебошад, зеро дар диспозитсияи модда нишондоди бевосита ба дараҷаи вазнинии чунин зарар ҷой надорад.

Мутобиқи Меъёрҳои тиббии муайян намудани дараҷаи зарари ба саломатии одам расонидашуда, ки бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2014 тасдиқ шудааст, зери мафҳуми «зарар ба саломатии одам расонидашуда», вайроншавии ягонагии анатомӣ ва функсияи физиологии узвҳо ва бофтаҳои одам, дар натиҷаи таъсири омилҳои физикавӣ, кимёвӣ, биологӣ ва руҳӣ аз муҳити атроф фаҳмида мешавад. Мувофиқи б.8 Меъёрҳои тиббии муайян намудани дараҷаи зарари ба саломатии одам расонидашуда меъёрҳои тиббии аломатҳои тавсифкунандаи зарар ба саломатии дараҷаи сабук чунинанд: муваққатан вайроншавии фуксияи узвҳо ва ё системаҳо (корношоямии муваққатӣ) бо давомнокии то се ҳафта аз вақти расонидашудани осеб (то 21 рӯз); дар КҶ ҶТ ҳамчун “ба муҳлати кӯтоҳ хароб шудани саломатӣ” ифода ёфтааст. Андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ - устувор аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ камтар аз 10 % ба ҳисоб меравад [7,с.187-188].

Ҳадди болоии расонидани зарар аз рӯйи б “б” қ.2 м.226 КҶ ҶТ аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин ба саломатиро дар бар мегирад.

Аломати дигари вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об ин боиси муромурии саросари ҳайвонот гаштани он (б “в” қ.2 м.226 КҶ ҶТ) ба ҳисоб меравад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ муромурии саросари ҳайвонот ҳамчун дар як вақт маҳв шудани шумораи зиёди ҳайвоноти як намуд ё намудҳои гуногун дар ҳудуди муайян, ки ҳангоми он дараҷаи марги ҳайвонот аз ҳисоби миёна се маротиба ё зиёда аз он мебошад [11,с.560], дар як вақт маҳв гардидани шумораи зиёди ҳайвоноти як намуд ё якчанд намуд дар ҳудуди муайян, дар як ё якчанд объектҳои обӣ маънидод мегардад [4,с.341].

Зери мафҳуми муромурии саросари ҳайвонот заҳролуд гардидани онҳо ба миқдори назаррас ва одатан дар майдонҳои калон фаҳмида мешавад. Маҳви якчанд сар ҳайвони калони шохдор, ҳайвони муинадор, мурғҳои обӣ, кам гаштани навъи ин ё он ҳайвонот дар маҳалли муайянро низ б “в” қ.2 м.226 КҶ ҶТ дар бар мегирад.

Ба андешаи мо, ҷудо намудани чунин аломати вазнинкунанда дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ зарурат надорад, зеро онро чунин аломати вазнинкунанда, ба монанди расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот дар бар мегирад. Чунин андеша аз ҷониби дигар олимон баён шудааст [2,с.67].

Дар б “г” қ.2 м.226 КҶ ҶТ қонунгузор ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об ҷойи махсуси содир гаштани ин ҷиноят, яъне мамнуъгоҳи давлатӣ ё парваришгоҳро нишон додааст. Мамнуъгоҳ ё парваришгоҳ ба минтақаҳои табиии махсус ҳифзшавандаи дохил мешаванд. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда” аз 26 декабри 2011, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда - қитъаҳои замин, об ва фазои ҳавои онҳоро иҳотакардае, ки дар онҳо комплексҳо ва объектҳои табиии дорои аҳаммияти махсуси ҳифзи муҳити зист, илмӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ, рекреатсионӣ ва солимгардонӣ ҷойгир буда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ё қисман аз истифодабарии хоҷагидорӣ гирифта шудаанд ва барои онҳо низоми махсуси ҳифз муқаррар шудааст, ба ҳисоб мераванд.

Мамнуъгоҳи табиӣ - ҳудуди замин ё муҳити об, ки аз фаъолияти хоҷагидорӣ пурра гирифта шуда, барои нигоҳдорӣ ва омӯзиши комплексҳои табиии хос ва нодир, генофонди набототу ҳайвонот, гузаронидани мониторинги ҷараёни равандҳо ва ҳодисаҳои табиӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар ҳудуди мамнуъгоҳҳои табиии давлатӣ фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияте, ки рушди муқаррарии равандҳои табииро халалдор сохта, ба ҳолати

комплексу объектҳои табиӣ таҳдид мекунанд ва бо иҷрои вазифаҳои мамнуъгоҳ вобаста нестанд, манъ аст.

Парваришгоҳи табиӣ ҳудуде ба ҳисоб меравад, ки бо мақсади нигоҳ доштан ва барқарор намудани ҷузъҳои алоҳидаи табиат ва комплексҳои табиӣ барои давраи муайян ҷудо гардидааст.

Қонунгузор ҷавобгарии пурзӯрро барои содир намудани ҷинояти ифлос кардани об танҳо дар ду намуди ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда, яъне мамнуъгоҳ ва парваришгоҳ муқаррар намудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда" ҳафт намуди ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда муайян карда шудааст: а) мамнуъгоҳи табиӣ; б) парки табиӣ; в) парваришгоҳи табиӣ; г) ёдгории табиӣ; ғ) паркҳои дендрологӣ ва боғҳои ботаникӣ; д) минтақаи рекреатсионӣ; е) минтақаи муҳофизатӣ (буферӣ).

Таҳлили муқаррароти Қонуни мазкур нишон медиҳад, ки низоми мамнуъгоҳҳои табиии давлатӣ ва паркҳои табиии миллӣ аз бисёр ҷиҳат монанд мебошанд. Чунончи, мутобиқи м.29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда" мумкин аст минтақаи мамнуъ ташкил карда шавад, ки дар он ҳама гуна фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият, ки ҳолати муқаррарии комплексҳо ва объектҳои табииро халалдор мекунад, манъ мебошад. Бояд қайд намуд, ки низоми паркҳои миллӣ ва паркҳои табиӣ нисбат ба низоми муҳофизати парваришгоҳҳои табиии давлатӣ сахттар муайян шудааст.

Вобаста ба ин, дар диспозитсияи қ.2 м.226 КҶ ҶТ нишон додани танҳо ду намуди ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда дуруст намебошад. Барои чунин ҳудудҳо чораҳои пурзӯртари ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятиро муқаррар намуда қонунгузор ҳудудҳои мазкурро пурарзиштар ва расонидани зарар ба онҳоро нисбатан барои ҷамъият хавфноктар меҳисобад. Дар як вақт чунин мавқеи қонунгузор ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда" ва тавсифи объективии ҳудудҳои мазкур мувофиқат намекунад. Ба андешаи мо, бештар дуруст мебуд агар ҷавобгарии пурзӯр барои ифлос кардани об дар дилхоҳ аз намуди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ки дар Қонун номбар шудаанд, муайян карда мешуд.

Ба андешаи мо, дар мавриди содир намудани ифлос кардани об дар ҳудудҳои мазкур таркиби ҷинояти дар б "г" қ.2 м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда расмӣ ба ҳисоб меравад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ дар чунин ҳолат вобаста ба факти содир шудани кирдорҳои ғайриқонунӣ дар ҳудудҳои мазкури махсус муҳофизатшаванда ба вуҷуд меояд. Дар ҳолатҳое, ки агар ҷинояти ифлос кардани об берун аз ҳудудҳои зикршуда содир гардида, оқибатҳои хавфноки он дар ҳудуди мамнуъгоҳҳо ва парваришгоҳҳо ба назар расанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд аз рӯйи қ.1 м.226 КҶ ҶТ ба вуҷуд ояд.

Дар б "г" қ.2 м.226 КҶ ҶТ инчунин содир намудани ҷинояти ифлос кардани об дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулодаи экологӣ муайян шудааст.

Мафҳумҳои "офати экологӣ" ва "вазъияти фавқулодаи экологӣ" ҳолати манфии муайяни экологиро тавсиф медиҳанд, ки ҳангоми он сифати объектҳои табиӣ ба таври ҷиддӣ бад мешавад ва таҳдиди воқеии фаро расидани фалокати экологӣ ҷой дорад [9,с.97].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон "Дар бораи мониторинги экологӣ" аз 25 марти 2011 [5], ***вазъияти фавқулодаи экологӣ ҳамчун*** ҳолати хатарноки экологӣ муайян шудааст, ки ба мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, инчунин муҳити зист фавран андешидани тадбирҳои таъҷилиро барои рафъи он талаб менамояд.

***Ҳолати хатарноки экологӣ*** – ҳолате, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои антропогенӣ ва табиӣ, аз ҷумла бар асари офату фалокатҳои табиӣ муҳити зист хароб гардидааст ё эҳтимоли хароб шудан дорад ва ё тағйир ёфта, ба вазъияти бад афтодааст ва вобаста ба ин ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон ва ҷамъият хатар таҳдид мекунад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" аз 2 августи 2011 [6]. "Дар минтақаҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари инсон ё таъсири харобиовари қувваи табиат вазъи номусоиди экологӣ ба вуҷуд омада, дар онҳо тағйирёбии ҷиддӣ ва устувори манфии муҳити зист барои ҳаёт ва

саломатии одамон, нигоҳдории олами наботот ва ҳайвонот мушоҳида шудааст, вазъияти фавқулодаи экологӣ эълон карда мешавад.

Ҳангоми эълон кардани вазъияти фавқулодаи экологӣ ҳама гуна фаъолияте, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд, боздошта мешавад ё кори корхона, муассиса, ташкилот, коргоҳ, агрегатҳо ва таҷҳизоте, ки ба саломатии инсон ва фонди генетикии он таъсири манфӣ мерасонад, маҳдуд карда мешавад, намудҳои алоҳидаи истифодаи табиат маҳдуд гашта, ҷиҳати барқарорсозӣ ва таҷдиди захираҳои табиӣ чорабиниҳои фаврӣ андешида мешаванд" (м.55).

Дар асоси м.58 Қонуни мазкур, "Вазъияти фавқулодаи экологӣ дар саросари ҷумҳурӣ ва маҳалҳои алоҳидаи он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда мешавад.

Минтақаҳои офати экологӣ ва сарҳадҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мақоми назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар мувофиқа бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешаванд".

Вобаста ба гуфтаҳои боло содир намудани ифлос кардани об дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулодаи экологӣ имконияти зиёди ба зудӣ бад шудани вазъи экологӣ ва вусъат ёфтани фалокати экологиро ба вуҷуд меоварад; дуюм, дар чунин ҳолат он ба манфиати доираи номуайяни одамон дахл менамояд. Бинобар ин, ҷорӣ намудани ҷавобгарии пурзӯр барои чунин шахсон боадолатона ба назар мерасад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ дар чунин ҳолат, инчунин, бояд нисбати худи факти содир намудани кирдори ғайриқонунӣ дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулодаи экологӣ ба вуҷуд ояд.

Ҳамин тавр, аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани обро таҳлил намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар б "в" қ.2 м.226 КҶ ҶТ ба таври алоҳида ҷудо намудани чунин аломати вазнинкунанда, ба монанди "боиси муромурии саросари ҳайвонот гашта бошад", зарурат ҷой надорад, зеро онро чунин аломати вазнинкунанда "боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот...", ки дар б "а" қ.2 м.226 КҶ ҶТ мустаҳакам шудааст, дар бар мегирад.

2. Дар диспозитсияи б "г" қ.2 м.226 КҶ ҶТ нишон додани ифлос кардани об танҳо дар ҳудуди ду намуди ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда асоснок ба ҳисоб намеравад. Барои чунин ҳудудҳо чораҳои пурзӯртари ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятиро муқаррар намуда, қонунгузор ҳудудҳои мазкурро пурарзиштар ва расонидани зарар ба онҳоро нисбатан барои ҷамъият хавфноктар меҳисобад. Дар як вақт чунин мавқеи қонунгузор ба муқарраротии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда" ва тавсифи объективии ҳудудҳои мазкур мувофиқат намекунад. Бинобар ин пешниҳод мешавад, ки ҷавобгарии пурзӯр барои ифлос кардани об дар дилхоҳ аз намуди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ки дар Қонун номбар шудаанд, дар б "г" қ.2 м.226 КҶ ҶТ мустаҳакам карда шавад.

**Муқарриз: д.и.ҳ, профессори ДМТ - Сафарзода А.И.**

**АДАБИЁТ**


1. Вылегжанина Е. Ответственность за «прошлый» экологический ущерб, вызванный хозяйственной деятельностью / Е.Вылегжанина // Хозяйство и право. -1998. --№ 8. С. 29 -36.
2. Качина Н.В. Загрязнение вод: проблемы правоприменения и пути правового решения/ Законы России опыт, анализ, практика / Н.В. Качина. - С.64-68.
3. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Отв. ред. В.М. Лебедев. -М.: Юрайт, 2012. -1359 с
4. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Особенная часть. Под общей ред. Ю.И. Скуратова и В.М. Лебедева. -М.: Изд. группа ИНФРАМ-НОРМА, 1996. – 592 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикиссон " Дар бораи мониторинги экологӣ" аз 25 марти 2011. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ:// http://www.mmk.tj/node/575 (санаи муроҷиат: 30.04.2022)
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" аз 2 августи 2011. [Манбаи электронӣ]. http://www.mmk.tj/content/қонуни-чумҳурии-тоҷикистон-%C2%A0-дар-бораи-ҳифзи-муҳити-зист
7. Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи экспертизаи тиббӣ- судӣ. -Душанбе, 2014.- 418 с.
8. Попов И.В. Ответственность за преступное загрязнение вод (по материалам Сибирского и Уральского федеральных округов Российской Федерации: автореф. дис… канд.юрид.наук / И.В. Попов. -Омск, 2003. -22 с.

9. Романов А.А. Преступное загрязнение вод в России: уголовно-правовое и криминологическое исследование: дисс…канд. юрид. Наук / А.А. Романов. - Челябинск, 2010. – 203 с.
10. Романов А.А. Проблемы определения признака «существенный вред» при квалификации преступного загрязнения вод / А.А. Романов // Правовое государство: теория и практика. -№4 (22). -2010.- С.98- 102.
11. Уголовное право. Особенная часть. Агаев Г.А., Алешина-Алексеева Е.Н., Антонов А.Г. и др. Учебник. Санкт-Петербургский университет МВД России. -Санкт-Петербург, 2020. -560 с.
12. Филоненко А.Ю. Уголовно-правовая ответственность за загрязнение вод: автореф. дис… канд.юрид.наук / А.Ю. Филоненко. – Челябинск, 2002. -25 с.

## ТАВСИФИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ АЛОМАТҲОИ ВАЗНИНКУНАНДАИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ ИФЛОС КАРДАНИ ОБ

Аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани об дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ муқаррар шудаанд, яъне агар ифлос кардаи об боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ гардида бошад; бо сабаби беэҳтиётӣ ба саломатии одамон зарар расонида бошад; боиси муромурии саросари ҳайвонот гардида бошад; дар минтақаҳои мамнуъгоҳи давлатӣ ё парваришгоҳ ё дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулодаи экологӣ содир шуда бошад. Қонунгузор дар б “а” қ.2 м.226 КҶ ҶТ расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзиро ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об муқаррар намудааст. Аломати мазкур мафҳуми баҳододашаванда буда, аз ҷониби мақомоти тафтишотиву судӣ муайян карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси об, ифлос кардани об, аломатҳои вазнинкунанда, таркиби ҷиноят, олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ.

## ОПИСАНИЕ УГОЛОВНО-ПРАВОВЫХ ПРИЗНАКОВ, ОТЯГЧАЮЩИХ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА ЗАГРЯЗНЕНИЕ ВОД

Квалифицирующие признаки преступления загрязнения вод установлены в части 2 статьи 226 Уголовного кодекса Республики Таджикистан, то есть, если загрязнение вод причинило крупный ущерб животному или растительному миру, рыбным ресурсам, лесному или сельскому хозяйству; причинило вред здоровью людей по неосторожности; вызвало гибель животных; совершено на территориях государственного заповедника или питомника, либо в зоне экологического бедствия или чрезвычайной экологической ситуации законодатель в б "а" п. 2 м. 226 УК РТ установил отягчающим обстоятельством преступления загрязнение вод, причинение тяжкого вреда животному или растительному миру, рыбным ресурсам, лесному хозяйству или сельскому хозяйству. Данный признак является оценочным понятием и определяется следственными и судебными органами.

**Ключевые слова:** УК, Водный кодекс, загрязнение воды, отягчающие обстоятельства, состав преступления, животный или растительный мир, рыбные ресурсы, лесное или сельское хозяйство.

## DESCRIPTION OF CRIMINAL LAW CHARACTERISTICS THAT AGGRAVATE RESPONSIBILITY FOR WATER POLLUTION

The qualifying elements of the crime of water pollution are established in Part 2 of Article 226 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, i.e. if water pollution caused major damage to animal or plant life, fish resources, forestry or agriculture; caused harm to human health by negligence; caused the death of animals; committed in the territory of a state reserve or nursery or in an ecological disaster or environmental emergency zone. The legislator in b "a" paragraph 2 of m. 226 of the Criminal Code of the RT established as an aggravating circumstance of a crime the pollution of waters causing severe damage to animal or plant life, fishery resources, forestry, or agriculture. This feature is an evaluative concept and is determined by the investigative and judicial authorities.

**Keywords:** Criminal Code, Water Code, water pollution, aggravating circumstances, corpus delicti, animal or plant life, fishery resources, forestry or agriculture, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллозода Баҳодур Валӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 904-93-99-99.** E-mail: **Bakhodur.vali @mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллозода Баходур Вали*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 904-93-99-99**. E-mail: **Bakhodur.vali @mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdullozoda Bahodur Vali*** – Tajik National University, assistant at the department of criminal law and anti-corruption. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone**:+992 904-93-99-99**. E-mail: **Bakhodur.vali @mail.ru**

ТДУ 343.5 (575.3)

# СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТИ СУИИСТИФОДА АЗ ВАКОЛАТҲОИ МАНСАБӢ

*Қодирӣ З.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тавре ки аз илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бармеояд, ҷиноятҳо дорои аломатҳои гуногун, ба монанди объект, ангеза, тарафи объективӣ, субъект, мақсад, тарафи субъективӣ ва ғайраҳо мебошанд. Дар байни ин аломатҳо объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективӣ асосӣ ба ҳисоб меравaнд ва қонунгузории ҷиноятӣ низ бо доштани ҳамин аломатҳо кирдорро ҳамчун ҷиноят эътироф менамояд.

Ҳар як кирдори ҷиноятӣ дорои аломатҳои ба худ хос мебошад ва аз дигар кирдори ҷиноятӣ бо ҳамин аломатҳо фарқ менамояд. Дар баъзе гурӯҳи ҷиноятҳо метавонад то се аломати ҷиноят ба ҳам наздик бошанд, вале ҳатман як аломат як ҷиноятро аз дигар ҷиноят ҷудо менамояд. Масалан, дар аксари ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта объект – фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, субъект – шахси мансабдор, тарафи субъективӣ – гуноҳ дар шакли қасдона мебошад, аммо тарафи объективии онҳо дар шаклҳои гуногун (тасарруфи моликият, саркашӣ аз бақайдгирӣ, гирифтани пора) ифода меёбад.

Бояд қайд намуд, ки объекту тарафи объективиро аломатҳои объективӣ ва субъекту тарафи субъективиро аломатҳои субъективӣ низ меноманд, зеро ин аломатҳо ба ҳамдигар наздикӣ доранд. Масалан, субъект шахсест, ки кирдори ҷиноятиро содир намудааст ва тарафи субъективӣ бошад, муносибати руҳии ин шахсро нисбат ба ҷинояти содирнамудааш ифода менамояд.

Мо кӯшиш намудем, ки яке аз аломатҳои тарафи субъективии ҷинояти суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ – субъекти ин ҷиноятро то як андоза мавриди таҳлил қарор диҳем.

Мафҳуми субъект дар адабиёти ҳуқуқӣ ба маънои шахсе пешбинӣ гардидааст, ки кирдори ба ҷамъият хавфнок (ҷиноятро) содир намудааст ва мувофиқи қонунгузории ҷиноятӣ барои ин кирдор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад [13,с.496].

Дар баробари ин, барои он ки шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, бояд аломатҳои муқаррарнамуди қонунгузории ҷиноятиро доро бошад. Ба андешаи Гладких В.И. ва Курчеев В.С. ба сифати аломатҳои субъект, ки дар ҳамаи ҷиноятҳо дида мешаванд, инҳо баромад менамоянд:

1) шахси зинда, яъне субъекти ҷиноят танҳо инсон мебошад;
2) мукаллафӣ, яъне шахс дар вақти содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок қобилияти дарк намудани ҳаракатҳои худ ва идора кардани онҳоро дошта бошад;
3) аломати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, яъне мутобиқи қонунгузории ҷиноятӣ барои чунин кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шуда бошад [4,с.47-48].

Чуноне ки аз қисми якуми моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, субъекти ин қисм шахси мансабдор эътироф карда шудааст. Мафҳуми шахси мансабдор бошад, дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шарҳ дода шуда бошад ҳам, ба назари мо, дар умум, дар шакли ягонае, ки як маъноро медиҳад, коркард нашудааст.

Аз ҷумла, дар эзоҳи худи моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки дар зери мафҳуми шахси мансабдор ҳамон шахсе дар назар дошта шудааст, ки ба таври доимӣ, муваққатан ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимиятро ба ҷо меорад. ё ин ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҳамзамон дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

В.И. Динека қайд менамояд, ки субъекти ҷинояти мансабӣ, яъне ҷинояте, ки бо суиистифода аз мансаб содир карда мешавад, танҳо шахсе шуда метавонад, ки қобилияти ҳуқуқдории муайян (ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххас, ваколат, мақом) дошта, иштирокчии доираи муайяни муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, барои иҷрои амалҳои мушаххас имконият дорад [5,с.16].

Ба таври доимӣ иҷро намудани вазифаи намояндаи ҳокимият маънои онро дорад, ки шахс ин мансабро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар мақомотҳо ва муассисаҳои давлатӣ, Қувваҳои мусаллаҳ ва дигар ҷузъу томҳои ҳарбӣ ба муддати дароз (яъне, то озод намудан аз мансаб) ишғол менамояд.

Вақте ки намояндаи ҳокимият мегӯем, бояд дар назар дошт, ки доштани функсияи ҳокимиятӣ ва ҳамчунин хусусияти амалҳои намояндаи ҳокимият бо доираи вазифаҳое, ки дар назди мақомоти давлатӣ гузошта шудааст, муайян карда мешавад [1,с.40-45].

Дар фарқият аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эзоҳи моддаи 318 (истифодаи зӯрӣ нисбат ба намояндаи ҳокимият) Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия мафҳуми намояндаи ҳокимият шарҳ дода шудааст. Мувофиқи он намояндаи ҳокимият ин шахси мансабдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё мақомоти назоратӣ ва дигар шахси мансабдоре мебошад, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбат ба шахсоне, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, ваколатҳои амрдиҳӣ дорад [6].

Мансабе, ки шахс мувофиқи он ваколатҳои махсус дорад, маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ивазнашаванда, муқарароти ҳуқуқиро дар бар мегиранд, ки ба як шахс нигаронида шудаанд.

Ба таври муваққатӣ иҷро намудани вазифа бошад, дар як муддати кӯтоҳ бар дӯш доштани ваколатҳои шахси мансабдор мебошад. Шахс танҳо ҳангоме, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба иҷрои ин ваколатҳо розӣ шудааст, чун шахси мансабдор эътироф мегардад.

Муайян намудани лаҳзае, ки шахс мансабдор ҳисобида мешавад, барои эътирофи кирдори ҷиноятӣ хеле муҳим мебошад. Ба ақидаи В.В. Прудникова, шахс аз лаҳзае, ки маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳоро соҳиб мегардад, мансабдор эътироф мегардад [12,с.16]. Ин нуқтаи назар қобили қабул мебошад, зеро шахсе, ки соҳиби ваколати муайян нест, мансабдор ҳисобида намешавад. Санаи соҳиб гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳо рӯзи дар фармони ба кор қабулгардӣ овардашуда мебошад, яъне дақиқан муайян гардидааст.

Мутобиқи қонунгузории ҷиноятӣ, вазифаҳои ташкиливу амрдиҳӣ чун ваколатҳо доир ба амалисозии роҳбарии коллективи меҳнатӣ, ҳудуди муайяни кор, кормандони алоҳида, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ташкили меҳнати кормандони тобеъ, назорат ва санҷиши риояи интизоми меҳнат, татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозоти интизомӣ ва вазифаҳои маъмуриву хоҷагидорӣ чун ваколатҳо оид ба идора ва ихтиёрдории молу мулк ифода меёбанд.

Вазифаҳои болозикр аз ҷониби намояндаи ҳокимият амалӣ карда мешаванд. Намояндаи ҳокимият бошад, шахсе мебошад, ки аз тарафи яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ба мансаб таъин гардида, аз номи он баромад менамояд ва вазифаҳои тибқи қонунгузорӣ муайянгардидаро иҷро менамояд.

Яъне, ба таври васеъ шарҳ диҳем, ки шахси мансабдор намояндаи вазифадоркардашудаи ҳокимияти давлатӣ буда, ба муҳлати доимӣ ё муваққатӣ ё бо вазифаи мушаххас мансаби давлатиро ишғол намуда, роҳбарӣ, ташкили кори тобеон ва назорати он, идора ва ихтиёрдории молу мулкро амалӣ менамояд.

Баъзе муаллифон бо таваҷҷуҳ ба зарурати тафсири пурраи истилоҳоти дар қонуни ҷиноятӣ истифодашуда қайд мекунанд, ки ин таърифро муваффақ донистан душвор мебошад. Зеро чунин аломатҳои шахси мансабдор, ба монанди «намояндаи ҳокимият», «вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ» ва «вазифаҳои маъмурию хоҷагидорӣ», ки тавассути онҳо мафҳуми шахси мансабдор шарҳ дода шудааст, худ тафсирро талаб менамояд.

Ба назари Старилов Ю.Н., ҳангоми муайян кардани мафҳуми шахси мансабдор чунин категорияҳои илмӣ, ба монанди ҳуқуқу уҳдадориҳо, ваколатҳо, маҳдудиятҳо, мамнуиятҳо, масъулиятро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебуд [14,с.102].

Бо ҳамин мазмун дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 05 марти соли 2007, №233 мафҳуми шахси мансабдори давлатӣ оварда шудааст. Мафҳуми шахси мансабдори давлатӣ дар фарқият аз мафҳуми шахси мансабдори дар боло овардашуда субъектони хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад ва шахсони ба онҳо баробаркардашударо низ дар бар мегирад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 07 августи соли 2020, №1714 низ ба ҳамин мазмун меъёр муқаррар гардидааст, аммо на шахси мансабдор, балки субъекти ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд номида шудааст. Нисбат ба мафҳумҳои дар боло овардашуда дар мафҳуми Қонуни мазкур баъзе иловаҳо дида мешавад. Масалан, ба ҷойи ибораи “шахси таъин ё интихобшуда” ибораи “шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор” омадааст.

Ҳамзамон, ибораи “шахсони ба онҳо баробаркардашуда” дар дохили қавсайн чунин шарҳ дода шудааст: “шахсе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати номзад ба ишғоли мансабҳои давлатии интихобӣ ё узви мақомоти интихоботии давлатӣ ба қайд гирифта шудааст, шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, шахсони мансабдори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои онҳо, ки бо мақомоти давлатӣ, шахси мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд”.

Инчунин, ба мафҳуми субъекти ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд шахсе, ки хизматрасониҳои давлатиро амалӣ менамояд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ шомил карда шудаанд. Ба назари мо, ин ба он далел аст, ки дар мафҳуми мазкур субъекти ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ пешбинӣ гардидааст.

Ю.Н. Старилов ҳашт аломати шахси мансабдорро пешниҳод намудааст, ки инҳо мебошанд: а) шаҳрванди давлат, ки мансаби давлатии муайянро ишғол менамояд; б) ӯ ваколатҳои ҳокимиятиро амалӣ месозад; в) намояндаи давлат ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад; г) дорои ҳуқуқ, уҳдадориҳо, маҳдудият ва мамнуият дар фаъолият мебошад; ғ) ваколати додани ҷазоҳои интизомиро дорад; д) метавонад санадҳои маъмурӣ барорад; е) ваколатҳои назоратиро амалӣ менамояд; ё) метавонад субъекти ҷавобгарии баланди ҳуқуқӣ бошад [14,с.93].

Мувофиқи қисми дуюми диспозитсияи моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъекти ин қисм шахсе мебошад, ки мансаби давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё роҳбарии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ишғол менамояд.

Ибораи мансаби давлатӣ дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 05 марти соли 2001, №233 ҳамчун воҳиди сохтории мақоми давлатӣ, ки дар доираи салоҳияти муқарраркардаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ таъсис дода шудааст, маънидод гардидааст.

Ба андешаи Носова Т.А. ва Лошкарев А.В., мансаб ин вазифаҳои хизматие мебошанд, ки бо иҷро кардани онҳо фаъолияти хизматӣ ба амал бароварда мешавад [11,с.239-240].

Дар эзоҳи моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ пешбинӣ шудааст, ки дар фарқият аз он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 05 марти соли 2007, №233 ин мафҳум дуруст ва фаҳмотар оварда шудааст.

Дар ин замина, Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ карда шудааст, номгӯйи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намудааст. Дар он мансабҳои давлатӣ ба ду гурӯҳ: а) мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва б) мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ҷудо карда шудаанд. Гурӯҳи дуюми он бошад, дар навбати худ, ба ду зергурӯҳ: а) мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва б) мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ тақсим гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки дар эзоҳи моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин омадааст, ки хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки ба шумули шахсони мансабдор дохил намешаванд, мутобиқи моддаҳои ҳамин боб дар ҳолатҳои махсус пешбининамудаи моддаҳои дахлдор ба ҷавобгарии дахлдор кашида мешаванд. Аз ин мафҳум чӣ гуна муайян карда мешавад, ки

кадом хизматчиёни давлатӣ ҳамчун шахси мансабдор эътироф карда мешаванд. Барои муайян намудани ин ҳолат ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 05 марти соли 2007, №233 назар меафканем. Мафҳуми хизматчии давлатӣ дар Қонуни зикргардида ба таври фаҳмо пешбинӣ гардида, мутобиқи он хизматчии давлатӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбият бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол кардааст [15,с.73]. Яъне, шахсе, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро ишғол намудааст, хизматчии давлатӣ мебошад. Танҳо шахсоне, ки мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатиро ишғол менамоянд, хизматчии давлатӣ ба ҳисоб намераванд. Пас ин меъёри эзоҳи моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ мухолифат дорад.

Нақшаи 1. Таснифи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 05 марти соли 2007, №233 ва Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ шудааст.




Дар қисми дуюми моддаи 324 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти ҷиноят шахсе, ки мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё роҳбарии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ишғол менамоянд, пешбинӣ гардидааст. Бинобар сабаби он ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мафҳумҳо шарҳ дода нашудаанд, ба қонуни соҳавӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 05 марти соли 2007, №233 назар мекунем.

Мафҳуми мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ буда, ҳам мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва ҳам масабҳои давлатии хизмати давлатиро фаро мегирад. Ҳамзамон, мансаби роҳбари мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (чун мансаби давлатии ҳокимияти давлатӣ) ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро (чун мансаби давлатии хизмати давлатӣ) дар бар мегирад. Яъне, гуфтан мумкин аст, ки субъекти қисми дуюми моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи шахсоне мебошанд, ки мансабҳои давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол намудаанд. Дар ҳоле ки қонунгузор дар ин қисм бояд вобаста ба хатари ба ҷамъият доштаи ин кирдори ҷиноятӣ шахсони мушаххасро пешбинӣ менамуд.

Ба назари мо, субъекти ҷинояти суиистифода аз ҷиноятҳои мансабӣ (м.314 Кодекси ҷиноятии ҶТ) бояд мутобиқи муқаррароти қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ ва феҳристи мансабҳои давлатӣ мушаххас пешбинӣ карда шавад. Масалан, ҳамчун субъекти қисми дуюми моддаи мазкур метавонем шахсонеро пешбинӣ намоем, ки мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва мансабҳои сиёсии хизмати давлатиро ишғол менамоянд. Ин меъёр мушаххас буда, барои фаҳмидани мазмуни он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 05 марти соли 2007, №233 ва барои муайян намудани доираи ин шахсон ба Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудан кофӣ мебошад.

Ё ин ки ба сифати субъекти қисми якуми ин модда шахсонеро пешбинӣ намудан мумкин аст, ки мансабҳои маъмурии хизмати давлатиро ишғол менамоянд. Дар ин

мавриd, бо назардошти вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагӣ доштан, бояд категорияҳои онҳоро муайян намоем. Яъне, шахсе, ки мансабҳои маъмурии хизмати давлатии категорияҳои олӣ, якум ва дуюмро ишғол менамояд. Вақте ки субъекти ҷиноят мушаххас нишон дода мешавад, ҳангоми бандубасти он душворӣ ба миён намеояд.

Мавриди зикр аст, ки дар мафҳумҳои вобаста ба шахси мансабдор, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ гардидааст, инчунин шахсе дар назар дошта шудааст, ки дар муассисаҳои давлатӣ, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагидориро иҷро менамояд. Мафҳуми “шахси мансабдор”, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 05 марти соли 2007, №233 чун “шахси мансабдори давлатӣ” се гурӯҳи шахсонро дар бар мегирад:

1) шахсоне, ки мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатиро ишғол намудаанд;
2) шахсоне, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро ишғол кардаанд, яъне хизматчиёни давлатӣ;
3) шахсоне, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагидориро дар муассисаҳои давлатӣ, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, иҷро менамоянд.

Аммо, гурӯҳи сеюми ин таснифот ба Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда нашудааст. Дар ин ҳолат оё мо роҳбари як муассисаи давлатиро шахси мансабдор гуфта метавонем? Дар ҳоле ки ӯ дар муассисаи давлатӣ вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагидориро иҷро менамояд.

Яъне, роҳбари муассисаи давлатӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 05 марти соли 2007, №233 шахси мансабдори давлатӣ аст, вале тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ шудааст, шахси мансабдор ба ҳисоб намеравад. Ин мухолифати меъёрҳои ҳуқуқӣ аст. Дар ин ҷо қувваи ҳуқуқии қонун баландтар мебошад ва аз ин рӯ, роҳбари муассисаи давлатӣ бояд шахси мансабдор эътироф карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки гурӯҳи сеюми шахсони мансабдори давлатӣ мушаххас карда нашудааст. Дар ҳоле ки номгӯйи муассисаҳои давлатӣ, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидориеро, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, мушаххас кардан мумкин аст. Шояд ҳамчун фасли алоҳида (мансабҳои дигари давлатӣ) дар баробари мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ба Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда шавад:

Нақшаи 2. Намунаи таснифи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон




Мувофиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 05 марти соли 2007, №233 низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз: а) хизмати давлатии шаҳрвандӣ; б) хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва в) хизмати давлатии ҳарбӣ иборат мебошад. Дар ин ҷо хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу

томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ арзёбӣ гардидааст.

Азбаски хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ бо қонунгузории соҳавӣ ба танзим дароварда шудааст, номгӯйи мансабҳои давлатии онҳо дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нагардидааст. Аммо механизми муайян намудани шахсони мансабдори давлатӣ дар низоми хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ дар алоҳидагӣ мушаххас нашудааст. Масалан, кадом корманди мақомоти корҳои дохилӣ ё қисмҳои ҳарбиро ҳамчун шахси мансабдори давлатӣ эътироф намудан мумкин аст?

Таҳлили субъекти ҷинояти суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, яъне "шахси мансабдор" нишон медиҳад, ки қонунгузор гарчанде ки дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин мафҳумро бо шаклҳои ба ҳам наздик пешбинӣ намуда бошад ҳам, он умумӣ буда, мушаххас карда нашудааст. Ҳамзамон, дар баъзе меъёрҳо мухолифат дида мешавад.

Ба андешаи мо, диспозитсияи моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 05 марти соли 2007, №233 ва Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ шудааст, мутобиқ карда шавад. Ҳамзамон, шарҳи мафҳуми шахси мансабдор, вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагидорӣ, ки дар эзоҳи модда пешбинӣ гардидааст, ба қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ ҳавола карда шавад. Маҳуми шахси мансабдори давлатӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 05 марти соли 2007, №233 пешбинӣ гардидааст, пурра карда шавад.

**Муқарриз: д.и.ҳ, профессори ДМТ – Шарипов Т.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Алексеев И.А. К вопросу об отличиях муниципально-правовой ответственности от иных видов юридической ответственности / И.А. Алексеев // Государственная власть и местное самоуправление. -2016. -№9. -С. 40-45.
2. Андрианов В.Д. Коррупция как глобальная проблема: история и современность / В.Д. Андрианов. –М., 2011. - 230 с.
3. Бриллиантов А.В. Должностное лицо: организационно-распорядительные фнукции / А.В. Бриллиантов, П.С. Яни // Законность. – 2010. - №6. -С.12.
4. Гладких В.И. Уголовное право России. Общая и Особенная части: Учебник / В.И. Гладких, В.С. Курчеев. - М., 2015. - 547 с.
5. Динека В.И. Ответственность за должностные преступления по уголовному праву России (уголовно-правовые и криминологические аспекты): автореф. дис…докт. юрид. наук / В.И. Динека. - М.,2002. - 69 с.
6. Кодекси ҷиноятии ФР. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL:https://ukodeksrf.ru/ (санаи мурочиат: 30.06.2023).
7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 , №574 [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи мурочиат: 20.05.2023).
8. Коллективи муаллифон. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Д.: Глобус, 2006. - 1202 с.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" аз 07 августи соли 2020, №1714. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи мурочиат: 21.06.2023).
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 05 марти соли 2007, №233. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи мурочиат: 15.04.2023).
11. Носова Т. А. Злоупотребление должностными полномочиями. Коррупция. Юридические науки: проблемы и перспективы / Т. А. Носова, А. В. Лошкарев. - К., 2016. - 584 с.
12. Прудников В. В. Расследование злоупотребления должностными полномочиями и превышения должностных полномочий / В. В. Прудников. - Краснодар, 2000. - 417 с.
13. Ревин В.П. Уголовное право России. Общая часть. Учебник/ В.П. Ревин. - М., 2010. - 649 с.
14. Решетников Ф.М. Ответственность за должностные преступления в России и зарубежных странах / Ф.М. Решетников. – М.: Юридическая литература, 2008. - 128 с.
15. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ. Нашри шашум. -Душанбе: Полиграф групп, 2021. -543 с.


**СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТИ СУИИСТИФОДА АЗ ВАКОЛАТҲОИ МАНСАБӢ**

Ҷинояти суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ яке аз ҷиноятҳои ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ ва дар як вақт ҷинояти хусусияти коррупсионидошта ба ҳисоб меравад. Тавре ки маълум аст, ин ҷиноят ба манфиатҳои ҳокимияти давлатӣ таҷовуз намуда, фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатиро халалдор месозад. Аз ин лиҳоз, вобаста ба хатари ба ҷамъият доштаи ин кирдор ва оқибатҳои манфии он, омӯзиш ва таҳлили он ба мақсад мувофиқ аст. Пеш аз ҳама, дар адабиёти ҳуқуқӣ ва ҳам дар қонунгузории ҷиноятӣ кирдори ба ҷамъият хавфнок (ҷиноят) бо аломатҳои хосси он

муайян карда мешавад. Аломатҳои муайянкунандаи ҷиноят гуногун мебошанд ва аз миёни онҳо объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективӣ асосӣ маҳсуб меёбанд. Бо доштани аломатҳои зикргардида қонунгузории ҷиноятӣ кирдори мушаххасро ҳамчун ҷиноят эътироф менамояд. Дар ин мақола мо кӯшиш намудем, то андозае яке аз аломатҳои ҳатмии ҷинояти суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ – субъекти онро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Вобаста ба масъалаи субъекти ҷинояти суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ олимон ақидаҳои гуногун доранд. Гурӯҳе онро ба таври маҳдуд ва гурӯҳе ба таври васеъ шарҳ додаанд. Дар маҷмуъ, субъекти ин ҷиноят шахси мансабдор дониста шудааст. Дар баробари ин, дар қонунгузории ҷиноятӣ низ субъекти ҷинояти суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ – шахси мансабдор пешбинӣ гардидааст. Мафҳуми шахси мансабдор дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода шудааст, аммо ин мафҳум бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 05 марти соли 2023, №233 баъзан ихтилофҳо дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки номгӯйи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ карда шудааст, ба мафҳуми шахси мансабдор номувофиқатӣ дорад. Яъне, баъзе мансабҳои давлатӣ ба номгӯйи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда нашудаанд. Ҳамин тавр, масъалаи субъекти ҷинояти суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ – шахси мансабдор ба таври мушаххас муайян нагардидааст. Агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мафҳуми ягонаи шахси мансабдор пешбинӣ шавад ё ин мафҳум дар як санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардида, дигар санадҳо ба он ҳавола карда шаванд, беҳтар аст.

**Калидвожаҳо:** суиистифода аз ваколат, шахси мансабдор, ваколатҳои мансабӣ, намояндаи ҳокимият, вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, вазифаҳои маъмурию хоҷагидорӣ, ваколатҳои махсус.

## СУБЪЕКТ ПРЕСТУПЛЕНИЯ ЗЛОУПОТРЕБЛЕНИЯ СЛУЖЕБНЫМИ ПОЛНОМОЧИЯМИ

Преступление злоупотребления должностными полномочиями относится к числу преступлений против государственной власти и интересов государственной службы и в то же время является преступлением коррупционного характера. Как известно, это преступление посягает на интересы государственной власти и нарушает нормальное функционирование органов государственной власти. С этой точки зрения в связи с опасность для общества и его негативными последствиями необходимо изучить и проанализировать это деяние. Во-первых, в юридической литературе, как и в уголовном законодательстве, общественно опасное деяние (преступление) определяется его специфическими признаками. Определяющие признаки преступления различны и среди них основными являются объект, объективная сторона, субъект и субъективная сторона. Имея указанные признаки, уголовное законодательство признает конкретное деяние преступлением.В данной статье мы попытались в той или иной мере проанализировать один из обязательных признаков преступления злоупотребления служебным положением - его субъект.Ученые расходятся во мнениях относительно предмета преступления злоупотребления служебным положением. Некоторые группы объясняли ограниченно, а некоторые — широко. В основном субъектом данного преступления считается должностное лицо.В то же время в уголовном законодательстве предусмотрен субъект преступления злоупотребления должностными полномочиями - должностное лицо. Понятие должностного лица разъяснено в Уголовном кодексе РТ, однако это понятие иногда вступает в противоречие с другими нормативными правовыми актами, в том числе с Законом РТ «О государственной службе» от 5 марта 2023 года, №233.Следует отметить, что перечень государственных должностей Республики Таджикистан, утвержденный Указом Президента Республики Таджикистан от 15 августа 2016 года, №737, не соответствует понятию должностное лицо. То есть некоторые государственные должности не входят в перечень государственных должностей Республики Таджикистан.Таким образом, вопрос о субъекте преступления злоупотребления должностными полномочиями - должностном лице - определенно не решен. Было бы лучше, если в действующих нормативно-правовых документах было предусмотрено единое понятие должностного лица или если это понятие было бы установлено в одном нормативно-правовом документе и на него ссылались другие документы.

**Ключевые слова:** злоупотребление властью, должностное лицо, должностные полномочия, представитель власти, организационно-командные функции, административно-хозяйственные функции, специальные полномочия.

## SUBJECT OF THE CRIME ABUSE OF OFFICE AUTHORITIES

The crime of abuse of power is one of the crimes against state power and the interests of the civil service, and at the same time is a crime of a corruption nature. As you know, this crime encroaches on the interests of state power and disrupts the normal functioning of public authorities. From this point of view, it is necessary to study and analyze the danger of this act for society and its negative consequences.Firstly, in the legal literature, as well as in criminal law, a socially dangerous act (crime) is determined by its specific features. The defining features of a crime are different and among them the main ones are the object, the objective side, the subject and the subjective side. Having these signs, the criminal law recognizes a specific act as a crime.In this article, we tried to analyze in one way or another one of the mandatory features of the crime of malpractice - its subject.Scholars disagree as to the subject matter of the crime of malpractice. Some groups explained in a limited way, and some in a wide way. Basically, the official is considered the subject of this crime.At the same time, the criminal law provides for the subject of the crime of abuse of power - an official. The concept of an official is clarified in the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, however, this concept sometimes conflicts with other regulatory legal acts, including the Law of the Republic of Tajikistan “On Public Service” dated March 5, 2023 No.233.It should be noted that the list of public positions of the Republic of Tajikistan, approved by the Decree of the President of the Republic of

Tajikistan dated August 15, 2016 No. 737, does not correspond to the concept of an official. That is, some public positions are not included in the list of public positions of the Republic of Tajikistan.Thus, the issue of the subject of the crime of abuse of power - an official - has not been specifically resolved. It is better if the current legal documents provide for a single concept of an official or if this concept is established in one legal document and other documents refer to it.

**Keywords:** abuse of power, official, official authority, representative of authority, organizational and command functions, administrative and economic functions, special powers.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодирӣ Зоҳир Абдусамад*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992-777-01-02-22**. E-mail: **z.kodirzoda1994@gmail.com**

**Сведения об авторе*****: Кодири Зохир Абдусамад*** **-** Таджикский национальный университет, кафедра уголовного права и противодействия коррупции, юридический факультет, соискатель. **Адрес** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992-777-01-02-22**. E-mail: **z.kodirzoda1994@gmail.com**

**Information about the author:** ***Kodiri Zohir Abdusamad*** - Tajik National University, Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law, applicant. **Address** 734025, Dushanbe, Republic of Tadzhiksitan, Rudaki Av. 17. Phone: **+992-777-01-02-22** E-mail: **z.kodirzoda1994@gmail.com**

ТДУ: 343.23

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ПАДИДАИ ОЗОДИИ ШИКОЯТ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

*Қодиров Умедҷон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони истиқлолияти давлатӣ волотарин мартаба барои инсоният ин ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф кардаанд ва давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф риоя ва ҳифз менамояд. Бо дарназардошти волотарин мартабаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҳолатҳои муайяншуда ҳуқуқҳои инсон маҳдуд карда мешаванд, маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони дигар, ба низом овардани тартиботи ҷамъиятӣ равона мегардад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор В.Я. Гаврилов вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мақолаи худ чунин қайд кардааст, ки Конститутсия на танҳо афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муайян кардааст, балки давлатро низ вазифадор кардааст, ки шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро эътироф, риоя ва ҳифз намояд [1,с.31].

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мадди аввал мебошанд ва дар ҳама ҳолат риоя карда мешаванд. Яке аз принсипҳое, ки ҳуқуқу озодиҳои шахсони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштирокдоштаро таъмин менамояд, принсипи озодии шикоят аз амал ва қарорҳои мурофиавӣ мебошад, ки ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро, ки дар натиҷаи амал ва қарорҳои ғайриқонунии мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ поймол карда шудаанд, таъмин ва ҳифз намоянд. Дар моддаи 19-и тафсири илмӣ-оммавии Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзи шикоят кардан, аз болои киҳо шикоят намудан мумкин аст нишон дода шудааст, ки шаҳрвандон ҳуқуқ доранд бораи ҳама гуна қарор ва амали ғайриқонунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдори давлатӣ, аз он ҷумла прокурор, муфаттиш, таҳқиқкунанда, мақомоти таҳқиқ, сардорони шуъбаи тафтишотӣ, муассисаҳои иҷрои ҷазо, мақомотҳои фаврию ҷустуҷӯйӣ, мақомоти назорати молиявӣ ва мубориза ба муқобили коррупсия, мақомоти андозу гумрук ба суд шикоят кунанд [3,с.137-153].

Дар моддаи 1 сархати 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” мафҳуми шикоят чунин дарҷ гардидааст: шикоят – ин изҳори норозигӣ нисбат ба амали (беамалии) шахсони мансабдори давлатӣ, роҳбарон ва шахсони ваколатдоршудаи мақомоту ташкилоти дахлдор ҷиҳати ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳо ё манфиати қонунии вайронгардидаи худ ё шахсони дигар мебошад” [8,с.2].

Як гурӯҳи олимон вобаста ба мафҳуми шикоят бар он ақидаанд, ки шикоят ин талаби шахс дар бораи барқарор кардан ё ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ё манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё дигар ашхос, рафъи амал ё беамалии ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, инчунин бекор кардани онҳо мебошад.

Мафҳум ва тартиби шикоят намудан дар моддаи 23-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки тибқи он иштирокчиёни мурофиа, шаҳрвандон, намояндагони корхонаю ташкилот ва муассисаҳо, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ манфиатдоранд, ҳуқуқ доранд мутобиқи тартиб ва мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз амал ё қарори суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда шикоят кунанд.

Мафҳуми шикоят дар мурофиаи ҷиноятӣ бояд ба маънои маҳдуд ва васеъ баррасӣ карда шавад. Шикоят ба маънои маҳдуд фаъолияти иштирокчиёни мурофаиви ҷиноятӣ мебошад, ки дар натиҷаи пешниҳоди шикоят аз болои амали (беамалии) муайян ё қарори шахси мансабдори дахлдор ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ё манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Шикоят ба маънои васеъ на танҳо пешниҳоди шикоят аз ҷониби шахси манфиатдор, балки фаъолияти шахсони мансабдори давлатӣ оид ба қабул, баррасӣ ва ҳал намудани онро дар бар мегирад.

Мафҳуми озодии шикоят дар мурофиаи ҷиноятӣ барои шаҳрвандон имконият медиҳад, ки аз ҳама гуна амали (беамалии) мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдори давлатӣ, аз он ҷумла прокурор, муфаттиш, таҳқиқкунанда, мақомоти таҳқиқ, сардорони шӯъбаи тафтишотӣ шикоят кунанд. Аз як тараф, ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои мурофиавии худро пурра амалӣ намуда, ҳимояи манфиатҳои худро таъмин намоянд, аз тарафи дигар, ҳуқуқвайронкуниҳоеро, ки дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ аз тарафи шахсони давлатӣ ба амал меоянд, ошкор мекунад.

Номзади илҳои ҳуқуқшиносӣ О.Ю. Сурлуи дар мақолаи худ чунин қайд мекунад, ки шахси мансабдоре, ки аз амали (беамалии) мурофиавӣ ё қарори вай ғайриқонунӣ ва беасос дониста шудааст, вазифадор аст дар давоми се шабонарӯз қарори худро аз эътибор соқит гардонад, дар сурати ислоҳ накардан аз тарафи суд огоҳӣ дода мешавад.

Мутобиқи қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин шахсони дигар, дар қисме, ки амали иҷрошуда ва қарорҳои мурофиавии қабулшуда ба манфиати онҳо таъсир мерасонанд, метовонанд аз амали (беамалии) шахсони мансабдори давлатӣ шикоят кунанд.

Тибқи муқаррароти судӣ, ҳар як иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ, шахси дигар, инчунин ҳимоятгар, намояндаи қонунӣ ё намояндае, ки ба манфиати аризадиҳанда баромад мекунанд, метавонанд аз болои қарорҳо ва амалҳои мурофиавии шахсони мансабдори давлатӣ шикоят кунанд. Намояндаи аризадиҳанда метавонад шахсе бошад, ки дар пешбурди мурофиаи судӣ, ки вобаста ба он шикоят пешниҳод шудааст, иштирок накарда бошад, вале чун аз ҷониби аризадиҳанда ваколатдор шудааст, метавонад дар пешниҳод намудани шикоят ва ё дар баррасии он дар суд иштирок намояд [15,с.264, 266].

Дар моддаи 122-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби баррасии шикоят муайян карда шудааст, ки баррасии шикоятро ба зиммаи прокурор ва судяе, ки аз амали онҳо шикоят кардаанд ва инчунин ба зиммаи шахси мансабдоре, ки қарори аз он шикоятшударо тасдиқ намудааст, баррасӣ намудани онро ба зиммаи онҳо вогузоштан манъ аст. Прокурор ё судя дар ҷараёни баррасии шикоят вазифадоранд, ки ваҷҳҳои дар он овардашударо ҳамаҷониба санҷад, ҳангоми зарурат маводи иловагӣ талаб намояд ва бо хоҳиши аризадиҳанда вобаста ба амал ва қарори аз он шикоятшуда аз вай тавзеҳот гирад. Прокурор ё судяе, ки шикоятро баррасӣ мекунад, вазифадор аст дар доираи ваколатҳои худ барои барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии поймолшудаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин дигар шаҳрвандон, корхонаву ташкилотҳо ва муассисаҳо чораҳо андешанд.

Кузмина Елизавета Алексеевна, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дар мақолаи худ "Ҳуқуқи шикоят ба мурофиа ва қарорҳо ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар мурофиаи пешакӣ" қайд мекунад, ки шикоят аз амал ва қарорҳои мақомоти давлатӣ яке аз ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандон буда, дар қонун ҳамчун яке аз воситаҳои самарабахши ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баён гардидааст.

Дар амалия бисёр ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки шаҳрвандон дар рафти тафтиши пешакӣ ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон поймол карда мешаванд ва на ҳамеша аз ҳуқуқи шикоят кардан аз амал ва қарорҳои ғайриқонунии мақомоти тафтишотӣ истифода мекунанд ва намедонанд, ки ҳуқуқ доранд аз амали (беамалии) мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, прокурор, муфатиш ва шахсони мансабдори давлатӣ тибқи моддаи 119-и Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намоянд.

Вобаста ба мафҳуми шикоят як гурӯҳи дигари олимон бар он ақидаанд, ки мурочиат ба шахси мансабдори пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ дар бораи вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ё шахси дигаре мебошад, ки ҳуқуқу манфиатҳои ӯ бо қарор ё амали шахси мансабдор поймол шудааст. Ба ҳама гуна амал (беамалӣ) ва қарори ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя, суд, бидуни истисно, бояд шикоят карда шавад.

Шаҳрвандон ва шахсони дигар ҳуқуқ доранд аз амал ва қарори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, ба шарте ки амалҳо ва қарорҳои мурофиавӣ ба манфиати онҳо дахл доранд, шикоят кунанд. Масалан, шахсе метавонад шикоят кунад, ки хонааш кофтуков карда

шуда, дар рафти он ба молу мулк зарар расонида шудааст (дархо шикаста, девор чаппа шудааст) ё шахсе, ки молу мулкаш саҳван гирифта шудааст ва ғайра.

Вобаста ба озодии шикоят барои шаҳрвандон аз амалия як ҳодисае, ки рух додааст ҳолате, ёдовар мешавем, ҳолате ки шаҳрвандон намедонанд, ки дар ҳамин ҳолат шикоят намудан мумкин аст: ҳангоми кофтуков ва боздошти гумонбаршуда аз ӯ маблағи калон мусодира гардид. Маблағҳо ба ӯ тааллуқ надоштанд, ки дар ин бора баёнияи дахлдор дода шудааст. Аммо пули мусодирашуда барои таъмини мусодираи молу мулк, дар сурате ки бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи онҳо татбиқ карда мешуд, гирифта шуда, дар анбори шуъбаи корҳои дохилӣ ҷойгир карда шудааст. Дар натиҷа соҳиби пул, ки як рӯз пеш онро барои харидани мошин ба боздоштшуда дода буд, бо дархости баргардонидани пул ба муфаттиш мурочиат кардааст. Баъди рад шудани ин ариза аризадиҳанда аз амали муфаттиш ба прокурор ва суди маҳалли тафтишоти пешакӣ шикоят кардааст. Прокурор бо далели муайян накардани молики пул ва азбаски парванда мумкин аст мусодираи молу мулк ё ҷуброни зиён бошад, то баровардани ҳукм дар мақомоти тафтишотӣ аз қонеъ кардани шикоят худдорӣ кард. Бо вуҷуди ин, суд далелҳои шикоят, маводи пешниҳоднамудаи аризадиҳанда ва муфаттиш, инчунин дигар далелҳоро омӯхта, дар бораи ғайриқонунӣ эътироф намудани амали муфаттиш қарор қабул кард ва ӯро вазифадор намуд, ки ҳуқуқвайронкуниҳои содиршударо бартараф намояд ҳамин тавр маблағи пулӣ ба соҳибаш баргардонида шуд.

Ҳама гуна амал ва беамалии шахсоне, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро ба инобат намегиранд ба ҷавобгари кашида мешавад. Ҳама гуна амал (беамалӣ) ва қарори шахсони мансабдоре, ки барои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ масъул мебошанд, мавриди шикоят қарор мегирад. Асосҳои пешниҳод намудани шикоят дар мурофиаи ҷиноятӣ ин ғайриқонунӣ, беасос будани қарорҳо, поймол кардани ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мебошанд. Ҳамин тариқ, шикоят нисбати амал ва қарорҳои мақомоти тафтишотӣ тибқи қонун на танҳо ҳамчун воситаи таъмини риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, балки ҳамчун воситаи ошкор ва бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ содир шудаанд, амалӣ карда мешаванд [14,с.17].

Амали мурофиавӣ кирдоре мебошад, ки дар рафти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мутобики Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ анҷом дода мешавад. Қарорҳои мурофиавӣ – ин санадхои татбиқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти пешбурди раванди ҷиноятӣ дар доираи салохияти худ бароварда шуда, дар муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ифода ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ номгӯйи ҳамаи амалҳо ва қарорҳои мурофиавиро дар бар намегирад, ки мавриди шикоят қарор доранд. Аз ин рӯ, нисбати ҳама гуна амалу қарорҳое, ки ба ақидаи иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқу озодиҳои онҳоро поймол мекунанд, бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кардан мумкин аст. Инчунин кайд кардан бамаврид аст, ки ҳам аз болои амали мақомотҳои тафтишоту таҳқиқ ва ҳам аз беамалии онҳо шикоят кардан мумкин аст. Агар мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ягон амали мурофиавиро мебоист иҷро мекард ё қарори мурофиавӣ қабул мекард, вале ин корро накарда бошад ҳам, ин ҳам барои пешниҳоди шикоят асос мебошад. Масалан, шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст ва мақомоти тафтишотӣ ӯро ҳангоми тафтиши парвандаи ҷинояти ҷабрдида эътироф накардааст, ҳуқуқ дорад аз беамалии ин мақомот шикоят намояд.

Тартиби шикоят намудан дар моддаи 119-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқ муайян карда шудааст. Шаҳрвандон ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд тибқи муқаррароти ҳамин модда аз амал ё (беамалӣ) қарорҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, судя иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятие, ки масъуланд, шикоят намоянд. Шикоят шифоҳӣ ва хаттӣ шуда метавонад, шикояти шифоҳӣ дар протокол инъикос меёбад, ки ба он шикояткунанда ва шахси мансабдори шикоятро қабулкарда имзо мегузоранд. Шикояти шифоҳии шаҳрванд, ки ҳангоми ӯро қабул кардани шахси мансабдори дахлдор арз шудааст, бо асосҳои умумӣ дар қатори шикоятҳои дар шакли хаттӣ пешниҳодгардида ҳал карда мешавад ва ба шикоят маводи иловагӣ замима кардан мумкин аст. Аризадиҳанда, шахси мансабдори давлатӣ ё роҳбари

мақомоти давлатие мебошад, ки аз қарорҳо амал (беамалии) онҳо шикоят карда мешавад, иштирокчиёни ҳатмии мурофиаи судӣ оид ба шикоятҳо аз амал ва беамалӣ эътироф карда мешаванд. Аризадиҳанда вазифадор аст, ки ҳолатҳоеро, ки дар шикояти худ зикр кардааст, исбот намояд ва мақомоти давлатӣ ё шахси мансабдоре, ки аз қарор, амали (беамалии) ӯ шикоят карда мешавад, дар навбати худ вазифадор аст, ки қонунӣ ва асоснок будани қарори худро исбот намояд.

Кафолати муҳимтарине, ки ба шахсони манфиатдор имконияти шикоят кардан аз амал ва қарорҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдори пешбурди парвандаи ҷиноятиро дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва тафтиши пешакӣ таъмин менамояд, ин ҳуқуқи шикоят кардан мебошад, ки аз кирдор ва қарорҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдори давлатӣ, шахсоне, ки парвандаи ҷиноятиро пеш мебаранд, аз ҷониби ягон субъекте, ки дар фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ иштирок намудааст, шикоят кардан мумкин аст.

Мувофиқи моддаи 163 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои шахсоне, ки муроҷиати шаҳрвандонро ба инобат намегиранд муҳлати муқарраргардидаро риоя намекунанд, мувофиқи ҳамин моддаи Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст.

Вайрон кардани қонунҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон, бидуни сабабҳои узрнок вайрон намудани муҳлати баррасии арзу шикояти онҳо, қабули қарори беасос ва хилофи қонун, инчунин вайрон кардани қонунҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи шаҳрвандон, ҷамъият ё давлат зарари ҷиддӣ ворид намудааст ҷиноят эътироф шуда ва мувофиқи қонун ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ - Маҳмудов И.Т**

**АДАБИЁТ**


1. Александров А.С. Шикоят дар мурофиаи ҷиноятии Русия / А.С.Александров, Н.Н Ковтун. - Нашриёти Академияи идоракунии давлатии Волга-Вятка, 1999. - С.108
2. Алексеев К.С. Очерк оид ба инкишофи илми мурофиа ҷиноятии шурави / Н.С.Алексеев, В.Г.Даев, Л.Д. Кокорев. - М., 1965. - С. 251.
3. Искандаров З. И. Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. моддаи 19. –С. 137-153.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016.
5. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (АМОҶТ с.2009, №12, мод.815, мод.816; с.2010, №7, мод.551; с.2011, №3, 159; №7-8, мод.609; .2012, №4, мод.259; №7, мод.714; №8, мод. 815; №12, қ.1, мод.1020, 1025, с. 2013, №7 мод. 510, 511; с.2014, №3, мод.142;№11,№643; с.2015,№11, мод.950; с.2016,№3, мод.128; №5, мод.357, №7,мод.610).
6. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Русия аз 18 декабри соли 2001 // Российская газета. 2001. 22 декабр (бо тағйирот).
7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод. 68, мод. 69, №22, мод. 306; с. 1999, №12, мод. 316; с. 2001, №4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, №11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, №8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, №5, мод. 346, №7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, №3, мод. 126, №7, мод. 399, №12, мод. 640; с. 2007, №7, мод. 665; с. 2008, №1, қ. 1, мод. 3, №6, мод. 444, мод. 447, №10, мод. 803, №12, қ. 1, мод. 986, №12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, №3, мод. 80, №7-8, мод. 501; с. 2010, №3, мод. 155, №7, мод. 550; с. 2011, №3, мод. 161, №7-8, мод. 605; с. 2012, №4, мод. 258, №7, мод. 694, с. 2013, №6, мод. 403, мод. 404, №11, мод. 785, №12, мод. 881; с. 2014, №3, мод. 141, №7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, №3, мод. 198, мод. 199, №11, мод. 949, №12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, №3, мод. 127, №5, мод. 355, мод. 356, №7, мод. 608, мод. 609, №11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, №1-2, мод. 2, мод. 3, №7-9, мод. 586; с.2018, №1, мод.4, мод.5, №5, мод.266, №7-8, мод.522; с.2019, №1, мод.1, мод.2, №6, мод. 311; с. 2020, №1, мод. 8, мод.9).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» 23 июли соли 2016, №1339 мод 1.
9. Қонуни Федератсия Россия аз 27 апрели 1993с. № 4866-1 «Дар бораи шикоят ба суд дар бораи амалҳо ва қарорҳое, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро вайрон мекунанд» // Маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Федератсияи Русия. -1993 -С. 117.
10. Лазарева В.А. Назария ва амалияи ҳифзи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ / В.А. Лазарева. - Самара: Нашриёти Донишгоҳи Самара, 2000. - С. 98.
11. Ларин А.М. мурофиаи ҷиноятии Русия. Лексия-очеркҳо / А.М.Ларин, Е.Б.Мелникова, В.М. Савитский. - М., 1997. -С. 185.
12. Лукашева Е.А. Ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун // Назарияи умумии ҳуқуқи инсон / Е.А. Лукашева. – М., 1996. – С.31-34.
13. Салимзода Ш. О. Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 14. –С. 108-110.
14. Тухташева У.А. Принсипи мурофиаи ҷиноятӣ боби II. 2. –С. 17.

15. Тафсири илмӣ ва амалӣ ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия / В.М.Лебедев. -М., 2002. – С.264, 266.
16. Сидоров Виктор Владимирович. Шикоят аз амалҳои мурофиавӣ ва қарорҳои мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ ҳамчун кафолати таъмини ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, 2009. -С 118.

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ПАДИДАИ ОЗОДИИ ШИКОЯТ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти падидаи озодии шикоят дар мурофиаи ҷиноятӣ таҳлил карда шудааст. Ҳадафи асосии озодии шикоят дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс ё ташкилоте, ки дар ҷиноят зарар дидааст, инчунин ҳифзи шахс аз таъқиботи ғайриқонунӣ ва беасос, маҳкумият, маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳо мебошад. Моҳияти озодии шикоят ҳамчун муроҷиат ба мақоми ваколатдори давлатӣ аз он иборат аст, ки барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунӣ барои ҳимоя, барқарор намудани манфиатҳои поймолшуда шахс метавонад бидуни иҷозат ба мақомоти муайяншуда муроҷиат намояд. Вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба ҳалли ин падида мусоидат менамоянд, инҳо мебошанд:

а) муқаррар кардани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;

б) сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноятҳо;

в) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содиркарда;

г) дуруст татбиқ намудани қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавӣ-ҷиноятӣ ва дигар қонунҳое, ки ба парванда дахл доранд;

ғ) кафолати ҳимояи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар.

**Калидвожаҳо:** озодии шикоят, таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд, прокурор, предмети шикоят, мафҳуми ҳуқуқи шикоят.

## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ИНСТИТУТА СВОБОДЫ ОБЖАЛОВАНИЯ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

В данной статье анализируются понятие и сущность феномена свободы обжалования в уголовном судопроизводстве. Основной целью права на обжалование в уголовном процессе является защита прав и законных интересов лица или организации, которым преступлением причинен вред, а также защита лица от незаконного и необоснованного преследования, осуждения, ограничения свободы права и свободы. Сущность свободы обжалования как обращения в уполномоченный государственный орган состоит в том, что в целях защиты прав, свобод и законных интересов, защиты и восстановления нарушенных интересов лицо может обращаться по указанным адресам без разрешения. Задачи уголовного процесса, способствующие разрешению этого явления, состоят в следующем:

а) установление порядка производства по уголовным делам;

б) своевременное и полное раскрытие преступлений;

в) привлечение лица, совершившего преступление, к уголовной ответственности;

г) правильное применение уголовного законодательства, процессуально-уголовного законодательства и иных законов, относящихся к делу;

д) гарантия защиты законных интересов участников уголовного процесса и иных лиц.

**Ключевые слова:** Свобода обжалования, следствие, предварительное следствие, правоохранительный орган, суд, прокурор, субъект обжалования, определение права на обжалование.

## THE CONCEPT AND ESSENCE OF THE PHENOMENON OF FREEDOM OF APPEAL IN CRIMINAL PROCEEDINGS

This article analyzes the concept and essence of the phenomenon of freedom of appeal in criminal proceedings. The main purpose of the right to appeal in criminal proceedings is to protect the rights and legitimate interests of a person or organization harmed by a crime, as well as to protect a person from illegal and unreasonable prosecution, conviction, restriction of freedom of law and freedom. The essence of the freedom of appeal as an appeal to an authorized state body is that in order to protect the rights, freedoms and legitimate interests, protect and restore violated interests, a person can apply to the specified addresses without permission. The tasks of the criminal process, contributing to the resolution of this phenomenon, are as follows:

a) establishing the procedure for criminal proceedings;

b) timely and complete disclosure of crimes;

c) bringing the person who committed the crime to criminal liability;

d) correct application of criminal law, criminal procedure law and other laws relevant to the case;

e) guarantee of protection of legitimate interests of participants in criminal proceedings and other persons.

**Keywords**: Freedom of appeal, investigation, preliminary investigation, law enforcement agency, court, prosecutor, subject of appeal, definition of the right to appeal.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодиров Умедҷон Махмашарифович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти P.h.D-и кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, факултелти ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 556057575.** E-mail: **kodirov0997@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Кадыров Умеджон Махмашарифович*** – Таджикский национальный университет, докторант P.h.D кафедра судебного права и прокурорского надзора, юридический факультет. **Адрес:** 734025, город Душанбе,

Республика Таджикистан, проспект Рудаки,17. Телефон: **(+992)556057575.** Электронная почта: **kodirov0997@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kodirov Umedjon Makhmasharifovich*** - Tajik National University, Doctoral Ph.D Department of Judicial Law and Prosecutorial Control, Faculty of Law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tadzhiksitan, Rudaki Av. 17. Phone: **(+992)556057575.** E-mail: **kodirov0997@mail.ru**

ТДУ: 343.71(575.3)

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## (тадқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ)

*Қодиров А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фаъолияти ҳокимияти судӣ чун нишондиҳандаи сатҳи иҷтимоии ҷомеаи мутамаддин, рушди конститутсионии давлат назаррас аст. Ташаккули ҳокимияти судӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ ба рушди принсипҳои демократии ҳаёти ҷамъиятӣ, шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва фарҳанги ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Ҳамзамон, нуфузи ҳокимияти судӣ ва нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба дараҷа ва таъсири фаъолияти судҳо ба сиёсати онҳо ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад.

Чунонки дар илми ҳуқуқшиносӣ муайян намудаанд, ҳокимияти судӣ як шохаи мустақил, дорои ваколати оммавӣ-ҳуқуқӣ буда, бо фаъолият, воситаю усулҳои хос ҷиҳати татбиқи сиёсати ягонаи дохилию берунаи давлат мусоидат менамояд.

Мавҷудияти ҳокимияти судии устувор, мустақил ва муассир дар асоси механизмҳои демократии идораи равандҳои иҷтимоӣ шакл гирифтааст. Аз ин лиҳоз, ислоҳоти судӣ омили муайянкунандаи пешрафти иҷтимоӣ ва сиёсӣ масуб меёбад.

Абрам Чейес (1922-2000), олими амрикоӣ, қайд мекунад, ки ҳангоми ташаккули судҳо дар раванди дигаргунсозӣ ва таҳияи сиёсат, ҳокимияти судӣ низ рушд меёбад.

Дар назарияи ҳуқуқи Фаронса мафҳуми «сиёсати амалияи судӣ» истифода мешавад, ки маънои аз ҷониби судҳо танзим намудани сиёсати судиро дорад. Дар Фаронса суди кассатсионӣ ҷиҳати ба қонун даровардани тағйиру иловаҳо пешниҳод ирсол менамояд: ҳар сол дар асоси таҷрибаҳои судӣ ҳисобот тартиб медиҳад, ки дар он камбудию норасоиҳои қонунгузорӣ қайд карда мешаванд. Инчунин, дар ин гузориш он ҳолатҳое, ки парлумони кишвар дар асоси пешниҳоди Додгоҳи кассатсионӣ камбудиҳои қонунро бартараф кардааст, алоҳида зикр мешаванд.

Ба мавзуи сиёсати ҳуқуқӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос – назариячиёни рус низ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Олимон Б.А. Кистяковский, С.А. Муромсев, Н.В. Муравёв, Н.М. Коркунов, Г.Ф. Шершеневич, Л.И. Петражитский, С. Алексеев, В.П. Беляев, Н.В. Исаков, А.П. Коробова, О. Малишева, А.В. Малко, Н. Матузов, А.П. Мазуренко, А. Павлушина, С.В. Поленина, Н.В. Путило, В. Рудковский, В.М. Сирих, К.В. Шундиков, А.И. Екимов ва дигарон фикру андешаҳои хешро дар шакли мақолаву маърузаҳо пешниҳод намудаанд [1; 2; 3; 4; 5; 6; 7; 8].

Дар масъалаи сиёсати ҳуқуқӣ дар баробари олимони соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ инчунин соҳаи сиёсатшиносӣ низ таҳқиқот бурдаанд.

Таҳқиқоти зиёде, ки дар маҷмуъ ба намудҳои муайяни сиёсати ҳуқуқӣ бахшида шудаанд, онҳоро дар алоҳидагӣ аз навъҳои дигари ин падида ҷудо мекунанд. Андешаҳо оид ба ин масъала гуногун ва хеле зиёданд. Дар натиҷа таснифи умумии эътирофшудаи сиёсати ҳуқуқӣ вуҷуд надорад, дастгоҳи ягонаи истилоҳот вуҷуд надорад, номгӯйи хусусиятҳо ва принсипҳои воқеии сиёсию ҳуқуқӣ баъзан норавшан мемонад.

Категорияи «сиёсати судӣ» бештар дар адабиёти ҳуқуқии англосаксонӣ маъмул аст. Дар баъзе навиштаҳои илмӣ, сиёсати судӣ ҷиҳати тавсифи саҳми судҳо дар соҳаҳои сиёсати давлатӣ, ки бо фармонҳо ё қонунҳои иҷроия танзим мешаванд, дар раванди ташаккул, нигоҳдорӣ ё тағйир додани сиёсати давлатӣ ё афзалиятҳои байни онҳо истифода мешавад.

Бояд зикр кард, ки асари олим С.И. Орешкина таҳлили ҳамаҷонибаи навъи зикршудаи сиёсати ҳуқуқиро дар бар мегирад. Муаллиф мафҳумҳои «сиёсати судӣ» ва «сиёсати судӣ-ҳуқуқиро» муайян намуда, асосан ба таркиби предмет, таҳлили хусусиятҳои мавқеи суд ҳамчун субъекти сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ назар мекунад. Дар ин асар сиёсати судии ҳуқуқӣ дар робита ба сиёсати ҳуқуқӣ васеътар таҳлил меёбад [12].

Мавзуи сиёсати судиву ҳуқуқӣ дар асарҳои олимони ҳуқуқшинос С.Ф. Афанасев, Ю.Ю. Ветютнева, А.И. Зайтсева, А. Кобликова, С.И. Лапаева, С.И. Метелкина, И.Б. Михайловская, С.И. Орешкина, Т. Савелева, В.В. Субочева, В. Терехин, С.И. Фареня дар

шакли мақолаҳои илмӣ ё бобҳо (фаслҳо, параграфҳо) дар монографияҳо, маҷмуаи мақолаҳои илмӣ, нашрияҳои таълимӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, андешаҳои муаллифон Э.Б Абросимова, Д.Б. Абушенко, С. Загайнова, Е Замотаева, В Лебедев, Н. Мажинская, А.В. Молотов, П. Морхат, А.В. Никитина, С Пашин, В.Радченко, Г.Б. Романовский, Н.Ю. Хаманева, В.Н. Ятсенко хусусияти умуминазариявӣ доранд [1; 2; 3; 4; 5; 6; 7; 8].

Бо такя ба андешаву пешниҳоди муаллифон хусусиятҳои фарқкунандаи сиёсати судӣ-ҳуқуқиро метавон тасниф кард:

- сиёсати судӣ дар ҳолатҳои пароканда кардани суд аз собиқаи қаблан ташаккулёфта ё бекор кардани онҳо, тафсири ҳуқуқҳои конститутсионӣ, қонунҳо ё пур кардани ҷойҳои холии қонун зоҳир мегардад;
- дар навбати худ, ҳадафҳои сиёсати судӣ баъзан тағйир меёбанд ва ба максадҳои иҷтимоии суд ба вазъияти муайяни таърихӣ вобастаанд;
- давлатӣ, расмӣ буда, мазмуни ваколатдор-императивӣ дорад;
- дорои меъёри муайяни ташкилӣ мебошад;
- унсури муттаҳидкунандаро дар бар мегирад;
- ба рушди ҷомеа, низоми ҳуқуқӣ ва судӣ нигаронида шудааст;
- ба идоракунии корҳои ҷамъият бо риоя ва ба ҳам пайвастани манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат нигаронида шудааст;
- ин падидаи мураккаби сохторӣ, системавӣ ва бисёрсатҳа аст;
- аз ҷониби доираи васеи субъектҳо ташкил ва амалӣ карда мешавад;
- қонунӣ ва ҳамаҷониба аст.

Айни замон дар ҳуқуқшиносии ватанӣ ягон тадқиқоти илмии мукаммал оид ба масъалаҳои сиёсати судиву ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд нест ва мақолаи мазкур иқдоми аввалинест, ки баъзе паҳлуҳои назариявии ин масъаларо дар шакли мухтасар баррасӣ менамояд.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, махсусан бо қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйиру иловаҳои минбаъдаи он Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ ва стратегӣ рӯйи кор омад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлол 23 маротиба бо паёмҳои худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар баромад намуданд.

Мавриди зикр аст, ки меъёрҳои Конститутсия мустақиман амал намуда, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар заминаи онҳо таҳия ва қабул мешаванд. Яке аз меъёрҳои бунёдӣ, ки дар моддаи 55 Конститутсия инъикос ёфтааст, ироа гардидани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мебошад. Бояд ишора намуд, ки таҷрибаи ироа гардидани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ пас аз таъсис додани парлумони касбӣ, дубора барқарор кардани шакли идоракунии президентӣ ва ба роҳбарӣ гирифтани низоми давлатдории демокративу ҳуқуқбунёд рӯйи кор омада, аз ибтидои қарни XXI то имрӯз ҳамасола анҷом дода мешавад. Дар Паёми Президенти кишвар масъалаҳои муҳим, ки марбут ба татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар мебошанд, баррасӣ гардида, дастуру супоришҳои мушаххас ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ба аҳолии мамлакат, таъмини адолати иҷтимоӣ, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, риояи қонунгузорӣ, таъмин намудани адолати судӣ дода мешаванд. Чунин дастуру супоришҳо ва талаботи Паёми Президент бояд, ки аз ҷониби субъектони ваколатдор сари вақт ва бо сифати баланд иҷро гарданд. Зеро, амалӣ шудани онҳо боиси афзудан ва беҳтар гаштани шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа мегард.

Дар паёмҳои ироанамудаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву ҳуқуқӣ, ҳолати воқеии кишвар ва ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ гардида, соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, бо дарназардошти вазъи кунунӣ, мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамо, баррасӣ мешаванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар паёмҳои худ ба мардуми шарифи

Тоҷикистон ҳокимияти судиро чун ҷузъи асосии ҷудонопазири ҳокимияти давлатӣ шарҳ дода, фаъолияти ин ниҳодро ҷиҳати амалӣ гаштани мақсаду ҳадафҳои қонунии давлат таъкид менамоянд. Чунончи: «Адолати том ва таъмини ҳаққу манфиатҳои ҳамаи аъзои ҷомеа, муассисаҳову созмонҳо дар ниҳоят ҳалли худро дар фаъолияти мақомоти судӣ меёбанд. Сохтмони ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва пешрафти муносибатҳои бозорӣ маҳз ба фаъолият ва кафолати судӣ эҳтиёҷ доранд» [13].

Пешвои миллат барои баланд бардоштани мақоми ҳокимияти судӣ ва рушду такомули минбаъдаи он пайваста тадбирандешӣ карда, зимни ироаи паёмҳои худ дар солҳои 2006, 2009, 2010, 2014 ва 2018 қабул намудани барномаҳои ислоҳотии судӣ-ҳуқуқиро ба мақсад мувофиқ донистаанд. Дар заминаи онҳо, аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021 омода ва қабул шуд. Барномаҳо ҷиҳати такмили сохтор ва таҳкими фаъолияти судҳо барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии кори судҳо, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, инчунин, такмили қонунгузорӣ дар ин самт равона карда шудаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар Паёми соли 2018 ироа гашта буд, таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти ин таъкид карда шуд, ки тақвияти минбаъдаи фаъолияти ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад, зеро фаъолияти ҳокимияти судӣ ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, манфиати давлату ҷомеа алоқамандии зич дорад. Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ Президенти кишвар ниҳодҳои дахлдорро супориш дод, ки барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 ҳарчи зудтар таҳия ва пешниҳод намоянд. Мақсади асосии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ таҳким ва тақвияти минбаъдаи ҳокимияти судӣ, аз байн бурдани мураккабии ҷараёни мурофиаи судӣ, баланд бардоштани мақоми ҳокимияти судӣ дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини қонуният ва адолати судӣ ва дар заминаи он такмили сохтору фаъолияти мақомоти судии кишвар мебошад [14].

Чуноне ки дар "Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, № 1242) дарҷ шудааст, "Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021" идомаи барномаҳои пешинаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26 декабри соли 2018 асос ёфта, амалисозии тадбирҳои зарурриро ҷиҳати боз ҳам таҳким бахшидани ҳокимияти судӣ ва такмили қонунгузорӣ доир ба фаъолияти судҳо, хадамоти иҷро, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамояд [10].

Қисмати аввал, банди якуми Барнома дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра амалӣ шудааст. Яъне, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судиро шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ муайян намудааст, ки дар таъмини адолати иҷтимоӣ, таҳкими қонуният ва рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд нақши муҳим дорад. Бо дар назар доштани пешрафти ҷомеа ва ба миён омадани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, таъмини адолати судӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии миллӣ, таҳкими кафолати ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар идома дода мешавад [10].

Албатта, баробари иҷроиш камбудиву норасоиҳо дар ин самт ба назар мерасанд. Дар Барнома ҳам ин ҳолат пешбинӣ шуда буд: "Бо мақсади иҷрои саривақтии санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигар, бартараф намудани норасоиву мухолифатҳо дар қонунгузории танзимкунандаи истеҳсолоти иҷро, такмили тартиби иҷрои маҷбурии санадҳои иҷро, аз ҷумла бо дар назар доштани хусусияти амалҳои иҷро ва ҳалли дигар масъалаҳои соҳа, зарур аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад" [10].

Зери мафҳуми сиёсати судӣ фаъолияти асоснок, пайгирона ва мунтазами сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷиҳати барқарории адолати судии натиҷабахш, таҳия, пешниҳод ва татбиқи маҷмуи тадбирҳо дар соҳаи фаъолияти судӣ фаҳмида мешавад. Моҳияти ин навъи сиёсати ҳуқуқиро таҳия, пешниҳод ва дар амал татбиқ намудани маҷмуи идеяҳо, тадбирҳо, вазифаҳо, барномаҳо дар соҳаи фаъолияти судӣ ташкил медиҳад. Сиёсати судӣ ҳадаф ва вазифаҳои муайян дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ 21 ноябри 2019 чунин ибрози андеша намуданд: "Нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ дар идораи давлат ва пешрафти ҷомеа хеле муҳим мебошад, зеро ҳокимияти судӣ дар асоси Конститутсия ва қонунҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо ва қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Вазифаҳои ҳокимияти судӣ ва таъмини адолат дар асоси принсипу меъёрҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, баробарҳуқуқии тарафҳо дар ҷараёни баҳсу мунозира ва ба тарзи ошкоро гузаронидани мурофиаи судӣ сурат мегирад, ки ин меъёрҳои қонун кафили воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ мебошад" [15].

Дар вохӯрии мазкур ҷиҳати иҷрои «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» Пешвои миллат таъкид доштанд, ки тавассути ташвиқу таблиғ намудани аҳолӣ ба риояву эҳтироми қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, худдорӣ аз ҳама гуна кирдорҳои номатлуб, аз ҷумла кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ бо роҳи гузаронидани мурофиаҳои судии сайёр, баргузор намудани суҳбату вохӯриҳо бо аҳолӣ ва истифода аз воситаҳои ахбори умум тадбирҳо андешида шаванд. Чунин тарзи кор метавонад дар пешгирии ҷиноят ва тарбияи ҳуқуқии мардум бештар таъсиргузор бошад [9].

Дар Тоҷикистон мақсади сиёсати судӣ ва ҳуқуқӣ ба меъёри расмии фаъолияти ҳокимияти судӣ мутобиқ карда шудааст. Мақсаду ҳадафҳои сиёсати судиву ҳуқуқӣ ҳамеша тағйирёбанда буда, таҳти таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна қарор мегиранд. Бинобар ин, мақсаду ҳадафҳои сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ ва санадҳои консептуалиеро, ки онҳоро муназзам мекунанд, назорати ҷиддӣ мехоҳад, зеро маҳз набудани меъёри ягонаи консепсияи сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ барои муайян кардани дурнамои дарозмуҳлат дар фаъолияти мақомоти судӣ мушкилиҳо ба бор меоварад. Мақсаду ҳадафҳои асосии сиёсати судиву ҳуқуқиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин арзёбӣ кардан мумкин аст: ба даст овардани суботи иҷтимоию сиёсӣ, таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии мутараққӣ ва фаъол ва бунёди давлати ҳуқуқбунёд, нуфузи баланди ҷамъиятии ниҳоди ҳуқуқӣ ва давлатӣ (аз ҷумла, ҳокимияти судӣ), қудрат, эътимоднокӣ ва самаранокии механизмҳои таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои дахлнопазири инсон, устувории заминаи қонунгузорӣ ва ғайра.

Дар асоси сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ ҳадафҳои стратегиро метавон муайян намуд:

- вазифаҳои таъхирнопазири сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ - афзалиятҳои он;
- илман асосноккунии стратегияи дарозмуддати рушди системаи судии Тоҷикистон;
- баланд бардоштани дараҷаи қонунияти ҳокимияти судӣ, кафолати дастрасии баробар ба адолати судӣ барои ҳама;
- рафъи камбудиҳо ва ихтилофот дар танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳокимияти судӣ;
- таъмини мувофиқати заминаи дахлдори меъёрӣ;
- такмили механизмҳои судии таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд ва ғ.

Бояд тазаккур дод, ки сиёсати судиву ҳуқуқӣ ин ҷудо кардани меъёрҳои объективии он аст, яъне ҳадафҳои мурофиаи судӣ (ҷазодиҳӣ, ислоҳӣ, тарбиявӣ, барқароркунӣ, пешгирикунанда); шаклҳои татбиқи ваколатҳои субъектҳои сиёсати судӣ ва ҳуқуқӣ (қонунгузорӣ, ҳифзи ҳуқуқ, назорати ҳифзи ҳуқуқ, тафсири қонунҳо ва ғ.); намудҳои мурофиаи судӣ (конститутсионӣ, шаҳрвандӣ, ҳакамӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ); соҳаи танзими

муносибатҳои ҷамъиятӣ (молия, андоз, қарз, буҷет, гумрук, муҳоҷират ва ғ.); мақсади татбиқнамоӣ (ҷорӣ ва ояндадор); вазифаҳои иҷрошаванда (танзимкунӣ ва ҳифзи ҳуқуқ); таркиби субъективӣ (президентӣ, парлумонӣ, ҳукуматӣ, судӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, илмӣ-тадқиқотӣ) ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Субъекти сиёсати судиву ҳуқуқӣ бояд бо қарору амали худ дар асоси ғояҳои стратегӣ қодир ва ваколатдор бошад, ба сохтор ва фаъолияти низоми судӣ, инчунин ба институтҳо ва равандҳои марбут ба он таъсир расонад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми сиёсати судиву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун баъзе давлатҳои дигари мутараққӣ, бисёрсубъектии он мебошад. Ба субъектҳои сиёсати судиву ҳуқуқӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ, сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи илмӣ ва шаҳрвандон дохил мешаванд.

Мақсади асосии фаъолияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини сулҳу оромӣ дар ҷомеа тавассути ҳалли муносибатҳои иҷтимоӣ буд ва мемонад. Мақсади омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявии сиёсати судӣ- ҳуқуқӣ ҳамчун як намуди сиёсати ҳуқуқӣ, моҳият ва мундариҷаи он, хусусиятҳои фарққунанда, инчунин таҳияи тавсияҳои консептуалӣ дар шароити муосири ҳуқуқии Тоҷикистон мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад вазифаҳои зеринро бояд ҳал кард:

- омӯхтани мафҳум, мазмун ва дигар хусусиятҳои асосии сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи умумии назариявӣ;
- омӯхтани ҷой ва нақши сиёсати судиву ҳуқуқӣ;
- асоснок кардани аҳаммияти он дар сиёсати воқеии муосири давлатию ҳуқуқии Тоҷикистон;
- сиёсати судию ҳуқуқиро ҳамчун як намуди сиёсати ҳуқуқӣ баррасӣ намуда, хусусиятҳо ва ҷиҳатҳои муҳимтарини онро ҳаматарафа бо илм пайвастан;
- аломатҳо, принсипҳо, намудҳо, мақсадҳо, воситаҳо, афзалияти ҳолатҳои сиёсати судӣ-ҳуқуқиро таҳлил намудан;
- муайян ва баҳо додан ба масъалаҳои асосии проблемавии фаъолияти системаи судии ватанӣ;
- анҷом додани корҳои назаррас дар асоси вазъият ва мушкилоти ошкоршудаи фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон;
- афзалиятҳои асосии сиёсати судиву ҳуқуқӣ дар асоси муқаррароти асосии Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон.

Ҳамзамон, сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун як намуди сиёсати ҳуқуқӣ наметавонад ба муқаррароти давлатии дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида мухолифат кунад. Аз ин рӯ, мо бояд дар бораи сиёсати судиву ҳуқуқии ҷомеа сухан ронем, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳифз карда мешаванд, ваколатҳо ҷудо карда шудаанд.

Таҳияи муқаррароти консептуалии сиёсати ҳифзи ҳуқуқ бе ҳокимияти судӣ ғайриимкон аст. Судҳо ҳамчун субъектҳои ин намуди сиёсати ҳуқуқӣ фаъолияти худро ба воситаи мурофиаи конститутсионӣ, ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ ва арбитражӣ, инчунин ба воситаи мақомоти судӣ амалӣ мекунанд.

Ҳамин тариқ, сиёсати судӣ ҳалқаи асосии сиёсати ҳифзи ҳуқуқ буда, самтҳои асосии рушди онро пешакӣ муайян мекунад. Сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон натиҷаи фаъолияти мунтазам, аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ташаккулёфтаи мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва шахсони воқеӣ буда, ба муайян намудани стратегия ва тактикаи рушди низоми судӣ нигаронида шудааст. Ин тактика такмили қонунгузории судӣ ва бунёди волоияти қонун ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян сохта, мазмуни сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ арзёбии вазъи кунунии низоми судӣ дар Тоҷикистонро инъикос намуда, қонунгузории судӣ, муайян намудани самтҳои ҷаҳонӣ, дурнамо, ҳадафҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои рушди суди ватаниро дар бар мегирад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ – Мирзозода Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Актуальные проблемы правовой политики и правовой жизни современной России. Сб. науч. статей. -Тамбов: изд. Дом ТГУ им. Г.Р. Державина, 2008. -291 с.
2. Актуальные проблемы судебно-правовой политики. Сб. статей IV //Международной научно-практической конференции (23-24 мая 2007 г.). -Пенза: АНОО «Приволжский Дом знаний», 2007.-511 с.

3. Алексеев С.С. Избранное (Наука права. Общесоциальные проблемы. Публикации) / С.С. Алексеев. - М.: Статут, 2003. -480 с.
4. Алексеев С.С. Общая теория права. В 2-х т./ С.С.Алексеев. -М.: Юридическая литература, 1981, 1982. 360 е., 360 с.
5. Алексеев С.С. Основы правовой политики в России: Курс лекций. М.: Де-юре, 1995. 128 с.
6. Алексеев С.С. Право: азбука теория философия. Опыт комплексного исследования / С.С. Алексеев. - М.: Статут, 1999. -712 с.
7. Архипов С.И. Субъект права: теоретическое исследование / С.И. Архипов. - СПб.: Юридический Центр Пресс, 2004. -469 с.
8. Бабаев В.К. Теория современного советского права. Фрагменты лекций, схемы / В.К. Бабаев. - Н.Новгород, 1991. -155 с.
9. «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030». Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз "27" ноябри соли 2019. - № 599.
10. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019. - № 1242.
11. Киреев А.Б. Судебно-правовая политика в современной России: проблемы теории и практики. дис. … канд. юрид. наук.
12. Орешкин С. И. Введение в судебную политику. Элиста, 2007. С. 26—29. 3. Редько А. А. Правозащитная политика и ее место в правовой политике (теоретико-правовой анализ): автореф. дис. … канд. юрид. наук / С. И. Орешкин. - СПб., 2011. -С. 17.
13. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 30 апрели соли 2001.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26 декабри соли 2018
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26 декабри 2019.
16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21 декабри 2021.
17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23 декабри 2022.
18. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ, 21 ноябри 2019

## СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(тадқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ)**

Айни замон дар ҳуқуқшиносии ватанӣ ягон тадқиқоти илмии мукаммал оид ба масъалаҳои сиёсати судиву ҳуқуқӣ мавҷуд нест ва мақолаи мазкур низ аввалин маротиба дар шакли мухтасар баррасии мавзуи мазкур аст. Сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун як намуди сиёсати ҳуқуқӣ наметавонад ба муқаррароти давлатии дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида мухолифат кунад. Мазмуни сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ арзёбии вазъи кунунии низоми судӣ дар Тоҷикистонро инъикос намуда, қонунгузории судӣ, муайян намудани самтҳои ҷаҳонӣ, дурнамо, ҳадафҳо, вазифаҳо ва афзалияти рушди суди ватаниро дар бар мегирад. Мақсаду ҳадафҳои асосии сиёсати судиву ҳуқуқиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардани суботи иҷтимоию сиёсӣ, таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии мутараққӣ ва фаъол ва бунёди давлати ҳуқуқбунёд, нуфузи баланди ҷамъиятии ниҳоди ҳуқуқӣ ва давлатӣ (аз ҷумла, ҳокимияти судӣ), қудрат, эътимоднокӣ ва самаранокии механизмҳои таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои дахлнопазири инсон, устувории заминаи қонунгузорӣ ва ғайра дар бар мегирад.

**Калидвожаҳо:** суд, сиёсат, рушди суди ватанӣ, ҳукумати судӣ, сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ, низоми судӣ, субъекти сиёсати судии ҳуқуқӣ, хусусиятҳои сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти сиёсати судӣ-ҳуқуқӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ.

## СУДЕБНО-ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**(теоретико-правовое исследование)**

В настоящее время отсутствуют законченные научные исследования по вопросам судебно-правовой политики в отечественной юриспруденции, и в данной статье впервые рассматривается данная тема в ограниченном виде. Судебная политика как вид правовой политики не может противоречить государственным нормам, указанным в Конституции Республики Таджикистан. Содержание судебно-правовой политики отражает оценку современного состояния судебной системы Таджикистана, включает судебное законодательство, определение мировых тенденций, перспектив, целей, задач и приоритетов развития отечественного суда. Основными целями и задачами судебно-правовой политики в Республике Таджикистан являются достижение общественно-политической стабильности, обеспечение безопасности личности, общества и государства, формирование развитого и активного гражданского общества и создание правового государства, высокое общественное влияние правовых и государственных институтов (в том числе судебных), включающих в себя силу, надежность и эффективность механизмов обеспечения и защиты неприкосновенных прав и свобод человека, стабильность законодательной базы и др.

**Ключевые слова**: суд, политика, развитие отечественного суда, судебная власть, судебно-правовая политика, судебная система, субъект судебно-правовой политики, особенности судебно-правовой политики, деятельность судебно-правовой политики, обеспечение социальной справедливости.

**JUDICIAL LEGAL POLICY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**( theoretical-legal research)**

Currently, there is no complete scientific research on issues of judicial and legal policy in domestic jurisprudence, and this article is the first time to consider this topic in a limited form. Judicial policy as a type of legal policy cannot contradict the state regulations mentioned in the Constitution of the Republic of Tajikistan. The content of judicial-legal policy reflects the assessment of the current state of the judicial system in Tajikistan, includes judicial legislation, determination of global trends, prospects, goals, tasks and priorities for the development of the domestic court. The main goals and objectives of judicial and legal policy in the Republic of Tajikistan are to achieve social and political stability, ensure the safety of individuals, society and the state, the formation of a developed and active civil society and the creation of a rule-of-law state, high public influence of legal and state institutions (including the judiciary), includes the power, reliability and effectiveness of the mechanisms for ensuring and protecting inviolable human rights and freedoms, the stability of the legislative framework, etc.

**Keywords:** court, politics, domestic court development, judicial government, judicial-legal policy, judicial system, subject of judicial-legal policy, features of judicial-legal policy, activity of judicial-legal policy, provision of social justice.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Қодиров Азиз*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Кадыров Азиз*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Kadyrov Aziz*** **–** Tajik national university, doctoral student Ph.D. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of TajikistanRudaki Avenue, 17

ТДУ: 343.346(575.3)

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ БОЗРАСИИ ДАВЛАТИИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ

*Ҳабибов С.И.*

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

Метавон гуфт, ки асоси системаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, ки мақомоти БДА дар замони муосир дорад, бо пайдоиши аввалин сохтори БДА дар замони шуравӣ алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз, таҳлилҳои ҳаматарафа ва дақиқ баҳри муайян намудани давраҳои таърихӣ - ҳуқуқии пайдоиш ва рушди таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар замони Шуравӣ бо мақсади ба даст овардани таҷрибаи мусбат оид ба баланд бардоштани самаранокии системаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар замони муосир аз аҳаммият холӣ нест.

Таърихи ташаккул ва рушди ҳаракат дар роҳ, таъмини бехатарии ҳаракат дар он ва танзиму назорати он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 20-уми асри XX, аз давлатдории тоҷикон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ, оғоз меёбад [5,с.15].

Баъди ташкил ёфтани Иттиҳоди Шуравӣ дар тамоми ҳудудҳои он барпо намудани инфраструктураи ҳаётбахш оғоз ёфт. Махсусан, сохтмони босуръати шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳо, инчунин сохтмони роҳҳое, ки ин минтақаҳоро бо ҳамдигар ва марказ мепайваст, бо суръати баланд вусъат меёфт.

Аз солҳои аввали пайдоиши Ҳокимияти Шуравӣ, ҳукумат ба масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд. Инкишофи босуръати нақлиёти автомобилӣ, дар сатҳи баланд таъмин намудани бехатарии ҳаракатро дар кӯчаву роҳҳо, ташкили назорат аз рӯйи ҳолати техникӣ ва истифодаи дурусти онро талаб мекард.

Сабақҳои таърихии кишвар ва саҳифаҳои рангини халқи тоҷик моро водор месозад, ки итминони комил дошта бошем, ки милитсияи тоҷик ва яке аз сохторҳои он мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ сарчашмаи ташаккули худро аз ибтидои барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар саросари Осиёи Миёна мегирад. Ташаккулу рушди истиқлолияти минбаъдаи Тоҷикистон ба фаъолияти минбаъдаи пурсамари он сахт вобастагӣ дорад. Сарчашмаҳои таърихӣ, корнамоиҳои беҳамтои халқи тоҷик шаҳодат аз ин гуфтаҳост.

Мушкилот дар соҳаи нақлиёт, чи дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳон (1914-1918) ва чӣ дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ тезутунд гардида буд. Дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX дар Иттиҳоди Шуравӣ мақомоти давлатии муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ - милитсия ташкил карда шуд, ки яке аз самтҳои фаъолияти он танзими ҳаракати нақлиёт ба ҳисоб мерафт [9,с.10-11].

Соли 1924 дар Осиёи Миёна тақсимоти ҳудуди миллӣ гузаронида шуд. Чи гунае ки В.И. Ленин гуфта буд: "Мақсади асосии ин тақсимот ба ҳамаи миллатҳои собиқ мазлуми империяи Русия додани ҳуқуқи худмуайянкунии миллӣ мебошад, то ин ки онҳо озодона шакли давлатдории миллии худро бунёд намоянд" [20,с.159].

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1924 ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ӯзбекистон, баъдан соли 1929 ҳамчун ҷумҳурии мустақил дар ҳайати ИҶШС таъсис ёфт.

Соли 1924 сохтмони роҳи Хоруғ - Ош ба итмом расонида шуд. Соли 1925 сохтмони роҳҳои Душанбе - Термез ва Душанбе -Хуҷанд оғоз карда шуд. Соли 1928 сохтмони роҳи Душанбе - Қӯрғонтеппа ба итмом расонида шуд. Бо роҳи Душанбе - Термез, ки сохтмонаш соли 1930 ба итмом расида буд, аввалин автомобил ба шаҳри Душанбе ворид гардид [8,с.5]. Онро аъзоёни ҳукумат ва деҳқонони одӣ, ки аллакай бо тайёра парвоз карда буданд, пешвоз гирифта, бо хушнудии бемисл қабул намуданд.

Дар соли 1934 сохтмони роҳи Хоруғ-Уш оғоз гардид, ки ду ҷумҳурии иттифоқӣ - ҶШС Тоҷикистон ва ҶШС Қирғизистонро ба ҳам мепайваст [5,с.17]. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бошад, аввалин автомобили тамғаи «ЗИС» соли 1934 аз Ҷумҳурии Қирғизистон (ҶШС Қирғизистон) бо роҳи калони Помир ба шаҳри Хоруғ оварда шуда буд. Айни замон ин автомашина дар назди НБО «Помир», дар роҳи Хоруғ - Кулма ҳамчун нигораи таърихӣ гузошта шудааст [6,с.3].

Аз рӯйи баъзе маълумотҳои таърихӣ, инкишофи нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди Тоҷикистон пеш аз Инқилоби Кабири Сотсиалистӣ (соли 1917), яъне соли 1914 сарчашма мегирад. Маълумот дода мешавад, ки моҳи январи соли 1914 шаҳрванди шаҳри Хуҷанд Мулло Ғафур Ҳоҷӣ Муҳаммад Юсуф, ки ду автомашинаи тамғаи «Берлиэ»-ро дастрас намуда буд, аз тарафи сардори уезди Хуҷанд ва қарори Губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд аз 14-уми феврали соли 1914, инчунин санади №492 аз 8-уми марти ҳамон сол, барои интиқоли мусофирон аз Вокзали роҳи оҳан то бозори Панҷшанбеи ш. Хуҷанд рухсатнома дода шуда буд [4].

Пас аз воруди аввалин автомобил ба ҷумҳурии мо корвони автомобилҳо пайи ҳам ворид мегардид, ки ҳамасола шумораи онҳо афзуда ва беш аз пеш мушкилоти бехатарии ҳаракат дар роҳ дар кишвари мо эҳсос карда мешуд, ки ин танзими давлатии бехатариро тақозо мекард. Агар дар соли 1930 якумин автомобил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда бошад, то расман ба қайд гирифтани автобили аввалин соли 1927 дар ҷумҳурӣ 17 ва дар соли 1930, 319, пас дар соли 1965 шумораи воситаи нақлиёти автомобилӣ дар ҷумҳурӣ 67 ҳазор, соли 2005, 230 ҳазор [6,с.4] ва дар соли 2020 зиёда аз 504 785 [7,с.14] ададро ташкил медиҳад.

Бинобар сабабе ки мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистонро 93% кӯҳсор ташкил мекунад, вазъияти ҳаракати нақлиёт дар бисёр минтақаҳои баландкӯҳ хеле хавфнок буда, дар бисёр мавридҳо роҳҳо дар шароити хеле душвори обу ҳаво ва дар ҷойҳои душворгузар сохта мешуданд [6,с.115].

Бо зиёд шудани ёфтани шумораи нақлиёт ва зиёд шудани истеҳсоли он зарурати васеъ намудани шабакаи роҳҳо ва такмил додани раванди ҳаракат ба миён омад. Аз ин сабаб, зарурати танзими ҳуқуқии бехатарии ҳаракат дар роҳ эҳсос гардид. Бо Указзи Совети Комиссарони Халқии ИҶШС аз 3 июли соли 1936 Низомнома дар бораи ГАИ-и ГУРКМ НКВД-и СССР тасдиқ карда шуд. Ин сана рӯзи ташкилшавии Бозрасии давлатии автомобилии кишвари шуравӣ гардид [2,с.21].

Барои иҷрои ин вазифаҳо ба Бозрасии давлатии автомобилӣ доираи васеи ваколатҳо дода шудааст ва ҳуқуқ дорад, ки ҳамаи маълумотҳои заруриро озодона дастрас намояд. Инчунин, иҷрои ҳар гуна фаъолияти тафтишӣ дар саноати автомобилсозӣ ва дигар масъалаҳое, ки ба субъектҳои тобеияти онҳо дахл дорад, талаб намояд, ки ин хусусияти танзимнамоӣ ва назоратии кори БДА- ро дар солҳои аввали мавҷудияти он нишон медиҳад.

Баъди қабули Конститутсияи ИҶШС дар соли 1936 асоси ҳуқуқии фаъолияти милитсия хеле тағйир ёфт. Пеш аз ҳама, сохтори мақомотҳои он мутамарказ гардид. Масалан, Инспексияи давлатии автомобилӣ яке аз мақомотҳои милитсия буд, ки дар ҳамаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, вилоятҳо ва шаҳрҳо фаъолият менамуд. Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти он хеле вусъат ёфт ва мураккаб гардид [9,с.84-86].

Фаъолияти Инспексияи давлатии автомобилӣ аз нимаи дуюми соли 1936 то нимаи аввали соли 1939 хусусияти ташкилӣ дошт. Дар ин давра аз собиқ «Судотранс» гузаронидани мақомот ба амал бароварда шуда, масъалаи бо кадрҳои хизматӣ таъмин намудани мақомоти нав ва шуъбаҳову сохторҳои он аниқ карда шуд. Дар миёнаҳои соли 1939 дар бисёр шуъбаҳои Инспексияи давлатии автомобилӣ отряди навбатдор - штаби ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи нақлиёти шаҳр, додани тавсияҳои дахлдор барои қабули қарорҳои роҳбарикунанда ба кор шуруъ кард.

Сохтори Инспексияи давлатии автомобилӣ минбаъд ҳам такмил ёфта, соли 1940 дар ҳайати он гурӯҳи махсус барои ҷустуҷӯйи нақлиёте, ки аз ҷойи садамаи нақлиётӣ гурехтаанд, ба кор шуруъ намуд. Кори такмил додани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ давом карда, дар соли 1940 шуъбаи ГАИ-и ГУРКМ НКВД СССР аввалин қоидаҳои намунавии ҳаракат дар кӯчаҳои шаҳрҳо ва роҳҳои ИҶШС-ро тартиб дод, ки дар ин қоидаҳо вазъияти кори автомобил ва роҳ, таҷрибаи ташкили ҳаракати нақлиёт, усулҳои нави беҳтар намудани он инъикос ёфтаанд. Дар асоси ин қоидаҳо, қоидаҳои маҳаллии ҳаракат тартиб дода шуданд [2,с.22].

Сараввал Қоидаҳои ягонаи бехатарии ҳаракат дар роҳ набуд, онҳо дар ҷойҳо (маҳалҳо) коркард шуда, аз тарафи Кумитаҳои иҷроияи маҳаллӣ тасдиқ карда мешуданд. Ба таърихи инкишофи БДА ВКД Тоҷикистон баргашта, бояд гуфт, ки то солҳои 40-уми

асри гузашта Бозрасии давлатии автомобилии ҷумҳурӣ дар ҳолати мавҷуд набудани қоидаҳои ягонаи ҳаракати нақлиёт вазифаҳои функсионалии худро иҷро мекард, ки дар ниҳоят, самараи кор паст буд. Дар ҷумҳурӣ қоидаҳои ҳаракати нақлиётро мақомотҳои маҳаллӣ муқаррар карда буданд, ки онҳоро «маҳаллаҳо» меномиданд. Танҳо дар ибтидои соли 1940 дар тамоми ҳудудҳои ИҶШС ягона «Қоидаҳои ҳаракати роҳ дар кӯчаҳо ва роҳҳои ИҶШС» ҷорӣ карда шуд, ки мувофиқи он муносибатҳои ҷамъиятии ин соҳа ба тартиб даровარда мешуданд.

Соли 1953 бо фармони ВКД-и ИҶШС аз 7 сентябри соли 1953, №109 ба зиммаи ГАИ вазифа гузошта шуд, ки барои ошкор ва пешгирӣ кардани фалокатҳои роҳ, чораҷӯйӣ намояд ва барои ҳалли ин мушкилот ба ихтиёри Инспексияи давлатии автомобили шуъбаи ОРУД дода шуд [2,с.68-69].

Дар нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX маълум гардид, ки механизми мавҷудаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, сарфи назар аз тадбирҳои фаъоли дорои хусусияти ташкилию ҳуқуқӣ, самаранокии худро аз даст медиҳад ва аз ин сабаб таҷдиди куллро тақозо мекунад.

Дар аввали солҳои 60-уми асри XX дар ҳолати ҳуқуқии милитсия ва шуъбаҳои Инспексияи давлатии автомобилӣ тағйирот ба амал меояд. Дар бобати кор карда баромадани қарорҳои съезди XXII КМ КПСС, Совети Вазирони ИҶШС аз 17 августи соли 1962 «Дар бораи чораҳои беҳтар намудани фаъолияти милитсияи советӣ» қарор кабул карда шуд, ки мувофиқи он, Вазорати корҳои дохилии РСФСР ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, инчунин Управленияи корҳои дохилии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба вазоратҳои муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ табдил дода шуданд. Дар баробари ин, Низомнома дар бораи милитсияи советӣ қабул карда шуд, ки вазифаҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, шартҳои хизмат дар милитсия ва мавқеи системаи идоракунии давлатиро муайян менамуд [17]. Инчунин, Низомномаи намунавӣ дар бораи Инспексияи давлатии автомобилии МООП ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қабул карда шуд.

Низомномаи Шуъбаи БДА-и Вазорати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ҶШС Тоҷикистон бо Қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон 19.12.1963 ба тасвиб расида, бо фармони Вазорати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ҶШС Тоҷикистон таҳти №188 аз 27.06.1964 эълон карда шудааст [13].

Афзоиши парки автомобилии ҷумҳурӣ дар назди шуъбаҳои Инспексияи давлатии автомобилӣ дар масъалаҳои назорати техникӣ вазифаҳои нав гузошт. Аввалин Қоидаҳои азназаргузаронии техникии автомобилҳо ва мотосиклҳо соли 1964 тасдиқ карда шуда буданд ва онҳо дар тамоми ҳудуди ИҶШС як хел буданд. Мувофиқи ин қоидаҳо, органҳои милитсияи маҳаллии роҳ графики азназаргузаронии техникиро дар шаҳр, маҳалҳо тартиб дода, баъд аз он аз ҳисоби нозирони ГАИ, намояндагони комиссариатҳои ҳарбӣ, инспекторони ғайриштатӣ ва намояндагони аҳли ҷамъият комиссия ташкил менамуданд [2,с.170].

То соли 1974 дар сохтори Инспексияи давлатии автомобилӣ шуъбаҳои махсусе пешбинӣ карда нашуда буданд, ки ба зиммаи онҳо танҳо ба қайд гирифтан ва баҳисобгирии нақлиёти автомобилӣ ва додани шаҳодатномаи ронандагӣ гузошта шуда бошад. Соли 1974 мувофиқи қарори Вазорати корҳои дохилии ИҶШС шуъбаҳои бақайдгирию имтиҳонӣ (ШБИ) ташкил карда шуданд. Ба дӯши онҳо кори бақайдгирии воситаҳои нақлиёт, додани шаҳодатномаҳои ронандагӣ, шиносномаҳои техникӣ ва рақамҳои давлатӣ, ба қайд гирифтани ташкилотҳои таълимӣ оид ба тайёр кардани ронандагон ва супоридани имтиҳонҳо гузошта шуда буд [2,с.170].

Ноябри соли 1967 Шурои Вазирони ИҶШС «Дар бораи рушди бехатарии ҳаракат дар шаҳрҳо, маҳалҳои аҳолинишин ва роҳҳои автомобилгард» қарори дахлдор қабул намуд, ки самти асосии фаъолияти БДА-ро оид ба пешгирии фалокатҳои нақлиётӣ дар роҳ муайян менамуд. Вазифаҳои нав дар соҳаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, дар сохтор, шакл ва тарзи фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ тағйироти сифатан куллиро ворид намуд [10].

Бо мақсади хуб ба роҳ мондани васоити техникии танзими ҳаракат дар роҳ, қабул намудани маълумотҳо оид ба хусусияти ҳаракат дар роҳҳои автомобилгард, ҷобаҷогузории аломатҳои роҳ ва кашидани хатҳои амудиву уфуқӣ, соли 1969 дар таркиби

Бозрасии давлатии автомобилӣ «Идораи махсусгардонидашудаи васлу истифодабарӣ ва азнавсозии воситаҳои техникии танзими ҳаракат дар роҳ» ташкил карда шуд. Ба ҳамин монанд идора моҳи январи соли 1973 аввал дар назди Ҳукумати ш. Душанбе, баъдан соли 1986, дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2005 дар назди Раёсати ВКД ҶТ таъсис дода шуд. Чунин корхонаҳо дар назди ШБДА вилоятҳо низ ташкил карда шудаанд [6,с.7].

Кумитаи марказии Партияи Коммунистии ҶШС Тоҷикистон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ аҳаммияти ҷиддӣ медоданд. Моҳи феврали соли 1970 Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи садаманокӣ дар нақлиёти вазоратҳо ва идораҳои ҶШС Тоҷикистон ва андешидани чораҳо барои пурзӯр намудани мубориза барои пешгирии онҳо» қарори дахлдор қабул карда буд [12].

Дар асоси қарори мазкур аз ҷумлаи коркунони роҳбарикунанда ва техникии вазорату идораҳои салоҳиятдори ҷумҳурӣ якҷоя бо намояндагони ВКД бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои асосӣ навбатдориро ба ҷо меоварданд.

Ба тадбирҳои пешгирикунанда вобаста ба мубориза бар зидди фалокатҳои роҳ диққати зиёд дода мешуд, бинобар ин, бо ташаббуси Вазорати корҳои дохилии ИҶШС қоидаҳои ҳаракати роҳ (минбаъд - ҚҲР) ба нақшаҳои таълимии мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ дар тамоми ҷумҳуриҳо дохил карда шуданд [15].

Бояд гуфт, ки яке аз масъалаҳои ҷиддии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ пешгирии ҳолатҳои идора намудани воситаҳои нақлиёт дар ҳолати мастӣ маҳсуб меёбад. Чунки бо айби онҳо ҳамасола шумораи зиёди садамаҳо ба вукуъ мепайвандад. Моҳи майи соли 1971 дар хоҷагиҳои автомобилии ҷумҳурӣ хадамоти тиббӣ - нақлиётӣ дар кори пешгирии садаманокӣ бо иштироки ронандагони сархуш нақши муҳим мебозад.

Моҳи июни соли 1971 БДА ВКД ҷумҳурӣ барои интиқоли мусофирон ба воситаи автомашинаҳои боркаш иҷозатномаҳои махсус кор карда баромаданд. Аз сабаби оне, ки қисми зиёди роҳҳои Тоҷикистонро роҳҳои душворгузари кӯҳӣ ташкил медиҳанд, дар соли 1971 ВКД қоидаҳои махсусро ҷорӣ намуд, ки мувофиқи он барои кашондани мусофирон тавассути нақлиёти боркаш бояд ронандагон аз такмили ихтисос гузашта, ба талабот ҷавобгӯ бошанд. Дар натиҷа, қарори мазкур самараи хуб дода, шумораи фалокатҳо тавассути нақлиёти боркаш якчанд баробар кам шуд.

Моҳи сентябри соли 1972 Ҳукумати ҷумҳурӣ «Дар бораи чораҳои иловагии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ» қарори махсус қабул намуд, ки ба зиммаи ВКД, корҳо оиди васл ва истифодаи воситаҳои техникии танзими ҳаракат ва ташкили назорат аз болои ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар фазо ба воситаи чархбол (вертолёт) гузошта шуд.

Тирамоҳи соли 1972 Совети Вазирони ҷумҳурӣ «Дар бораи тадбирҳои иловагии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ» [11] қарори махсус қабул кард, ки мувофиқи он ба зиммаи Вазорати корҳои дохилӣ вазифа гузошта шуд, ки корҳо оиди васл ва истифодаи воситаҳои техникии танзими ҳаракат, дар базаи паркҳои калони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, постҳои ташхисии ҳолати техникии паркҳо ташкил карда шуда, участкаҳои васлу таъмиркунӣ кушода шуданд.

Соли 1972 дар бораи таъсис додани ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии дӯстдорони автомобил «Ронанда» қарор кабул карда шуд. Чунин ташкилот дар ҶШС Тоҷикистон моҳи майи соли 1973 таъсис ёфт, ки бо мақомоти БДА ҳамкории зич барқарор карда буд. Аз соли 1989 инҷониб, ин ташкилот «Иттифоқи автомобилчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, бо мақомоти БДА ҳамкориро идома дода истодааст [6,с.9].

Афзудани теъдоди муассисаҳои нақлиёти автомобилӣ дар мамлакат дар назди мақомоти БДА вазифаҳои навро дар соҳаи назорати техникӣ пеш гузошт Бо Қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 20-уми июли соли 1974 ба ВКД иҷозат дода шуд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ бо мувофиқаи шуроҳои Вазирони ҷумҳуриҳои иттифоқ ва Вазорати нақлиёт ҳангоми гузаронидани муоинаи солонаи техникии воситаҳои нақлиёти шаҳрвандон аз хизмати стансияҳои техникӣ, ки бо асбобҳои дақиқи назоративу ташхисӣ таҷҳизонида шудаанд, истифода барад [6,с.6].

Соли 1974 Дар ИҶШС Дастурамал «Дар бораи тартиби кашондани одамон ба экскурсия ва ҷойҳои истироҳатӣ» [14] қабул карда шуд, ки мувофиқи он ба зиммаи пулиси

роҳ вазифаи додани иҷозатнома ба хатсайрҳои ҳаракати нақлиёт ва таъмини мушоиати нақлиёти экспедитсияи туристӣ дар мавридҳои зарурӣ гузошта шуд.

То соли 1974 дар сохтори Инспексияи давлатии автомобилӣ шуъбаҳои махсус пешбинӣ карда нашуда буд, ки вазифаҳои онҳо танҳо ба қайд гирифтан ва баҳисобгирии нақлиёти автомобилӣ ва додани шаҳодатномаи ронандагӣ гузошта шуда бошад. Соли 1974 мувофиқи қарори Вазорати корҳои дохилии ИҶШС шуъбаҳои бақайдгирию имтиҳонӣ ташкил карда шуданд. Ба онҳо кори бақайдгирии воситаҳои нақлиёт, додани шаҳодатномаҳои ронандагӣ, шиносномаҳои техникӣ ва рақамҳои давлатӣ, ба қайд гирифтани ташкилотҳои таълимӣ оид ба тайёр кардани ронандагон ва супоридани имтиҳонҳо гузошта шуда буд [2,с.170].

Соли 1980 шуъбаи БДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶШС Тоҷикистон) ба Раёсат табдил дода шуд. Сараввал дар ҳайати он (РБДА) танҳо як хадамот - шуъбаи ташкили ҳаракат дар роҳ шомил буд. Соли 1981 иловатан бахши назорати техникӣ, гурӯҳи ташвиқоту тарғибот, бахши таҳлилу ҳисоботӣ ва бахши роҳбонӣ таъсис дода шуд. Ин тағйирот асоси воқеии тахассусии кори дастгоҳи марказии БДА-ро ташкил медод [6,с.6].

Баъдан қисмҳои махсуси назорати роҳ ҳамчун взводи алоҳидаи хадамоти роҳбонӣ барои таъмини бехатарии ҳаракат дар минтақаҳои муҳимми роҳҳои ҷумҳурӣ таъсис дода шуданд. Инчунин, бахши назоратӣ бо чархбол (вертолёт), ки аз ҳисоби бозрасони калони роҳбонӣ бо роҳбарии капитани милитсия Карамалишоев Озаршо ташкил шуда буд, аз болои ҳаракати бехатарии воситаҳои нақлиёт аз фазо назорат мебурданд.

Тибқи фармони Совети Вазирони ИҶШС аз 2 феврали соли 1976, №81 «Дар бораи чораҳои пешгирӣ кардани фалокатҳо дар ҳаракати роҳҳо ва паст кардани шиддати оқибатҳои онҳо» [1,с.276] дар назди Вазорати корҳои дохилии ИҶШС барои мутобиқ кардани фаъолияти вазоратҳо, идораҳо ва дигар ташкилотҳо оид ба масъалаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ, Комиссия оид ба бехатарии ҳаракат ташкил карда шуд. Ба комиссия вазифаҳои омӯхтани сабабҳои рӯй додани фалокат ва кор карда баромадани - тадбирҳое, ки ба беҳтар намудани бехатарии ҳаракат дар роҳ нигаронида шудаанд; баррасии вазъияти кори таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ; омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ ва як қатор вазифаҳои дигар вогузор шуда буданд.

Бояд гуфт, ки бо Қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон соли 1968 «Комиссияи ҷумҳуриявии бехатарии ҳаракат дар роҳ» аллакай дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд. Чунин комиссияҳо дар вилоятҳо ва шаҳру навоҳӣ низ таъсис дода шуда буданд. Дар соли 1980 Комиссияи ҷумҳуриявӣ ба «Комиссия оид ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон» табдил дода шуд. Иҷроиши қарорҳои қабулнамудаи Комиссияи мазкур ба роҳбарони ҳамаи вазоратҳо, идораҳо ва ташкилотҳо ҳатмӣ буд. То соли 1990 дар назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон «Комиссия оид ба бехатарии ҳаракат дар роҳ» амал менамуд ва мутаассифона, баъд аз пош хӯрдани ИҶШС барҳам дода шуд [6,с.10]. Соли 2003 бо ташаббуси Раёсати БДА ВКД ҶТ бо Қарори Ҳукумати ҶТ, №221 [7,с.14-15] дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин комиссия аз нав таъсис дода шуд. Мутаассифона, солҳои охир комиссияи номбурда дар сатҳи зарурӣ фаъолият накарда истодааст.

Дар моҳи январи соли 1983 «Қоидаҳои гузаронидани муоинаи давлатии техникии автомобилҳо, мототсиклҳо ва ядакҳо» [17] дар амал ҷорӣ карда шуд. Дар асоси шартномаи тарафайн айни замон муоинаи давлатии техникии воситаҳои нақлиёт дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар нуктаҳои махсуси ташхиси техникӣ (Автодиагностика) ва чунин нуктаҳои сайёри махсус дар асоси автомашинаи тамғаи «Газел» барои ноҳияҳои тобеи марказ ва ноҳияҳои дурдаст, бо иштироки бозрасони давлатии автомобилӣ гузаронида мешавад.

Барои беҳдошти кори БДА дар ҷодаи қабули имтиҳонҳо аз Қоидаи ҳаракати роҳ додани шаҳодатномаҳои ронандагӣ, бақайдгирии воситаҳои нақлиёт, дар мамлакат шабакаи бахшҳои бақайдгириву имтиҳонотӣ, инчунин, нуктаҳои сайёри имтиҳонотӣ ташкил карда шуданд. Ин навовариҳо барои беҳбудии сифати корҳои имтиҳонотиву бақайдгирӣ ва маданияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ шароит муҳайё намуд. Имтиҳонҳои назариявии Қоидаи ҳаракат ба воситаи дастгоҳи имтиҳонии «Вятка» сурат мегирифт. Дар

замони муосир чунин имтиҳонот ба воситаи компютерҳои замонавӣ қабул карда мешаванд.

Қарори Кумитаи марказии ПКИШ “Дар бораи решакан кардани мастиву майзадагӣ” соли 1985 мақомоти БДА-ро маҷбур сохт, ки бар зидди ин амалҳои номатлуб дар роҳ муборизаи ҷиддӣ барад. Вобаста ба ин, ба тартиби муайян намудани ҳолати сархушии шаҳрвандон иловаҳо ворид карда шуд. Он солҳо дар таҷҳизоти техникии Дивизиони хадамоти роҳбонии РБДА ҶШС Тоҷикистон автомашинаи махсуси лабораторияи сайёри наркологӣ дар асоси автомашинаи тамғаи "РАФ” амал менамуд, ки дар постгоҳҳо ва хатти сайрҳои хизматӣ ҳамҷоя бо кормандони БДА, духтурон навбатдорӣ мекарданд.

Нисбати чунин ронандагон ҷазоҳои сахти маъмурӣ дида мешуд. Илова бар ин, ба чунин автомашинаҳо аломати қайди давлатии махсуси силсилаи «3...ДБ» дода мешуд ва дар сурати такроран идора намудани воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ, автомашинаи шахсии ронанда бо қарори Суд мусодира карда мешуд.

Бо мақсади зиёд намудани қобилияти мошингузаронии кӯчаву роҳҳои шаҳрҳо маҷмуаҳои таҷрибавии танзими ҳаракат ба истифода дода мешуданд. Соли 1988 дар ш. Душанбе Системаи автоматикунонидашудаи идоракунии ҳаракат дар роҳ (АСУДД), ки 40 чорроҳаро дар бар мегирифт, ба истифода дода шуд. Дар натиҷа, суръати ҳаракат афзуда, бандшавии (тамбашавии) воситаҳои нақлиёт ва садамаҳои нақлиётӣ кам шуд. Мутаассифона, пас аз ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ ин система корношоям гардид ва пас аз беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ аз соли 2013 инҷониб бо номи “Шаҳри бехатар” ба фаъолият шуруъ намуд.

Хулоса, ҳаминро бояд қайд намуд, ки Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд наомада, дар давраҳои мухталифи таърихӣ сохтор ва ҷузъу томҳои он ташаккул ва рушд ёфтаанд. Бо боварии комил метавон гуфт, ки мақомоти БДА, ки дар даврони соҳибихтиёрӣ фаъолият менамояд, заминаҳои таърихӣ – ҳуқуқии пайдоиши худро бевосита аз замони Шуравӣ гирифта, заминаи мусоиде барои фаъолияти пурсамари ин мақомот дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошад.

**Муқарриз: д.и.ҳ, профессори Академияи ВКД ҶТ - Назарзода Н.Ҷ.**

**АДАБИЁТ**


1. Безопасность дорожного движения: Сборник нормативных актов. - М.,1984.- С. 276.
2. Войтенков Евгений Алексеевич. Историко- правовой обзор становления и функционирования Госавтоинспекции в СССР (1936-1991) / В. Е. Алексеевич // Вестник ЗабГУ. – 2013. - № 10 (101) - С. 166 -173;- С. 68 -69.
3. Войтенков Евгений Алексеевич. Историко-правовые особенности и этапы становления отечественной системы обеспечения безопасности дорожного движения / В. Е. Алексеевич // Общество и право. 2010.- № 3 (30). - С. 17-28.- С. 21.
4. Джураев Х.Х. Название статьи Еженедельная газета / Х.Х. Джураев // «Вечерний Душанбе». - № 12. 03.1968.
5. Исмонзода С.М. История становления и развития правовой регламентации осуществления государственной функции по контролю и надзору в области обеспечения безопасности дорожного движения Республики Таджикистан в период существования СССР / С. М., Исмонзода // Вестник экономической безопасности. - 2017.- № 4.- С. 15–20.- С. 15
6. Каримов Б.Б. Хоки роҳ-2 / Б. Б. Каримов. - М., 1992. -С.- 115 с.
7. Маҷаллаи “Бозрас”. – Душанбе: МХҲҶФ “Мушфиқӣ”, 2010.-127с.
8. Мунавваров Ҳабибулло. 70- солагии таъсисёбии Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ / М. Ҳабибулло. – Душанбе, 2006. – 48 с. -С. 5.
9. Назаров Носир. Организационно – правовые основы создания и развития таджикской милиции (1917-1945 годы) / Н. Носир. Книга 1. - Душанбе: ЭР-граф, 2009. - 267 с. с иллюстр. - С. 10 -11.
10. Нарзиқулов А. Навгониҳои БДА дар даврони истиқлолият / А. Нарзиқулов // Қонун ва ҷомеа. - 2020. – 2 июл.- №26 (582).
11. Низамов В. Т., Указ соч. / В. Т. Низамов., Г.П. Рифицкий. - С. 84-86.
12. Постановление Совета Министров СССР «О повышении безопасности движения в городах, населённых пункта и на автодорогах»: от 11.1967. - № 1092.
13. Постановление Совета Министров Таджикской ССР «О дополнительных мерах по обеспечению безопасности дорожного движения»: от 09.1972. - № 539.
14. Постановление Совета Министров Таджикской ССР «О состоянии аварийности на автотранспорте в министерствах и ведомствах Таджикской ССР и мерах по усилению борьбы с дорожно-транспортными

происшествиями» от 02.1970 г. № 148 // Центральный государственный архив Республики Таджикистан. Ф.35. Оп. 1. Д. 171. Л. 3.
15. Постановление Совета Министров Таджикской ССР «Об утверждении Положения Министерства об Отделе Госавтоинспекции Министерства охраны общественного порядка Таджикской ССР»: от 19 июля 1963. -№1022.
16. Приказ МВД СССР (Инструкция) «О порядке перевозки людей на экскурсии и к местам отдыха»: от 1974. - №606.
17. Приказ Министерства просвещения СССР «Об утверждении Положения о педагогическом совете общеобразовательной школы»: от 16 декабря 1970.- № 94.
18. Справочник по законодательству для работников органов прокуратуры, суда и Министерства внутренних дел / сост.: И. Н. Ширяев, В. И. Никулина, З. И. Алексеева и др. - М.: Юридическая лит., 1971 - ., Т. II, Ч. 1. - 384 с. - Б. ц.
19. Укази Совети Вазирони ИҶШС " Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани муоинаи давлатии техникии автомобилҳо, мотосиклҳо ва ядакҳо": аз 01.1983. - № 1022.
20. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик. Нашри сеюм. Бо илова, ислоҳот ва тавзеҳот. Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. - Душанбе: ҶДММ "Ашуриён", 2019. – 640 с.

## ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ БОЗРАСИИ ДАВЛАТИИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ

Мақолаи мазкур масъалаи заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва рушди мақомоти Бозрасии давлатии автомобилии Тоҷикистон дар замони шуравиро фарогир буда, муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ - ҳуқуқӣ давраҳои ташкилёбӣ ва рушди мақомоти БДА - ро дар замони Шуравӣ муайян созад. Гарчанде ки воситаҳои нақлиёт таърихи хеле қадима дошта, таъмини бехатарии ҳаракати мусофирон бо роҳу усулҳои гуногун таъмин мегардид, аммо мақомоти махсуси таъминкунандаи бехатарии ҳаракат дар роҳҳо вуҷуд надошт. Бояд гуфт, ки мақомоти махсуси таъминкунандаи бехатарии ҳаракат дар роҳ баъд аз тақсимоти миллӣ - ҳудудӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ташкил ёфта, давра ба давра рушд намудааст. Аз ин лиҳоз, муаллиф кӯшиш намудааст давраҳои ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти БДА ва сохторҳои онро дар ин давраи таърихӣ муайян созад. Маҳз бо таъсис ёфтани Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1936 мақомоти махсуси таъминкунандаи бехатарии ҳаракат дар роҳ таъсис дода шуд ва заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мақомоти БДА, ки дар даврони муосир вуҷуд дорад, маҳз аз ин давраи таърихӣ сарчашма мегирад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди мақомоти БДА дар даврони шуравӣ аз аҳаммият холӣ нест.

**Калидвожаҳо:** БДА, бехатарӣ, бехатарии ҳаракат, ПКИШ, ҶШС Тоҷикистон, ронанда, нақлиёт, нарколоғӣ, Иттифоқи автомобилчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## ИСТОРИКО-ПРАВОВЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ АВТОМОБИЛЬНОЙ ИНСПЕКЦИИ В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье освещается вопрос об историко-правовых предпосылках возникновения и развития органов Государственной автомобильной инспекции Таджикистана в советское время.Хотя транспортные средства имеют очень древнюю историю, обеспечивая безопасность пассажирских перевозок различными способами и методами, специального органа по обеспечению безопасности движения на дорогах не существовало. Следует сказать, что специальные органы по обеспечению безопасности дорожного движения формировались после национально-территориального деления в Советском Союзе и время от времени развивались. С этой точки зрения автор попытался определить периоды формирования и развития органов БДА и его структур в данный период истории.Основная цель изучения автором данного вопроса заключается в том, что во все исторические периоды, когда таджикский народ имел государственность, не существовало специальных органов, основной задачей которых было обеспечение безопасности движения на дороге. Именно после образованием Советского Союза, в 1936 году, был создан специальня орган, обеспечивающий безопасность дорожного движения, и историко-правовая основа существующего сегодня органа БДА берет свое начало в этот исторический период. С этой точки зрения не лишено важности изучение истории становления и развития органов БДА в советское время.

**Ключевые слова:** ГАИ, безопасность, безопасность движения, КПСС, Таджикская ССР, водитель, транспорт, наркология, Союз автомобилистов РТ.

## HISTORICAL AND LEGAL PREREQUISITES FOR THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF THE STATE AUTOMOBILE INSPECTORATE IN SOVIET TAJIKISTAN

This article highlights the issue of the historical and legal prerequisites for the emergence and development of the bodies of the State Automobile Inspectorate of Tajikistan in the Soviet era.Although vehicles have a very ancient history, ensuring the safety of passenger traffic in various ways and methods, there was no special body for ensuring traffic safety on the roads. It should be said that special bodies for ensuring road safety were formed after the national-territorial division in the Soviet Union and developed from time to time. From this point of view, the author tried to determine the periods of formation and development of the BDA organs and its structures in a given period of history. The main purpose of the author's study of this issue is that in all historical periods when the Tajik people had statehood, there were no special bodies whose main task was to ensure traffic safety on the road. It was with the formation of the Soviet Union in 1936 that a special body was created to ensure road safety, and the historical and legal basis of the BDA body that exists today dates

back to this historical period. From this point of view, it is important to study the history of the formation and development of BDA organs in the Soviet era.

**Keywords:** traffic police, safety, traffic safety, Communist Party of the Soviet Union, Tajik SSR, driver, transport, narcology, Union of motorists of the Republic of Tatarstan.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳабибов Сиёвуш Изатуллоевич*** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **985-25-35-24**

**Сведения об авторе:** ***Хабибов Сиёвуш Изатуллоевич*** - Институт философии, политологии и права им. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. Докторант Ph.D. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 33. Телефон: **985-25-35-24**

**Information about the author:** ***Habibov Siyovush Izatulloevich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law after Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Doctoral student Ph.D. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 33. Phone: **985-25-35-24**

ТДУ: 343.271(575.3)

# ҶАРИМА ҲАМЧУН НАМУДИ ЧОРАИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОНИ ТОИНҚИЛОБӢ

*Азиззода У.А., Аҳадзода Аслиддин*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷарима ҳамчун навъи ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ марҳилаҳои гуногуни инкишофро тай намуда, то ба замони мо омада расидааст. Барои пурра мавриди омӯзиш қарор додани таҳаввули ҷарима дар Тоҷикистони таърихӣ лозим меояд, ки даврабандии он муайян карда шавад. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла И.Р. Тулиев даврабандии инкишофи ҷаримаро вобаста ба ташаккули қонунгузории соҳаи ҷиноятӣ пешниҳод намудааст. Ба андешаи номбурда, ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла низоми ҷазоҳоеро, ки дар қаламрави Тоҷикистон вуҷуд дошт, ба се давра тақсим кардан мумкин аст: давраи якум – қонунгузории ҷиноятӣ, ки аз соли 1747 то соли 1928 дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон амал мекард; давраи дуюм - қонунгузории ҷиноятӣ, ки аз соли 1928 то соли 1998 амал мекард; давраи сеюм – қонунгузории муосири ҷиноятии Тоҷикистон, аз соли 1998 то имрӯз [17,с.41]. Даврабандии дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла институти ҷарима дар Тоҷикистон роҳи дуру дароз ва хеле печидаи таҳаввулотро тай кардааст. Ҳар як давраи таърихии Тоҷикистон низоми муҷозотҳои худро дошт, ки баъзан навъҳои хеле мухталифи ҷазоро дар бар мегирифт, аз ҷумла навъи ҷаримаро. Ҳарчанд ҷарима дар марҳилаҳои таърихӣ бо номҳои гуногун ифода карда мешуд, вале моҳиятон он ба маънои имрӯза ҳамчун ҷазои молумулкӣ фаҳмида мешуд.

Яке аз давраҳои инкишофи ҷарима ҳамчун навъи ҷазои ҷиноятӣ ин давраи тоинқилобӣ мебошад, ки дар ин марҳилаи таърихӣ тавассути сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, одатӣ ва динии низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва империявӣ паҳлуҳои мухталифи ҷарима инкишоф ёфта, барои қонунгузории минбаъда заминаи ғании ҳуқуқӣ гардидаанд. Дар давраи баррасишаванда дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ҳуқуқи зардуштӣ [16,с.3], мусулмонӣ [5,с.11] ва империявӣ [14] амал мекарданд, ки ҷаримаро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ муайян карда, дар санадҳои нахустини меъёрӣ-ҳуқуқӣ мустаҳкам намудаанд. Пеш аз ҳама, дар сарзамини тоҷикнишин ҳуқуқи зардуштӣ амал намуда буд, ки ба яке аз низомҳои назарраси ҳуқуқӣ табдил ёфтааст. Ҷарима низ ҳамчун навъи ҷазои ҷиноятӣ сарчашмаи худро аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ мегирад. Профессор У.А. Азиззода якчанд таснифоти ҷазоҳои ҷиноятиро дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ мавриди таҳлил қарор додааст, ки дар онҳо ҷазои ҷарима ба назар мерасад [2,с.100-104]. А.Г. Периханян низоми ҷазоро дар ин давра ба навъҳо тақсим намудааст, ки яке аз онҳо кафорати гуноҳ бо пардохти молу мулк мебошад [12,с.252]. А.Ғ. Холиқзода дар таснифоти худ дар ҷойи дуюм ҷаримаро қайд кардааст [19,с.361-362], вале И.Б. Буризода ҷаримаро дар таснифоти худ дар ҷойи аввал қайд мекунад [7,с.31]. Аз таснифоти мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҷарима ҳамчун навъи ҷазои асосӣ дар ҳуқуқи зардуштӣ амал мекардааст.

Дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷарима бисёр маъмул буд. Он тақрибан барои ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла ҷиноятҳо истифода мешуд. Ҳатто дар яке аз меъёрҳои Авасто дар баробари ҷазои ҷисмонӣ ё дигар намуди ҷазо, ҷарима ҳамчун ҷазои асосӣ ё иловагӣ пешбинӣ шудааст. Масалан, дар қисми 3-и фаргарди 4, сатрҳои 17-21-и “Вандидод” барои содир намудани ҷиноятҳои зидди саломатии инсон дар категорияи огерепта ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Дар сатрҳои 20 ва 21 дар бораи додани ҷарима барои ин категорияи ҷиноятҳо шарҳу эзоҳоти мушаххас оварда шудааст. Масалан, агар касе ҷинояти огерепта содир карда, аз додани ҷарима саркашӣ кунад, дар ин маврид вай ҷинояткори категорияи пешутану шуда, ӯ бо 200 зарбаи тозиёнаи асп ва асо ҷазо дода мешавад [1,с.486-487]. Дар меъёри мазкур сухан дар хусуси оқибатҳои напардохтани ҷарима меравад, ки тибқи меъёрҳои Авесто насупоридани ҷарима боиси ба вуҷуд омадани навъи ҷиноят ва ҷазои дигар мегардид. Чунин меъёр гувоҳи он аст, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷарима яке аз навъҳои ҷазои ҳуқуқии маъмул ба ҳисоб мерафт.

Бо рушди муносибатҳои пулӣ дар давраҳои минбаъда ҷарима ба намуди махсусан татбиқшавандаи ҷазо табдил меёбад. Он тақрибан барои ҳама гуна ҷиноятҳо истифода

Гражданский кодекс выделил в особый случай причинения вреда в результате вынесения незаконного судебного акта. Главной особенностью для возмещения вреда причиненный в результате незаконного судебного акта ГК признает вину судьи. Установление вины судя производится в судебном порядке и после ее установления и вступление в законную силу решении суда причиненный вред возмещается.

Здесь необходимо учитывать одно обстоятельство, которое нуждается в уточнении. По правилам ч.1 ст.1196 ГК при незаконном наложении административного наказания в виде ареста или исправительных работ и других случаях законом не берется в расчет вина судьи, но при вынесения незаконного судебного акта учитывается вина судьи. Получается, что в одних случаях вина судьи необходимо установить, а в других случаях нет. Насколько это оправданно непонятно.

Подытоживая в этой части уместно цитата из работы О.В. Михайленко который отмечает, что «привлечь к ответственности по правилам данных статей на практике осложняется тем, что «отношения человека (гражданина) и власти являются неравными отношениями власти-подчинения, где представители власти вправе указывать и приказывать, а человек (гражданин) обязан им подчиняться без права активного сопротивления. Данное положение делает человека (гражданина) наиболее уязвимым и значительно облегчает возможность нанесения вреда как его личности, так и его имуществу».

Однако как быто не было на практике установление ответственности публично-правовых образований за вред, причинённый их органами и должностными лицами, следует признать огромным достижением на пути построение правового государства и реализации конституционного положения о признание человека его прав и свобод высшей ценностью.

**Рецензент: д.ю.н., профессор ТНУ - Курбонов К.Ш.**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Бросалина А.А. Правовая и этическая регламентация деятельности государственных служащих// Государственная служба. 2022. Том 24 № 6. С.20-27.
2. Гражданский кодекс России. Проблемы. Теория Практика: Сборник памяти С.А. Хохлова / Отв. ред. А.Л. Маковский; Исследовательский центр частного права. – М.: Международный центр финансово-экономического развития, 1998. – 480 с.
3. Гражданское право России: Курс лекций / Отв. ред. О.Н. Садиков. М., 1997. Ч. 2. Обязательственное право. -М.: БЕК, 1997. -704 с.
4. Кабанова И.Е. Гражданско-правовая ответственность публичных субъектов:опыт межотраслевого исследования /под общ. ред. М.А. Егоровой. -М.: Юстицинформ 2016. 284 с.
5. Камышанский В.П., Карнушин В.Е. Некоторые особенности правоотношения гражданско-правовой ответственности публичных образований. Научный журнал КубГАУ. - 2014. -№10(07). -С.7.
6. Камышанский В.П. Ветер Н.Ю. Злоупотребление правом: понятие, признаки, общая характеристика // Научный журнал КубГАУ, №112(08), 2015. -С.3.
7. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть первая (постатейный): учебно-практический комментарий / под ред. А.П. Сергеева. - 2-е изд., перераб. и доп. –М.: Проспект, 2018. -1280 с.
8. Мирзоев П.З. Внедоговорная ответственность государства за вред, причиненный предпринимателям. – Душанбе, 2013. -168 с.
9. Михайленко О.В. Имущественная ответственность за вред, причиненный осуществлением публичной власти: теоретические аспекты и проблемы ее реализации на практике. - "Волтерс Клувер", 2007. -352 с.

10. Общая теория государства и права. Академический курс в 2-х томах. Т. 1. / Отв. ред. М.Н. Марченко. -М., 1998. -416 с.
11. Рахимов М.З.Избранные труды. –Душанбе: Бухоро, 2014. -638 с.
12. Российское гражданское право: Учебник: В 2 т. Т. 2: обязательное право/ Отв.ред. Е.А.Суханов. – 4 -е изд., стереотип. – М.: Статут, 2015. -1208 с.
13. Тактаев И.А. Ответственность публично-правовых образований за вред, причинённый их органами и должностными лицами: дис.. канд юрид.наук. –М., 2003. -245 с.

## МАСЪАЛАИ ҶАВОБГАРИИ ТАШКИЛОТҲОИ ОММАВӢ – ҲУҚУҚӢ БАРОИ ЗАРАРИ РАСОНИДАШУДАИ МАҚОМОТ ВА ШАХСОНИ МАНСАБДОР

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои ҷавобгарии ташкилотҳои оммавӣ – ҳуқуқӣ барои зарари расонидашудаи мақомотҳо ва шахсони мансабдори он дар натиҷаи расонидани зарар баррасӣ карда мешавад.Қайд карда мешавад, ки дар доираи боби 66-и Кодекси маданӣ ҷавобгарии ташкилотҳои оммавӣ – ҳуқуқӣ ба ду намуд ҷудо карда мешавад: ҷавобгарӣ дар соҳаи идоракунии маъмурӣ ва дар соҳаи фаъолияти низоми ҳифзи ҳуқуқ (судӣ-прокуратура).Таркиби субъективии уҳдадорӣ муфассал таҳлил карда мешавад. Проблемаҳои дорои характери қонунгузорӣ ошкор гардида, ақидаҳои назариявӣ равшан карда мешаванд. Асоснок карда мешавад, ки давлат дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бевосита иштирок намекунад. Дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ он дар симои мақомоти худ иштирок мекунад. Аз ин рӯ, мақомоте, ки аз номи давлат амал мекунад, зарари расидаро ҷуброн мекунанд.Аз рӯи натиҷаҳои бадастомада фикру мулоҳиза ва таклифҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ баён карда шудаанд.

**Калидвожаҳо**: ҷавобгарии ташкилотҳои оммавӣ – ҳуқуқӣ, шахсони мансабдор, зарар, ҷуброн, ваколатҳои ҳокимиятӣ, амали ғайриқонунӣ, гуноҳ.

## К ВОПРОСУ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ПУБЛИЧНО-ПРАВОВЫХ ОБРАЗОВАНИЙ ЗА ВРЕД, ПРИЧИНЁННЫЙ ИХ ОРГАНАМИ И ДОЛЖНОСТНЫМИ ЛИЦАМИ

В данной статье рассматривается некоторые вопросы ответственности публично-правовых образований за вред, причинённый их органами и должностными лицами в обязательстве в следствие причинения вреда. Отмечается, что в рамках главы 66 ГК ответственность публично – правовых образований делиться в сфере административного управления и ответственность в сфере деятельности органов правоохранительной (судебно – прокурорской) системы.Детально анализируется субъектный состав обязательство. Выявляется проблемы законодательного характера, проясняется теоретические взгляды. Обосновывается, что в гражданско – правовых отношения государство не посредственно не участвует. В гражданско – правовых отношениях оно участвует в лице своих органов. Поэтому органы выступающее от имени государство возмещают причиненный вред.По итогам работы представляется авторские мнения и предложения по совершенствованию законодательство.

**Ключевые слова**: ответственности публично-правовых образований, должностные лица, вред, возмещение, властные полномочия, незаконные действия, вина.

## TO THE QUESTION OF RESPONSIBILITY OF PUBLIC LAW FORMATIONS FOR DAMAGE CAUSED BY THEIR BODIES AND OFFICIALS

This article discusses some issues of liability of public legal entities for harm caused by their bodies and officials in an obligation as a result of causing harm.It is noted that within the framework of Chapter 66 of the Civil Code, the responsibility of public legal entities is divided in the field of administrative management and responsibility in the field of activities of the law enforcement (judicial-prosecutory) system.The subject composition of the obligation is analyzed in detail. Problems of a legislative nature are revealed, theoretical views are clarified.
It is substantiated that the state does not directly participate in civil-legal relations. In civil - legal relations, it participates in the person of its bodies. Therefore, the authorities acting on behalf of the state compensate for the damage caused.Based on the results of the work, the author's opinions and proposals for improving the legislation are presented.

**Keywords**: liability of public legal entities, officials, harm, compensation, authority, illegal actions, guilt.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Бобоев Ҷамрод Қурбонович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. **Суроға**: 734067, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **jamrod@mail.ru** Телефон: **+992918668971**

**Сведения об авторе**: ***Бобоев Джамрод Курбонович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат юридических наук, доцент. **Адрес:** 734067, город Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Нахимов, 64/14. E-mail: **jamrod@mail.ru** Телефон: **+992918668971**

**Information about the author**: ***Boboev Jamrod Kurbonovich*** - Tajik State Financial and Economic University, Candidate of Law, Associate Professor. **Address:** 734067, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, st. Nakhimov, 64/14. E-mail: **jamrod@mail.ru** Phone: **+992918668971**

# СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

УДК 323/321

# МЕХАНИЗМИ ДАВЛАТИИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРӢ ВА РУШДИ УСТУВОРИ ҶОМЕА

*Зокиров Г.Н., Асламзода Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тоҷикистон дар шароити муосир аз таъсири мушкилот ва буҳронҳои раванди инкишоф дар канор буда наметавонад. Масъалаҳои нави рушди ҷомеаи Тоҷикистон хосияти зиддиятнокро низ метавонанд касб кунанд. Дар ҳама маврид низоми бехатарӣ ва мавҷудияти инкишофи устуворро аз фаъолияти давлат, ниҳодҳои давлатӣ вобаста медонанд.

Дар шароити муосир масъулияти ягонаи давлат таъмини бехатарӣ ва нигоҳ доштани шароити инкишофи озоди ҳаёти ҷомеа мебошад. Ҳадаф аз ба амал баровардани чунин масъулият ташаккули давлатдорӣ, нигоҳ доштани истиқлолияти сиёсӣ ва рушд, мустаҳкамнамоии давлат ба ҳисоб меравад.

Барои Тоҷикистони муосир, ки ҳадафи асосиро нигоҳ доштани шароити бехатарии рушд ва устувории ҷомеа, бунёди ҷомеаи демократӣ ҳуқуқбунёду иҷтимоӣ ташкил медиҳад, масъалаи ташаккул ва инкишофи ҷомеа танзими тамоми муносибатҳо ба хотири расидан ба устувории инкишоф, инчунин тавоно гардонидани давлат дар ростои таҳдид ва хатарҳои имрӯза хеле муҳимманд. Мавҷудияти омилҳои монеашавандаи таъмини бехатарӣ ва рушди устувори давлату ҷомеаи Тоҷикистон фаъолияти самаранок ва системавии тамоми таркиботи институтсионалии давлатро талаб дорад. Омилҳои монеъшаванда боиси таназзули тадриҷии арзишҳои сиёсӣ, истиқлолият, айнияти сиёсии шаҳрвандон, коҳиш ёфтани сатҳи амалигардии вазифаҳои давлатӣ дар самти инкишофи ҷомеа мегарданд.

Институтҳои давлатӣ барои ташаккули ҷомеаи устувор низоми хоссаи инкишофро таҳия мекунанд. Институтҳои демократии давлатӣ бехатарии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, ҷомеа ва давлатро арзиши олӣ тавсиф менамоянд. Давлати демократии Тоҷикистон дар самтгирии фаъолияти мутаносиби институтҳои ҷамъиятӣ, ки асоси таъмини бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеа мебошанд, мусоидат мекунад. Кафолатҳои ҳуқуқии таъмини онҳоро фароҳам оварда, дар санадҳои меъёрӣ ва қонунҳои асосӣ ҷой додааст. Ф. Фукуяма вазифаҳои давлатро дар самти рушди уствор ва таъмини бехатарӣ чунин тавсиф намудааст, ки дар фаъолияти стратегӣ ва инкишофи консепсиявии давлату Ҳукумати Тоҷикистон ишора гардидааст: вазифаҳои таъминоти иҷтимоӣ; ҳимояи иҷтимоии камбизоатон ва паст кардани сатҳи онҳо; қабули барномаҳои махсуси зидди камбизоатӣ; таъмини тартибот ва мудофиа; таъмини тартиботи ҳуқуқӣ; ҳифзи солимии шаҳрвандон; таваҷҷуҳ ба пайомадҳои беруна; танзими монополия; мубориза бар зидди паҳнгардии иттилоотҳои носаҳеҳ; таъмини суғуртаи иҷтимоӣ; маълумотнокӣ (баланд бардоштани сатҳи он); ҳифзи муҳити зист; танзими молиявӣ; антимонополизм дар муносибатҳои тиҷоратӣ; паст кардани сатҳи бекорӣ ва ғ. [8,с.9].

Дар ростои таъмини бехатарӣ ва таҳкими заминаҳои асосии рушди устувор зарур аст, ки давлат се сатҳи вазифа ва масъулиятҳоро ба сомон расонанд: аввал, сатҳи минималӣ, ки таъмини фаъолият барои манфиати ҷамъият, ҳифзи қонун ва тартибот, танзими иқтисоди хурд (макроиқтисодӣ), ҳифзи саломатии ҷомеа, баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоиро дар бар мегирад [14]. Дуюм, сатҳи миёна, ки ин гурӯҳи вазифаҳои давлатӣ ба пайомадҳои беруна бештар диққаташонро равона мекунанд [11,с.76]. Дар баробари ин, маълумотнокӣ, мубориза бар зидди сатҳи бесаводии аҳолӣ, танзимоти молиявӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Сеюм, сатҳи олӣ, ки он ба мустаҳкамкунии асосҳои институтсионалӣ, санадиву меъёрӣ, сафарбар намудани фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои рушди устувор, сиёсати протексионистӣ, баланд бардоштани қобилияти саноатӣ ва ҳарбӣ-саноатии давлат баҳри ҳифз аз таҷовузҳои низомӣ, тақвияти маърифати миллӣ ва давлатмеҳварӣ ва ғайра асос ёфтааст.

Дар баробари ин, Тоҷикистон дар амалӣ намудани қарорҳои сиёсӣ оид ба масъалаи таъмини бехатарӣ ва рушди устувор кӯшишҳо ба харҷ медиҳад. Барои Тоҷикистони рӯ ба инкишоф ташкили маъмурияти самаранок ба назар грифта шуда истодааст ва назорати коррупсия ва бемасъулиятӣ дар иҷрои масъулияти давлатӣ, таъмини шаффофият ва масъулиятнокӣ заруранд. Ҳолати мазкур дар заминаи мустаҳкамкунӣ ва самаранокгардонии асосҳои санадиву ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Дар аз байн бурдани таъсири хатар ва таҳдидҳо ба мисли коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, таҳдидҳои тамаддуниву ахлоқӣ иҷроиши дуруст ва сартосарии қонунҳо аҳаммияти калон дорад.

Иҷроиши саросарии вазифаҳои давлат Тоҷикистонро тавоно муаррифӣ мекунад. Дар замони муосир кишварҳое мавҷуданд, ки аз уҳдаи иҷроиши вазифаҳои худ наметавонанд бароянд. Ба андешаи Ф.Фукуяма, Миср дастгоҳи бехатарии дохилии устувор дорад, аммо аз уҳдаи танзими муносибатҳо намебарояд. Ё Мексика ва Аргентина ислоҳоти давлатӣ, сиёсати молиявӣ, бонкҳои давлатӣ пешсафанд, аммо дар ҳифзи саломатӣ ва маълумотнокӣ, умуман сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ дар ҳолати паст ва заиф қарор доранд [8,с.10].

Масъалаи ташаккул ва мустаҳкам намудани фаъолияти давлат, мақомотҳои давлатӣ дар шароити Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат бо дарназардошти масъалаҳои буҳронии инкишофи ҷомеа, экстремизм, терроризм, фурӯши инсон, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва яку якбора ба амал омадани онҳо дар дохили давлатҳо, субминтақаҳо, минтақаҳо ва ҷаҳон рӯзмарра мегардад. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар яке аз суханрониҳои табрикиашон чунин ишора намуда буданд: "...Тахрибкориҳои террористону экстремистон бори дигар нишон доданд, ки ҳама гуна давлати абарқудрат дар муқобили силоҳу ниятҳои бадқасдона оҷизӣ мекашанд" [6]. Аз тарафи дигар, масъалаи коррупсия ва экстремизму терроризм барои Тоҷикистони рӯ ба инкишоф доғи руз ба ҳисоб меравад. "... Амалҳои коррупсионӣ ва экстремизми сиёсию динӣ метавонанд ҳар лаҳза ба амнияти давлатӣ ва бехатарии шаҳрвандон таҳдид намоянд..." [2,с.26].

Асосан давлат ва тамоми таркиботи институтсионалии онро дар бахши таъмини бехатарӣ ва рушди устворро метавонем ба сифати субъекти бехатарӣ ишора намоем [15]. Давлат дар ростои фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар бахши таъмини бехатарӣ ва рушди уствор, ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии онҳоро таъмин мекунад [12]. Ин вобаста ба он шароитест, ки тағйирёбии босуръати геополитикӣ, геоиқтисодӣ ва технологии ҷаҳони муосир дар назди кишварамон масъалаи таъмини бехатарӣ ва рушди устворӣ инсон, ҷомеаро бо чораҳои пешгирикунандаи таъмини бехатарии миллӣ мегузорад [13,с.89].

Тақвияти асосҳои институтсионалии низоми ҳокимияти давлатӣ барои таъмини бехатарӣ ва рушди устувори Тоҷикистон заминаи муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳолати бавуҷудомадаи вазъияти сиёсии минтақа ва ҷаҳон, шаклгирии раванду ҳаракатҳои иртиҷоиву канора, васеъ гардидани доираи амали гурӯҳҳо ва ташкилотҳои трансҷиноӣ, экстремистиву террористӣ, зери хатар мондани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, пайдоиши псевдофарҳангҳо, одамрабоӣ ва фурӯши инсон, бемориҳои сироятӣ, хатарҳои табиӣ-экологӣ, мушкилоти рушди ҳаёти иҷтимоӣ, тағйиротҳои иқлим, дар ростои дигаргуншавӣ қарор гирифтани низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва ғайра масъулияти бешатареро дар мустаҳкамкунии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ талаб мекунад. Вақтҳои охир дар Тоҷикистон ба зарурати пурзӯр намудани тадбирҳои таъмини бехатарии миллии мамлакат аҳаммияти зиёд дода мешавад. Масалан, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки таъмини бехатарии миллӣ шарти асосии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва соҳибихтиёр мебошад [9,с.65-66].

Ниҳодҳои давлатӣ механизми давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди устувори давлатиеро мемонанд, ки бояд фаъолияти стратегӣ ва доктринавӣ дошта бошанд. Чунин шаклгирии фаъолияти онҳо қудрати дар ростои хатару таҳдидҳои навин истодани Тоҷикистонро бештар мегардонад.

Фаъолияти низоми давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди устворӣ Тоҷикистонро метавон аз рӯйи манфиатҳои миллӣ, дараҷаи зоҳиршавии онҳо ва роҳу воситаҳои ҳимояи

онҳо муайян намуд. Ғайр аз ин, сохтори институтсионалии таъмини бехатарӣ ва рушди устувори давлати Тоҷикистонро дар асоси қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарӣ, ваҳдат, сулҳу осоиштагӣ, нигоҳ доштани истиқлолият ва якпорчагии кишвар ва ғайра муайян намудан мумкин аст. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарӣ ва мустаҳкам намудани заминаҳои рушди давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон дорои самтҳои фаъолияти зерин мебошад [10]:

- ташхиснамоӣ ва муайяннамоии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат;
- дарки афзалияти мақсадҳои миллӣ дар самти таъмини бехатарӣ ва рушди устувори Точикистон;
- муайяннамоӣ ва баҳодиҳии таҳдид ва хатарҳо ба низоми бехатарӣ ва рушди уствори кишвар;
- интихоби дуруст ва истифодаи технологияи самарабахш баҳри ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини бехатарии ҷомеаи Тоҷикистон;
- ташаккули воситаҳо ва механизмҳои мувофиқи азбайнбарии таҳдид ва хатарҳо.

Асосан, давлат ҳамчун институт ва субъекти аввалиндараҷаи таъмини бехатарӣ ва рушди устувор дониста мешавад. Чунин эътирофнамоии конститутсионӣ аз ҷониби давлати Тоҷикистон низ вуҷуд дорад. Масалан, дар моддаи 7-уми Конститутсия ишора шудааст, ки: “...Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд...” [3,с.6]. Аз ҳамин сабаб, низоми давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди устувори Тоҷикистонро тамоми мақомотҳои таркибии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти қонунбарор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва сохтори он, мақомти судӣ ва ҳамаи он мақомотҳое, ки сиёсати давлатӣ ва вазифаҳои давлатро дар самти таъмини бехатарӣ ва рушди уствор амалӣ мекунанд, ташкил медиҳанд.

Ғайр аз ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси муқаррароти қонунӣ мақомоти салоҳиятдори таъмини бехатарӣ муайян карда шудаанд, ки онҳо: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои Ҷумҳурии Точикистон, мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд [4].

Фаъолияти низоми давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеаи Тоҷикистонро дар асосии самаранок амалӣ гаштани вазифаҳои онҳо метавон муайян намуд. Дар қонунгузории Тоҷикистон вазифаҳои низоми таъмини бехатарӣ чунин ишора гардидаанд [4]:

- пешбинӣ, ошкор ва пешгирӣ кардани таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми объектҳои бехатарӣ;
- таҳия ва амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои таъҷилӣ ва дарозмуддати пешгирӣ кардан ва аз байн бурдани ин таҳдидҳо;
- ташкил намудан ва дар ҳолати омодабош нигоҳ доштани қувваю воситаҳои таъмини бехатарӣ;
- идора намудани қувваю воситаҳои таъмини бехатарӣ дар шароити ҳамарӯза ва ҳолатҳои фавқулода;
- амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои барқарор кардани кори муътадили объектҳои бехатарӣ дар минтақаҳое, ки дар натиҷаи ба миён омадани ҳолатҳои фавқулода зарар дидаанд;
- иштирок дар таъмини бехатарии умумӣ ва минтақавӣ мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” тамоми ниҳодҳои сиёсиву ҳуқуқии давлатӣ, низоми идоракунии давлатӣ, низоми ягонаи рафъи таҳдиду хатарҳо ва ҳолатҳои фавқулода ҳамчун низоми таъмини бехатарӣ ва рушди уствори кишвар ишора карда шудаанд. Фаъолияти онҳоро дар самти ҳимояи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маданӣ, рушди босуботи ҷомеаи Тоҷикистон зарурӣ медонанд. “... Ниҳодҳои сиёсию ҳуқуқӣ, аз ҷумла низоми судӣ, шароитҳои мусоидро барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ фароҳам оварда, ҳифзи самарабахши ҳуқуқҳои молумулкӣ ва инсониро таъмин менамоянд, низоми идоракунии давлатӣ дараҷаи баланди амнияти иқтисодиро таъмин намуда, рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии кишварро таъмин менамояд. ...Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода таҳия ва тасдиқ мегардад, нақшаи қолабии миллӣ ҷиҳати омодагӣ ба офатҳои табиӣ ва эътино ба онҳо ҷорӣ мегардад...” [7,с.40].

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваҳои таъмини бехатарӣ низ нишон дода шудаанд, ки онҳо қисми таркибии низоми давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди устувори Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ба қувваҳои таъмини бехатарӣ дохил карда шудаанд: Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти бехатарии миллӣ, корҳои дохилӣ, разведкаи ҳарбӣ, мубориза бо коррупсия, андоз, гумрук, ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани̇, мақомоти дигари таъмини бехатарӣ, ки дар асоси қонун амал мекунанд. Дар баробари ин, таъмини бехатарӣ барои тамоми мақомоти дигари давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин мақомотҳое, ки ин фаъолиятро дар доираи ваколатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ мустақилона ё дар асоси муроҷиати қувваҳои таъмини бехатарӣ амалӣ мекунанд, ҳатмӣ мебошад [4].

Мақоми асосиро дар таркиботи институтсионалии низоми давлатии таъмини бехатарӣ баҳри андешидани чораҳои фаврӣ дар ростои таҳдид ва хатарҳо Кумитаи давлатии амнияти миллӣ мебозад. Доираи салоҳият ва вазифаҳои онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян менамояд. Фаъолияти мақомоти мазкури давлатӣ тибқи муқарароти қонунӣ ба ҳотири иҷроиши вазифаҳои зерин ба амал бароварда мешавад [5]:

-ҳифзи истиқлолият ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини бехатарии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ-стратегӣ, илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ ва экологӣ;

-додани маълумот ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо супориши ӯ ба мақомоти давлатии дахлдор ва дигар ташкилот вобаста ба масоили ҳолати бехатарии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳо барои мусоидат ба мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилот дар татбиқи чораҳои рушди сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-дар доираи ваколатҳои худ ташкил ва амалӣ намудани разведкаи хориҷӣ;

-огоҳонӣ, ошкоркунӣ ва пешгирии фаъолияти разведкавӣ, зараровар ва дигар фаъолияти душманонаи хадамоти махсус ва ташкилоти давлатҳои хориҷӣ, инчунин шахсони алоҳида, ки барои расонидани зарар ба бехатарии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд;

-дар доираи ваколатҳои худ мубориза бурдан бар зидди терроризм, ҷинояткории муташаккилона, қочоқ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, силоҳ, маводи атомӣ ва қисматҳои онҳо, инчунин дигар объектҳои назорати содиротӣ;

-мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидоштаи ба ҷиноятҳои тафтишоташон тобеи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд;

-огоҳонӣ, ошкоркунӣ, пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳое, ки таҳқиқ ва тафтиши пешакии онҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд;

-татбиқи ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ;

-таъмини мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилот бо алоқаи ҳукуматӣ ва оперативӣ, инчунин ташкил ва таъмини бехатарии криптографӣ ва муҳандисӣ-техникии алоқаи рамзӣ ва махфӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хориҷи ҷумҳурӣ воқеанд, бурдани назорати давлатӣ аз болои ин фаъолият;

-муайян ва дар амал татбиқ намудани тартиб ва тарзу усулҳои гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсия дар мақомоти амнияти миллӣ;

-таъмини ҳифзи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хушкӣ, фазо, дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳо, инчунин дар нуқтаҳои гузаргоҳи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Дар баробари ин, фаъолияти ин мақоми бевоситаи ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарӣ дорои самтҳои фаъолияти тибқи қонун муқаррарнамуда низ мебошад, ки ҳадафи онҳоро таъмини низоми бехатарӣ, мустаҳкамнамоии он, ташкили шароит барои рушди устувори кишвар ташкил медиҳад.

Тамоми мақомоти давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди устувори Тоҷикистон дар заминаи ду ҳадафи стратегӣ бояд фаъолият кунанд, ки онҳо дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” [7,с.6] қайд гардидаанд. Ҳадафи якуми стратегӣ бо мақсадҳои сиёсати беруна мувофиқ карда шудааст, ки дар оянда бояд ба фароҳам овардани шароити берунаи мусоидаткунандаи рушд, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо, манфиатҳои миллӣ ва шаъну шарафи шаҳрвандон берун аз кишвар, таҳкими мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ равона карда шаванд. Ҳадафи дуюми стратегӣ бар пояи мақсадҳои сиёсати дохилӣ, ки бояд ба коҳишдиҳии осебпазирии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиёти кишвар, муносибатҳо ва сохтори иҷтимоиву маданӣ, ба таҳдидҳои эҳтимолии беруна, ҷустуҷӯ ва таҳияи механизмҳои самаранок ва сарчашмаҳои дохилии рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ, таъмини рушди босуботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву маданӣ ва ғайра равона гардад, амалӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, барои фаъолияти самараноки тамоми таркиботи институтсионалии низоми давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди устувори Тоҷикистон мустаҳкамӣ ва ихтиёрдории асосҳои зерини ҳокимият аҳаммияти калон дорад ва онҳо ҳамчун воситаи асосии таъмини низоми бехатарӣ ва дурнамои рушди устворӣ ҷомеаи Тоҷикистон муайян мегарданд:

- асосҳои ҳуқуқии таъмини бехатарӣ ва рушди устувор, ки аз низоми қонунии самаранок ва доктринаҳову стратегияҳои рушди устувори Тоҷикистон иборатанд;
- асосҳои маъмурӣ ва идоравии таъмини бехатарӣ ва рушди устувор. Ҷиҳати мазкурро дар асоси ба амал баровардани идоракунии ратсионалӣ ва самараноки идоракунии давлатӣ мустаҳкам намудан зарур аст. Шаклгирии коррупсия ва ирратсионализми идоракунӣ метавонад омили асосии ба вуҷуд омадани хатарҳо ва таҳдидҳо ба низоми бехатарии давлатӣ ва сиёсии давлат гардад. Тоҷикистонро зарур аст, тасмимҳои институтсионалии самаранокро ҷиҳати бартараф намудани буҳрони идоракунии давлатӣ, ки аз коррупсия ва мушкилоти кадрӣ сарчашма мегирад, андешад;
- асосҳои қудративу низомии таъмини бехатарӣ ва рушди устувор. Ҷиҳати мазкур метавонад, устувории “девори сарҳадӣ”-ро таъмин намояд. Тоҷикистонро аз таҳдидҳои ҳаракатҳои тундгарои ҷиноии мусаллаҳ ҳимоя кунад, иқтидори дар ростои таҷовузҳо ва бархурдҳои геополитикӣ истодагарӣ намуданро тақвият бахшад ва ғ.;
- асосҳои иқтисодии таъмини бехатарӣ ва рушди устувор дар баланд бардоштани ҳаҷми ММД, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиии аҳаммияти стратегидошта, дараҷаи истифодаи комёбиҳои илмӣ-техникӣ дар рушди иқтисоди кишвар, амалӣ намудани барномаи миллии рушди иқтисод (протексионизми иқтисодӣ) ва ғ. ифода меёбанд;
- асосҳои иҷтимоии таъмини бехатарӣ ва рушди устувор. Асосан баланд бардоштани кафолатҳои молиявии бозори меҳнат, қонеъ гардонидани талаботу манфиатҳои умумиятҳои иҷтимоӣ, мувофиқат ва ҳамоҳангии кафолатҳои давлатӣ бо манфиатҳо ва талаботҳои аҳолӣ, эътибори оммавиро сазовор будан воқеияти таҳкими асосҳои иҷтимоии таъмини бехатарӣ ва рушди устворӣ ҷомеаи Тоҷикистон мегарданд;
- асосҳои фарҳангии таъмини бехатарӣ ва рушди устувор, ки аз таҳияи консепсияи миллии ахлоқӣ, дарки беҳтарин арзишҳои миллӣ – фарҳангӣ ва истифодаи он ҳангоми қабули қарорҳо ва амалӣ намудани онҳо, тасмимҳои пешгирикунанда аз таъсири арзишҳои ғайриинсонгароёна ва ғайримиллӣ дар раванди татбиқи сиёсати фарҳангӣ, глобаликунонии арзишҳо ва меъёрҳову унсурҳои фарҳанги миллӣ, ташкил ва тақвияти пойгоҳҳои таблиғотии фарҳангӣ дар берун аз кишвар, назорати фазои иттилоотӣ-кибернетикӣ ва ғ. иборат аст.

Ҳамин тариқ, фаъолияти механизми давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини бехатарӣ ва рушди устувори кишвар омили асосии инкишофи Тоҷикистони муосир мегардад. Самаранокӣ ва фаъолияти доктринавӣ метавонад пояҳои давлатдории Тоҷикистони муосирро мустаҳкамтар намуда, дурнамои рушди бехатари онро равшан намояд. Механизми давлатӣ, дар маҷмуъ, системаи мукаммали таъмини бехатарӣ ва

рушди уствори ҷомеаи Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Фаъолияти онҳо дар заминаи Конститутсияи Тоҷикистон, қонунҳои соҳавӣ ва махсус, стратегияҳову оинномаҳои онҳо ба роҳ монда мешавад. Таъмини бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеаи Тоҷикистон дар заминаи фаъолияти якҷоя ва самараноки тамоми ниҳодҳо системаи таъмини бехатарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Зокиров, Г.Н. Давлат. Қисми 1. Монографияи илмӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – С. 256.
2. Зокиров, Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаи рӯз ва дурнамои инкишоф / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Истеъдод, 2011. –352 с.
3. Зокиров Г.Н. Манфиатҳои миллӣ – омили меҳварии рушди давлатдорӣ / Г.Н. Зокиров, М. Абдулҳақов. – Душанбе, 2008. -172 с.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забони тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. -№6. м. 434; 2014. -№11. м. 646; 2016. -№3. м. 136. [Манбаи электронӣ]. URL: https://majmilli.tj/ (санаи муроҷиат: 03.06 2022 с.)
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. - №3. - м.183; 2011. - №6. -м. 457; 2013. - №7. – м. 513. - №12. –м. 886; 2014. -№11.-м.654; 2015. - №7-9. – м. 701; 2016. - №3. – м. 138.
7. Паёми табрикӣ ба шарафи 57-солагии Иди Ғалаба бар фашизм [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/6672 (санаи муроҷиат: 10.08.2018 с.)
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. –99 с.
9. Фукуяма, Ф. Сильное государство: Управление и мировой порядок в XXI веке / Ф. Фукуяма. [пер. с англ.]. -М.: АСТ, 2006. – С. 4.
10. Холов, Х.К. Проблемы национальной безопасности Республики Таджикистан в контексте вызовов и угроз современности: Монография / Х.К. Холов. – Душанбе, 2017. –163 с.
11. Шлычков, В.В. Об отдельных аспектах применения «ручного управления» органами российской государственно-муниципальной власти / В.В. Шлычков, И.К. Киямов, С.М. Кулиш, Д.Р. Нестулаева, И.Г. Алафузов // Актуальные проблемы экономики и права. -2016. -Т.10. -№3(39). -С.39-54.
12. Бжезинский, З.Б. Стратегический взгляд: Америка и глобальный кризис / З.Б. Бжезинский. -М., 2013. -С.175.
13. Макиавелли, Н. Государь: сочинения / Н. Макиавелли. - Харьков: Издательство «Фолиа», 1998. - 656 с.
14. Маҳмадов, А.Н. Стратегияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Лоиҳаи ташаббусӣ) / А.Н. Маҳмадов, Т.Ҷ. Юнусов, Ш.А. Раҷабов. - Душанбе, 2000. - С.4.
15. Опалева, А.В. Правовая основа обеспечения национальной безопасности Российской Федерации: монография / А.В. Опалева. –М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004. –511 с.


## МЕХАНИЗМИ ДАВЛАТИИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРӢ ВА РУШДИ УСТУВОРИ ҶОМЕА


Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми инкишофи низоми давлатҳои муосир бахшида шудааст. Самаранокӣ ва фаъолияти гуногунсамти механизми давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди устувор ба таври махсус дар мақола шарҳ дода шудааст. Дар шароит амалигардонии сиёсати давлатӣ барои Тоҷикистон масъалаҳои муҳим ва аҳаммиятнок масъалаҳои таъмини бехатарӣ, мустаҳкам намудани асосҳои рушди устувори ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини бехатарӣ ва рушди муносибатҳои ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Гурӯҳи масъалаҳои зикршуда барои кишварҳои демократӣ, ки раванди инкишофро аз сар гузаронида истодаанд, масъалаи муҳим ба шумор меравад. Дар низоми сиёсӣ-ҷамъиятии Тоҷикистони муосир дар заминаи фаҳмиши мухталифи масъалаҳои марбут ба рушди низоми давлатдорӣ, системаи идоракунии давлатӣ, раванди татбиқи сиёсати давлатӣ, самаранокии ҳокимияти давлатӣ муайянкунӣ ва самаранок гардонидани механизми давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди ҷомеаи тоҷикистонӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Механизми давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди устувор қисми таркибии механизми умумӣ ва ягонаи таъмини бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеаи Тоҷикистон муаррифӣ мегардад. Мустаҳкам будани асосҳо ва заминаҳои фаъолияти он метавонад Тоҷикистонро дар ростои мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои замони муосир, бӯҳронӣ будани инкишофи ҷомеа, мураккабӣ ва номуташаккилона ба амал омадани раванду ҳодисаҳои сиёсӣ, бархӯрдҳои геополитикӣ, халалҳои сиёсӣ ва идеологӣ, зиддиятҳои иқтисодиву хатарҳои экологӣ ва табиӣ, бӯҳронҳои иҷтимоӣ муваффақ гардонад. Дар ҳолати заифӣ ва номукаммалии механизми мазкур давлат ва ҷомеа рушди мутаносибро таъмин карда наметавонанд.



**Калидвожаҳо:** давлат, механизми давлатӣ, бехатарӣ, рушди устувор, хатар, таҳдид, бӯҳрон, сохтори конститутсионӣ, асосҳои ҳокимият, мақомоти ваколатдор, ниҳодҳои давлатӣ, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ.


## ГОСУДАРСТВЕННЫЙ МЕХАНИЗМ ОБЕСПЕЧЕНИЯ БЕЗОПАСНОСТИ И УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ОБЩЕСТВА


Статья посвящена одному из важных вопросов развития системы современных государств. В статье особо охарактеризована эффективность и разнонаправленность деятельности государственного механизма обеспечения

безопасности и устойчивого развития общества. В условиях реализации государственной политики для Таджикистана решается вопрос обеспечения безопасности, укрепления основ устойчивого развития общества, защиты прав и свобод человека. Обеспечение безопасности и развития общественных отношений, повышение уровня жизни и социальной защиты населения считается важным вопросом. В группу перечисленных вопросов входят важные вопросы для демократических стран, переживающих процесс развития.В политической и социальной системе современного Таджикистана на основе разного понимания вопросов, связанных с развитием государственной системы, системой государственного управления, процессом реализации государственной политики, эффективностью государственной власти, важно определить и сделать более эффективным государственный механизм обеспечения безопасности и развития таджикского общества. Государственный механизм обеспечения безопасности и устойчивого развития представлен как неотъемлемая часть единого механизма обеспечения безопасности и устойчивого развития таджикского общества. Устойчивость основы механизма безопасности может помочь Таджикистану в борьбе с угрозами и опасностями современности, поможет преодолеть кризис развития общества, сложности и неорганизованность протекания политических процессов и событий, геополитические столкновения политические и идеологические возмущения, экономические противоречия, экологические и природные риски, социальные кризисы. В случае слабости и несовершенства этого механизма государство и общество не могут добиться сбалансированного развития.

**Ключевые слова:** государство, государственный механизм, безопасность, устойчивое развитие, опасность, угроза, кризис, конституционное устройство, основы власти, уполномоченные органы, государственные институты, суверенитет, тереториальная целостность.

**STATE MECHANISM FOR ENSURING SECURITY AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF SOCIETY**

The article is devoted to one of the important issues in the development of the system of modern states. The article especially characterizes the effectiveness and multidirectionality of the activities of the state mechanism for ensuring the security and sustainable development of society.In the context of the implementation of state policy for Tajikistan, the issue of ensuring security, strengthening the foundations of sustainable development of society, protecting human rights and freedoms, ensuring security and developing social relations, improving the standard of living and social protection of the population is considered an important issue. The group of issues listed includes important issues for democratic countries undergoing a process of development.In the political and social system of modern Tajikistan, based on a different understanding of issues related to the development of the state system, the system of state administration, the process of implementing state policy, the effectiveness of state power, it is important to determine and make more effective the state mechanism for ensuring the security and development of the Tajik society. The state mechanism for ensuring security and sustainable development is presented as an integral part of a single mechanism for ensuring security and sustainable development of the Tajik society. The stability of the basis of the security mechanism can help Tajikistan in the fight against the threats and dangers of modernity, the crisis of social development, the complexity and disorganization of political processes and events, geopolitical clashes, political and ideological disturbances, economic contradictions, environmental and natural risks, overcoming social crises. If this mechanism is weak and imperfect, the state and society cannot achieve balanced development.

**Keywords:** state, state mechanism, security, sustainable development, danger, threat, crisis, constitutional structure, foundations of power, authorized bodies, state institutions, sovereignty, territorial integrity.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Зокиров Гулмаҳмад Нозимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор, кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918 – 70 – 89 -57**
***Асламзода Некрӯз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистент, кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900 27 47 87.** E-mail: **nekruz-9191@inbox.ru**

**Сведения об авторах**: ***Зокиров Гулмахмад Нозимович*** - Таджикский национальный университет, доктор политических наук, профессор, кафедра политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918 – 70 – 89 -57**
***Асламзода Некруз –*** Таджикский национальный университет, ассистент, кафедра политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900 27 47 87.** E-mail: **nekruz-9191@inbox.ru**

**Information about the authors:** ***Zokirov Gulmakhmad Nozimovich*** - Tajik National University, Doctor of Political Sciences, Professor, Department of Political Science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-70-89-57**
***Aslamzoda Nekruz*** – Tajik National University, assistant, department of political science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 900 27 47 87.** E-mail: **nekruz-9191@inbox.ru**

ТДУ: 321.3(575.3)

# СИЁСАТИ МУВАФФАҚ ВА ТАШАББУСҲОИ ОЯНДАСОЗИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ОМИЛИ ПАЙВАНДГАРИ ТОҶИКИСТОН БО ҶАҲОНИ МУОСИР

*Раҳмонзода А.Ш.*
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Марҳилаҳои муосири инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ алоқамандии зич ва таъсирбахшии мутақобилаи ҳамкориҳоро дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ тақозо менамояд. Зеро, маҳз дар ҳамбастагӣ ва ҳамкории муштарак инсоният ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мураккабу мубрам қодир буда метавонад.

Аз чунин мавқеъ сиёсати хориҷӣ ин роҳу самтҳои муайянкардаи давлат дар фаъолияти байналмилалӣ мебошад, ки ин муносибатҳоро бо дигар давлатҳо вобаста ба принсип ва манфиатҳои худ ба воситаи шакл ва усулҳои гуногун ба амал мебарорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири истиқлоли сиёсӣ дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббусҳои ҷаҳонии ин шахсияти барӯманд тавонист ҷойгоҳи шоиста ва таърихиеро дар ҷаҳони муосир ва арсаи байналмилалӣ барои худ касб намояд, илова бар ин, ҳеҷ гуна тасмимгирии дастаҷамъиро дар минтақа бе ҳузури фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавон тасаввур кард. Имрӯз аз рисолати волои истиқлолият миллатеро бо номи тоҷик ва кишвареро бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи байналмилалӣ эътироф намудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар ҳама давру замон кишварҳои алоҳида ҷиҳати ҳифзи манофеи миллии худ дар арсаи байналмилалӣ, расидан ба ҳадафҳои умумибашарӣ ва ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ба як навъ ҳамгироиву иттиҳоди боэътимоду боварибахш ниёз доранд. Аз ин лиҳоз, ба роҳ мондани чунин навъи иттиҳоди боэътимод дар шакли созмонҳои байналмилалӣ, ки яке аз ниҳодҳои пуриқтидори дастгирии сулҳ ва амнияти байналмилалӣ мебошанд, омили асосии расидан ба марому мақсадҳои ягона дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Вақте аз назари коршиносӣ ва диди воқеъбинона баҳо диҳем, ки чи гуна Ҷумҳурии Тоҷикистон – як кишвари ошӯбзадаву дар ҳоли ҷанг қарордошта ба оромтарину босуботтарин кишвари минтақа ва яке аз кишварҳои осоиштаву бонизом дар ҷаҳон табдил ёфт, мусаллам хоҳад гашт, ки ин ҳама дастоварду комёбиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи барномарезии дақиқ, талошҳои пайгирона ва хидматҳои софдилонаи фарзанди фарзонаи миллати шарафманди тоҷик, Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон аст.

“Таҷрибаи инсоният собит месозад, ки шахсияти сарвари давлат дар ташаккули самтҳои сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ, пояҳои иқтисоди ҳар як давлати муосир нақши калидӣ дорад. Ба ҳамин хотир дар сарнавишти халқи тоҷик, дар бунёди давлати муосири тоҷикон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши муҳим ва таърихӣ бозиданд. Чи тавре ки таҷрибаи идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, маҳз шахсияти Сарвари давлат роҳи таърихии рушди Тоҷикистонро муайян кардааст”[13,с.76].

Нигоҳе аз даричаи имрӯз ба рӯзҳои аввали таъсиси давлатдории тоҷикон пас аз истиқлол ва ташаккули заминаҳои сиёсати хориҷӣ нишон медиҳад, ки роҳандозии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ низ дар он шабу рӯз чун ҷузъи раванди умумии ҳаводиси кишварҳои пасошуравӣ сурат мегирифт.

Таҷрибаи таърихи сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки доштани Пешвои миллӣ, эътирофи бунёдгузори давлат барои рушди худшиносӣ ва роҳи ҳамвори тараққиёти давлатдорӣ вобаста ба шароити дохилию байналмилалӣ шарт ва зарур аст. Маҳз барои миллати азиятзада, ранҷкашида ва борҳо аз давлатдорӣ маҳрумгардидаи тоҷик дар шароити ҷаҳони ноороми имрӯз доштани Пешвои сиёсӣ, эътирофи “Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат” ҳамчун рамзи муттаҳидии халқ атрофи ғоя ва андешаҳои ӯ аҳаммияти бештари таърихӣ, замонавӣ ва ояндабиниро касб мекунад [12,с.13].

Бо шарофати хиради азалӣ, иродаи қавӣ ва малакаи беназири сиёсии худ, Пешвои миллат дар як муддати нисбатан кӯтоҳ асосҳои давлатдории миллиро эҳё намуда, шиддати

ҷанги бародаркуши шаҳрвандиро дарҳам шикананд ва ба раванди барқарор намудани ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот дар кишвар оғоз бахшанд. Дар ин замина Пешвои миллат истифодаи самараноки имкониятҳои байналмилалиро ҷиҳати фурӯ нишондани алангаи ҷанги шаҳрвандӣ ва таъмини сулҳу субот дар кишвар ба ҳайси вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати хориҷӣ қарор доданд.

Пешвои миллат иброз доштанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи равшан ва мусбии робитаи байни "амният" ва "рушд" ба ҳисоб меравад. Бо кумак ва мусоидати Созмони Милали Муттаҳид мо аввалин шуда барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола эҳтиёҷи кишварамонро ҳамаҷониба арзёбӣ намудем [9,с.112].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат тавонист дар даврони истиқлолият на танҳо равобити судманд бо ҷаҳони хориҷ барқарор созад, балки бо пайдо намудани равиши хосси дипломатияи худ, ки бар ҳифзи манофеи миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст, ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масоили ҷаҳонӣ шинохта шавад.

Таърихи ҷаҳон собит месозад, ки дипломатия нахуст дар заминаи созишномаҳои байнидавлатӣ рӯйи кор омадааст, ки аз ҷониби ҳокимон ва шоҳони бонуфузи давлатҳо расмияти ҳуқуқӣ пайдо намудааст. Пайдоиши он, пеш аз ҳама, ба зарурати таъмини амният, иттиҳоди инсонҳо ва ҳамгироии давлатҳо иртибот дорад. Зеро баъди фоҷиаҳои хунини байнидавлатӣ шоҳони давлатҳои қадим барои наҷоти давлат ва халқи худ рӯ ба ҷониби гуфтушунид меоварданд, ки дар таърихи инсоният бо номи дипломатия маъруф аст.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷаҳон чун кишвари ташаббускор дар ҳалли масоили ҷаҳонӣ ва таъсиргузор дар танзими равандҳои сиёсии минтақа мешиносанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон қадамҳои устувор гузошта, бо пешбурди сиёсати мантиқӣ ва пешниҳодҳои созандааш мавқеи худро таким бахшид.

1. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, 1 октябри соли 1999) – эълон намудани соли 2003 – Соли оби тоза. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд. 29 август – 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид.

2. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт". 23 декабри соли 2003 Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015 – ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон кард.

3. Ташаббуси эълон намудани соли 2013 ҳамчун соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об. Соли 2013 ҷомеаи байналмилалӣ, бино бар қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, №67/204, ки муаллифаш Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи обро эълон намуд. Маросими оғози Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар Париж 11 феврали соли 2013 баргузор гардид, ки дар он Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуд.

4. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор". 21 декабри соли 2016 Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2018-2028 –ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" эълон кард. Қобили зикр аст, ки ташаббуси мазкур бори аввал аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 апрели соли 2015 зимни Форуми ҷаҳонии об дар шаҳри Тегуи Ҷумҳурии Корея ироа гардида буд.

Ин ташаббус аз тарафи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо қатъномаи A/RES/71/222 қабул карда шудааст. Мутобиқи қатъномаи мазкур, давраи солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилаллии амал "Об барои рушди устувор" эълон шуда, он аз 22-юми марти соли 2018 оғоз ёфт ва 22 марти соли 2028 ба анҷом мерасад.

Яъне, ҳадафи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд таъкиди зарурати ҳалли масъалаҳои вобаста ба об ҳамчун ҳастии ҳаёт ва рушди устувори инсоният аст.

Дар ин робита, бояд зикр кард, ки моҳи июни соли 2018, пас аз оғози расмии Даҳсолаи мазкур дар шаҳри Ню-Йорк дар рӯзи ҷаҳонии об (22 март), дар шаҳри Душанбе бо иштироки намояндагони воломақоми давлату ҳукуматҳои кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028" баргузор гардид, ки зимни он доираи васеи масъалаҳои марбут ба захираҳои об мавриди баррасӣ қарор дода шуданд [1,с.49].

5. Пешниҳоди навбатии Пешвои миллат, ки 14 декабри соли 2022 дар иҷлосияи 77-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод гардида буд, бо иттифоқи оро қабул шуд. Ин иқдом бо пуштибонии 153 кишвари узви Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд. 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардид ва дар назди Созмони Милали Муттаҳид Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо таъсис гардида, дар соли 2025 доир намудани конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе ба нақша гирифта шуд.

Ҳоло бо дарназардошти пазироии гарми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ташаббуси нави Пешвои миллат оид ба эълон гардидани соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, дар марҳилаи татбиқи ин амр Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор бештар аз ҳар вақти дигар мавриди таваҷҷуҳ хоҳад буд. Зеро таҳлилгарон бар ин боваранд, ки ташаббуси пурарзиши Пешвои тоҷикони ҷаҳон дар рушди устувор ва мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об, татбиқи лоиҳаву барномаҳои хос, таҳкими ҳамкорӣ ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об нақши бориз хоҳад гузошт.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳанӯз моҳи марти соли 2021 зимни нахустин ҷаласаи пешвоёни Эътилофи обу иқлим Пешвои миллат иброз дошта буданд, ки обшавии босуръати пиряхҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки аз афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Бо дарназардошти ин, Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки ҷиҳати тамаркуз кардан ба масъалаи мазкур дар сатҳи байналмилалӣ соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо муайян гардида, Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шавад.

Мояи ифтихор аст, ки дар асоси ин Қатънома пешниҳодҳои ироашудаи Пешвои миллат аз ҷониби кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла:

– эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;

– эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;

– дар назди Созмони Милали Муттаҳид таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо;

– Дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе.

Қатъномаи мазкур аҳаммияти пиряхҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири ҷиддии обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор зикр намудааст. Инчунин, дар ин санад таъкид шудааст, ки таъсири гармшавии глобалӣ боиси коҳиши густурдаи криосфера шудааст, ки дар натиҷа устуворӣ дар минтақаҳои баландкӯҳҳо кам шуда, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пиряхдор тағйир додааст. Ин омил ба паст шудани маҳсулоти маҳаллии кишоварзӣ, афзоиш ёфтани норасоии об ва баланд шудани сатҳи миёнаи баҳрӣ таъсир расонида истодааст.

Дар ҷаҳони муосир яке аз масъалаҳои муҳим ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб меравад, зеро он шарт ва заминаи асосии таъминкунандаи ҳаёти наслҳои ояндаи инсониятро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин, дар фазои муносибатҳои экологӣ тамоми мушкилоти мавҷуда ба самтҳои алоҳида таснифбандӣ гардидаанд. Миёни мушкилот ва муаммоҳои экологии замони муосир масъалаи обшавии пиряхҳо, ки ҳамчун захираи бунёдии оби ошомидании тоза баромад менамояд, ба мушкилоти рақами якуми ҷомеаи башарӣ табдил ёфтааст.

Тағйирёбии ҷаҳонии иқлим, сол то сол гармтар шудани ҳаво аз мушкилоти ҷиддии экологиест, ки тайи чанд даҳсолаи охир ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш ва бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ кардааст. Оқибати ин тағйирёбӣ ба захираҳои обии Осиёи Марказӣ таъсиррасон буда, аллакай аз худ дарак дода истодааст.

Вобаста ба масъалаи об метавон қайд кард, ки об дар ҷаҳон, махсусан дар Осиёи Марказӣ неъмати бебаҳо, муҳимтарин унсури миллӣ ва амниятии минтақавист [5,с.153]. Он дар баробари неъмати истеъмолии зарурии ҳаётӣ будан, асосан дар хоҷагии халқ бо мақсади обёрии замин ва тавлиди энергия истифода бурда мешавад. Ҳоло муайян карда шудааст, ки зиёда аз 90%-и оби ҳавзаи Баҳри Арал дар обёрии кишоварзӣ сарф мегардад. Бо афзоиши аҳолӣ ва беш аз пеш расидани кишварҳои минтақа ба шукуфоии иқтисодӣ талабот ба об торафт зиёд мешавад. Дар шаст соли охир шумораи аҳолӣ дар минтақа аз 20 миллион ба 65 миллион нафар ва талабот ба истеъмоли солонаи об аз 60 $км^3$ ба 110 $км^3$ расида, мувофиқи пешгӯиҳои илмӣ, ин талабот то соли 2030 боз то 20% афзоиш хоҳад ёфт. Вобаста ба тағйирёбии иқлим ва ба таври бесобиқа гарм шудани ҳавою обшавии аз меъёр зиёди пиряхҳо масъалаи таъминоти минтақа бо обро дар солҳои наздик боз ҳам печидатар хоҳад кард.

Аз ин рӯ, ба масъалаи муносибати оқилонаю сарфакорона ба об ҳамчун неъмати бебаҳо ва бо чизе ивазнашавандаи табиат Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи 20 соли охир ташаббускори фаъоли масъалаҳои марбут ба об дар сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи пиряхҳо ва захираҳои обӣ бо Пешвои миллат яке аз ҷойгоҳи калидиро дар меҳвари сиёсати умумиҷаҳонӣ касб намудааст.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз асосгузорон ва узви фаъоли Фонди байналмилалии наҷоти Арал, Комиссияи байнидавлатӣ оид ба рушди устувор ва Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ аст. Аз ин лиҳоз, ҷумҳурии мо бо дарназардошти манфиатҳои кишварҳои наздисоҳилӣ бояд аз захираҳои оби дар ихтиёрдоштааш оқилона истифода намояд.

Манбаи ин оби фаровон, дар навбати аввал, агар бориши зиёди барфу борон дар минтақаҳои баландкӯҳ бошад, аз сӯйи дигар, пиряхҳое мебошанд, ки дар натиҷаи пайиҳам боридани барф ва аз сардии ҳаво ба зудӣ об нашудани онҳо дар ин минтақаҳо қомат афрохтаанд. Барфҳои доимӣ дар фарозҳои бузург зери таъсири вазни худ ғафс шуда, тадриҷан ба яхи фирновии (куҳнаи) донакдор ва пас аз гузашти муддате боз ҳам ғафстар гардида, ба яхи шаффофи пурҷило табдил меёбанд.

Қариб нисфи ҳамаи қитъаҳои пиряхии Осиёи Миёна дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баландии 3500-5300 метр аз сатҳи бахр воқеъ гардидаанд.

Албатта, ин пазироӣ ба сифати кишвари ташаббускор асосҳои худро дошта, дар ин замина то ба имрӯз дар аксари паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои экологӣ ва ҳалли мушкилоти соҳа дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон зикри худро ёфтаанд.

Алалхусус, дар меҳвари паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан масъалаҳои тағйирёбии иқлим, норасоии оби нӯшокӣ, обшавии пиряхҳо ва таъмини аманияти экологии инсоният қарор гирифтаанд.

Дар ҳамин раванд соли 2008 дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид гардида буд: «Дар шароити тақвият ёфтани раванди гармшавии ҷаҳонии иқлим масъалаи аз меъёр зиёд об шудани пиряху қабатҳои барфи минтақаҳои ташаккули захираҳои об боиси нигаронии шадид мебошад» [2].

Дар мавриди зикршуда ҳолати таъсири нобасомони гармшавии иқлимро нисбат ба пиряхҳо мушоҳида карда метавонем, ки дар ҳолати чораҷӯйӣ накардан аз ҷониби мамлакати алоҳида ва ё дар якҷоягӣ давлатҳои минтақа ва ҷаҳон метавонад ба оқибатҳои ногувори табиӣ оварда расонад. Дар баробари ин, обшавии пиряхҳо барои нигоҳдории муътадили обанборҳои сунъӣ сохташуда, неругоҳҳои барқию обӣ, киштзорҳо, ҷойҳои аҳолинишин метавонад таҳдиди бевосита дошта бошад, зеро аз меъёри муқаррарӣ зиёд шудани об дар гардиш метавонад ба ин оқибатҳои ишорагардида оварда расонад.

Дар баробари ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 21 декабри соли 2021 таъкид шудааст, ки "тайи чанд даҳсолаи охир тақрибан сеяки ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвари мо, ки зиёда

аз 60 фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ аз онҳо ташаккул меёбад, аз байн рафтааст. Дар ин замина, кишвари мо бо мақсади эълон намудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, мушаххас намудани Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо ва таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххо якҷо бо шарикони байналмилалии худ саъй карда истодааст. Вобаста ба тағйирёбии иқлим, баландшавии бесобиқаи ҳарорати миёнаи кураи Замин ва пайомадҳои манфии он барои ҳаёти инсон, олами ҳайвоноту наботот ва пирях҇ҳои кишвар зарур аст, ки олимони мо омӯзиш, таҳқиқ ва мониторинги доимиро дар ин самтҳо ба роҳ монда, роҳу усулҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро якҷо бо олимони минтақа ва ҷаҳон коркард ва амалӣ намоянд" [3].

Аз ин рӯ, масоили вобаста ба мушкилоти тағйирёбии иқлим, норасоии оби нӯшокӣ, обшавии пиряххо ва таъмини амнияти экологии инсоният дар меҳвари ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст.

Вобаста ба ин, Пешвои миллат чунин иброз менамоянд: "…тағйирёбии глобалии иқлим ба сифати яке аз мушкилоти муосир, пеш аз ҳама, ба ҳолати пиряххо, захираҳои барф ва об таъсири манфӣ мерасонад. Ман оид ба ин масъала аз минбарҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ борҳо таъкид карда будам. Ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк мекунад, ки коҳиш ва харобшавии минбаъдаи манбаъҳои обҳои ошомиданӣ дар сайёра метавонад аҳли башарро ба фалокатҳои зиёди ҷонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дучор намояд. Аз ин лиҳоз, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим меояд, ки барои ҳалли ин масоили экологӣ ҳарчи зудтар чораҳои зурурии муштаракро таҳия ва татбиқ намояд" [4].

Пешвои миллат 3 марти соли 2021 дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим пиряхҳоро захираи асосии оби соф арзёбӣ карда, изҳор доштанд, ки обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад. Пешвои миллат сабаби асосии тағйирёбии иқлимро дар обшавии босуръати пиряххо дар натиҷаи гармшавии ҷаҳонӣ маънидод карданд.

Дар ин робита Пешвои миллат пешниҳод карданд, ки соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардида, санаи Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо муайян карда шавад. Пешниҳоди дигари ҷониби Тоҷикистон таъсис додани Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряххо буд.

Аз ин лиҳоз, ба назари мо, чунин ташаббус ва иқдомоти Пешвои миллат, ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди устувори кишвар дар солҳои дигар мусоидат карда, бар замми ин барои тақвияту вусъати ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ба мисли Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаву ниҳодҳои он замина мегузорад.

Пешвои миллат дар суханронии худ дар ҳошияи Иҷлосияи бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27), чунин иброз намуда буданд: «Мо дар доираи талошҳоямон барои омодагӣ ба Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид, ки моҳи марти соли 2023 таҳти раёсати Тоҷикистону Нидерланд баргузор мегардад, ҳамбастагии обу иқлимро ба ҳайси яке аз мавзуъҳои асосии Конфронс пешниҳод намудаем. Мо, ҳамчунин, дар Конфронси дуюми Душанбе оид ба Даҳсолаи об тарҳи Рӯзномаи амал дар соҳаи обро, ки бояд ӯҳдадориву амалҳоро дар чорчӯбаи Конфронси соли оянда ба ҳам оварад, манзур намудем. Итминон дорам, ки кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор тавассути иштироки фаъол, гирифтани ӯҳдадорӣ ва суръатбахшии амалҳо дар татбиқи ин масъулияти бузург моро дастгирӣ хоҳанд кард» [10].

Ҳамчунин, дар суханронии хеш Пешвои миллат таъкид намуданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 93 фоизи ҳудуди кӯҳсораш дар баробари тағйирёбии иқлим хеле осебпазир мебошад. Таъкид низ гардид, ки ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ хеле ночиз аст ва дар ин радабандӣ дар ҷойи 130-ум қарор дорад, яъне аз рӯйи андозаи пасти чунин партовҳо мавқеи пешсафро ишғол менамояд. Зиёда аз 98 фоизи неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда, яъне "энергияи сабз", бахусус гидроэнергетика ба даст меояд ва аз рӯйи ин нишондиҳанда кишвари мо дар ҷаҳон дар мақоми шашум қарор дорад.

Қобили зикр аст, ки дар чаҳорчӯбаи пешниҳодҳои болозикри ҷониби Тоҷикистон дар соли 2025 дастгирӣ ёфтани баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе – пойтахти кишвари азизи мо аз ҷониби аксари кишварҳои ҷаҳон бозгӯйи давлати пешоҳанг ва бунёдгузори ташаббусҳои созандаву фарогир будани Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Воқеан, баргузории конфронси мазкур метавонад барои муколамаи сатҳи байналмилалии илмӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ роҷеъ ба ҳалли масъалаҳои бартарафсозии хатарҳои обшавии пиряхҳо ва таъминоти аҳолии сайёра бо об замина фароҳам созад.

Бо дарназардошти ин, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон якдилона пазируфта шуд, ки ҳолати мазкур некбинона ва ояндасоз будани сиёсати экологии Ҳукумати мамлакат, хосатан Пешвои муаззами миллатро ифода менамояд.

Дар баробари ин, ҷиҳати амалисозии ҳадафҳои милливу байналмилалӣ ва мақсаднок гузаронидани Конфронси болозикр вазорату идораҳо, ташкилоту муассиса, ниҳодҳои давлатӣ ва ташкилоти байналмилаливу ҷамъиятии дар ҳудуди кишвар фаъолияткунандаро зарур аст, ки мушкилот, масъалаҳо, мавзуъҳо ва таҳқиқоти илмиву амалии марбут ба ҳифзи прияхҳоро коркард намуда, ҷиҳати чораандешии дарозмуҳлат дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ барои баррасӣ дар ҳамоиши мазкур пешниҳод созанд.

Тағйирёбии иқлим дар сайёра масъалаи танҳо як кишвар нест. Ин офати сустҳаракаткунанда аст ва оқибат ба ҳама кишварҳо таъсири манфӣ мерасонад. Пешгирии тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо ба инсоният вобастагии зич дорад ва итминон дорем, ки бо пешниҳодҳои ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои олам тадбирҳои зарурииро барои нигоҳ доштани пиряхҳо ва тағйирёбии иқлим сари вақт амалӣ месозанд.

Ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат аз он дарак медиҳанд, ки чунин ташаббусҳо на танҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии давлатҳо, балки ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи захираҳои обӣ, инчунин, роҳандозӣ гардидани ислоҳоти дурусти муҳофизати пиряхҳо нақши муҳиму созанда ва бунёдӣ доранд. Зеро дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат дар баробари пешрафти соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вазъи ҷомеа низ тағйир ёфта, барои ба танзим даровардани муносибатҳои муҳимми ҳифзи пиряхҳо зарурати қабули санадҳои нав ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда пеш омаданд.

Дар чунин дунёи пурталотум сиёсати хориҷии мустақил ва озод, ки тавассути Пешвои миллат роҳандозӣ ва ҳидоят мешавад, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бо чанд маркази муҳимми қудрат ва бозингарони асосии ҷаҳон ва минтақа муносибати ботавозун ва баробар дошта бошад.

Умумияти ҳадафу вазифаҳое, ки дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, зарурати рушду таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии онҳоро бар пояи дӯстӣ, эътимод ва ҳамкории судманд, аз ҷумла дар арсаи тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ ва иҷтимоиёт таъкид менамоянд. Бо такя ба ин усул мо метавонем ҳамкориро дар соҳаи амният низ густариш бахшида, ҳамроҳ бар зидди таҳдиду хатарҳои ҷаҳонии муосир дар минтақа муқовимат ва истодагарӣ намоем.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷаҳон чун кишвари ташаббускор дар ҳалли масоили ҷаҳонӣ ва таъсиргузор дар танзими равандҳои сиёсии минтақа мешиносанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон қадамҳои устувор гузошта, бо пешбурди сиёсати мантиқӣ ва пешниҳодҳои созандааш нуфуз ва мавқеи худро мустаҳкам нигоҳ медорад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми он барои ҳаллу фасли чолишҳои ҷаҳонӣ эътимод дорад [11,с.436].

Ба таъкиди Пешвои миллат, пиряхҳо – манбаи асосии оби тоза мебошанд. Обшавии босуръати пиряхҳо ва ҳамчунин афзоиши масрафи об вобаста ба афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ ба ҳаёт ва некуаҳволии садҳо миллион нафар одамон таҳдид мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрасӣ ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи ҷомеаи байналмилалӣ дар ростои тағйири иқлим ва ҳифзи пиряхҳо бо дарназардошти

имкониятҳои молиявию иқтисодии худ ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ минбаъд низ саҳми худро дар самти кам кардани оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим хоҳад гузошт.

Ҳамин тариқ метавон хулоса кард, ки сиёсати муваффақ ва ташаббусҳои ояндасози Пешвои миллат боис гардид, ки оламиён Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари мустақил эътироф намоянду тоҷиконро ба ҳайси мардуми дорандаи таърихи куҳан, сулҳпарвар, башардӯст ва бунёдкор шиносанд. Ба ақидаи коршиноси тоҷик Р.Ҷ. Ҳайдаров, ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ташаккули имиҷ\симои мусбати байналмилалии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуд: "Нақши калидиро дар ташаккули симои мусбати байналмилалии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии дунё маҳз ташаббусҳои Сарвари мамлакат, ки марбут ба об аст, иҷро кардаанд" [14,с.141].

Махсусан, силсилаи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун "Раванди оби Душанбе" пазируфта шудааст, кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври хос муаррифӣ кардааст. Ҳоло иқдоми панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон – эълон гардидани соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо дар сатҳи милливу минтақавӣ ва ҷаҳонӣ амалӣ хоҳад шуд. Дар ин ҳошия, масъалаи тағйирёбии ҷаҳониии иқлим ва зарурати талошҳои муштарак барои рафъи оқибатҳои он ҳамчун мушкилоти ҷиддии замони муосир мавриди таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор гирифтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ташаббусҳои Пешвои муаззами миллат саривақтӣ буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб пазируфта шуда, дар сатҳи байналмилалӣ пайравӣ ва татбиқ гардида истодаанд.

**Муқарриз: н.и.т., дотсенти ДМТ -Шарипов А.Н.**


**АДАБИЁТ**

1. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди 11. – Душанбе: "Фасли-4" 2021. – 424 с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25.04.2008 [Манбаи электронӣ]. URL:http://www.prezident.tj/node/195 (санаи муроҷиат 21.12.2022)
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj/node/27417 (санаи муроҷиат 21.12.2022)
4. Паёми шодбошии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 15.12.2022 [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj/node/29795 (санаи муроҷиат 21.12.2022)
5. Раҳмонзода А.Ш. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир. Монография. – Душанбе, 2022. – 172 с.
6. Раҳмонзода А.Ш. Стратегияи оид ба об ва масъалаҳои об ҳамчун омили ташаккули ҳувияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Об чун омили амният ва ҳамкорӣ дар кишварҳои ИДМ» бахшида ба оғози ташаббуси глобалии Тоҷикистон "Даҳсолаи байналмилалии амал-об барои рушди устувор дар солҳои 2018–2028". –Душанбе: Муассисаи нашриявии "Дониш"-и АИ ҶТ, 2018. –С. 14–20. (дар ҳаммуаллифӣ)
7. Раҳмонзода А.Ш. Пешвои миллат – ташаббускор дар ҳалли мушкилоти ҷаҳони муосир (масъалаи об) //Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон. 5-6 октябри соли 2021, н. Данғара. –С. 465-471.
8. Раҳмонзода А.Ш. Саҳми Пешвои миллат дар пешбурди сиёсати обӣ дар ҷаҳони муосир // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии "Президент-кафили рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум", 13-14 ноябри соли 2021. Нашриёти "Ношир". –Хуҷанд, 2022. -С. 230-237.
9. Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи масъалаҳои мубрам ва ибтикороти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: ҶДММ "Контраст", 2018. – 422 с.
10. Суханронӣ дар иҷлосияи бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27). [Манбаи электронӣ]. URL:http://www.prezident.tj/node/29562 (санаи муроҷиат 21.12.2022)
11. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: "Ганҷ-нашриёт", 2018. – 436 с.
12. Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат. –Душанбе: Маориф, 2016. – 414 с.
13. Ҳайдаров Р.Ҷ. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва саҳми ӯ дар таҳкими рукнҳои давлати миллӣ / Р.Ҷ. Ҳайдаров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.-№4.-2023. -С.76-81.
14. Хайдаров Р.Дж. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон и его роль в формировании международного имиджа государства//Евразийский юридический журнал. -2021. -№7(158). -С. 140-142.

## СИЁСАТИ МУВАФФАҚ ВА ТАШАББУСҲОИ ОЯНДАСОЗИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ОМИЛИ ПАЙВАНДГАРИ ТОҶИКИСТОН БО ҶАҲОНИ МУОСИР

Дар мақола сиёсати муваффақ ва ташаббусҳои ояндасози Пешвои миллат ҳамчун омили пайвандгари Тоҷикистон бо ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Пешвои миллат дар баробари инкишоф ва рушд додани давлати тоҷикон, инчунин, дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ ташаббусҳои бузургеро роҳандозӣ намудаанд, ки мавриди пазироии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидаанд. Таъкид мешавад, ки ташаббусҳо дар соҳаи об, ҳифзи приряххо, пеш аз ҳама, ба таҳкими ҳамкорӣ ва танзими муносибатҳо дар ин соҳаи ҳаётан муҳим нигаронида шуда, мавзуи обро аз чаҳорчӯбаи фаҳмиши классикӣ ва куҳнашудаи он раҳо карда, назари навро дар истифодаи захираҳои обии минтақа талқин менамоянд, ҳадафи истифодаи таҷрибаи пешрафтаи якдигар ва ҷаҳонро дар ҳалли масъалаҳои баҳсноку низоъангез, аз ҷумла, идоракунии захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ пайгирӣ мекунанд.Ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат фаромиллӣ буда, ба беҳбуди зиндагию рӯзгори на танҳо мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки мардуми минтақа ва ҷаҳон нигаронида шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Пешвои миллат, ҷомеаи ҷаҳон, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, ташаббусҳо, СММ, сиёсати муваффақ, масоили об, ҳамгироӣ, мушкилот.

## УСПЕШНАЯ ПОЛИТИКА И ПЕРСПЕКТИВНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ЛИДЕРА НАЦИИ – ФАКТОР, СВЯЗЫВАЮЩИЙ ТАДЖИКИСТАН С СОВРЕМЕННЫМ МИРОМ

В статье анализируется успешная политика и перспективные инициативы Лидера Нации как фактор, связывающий Таджикистан с современным миром. Наряду с развитием таджикского государства, Лидер нации также выступил с большими инициативами в решении глобальных вопросов, которые были встречены мировым сообществом с одобрением. Подчеркивается, что инициативы в водной сфере, в первую очередь, направлены на укрепление сотрудничества и регулирование отношений в этой жизненно важной сфере, освобождение водной тематики от рамок ее классического и устаревшего понимания, поощрение нового взгляда на использование водных ресурсов региона, целью которых является использование передового мирового опыта в решении спорных вопросов, в том числе в области управления водными ресурсами трансграничных рек.Конструктивные инициативы Лидера Нации носят транснациональный характер и направлены на улучшение жизни и благосостояния не только народа Республики Таджикистан, но и народов региона и мира.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Лидер нации, мировое сообщество, международные отношения, внешняя политика, инициативы, ООН, внешняя политика, водные вопросы, интеграция, проблемы.

## SUCCESSFUL POLICY AND PROMISING INITIATIVES OF THE LEADER OF THE NATION IS A FACTOR LINKING TAJIKISTAN WITH THE MODERN WORLD

The article analyzes the successful policy and promising initiatives of the Leader of the Nation as a factor connecting Tajikistan with the modern world. Along with the development of the Tajik state, the Leader of the Nation also came up with great initiatives in solving global issues, which were met with approval by the world community.It is emphasized that initiatives in the water sector, protection of streams, first of all, are aimed at strengthening cooperation and regulating relations in this vital area, freeing the water subject from the framework of its classical and outdated understanding, encouraging a new look at the use of water resources in the region, the purpose of which is the use of each other and the best world experience in resolving controversial issues, including in the field of water management of transboundary rivers.The constructive initiatives of the Leader of the Nation are transnational in nature and are aimed at improving the life and well-being of not only the people of the Republic of Tajikistan, but also the peoples of the region and the world.

**Keywords:** Tajikistan, Leader of the Nation, world community, international relations, foreign policy, initiatives, UN, foreign policy, water issues, integration, problems.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ* -** Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми таърих, муовини директор оид ба илм ва таълим**. Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **900-18-00-38.** E-mail: **raxmonzoda92@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Рахмонзода Азимджон Шерали*** – Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана, кандидат исторических наук, заместитель директора по науке и образованию. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **900-18-00-38.** E-mail: **raxmonzoda92@bk.ru**

**Information about the author:** ***Rahmonzoda Azimjon Sherali* -** Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Deputy Director for Science and Education. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **900-18-00-38.** E-mail: **raxmonzoda92@bk.ru**

ТДУ: 320.15

# ТАРҲИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶОМЕА: ХУСУСИЯТҲОИ ТАРКИБИЮ ФУНКСИОНАЛӢ

*Холов Х.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳангоми таҳқиқу таҳлили масъалаҳои системаи сиёсӣ тарзи муносибат ва тарҳи консепсияҳои гуногун истифода, бурда мешаванд ки ҳар яке аз ҷониби муҳаққиқони алоҳида, ё мактабҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд. Чунин гуногунрангии муносибат ба системаи сиёсӣ дар доираи марказҳои таҳқиқотӣ бештар сурат мегирад. Аммо дар сатҳи фаҳмиши муқаррарӣ,ду тарзи муносибат бештар афзалият дорад ва қобили қабул аст. Аз ҷумла, муносибати институтсионалӣ, ки системаи сиёсии ҷомеаро тавассути институтҳои сиёсӣ, робитаҳои мутақобила ва баҳамтаъсирбахшии онҳо таҳлил менамояд; муносибати системанокӣ, ки дар он системаи сиёсӣ на танҳо тавассути институтҳои сиёсӣ, балки ба воситаи қоидаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ тавассути омилҳои сиёсӣ, ки дар рафтору фаъолияти одамон таҷассум меёбанд, муайян мегардад [7,с.18].

Мактабҳои илмҳои сиёсӣ асосҳои гуногуни мантиқии таснифоти системаи сиёсиро амалӣ мегардонанд.

Яке аз чунин муносибатҳо муносибати форматсионӣ мебошад, ки ба марксизм, мансуб дониста шуда, мувофиқи он ҳар як форматсияи ҷамъиятию иқтисодӣ системаи сиёсии мувофиқро пайдо менамояд. Тибқи таълимоти марксизм нақши асосиро дар системаи сиёсии ҷомеа синфҳо мебозанд. Ҳамзамон, мубориза синфӣ воситаи пешрафти ҷомеа ва хосиятҳои сифатан нав пайдо кардани ситемаи сиёсӣ мегардад. Он, дар навбати худ, ба қоидаҳо, меъёрҳо ва арзишҳо асосмеёбад, ки дар заминаи манфиатҳо ва талаботҳои меҳнаткашон ташаккул ва инкишоф ёфтаанд.

Тарҳи иҷтимоию кибернетикӣ яке аз консепсияҳои аввалини системаи сиёсӣ маҳсуб меёбад, ки аз ҷониби олими барҷастаи америкоӣ Дэвид Истон пешниҳод гардидааст. Дар саромади таълимоти Д. Истон он ҷиҳат қарор дорад, ки ҳаёти сиёсиро ҳамчун зерсистемаи ҷамъиятӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Он натанҳо хосияти иҷтимоию системавӣ, балки хусусиятҳои кибернетикӣ низ дорад. Он системаи мураккаб, идорашаванда ва кушодаи иҷтимоиву сиёсӣ бо алоқаи мавзуни бозгашт мебошад. Ин система бо муҳити атроф дар алоқамандӣ қарор дорад, таъсирҳоро қабул намуда, таъсиррасониро низ ба амал мебарорад. Таҳлили системаноки ҳаёти сиёсӣ ба тасаввурот дар бораи система, ки дар муҳите мавҷуд аст ва зери таъсири беруна қарор дорад, такя менамояд. Системаҳои тағйирёбанда дар ҳолати канора ба мазмун ва мундариҷаи онҳо таҳдид менамоянд. Агар система қобили ҳаёт бошад, бояд ба даъватҳо ва хатарҳою таъсиррасониҳо ҷавоб гардонад. Барои он ки амали ҳокимият самаранок гардад, зарур аст, ки дар бораи ҳодиса ахбороти лозимӣ гирд оварда шавад. Иттилооти заруриро пайдо намуда, ҳокимият дар муддати муайян, ҳеҷ набошад, дар сатҳи ақаллият системаро таҳким мебахшад [8,с.630-642].

Дар таҳқиқи системаи сиёсӣ муносибати методологии таркиботи функсионалӣ мақоми хосса дорад. Онро ҳанӯз сотсиолог ва антропологҳои фаронсавӣ дар солҳои 50-уми асри XX дар сатҳи мухталиф пешниҳод намуда буданд. Аммо тарзи муносибати мазкурро дар илми сиёсӣ муҳаққиқи америкоӣ Г.Алмонд мавриди истифода қарор додааст. Ӯ муносибати худро бо мафҳуми "дивелопменталӣ" ошкоро мегардонад, ки маънои мушоҳида намудани система дар тағйирот ва инкишофро ифода менамояд. Г.Алмонд системаи сиёсиро маҷмуи вазифаҳои тамоми таркиботи он медонист. Ӯ шаш навъи таркиботи системаи сиёсиро нишон додааст: қонунбарор, иҷроия, ҳокимияти судӣ, амалдорӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои фишоровар [2,с.156].

Тарҳи иттилоотӣ-коммуникативӣ низ дар таҳлилу таркиб ва натиҷагирии системаи сиёсии ҷомеа мақоми сазовор дорад. Онро К. Дойч асоснок намудааст. Асоси муносибати мазкурро тасаввурот дар бораи системаи сиёсӣ ҳамчун раванди идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии ташвишҳои ҷомеа дар хусуси амалигардии мақсадҳо ташкил медиҳад.

Муносибати културологӣ ба таҳқиқи системаи сиёсӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ мақом ва нақши хешро кайҳост, ки пайдо намудааст. Он, асосан, ҳамчун муносибати мухолифи системанокӣ ташаккул ёфтааст. Бархе аз муҳаққиқон, аз ҷумла Г. Алмонд, муносибати системанокиро нисбати тамоми ҷомеа ба таври унверсалӣ истифода намекарданд. Барои он ки таъсири сифатҳои културологиро ба системаи сиёсӣ муайян намояд, ӯ мафҳуми "маданияти сиёсӣ"-ро истифода намудааст ва таъсири онро ба системаи сиёсӣ барҷаста медонад. Муҳаққиқони дигар низ сиёсатро дар заминаи қоидаҳо, арзишҳо ва тарзи амалҳое тавсиф менамоянд, ки аҳаммияти културологӣ дошта, рафтори одамон, фаъолияти муассисаҳо ва ташкилотҳои тамоми системаи сиёсиро муайян менамоянд. Ч.Ф. Эндрейн дар ташаккули системаи сиёсӣ мақоми маданияти сиёсиро афзалтар медонад.

Аз нуқтаи назари марксизм, нақши ҳалкунандаро дар байни тамоми унсурҳои таркибии системаи сиёсии ҷомеа, бешубҳа, давлат мебозад. Давлат дорои дастгоҳи махсуси зӯроварӣ буда, инҳисори истифодаи зӯригарӣ дорад. Давлат чун қудрати асосӣ дар дасти синфи роҳбарикунанда қарор гирифта, ҳамчун васлкунандаи ирода ва манфиатҳои он дар ҳаёт ва асоситарин воситаи баамалбарории ҳокимияти сиёсӣ истифода мегардад.

Воқеан, давлат объективан ҳамчун муҳимтарин унсури таркибии системаи сиёсии ҷомеа аст. Давлат дар тули таърихи инкишофи ҷомеаи синфӣ то ба имрӯз ба таври пайваста шакл ва намуди худро тағйир дода, аммо мутаносибан мазмун, моҳият ва хосиятҳои худро ба таври зарурӣ ҳифз намудааст. Дар навбати худ, унсурҳои дигари системаи сиёсӣ, ки хусусияти сиёсӣ доранд, метавонанд дар марҳалаҳои муайяни рушди давлат ташаккул ёбанд, аз байн раванд, ё ин ки вазифаҳои ба дӯши он гузоштаро иҷро намоянд.

Дар баробари ин, метавон қайд намуд, ки ба унсурҳои таркибии системаи сиёсии ҷомеа, ки фаъолияташон то андозае хосияти сиёсӣ дорад, чунин иттиҳодияҳое шомил мегарданд, ки на тавассути қувваи бевоситаи сиёсӣ, балки бо неруи иқтисодӣ ва дигар сабабҳои ба ин монанд ташаккул меёбанд. Ба сифати мақсади бевоситаи ташкилкилнамоӣ ва фаъолиятнокии онҳо дар ҳеҷ сурат сиёсат баромад наменамояд. Фаъолияти асосии худро чинин ташкилотҳо, ки ба қатори онҳо иттифоқҳои касаба, кооперативҳо ва ғайра дохиланд, мутаносибан дар соҳаҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ-маишӣ, маданӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба роҳ мемонанд. Онҳо дар назди худ мақсад ва вазифаи бевосита намегузоранд, ки бо ҳадафҳои сиёсӣ дар ҳокимияти давлатӣ таъсири назаррас дошта бошанд [13,с.11-12]. Фаъолияти сиёсии чунин ташкилотҳо барои онҳо натиҷаи муайянкунанда надорад. Зеро дар чунин ҳолат дар бораи набудани ҷанбаи сиёсии муайянкунанда дар фаъолияти онҳо сухан меравад, на ҳамчун инкори онҳо ба таври умумӣ.

Дар байни ташкилотҳои дар фаъолияти худ ҷанбаи на он қадар фаъоли сиёсидошта, иттиҳодияҳоеро ҷудо мекунанд, ки дар асоси сирф манфиатҳои шахсии ин ва ё он гурӯҳи одамони ба фаъолияти муайян машғул ба вуҷуд меоянд. Ба қатори онҳо метавон чунин навъи иттиҳодияҳоро: нумизматикҳо ё худ сиккашиносон, филателистон ё худ ҷамъоварандагони маркаҳои почта, сайёҳон ва ғайраро ворид намуд. "Чунин ниҳодҳо фаъолияти худро ҳамчун объекти таъсиррасонӣ ба онҳо аз ҷониби давлат ва дигар ташкилоту мақомот вабаста ба хусусияти худ мегиранд, аммо на ҳамчун субъект, барандаи ҳокимияти сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсии мувофиқ" [12,с.67].

Қайд намудан зарур аст, ки тақсимнамоии институтҳои гуногун дар системаи сиёсии ҷомеа аз рӯйи аломатҳои сиёсӣ ва дигар, ки дар адабиёти марксистӣ пешниҳод карда шудаанд, зарурати истифодаи методи институтсионалиро дар раванди таҳқиқот қатъи назар аз дигар методҳо ва тарзи муносибат инъикос менамояд.

Моҳият дар он ифода меёбад, ки на танҳо дар муайяннамоии ташаккули институтҳои системаи сиёсӣ, балки дар таҳлили ҷиҳатҳои субъективӣ-институтсионалӣ, унсурӣ-сохторӣ ва то андозае паҳлуҳои расмӣ-ҳуқуқии он сурат мегирад. Аз нуқтаи назари институтсионалӣ системаи сиёсии дилхоҳ ҷомеа ҳамчун маҷмуи мураккаби ба ҳам алоқаманди институтҳои сиёсии якҷояамалкунанда ва ё ба муқобили ҳам амалкунанда баромад менамояд. Ин тарзи муносибат ба таҳқиқи системаи сиёсии ҷомеаро метавон ҳамчун мувофиқатнамоӣ бо дигар муносибатҳо ва илованамоии онҳо ҳисоб кард.

Дар робита ба системаи сиёсии ҷомеа дар маҷмуъ, инчунин, дар робита ба қисмҳои алоҳидаи он зерсистемаи институтсионалӣ ба сифати асоси система баромад менамояд, зеро он манбаи асосии ҳама гуна алоқаи муҳимме мебошад, ки дар доираи ташкилотҳои сиёсии ҷомеа ба вуҷуд меоянд. Ғояҳо, нигоҳҳо, назарияҳо ва тасаввуротҳои сиёсӣ, махсус дар муносибат ба он вазифаҳои ёридиҳандаро ҷиҳати ташаккули зерсистемаҳои бевоситаи худ анҷом медиҳанд.

Ҳангоми баррасии системаи сиёсии ҷомеа аз нуқтаи назари муносибатҳои гуногун саволҳо оид ба хусусиятҳои хос ва махсусан, тартибдиҳандаи унсурҳои он аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо менамоянд. Маҳз дар атрофи чунин саволҳо дар адабиёти марксистӣ муддати зиёд аст, ки баҳсҳои беохир бурда мешаванд. Қаблан андешае иброз гардида буд, ки “ба сифати унсури системавии системаи сиёсии ҷомеа фақат институтҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсии аломатҳои ташкилию сиёсидошта” [10,с.214] мавриди баррасӣ қарор гиранд. Аммо дар адабиёти сиёсӣ муҳокимаронинҳои дигар низ ҷой доранд. Қисме аз муҳаққиқон ба сифати унсури системавии он институтҳои гуногуни ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳамчунин, муносибатҳои сиёсиро таҳқиқ менамоянд.

Қисми дигар ба сифати унсурҳои системавии системаи сиёсӣ, ғайр аз институтҳои гуногун, ҳамчунин коллективҳои меҳнатӣ, синфҳо, халқ, оила, шаклҳои гуногуни худфаъолиятии ҷамъиятӣ, ВАО ва ғайраро нисбат медиҳанд.Баъзан ба сифати субъекти ташкилоти сиёсии ҷомеа на танҳо ҷиҳатҳои ташкилӣ, барасмиятдорорӣ ҳамчун умумитятҳои иҷтимоӣ (халқ, миллат), балки шахсиятҳои алоҳида низ баррасӣ мегарданд [9,с.222].

Гурӯҳи сеюм чунин меҳисобанд, ки ба сифати унсури системавии системаи сиёсии ҷомеа ғояҳои сиёсӣ, нигоҳҳо, тасаввурот,шуури сиёсӣ, идеологияи сиёсӣ ва ғайраҳо метавонанд баромад намоянд.

Ҳамин тавр, аз баррасиҳои воқеӣ ва асоснокгардида чунин бармеояд, ки ба сифати унсурҳои системавии мустақил дар баробари институтҳои давлатию ғайридавлатӣ, тамоми дигар зуҳуроти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ғояҳои сиёсӣ, назарҳо ва тасаввуротҳо низ дохил мегарданд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҳар як ҷомеаи мушаххас системаи сиёсӣ ва ғояҳои сиёсӣ, тасаввурот, шуури сиёсии он дар шакли ҷудогона вуҷуд надоранд. Ҳамчун маҷмуи институтҳои муҳимми сиёсӣ ташаккул ва фаъолияти онҳо дар асоси ғояҳои муайянгардидаи сиёсӣ, системаи сиёсии ин ё он ҷомеа ва мувофиқати он ба ғояҳои пайваста ба ҳамдигар таъсиррасонанда сурат мегирад.

Дар навбати худ, ғояҳои сиёсӣ, нигоҳҳо, тасаввурот алоқаи ногусастанӣ ба институтҳо ва муассисаҳои муайян дошта, дар онҳо таҷассум ва ба таври пурра ҳаллу фасл мегарданд.

Аз он ҷиҳат, ки ғояҳои гуногун таҷассуми худро дар унсурҳои алоҳидаи системаи сиёсии ҷомеа пайдо менамоянд, дар он худ ҳамчун воҳиди том баромад мекунанд, ҷавҳари худро гум намекунанд, ғоявӣ будани худро аз даст намедиҳанд ва ба объекти моддӣ – унсури ташкилоти сиёсии ҷомеа табдил намеёбанд. Чунин хулоса нодуруст буданаш мумкин аст, агар чунин ҳолат ба таври беихтиёрона дар доираи объектҳои моддии системаи сиёсии ҷомеа, ба монанди институтҳои гуногуни ҷамъиятӣ-сиёсӣ имконияти омехтагардӣ бо объектҳои ғайримоддию идеалӣ, ба монанди нигоҳҳои сиёсӣ, ғояҳо ва тасаввуротҳо ба вуҷуд оянд. Дар назди муҳаққиқони системаи сиёсии ҷомеа ва унсурҳои алоҳидаи он чунин ҳолат замоне ба вуҷуд меояд, ки агар зарурати муқоисаи чунин объектҳои байни ҳам муқоисанашаванда, чун объектҳои моддӣ ва маънавӣ пеш ояд. Аммо ин дар ниҳояи кор ғайримантиқист.

Шубҳае нест, ки объектҳои идеалӣ дар муносибати байниҳамдигарӣ ва фаъолияти мутақобила бо якдигар системаи муайяни нигоҳҳои сиёсӣ, ғояҳо ва тасаввуротро ба вуҷуд меоранд. Дар навбати худ, объектҳои моддӣ, ки дорои аломатҳои унсурӣ мебошанд, байни ҳам робита намуда, ба якдигар таъсири мувофиқ мерасонанд ва системаи моддиро ташкил медиҳанд. Ба сифати яке аз чунин системаҳои моддӣ, дар баробари дигар системаҳо, системаи сиёсии ҷомеа баромад менамояд. Он, читавре ки пайваста дар адабиёти марксистӣ таъкид мегардад, чун асоси моддии сиёсии қисми болосохти ҷомеа

(надстройка) ба ҳисоб рафта, ҳамчун маҷмуи он муассисаҳое, ки ба дидгоҳи сиёсии ҷомеа дар давраи муайяни инкишоф мувофиқат менамоянд, падидор мегардад [11,с.255].

Гузашта аз ин, пешниҳоди дуруст аст, ки агар системаи сиёсии ҷомеа ҳамчун системаи моддӣ баромад намояд, пас дар чунин ҳолат қисматҳои таркибии он низ аз рӯйи зарурат бояд моддӣ бошанд. Дар ҳолати баръакс мо ногузир ба масъалаҳои ҳалнашавандаи системаи сиёсии ҷомеа бархӯрд намуда, ду мафҳуми ба ҳам номувофикро муқоиса менамоем, ки аз як тараф, объектҳои моддӣ ва аз тарафи дигар, идеалӣ қарор мегиранд.

Табиист, ки аломати асосии унсурҳои системавиро тартиботи ягона, субстансионалии муштарак, алоқаи бевосита бо сохтор, муайянсозии худ бо дигар ва бо муҳити беруна ташкил медиҳад. Дар алоқамандӣ ба ин метавон қайд намуд, ки ба сифати унсури системавии системаи сиёсии ҷомеа аз нуқтаи назари институтсионалӣ танҳо аз рӯйи ҷавҳари худ ва муайяннамоии сифатӣ ташкилотҳо ва институтҳои давлатию ғайридавлатӣ метавонанд баромад намоянд. Он чизе, ки ба дигар зуҳурот – меъёрҳои сиёсӣ, муносибат, тасаввурот ва ғайра тааллуқ дорад, бо таъсири чунин сабабҳо онҳо метавонанд ҳамчун унсурҳои мувофиқи системаҳои хусусӣ (зерсистемаҳо) баррасӣ гарданд [1,с.78].

Ин маънои онро дорад, ки танҳо унсурҳои коммуникативии система (зерсистема)-ро ҳамчун систематашкилкунанда, системахаробкунанда ва ба раванди алоқаву муносибати системавӣ беэътино ҳисобидан мумкин аст. Ба сифати унсурҳои танзимкунандаи система фақат меъёрҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои дигари танзимкунанда баромад мекунанд. Ҳамчун унсури системавии зерсистемаи ғайримоддӣ фақат ғояҳо, нуқтаи назар ва тасаввуроти мувофиқ ҳисобида мешаванд.

Албатта, ҳамчун зерсистемаи ҷузъӣ, ҳамин тавр унсурҳои системавии онҳо низ ҷудо аз ҳам вуҷуд дошта наметавонанд. Дар воқеият онҳо ҳамеша дар алоқа ва ҳаракати мутақобилаи зич қарор доранд. Гузашта аз ин, метавон қайд намуд, ки баррасии онҳо дар шакли соф ва то андозае пароканда каме нисбӣ ва шартист. Ҷудонамоӣ ба сифати унсури таркибии системаи сиёсии ҷомеа давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ, на танҳо хосияти истисноӣ надорад, балки баръакс баназаргирии ҳаматарафа ва таҳлили дақиқи баҳамалоқаманду ҳаматарафаи унсурҳои гуногуни қисмҳои зерсистемаро талаб менамояд.

Дар навбати худ, қайд намудан зарур аст, ки системаи сиёсии ҷомеа дар фазои сиёсӣ ба вуҷуд омада, дорои ченаки сарҳадӣ (ҳудуди давлат) ва андозаи фунсионалӣ мебошад. Сарҳади муқарраршудаи сатҳи гуногуни функсионалии фазои системаи сиёсӣ аз лиҳози юридикӣ (дар Конститутсия, қонунҳо) сабт мегардад. Аз нуқтаи назари сохторӣ системаи сиёсӣ аз чунин унсурҳо ва зерсистемаҳо таркиб ёфтааст:

1.Институтсионалӣ, иборат аз институтҳо ва сохторҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ (давлат ва мақомоти асосии он, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо, мақомоти гуногуни намояндагикунанда ва бевоситаи ҷомеаи демократӣ ва ғайра).

2.Функсионалӣ, таркибёфта аз маҷмуи он нақшҳо ва вазифаҳо, ки дар асоси он институтҳои сиёсию иҷтимоӣ ва гурӯҳҳо амал мекунанд (шакл ва самти фаъолияти сиёсӣ, тарз ва методи мавҷудияти ҳокимият, воситаи таъсиррасонӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра).

3.Танзимнамоӣ, ҳамчун маҷмуи меъёри сиёсию ҳуқуқӣ ва дигар воситаҳои маданӣ баромад мекунанд, ки алоқаҳои байни субъектони системаи сиёсиро ба танзим медароранд (масалан, анъанаҳо, одатҳо, принсипҳои сиёсӣ, дидгоҳҳо, нуқтаи назарҳо ва ғайра).

4.Коммуникативӣ, ки дар худ маҷмуи алоқаҳои гуногуни байни субъектони системаи сиёсиро доир ба ҳокимият ва алоқаро бо сиёсати мавҷуда ифода менамоянд.

5.Идеологӣ, ки фарогири маҷмуи ғояҳо, назария, консепсияҳои сиёсӣ мебошад (шуури сиёсӣ, маданияти сиёсию ҳуқуқӣ, сотсиализатсияи сиёсӣ ва ғайра).

Ҳар яке аз ин қисматҳои системаи сиёсӣ низоми хос, шакли дохилию берунаи ташкилӣ ва роҳу воситаҳои зуҳури худро соҳиб аст. Аз ин мавқеъ системаи сиёсиро ҳамчун маҷмуи арзишҳо, бонизомии институтҳои сиёсӣ, нақш, алоқа, раванд ва принсипҳои

сиёсии ташкилии ҷомеа, ки ба сифати поягузори меъёрҳои муқарраршудаи сиёсию ҳуқуқӣ, арзишҳо ва анъанаҳои маданияти сиёсӣ баромад менамоянд, шарҳ додан мумкин аст.

Ба сифати унсури муҳимми бунёдӣ дар системаи сиёсии ҷомеа институтҳои сиёсие баромад мекунанд, ки аз маҷмуи ташкилоту идораҳои мушаххаси иҷрокунандаи вазифаҳои муайян ҷиҳати дарёфти мақсадҳои умумии иҷтимоӣ таркиб ёфтаанд. Дар натиҷаи ҳамкории байниҳамдигарии онҳо ҳокимияти сиёсӣ дар чунин ҷомеа амал менамояд [16,с.231].

Аммо дар байни институтҳои сиёсии ҷомеа нақши асосиро давлат мебозад. Маҳз давлат фаъолияти тамоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва одамонро ба танзим медарорад. Давлат инҳисори мутлақи истифодаи зӯриро дар ҳудуди ягона пайдо намуда, вазифаҳои муайянро амалӣ месозад. Он ба сифати институти танзимнамоии идораи муносибатҳои иҷтимоӣ баромад менамояд. Ҳамчун системаи идоракунӣ субъекти комилҳуқуқ дар тамоми навъҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад менамояд. Дар маънии мазкур давлат идоракунии зерсистемаи ҷамъиятиро ба уҳда дорад. Он ҳамчун ифодагари манфиатҳои аксарият ва танзимгари масъалаҳои умумиҷамъиятӣ ташаккул ёфтааст [5,с.39].

Дар навбати худ, муносибатҳои сиёсӣ ҳамчун унсури таркибии системаи сиёсӣ равобити байниҳамдигарии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шахсиятҳои алоҳида, институтҳои иҷтимоиро доир ба идораи ҷомеа дар бар мегиранд. Дар алоқамандӣ ба системаи субъективӣ онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Гурӯҳи аввал – муносибати байни синфҳо, гурӯҳҳои калони ҷамъиятӣ, миллатҳо ва давлат мебошад. Муносибатҳои байнисинфӣ, байнигурӯҳӣ, дохилисинфӣ ва байнимиллӣ асоси системаи сиёсӣ буда, дар робита ба фаъолияти ташкилотҳои сиёсии муайян ва ҳамкории байниҳамдигарии онҳо амалӣ мегарданд.

Гурӯҳи дуюм, ки ҳамчун муносибати амудӣ номида мешавад, дар раванди воқеигардии ҳокимияти сиёсӣ, равобити байниҳамдигарии мақомоти марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлатӣ доир ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ зоҳир мегардад.

Ба гурӯҳи сеюм метавон муносибатеро мансуб донист, ки он пайвасткунандаи муносибат дар байни ташкилотҳои сиёсӣ ва муассисаҳо аст.

Унсури дигари системаи сиёсӣ принсипҳо ва меъёрҳои сиёсию ҳуқуқӣ буда, дар шакли конститутсия, оиннома ва барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ, анъанаҳои сиёсӣ, ки тартиби танзими равандҳои сиёсиро таҷассум менамоянд, ифода меёбад.Меъёрҳои сиёсию ҳуқуқӣ муносибатҳои сиёсиро танзим намуда, онро ба низом медароранд.

Унсури дигари системаи сиёсӣ шуури сиёсӣ мебошад. Шуури сиёсӣ – ин дарк намудани воқеияти сиёсӣ аз ҷониби субъект мебошад, ки ба таври генетикӣ бо маданияти сиёсӣ робитаи ногусастанӣ дошта, дар таҷрибаи таърихӣ, ҳофизаи умумиятҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида доир ба сиёсат инъикос мегардад. Ба ин унсури системаи сиёсӣ дониш, ҳиссиёт, таассурот, баҳогузории сиёсӣ шомил мегардад, ки ба рафтори одамон дар сиёсат таъсири зиёд мерасонад.

Яке аз хусусиятҳои ҳар кадом системаи сиёсиро фаъолият ва қобилияти ҳаётии он ташкил менамояд, ки тавассути воқеъгардии вазифаҳо аён мегардад. Дар бораи вазифаҳои системаи сиёсӣ андешаҳои зиёд ва хеле гуногун мавҷуданд. Аз ҷумла, муҳаққиқон Г. Алмонд ва С. Верба ба вазифаҳои зерини системаи сиёсии ҷомеа бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд: иҷтимоикунонии сиёсӣ; одатнамоӣ; ҷавобгардонӣ;экстраксия (дарёфти захираҳо аз муҳити беруна); танзимнамоӣ [3,с.122-134]. Муҳаққиқон Ф.А. Бурлатский ва А.А. Галкин низ, ба масъалаи вазифаҳои системаи сиёсӣ диққати махсус зоҳир намуда, се гурӯҳи онҳоро махсус таъкид месозанд: муайян намудани мақсад ва вазифаҳои ҷомеа; сафарбарнамоии захираҳо; легитимикунонии ҳокимият [4,с.176].

Дар доираи тадқиқу таҳлили таркибию функсионалӣ системаи сиёсии ҷомеа вазифаҳои зеринро анҷом медиҳад:ташхиси мақсад, вазифаҳо ва роҳҳои инкишофи ҷомеа; интегратсияи фаъолияти ҳамаи унсурҳои мутаҳаррики ҷомеа; таъмини инкишофи муътадил ва мутаносиби сохти сиёсӣ, амнияти ҷомеа; ташкили фаъолияти ҷомеа баҳри иҷрои мақсадҳо ва барномаҳо; ташаккули шуури сиёсӣ, таъмини иштироки одамон дар фаъолияти сиёсӣ; тақсими арзишҳои моддӣ ва маънавӣ;мутобиқгардонии манфиатҳои давлат ва умумиятҳои иҷтимоӣ; коркарди қоидаҳо, системаи рафтори одамон ва

умумиятҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа; назорати иҷроиши қонунҳо ва риояи қоидаҳо, пешгирии амалҳое, ки боиси вайрон намудани системаи сиёсӣ мегарданд; бaҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии системаи сиёсӣ бо муҳити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; нигоҳ доштан, одатнамоии системаи сиёсӣ ва ташаккули тартибе, ки вобаста ба шароитҳои мушаххас фаъолияти ҳаёти системаи сиёсиро таъмин менамоянд [7,с.30-31].

Дар робита ба ин, метавон қайд намуд, ки феълан дар олам,тахминан ҳудуди 200 давлат мавҷуд аст. Ҳамаи онҳо таърихи рушди такрорнашаванда дошта, шакли хосси муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ доранд. Системаи сиёсии онҳо якхела нест.

Баъзан аломатҳои ба ҳам монанде дар системаи сиёсӣ вуҷуд доранд, ки аз рӯйи онҳо метавон ҳаёти сиёсии гуногунчеҳраро ба таври системанок таҳлил намуд. Дар илми сиёсӣ меъёрҳои зиёди фарқгузории системаи сиёсӣ мавҷуданд.

Пеш аз ҳама, қайд намудан зарур аст, ки меъёри асосию дар умум пазируфташудаи таснифоти системаи сиёсиро хусусияти ҳокимияти сиёсӣ, сатҳи рушди иқтисодии ҷомеа, тамоюлҳои рушди иҷтимоӣ, сатҳ, восита ва имконияти татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, мавҷуд будан ё набудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар омилҳо ташкил медиҳанд.

Таснифоти дигар навъҳои системаи сиёсиро аз рӯйи меъёрҳои муайянкунандаи режими сиёсӣ, маҷмуи тарз, усул ва воситаи мавҷудияти ҳокимияти сиёсӣ ҷудо мекунад. Режими сиёсӣ нишон медиҳад, ки вазъи ҳолати шахс дар ҷомеа, дараҷа ва хислати ҷалбнамоии шаҳрванд ба сиёсат ва усулҳои мавҷудияти ҳокимияти сиёсӣ чи гуна аст.

Дар алоқамандӣ ба характери режими сиёсӣ (маҷмуи восита ва усулҳои мавҷудияти ҳокимият) системаи сиёсӣ ба тоталитарию авторитарӣ (ғайридемократӣ) ва демократӣ ҷудо карда мешавад [15,с.130-131].

Қайд намудан зарур аст, ки ба сифати меъёри таснифоти намунавии системаҳои сиёсӣ, инчунин шакли системаи давлат – асосҳои миллию маъмурӣ-ҳудудии давлат, ки хусусияти муносибатҳои байниҳамдигарии қисматҳои худро нишон медиҳад, метавонанд баромад намояд. Дар ин асос системаҳои сиёсии унитарӣ, федеративӣ ва конфедеративӣ аз ҳам ҷудо карда мешаванд.

Дар алоқамандӣ ба шароити рушди миллию таърихӣ, хусусиятҳои хосси ташаккули неруҳои сиёсӣ, услуби роҳбаринамоии сиёсӣ, хусусияти баҳамалоқамандии давлат ва ҷомеа: ҳолати шуури сиёсӣ ва дараҷаи маданияти сиёсӣ дар чаҳорчӯбаи ҳар як шакли системаи сиёсӣ метавонад тарҳҳои гуногун, ки ба ҳар яке аз ин навъҳои ҷомеа хос аст, дошта бошад. Муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ба ҳам монанд метавонанд системаҳои гуногуни сиёсиро ташаккул диҳанд, мисли оне ки системаҳои сиёсии ба ҳам монанд низ дар самтҳои гуногун инкишоф ёфта, ба натиҷаҳои ягона намерасанд.

Ҳамин тавр, системаи сиёсӣ дар худ на танҳо паҳлуҳои ташкилии ҳаёти сиёсӣ, балки дигар омилҳо чун шуур, ғояҳо ва ҷаҳонбиниро низ дар бар мегирад. Мафҳуми мазкур робитаи байниҳамдигарии давлат ва ҷомеа, инчунин байни неруҳои гуногуни иҷтимоиро дар сатҳи давлатӣ ва ғайридавлатӣ нишон медиҳад.

Фарқияти асосии байни системаҳои сиёсӣ дар он ифода меёбад, ки ҳокимияти сиёсӣ дар раванди идоранамоӣ чи гуна тақсим гардидааст: оё он дар байни якчанд субъектҳои мустақили ҳокимият тақсим гардидааст, ё ин ки аз ҷониби як субъекти алоҳида (онро монополия намуда), ба мисли шахси алоҳида (диктатор), мақомоти қонунбарор, кумита, хунта ва ё ҳизб гирд оварда мешавад. Агар ҳокимияти сиёсӣ дар сатҳи зарурӣ тақсим гардида бошад, дар чунин ҳолат системаи сиёсӣ ҳамчун конститутсионӣ, ё ин ки демократӣ тасниф карда мешавад. Агар ҳокимият дар дасти як субъект мутамарказ гардонида шуда бошад, пас система ҳамчун авторитарӣ тавсиф мегардад [17,с.194].

Новобаста аз он, ки кадом навъи системаи сиёсӣ вуҷуд дорад, ё кадоме аз онҳо бартарӣ дорад, набояд як қатор амалҳоро сарфи назар намуд. Маҳз онҳо самаранокӣ ва коршоямии системаи сиёсиро таъмин менамоянд.

Вазифаи аввалиндараҷаи системаи сиёсии ҷомеаро худтакмилдиҳӣ ташкил медиҳад. Он ислоҳоти куллиро талаб дорад, ки бояд ҷиҳатҳои зеринро ба инобат гирад:оммаи мардумро манбаи ҳокимият ва ҳама гуна тағйиротро эътироф намудан ва ба равандҳои идоракунии ҷомеа ба таври васеъ ҷалб гардонида, пурра эътироф ва риоя намудани принсипи “тақсими ҳокимият”;фароҳам овардани имконияти хуб барои амалӣ гаштани он, ба худидоракунӣ роҳи васеъ кушодан; ба ҳисоб гирифтани манфиату талаботи ҳамаи

умумиятҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои аҳолӣ; ташаккул ва инкишофи ҳамаҷонибаи давлати ҳуқуқӣ, пурра риоя намудани талабот ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои он; ба вуҷуд овардани талаботи сиёсие, ки вобаста ба шароити тағйирёфтаи ҷомеа ва вазифаҳои нав системаи сиёсиро тағйир ва такмил диҳад [7,с.40-41].

Таснифоти системаи сиёсӣ зарур аст, зеро илми сиёсӣ на танҳо яке аз системаҳоро меомӯзад, балки таҳлили муқоисавии якчанд системаҳои сиёсиро анҷом дода, системаи умумӣ ва махсус, вазифа ва воситаи амалишавии онҳоро низ баррасӣ менамояд.

Агар мо ба назария ва ғояи инъикоси системавии сиёсат ба таври ратсионалӣ назар намоем, он гоҳ системаи сиёсиро чун маҷмуи том ва зудҳаракати якхела, нақш ва муносибати ядигарро пурракунандаи институтҳои ҳокимият, ки равобити байниҳамдигарии онҳо дар асоси меъёр ва арзишҳои ягона, ҷавобгӯ ба манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа сурат мегирад, шарҳ додан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, системаи сиёсӣ яке аз зерсистемаҳои мураккаби системаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, низоми хоссаи ташаккул, инкишоф, таназзул ва эҳёро соҳиб гардидааст. Моҳият ва хусусиятҳои назариявию воқеии системаи сиёсии ҷомеа аз сатҳи зоҳиршавӣ ва танзими ҳодисаҳою падидаҳои мухталифи худи ҷомеа вобастагии амиқ доранд.

**Муқарриз: н.и.с, дотсенти ДМТ – Исаев У.**

## АДАБИЁТ


1. Анохин М.Г. Политические системы: адаптация, динамика, устойчивость (теоретико-прикладной анализ) / М.Г. Анохин. – М.: Агентство «Инфомарт», 1996. – 188 с.
2. Алмонд Г.Сравнительная политология сегодня: Мировой обзор / Г. Алмонд, Дж. Пауэлл, К. Сторм, Р. Далтон. Пер. с англ. – М.: Аспект Пресс, 2002. – 537 с.
3. Алмонд Г. Гражданская культура и стабильность демократии / Г. Алмонд, С. Вебра // Полис, 1992. № 4. – С. 122–134.
4. Бурлацкий Ф.М. Социология, политика, международные отношения / Ф.М. Бурлацкий, А.А. Галкин. -М., 1974. – 324 с.
5. Зокиров Г.Н. Давлати тавоно / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Эр–граф, 2018. – 60 с.
6. Зокиров Г.Н. Идеологияи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2008. – 184с.
7. Зокиров Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 352 с.
8. Истон Д. Категории ситемного анализа политики / Д. Истон // Антология мировой политической мысли. -М.: Мысль, 1997. – С. 630–642.
9. Манов Г.Н. Основы теории политических систем / Г.Н. Манов. – М., 1997. – 343 с.
10. Манов Г. Н. Государство и политическая организация общества/ Г.Н. Манов. – М.: Наука, 1974. – С. 222.
11. Маркс К. Морализирующая критика и критизирующая мораль: Соч.– 2-е изд. – Т. 4 / К. Маркс, Ф. Энгельс. – М.: Политиздат, 1955. – 615 с.
12. Марченко М.Н. Очерки теории политической системы / М.Н. Марчаренко. – М.: Изд-во МГУ, 1985. – 304 с.
13. Марченко М.Н. Политическая система современного буржуазного общества / М.Н. Марченко. – М.: Изд-во МГУ, 1981. – 302с.
14. Парсонс Т. Система современных обществ / Т. Парсонс. Пер. с англ. – М.: Аспект Пресс, 1997. – 270 с.
15. Селезнев Л.И. Политическая система современности: сравнительный анализ / Л.И. Слезнев. – СПб.: ТОО ТК «Петрополис», 1995. – 252 с.
16. Смирнов Б.А. Политическая сфера общества / Б.А. Смирнов. – М.: Аспект Пресс, 2002. – 224 с.
17. Топорнин Б.Н. Политические системы современности / Б.Н. Топорнин. – М.: Политиздат, 1978. – 346 с.


## ТАРҲИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶОМЕА: ХУСУСИЯТҲОИ ТАРКИБИЮ ФУНКСИОНАЛӢ


Дар мақолаи мазкуртаъкид мегардад, ки ҳангоми таҳқиқу таҳлили масъалаҳои системаи сиёсӣ тарзи муносибат ва тарҳи консепсияҳои гуногун истифода бурда мешаванд, ки ҳар яке аз ҷониби муҳаққиқони алоҳида, ё мактабҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд. Чунин гуногунрангии муносибат ба системаи сиёсӣ дар доираи марказҳои таҳқиқотӣ бештар сурат мегирад. Аммо дар сатҳи фаҳмиши муқаррарӣ, ду тарзи муносибат: муносибати институтсионалӣ ва муносибати системанокӣ бештар афзалият доранд. Инчунин, дар мақола муносибатҳои дигар, аз қабили муносибати форматсионӣ, муносибати иҷтимоию кибернетикӣ, муносибати таркиботию функсионалӣ, муносибати културологӣ низ таъкид гардидаанд. Ҳамчунин, таъкид мегардад, ки ҳангоми баррасии системаи сиёсии ҷомеа аз нуктаи назари муносибатҳои гуногун саволҳо оид ба хусусиятҳои хос ва махсусан, тартибдиҳандаи унсурҳои он аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо менамоянд. Қисме аз муҳаққиқон ба сифати унсури системавии он институтҳои гуногуни ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳамчунин, муносибатҳои сиёсиро таҳқиқ менамоянд. Қисми дигар ба сифати унсурҳои системавии системаи сиёсӣ, ғайр аз институтҳои гуногун, ҳамчунин, коллективҳои меҳнатӣ, синфҳо, халқ, оила, шаклҳои гуногуни худфаъолиятии ҷамъиятӣ, васоити ахбори умум ва ғайраро нисбат медиҳанд. Гурӯҳи сеюми муҳаққиқон ба сифати унсури системавии системаи сиёсии ҷомеа ғояҳои сиёсӣ, нигоҳҳо, тасаввурот, шуури сиёсӣ,

идеологияи сиёсӣ ва ғайраҳоро дохил менамоянд. Ҳамин тавр, муаллиф ба хулосае меояд, ки системаи сиёсӣ яке аз зерсистемаҳои мураккаби системаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, низоми хоссаи ташаккул, инкишоф, таназзул ва эҳёро соҳиб гардидааст.

**Калидвожаҳо**: системаи ҷамъиятӣ, системаи сиёсӣ, муносибати институтсионалӣ, муносибати системанокӣ, муносибати форматсионӣ, муносибати иҷтимоию кибернетикӣ, муносибати таркиботиву функсионалӣ, муносибати културологӣ, институтҳои сиёсӣ, ташкилотҳои сиёсӣ.

## ИНСТИТУЦИОНАЛЬНАЯ МОДЕЛЬ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ ОБЩЕСТВА: СТРУКТУКНЫЕ И ФУНКЦИОНАЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ

В данной статье подчеркивается, что при исследовании и анализе вопросов политической системы используются различные подходы и концепции, которые разрабатываются отдельными исследователями или научными школами. Такое разнообразие взглядов на политическую систему наиболее характерно для исследовательских центров. Но на определённом уровне более распространены два подхода: институциональный и системный. Также в статье выделяются другие подходы, такие как формационный, социально-кибернетический, структурно-функциональный, культурный. Также подчеркивается, что при рассмотрении политической системы общества, с точки зрения различных подходов ключевое значение приобретают вопросы о его особенностях и, в частности, о формулировании ее элементов. Некоторые исследователи изучают различные социально-политические институты как элементы системы, а также политические отношения. Другие относятся к системным элементам политической системы, помимо различных институтов, а также к трудовым коллективам, классам, людям, семье, различным формам общественной самодеятельности, средствам массовой информации и т.д. Третья группа исследователей включает политические идеи, взгляды, представления, политическое сознание, политическую идеологию и др. как системный элемент политической системы общества. Таким образом, автор приходит к выводу, что политическая система является одной из самых сложных подсистем социальной системы с уникальной системой формирования, развития, спада и возрождения.

**Ключевые слова:** общественная система, политическая система, институциональный подход, системный подход, формационный подход, социально-кибернетический подход, структурно-функциональный подход, культурологический подход, политические институты, политические организации.

## NSTITUTIONAL MODEL OF THE POLITICAL SYSTEM OF THE SOCIETY: STRUCTURAL AND FUNCTIONAL FEATURES

This article emphasizes that in the study and analysis of issues of the political system, various approaches and concepts are used, each of which is developed by individual researchers or scientific schools. This diversity of views on the political system is most characteristic of research centers. But at a certain level, two approaches are more common: institutional and systemic. The article also highlights other approaches, such as formational, socio-cybernetic, structural-functional, and cultural. It is also emphasized that when considering the political system of society, from the point of view of various approaches, questions about its features and, in particular, about the formulation of its elements become of key importance. Some researchers study various socio-political institutions and elements of the system, as well as political relations. Others refer to the systemic elements of the political system, in addition to various institutions, as well as labor collectives, classes, people, the family, various forms of public initiative, the media, etc. The third group of researchers includes political ideas, views, ideas, political consciousness, political ideology, etc. as a system element of the political system of society. Thus, the author comes to the conclusion that the political system is one of the most complex subsystems of the social system with a unique system of formation, development, decline and revival.

**Keywords:** social system, political system, institutional approach, systemic approach, formational approach, socio-cybernetic approach, structural-functional approach, cultural approach, political institutions, political organizations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Холов Хушбахт Қодирович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калон, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға**: 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон:**(+992)900-02-67-16**

**Сведения об авторе:** ***Холов Хушбахт Кодирович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, старший преподаватель, общеуниверситетская кафедра философии. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)900-02-67-16**

**Information about the author:*Kholov Khushbakht Kodirovich*** - Tajik National University, Candidate of Political Sciences, Senior Lecturer at the University Department of Philosophy. **Address**: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 900-02-67-16**

**ТДУ: 32.23**

# ОМӮЗИШИ СИЁСАТИ ЭНЕРГЕТИКИИ ДАВЛАТ: ҶАНБАҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ


***Ҷононов С., Чилаев Р.С.***

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**


Ҷаҳон дар асри XXI ба фазои тағйиротҳои бесобиқаи сохторҳои иҷтимоӣ ва геополитикию геоиқтисодӣ ворид шуда истодааст. Ин тағйиротҳо ба бахши сиёсати энергетикӣ ва ҳаёти иқтисодии ҷаҳонӣ низ таъсир расонидаанд. Қувват гирифтани тамоюлҳои интернатсионаликунонӣ ва ҷаҳонишавӣ боиси афзоиши дастнигарии энергетикӣ ва ҳамкории густурдаи байналмилалӣ барои таъмини амнияти энергетикӣ гардидааст, ки минбаъд ба рушд ва такмили сиёсати энергетикӣ ва механизмҳои бисёрҷонибаи дипломатияи энергетикӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ оварда мерасонад. Дар заминаи коҳиш ёфтани захираҳои энергетикӣ дар ҷаҳон, шиддат гирифтани бесуботии сиёсӣ дар давлатҳои аз ҷиҳати энергетикӣ бойи Африқои Шимолӣ ва Шарқи Наздик, афзоиши истеъмоли энергия дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ин масъала аҳаммияти рӯзмарра пайдо карда истодааст. Мушкилоти амнияти энергетикии кишварҳо сабаби фаъол гардидани истифодаи технологияҳои гуногуни сиёсӣ, бо мақсади назорат бурдан аз болои бозори ҷаҳонии энергетикӣ гардидааааст. Аз ин рӯ, дар марҳилаи ҳозира амнияти энергетикии кишварҳо ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Таҳкими соҳаи энергетикӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ ба ташаккули сиёсати энергетикии давлат, ки ба таҳия ва истифодаи омилҳо ва воситаҳои сиёсии самаранок, таъмин намудани иқтисодиёти кишвар бо захираҳои энергетикӣ ва ба ин васила мустаҳкам кардани мавқеи геополитикӣ равона шудааст, мусоидат менамояд. Дар марҳилаи ҳозира муваффақияти ҳалли ин масъала аз интихоби модели «сиёсат»-и энергетикии давлат вобаста аст, ки дар маркази он истифодаи захираҳои анъанавӣ ё манбаъҳои барқароршавандаи энергия меистад. Масъалаи бо захираҳои энергетикӣ таъмин намудан шарти муҳимтарини амнияти байналмилалӣ ва миллӣ ба ҳисоб меравад. Баромадан аз бухрони молиявии ҷаҳонӣ бо ин масъала зич алоқаманд аст. Энергетика бахши муҳимтарини иқтисодиёти шумораи зиёди кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб рафта, аз фаъолияти мунтазами он рушди соҳаҳои дигар ва суботи иҷтимоӣ, аз ҷумла, амнияти кишварҳо вобастагии калон дорад. Кишварҳои рӯ ба инкишоф ва пешрафтаи ҷаҳон ба таҳияи муназзами стратегияҳо ва барномаҳое машғуланд, ки ҳадафи он таъмини самараноки кишварҳои худ бо захираҳои энергетикӣ ва истифодаи онҳо мебошад. Пас аз бухрони миёнаи солҳои 70-уми қарни XX омили энергетикӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ нақши назаррасро пайдо намуд. Сиёсати умумии энергетикии кишварҳои истеъмолкунандаи аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфта дар чаҳорчӯбаи Агентии байналмилалии энергетикӣ (IEA), кишварҳои асосии тавлидкунандаи нафт дар доираи ОПЕК ташаккул ёфта, ҳамкориҳои байналмилалии энергетикӣ густариш меёбанд.

Аксари олимону муҳаққиқон масъалаи сиёсати энергетикии давлатро аз ҷиҳати **амниятӣ ва бехатарӣ** баррасӣ мекунанд. Дар таҳқиқоти онҳо аҳаммияти махсуси амнияти энергетикӣ барои таъмини рушди устувори ҷаҳонӣ таъкид шудааст. Ҳамзамон, муаллифон ба амнияти энергетикии ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Ҳамин тавр, Д. Ергин бехатарии энергетикиро чунин маънидод мекунад: "он ҳамчун як низом аз сиёсати миллӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ таркиб ёфтааст, ки ба дастрасии устувори захираҳои энергетикӣ мусоидат мекунанд" [5,с.13]. Хлопов О.А. ва як қатор олимони дигар масъалаи амнияти энергетикиро аз мавқеи назарияи **реализми сиёсӣ** таҳлил карда баромадаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки ҳар яке аз ин равияҳои реализм (классикӣ, мудофиавӣ, ҳуҷумӣ, неоклассикӣ) на танҳо ба таҳлили мушкилоти умумии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ, балки ба дарки мавқее, ки амнияти энергетикӣ дар он ҷой дорад, мусоидат мекунад. Барои реализми сиёсӣ захираҳои моддӣ ҳам ҳадаф ва ҳам василаи тавсеаи қудрати давлат ба ҳисоб мераванд. Захираҳои энергетикӣ барои давлатҳо имконият фароҳам меоранд, ки қудрат ва доираи нуфузи иқтидори молиявию иқтисодии худро тақвият бахшанд. Муаллиф таъкид мекунад, ки намояндагони неореализм вобастагии баланди иқтисоди ҷаҳонро аз нафту газ, бо афзоиши хавфи зӯроварӣ пайванд шудани онро имконпазир

мешуморанд. Ҳамин тариқ, равияҳои муосири назарияи реализми сиёсӣ имкониятҳои рафтори давлат ва дигар субъектҳоро дар арсаи байналмилалӣ ба пуррагӣ нишон дода наметавонанд [17,с.1-18]. Дар ҳақиқат дуруст аст, ки иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва рушду устувории он бевосита аз вазъи энергетикӣ, ё ин ки нафту газ алоқамандии зич дорад. Дар замони муосир энергетика яке мушкилоти ҳаёти иқтисодӣ ва таъсири он ба тамоми раванди ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию фарҳанги бевосита расида истодааст. Энергетика дар раванди муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва рушди ҳамкории давлатҳо дар ҳама соҳаҳо алоқаи зич дорад ва дар ин масир робитаҳои сиёсиро барқарор менамояд. Ҳамин буд, ки кишварҳои араб имрӯз на барои газ ва нафт, балки барои обу энергетика мубориза бурда истодаанд.

Бояд қайд кард, ки олимони тоҷик низ масъалаи сиёсати энергетикии давлатро аз дидгоҳи бехатарӣ ва амният таҳлилу баррасӣ кардаанд. Дар таҳқиқоти онҳо мафҳум ва мазмуни “бехатарии энергетикӣ”, таъсири он ба рушди иқтисодии давлат, душвориҳои вуҷуддошта дар ин соҳа, амнияти энергетикӣ дар шароити таҳдиду хатарҳои муосир, имрӯзу ояндаи энергетикаи тоҷик, усулу методҳои самаранок истифода бурдани захираҳои обӣ, мавқеи энергетика дар сиёсати давлатӣ ва ғ. таҳлилу баррасӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти Ғафборзода Н. масъалаи бехатарии энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи рушди амнияти энергетикӣ, сиёсати давлатӣ оид ба коркарди усулҳои ба даст овардани амнияти энергетикӣ, масъалаҳои таъмини манфиатҳои миллӣ дар соҳаи амнияти энергетикӣ, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи энергетика ва ғ. таҳқиқу баррасӣ шудаанд. Ҳамин тавр, ӯ қайд мекунад, ки “амнияти энергетикӣ яке аз категорияҳои асосӣ ва калидии замони муосир ба ҳисоб рафта, бе омӯзишу таҳқиқи ҳаматарафи он ташаккул ва амалисозии дигар низомҳо – иқтисодӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва ғ. ғайриимкон аст” [3,с.35]. Лекин бояд хотиррасон кард, ки дар асарҳои номбаршуда масъалаи сиёсати энергетикии давлат аз ҷиҳати назариявӣ ба таври зарурӣ баррасӣ нашудааст.

Бояд тазаккур дод, ки як қатор олимону муҳаққиқони дигар масъалаи сиёсати энергетикиро аз назари **дипломатияи энергетикӣ** баррасӣ намудаанд. Мутахассиси пешбари Русия оид ба сиёсати энергетикӣ ва дипломатияи Русия С.З. Жизнин мебошад. Асари ӯ "Дипломатияи энергетикии Русия" дорои маводи пурраи воқеӣ ва таълимӣ буда, дар китоб ҷанбаҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ташаккули сиёсати энергетикии Федератсияи Русия бо пешниҳоди муфассали усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои амалӣ гардонидани дипломатияи энергетикӣ баррасӣ шудаанд [6,с.23]. К.В. Симонов дар таҳқиқоти худ “Давлати абарқудрати энергетикӣ” [15,33-41] масъалаи ба як абарқудрати энергетикӣ табдил додани кишвари Русияро баррасӣ мекунад, ки барои ба ин мақсад расидан як қатор масъалаҳоро ҳал кардан лозим аст: Русия кадом самти содиротро бояд рушд диҳад, ба кадоме аз муштариён бояд ҳамкориро тақвият диҳад; оё ҳамкорӣ бо Чин метавонад самти аврупоиро иваз ё мувозинат кунад ва ғ. Бояд қайд кард, ки масъалаи дипломатияи энергетикӣ яке аз ҷузъҳои сиёсати энергетикӣ ба ҳисоб рафта, масъалаҳои энергетикии давлатро дар хориҷи кишвар ва аз нигоҳи сиёсати хориҷӣ баррасӣ мекунад. Чи тавре ки Гуммарова И.С. қайд мекунад, дар марҳилаи кунунӣ дипломатияи энергетикии Русия яке аз василаҳои асосии сиёсати хориҷии Русия ба ҳисоб рафта, афзалиятҳои он дар арсаи сиёсии ҷаҳон бо манфиатҳои давлат мустақиман алоқамандии зич доранд [4,с.10].

Дар муайян намудани мафҳуми “сиёсати энергетикӣ” ҷанбаи **геополитикӣ** он низ нақши босазо дорад. Махсусан, бо дарназардошти он ки "ҳар кӣ мехоҳад дар ҷаҳон ҳукмронӣ кунад, бояд нафтро назорат кунад". М. Коллон нақши нафт ва интиқоли онро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун омили муайянкунандаи рафтори давлат ва сабаби асосии муноқишаҳои байналмилалӣ тавсиф мекунад [8,с.10-25]. З. Бжезинский ба тавсеаи нуфузи геополитикии Авруосиё, аллахусус кишварҳои пасошуравии аз нафт бой, дар сиёсати хориҷии Амрико ҷойгоҳи стратегӣ медиҳад [1,с.170]. Назари шабеҳ дар ҷомеаи илмии Иёлоти Муттаҳида, аллахусус дар байни муҳаққиқони Институти Бруклин, ки дар байни онҳо Ф. Хилл, В.А. Гусейнов ва А. Сварантс низ ҳастанд, дастгирӣ карда мешаванд.

Як қатор олимону муҳаққиқони ИДМ ва хориҷӣ масъалаи сиёсати энергетикиро аз диди сиёсӣ баррасӣ мекунанд [7,с.100]. Дар корҳои онҳо моҳияти сиёсати энергетикӣ, масъалаи бехатарии энергетикӣ пурра таҳлилу баррасӣ карда шудааст. Масъалаи таъмини амнияти энергетикӣ мураккаб ва гуногунҷанба буда, ҷузъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва экологиро ба ҳам мепайвандад. Аммо аз ҳама муҳимтарин ин унсури сиёсист, зеро имрӯз масъалаҳои амнияти энергетикӣ бештар на аз рӯйи қонунҳои иқтисоди бозорӣ, балки аз рӯйи манфиатҳои геополитикӣ танзим карда мешаванд. Захираҳои энергетикӣ ба як воситаи тавонои сиёсӣ табдил ёфтанд ва бозори ҷаҳонии энергетика ба майдони бархурди манфиатҳои сиёсӣ табдил ёфтааст. Бисёр кишварҳо истифодаи омили энергетикӣ ва ашёи хомро ҳамчун роҳи амалӣ кардани манфиатҳои худ дар муносибатҳои байналмилалӣ пеш гирифтаанд. Ба инҳо ҳам эмбарго барои содирот ва ҳам фишори сиёсӣ ва дахолати мустақими низомӣ ва дигар роҳҳо дохил мешаванд. Бо сабаби ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва ҳамгироӣ бозорҳои энергетикӣ торафт бештар дар миқёси ҷаҳонӣ ба ҳам пайваст мешаванд, вобастагии афзоянда кишварҳоро маҷбур мекунад, ки манфиатҳои миллиро бо манфиатҳои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мувофиқ ва бо дигарҳо ҳамкорӣ кунанд.

Барои ҳалли ин мушкилот, кишварҳо вобаста ба имкониятҳои геополитикӣ, имкониятҳои захиравӣ ва вазъи иқтисодии худ стратегияи (сиёсати) энергетикиро таҳия, вазифаҳои инфиродӣ ва ҳадафҳои муҳимтарини худро муайян мекунанд. Зеро ки масъалаҳои энергетикӣ, ки дар сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи давлатҳо инъикос меёбанд, ба тамоми раванди сиёсии байналмилалӣ таъсир мерасонанд. Дар ҳақиқат, тибқи мушоҳидаи рӯйдодҳои охири сиёсӣ дар ҷаҳон ба хулосае омадан мумкин аст, ки бисёре аз муноқишаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ маҳз аз омили энергетикӣ сар мезананд.

Бояд қайд кард, ки масъалаи сиёсати энергетикӣ аз ҷониби олимони аз мақеи сиёсати энергетикии минтақавӣ низ баррасӣ ва таҳқиқ шудааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти А.М. Мастепанов як қатор масъалаҳо мушаххас баррасӣ карда шудаанд: сиёсати энергетикии минтақавӣ, масъалаҳои равобити иқтисодиву сиёсии хориҷӣ, пешгӯии сиёсати энергетикӣ ва ғ. Муаллифони дастури "Сиёсати минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ” зери мафҳуми “сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ” маҷмуи воситаҳо, шаклҳо, тартибот ва усулҳои аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ татбиқ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳоеро, ки дар ҳуҷҷатҳои тавсифкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян шудаанд (консепсияҳо, барномаҳо, стратегияҳои рушд), мефаҳманд [10,с.27-30]. Дар кори М.А. Николаева «Ташаккули сиёсати иқтисодии минтақавӣ» ҷамъбасти ақидаи коршиносон ва муаллифони сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ оварда шудааст, ки дар он гуфта мешавад: «Сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ ҷузъи муҳимтарини фаъолияти мақомотҳои намояндагӣ ва иҷроияи минтақавӣ оид ба татбиқи оғози мутамарказии идоракунӣ мебошад, ки тавозуни манфиатҳои соҳавӣ ва минтақавиро дар ҳалли маҷмуи масъалаҳои фаъолият ва рушди иҷтимоию иқтисодии субъектҳо таъмин мекунад» [12,с.202].

Як қатор олимони дигар, мавзуи сиёсати энергетикиро аз дидгоҳи иқтисодӣ баррасӣ мекунанд. Ба ақидаи ин мутахассисон, сиёсати энергетикӣ ҷузъи калидии иқтисодиёти давлат ба ҳисоб меравад. Бе таъмини энергетикӣ дар дилхоҳ давлат рушди дигар соҳаҳо, ба монанди иқтисодиёт, истеҳсолот, саноати вазнину сабук, кишоварзӣ, соҳибкории хурду миёна, соҳаи иҷтимоӣ ва ғ. ташаккул ёфта наметавонад. Бинобар ин, иқтисодиёт дар дида баромадани барномаҳо ва нақшаҳои стратегии давлат, дар рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа, ошкор ва муайян, коркард ва пешбурди сиёсати энергетикӣ яке аз омилҳои асосӣ буда, нақши калидиро бозӣ мекунад. Аз ҷумла Тайналов С.В. менависад, ки қисмати муҳимтарини иқтисодиёти ҳар як давлат бахши энергетика ба ҳисоб меравад. Мутаносибан, таҳияи сиёсати энергетикии давлат ба сиёсати ягонаи иқтисодӣ мувофиқ буда, қисми таркибии он мебошад [16,с.17-18]. Энергетика як бахши дорои аҳаммияти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун яке аз омилҳои муҳими раванди сиёсии кишвар баромад мекунад. Дар ҳақиқат, сиёсати энергетикӣ унсури муҳимми амнияти иқтисодӣ ва инфрасохтори муосири ҷомеа, воситаи татбиқи манфиатҳои миллии давлат ба ҳисоб меравад.

Умуман, корҳои илмии таҳлилшуда дар сатҳи зарурӣ асосҳои муайяни назариявӣ ва методологии таҳлили иҷтимоию иқтисодии сиёсати энергетикии давлатро дар бар

мегиранд. Мавзуъҳои марбут ба омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи энергетика (алалхусус дар соҳаҳои саноати барқ ва саноати нафту газ) бо дарназардошти мушкилоти ташаккули сиёсати минтақавии энергетикӣ ва сармоягузории маҷмааи сӯзишворию энергетикии ватанӣ таҳия шудаанд. Як қатор ҷанбаҳои ин мавзуъро ба қадри кофӣ таҳияшуда ҳисобидан мумкин аст, бо вуҷуди ин, як қатор камбудиҳо низ вуҷуд доранд, ки надоштани заминаи ягонаи назариявӣ ва методологӣ, дар таҳқиқоти ба соҳаҳои алоҳидаи энергетика бахшидашуда ва таҳқиқоти системавӣ ва ҳамаҷониба, аз зумраи онҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, дар сиёсати иқтисодӣ ва минтақавии давлат танҳо **сиёсати энергетикии** он тасниф карда мешавад. Дар стратегияи энергетикии Русия то соли 2030 ҳадафи сиёсати энергетикӣ чунин баён шудааст: "Ҳадафи сиёсати энергетикӣ ин истифодаи самараноки захираҳои энергетикии табиӣ ва иқтидори бахши энергетика барои рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии кишвар ва мусоидат ба таҳкими мавқеи иқтисодии хориҷии он мебошад" [18,с.1]. С.С. Лачининский сиёсати энергетикии давлатро ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти давлат ва сохторҳои тиҷоратии он медонад, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои умумии иқтисодӣ (ба даст овардани фоида ва мустаҳкам кардани мавқеи худ дар бозор) ва табиати геоиқтисодӣ равона шудааст [9,17-29]. М.Б. Петров доир ба масъала таърифи зеринро пешниҳод мекунад: «Сиёсати энергетикӣ ин низоми муносибатҳоест, ки биниши мақсаднокро аз мавқеи ҳокимияти давлатӣ доир ба рушди дарозмуддати энергетикӣ, муайян кардани имкониятҳои сафарбаркунии захираҳо барои рушди он, инчунин маҷмуи василаҳои рушди мақсаднокро дар ҳамоҳангӣ бо сиёсатмадорони марбута, ки барои татбиқи стратегияи рушди миллӣ - саноатӣ, сармоягузорӣ, илмӣ ва техникӣ кор мекунанд », истифода менамоянд [14,с.52-63].

Мувофиқи ақидаи С.В. Тайналов, тақвияти сиёсати энергетикии давлат фаъолияти бомароми давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳо ва ғайра дар соҳаи энергетика барои ҳифзи сарватҳои миллӣ, захираҳои табиии энергетикии давлат аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои муайян: сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва ғайра дар асоси фаъолиятҳои энергетикӣ ва ё натиҷаҳои онҳо мебошад» [16,с.21]. Я.В. Вутянова бо дарназардошти нуқтаи назари олимони соҳа чунин таърифи сиёсати энергетикиро пешниҳод мекунад: "Ин як қисми сиёсати умумии давлат ба ҳисоб рафта, ба рушди устувори бозори дохилии энергетикӣ, таъмини амнияти энергетикии миллӣ ва ҷаҳонӣ, рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи энергетика нигаронида шудааст". Дар ҳақиқат, сиёсати энергетикии давлат маҷмуи чорабиниҳои махсус ба ҳисоб рафта, ҷузъи асосии сиёсати дохилию берунии давлат дар шароити кунунӣ мебошад.

Ҳамин тариқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

- **Сиёсати энергетикии давлат** – ин маҷмӯи чораҳо ва воситаҳое мебошад, ки барои идоракунии рушди устувори низоми энергетикии кишвар, инчунин низоми муносибатҳои байни гурӯҳҳои мақсадноки он ва субъектҳои таъсир бо мақсади тақсимоти самаранок ва истифодаи захираҳои энергетикии давлат истифода бурда мешаванд. Илова бар ин, ба ин маҷмуи нишондодҳо, эътимоднокии таъминоти барқ ба иқтисодиёт ва аҳолӣ бо дарназардошти талаботи экологӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии маҷмуи сӯзишворию энергетикӣ, таъмини муътадили талаботи байналмилалӣ ба манбаъҳои энергетикӣ тавассути диверсификатсияи содироти манбаъҳо ва кам кардани хавфҳо дар бахши энергетикӣ, ки бо пешгирии таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ алоқаманд аст; сиёсати иттилооти давлат дар арсаи ҷаҳонӣ, ки манфиатҳои онро дар соҳаи энергетика инъикос мекунад таъмини амнияти экологӣ ва ғ-ро дохил кардан мумкин аст.
- **Объекти** сиёсати энергетикӣ робитаҳо, гурӯҳҳои мақсадноки маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ, аз ҷумла, мақомотҳои давлатӣ мебошанд, ки рушди соҳаҳои марбут ба энергетикаро танзим мекунанд, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ки дар истеҳсол ва интиқоли захираҳои энергетикӣ ва маҳсулоти энергетикӣ аз истеҳсолкунандагон ба истеъмолкунандагон иштирок доранд.
- **Субъекти** сиёсати давлатии энергетикӣ, ин мақомоти ҳукуматии танзимкунандаи рушди энергетика ва субъектҳои таъсири сиёсати энергетикӣ, гурӯҳҳои мақсадноки маҷмааи энергетикӣ ва вобаста ба соҳаҳое мебошанд, ки ба рушди маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ таъсири мустақим мерасонанд.

- Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки мавзуи сиёсати энергетикӣ маҷмуи тадбирҳо ва воситаҳое мебошад, ки идоракунии рушди устувори объект, инчунин низоми муносибатҳои мутақобилаи байни субъект ва объектҳо ва байни объектҳои сиёсати энергетикӣ ҳадафи асосии он мебошад.

- **Ҳадафҳои** сиёсати энергетикӣ таъмини рушди устувори объект, тақсим ва истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ, таъмини амнияти энергетикӣ ва иқтисодӣ ва ғ. мебошанд.

–Ҳамзамон, фаромӯш набод кард, ки самаранок татбиқ намудани ин ҳадафҳо, бидуни фароҳам овардани шароит, барои рушди бозори ҷаҳонии энергетика, робитаи зич бо амалисозии дигар намудҳои сиёсат ва таъсири ҳаматрафаи ҷаҳонишавӣ ғайриимкон аст.

Ҳамин тариқ, сиёсати энергетикӣ ҷузъи муҳимтарини **иқтисодиёт** ва омили калидии соҳаи энергетика, таҳкими амнияти энергетикии давлат ва дар маҷмуъ амнияти миллӣ мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Бжезинский З. Великая шахматная доска /З. Бжезинский. -М.: Международные отношения, 2003.
2. Вутянова Я.В. Энергетическая политика как фактор геополитического влияния России: Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук / Я.В. Вутянова. –Москва, 2013. С. [Электронный ресурс]: URL: http://polit.msu.ru/pub/asp_doc/Diss_sovet/Vutyanova.pdf
3. Гафforзода Нигорахон. Место энергетической безопасности в политике Республики Таджикистан в период государственной независимости. Диссерт. канд. полит. наук / Н. Гаффорзода. -Душанбе, 2018. -С. 35.
4. Гуммарова И.С. Приоритеты энергетической дипломатии России. Автор. Дисс….к.п.н./ И.С. Гуммарова. - Санкт-Петербург, 2008. -С. 10.
5. Ергин Д. Добыча: Всемирная история борьбы за нефть, деньги и власть /Д. Ергин. -М.: Альпина Паблишер, 2017.
6. Жизнин С.З. Энергетическая дипломатия: Учеб. Пособие / С.З. Жизнин. -М.: МГИМО (У) МИД РФ, 2002.
7. Кокошин А.А. Международная энергетическая безопасность / А.А. Кокошин. -М.: Европа, 2006; Ткачева Н.Н. Нефть и природный газ в современной политике: монография / Н.Н. Ткачева, С.В. Ткачев. –Владивосток. Мос.гор.ун-т, 2010.; Дудин В.В. Энергетическая политика в условиях трансформации российского общества: дисс. к.п.н./ В.В. Дудин. -Кемерово, 2006 ва диг.
8. Коллон М. Нефть, PR, Война: Глобальный контроль над ресурсами планеты / М. Коллон. -М.: Крымский мост, 2009.
9. Лачининский С.С. Некоторые вопросы реализации энергетической политики России в Балтийском регионе: геоэкономический подход / С.С. Лачининский // Балтийский регион. -2013. -№2(16). -С. 17–29.
10. Мастепанов А.М. Региональные и внешнеэкономические аспекты энергетической политики России / А.М. Мастепанов. -М., 1997. –СП.; Мастепанов А.М. Экономика и энергетика регионов Российской Федерации / А.М. Мастепанов В.В.Саенко, В.А.Рыльский, Ю.К. Шафраник. -М., 2001. -С.27-30.
11. Меламед Л.Б. Экономика энергетики: основы теории / Л.Б. Меламед, Н.И. Суслов. -Новосибирск: Издательство СО РАН, 2000; Воронин А.Ю. Глобализация энергетических рынков и экономический рост в России./ А.Ю. Воронин, О.И. Маликова. -2-е изд., доп. -СПб.: «КОСТА», 2010.
12. Николаев М.А. Формирование региональной экономической политики / М.А. Николаев. -СПб.: Изд-во СПБГПУ. 2003. 202 с.
13. Региональная социально-экономическая политика: разработка, реализация, оценка эффективности (учебно-методическое пособие) / Авт. колл. под рук. д-р. техн. наук, проф. С.М. Вертешева; д-р. техн. наук, проф. В.Е. Рохчина. СПб.: Изд-во СПбГПУ. -2003. -320 с.
14. Петров М.Б. Энергетическая политика России: реалии и возможности / М.Б. Петров // Вестник Уральского государственного университета путей сообщения. -2015. -№ 3 (27). -С. 52–63.
15. Симонов К.В. Энергетическая сверхдержава / К.В. Симонов. -М.: Алгоритм, 2006.
16. Тайналов С.В. Энергетическая политика как фактор обеспечения национальной безопасности: Автореферат дисс. канд. полит. наук / С.В. Тайналов. -М., 2011. -С.17-18.
17. Хлопов О.А. Анализ подходов к изучению энергетической безопасности в политическом реализме / О.А. Хлопов. Вестник МГУ. №5. Политические науки. 2016. С.1.; Legro J., Moravcsik A. Is Anybody Still a Realist? // J. Legro, A. Moravcsik. International Security. 1999. Vol. 24. –№ 2. -P. 18.
18. Энергетическая стратегия России на период до 2030 года. Утверждена распоряжением Правительства Российской Федерации от 13 ноября 2009 г. №1715-р. [Электронный ресурс]: URL: http://www.minenergo.gov.ru/activity/energostrategy/


## ОМӮЗИШИ СИЁСАТИ ЭНЕРГЕТИКИИ ДАВЛАТ: ҶАНБАҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ


Дар мақолаи мазкур муаллифон ҷанбаҳои илмӣ-назариявии сиёсати энергетикии давлат ва паҳлуҳои гуногуни масъалаи мубрами рӯзро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар такя ба сарчашмаҳои гуногуни илмию таҳқиқотӣ муаллифони мақола сиёсати энергетикии давлатро аз ҷиҳати сиёсӣ, амниятӣ-бехатарӣ,

минтақавӣ, реализми сиёсӣ, геополитикӣ ва гео-иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ ва ғ. мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додаанд. Аз ҷумла, зикр шудааст, ки сиёсати энергетикии давлат – ин маҷмуи чораҳо ва воситаҳое мебошад, ки аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ барои идоракунии рушди устувори низоми энергетикии кишвар, инчунин низоми муносибатҳои байни гурӯҳҳои мақсадноки он ва субъектҳои таъсир бо мақсади тақсимоти самаранок ва истифодаи захираҳои энергетикии давлат истифода бурда мешавад. Мақолаи мазкур ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мувофиқат намуда, дар он масъалаи мубрам ва муҳимми замони муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.
**Калидвожаҳо**: сиёсати энергетикӣ, амнияти энергетикӣ, сиёсати энергетикии минтақавӣ, геополитика ва ҷаҳонишавӣ, давлат, энергетика, рушд, назария ва илм.

## ИЗУЧЕНИЕ ЭНЕГЕРТИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ ГОСУДАРСТВА: НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

Авторы в данной статье рассматривают научные и теоретические аспекты энергетической политики государства и различные аспекты этой актуальной проблемы. Опираясь на различные научные и исследовательские источники, авторы описывают энергетическую политику государства с точки зрения политики, безопасности, региональной энергетической политики, политического реализма, геополитических и геоэкономических составляющих, глобализации и интеграции и т.д. Следует отметить, что авторы статьи предлагают и дают авторское определение понятия «энергетической политики», её предмета и объекта, цели и задачи, условия ее реализации и т.д. В частности, они отмечают, что энергетическая политика государства - это комплекс мер и инструментарий, используемых органами государственной власти для управления устойчивым развитием энергетической системы страны, а также система отношений между её целевыми группами и заинтересованными сторонами для эффективного распределения и использования государственных энергоресурсов. Данная статья отвечает всем требованиям научно-исследовательских работ, в которой исследуются актуальные и важные вопросы современности.
**Ключевые слова**: энергетическая политика, энергетическая безопасность, региональная энергетическая политика, геополитика и глобализация, государство, энергетика, развитие, теория и наука.

## STUDYING THE STATE ENERGY POLICY: SCIENTIFIC AND THEORETICAL ASPECTS

The authors in this article examine the scientific and theoretical aspects of the state’s energy policy and various aspects of this pressing problem. Based on various scientific and research sources, the authors describes the state’s energy policy from the point of view of politics, security, regional energy policy, political realism, geopolitical and geo - economic components, globalization and integration, etc. It should be noted that the authors of the article proposes and gives the author’s definition of the concept of “energy policy”, its subject and object, goals and objectives, conditions for its implementation, etc. In particular, he notes that the state's energy policy is a set of measures and tools used by government authorities to manage the sustainable development of the country's energy system, as well as a system of relations between its target groups and stakeholders for the effective distribution and use of state energy resources. This article meets all the requirements of scientific research work, which explores current and important issues of our time.
**Keywords:** energy policy, energy security, regional energy policy, geopolitics and globalization, state, energy, development, theory and science.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҷононов Саидамир*** **–** Донишгоҳи байнаммилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор, кафедраи ҷомеашиносӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 48/5
***Чилаев Раҳмоналӣ Собирович*** **–** Донишгоҳи байнаммилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, муаллими калон, кафедраи ҷомеашиносӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 48/5. Телефон: **909-69-62-11**

**Сведения об авторах:** ***Джононов Саидамир*** – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор философских наук, профессор, кафедра обществоведения, **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Борбад, 48/5
***Чилаев РахмоналиСобирович*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, старший преподаватель, кафедра обществоведения. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Борбад, 48/5. Телефон: **909-69-62-11**

**Information about the authors:** ***Jononov Saidamir*** **–** International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Philosophy, Professor, Department of Social Science. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Street, 48/5
***Chilaev Rakhmonali Sobirovich*** **-** International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, senior lecturer, department of social science. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad street, 48/5. Phone: **909-69-62-11**

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА


*Хушвахтзода Қ.Х., Холназаров М.Б.* Рушди устувори комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................ *5*

*Собирзода Н.М., Ғаюров Ғ.Ҳ., Одинаев С.П.* Нақши давлат дар идоракунии низоми бонкӣ: таҷрибаи хориҷӣ........................................................................................ *11*

*Саидмуродова М.А.* Хусусиятҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон....................... *17*

*Маҷидзода Д.М., Саидзода С.С.* Ҷанбаҳои назариявӣ, равишҳо ва унсурҳои инфрасохтори иҷтимоии минтақа........................................................................................ *23*

*Алимардонов Т.А., Расулов Д.Т.* Мониторинги ташаккулёбии сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ........................................................................................ *30*

*Давлатов Н.А.* Маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ........................................................................................ *40*

*Иноятова М.З.* Мафҳум ва моҳияти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар шароити муосир........................................................................................ *49*

*Ибодов А.Ҳ.* Таҳқиқи омилҳои таъсирбахш ба раванди ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ........................................................................................ *57*

*Худойбердиева Ф.С., Худойбердиева З.С.* Ҷанбаҳои назариявии механизми иқтисодии истифодабарии захираҳои обӣ........................................................................................ *66*

*Ширинов Ҳ.М., Ғаффориён М.Ш.* Моделҳои мукаммалгардонии раванди буҷетӣ дар кишварҳои хориҷа........................................................................................ *73*

*Муминзода М.Н.* Механизмҳои дастгирии давлатии бахши соҳибкорӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)........................................................................................ *82*

*Саидзода Қурбоналӣ Саид.* Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии иқтисодиёт........................................................................................ *89*

*Солиев Ҳ.А.* Мавқеи истеҳсолоти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар раванди саноатикунонии босуръат........................................................................................ *101*

*Давлатов Х.М., Исупов С.И.* Дастгирии молиявии инноватсияҳо дар раванди буҷетӣ..... *109*

*Насрулоев А.З.* Рушди маъмурикунонии андоз дар низоми муносибатҳои андозӣ........... *116*

*Тагойназаров А.Қ.* Шарикии бахши давлатию хусусӣ - омили муҳимми рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................ *124*

*Қурбонзода Қобилҷон Давлаталӣ.* Сиёсати муосири молиявӣ ва ҳолати рушди буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................ *136*

*Каримов Б.Ҳ., Аҳтамов Ҳ.С.* Асосҳои идоракунии стратегии рушди сайёҳӣ.................. *144*

*Ҳалимов П.А., Бобишоев М.Н.* Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва самтҳои такмили он........................................................................................ *152*

*Файзалиев Д.Р.* Таъмини амнияти озуқаворӣ – омили муҳимми рушди иқтисоди миллӣ... *160*

*Ятимзода Хуршед Мардон.* Рушди комплекси агросаноатӣ - асоси таъмини амнияти озуқаворӣ........................................................................................ *165*

*Кодирзода Д.Б., Ибрагимов Х.А.* Теоретические основы статистического исследования процессов формирования и распределения доходов населения Таджикистана…………………. *172*

*Джабборова З.М., Махмадизод Р.Б.* Активизация инвестиционной поддержки развития мясопродуктового подкомплекса региона......................................................................................... *181*

*Набиева З.Т.* Объективные условия развития аграрной сферы производства в Таджикистане.. *186*

*Турсунов Р.Р.* Заработная плата как мотивация к труду…………………………………………… *197*

*Музаффарзода Бадриддин Сангали.* Особенности активизации инвестиционных процессов в аграрном регионе……………………………………………………………………………….. *208*

*Мирсаидов С.А., Курбанова Ш.С.* Опыт некоторых зарубежных стран в решении вопроса продовольственной обеспеченности……………………………………………………………….. *216*


## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ


*Азиззода У.А., Қурбонова Ш.Х.* Баъзе ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии мафҳум ва намудҳои механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак......................................................................................... *222*

*Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М.* Проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ.................................................................... *232*

*Шарифзода Л.Ш.* Ислоҳоти конститутсионӣ ҳамчун раванди рушди сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон.............................................................................................................. *240*

*Миралиев Н.А.* Усулҳои содир намудани роҳзанӣ.......................................................... *246*

*Абдуллозода Баҳодур Валӣ.* Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани об......................................................................... *251*

*Қодирӣ З.А.* Субъекти ҷинояти суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ............................... *256*

*Қодиров Умедҷон.* Мафҳум ва моҳияти падидаи озодии шикоят дар мурофиаи ҷиноятӣ.. *264*

*Қодиров А.* Сиёсати ҳуқуқии судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (тадқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ)............................................................................................................ *270*

*Ҳабибов С.И.* Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва рушди бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистони шуравӣ......................................................................... *277*

*Азиззода У.А., Аҳадзода Аслиддин.* Ҷарима ҳамчун намуди чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистони тоинқилобӣ..................................................................... *285*

*Бобоев Д.К.* К вопросу ответственности публично-правовых образований за вред, причинённый их органами и должностными лицами……………………………………….. *290*


## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ


*Зокиров Г.Н., Асламзода Н.* Механизми давлатии таъмини бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеа.................................................................................................................. *300*

*Раҳмонзода А.Ш.* Сиёсати муваффақ ва ташаббусҳои ояндасози пешвои миллат – омили пайвандгари Тоҷикистон бо ҷаҳони муосир.................................................................... *307*

*Холов Х.Қ.* Тарҳи институтсионалии системаи сиёсии ҷомеа: хусусиятҳои таркибию функсионалӣ.............................................................................................................. *315*

*Ҷононов С., Чилаев Р.С.* Омӯзиши сиёсати энергетикии давлат: ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ. *323*

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2023. №11**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 41,5 усл. п.л. 41,5.
Подписано в печать 5-12-2023